ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 491.550-3 (81.2.2Т)

ДУСТЗОДА ҲАМРОХОН ҶУМЪА

НАҚШИ ВОСИТАҲОИ ТАСВИРИ БАДЕӢ ДАР ТАШАККУЛИ СОХТОР ВА МАЪНОИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ (ДАР АСОСИ МАВОДИ НАСРИ МУОСИРИ ТОҶИК)

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология

аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ

Мушовири илмӣ: д.и.ф., профессор

Хоҷаев Давлатбек

ДУШАНБЕ – 2023

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА.....5-11

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ.....12-18

БОБИ I. НАҚШИ ВОСИТАҲОИ ТАСВИРИ БАДЕӢ ДАР ТАНЗИМИ МАЪНОҲОИ ВОҲИДИ ФРАЗЕОЛОГӢ……...19-145

1.1. Аломати забонӣ ва робитаи он бо маъно…….....22-30

1.2. Маънои забонӣ ва навъҳои он…….....31-44

1.3. Маънои фразеологӣ ҳамчун як навъи маънои забонӣ.....45-59

1.4. Маънои мафҳумӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ…….....60-76

1.5. Маънои образнок дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ…….....77-97

1.6. Маънои эҳсосотӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ.....98-113

1.7. Маънои баҳодиҳӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ.....114-133

1.8. Нақши маҷози забонӣ дар ифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар воҳидҳои фразеологӣ.....134-145

БОБИ II. МУБОЛИҒА ВА ИСТИОРА ДАР СОХТОРИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗАБОНИ АДАБИИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ…....146-246

2.1. Муболиға ва нақши он дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ…….....146-158

2.2. Хусусиятҳои сохтории воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ.....159-170

2.2.1. Ибораҳои фразеологии феъли муболиғавӣ.....159-166

2.2.2. Ҷумлаҳои фразеологии муболиғавӣ.....166-170

2.3. Хусусиятҳои маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ.....171-182

2.3.1. Ифодаи маънои мафҳумию образнок дар воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ…….....171-176

2.3.2. Ифодаи маънои баҳодиҳӣ дар воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ....176-180

2.3.3. Ифодаи маънои эҳсосотӣ дар воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ.....180-182
2.4. Гурӯҳҳои маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ.....183-192
2.4.1. Идиомаҳои муболиғавӣ.....183-188
2.4.2. Фраземаҳои муболиғавӣ.....189-192
2.5. Истиора ва нақши он дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ.....193-206
2.6. Хусусиятҳои сохтории воҳидҳои фразеологии истиоравӣ.....207-217
2.6.1 Таркибҳои фразеологии истиоравӣ.....207-211
2.6.2. Ибораҳои фразеологии истиоравӣ.....211-214
2.6.3. Ҷумлаҳои фразеологии истиоравӣ.....214-217
2.7. Хусусиятҳои маъноии воҳидҳои фразеологии истиоравӣ.....218-235
2.7.1. Ифодаи маънои мафҳумӣ дар воҳидҳои фразеологии истиоравӣ.....219-224
2.7.2. Ифодаи маънои образнок дар воҳидҳои фразеологии истиоравӣ.....224-229
2.7.3. Ифодаи маънои эҳсосотию баҳодиҳӣ дар воҳидҳои фразеологии истиоравӣ.....229-235
2.8. Гурӯҳҳои маъноии воҳидҳои фразеологии истиоравӣ.....236-246
2.8.1. Идиомаҳои истиоравӣ.....236-241
2.8.2. Фраземаҳои истиоравӣ.....241-246

БОБИ III. ТАШБЕҲ ДАР СОХТОРИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗАБОНИ АДАБИИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ.....247-310
3.1. Ташбеҳ ва нақши он дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ.....247-259
3.2. Нишонаҳои забонии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ…….....260-269
3.2.1. Нишонаҳои асосии фарқкунандаи воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ..260-265
3.2.2. Нишонаҳои иловагии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ…….....265-269
3.3. Ифодаи образҳои мардумӣ дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ.....270-275
3.4. Хусусиятҳои сохтории воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ.....276-282
3.4.1. Таркибҳои фразеологии ташбеҳӣ…….....276-278
3.4.2. Ибораҳои фразеологии ташбеҳӣ…….....278-280
3.4.3. Ҷумлаҳои фразеологии ташбеҳӣ……...280-282
3.5. Хусусиятҳои маъноии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ…….....283-301

3.5.1. Ифодаи маънои мафҳумӣ дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ.....283-289
3.5.2. Ифодаи маънои образнок дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ.....289-295
3.5.3. Ифодаи маънои баҳодиҳиву эҳсосотӣ дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ.....295-301
3.6. Гурӯҳҳои маъноии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ.....302-310
3.6.1. Идиомаҳои ташбеҳӣ.....302-306
3.6.2. Фраземаҳои ташбеҳӣ…….....307-310

БОБИ IV. ТАВСИФ ВА КИНОЯ ДАР СОХТОРИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗАБОНИ АДАБИИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ.....311-376
4.1. Тавсиф ва нақши он дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ.....311-329
4.2. Хусусиятҳои сохтории ибораҳои фразеологии тавсифӣ.....330-337
4.3. Хусусиятҳои маъноии ибораҳои фразеологии тавсифӣ.....338-349
4.3.1. Ифодаи маънои мафҳумӣ ва мафҳумию образнок дар ибораҳои фразеологии тавсифӣ.....338-343
4.3.2. Ифодаи маънои эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ дар ибораҳои фразеологии тавсифӣ.....343-349
4.4. Гурӯҳҳои маъноии ибораҳои фразеологии тавсифӣ.....350-354
4.4.1. Фраземаҳои тавсифӣ.....350-354
4.5. Киноя ва нақши он дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ.....355-361
4.6. Хусусиятҳои сохтории воҳидҳои фразеологии киноявӣ.....362-366
4.7. Хусусиятҳои маъноии воҳидҳои фразеологии киноявӣ.....367-376

ХУЛОСА.....377-383
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ.....384
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.....385-408
НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ.....409-413

МУҚАДДИМА

Диссертатсия ба таҳлилу баррасии нақши воситаҳои тасвири бадеӣ (муболиға, истиора, ташбеҳ, тавсиф ва киноя) дар ташаккули воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ бахшида шудааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Дар илми фразеологияи муосири тоҷик то ба имрӯз таҳқиқоти зиёде вобаста ба паҳлуҳои мухталиф ва табиати забонии воҳидҳои фразеологӣ ба анҷом расидаанд. Маҳз натиҷаи чунин пажуҳишҳои пайваставу муҳим буд, ки имрӯз фразеология ба сифати як шохаи ташаккулёфтаи илми забоншиносии тоҷик эътироф гардида, ҳадду ҳудуд ва мавзуи омӯзиши он мушаххас гардидааст. Бо вуҷуди чунин ибтикороти судманди илмӣ дар бахши фразеологияи тоҷик ҳанӯз ҳам масъалаҳои зиёди ба пажуҳиш ниёздошта мавҷуданд.

Яке аз ҳамин гуна мушкилоте, ки дар пешорӯи олимони соҳа қарор дорад, муқаррар намудани сохтору мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ ва муайян кардани омилҳои тавлиддиҳандаи ин маъноҳо маҳсуб меёбад. Мутаассифона, то ҳол вобаста ба масъалаи зикршуда ба истиснои якчанд қайдҳои илмии номукаммал таҳқиқоти комилу судманди илмӣ ба анҷом нарасидааст. Ҳол он ки муқаррар шудааст, ки воҳиди фразеологӣ низ ба монанди дигар воҳидҳои забон аз ду паҳлуи асосӣ – сохтор ва маъно таркиб меёбад. Сохтор ва маъно омилҳои асосӣ ва муҳимме ба ҳисоб мераванд, ки воҳиди фразеологиро ба сифати воҳиди дорои нишонаҳои хоси забонӣ муаррифӣ мекунанд. Аз ин сабаб паҳлуи сохторӣ ва мундариҷаи маъноии ҳама гуна воҳидҳои фразеологиро бе алоқамандӣ бо якдигар муайян ва таҳлилу баррасӣ намудан ғайриимкон аст. Аз ин ҷиҳат, дар заминаи ҳамбастагии ин ду ҷанбаи асосӣ дар фразеологизмҳо нишон додани омилҳои муҳимми бавуҷудоварандаи онҳо дорои аҳаммияти илмиву амалӣ мебошад.

Яке аз ҳамин гуна омилҳое, ки дар ташаккули сохтор ва мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ нақши устувор дорад, мавҷудияти ин ё он воситаи тасвири бадеӣ дар сохтори фразеологизмҳо

мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар мундариҷаи аксарияти воҳидҳои рехтаи забони адабии тоҷикӣ мавҷудияти ин ё он воситаи тасвири бадеӣ ба таври фаъол мушоҳида мегардад. Нишон додани роҳу усулҳои чунин зоҳиршавӣ дар мундариҷаи сохтории воҳидҳои фразеологӣ метавонад боз як паҳлуи таҳқиқношудаи илми фразеология ва воҳидҳои фразеологии забони адабии тоҷикиро равшан намояд. Аз ин рӯ мубрамии мавзуи таҳқиқи моро маҳз ҳамин нуктаи меҳварӣ, яъне баррасии воситаҳои тасвири бадеӣ, аз қабили муболиға, истиора, ташбеҳ, тавсиф ва киноя ҳамчун унсурҳои асосии ташаккулдиҳандаи сохтор ва навъҳои гунонуни маъноҳо дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии гуногунсохтори забони адабӣ ташкил медиҳад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ. Агар ба дараҷаи омӯзиши мавзуи интихобшуда назар андозем, мушаххас мегардад, ки пояҳои он ҳанӯз ба давраҳои қадим рафта мерасанд. Аниқтараш, назарияҳои алоҳида вобаста ба масоили луғат, маъно ва маъношиносӣ, калима ва низоми маъноии он, воситаҳои тасвири бадеӣ, ҳамчунин таъбирот (воҳидҳои фразеологӣ – Ҳ.Д.)-ро ҳанӯз дар афкори забоншиносии қадимаи тоҷик, ки аз асрҳои X-XI сарчашма мегирад, дарёфт намудан мумкин аст. Ин ҷо ба таври мухтасар метавон аз таълифоти донишмандони мумтозе ба монанди Абунаср Муҳаммад ибни Маҳмуди Форобӣ ба номи «Иҳсо-ул-улум», Абуалӣ ибни Сино «Донишнома», Асадии Тусӣ «Луғати фурс», Носири Хусрав «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн», Насируддини Тусӣ «Асос-ул-иқтибос», Шамси Қайси Розӣ «Ал-муъҷам», Хоҷа Ҳасани Нисорӣ «Чаҳор гулзор», Воҷидалихони Муҷмалӣ «Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун» ва дигарон ёдовар шуд, ки дар онҳо ба таври чашмрас оид ба масъалаҳои зикршуда маълумот дода шудааст [Давлатбеки Хоҷа, 1998]. Масалан, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар гули чаҳоруми «Чаҳор гулзор», ки «Дар тақсими изофат ва қоидаи маҳмул бар қолаб» унвон гирифтааст, дар хусуси ибораҳои рехтаи изофии бо усули ташбеҳ ва маҷозу истиора тавлидшуда чунин меорад: «Ва агар музофунилайҳ мушаббаҳ бошад, онро изофати ташбеҳӣ номанд, чун **сандуқи сина** ва **новаки хаданг**, яъне синаи монанди сандуқ ва хаданге, ки ҳамчун новак аст» [Донишнома, 2017, с. 152]. Ё ин ки ҷойи дигар чунин таъкид медорад: «Ва

агар маҳзи эътиборӣ бошад, изофати маҷозӣ ва истиора номанд, чунончи: **сари ҳуш** ва **қадами фикр**» [Донишнома, 2017, с. 153].

Донишманди асри XIX Воҷидалихони Муҷмалӣ дар асари хеш бо номи «Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул- фунун» зерфаслеро ба мақоми ташбеҳ ҳамчун санъати бадеӣ дар созмони воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ бахшида, дар мавриди унсурҳои ташбеҳсоз чунин таъкид медорад: «**Чу** ва **чун** ва **чунон** ва **чунин** ва **ҳамчу** ва **ҳамчун** ва **ҳамчунон** ва **ҳамчунин** ва **шон** ва **ваш** ва **монанд** дар форсӣ ҳуруфи ташбеҳанд ва дар ташбеҳот чаҳор чиз асл аст: аввал ҳарфи ташбеҳ, дуввум вачҳи ташбеҳ, сеюм мушаббаҳ, чаҳорум мушаббаҳун биҳ. Мисоли он дар ин мисраъ зоҳир аст:

Оразат чун моҳи рахшон равшан аст» [Донишнома, 2017, с. 293-294].

Ҳатто дар ин муддат як зумра фарҳангҳои фразеологӣ низ таҳия гардидаанд, ки ба ҷумлаи маъруфтарини онҳо «Баҳори Аҷам»-и Рой Тик Чанди Баҳор (с.1739), ва «Чароғи ҳидоят»-и Сироҷиддин Алихони Орзу (миёнаҳои асри XVIII) дохил мешаванд [Маҷидов Ҳ., 2007].

Вобаста ба масъалаҳои гуногуни маъношиносӣ, фразеология ва табиати забонии воҳидҳои фразеологӣ ҳамчун як навъи воҳидҳои махсуси забон дар илми забоншиносии муосир як қатор пажуҳишҳои қобили қабул ва судманд рӯйи кор омадаанд. Ин ҷо метавон аз заҳматҳои бесобиқаи муҳаққиқони русу хориҷӣ, ба монанди Авалиани Ю.Ю. [1972], Алефиренко Н.Ф. [2005], Апресян Ю.Д. [1974], Виноградов В.В. [1977], Жуков В.П. [1978], Илюхина И.А. [2010], Королева О.Э. [2002], Кунин А.В. [1972], Матвеева Т.В. [2010], Мезенин С.М. [1983], Никитин М.В. [1988], Новиков Л.А. [1982], Павшук А.В. [2007], Потебня А.А. [1990], Ройзенсон Л.И. [1971], Рубинчик Ю.А. [1981], Соссюр Ф.де [1977], Стернин И.А. [1985], Телия В.Н. [1988], Финоленко Т.М. [2004], Шанский Н.М. [1985], Шаховский В.И. [2019], Шмелев Д.Н. [1964] ва донишмандони тоҷик, аз қабили Абуалӣ Сино [1983], Ҳусайнӣ Атоулло [1974], Насируддини Тӯсӣ [1324 ҳ.], Носири Хусрав [1991], Хоҷа Ҳасани Нисорӣ [1998], Маъсумӣ Н. [2011], Тоҷиев Д.Т. [1955, 2005], Фозилов М. [1963, 1964], Маҷидов Ҳ. [1982, 2006, 2007, 2014], Хушенова С.В. [1971], Хоҷаев Д. [2013], Тоҳирова Қ. [1967], Юсупова М. [1971],

Муминов А. [1971, 1972], Холов П. [1976], Саидов Р. [1995], Саломов М. [2017], Мирзоева М. [2008, 2017], Гадоев Н. [2017, 2023], Гулназарзода Ж. [2011, 2020], Султанова Р. [2020], Ҷӯраева С. [2022], Одинаев С.П. [2022], Саидов Н. [2016], Зоғакова Г. [2011], Шодиев Б. [2013], Аловиддинов Б. [2019], Ҳасанов М. [2022], Худоёрова Н. [2023] ва дигарон ёдовар гардид, ки ба таври камтар ё бештар дар ҳаллу фасли масъалаҳои норавшани шохаи семасиология ва фразеология саҳм гузоштаанд.

Дар илми забоншиносии тоҷик то ба ҳол масъалаҳои мубрами фразеология ва табиати забонии воҳидҳои фразеологӣ ба таври бояду шояд таҳқиқ нашудаанд. Бо вуҷуди муқаррар намудани ҳадду ҳудуди илми фразеология, навъҳо ва вазифаҳои он, муайян кардани нишонаҳои асосиву иловагӣ, гурӯҳҳои сохториву маъноӣ, хусусиятҳои овозиву услубӣ ва мансубияти ҳиссаинутқӣ, таснифоти категорияҳои маъноӣ ва вижагиҳои лаҳҷавию бадеии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ ҳанӯз ҳам дар ин самт масъалаҳои таҳқиқношуда зиёданд, ки ба таҳқиқи ҳамаҷониба ниёз доранд. Яке аз чунин мавзуъҳое, ки имрӯз ба пажуҳиши саривақтӣ ва комили илмӣ ниёз дорад, муқаррар намудани қабатҳои семантикии мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ ва роҳу усулҳои зоҳиршавии онҳо мебошад. Муайян шудааст, ки яке аз чунин роҳҳои сермаҳсули тавлиди маъноҳои гуногун дар мундариҷаи семантикии фразеологизмҳои забони тоҷикӣ иштироки воситаҳои тасвири бадеӣ мебошад.

Маълум аст, ки баррасии воситаҳои тасвири бадеиро дар сохтори воҳидҳои забон, хусусан, калима ва воҳидҳои фразеологӣ бе таҳлили назарияҳои олимони адабиётшинос амалӣ намудан ғайриимкон аст. Ин ҷо метавонем аз заҳматҳои шоёни муҳаққиқони риштаи адабиётшиносии тоҷик, ба мисли Зеҳнӣ Т. [1960, 1967], Мирзозода Х. [1992], Бобоев Ю. [1992], Шарифов Х. [1991, 2002], Тоиров У. [2005], Шокирзода Ш. [2000], Собиров Ҳ. [2022] ва дигарон ёдовар шавем, ки дар хусуси моҳияту вазифаҳои воситаҳои тасвири бадеӣ дар забони шеър асару мақолаҳои зиёде таълиф намудаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки адабиётшиносон чунин воситаҳоро, асосан, дар мундариҷаи калимаҳои таркиби

каломи мавзун баррасӣ намудаанд, ки истифодаи комили назарияҳои мазкур ба ҳадафҳои асосии мавзуи таҳқиқотии мо созгор намеояд.

Аз ин ҷиҳат, мо аз баррасии муфассали сарчашмаҳои илмии ба фразеологияи тоҷик ва воситаҳои тасвири бадеӣ бахшидашуда худдорӣ намуда, танҳо мехоҳем атрофи ҳамон сарчашмаҳои илмии забоншиносие ҳарф занем, ки то андозае оид ба нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ баҳс намудаанд. Агар ба қайдҳои аввалин вобаста ба мавқеи воситаҳои тасвири бадеӣ дар сохтори воҳидҳои забон таваҷҷуҳ намоем, маълум мегардад, ки олимони тоҷик ба ин масъала ҳанӯз аз нимаи дуюми асри гузашта таваҷҷуҳ намудаанд. Масалан, донишманди забоншинос Н. Маъсумӣ дар китоби «Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик» ба таври хеле кутоҳ мавҷудияти чунин унсурҳои бадеиро дар заминаи воҳидҳои фразеологӣ таъкид медорад [Маъсумӣ Н., 2011].

Муҳаққиқи забоншинос Хушенова С. дар китоби хеш бо номи «Воҳидҳои фразеологии изофӣ дар забони тоҷикӣ» як навъи махсуси фразеологизмҳои забони тоҷикӣ – воҳидҳои фразеологии изофиро, ба риштаи таҳлил кашида, зикр менамояд, ки ин навъи фразеологизмҳо бештар дар қолаби ибораҳои изофӣ шакл мегиранд ва дар сохтори онҳо нақши тавсиф ҳамчун навъи серистеъмоли тасвири бадеӣ хеле калон аст. Ин гуна воҳидҳои фразеологӣ дар шакли тавсиф ё сифатчинӣ ин ё он аломату хусусияти мафҳумро ба таври барҷаста зоҳир мекунанд [Хушенова С., 1961].

Албатта, хизматҳои шоёну бесобиқаи забоншиноси нуктасанҷ, профессор Ҳ. Маҷидовро дар ташаккул ва рушди илми фразеологияи тоҷик махсус бояд таъкид кард. Бо боварӣ метавон гуфт, ки мавсуф бо таълифоти пурарзиши хеш тавонист илми фразеологияро ҳамчун як шохаи инкишофёфта ва мустақили илми забоншиносии тоҷик муаррифӣ намояд. Бо сайъи комилу пайвастаи профессор Ҳ. Маҷидов давра ба давра масъалаҳои мубрами вобаста ба табиати забонии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ қисман ҳаллу фасл гардиданд [Маҷидов Ҳ., 1967, 1968, 1982, 1985, 2006, 2014].

Дар монографияи доктории профессор Ҳ. Маҷидов, ки зери унвони «Фразеологическая система современного таджикского литературного языка» ба чоп расидааст, назарияҳои охирини илми фразеологияи тоҷик ҷамъбасти худро ёфтаанд. Дар он ба масъалаҳои ҷойгоҳи системаи фразеологии забон дар миёни дигар системаҳои забонӣ, аломатҳои фарққунанда ва вижагиҳои категориявии воҳидҳои фразеологӣ, аломат, сохтор ва маънои фразеологӣ, ҳамчунин гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологӣ – таркиб, ибора ва ҷумлаҳои фразеологӣ таваҷҷуҳи махсус дода шудааст. Ҳангоми муқаррар намудани маънои фразеологӣ ва қабатҳои маъноии он дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ зикр мегардад, ки дар тавлиди маъноҳои сирф мафҳумӣ, мафҳумию образнок, образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ саҳми воситаҳои тасири бадеӣ хеле назаррасу устувор аст. Дар ин рисола аввалин бор мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ таҳлили амиқи илмӣ шуда, сохтори маънои фразеологӣ нишон дода мешавад [Маджидов Х., 2006].

Дар пажуҳиши унсурҳои бадеии мундариҷаи калимаҳои забони тоҷикӣ саҳми забоншиноси донишманд Султанова Р. хеле бузург аст. Муҳаққиқ дар рисолаи докторӣ ва монографияҳои алоҳидае, ки оид ба ин мавзуъ ба табъ расонидааст, ҳиссаи санъатҳои бадеии маҷоз, истиора, ташбеҳ, тавсиф, муболиға, киноя ва таззодро дар ташаккули сохтор ва маънои калимаву ибораҳои рехтаи забонҳои тоҷикиву русӣ баррасӣ намудааст. Қайд мешавад, ки тропҳои зикршуда агар дар забоншиносии рус ҳамчун воситаҳои муассирӣ ва услубӣ таҳлил шуда бошанд, дар забони тоҷикӣ онҳо дар пайвандӣ бо назарияҳои адабиётшиносон ба сифати воситаҳои баён ва тасвири бадеӣ зикр шудаанд. Дар ҳошияи ин хулосаҳо муаллиф назарияҳои зиёди донишмандони гуногуни хориҷиву ватаниро таҳлил менамояд ва ба хулосае меояд, ки истилоҳҳои мазкур на ҳамеша дар забонҳои муқоисашаванда ба ҳамдигар мувофиқанд ва ҳамин аст, ки дар муайян намудани муодилҳои тоҷикии онҳо баъзан гуногунандешиҳо ба назар мерасад [Султанова Р., 2020, 2021].

Ҳамчунин, дар ин ҷо метавон ба таври иҷмолӣ аз таълифоти ҷудогонаи муҳаққиқони масъалаҳои илми фразеологияи тоҷик, ба мисли Аҳадов Ҳ. [1980],

Мирзоева М. [2008, 2017], Гадоев Н. [2017, 2023), Саидов Н. [2016], Ҳасанов М. [2022] ёдовар шуд, ки дар асару мақолаҳои ҷудогона ба таври мухтасар вазифаи ин ё он воситаи тасвири бадеиро дар ташаккули сохтор ва мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ таъкид намудаанд.

Ба ин тариқ, нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маъноии воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ ба таври мукаммал пажуҳиш нашудааст, аз ин рӯ, таҳлилу баррасии мавзуи интихобшуда дар доираи як кори диссертатсионӣ иқдоми саривақтӣ ва барои илми забоншиносии тоҷик хеле мубрам арзёбӣ мегардад.

Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ. Масъалаҳои асосии дар диссертатсия мавриди таҳлил қароргирифта бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои таҳқиқоти илмӣ иртиботи зич доранд. Диссертатсия дар доираи самту бахшҳои алоҳидаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом ёфтааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

Мақсади таҳқиқ. Ҳадафи асосии пажуҳиши илмиро муқаррар намудани нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ ташкил медиҳад. Дар ин замина мавқеи муболиға, истиора, ташбеҳ, тавсиф ва киноя, ки дар мундариҷаи воҳидҳои рехта ба тавассути маҷози забонӣ ифода меёбанд, муайян карда шуда, хусусиятҳои сохториву маъноии ин навъи воҳидҳои фразеологӣ нишон дода мешавад.

Вазифаҳои таҳқиқ. Ҷиҳати расидан ба мақсади ниҳоӣ дар диссертатсия ҳалли вазифаҳои зерин дар назар дошта шудааст:

– муқаррар намудани мафҳуми аломати забонӣ ва робитаи он бо маъно;
– дар асоси назарияҳои пешқадами илмӣ муайян намудани мафҳуми маънои забонӣ ва хелҳои он;
– баррасии маънои фразеологӣ ҳамчун як навъи маънои забонӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ;
– муқаррар намудани маъноҳои мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ;
– нишон додани мавқеи маҷози забонӣ дар зоҳиршавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ;
– муайян намудани нақши муболиға дар ташаккули сохтор ва мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ;
– муқаррар намудани хусусиятҳои сохториву маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ;
– нишон додани нақши истиора дар ташаккули сохтор ва мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии истиоравӣ;
– баррасии хусусиятҳои сохториву маъноии воҳидҳои фразеологии истиоравӣ;
– муайян намудани мавқеи ташбеҳ дар ташаккули сохтор ва мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ;

– таҳлилу баррасии нишонаҳои асосӣ ва иловагии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ;
– муқаррар намудани хусусиятҳои сохториву маъноии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ;
– нишон додани нақши тавсиф дар ташаккули сохтор ва мундариҷаи маъноии ибораҳои фразеологии тавсифӣ;
– баррасии хусусиятҳои сохториву маъноии ибораҳои фразеологии тавсифӣ;
– муайян намудани мавқеи киноя дар ташаккули воҳидҳои фразеологии киноявӣ;
– таснифоти хусусиятҳои сохториву маъноии воҳидҳои фразеологии киноявӣ.

Объекти таҳқиқ. Дар заминаи маводи насри муосири тоҷик таҳлилу баррасии маънои забонӣ ва навъҳои он, ҳамчунин ошкор намудани мавқеи воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ.

Предмет (мавзуъ)-и таҳқиқ. Предмети таҳқиқи диссертатсиониро пажуҳиши сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ дар заминаи зоҳиршавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар мундариҷаи онҳо ташкил медиҳад.

Асосҳои назарии таҳқиқ. Ҳангоми таълифи диссертатсия ба сифати асосҳои муҳимми назарӣ таҳқиқоти илмӣ ва таълифоти донишмандони хориҷӣ, аз қабили Соссюр Ф.де., Ф.И. Буслаев, В.В Виноградов, Л.И. Ройзензон, Ю.А. Рубинчик, Н.Ф. Алефиренко, Ю.Д. Апресян, А.И. Молотков, С.А. Губанов, М.В. Никитин, Л.А. Новиков, В.Н. Телия, В.И. Шаховский, М.С. Чернова, Д.Н. Шмелев, З.Х. Пайзулаева ва олимони ватанӣ Т. Зеҳнӣ, Д. Т. Тоҷиев, С.В. Хушенова, Ҳ. Маҷидов, Х. Шарифов, Ю. Бобоев, У. Тоиров, Д. Хоҷаев, Қ. Тоҳирова, Р. Эгамбердиев, Н. Гадоев, М. Саломиён, М. Мирзоева, Ж. Гулназарзода, Р.М. Султанова, С.Б. Ҷӯраева, Н. Саидов, Г. Зоғакова, М. Ҳайдаров, Б. Аловиддинов, М. Ҳасанов, Н. Худоёрова ва дигарон истифода шудаанд.

Асосҳои методологии таҳқиқ. Бо мақсади даст ёфтан ба ҳалли ниҳоии мавзуъ зарурати истифодаи методҳои забоншиносии мушоҳидаву муқоиса, хулосабарорӣ, таҳлили синхронӣ, шарҳу тафсир, таҳлили матнӣ, сохториву маъноӣ, оморӣ ва таҳлилу таҷзияи маводи фразеологӣ аз осори насри муосир ҳангоми таълифи диссертатсия ба миён омад.

Сарчашмаҳои таҳқиқ. Ба сифати сарчашмаҳои таҳқиқ осори насрии адибони замони муосир, аз қабили С. Айнӣ, С. Улуғзода, Ҷ. Икромӣ, Р. Ҷалил, Ф. Муҳаммадиев, Ф. Ниёзӣ, У. Кӯҳзод, К. Мирзоев, Ю. Акобиров, А. Самад, Ҷ. Акобир, Б. Абдураҳмон, Сорбон, М. Начмиддинов, Ш. Мӯсо, А. Ҳамдам ва дигарон интихоб шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқ. Навгонии таҳқиқи диссертатсионӣ дар он зоҳир мешавад, ки бори аввал мавқеи воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ ба сурати мушаххасу бунёдӣ таҳлили амиқ шуда, дар ин замина нахустин маротиба дар илми забоншиносии тоҷик истилоҳоти илмии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, истиоравӣ, ташбеҳӣ, тавсифӣ ва киноявӣ пешниҳод карда мешаванд. Дар ин замина тафовути забонӣ миёни муболиға ва литота, тавсиф ва перифраза муайян мегардад. Ҳамчунин дар диссертатсия мафҳуми аломати забонӣ ва робитаи он бо маъно, маънои забонӣ ва навъҳои он, таҳлили мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ ва муқаррар намудани тобишҳои маъноии мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ, баҳодиҳӣ дар он, таснифоти сохториву маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, истиоравӣ, ташбеҳӣ, тавсифӣ ва киноявӣ муқаррар карда мешавад. Фарқи миёни маҷози забонӣ аз маҷози бадеӣ муайян карда шуда, мавқеи он ба сифати унсури муҳимми тавлидкунандаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар воҳидҳои фразеологӣ нишон дода мешавад.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ бо мундариҷаи сохториву маъноии худ аз дигар қабатҳои воҳидҳои забон фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, муқаррар намудани омилҳои асосии ташаккулдиҳандаи сохтор ва

мундариҷаи маъноии онҳо дар илми забоншиносии тоҷик иқдоми тоза маҳсуб меёбад.

2. Ошкор карда шуд, ки дар мавриди таҳқиқи мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ ва қабатҳои маъноии онҳо то ба ҳол кӯшишҳои судманди илмӣ ба анҷом нарасидаанд. Аз ин ҷиҳат тафсири аломати забонӣ ва робитаи он бо маъно, маънои забонӣ ва навъҳои он ва нишон додани қабатҳои маъноии мундариҷаи семантикии воҳидҳои фразеологӣ, бешак, барои илми забоншиносии тоҷик судманд мебошад.

3. Собит гардид, ки воситаҳои тасвири бадеӣ аз шумори он унсурҳои муассирии махсусеанд, ки дар шаклгирии сохтор ва паҳлуи маъноии воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ ба мушоҳида мерасанд. Онҳо ҳамчун омилҳои асосии тавлиддиҳандаи маъноҳои гуногун дар сохтори фразеологизмҳо ба тавассути маҷоз зоҳир мешаванд.

4. Муайян карда шуд, ки маҷози забонӣ, ки дар мундариҷаи воҳидҳои забон, хосатан дар калима ва воҳидҳои фразеологӣ истифодаи фаровон дорад, аз маҷози бадеӣ, ки бештар хоси каломи манзум аст, тафовут дорад. Онро ба сифати омили муҳимми зоҳиркунандаи воситаҳои муассирӣ дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ эътироф намудан ба мақсад мувофиқ аст.

5. Муқаррар карда шуд, ки муболиға ҳамчун воситаи махсуси тасвири бадеӣ дар шаклгирии сохтор ва мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ мавқеи намоён дошта, моҳияти онро метавон ба тариқи ифодаи ғайривоқеии мафҳум дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ муқаррар намуд. Воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ ба нишонаҳои сохториву маъноии хос соҳибанд ва бо ин ҷиҳат аз дигар навъҳои воҳидҳои рехта фарқ мекунанд.

6. Исбот гардид, ки истиора низ дар баробари дигар воситаҳои тасвири бадеӣ дар сохтори воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ нақши созгор дорад. Дар заминаи воҳидҳои фразеологии истиоравӣ фразеологизмҳои гуногунсохтор ва гуногунмаъное дар назар дошта мешаванд, ки ба ҷойи мафҳум ё ҳодисаи муайян истифода шуда, дар баробари ин миёни онҳо аз ягон ҷиҳат монандиеро барқарор намудан мумкин аст.

7. Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар захираи фразеологии забони тоҷикӣ ҷойгоҳи намоён дошта, дар асоси монанд кардан ё муқоиса намудани як шайъ бо шайъи дигар ё ягон аломати барҷастаи он тавлид меёбанд. Таснифоти сохториву маъноии ин қабил воҳидҳои фразеологӣ вобаста ба иштироки ташбеҳкунанда, ташбеҳшаванда ва адоти ташбеҳ дар сохтори онҳо ба роҳ монда мешавад.

8. Собит карда шуд, ки тавсиф дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ калимаест, ки бо калимаи дигар омада, онро аз ягон ҷиҳат муайян мекунад. Аз ин рӯ, тавсифҳои фразеологӣ танҳо дар асоси як қолаб – ибораи фразеологии изофӣ, ба вуҷуд меоянд. Ибораҳои фразеологии тавсифӣ дар заминаи ифодаи маъноии маҷозӣ дар мундариҷаи яке аз ҷузъҳои таркибиашон танҳо ба фраземаҳои тавсифӣ ҷудо карда мешаванд.

9. Ибораҳои изофии сирф маъноии маҷозидоштаро дар илми забоншиносии муосир бо номи перифраза маънидод мекунанд. Ин навъи воҳидҳои фразеологӣ дар қолаби идиомаҳои изофӣ дар захираи фразеологии забони тоҷикӣ миқдоран камтар ба назар расида, ибораҳои рехтаву устуворе мебошанд, ки бар ивази калима ё мафҳуми алоҳида истифода мешаванд.

10. Муқаррар карда шуд, ки ҳарчанд шумораи воҳидҳои фразеологии киноявӣ дар баробари дигар воҳидҳои фразеологӣ камтар вохӯрад, вале ин гуна ифодаҳои рехтаву устувор дар мундариҷаи худ тобишҳои муайяни маъноиро ғунҷонидаанд. Муқаррар намудани гурӯҳҳои сохториву маъноии воҳидҳои фразеологии киноявӣ дар заминаи таснифоти маъмули сохториву семантикии дигар навъҳои фразеологизмҳо амалӣ мегардад.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ. Натиҷаҳои диссертатсия метавонанд назарияи илми маъношиносии тоҷикро вобаста ба муқаррар намудани мафҳуми маъноии забонӣ ва навъҳои он ғанӣ гардонанд. Ҳамчунин, онҳоро метавон ба таври васеъ дар инкишофи назарияи илми фразеологияи тоҷик вобаста ба табиати забонии воҳидҳои фразеологӣ ва, хосатан, таснифоти мундариҷаи маъноии онҳо истифода намуд. Аз он ки масъалаи меҳварии диссертатсияро мақоми воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маъноии воҳидҳои фразеологӣ ташкил медиҳад, хулосаҳои бадастомада

метавонанд назарияи илми адабиётшиносиро низ дар самти истифодаи санъатҳои бадеӣ дар воҳидҳои забон тақвият бахшанд.

Хулосаҳои илмии аз диссертатсия бадастомадаро ҳангоми таҳияи рисолаҳои илмии магистриву номзадӣ ва докторӣ, инчунин таълифи фарҳангҳои тафсирию фразеологӣ, дастуру барномаҳои таълимӣ, хондани курсу семинарҳои махсус аз фразеология, луғатшиносӣ, маъношиносӣ ва сарфу наҳв дар факултетҳои филологии муассисаҳои олии таълимӣ истифода бурдан мумкин аст.

Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия дар мавзуи «Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Интихоб ва бандубасти илмии мавзуъ дар мувофиқа бо мушовирони илмӣ сурат гирифта, саҳми довталаб дар муайян намудани ҳадафҳои асосӣ, коркарди мавод, таҳлилу баррасӣ ва хулосабарориҳои илмии мавзуи интихобшуда зоҳир мегардад. Таҳқиқ бевосита аз ҷониби довталаб ба анҷом расонида шуда, он дар илми забоншиносии тоҷик пажуҳиши нав ва дорои мубрамияти хос маҳсуб меёбад. Дар рафти таҳқиқ ҳалли масъалаҳои муҳимми дар пеш гузошташуда, аз ҷумла, муқаррар намудани мавқеи воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ ба даст омадааст.

Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ. Диссертатсия дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои забони адабии муосири тоҷикӣ, таърихи забон ва типология, забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷик ва услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ (суратҷаласаи №1 аз 29.08.2023) муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст.

Муҳтаво ва натиҷаҳои диссертатсия дар семинару конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявии бахшида ба «20-солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ» ва «Соли ҷавонон»

(Душанбе, 2017), «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ» ва «70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» (Душанбе, 2018), «Масъалаҳои сарфи забони тоҷикӣ ва усули таълими онҳо» (Душанбе, 2019), «Масъалаҳои мубрами услубшиносии забони тоҷикӣ» (Душанбе, 2020) ва байналмилалиии «Устод Айнӣ ва масъалаҳои равобити адабӣ» (Душанбе, 2018), «Бахшида ба 10-солагии таъсисёбии Институти Конфутсии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» (Душанбе, 2018), «Таҳсилот ва илм дар асри XXI: тамоюлоти муосир ва дурнамои рушд» (Душанбе, 2018), «Саййидо ва саҳми ӯ дар инкишофи забон ва адабиёти тоҷик» (Душанбе, 2019), «Сотим Улуғзода ва адабу фарҳанги миллӣ» (Душанбе, 2021) ва «Рушди забони адабии тоҷик дар замони Истиқлол: мушкилот ва дурнамо» (Душанбе, 2022), «Саҳми Пешвои миллат дар таҳкияти мақоми забони тоҷикӣ дар арсаи байналмилалӣ» (Хуҷанд, 2023) дар шакли маърузаҳои илмӣ ироа гардидаанд.

Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 1 монография ва 33 мақолаи илмӣ ба табъ расидааст, ки феҳристи онҳо дар охири автореферат оварда мешавад. Аз ин шумора 18 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 15 мақола дар маҷаллаҳои дигари илмӣ чоп шудаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, 4 боб, 57 фаслу зерфасл, хулоса ва феҳристи осори илмиву бадеӣ иборат буда, 413 саҳифаи чопи компютериро дар бар гирифтааст.

БОБИ I

НАҚШИ ВОСИТАҲОИ ТАСВИРИ БАДЕӢ ДАР ТАНЗИМИ МАЪНОҲОИ ВОҲИДИ ФРАЗЕОЛОГӢ

Маъношиносии муосир на танҳо низоми маъноии калимаҳои забон, балки маъноҳои ҷудогонаи дигар воҳидҳои забон, аз қабили ибораҳои озоду устувор, ҷумла ва навъҳои гуногуни онҳоро низ таҳқиқ мекунад. Бояд дар назар дошт, ки дар ин миён ҳар як воҳиди забонӣ вобаста ба фазои маъноие, ки дар он ифода меёбад, мавриди омӯзиш қарор мегирад ва ҳамаи ин амалиётҳо, дар маҷмуъ, низоми маъноии забонро ба вуҷуд меоранд. Системаи маъноии ҳар як забон, аз ҷумла забони тоҷикӣ, низ дар заминаи махсусиятҳои хоси овозиву талаффузӣ ва истеъмолии он инкишоф ёфта, баъдан ба ҳар як воҳиди забонӣ мансуб мегардад. Масалан, дар атрофи калима муайян намудани маъноҳои луғавию маҷозӣ ва калимасозию грамматикӣ, дар мавриди ибораву ҷумла муқаррар сохтани маъноҳои сарфию наҳвӣ, дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ бошад, нишон додани маъноҳои фразеологӣ – мафҳумӣ, образнок ва ғайра имконият медиҳад, ки нишонаҳои маъноии воҳидҳои мазкур дар ҳудуди сохториву истеъмолии онҳо муайян гардад. Аз ин ҷост, ки маъноҳои алоқаманди ҳар як воҳиди забон дар доираи мавҷудияти онҳо, ки бо нишонаҳои фарқкунандаашон муайян карда шудаанд, омӯхта мешаванд.

Маъношиносии муосир бо такя ба назарияҳои пешқадами муҳаққиқони соҳа таҳқиқ мешавад. Агар ба таърихи нимасраи пажуҳиши масъалаи зикршуда назар андозем, маълум мегардад, ки дар ин муддат ақидаҳои зиёди илман исботшудаи мутахассисони соҳа рӯйи кор омадаанд. Чунин равиши таҳқиқ ба он сабаб гардидааст, ки имрӯз шохаи маъношиносии забон хеле пеш рафта, назарияҳои мухталифи маъношиносонро дар худ ҷамъбаст намудааст. Аниқтараш, маъношиносӣ дар доираи мактабҳои муосири забоншиносӣ амал карда, ба омӯзиши навъҳои гуногуни маъноҳои забонӣ сарукор дорад. Он маъноро ҳамчун унсури муҳимми системаи забон маънидод карда, зоҳиршавии онро ба амалиёти

забонии соҳибони забон вобаста медонад. Дар ҳар шакле ки набошад, маъношиносӣ дар замони муосир ҳамчун яке аз қисматҳои муҳимми илми забоншиносӣ шинохта шудааст.

Агар ба таърихи инкишофи шохаи маъношиносии тоҷик таваҷҷуҳ намоем, маълум мегардад, ки заминаҳои он ҳанӯз дар давраҳои қадим аз ҷониби донишмандони форсу тоҷик гузошта шуда буданд. Масалан, Абуалӣ ибни Сино дар рисолаи «Мантиқ» ба масъалаи калима, ном ва мафҳум дахл намуда, таъкид медорад, ки калима, пеш аз ҳама, ба маънӣ далолат карда, мафҳумро ифода мекунад [Абуалӣ ибни Сино, 1981, с. 34]. Баъдан донишмандону фарҳангнигорони дигар низ дар асрҳои минбаъда ба масъалаҳои маъно ва ифодаи он дар воҳидҳои забон таваҷҷуҳ намудаанд. Ба ин ҷумла метавон қайдҳои забоншиносии олимонеро чун Насируддини Тусӣ дар китоби «Асос-ул-иқтибос», Шамсиддин Муҳаммад Маҳмуди Омулӣ «Нафоис-ул-фунун-фӣ-ароис-ил-уюн», Ҷалолуддин Ҳусайни Инҷӯ «Фарҳанги ҷаҳонгирӣ», Муҳаммад Ҳусайн ибни Халаф ат-Табрезӣ «Бурҳони қотеъ» ва Муҳаммад Ғиёсиддин «Ғиёс-ул-луғот» ворид намуд, ки ба таври мухтасар бештар ба ифодаи маъноҳои гуногун дар калимаҳои забон руҷуъ намудаанд [Донишномаи мухтасари таърихи афкори забоншиносии тоҷик, 2017].

Ҳарчанд заминаҳои ташаккули маъношиносии забони тоҷикӣ ба қаъри таърих рафта мерасад, вале он ҳамчун шохаи илми забоншиносӣ, асосан, аз солҳои панҷоҳуми асри гузашта шакл гирифта, дар заминаи он то имрӯз назарияҳои илмӣ вобаста ба маъноҳои воҳидҳои сатҳҳои гуногуни забон пешниҳод шудаанд. Бо вуҷуди чунин таҳқиқотҳои судманди илмӣ имрӯз наметавон хулоса баровард, ки маъношиносии забони тоҷикӣ ва дар заминаи он маъноҳои мавҷудаи воҳидҳои забон ба пуррагӣ муайян ва таҳқиқ шудаанд. Аз ин рӯ, омӯзиши маъноҳои забонӣ, хусусиятҳои лингвистӣ ва, пеш аз ҳама, муқаррар кардани усулҳои тавлиддиҳандаи ин маъноҳо дар воҳидҳои забон бояд ба таври системавӣ ба роҳ монда шавад.

Муқаррар шудааст, ки дар тавлиди маъноҳои воҳидҳои забони тоҷикӣ воситаҳои гуногун иштирок мекунанд. Дар ин миён таҳқиқи мундариҷаи

маъноии воҳидҳои фразеологӣ ҷолиб буда, муайян намудани роҳу усулҳои зоҳиршавии тобишҳои маъноии мухталиф дар мундариҷаи онҳо ҳалли ниҳоии худро интизор аст. Яке аз роҳҳои ташаккули зинавии маъноҳои забонӣ дар воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ иштироки воситаҳои тасвири бадеӣ дар шаклгирии сохтор ва мундариҷаи маъноии онҳо мебошад. Ин масъала меҳвари асосии таҳқиқоти моро фаро мегирад ва муҳтавои боби назариявии рисолаи мо низ ба муқаррар намудани мавқеи воситаҳои тасвири бадеӣ дар тавлиди маъноҳои гуногуни воҳидҳои фразеологӣ бахшида шудааст. Ба ин ҷиҳат, мо сараввал ба масъалаи аломати забонӣ ва робитаи он бо маъно, ки яке аз масъалаҳои мушкил ва ҳамзамон баҳсноки забоншиносии муосир мебошад, таваҷҷуҳ намудаем. Дар фаслҳои минбаъда дар пояи назарияҳои муосири забоншиносони хориҷиву ватанӣ масъалаҳои аломати забонӣ ва иртиботи он бо маъно, маънои забонӣ ва навъҳои он, маънои фразеологӣ ҳамчун як навъи маънои забонӣ, мақоми унсурҳои мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ муқаррар карда шудаанд. Ҳамчунин, нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ифодаи мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ муайян гардида, муқаррар карда мешавад, ки воситаҳои тасвири бадеии муболиға, истиора, ташбеҳ, тавсиф ва киноя дар тавлиди маъноҳои мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ мақоми хосса доранд.

1.1. Аломати забонӣ ва робитаи он бо маъно

Махсусиятҳои забон ҳамчун системаи семиотикӣ на танҳо ба шарофати нақши он дар ҷомеа, муносибати бевоситаи он бо тафаккур, шуур, эҳсосот, завқи зебоипарастӣ ва фаъолияти инсон пайдо мешаванд, ҳамчунин дар он аст, ки инкишофи забон қатънашаванда ва табиӣ буда, ба назорат ва банақшагирии алоҳида ниёз надорад. Дар илми забоншиносии муосир дар мавриди аломати забонӣ ва робитаи он бо маъно назарияҳои гуногун мавҷуд аст. Таҳлили ақидаҳои олимони хориҷиву ватанӣ дар робита ба аломати забонӣ метавонад дар тафсири мафҳуми мазкур барои дарки воқеии муносибати воҳидҳои забон ҳамчун унсури ифодакунанда ва маъно ҳамчун унсури ифодаёбанда ёрӣ расонад.

Бояд қайд намуд, ки бори нахуст баррасии масъалаҳои аломати забонӣ дар таърихи илми ҷаҳонӣ на аз нуқтаи назари забонӣ, балки аз дидгоҳи умумисемиотикӣ оғоз шудааст. Дар ибтидо ҳама гуна аломатҳо ба сифати рамзҳои ифодакунандаи маъноҳои муайян мавриди омӯзиш қарор дода шуданд ва дар ин замина аломати забонӣ низ ба сифати унсуре, ки маъноро ифода мекунад, баррасӣ гардид. Назарияи аломати забонӣ ва алоқамандии он ба ашё (ифодакунанда ва ифодашаванда) аввалин маротиба аз ҷониби забоншиноси шветсарӣ, асосгузори семиотика (семиология) ва забоншиносии сохторӣ Ф. де Соссюр ба миён гузошта шудааст. Ба ақидаи ӯ, барои ифодаи дилхоҳ мафҳум аломати забонӣ лозим аст, ки дар худ нишонаҳои муҳимми онро инъикос карда тавонад. Соссюр таъкид медорад, ки аломати забонӣ вобаста ба табиати худ ашёро на ба ном, балки образи акустикӣ ва мафҳумро алоқаманд мекунад, ки ин ҳолат аз озод будани аломат ва характери ашёи ифодашаванда дарак медиҳад [Соссюр Ф. де, 1977].

Муҳаққиқи мазкур таъкид мекард, ки аломат, пеш аз ҳама, обйекти сунъӣ аст. Сунъӣ будан муҳимтарин шарти мавҷудияти он мебошад. Ҳар қадар ки аломати забонӣ мурда бошад, ҳамон қадар рехта аст, ҳар қадар он зиндаву равшан бошад, ҳамон қадар он бо маъно пур карда мешавад. Маҳз дар ҳамин

замина асоси идрок дар забоншиносӣ ифода меёбад, ки ба шинохти обйектҳо дар олами атроф сабаб мегардад [Соссюр Ф. де, 1977].

Асосгузори илми семиотика, олими амрикоӣ Чарлз Пирс бошад, моддӣ будани аломати забониро ҷонибдорӣ мекард. Барои ӯ фарзияе вуҷуд дошт, ки "ман дорам ва онро дар пеши худ мебинам". Яъне ӯ аломати забониро дар баробари дигар аломатҳое, ки барои ифодаи маънову мафҳуми муайян истифода мешаванд, воқеӣ ва дар шакли тасаввуршаванда баррасӣ мекард [Кирюшенко В.В., 2008]. Ба андешаи мо, маҳз дар ҳамин назария тамоми моҳияти мавҷудияти аломати забонӣ инъикос ёфтааст. Яъне зери мафҳуми аломати забонӣ бояд шайъи мушаххасе фаҳмида ва қабул карда шавад, ки воқеӣ, дорои шакли овозӣ ва қобили дарки инсонӣ бошад.

Ба андешаи семиотики итолиёвӣ У. Эко, ки назарияи Чарлз Пирсро ҷонибдорӣ мекунад, аломат ва образи идеалӣ, пеш аз ҳама, падидаи сунъӣ мебошанд. Барои ӯ забон на ҳамчун воситаи ташаккул додани фикрҳо, балки ҳамчун унсури ифодаи онҳо амал мекунад, бинобар ҳамин аломат, яъне ифодакунанда метавонад танҳо дар натиҷаи тафсир исбот карда шавад. Моҳияти аломат ба тавассути тафсири мутлақ зоҳир мешавад, ки фазои маъноҳо ҳеҷ гоҳ беҳаракат нестанд, чунон ки ахборотдиҳӣ (коммуникатсия) низ бетағйир буда наметавонад. Дарки моҳияти тафсир бениҳоят муҳим аст. Он ба равшан сохтани падидаи аломати лингвистӣ, фарқият миёни зуҳуроти мушаххаси он ва дар натиҷа муқаррар кардани тафовутҳо дар шакли «забон - нутқ» мусоидат мекунад [Катаев А.О., 2016, с. 21].

Дар забоншиносии рус низ кӯшишҳои муайян намудани моҳияти аломати забонӣ ва робитаи он бо маънову мафҳум ба назар мерасанд. Чунончи, забоншиноси рус Коломейтсев Е.А. ба масъалаҳои назарияи аломат, тафсири истилоҳи аломати забонӣ ва ҳамчунин шарҳи ифодаҳои забонӣ дар сатҳҳои гуногун таваҷҷуҳ намудааст. Дар фарҷоми таҳқиқи худ ӯ ба хулосае меояд, ки ифодаи аломат ва сохтори он на ҳамеша якранганд. Аломатҳо аз обйектҳои олами воқеӣ дар шакли муҷаррад қарор дошта, ҳамзамон бо онҳо алоқаи ҷудонашаванда доранд. Ин ҳолат дурӯягии аломатро нишон медиҳад, ки ҳам дар

сатҳи ифода ва ҳам дар сатҳи мундарича инъикос меёбад [Коломейтсев Е.А., 2016].

Мувофиқи ақидаи Катаев А. аломати забонӣ категорияи фалсафӣ, забоншиносӣ ва назарияи тарҷума мебошад. Ӯ ду ақидаи ба ҳам муқобили вобаста ба дарки аломатҳо – ақидаҳои фалсафӣ ва лингвистиро пешниҳод мекунад [Катаев А.О., 2016]. Забоншинос Никитин М.В. дар хусуси маъно ва робитаи он бо аломат қайдҳои ҷолиб баён намуда, иброз медорад, ки масъалаи табиати маъно бо масъалаи аломат тавъам аст. «Метавон гуфт, ки мавҷудияти маъно бо мавҷудияти аломат сахт алоқаманд аст. Суоле пайдо мешавад, ки мутобиқати миёни онҳо чӣ гуна аст? Оё метавон интизор шуд, ки ҳар лаҳзае, ки аломат бошад, маъно низ вуҷуд дошта метавонад? Аз ин рӯ, бояд сараввал мафҳуми аломат кушода шавад» [Никитин М.В., 1988, с. 12]. Мавсуф аломати забониро дар қатори дигар аломатҳои барои инсон зарур дониста, истифодаи оқилонаи аломатро яке аз нишонаҳои фарқкунандаи инсони боақл медонад. Ҳамчунин таъкид медорад, ки вазифаи муҳимми аломат ифодаи маъно мебошад [Никитин М.В., 1988, с. 16].

Дар «Луғати истилоҳоти забоншиносӣ», ки бештар бо номи «Луғати Жеребило» маъруф аст, аломати забонӣ чунин тафсир ёфтааст: «Аломати забонӣ маҷмуи овозӣ ё графикӣ мебошад, ки ба таври анъанавӣ дар забон дар замони муқарраршуда барои интиқоли маълумоти муайян истифода мешавад. Ба ҷумлаи аломатҳои забонӣ овоз, ҳарф, морфема, калима, ибора, ҷумла ва матн дохил мешаванд» [Жеребило Т.В., 2010, с. 486].

Дар забоншиносии тоҷик масъалаи аломати забонӣ ба таври бояду шояд ҳалли худро наёфтааст. Метавон гуфт, ки дар атрофи ин мавзуъ, ба истиснои якчанд қайдҳои илмӣ, таълифоти комили илмӣ дастрас нест. Масалан, забоншиноси варзидаи риштаи луғатшиносӣ ва фразеологияи тоҷик, профессор Ҳ. Маҷидов бо такя ба назарияҳои пешқадами олимони шинохтаи сатҳи ҷаҳонӣ доир ба ҳодисаи дурӯя ва ё якрӯя будани аломати забонӣ таваққуф намуда, таъкид медорад, ки «Дар масъалаи моҳияти аломатҳои забонӣ дар забоншиносии муосир ду нуқтаи назари ба ҳам муқобил мавчуд аст. Намояндагони нуқтаи

назари аввал аломати забониро ҳамчун ягонагии ҳодисаи моддӣ ва маънавӣ мешуморанд, яъне ҳамчун падидаи дуҷониба» [Маджидов Х., 2006. с. 87-88]. Мавсуф якрӯя будани аломати забониро ҷонибдорӣ намуда, ин ақидаро ба гурӯҳи дуюми забоншиносон мансуб медонад: «Намояндагони ин нуқтаи назар аломати забониро ҳамчун падидаи якрӯя ҳисобида, онро бо паҳлуи моддии системаи забон, яъне бо паҳлуи овозии он алоқаманд мекунанд. Дар асарҳои чунин муҳаққиқони маъруфи мушкилоти аломати забон, ба мисли В.З.Панфилов, В.М.Солнтсев, Л.О.Резников, А.А.Ветров ва дигарон аломати забонӣ ҳамчун падидаи якҷониба баррасӣ карда мешавад» [Маджидов Х., 2006, с. 88].

Дар заминаи таҳқиқи ҳамаҷониба вобаста ба аломати забонӣ профессор Ҳ. Маҷидов ҳамчунин дар мавриди аломати фразеологӣ андешаҳои ҷолиби илмӣ пешниҳод месозад. Ӯ қайд менамояд, ки вобаста ба масъалаи аломати фразеологӣ дар забоншинсоии муосир таҳқиқотҳои илмӣ хеле кам ба назар расида, он ба таври бояду шояд ҳалли худро наёфтааст. Маълум мегардад, ки аломати фразеологӣ ба монанди дигар аломатҳои забонӣ сохтори махсуси овозӣ дошта, ба оҳанги хос соҳиб аст. «Аломати фразеологӣ ҳамчун падидаи дуюмбораи забонӣ, ки аз ҷиҳати пайдоиш дар асоси ифодаҳои одии нутқ ба вуҷуд омадааст, табиати мураккаб ва хеле мухолиф дорад. Дар аломати фразеологӣ дар шакли шахшуда на танҳо қиёфаи овозии калимаҳои алоҳида, балки қолабҳои сохтории муайян низ маҳфузанд. Қиёфаи овозии аломати фразеологӣ аз қолаби сохтории он ҷудо нест. Ин унсурҳои аломати фразеологӣ дар ягонагии комил зоҳир мегараданд» [Маджидов Х., 2006, с. 91].

Ҳамин тавр, аз таҳлили умумии назарияҳои мавҷуда бармеояд, ки дар шинохти аломати забонӣ, асосан, ду ақидаи ба ҳам мухолиф мавҷуд аст. Намояндагони нуқтаи назари аввал, ки аломати забониро ҳодисаи дурӯя меҳисобанд, онро дар ягонагии моддӣ ва маънавӣ таҳлил мекунанд. Ҳанӯз Соссюр ба ин ақида асос гузошта, таъкид намуда буд, ки аломати забонӣ на ашё ва на номи он, балки мафҳум ва образи акустикиро алоқаманд мекунад. Аз нуқтаи назари Ф. де Соссюр, вобаста ба муносибати ифодакунанда ва ифодашаванда дар аломати забонӣ се зинаи гуногун вуҷуд дорад, ки аз рӯйи

дараҷа ва умумияти ташаккули аломат аз ҳам фарқ мекунанд. Дар дараҷаи аввали шакли аломат пайдарҳамии фонемаҳо (дар хат ҳарфҳо) дар назар дошта мешавад. Дар ин сатҳ аломатҳои забониро метавон ба аломатҳои муқаррарӣ муқоиса намуд. Маҳз дар ҳамин дараҷа ифодакунанда ва ифодашаванда дар муносибати дуҷониба қарор мегиранд ва алоқаи миёни онҳо ҳоло барои тафаккури инсон дастнорас аст.

Дар дараҷаи дуюми ташаккули аломат мо аллакай ба падидаҳои равонӣ сарукор мегирем. Инъикоси ашёву ҳодиса ифодаи худро дар шакли образ, тасаввурот ва мафҳум дар шуури фарди алоҳида пайдо мекунад. Дар ин ҷо на танҳо дараҷаи дигари муҷаррадгардонӣ, балки шакли дигари муносибати тарафҳои аломат мушоҳида мешавад: ифодакунанда ва ифодашаванда – ҳар ду паҳлуи аломат, дар шакли маънавӣ баромад мекунанд, на моддӣ. Ин шаҳодати он аст, ки ҳарду паҳлу аллакай падидаҳои равонӣ мебошанд ва алоқаи миёни онҳо ҳатмӣ ва мустаҳкам буда, канда шудани чунин алоқа боиси аз байн рафтани аломати мазкур мегардад.

Дар дараҷаи сеюм, дар сатҳи аз ҳама болоии муҷаррадгардонӣ муносибати ифодакунанда ва ифодашаванда бояд аз ҷониби гурӯҳи соҳибони забон қабул ва устувор гардад. Маънои ифодашаванда барои гурӯҳи мазкур умумӣ гардида, дар ифодаи мафҳум шакли овозии алоҳида корбаст мешавад ва унсури забонӣ унвони аломати забониро касб мекунад, ки дар он алоқаи ифодакунанда ва ифодаёбанда ҷудонашаванда мебошад. Дар аломат маънои он мустаҳкам мегардад. Маҳз дар ин дараҷа ташаккули аломати забонӣ ба ҳайси воҳиди забонии комил ва дурӯя анҷом ёфта, он дар истифодаи васеи умум қарор мегирад [Соссюр Ф.де., 1977].

Намояндагони мактаби дескрептивии Америка низ дурӯя будани аломати забониро тарафдорӣ намуда, ба он назаранд, ки аломати забонӣ аз умумияти қиёфаи овозӣ ва маъно бармеояд. Онҳо зери мафҳуми аломат ваҳдати шакли овозиии воҳиди забонро бо маъное, ки он ифода мекунад, дар назар доранд, ки имрӯз дар забоншиносии муосир бо мафҳуми воҳиди забон ифода мегардад. Аз ин нуқтаи назар, дар илми забоншиносӣ аломати забонӣ ҳамчун ҳодисаи дурӯя

фаҳмида мешавад. Агар ин назарияро дар нақша нишон доданӣ шавем, чунин шакл мегирад:

Тасвири № 1

Ба ин тартиб, аломати забонӣ дилхоҳ воҳиди дутарафаи забонӣ ҳисобида мешавад, ки шакли овозӣ (унсури ифодакунанда) ва мундарича (унсури ифодаёбанда) дорад. Яъне дар ин маврид аломати забонӣ ҳамчун ҳодисаи дурӯя фаҳмида шуда, дар назар дошта мешавад, ки он бо қиёфаи овозӣ ва маънои худ тавъам аст.

Ҷонибдорони ақидаи дуюм бар он назаранд, ки аломати забонӣ танҳо шакли овозии воҳиди забон буда, он ба маънои муайян ишорат мекунад. Яъне аломати забонӣ танҳо паҳлуи овозии воҳиди забон асту халос. Дар ин маврид маъное, ки калима ифода мекунад, аз доираи тафсири аломати забонӣ берун мемонад. Масалан, намояндаи мактаби забоншиносии рус, забоншиноси маъруф Солнтсев В. ақида дорад, ки аломати забонӣ танҳо сурати овозии воҳиди забон мебошад [Солнтсев В.М., 1977, с.16].

Профессор Ҳ. Маҷидов низ якрӯя будани аломати забониро дастгирӣ намуда, чунин меорад: «Аломатҳои семиотикӣ, ки аломатҳои забониро низ дар бар мегиранд, маъноҳоеро, ки берун аз онҳо қарор доранд, ифода мекунанд. Ба ин сабаб аломати забонӣ танҳо нишондиҳандаи маъно аст, на ягонагии қиёфаи овозӣ ва маъно. Якрӯя будани аломати забонӣ ҳам дар ҳамин мебошад» [Маджидов Х., 2006, с. 89].

Аз рӯйи ин ақида аломати забонӣ дар илми забоншиносӣ ҳамчун ҳодисаи якрӯя фаҳмида мешавад. Якрӯя будани аломати забонӣ дар ин маврид ба он нисбат аст, ки онро танҳо қиёфаи овозӣ ифода мекунад. Ба ақидаи намояндагони назарияи мазкур, маъно ҳамчун унсури таркибии аломати забонӣ бо он сабаб эътироф намешавад, ки онро метавонад қиёфаи овозии воҳидҳои мухталифи забонӣ ифода кунад. Чунончи, инро дар мисоли муродифоти луғавӣ мушоҳида

кардан мумкин аст. Масалан, калимаҳои ҳаммаъновy наздикмаъноии **чеҳра, ораз, лиқо, афт, башара, шамоил** дар ифодаи маъноии **рӯй** ҳамчун «як қисмати бадани инсон» ҳамин ақидаро исбот карда метавонад. Дар ин ҳолат якчанд аломати забонӣ метавонанд ҳамон як маъноро бо тобишҳои махсуси эҳсосотиву баҳодиҳӣ ва услубӣ ифода кунанд.

Ҳамчунин онҳо таъкид мекарданд, ки аломати забонӣ ҳама он аломатҳое мебошанд, ки ин ё он маъноро ифода мекунанд. Масалан, аломатҳои роҳ низ ба ронандагон маъноҳои муайянро мефаҳмонанд. Ба мисли ҳамин аломати забонӣ низ дар шакли сурати овозии воҳидҳои забон бояд маъноро ифода кунад.

Аломати забонӣ, пеш аз ҳама, ифодаи овозии мафҳум ва ашё буда, бо ҳамин шакли овозии худ ба маъно ишорат мекунад. Чунин алоқамандиро метавон муносибати зинавии унсурҳои аломати забонӣ ҳисобид ва бо чунин нақша ифода намуд:

Тасвири №2



Дар асоси чунин нақша аломати забониро ҳамчун муносибати унсурҳои дохилии он бо шаклҳои гуногун маънидод кардан мумкин аст. Аз қабили муносибати миёни ду тарафи аломат (қиёфаи овозӣ ва маъно); муносибати ифодакунанда бо ашёи ифодашаванда (мансубияти ашёӣ); муносибати шакли аломат бо мафҳуми ашё (мансубияти мафҳумӣ); муносибат миёни аломатҳо дар дохили системаи забон ва монанди инҳо.

Аз баррасии назарияҳои фавқ метавон ба хулосае расид, ки аломати забонӣ барои ифодаи ашёҳо, ҳодисаҳои воқеӣ ва муносибати онҳо ё барои ифодаи

муносибати унсурҳои забон дар матн хизмат мекунад. Аз ин рӯ, аломати забонӣ сурати моддӣ дошта, дар шакли овозӣ вуҷуд дорад. Зери мафҳуми аломати забонӣ на танҳо сохтори овозии калимаҳо, балки дигар воҳидҳои забон, аз қабили ибора, ҷумла ва матн низ фаҳмида мешавад. Ба таври дигар, ҳама воҳидҳои забон, ки шакли овозӣ дошта, дар ифодаи ин ё он маънову мафҳум, фикр ва мазмун ба кор бурда мешаванд, аломати забонӣ мебошанд. Аз ин рӯ, яке аз нишонаҳои асосии аломати забонӣ ифодаи овозии гуногуни он аст.

Аломати забонӣ ду нишонаи асосӣ дорад. Аввал, он дар шакли моддӣ вуҷуд дорад. Яъне онро мо дар қолаби овозии муайян, ки аз маҷмуи овозҳои алоҳида таркиб ёфтааст, мебинем ва мавриди истифода қарор медиҳем. Ба таври дигар, онро мо дар ифодаи ин ё он маъно истифода мебарем ва сурати овозии онро мешиносем. Шинохтани қиёфаи овозии аломат барои соҳибзабон дар ифодаи маънои он муҳим арзёбӣ мешавад. Метавон гуфт, ки он барои фарқ кардани маъноҳои гуногун ҳамчун заминаи бунёдӣ хизмат мекунад. Қиёфаи овозии аломат ҳамчунин ба талаффузи хос соҳиб аст. Талаффузи ягонаи он дар заминаи талаффузи овозҳои таркибии он ба вуҷуд меояд ва дар мағзи шунаванда ба ин ё он маъно дар сурати морфема, калима, ибора ва ҷумла зоҳир мегардад. Масалан, дилхоҳ калима ё воҳиди фразеологӣ, ки ба ин ё он маъно ишорат мекунад, сохтори овозӣ ва талаффузи махсус дошта, аломати забонӣ маҳсуб меёбад. Чунончи, **об** – «моеи берангу бебӯй», **китоб** – «воситаи ба даст овардани дониш», **дандон ба дандон мондан** – «сабру тоқат кардан», **сухани ширин** – «форам, мақбул», **гови корӣ барин** «боқувват, гапдаро».

Дуюм нишонаи аломати забонӣ дар он зоҳир мешавад, ки он рамзи шартӣ аст. Яъне барои ифодаи маънои муайян он дар забон шартан ба вуҷуд омадааст ва метавонад бо сабабҳои гуногун сурати овозии худро тағйир диҳад. Ба ин нисбат қисме аз калима ва дигар воҳидҳои забон дар ифодаи маънову мафҳумҳои алоҳида ҳамчун қиёфаи овозии муваққатӣ сохташуда бо сабабҳои гуногун метавонанд аз ҷиҳати овозӣ тағйири шакл кунанд. Масалан, дар гунаҳои калимаҳои **деҳқон (деҳгон), чорпо (чорво, чаҳорпой), битон (бетон)** ва ғайра, ки дар забон роиҷ ҳастанд, ҳамин ҳодисаро мушоҳида кардан мумкин аст.

Ҳамин тавр, аломати забонӣ ҳамчун ҳодисаи якрӯя, ба назари мо, қиёфаи овозии дилхоҳ воҳиди забонӣ мебошад, ки дар шакли гуногун метавонад ба ашё, мафҳум, ҳодисаву воқеа, маъно ва ҳатто фикр ишорат кунад. Яъне аломати забониро дар сурати қиёфаи овозии морфема, калима, ибора, ҷумла ва монанди инҳо тасаввур кардан мумкин аст. Ин аломатҳо бояд ба ин ё он маъно далолат кунанд, дар акси ҳол шакли овозӣ ба сифати маҷмуи овозҳои алоҳида, ки бо ҳам омадаанд, фаҳмида мешаваду халос. Робитаи аломат бо маъно дар он ифода меёбад, ки маъно дар заминаи алоқаи аломати овозӣ ва мафҳуми ифодашаванда тавлид меёбад ва барои шунаванда фаҳмову дастрас мебошад.

1.2. Маънои забонӣ ва навъҳои он

Маълум аст, ки системаи маъноии ҳар як забонро шохаи маъношиносии он меомӯзад. Дар ин замина маъношиносӣ на танҳо системаи маъноии калимаҳои забон, балки маъноҳои гуногуни дигар воҳидҳои забон, аз қабили ибораҳои озоду устувор, ҷумла ва навъҳои гуногуни онро низ таҳқиқ мекунад. Агар ба таърихи пайдоиши илми семантика таваҷҷуҳ намоем, пас, маълум мегардад, ки истилоҳи мазкур аввалин бор дар илми забоншиносӣ соли 1897 аз ҷониби забоншиноси фаронсавӣ Мишел Бреалем истифода шудааст [Новиков Л.А., 1982, с. 5]. Дар адабиёти илмӣ истилоҳи дигар – семасиология низ истифода мешавад, ки он яке аз шохаҳои забоншиносӣ мебошад. «Ин соҳаи илми забоншиносӣ қонуниятҳои мавҷудият ва инкишофи маъноҳои калимаҳоро, робитаи байни маъноҳоро, муносибатҳои онҳоро бо ҳамдигар, бо мафҳумҳо, номҳо ва олами эҳсосоту майлҳои иродавии инсон чун як системаи муназзам меомӯзад» [Маҷидов Ҳ., 2007, с. 7]. Дар сарчашмаҳои илмӣ баъзан истилоҳи **семантика** бо **семасиология** омехта карда мешавад, ки ин ҳолат, ба андешаи мо, боиси гуногунфаҳмии истилоҳоти мазкур гардидааст. Таъкидан қайд менамоем, ки семасиология як шохаи забоншиносӣ буда, ба омӯзиши маъноҳо (мундарича, паҳлуҳои дохилӣ)-и воҳидҳои забон сарукор дорад. Илм дар хусуси маъноҳои забонӣ – семантика бошад, маъноҳои луғавӣ, грамматикӣ, фразеологӣ, ифодаҳои нутқ ё шаклҳои грамматикиро меомӯзад [Ахманова О.С., 1966, с. 400]. Ба таври дигар, доираи омӯзиш ва таҳқиқи семасиология нисбат ба семантика фаррохтар буда, он метавонад аз ҳудуди калима берун барояд.

Масъалаҳои маъно, алоқаи миёни маъно ва мафҳуми ифодашаванда, мутобиқати забон, тафаккур ва воқеият диққати олимони соҳаро ҳам дар замони антиқа, ҳам дар давраи асрҳои миёна ва ҳам дар замони муосир ҷалб намуда буд. Вале бояд ба инобат гирифт, ки то асри 19 масъалаҳои маъно, асосан, ҳамчун ҷузъи илмҳои фалсафа, мантиқ, грамматика, суханварӣ ва луғатнигории амалӣ омӯхта мешуданд. Метавон гуфт, ки баъд аз асри 19 масъалаи маъно ҳамчун мавзуи омӯзиши илми забоншиносӣ ва яке аз унсурҳои ҷудонопазири он ҷудо

шуда, таваҷҷуҳи бештари муҳаққиқонро соҳиб гардид. Ҳамин тавр, мавзуи омӯзиши маъношиносӣ ҳамчун илми мустақил маъноҳои гуногуни воҳидҳои забон ва робитаҳои миёни онҳо мебошад.

Маъноҳои забонӣ, дар маҷмуъ, системаи маъноҳои воҳидҳои забонро ташкил медиҳанд, ки миёни ҳам робитаҳои ногусастанӣ доранд. Муайян намудани алоқа ва муносибатҳои миёни маъноҳо яке аз масъалаҳои марказии маъношиносӣ мебошад. Дар ин замина маъноҳои забонӣ яке аз дигаре сар зада, дар мавридҳои алоҳида бе ҳамдигар вуҷуд дошта наметавонанд. Масалан, таҳлили маъноҳои луғавию грамматикӣ, эҳсосотию баҳодиҳӣ ва модалию ишоратӣ дар ҳудуди калима исбот месозад, ки ин навъи маъноҳои забонӣ дар калима паҳлуҳои мухталифи мундариҷаи маъноии онро инъикос намуда, яке ба мавҷудияти дигаре боис мегардад.

Дар забоншиносии муосир доир ба маънои забонӣ ва навъҳои он ақидаҳои гуногун мавҷуд буда, мутахассисони соҳа нисбат ба ин масъала муносибати ҳархела доранд. Масалан, агар намояндагони мактаби америкоии дескриптивҳо масъалаҳои денотат, денотатсия, референт, сигнификатсия, десигнат, десигнатсия, консепт, консептуалият ва ба инҳо монандро пешниҳод карда бошанд, дар забоншиносии даврони шуравӣ истилоҳоти мазкур бо ифодаҳои одии мундариҷаи маъноии воҳиди забон ва унсурҳои мафҳумӣ, эҳсосотӣ, баҳодиҳӣ, образнок, фардӣ, услубӣ ва ғайра тақсим карда шудаанд. Мо низ дар пайравӣ бо дигар анъанаҳои забоншиносони ватанӣ таснифоти забоншиносии замони шуравиро ҷонибдорӣ намуда, баррасии илмиро дар асоси он ба роҳ мемонем.

Аз рӯйи ин масъала дар забоншиносии рус вобаста ба маъно ва навъҳои он назарияҳои илмӣ хеле барвақт рӯйи кор омадаанд, ки бештари онҳо дар атрофи маъноҳои гуногуни калима (маънои луғавӣ, грамматикӣ, фразеологӣ ва ғайра) баҳс мекунанд. Масалан, мувофиқи ақидаи забоншиноси рус Шмелев Д.Н.: «Масъалаи табиати маъно дар забон ҳамоно мураккаб боқӣ мемонад. Истилоҳи «маъно» дар забоншиносӣ бисёрсамта мебошад. Аз ин рӯ, дар мавриди муносибати маъно бо мафҳум ва маъно бо ашё миёни муҳаққиқон ягонагии ақида

дида намешавад» [Шмелев Д.Н., 1964, с. 69]. Ба андешаи забоншиноси мазкур, маънои калима то он замон вуҷуд дорад, ки он дар худ бевосита олами воқеиро инъикос мекунад. Вале тағйиротҳои маъноие, ки дар забон падид меоянд, на ҳама вақт дар худ инъикоси бевоситаи ин дигаргуниҳоро, ки дар олами воқеӣ сурат гирифтаанд, фаро мегиранд. Аввалан, калимаҳои зиёд бо мурури замон маънои худро тағйир медиҳанд. Дуюм, барои ифодаи як қатор ҳодисаву ашёҳо ба ҷойи як калима калимаҳои дигар истифода мешаванд, ҳол он ки дар ин ҳодиса ва ашёҳо тағйиротҳои ҷиддӣ рӯй намедиҳанд. Масалан, вақте ки дар олами воқеӣ ашёву ҳодисаҳои нав ба вуҷуд меоянд, барои ифодаи онҳо калимаҳои нав, ё калимаҳои куҳна бо маъноҳои нав истифода мешаванд. Акнун суоле ба миён меояд, ки бо чӣ сабаб барои ифодаи ҳамон ашёҳо калимаҳои навро ба кор мебаранд? Барои чӣ маънои калимаҳо бо гузашти вақт тағйир меёбад, дар ҳоле ки дар ашёву ҳодисаҳои ифодакунандаи ҳамон маъноҳо ягон дигаргуние ба назар намерасад? (Шмелев Д.Н., 1964, с. 49).

Шмелев Д.Н. маънои калимаро дар таркиби воҳиди фразеологӣ ҳамчун маънои вобастаи фразеологӣ маънидод мекунад, ки он дар заминаи истеъмоли маҷозии он ба вуҷуд меояд. Қайд мекунад, ки калима дар таркиби ифодаи рехта бо маънои нав зуҳур мекунад ва ин маъно берун аз доираи воҳиди фразеологӣ вуҷуд дошта наметавонад [Шмелев Д.Н., 1964].

Муҳаққиқи дигари рус Василев М.Л. бошад, дар хусуси маънои забонӣ ва алоқаи он бо мафҳум чунин қайд мекунад: «Маъно (значение) – ин унсури воҳиди забон мебошад, ки дар шуури мо ҳақиқати олами воқеӣ ва мафҳумҳои ба онҳо вобастаро инъикос мекунад. Миёни маъно ва мафҳум алоқамандии ниҳоят мураккаб ҷойгир аст, ки мувофиқи қоидаҳои муайян танзим мешавад. Аз ин рӯ, маънои лингвистӣ бояд ҳамчунин усулҳои истифодаи маъноҳоро барои тавлиди ин ё он мафҳум ифода кунад [Василев М.Л., 1981, с. 18-21].

Ба қавли олими барҷастаи рус Апресян Ю.Д., зери мафҳуми маъно дар бештари ҳолатҳо маълумот дар бораи гурӯҳи ашёҳои ифодаёбанда бо хусусиятҳои умумӣ фаҳмида мешавад. Ӯ зикр менамояд, ки маънои воҳиди забон мафҳуми содаро нисбат ба ашё, хусусиятҳо, амал, ҷараён ва воқеаву ҳодисаҳо

инъикос мекунад. Ба таври умумӣ забоншинос Апресян Ю.Д. маъноро ҷузъи муҳимми фаъолияти забонии инсон дониста, калимаро ҳамчун ифодакунандаи он дар меҳвари воҳидҳои забон медонад. Ба ақидаи ӯ, калима, ки маъноро мефаҳмонад, дар созмони ибораву ҷумла ба таври васеъ истифода мешавад. Барқарор намудани муносибатҳои мухталифи маъноӣ дар ҷумла ва матнҳои алоҳида аз истифодаи бамавриди калимаҳои забон сарчашма мегирад [Апресян Ю.Д., 1974].

Муҳаққиқи бевоситаи мушкилоти маъно ва мазмуни калима ҳамчун воҳиди марказии забон С.Д. Катснелсон чунин қайд кардааст: "Маънои калимаҳо ба мисли мафҳумҳо ба шакли махсуси инъикоси воқеият – ҷамъбасткунӣ ва муҷаррадгардонӣ такя мекунанд. Дар асоси калима ва мафҳумҳо хамеша ҷамъбасткунӣ меистад, яъне инъикоси ҳамон унсури умумӣ, доимӣ ва устувор, ки дар гуногунрангӣ ва тағйирёбандагии мунтазами ҳодисаҳо ниҳон аст" [Катснелсон С.Д., 1965].

Забоншинос Новиков Л.А. маънои луғавӣ ва грамматикии калимаҳоро дар қатори амудӣ ва уфуқӣ ба таҳқиқ гирифта, таъкид мекунад, ки дар маънои луғавии калима хусусиятҳои шайъҳои ифодагари онҳо инъикос ёфтаанд. Дар қатори уфуқӣ хусусиятҳои маъноии калимаҳо бо қолабҳои сохтории онҳо умумият пайдо мекунанд. Ба ин қолабҳо унсурҳои грамматикӣ, шаклҳои гуногуни морфологӣ, ки аз ҷумлаи ҷузъҳои категорияҳои морфологӣ мебошанд, дохил мешаванд [Новиков Л.А., 1982]. Аксарияти забоншиносони дигари замони шуравӣ чунин таснифотро бо номҳои парадигматика ва синтагматика қабул намуда, муносибатҳоеро, ки аз онҳо падид омадаанд, бо номҳои муносибатҳои парадигматикӣ ва синтагмавӣ пешниҳод намудаанд. Бояд ёдовар шуд, ки истилоҳоти парадигматика ва синтагматика аз ҷониби Соссюр ва Елмслев ба забоншиносии рус гузаштаанд.

Тавре зикр намудем, шохаи маъношиносӣ маъноҳои воҳидҳои забон, аз ҷумла, морфема, калима, фразеологизм, ибора ва ҷумларо меомӯзад. Воҳидҳои мазкур метавонанд вобаста ба хусусиятҳои луғавӣ, фразеологӣ ва грамматикии худ мавриди санҷиши маъноӣ қарор гиранд. Масалан, маънои луғавӣ ва

грамматикӣ ҷиҳатҳои сифатан фарқкунанда ва гуногунии хусусиятҳои забонии воҳидҳои забонро нишон медиҳанд. Бояд қайд намуд, ки маънои грамматикӣ инъикоси хосиятҳои на як ашё, балки гурӯҳи муайяни шайъҳо буда (масалан, категорияи грамматикии ҷамъ, ки хоси исмҳо аст), онҳоро дар шакли умумиятдодашуда ҷамъбаст мекунад. Маънои луғавии калимаҳо дараҷаи на он қадар баланди муҷаррадиро ифода карда, асосан, воқеиятро (ашё ва хосиятҳои онҳоро) инъикос мекунанд. Ҳамин тавр, маънои грамматикӣ ва луғавӣ ба таври гуногун дар қабатҳои алоҳида хусусиятҳои мухталифи калимаҳоро дар шакли ниҳоят муҷаррад ва мушаххас ифода менамоянд [Новиков Л.А., 1982, с. 8]. Яъне маънои луғавӣ бевосита ба ашё ва ҳодисаҳои воқеӣ робита дорад ва онро тасаввур кардан мумкин аст. Дар маънои грамматикӣ бошад, дараҷаи баланди муҷаррадгардонии ҳодисаҳо дида мешавад. Масалан, маънои исм, сифат ё шумора будан, ки дар гурӯҳи калони калимаҳои забон ифода шудааст, натиҷаи ҳамин гуна ҷамъбасткунии тафаккури инсон аст. Албатта, дар маънои сирф луғавӣ раванди ҷамъбасткунӣ ва умумиятдиҳӣ низ мушоҳида мешавад, вале он ба дараҷаи баланди абстраксияи грамматикӣ намерасад.

Дар хусуси маънои забонӣ, мавқеъ ва сохтори маъноҳои калима муҳаққиқи дигар Стернин И.А. низ қайдҳои муҳимми илмиро пешниҳод намудааст. Мавсуф баррасии масъалаи сохтори маънои забониро бо масъалаи таъйини дараҷаи ифодаи муносибатҳои зинавии воҳидҳои забон сахт алоқаманд медонад. Қайд менамояд, ки таҳқиқи ин масъала маъношиносонро ба хулосае овардааст, ки таҷзияшавӣ яке аз ҷиҳатҳои асосии фарқкунандаи маънои забонӣ ба ҳисоб меравад. Ӯ ҳамчунин мафҳумҳои сема (қисми хурдтарини маънои луғавӣ) ва семема (ҳама навъҳои маънои луғавӣ, маъноҳои алоҳидаи калимаи сермаъно)-ро дар таҳлили маъноии калима нишон дода, зикр менамояд, ки дар семасиология қабати махсуси таҳлили калима – семӣ дар нисбати таҳлили анъанавии семемагӣ ба вуҷуд омадааст. Семасиологияи семӣ айни замон наметавонад ҳамчун шохаи мустақил эътироф шавад, дар ҳоле ки дар семасиологияи семемагӣ аллакай истилоҳоти зиёде ба вуҷуд омадаанд (калима, варианти луғавӣ-маъноӣ, лексема,

семема, семантема, полисемия, синонимия, метафора, метонимия, синекдоха ва ғайра) [Стернин И.А., 1985, с. 36-37].

Таснифоти ҳиссаҳои маънои луғавии калима ва дар ин замина нишон додани назарияҳои алоҳидаи илмӣ аз ҷониби забоншиноси мазкур бори дигар исбот месозад, ки маънои луғавии калима падидаи мураккаби системаи маъноии забон ба ҳисоб меравад. Таъкид мегардад, ки «мафҳуми «ҷузъи семантикӣ» гуфта, онро дар назар доранд, ки навъҳои он маънои луғавии калимаро ба вуҷуд овардаанд, зери мафҳуми ҷузъи семантикӣ унсури ҷудошавандаи маънои луғавӣ дар назар дошта мешавад, ки аз маъно хурдтар мебошад. Чунин дарки ҷузъи семантикӣ барои унсурҳои гуногун умумӣ ба ҳисоб меравад» [Стернин И.А., 1985, с. 40].

Доир ба сохтори маънои луғавӣ Стернин И.А. мавҷудияти се назарияро пешниҳод месозад: «Ақидаи якум аз якхела будани маънои луғавӣ сар зада, дар сохтори он ҷузъҳои семантикии дараҷаи мураккабро ҷудо мекунад. Дар доираи ин ҷараён тамоми маъно ба ҷузъҳои семантикии хурд (микроқисмҳо) ҷудо мешаванд.

Ҷараёни дуюм аз якхела набудани маънои луғавӣ сар мезанад. Дар баробари ин дар маъно «ҷузъи семантикӣ» ва дараҷаҳои гуногуни муносибат ҷудо карда мешаванд, ки хусусиятҳои гуногуни маълумотро, ки ба воситаи калима ифода меёбанд, инъикос мекунанд. Дар ин замина маънои луғавӣ сараввал ба ҳиссаҳои калон – макроҳиссаҳо ҷудо мешавад, ки махсусияти хоси маънои калимаро муайян мекунанд ва баъдан дар таркиби макроҳиссаҳо микроҳиссаҳо – семаҳо ҷудо карда мешаванд.

Ҷараёни сеюмро метавон назариявӣ номид. Ҷонибдорони ҷараёни мазкур дар маъно қабатҳои гуногунро ҷудо мекунанд, ки паҳлуҳои мухталифи маъно, зоҳиршавии гуногуни маъноро дар системаи забон ё нутқ инъикос менамоянд. Ҷанбаҳои мухталифи маъно, аз қабили сигнификативӣ, денотативӣ, луғавӣ, грамматикӣ, коннотативӣ, эҳсосотӣ, баҳодиҳӣ, прагматикӣ, сохторӣ, синтагматикӣ, мундариҷавӣ ва ғайра ҷудо карда мешаванд [Стернин И.А., 1985, с. 40-41].

Муҳаққиқони Донишгоҳи давлатии Майкопи Федератсияи Русия Пазова Л.П. ва Шербашина И.В. низ дар хусуси маънои калима, маъноҳои луғавӣ ва грамматикӣ ақидаҳои ҷолиб баён намудаанд. Ба назари онҳо, «маънои калима – ин категорияи мураккаб ва гуногунҷабҳа буда, дар системаи луғавии забон мавқеи марказиро ишғол мекунад. Савол дар хусуси он ки маънои калима чист яке аз масъалаҳои муҳим, нисбатан мушкил ва баҳсноки на танҳо илми забоншиносӣ, балки дигар илмҳо низ маҳсуб меёбад. Миёни муҳаққиқон танҳо дар масъалаи он ки калима, аз як тараф, маъноҳои луғавии худро дорад (ҷанбаи семантикӣ) ва, аз ҷониби дигар, он ҳамчун воҳиди шаклгирифтаи грамматикӣ маҷмуи маъноҳои грамматикиро соҳиб аст, баҳсу мунозираҳо ба назар мерасанд» [Пазова Л.П., Шербашина И.В., 2012, с. 46]. Онҳо маънои луғавиро мувофиқати сабтшудаи маҷмуи овозӣ ва ашё, хусусият, ҷараён ва ҳодисаҳои воқеии ба тавассути онҳо ифодашаванда дар шуури одамон дониста, маънои грамматикиро мундариҷаи забонии абстраксияи воҳиди грамматикӣ меҳисобанд, ки дар забон ифодаи доимӣ дошта, дар калима ҳамчун ҳиссаи нутқи муайян таҷассум ёфтааст. Яъне маънои грамматикӣ инфиродӣ нест, зеро он ба як гурӯҳи калимаҳое мансуб аст, ки аз рӯйи умумияти хусусиятҳои морфологӣ ва вазифаҳои синтаксисӣ муттаҳид шудаанд [Пазова Л.П., Шербашина И.В., 2012].

Забоншиносон Шхапатсева М.Х. ва Пазова Л.М. бошанд, дар бораи маъноҳои луғавӣ, грамматикӣ ва шакли грамматикии калима сухан ронда, дар заминаи таҳлили назарияҳои пешқадами олимон кӯшиш намудаанд, ки моҳияти маънои грамматикӣ ва шакли грамматикии калимаро равшан созанд. Зикр мешавад, ки маънои грамматикӣ – маънои забонии умумиятдодашуда ва ғайривоқеӣ мебошад, ки ба калимаҳо, ибораҳо ва таркибҳои синтаксисӣ хос буда, дар забон ифодаи доимии худро дорад. Ба нишонаҳои асосии маънои грамматикӣ инҳоро дохил намудаанд: умумиятдодашуда будан, ҳатмӣ будан, ба гурӯҳи муайяни калимаҳо дохил шудан, типӣ кунонидашуда будан, ки бо усулҳои мушаххас қатъӣ ифода меёбанд. Ҳамчунин онҳо маънои луғавии калимаро маънои хосаи он дониста, маънои грамматикиро ҳамчун маънои умумии калима маънидод

кардаанд. Таъкид месозанд, ки калима метавонад дар худ ягонагии маъноҳои луғавӣ ва грамматикиро фаро гирад [Шхапатсева М.Х., Пазова Л.М., 2014].

Дар баробари забоншиносии рус, ки дар он моҳияти маънои забонӣ ва навъҳои он хеле дақиқ ба риштаи таҳлил кашида шудаанд, дар забоншиносии тоҷик низ кӯшишҳои муайян намудани маъно ва мундариҷаи он аз ҷониби забоншиносони алоҳида ба анҷом расидааст.

Дар забоншиносии тоҷик таърифи мукаммал ва илмии маъно, ҳамчунин навъҳои маъноии калима аз ҷониби профессор Ҳ. Маҷидов анҷом дода шудааст. Мавсуф маъноҳои луғавии калимаҳоро инъикоси бевоситаи шайъҳо, ҳодисаҳо, воқеаҳои ҳаёти обйективӣ ва муносибатҳои мухталифи байни онҳо медонад. «Онҳо дар навбати аввал шайъҳо, хосиятҳо ва амалу равандҳои дигари он шайъҳоро акс мекунанд, ифодаи бевоситаи ин шайъҳо, ҳодисаҳо ва муносибатҳои гуногуни байни онҳо дар шуури соҳибони забон мебошанд» [Маҷидов Ҳ., 2007, с. 19]. Ӯ дар таснифоти худ маънои луғавии калимаро ба маъноҳои озод ва устувор ҷудо намуда, ба маънои озоди калима навъҳои маънои мафҳумӣ, эҳсосотӣ, модалӣ ва ишоратиро дохил мекунад [Маҷидов Ҳ., 2007, с. 20].

Назарияи профессор Ҳ. Маҷидовро дар мавриди маънои грамматикӣ метавон ҳамчун ҷамъбасти назарияҳои охирини забоншиносии тоҷик дар ин бобат ба қалам дод. Ӯ маънои грамматикиро ба маънои луғавии калима сахт алоқаманд дониста, таъкид медорад, ки: «Маъноҳои грамматикии калимаҳо ифодаи хосиятҳои умумиятдодашудаи шайъҳо, аломатҳо, амалу равишҳо ва муносибатҳои мухталифи байни шайъу ҳодисаҳои дар калимаҳо ҷамъбастшуда мебошанд. Онҳо натиҷаи муҷаррадшавии унсурҳо ва робитаҳои байни ин унсурҳои забон мебошанд, ки дар арзи чандин садсолаҳои мавҷудияти худ шаклу сурати ҳозираашонро гирифтаанд. Маъноҳои грамматикӣ бо ҳодисаҳои ҳаёти воқеӣ алоқамандии бевосита надоранд. Онҳо бо шайъҳои ҳаёти воқеӣ, хосиятҳо ва робитаҳои байни онҳо ба тавассути маъноҳои луғавии калима алоқаманд мешаванд» [Маҷидов Ҳ., 2007, с. 29]. Ӯ маънои грамматикиро ба маъноҳои морфологӣ, калимасоз ва синтаксисӣ ҷудо карда, иброз медорад, ки ҳар яке аз ин

навъҳои маъноҳои грамматикӣ гурӯҳҳои махсуси маъноҳои хурдро, ки натанҳо ҳамчун маъноҳои муҷаррад, балки ҳамчун категорияҳои ҷудогона ва муносибат баррасӣ мешаванд, фаро мегирад [Маджидов Х., 2006, с. 109].

Ҳамчунин профессор Ҳ. Маҷидов, ки яке аз бунёдгузорони шохаи фразеологияи тоҷик мебошад, дар мавриди маънои фразеологӣ низ андешаҳои ҷолиби илмӣ баён намудааст. Ӯ маънои фразеологиро навъи махсуси маънои забонӣ ном бурда, онро дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ баррасӣ мекунад. Таъкид мекунад, ки «маънои фразеологӣ аз ҳама гуна маъноҳои забонӣ – луғавӣ, морфологӣ, калимасоз, синтаксисӣ фарқ карда, маънои нотакрори забонро ташкил медиҳад. Он ҳодисаҳои олами воқеиро бештар дар сурати олуда бо образҳо, эҳсосот, баҳодиҳиҳо ва ифоданокӣ номбар мекунад» [Маҷидов Ҳ., 2016, с. 4].

Дар монографияи «Системаи фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ», ки бевосита ҷамъбасти назарияҳои охирини забоншиносони ватаниву хориҷӣ дар самти масъалаҳои фразеологияи забони тоҷикӣ мебошад, профессор Ҳ. Маҷидов маънои фразеологиро унсури муҳимми воҳиди фразеологӣ таъкид менамояд ва онро маъное медонад, ки ба аломати фразеологӣ нигаронида шудааст. «Маънои фразеологӣ, ки сифатан аз дигар навъҳои маъноҳо фарқ мекунад, на танҳо аз ҷиҳати ташаккули мундариҷаи худ, балки аз ҷиҳати таносуб бо маъноҳои дигари системаи маъноии забон ва аз рӯйи корбурди худ қонунмандиҳои муайянро соҳиб аст» [Маджидов Х., 2006, с. 106].

Ҷамъбасти назарияҳои навтарин дар хусуси маънои эҳсосотӣ низ ба қалами профессор Ҳ. Маҷидов тааллуқ дорад. Ӯ маънои эҳсосотиро як навъи маънои озоди луғавӣ дониста, асоси зуҳури онро дар калима ифодаи қабатҳои гуногуни эҳсосотии соҳибони забон медонад. Ин қабатҳо метавонанд дар ду шакл: мусбат ва манфӣ баён гарданд: «Маънои луғавии эҳсосотӣ, ки анвои мухталифи ҳаяҷону эҳсосоти инсониро ифода кардааст, мумкин аст, дар шакли холис, бе олоиши унсури мафҳумӣ низ зоҳир шавад. Масалан, калимаҳои **аҳсан, ҳайф, ҳайҳот, лаббай, сабил, зормонда, тирмизак, ҳарина, маҳмадоно, шайтон, хаппак** ва амсоли инҳо ифодагари ҳамин гуна маъноҳо мебошанд. Дар ин гуна калимаҳо

эҳсосоти мухталиф, аз қабили шодӣ, нафрат, райъ, изтироб бе иловаи ягон олоиши маъноии дигар ифодаи мушаххаси худро ёфтаанд» [Маҷидов Ҳ., 2007, с. 26-27].

Аз ин бармеояд, ки маъноии эҳсосотӣ муносибати мушаххаси гӯянда нисбат ба фикри гуфташуда буда, дар заминаи он гӯянда метавонад ба фикри баёншуда муносибати худро дар шакли баҳодиҳӣ низ ифода кунад. Маълум аст, ки гӯянда наметавонад дар як вақт ду навъи муносибат ё эҳсосотро истифода барад, аз ин рӯ, ифодаи саривақтӣ ва бамавриди ин ё он навъи эҳсосот дар калима ё воҳиди фразеологӣ метавонад ба пуробуранг баромадани он сабаб гардад.

Муҳаққиқи маъноии феъл дар забони адабии тоҷикӣ Гулназарова Ж. таҳлили ҷузъии маъноии калимаро дар муайян намудани моҳияти маъно ва алоқамандии миёни унсурҳои он муҳим арзёбӣ карда, таъкид медорад, ки ин амал бо усули таҳлили ҷузъӣ сурат мегирад. «Маъно сохторе мебошад, ки аз унсурҳои гуногун иборат аст. Таҳлили ин унсурҳои маъно бо роҳҳои муайян амалӣ карда мешавад. Усули таҳлили ҷузъӣ имкон медиҳад, ки маъноии воҳидҳои забонӣ амиқтар омӯхта ва муайян карда шуда, мувофиқи ҳолати онҳо дар система ё сохтор системанокӣ ва алоқамандии маъноии онҳо нишон дода шавад. Ҳадафи усули таҳлили ҷузъӣ муайян кардани воҳидҳои маъноӣ дар доираи маъноии луғавии ин воҳидҳо, хусусиятҳо ва сохтори онҳо мебошад. Ҳангоми гузаронидани таҳлили ҷузъӣ моҳият, асоси маъно ва аломат пайдо шуда, хусусият ва сифати як ҳиссаи воқеият маълум мегардад, ки бо калима ё вариантҳои луғавӣ-маъноии онҳо ифода ёфтаанд» [Гулназарова Ж., 2020, с. 9].

Профессор Гулназарова Ж. дар хусуси моҳияти маъноии луғавӣ чунин андеша дорад: «Мафҳуми «маъноии луғавӣ» ҳамчун ҳодисаи дусамта фаҳмида мешавад. Яъне, аз як ҷиҳат мавқеи калима дар системаи луғавии забон (муносибатҳои парадигматикӣ ва синтагматики калима) фаҳмида мешавад ва, аз ҷониби дигар, алоқамандии калима бо мафҳум ва ашёҳо дар назар дошта мешавад [Гулназарова Ж., 2011, с. 3]. Ӯ ҳамчунин дар мавриди маъноҳои грамматикӣ, услубӣ, коннотативӣ, денотативӣ, сигнификативӣ, эҳсосотӣ, калимасоз ва ғайра маълумоти ҷолиб пешниҳод намудааст. Мувофиқи таҳлилҳои

ӯ маънои луғавӣ ва грамматикии калима дар ҳамбастагӣ вуҷуд дошта, дар ин миён нақши маънои луғавӣ асосӣ аст. «Маънои луғавӣ дар системаи маъноӣ дар дараҷаи аввал аст. Маънои грамматикӣ ҳам аз ҷиҳати мундариҷа ва ҳам аз ҷиҳати ифода мавқеи муайян дорад ва метавонад аз маънои луғавӣ ҷудо бошад» [Гулназарова Ж., 2020, с. 12].

Ба назари мо, таҳлили мазкур исботи худро боз дар он ёфтааст, ки аз қадим маъноҳои луғавӣ ва грамматикӣ ба таври ҷудогона омӯхта шуда, бобҳои алоҳидаи луғат ва грамматикаро ташкил медиҳанд.

Мавсуф маънои луғавиро аломати фардии калима дониста, маънои калимасозро мансуби калимаҳои аслӣ медонад. Ҳамчунин таъкид мегардад, ки маънои калимасоз метавонад маъноҳои грамматикии гуногунро ба вуҷуд орад, зеро он ба сохтори калима таъсир мерасонад ва дар ин замина калимаи мансуби як ҳиссаи нутқ ба дигар ҳиссаи нутқ гузарад. «Маънои луғавии калима аломати инфиродии он аст. Ин хусусияти калима на танҳо аз калимаҳое, ки ба дигар ҳиссаҳои нутқ тааллуқ доранд, фарқ мекунад, балки дар дохили калимаҳои ҳамон ҳиссаҳои нутқ низ фарқиятҳо дорад. Мундариҷаи калима ба ғайр аз маънои луғавӣ боз маънои калимасоз (деривационӣ) низ дорад. Ин навъи маъно ба хусусиятҳои грамматикии калима таъсир расонда, ҳангоми омӯзиши ҳиссаҳои нутқ ба назар гирифта мешавад [Гулназарова Ж., 2020, с. 12].

Дар хусуси маънои эҳсосотӣ баҳс намуда, муҳаққиқи мазкур онро ба маънои коннотативӣ мансуб медонад. Қайд мегардад, ки ифодаи эҳсосоти гуногуни соҳибзабон ба тавассути калимаҳо дар забон амри воқеӣ буда, дар заминаи он маънои баҳодиҳӣ низ ба назар мерасад. «Бояд қайд намуд, ки эҳсосот ҳамчунин бо маънои баҳодиҳӣ низ робитаи зич дорад ва аз ин рӯ, маънои мазкур аксар вақт ҳамчун маънои эҳсосотӣ-баҳодиҳӣ ёд мешавад. Вобаста ба ин махсусият ақидае мавҷуд аст, ки семантикаи баҳодиҳӣ хусусияти денотативӣ дорад ва маъноҳои эҳсосотӣ дар он махсусияти ифоданокиро (экспрессивиро) инъикос мекунанд ва ин холат на танҳо маънои баҳодиҳиро аз мавқеи денотативӣ берун намекунад, балки сабаби афзоиши маънои прагматикӣ дар заминаи маънои денотативӣ мегардад» [Гулназарова Ж., 2020, с. 32].

Дар таҳвияти назарияи овардашуда метавон зикр намуд, ки унсури баҳодиҳӣ бештар бо маънои модалӣ тавъам ифода мешавад. Агар маънои эҳсосотӣ тобиши модалӣ гирад, дар ин маврид оҳанги баҳодиҳиро низ ифода карда метавонад.

Профессор Гулназарова Ж. маънои эҳсосотиро ҳамчунин ба воҳиди фразеологӣ мансуб дониста, онро яке аз нишонаҳои маъноии ин навъи воҳидҳои забон медонад. «Хусусияти дигари маънои эҳсосотӣ дар он аст, ки он дар воҳидҳои фразеологӣ бештар мушоҳида мешавад ва ин маъно ифоданокии ҷузъҳои воҳидҳои фразеологиро афзун гардонида, ба пуробурангии онҳо унсури эҳсосотиро илова мекунад» [Гулназарова Ж., 2020, с. 31-32].

Қайдҳои ҷолиб дар хусуси маънои луғавӣ ва грамматикии калима ҳамчунин аз ҷониби забоншиносон Кабиров М. ва Чориев Т. ба қайд гирифта шудаанд. Онҳо дар идомаи назарияҳои илмии дигар забоншиносон маънои грамматикии калимаро ба маънои луғавии он алоқаманд дониста, мафҳумро ба маънои луғавӣ баробар донистаанд. «Ҳар як калимаи мустақилмаъно дорои маънои луғавӣ ва дастурӣ мебошад. Маънои дастури (яъне грамматикӣ)-и калима ба маънои луғавии он алоқаи зич дорад. Муносибати байни маҷмӯи овоз, предмет ё ҳодиса, ки тафаккури мо онро ба ин восита муқаррар месозад, мафҳуми калимаро ташкил менамояд, ки онро маънои луғавии калима меноманд. Маънои луғавии калима маънои аслии калима мебошад. Ифодакунандаи маънои луғавӣ калима буда, он ба мафҳуми ҷудогонаи предмет, ҳодиса ва муносибати воқеият марбут мебошад» [Кабиров М., Чориев Т., 2017, с. 15].

Ба назари инҷониб, маънои луғавӣ ва мафҳумро дар калима баробар ҳисобидан аз ҷониби муҳаққиқони мазкур то андозае ба ҳақиқати илмии масъала созгор нест, зеро маънои луғавӣ дар калима ин инъикоси бевосита ва бавоситаи ашё, ҳодисаву воқеа дар шакли овозии алоҳида буда, мафҳум, асосан, дониши муайян (тасаввуроти муфассал ё мухтасар – Ҳ.Д.)-и моро дар бораи ҳамон шайъу ҳодисаҳо ташкил медиҳад. Дар ин маврид муҳаққиқони муҳтарам масъалаи инъикосоти мафҳумро дар шуури инсон бо тасаввурот дар хусуси он омехта намудаанд, ки мухталифандешии зиёдро ба вуҷуд овардааст. Агар маънои луғавии калимаро мо дар заминаи зоҳиршавии аломатҳои барҷастаи мафҳум ба

тавассути калимаи овозӣ ба даст орем, мафҳумро ба василаи тасаввуроти ягонаи умумиятдодашуда оид ба шайъу ҳодиса дарк намудан мумкин аст. Аз ин ҷост, ки баъзан мафҳум ва калимаи овозиро як медонанд, яъне ҳангоми талаффузи калима мафҳум ва дар мавриди шарҳи мафҳум қиёфаи овозии калима дар назар дошта мешавад. Бо вуҷуди ин калима ҳамчун воҳиди забонӣ аз мафҳум ба сифати воҳиди мантиқӣ тафовут дорад ва онҳоро ҳамчун унсурҳои алоҳида таҳлил намудан лозим меояд. «Мафҳумҳо дар сурати калимаҳо ифодаи моддии худро пайдо мекунанд. Масалан, калимаи **дарё** мафҳуми дарёро ифода мекунад. Пас, саволе ба миён меояд, ки оё мафҳум ва калима як аст? Албатта, ин тавр нест. Калимаҳо аз ҷумлаи воҳидҳои асосии забон буда, мавзуи баҳси забоншиносӣ мебошанд, мафҳумҳо бошанд, яке аз шаклҳои мавҷудияти тафаккур буда, дар илми мантиқ омӯхта мешаванд. [Маҷидов Ҳ., 2007, с. 25].

Агар маъно ба воситаи шакли овозии калима вуҷуд дошта бошад, пас, мафҳум ифодаи худро дар маънои калима меёбад. Яъне мафҳумҳои олами воқеӣ мустақилона вуҷуд доранд ва ифодаи онҳо дар шакли калимаи овозӣ ҳодисаи табиист. Калима мафҳумро номбар мекунад, вале маънои луғавӣ бошад, инъикоси ҳамон мафҳум аст. Ба назари мо, дар ин ҳолат муҳаққиқон ҳодисаҳои забон ва нутқро бо ҳам омехта кардаанд, ки ин ҳолат як андоза гуногунандеширо ба вуҷуд овардааст.

Маълум мегардад, ки маъноҳои луғавӣ, грамматикӣ, эҳсосотӣ, фразеологӣ ва ғайра аз ҷумлаи маъноҳои маъмул дар системаи маъноии забон буда, аз рӯйи тарзи ифода, доираи фарогирӣ ва инъикоси мафҳум аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Агар маънои луғавӣ ва грамматикӣ миёни ҳам алоқаи бавосита дошта бошанд, маънои фразеологиро калима танҳо дар таркиби воҳиди фразеологӣ соҳиб мешавад. Доираи истифодаи маънои фразеологӣ маҳдуд буда, он бо тобишҳои иловагии маъноӣ зоҳир мегардад. Маъноҳои мазкур ҳамчунин бо дараҷаи ифодаи мафҳум аз якдигар фарқ карда, яке онро дар шакли холис ва мушаххас, дигаре дар шакли муҷаррад ва умумӣ ва сеюмӣ омехта бо тобишҳои эҳсосотиву баҳодиҳӣ ва образнок ифода мекунанд.

Ҳамин тариқ, мафҳуми маънои забонӣ ба ҳама сатҳҳои забон рабт дошта, ҳамчун қабати муҳимтарини системаи он – анвои маъноҳо, вазифаҳо ва алоқамандии миёни онҳоро муқаррар менамояд. Аз таҳлилу баррасии маводи илмӣ бармеояд, ки ин мавзуъ масъалаи доманадор буда, то ҳол дар атрофи он баҳсҳои илмӣ зиёданд. Танҳо он чиз мусаллам аст, ки имрӯз маънои забонӣ ҳамчун предмети омӯзиши шохаи махсуси забоншиносӣ – семасиология қарор гирифтааст ва дар доираи воҳидҳои муайяни забон ва нутқ баррасӣ мешавад.

1.3. Маънои фразеологӣ ҳамчун як навъи маънои забонӣ

Системаи маъноии ҳар як забон қабати калон ва мустаъмали маъноҳоро фаро мегирад, ки миёни онҳо маънои фразеологӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Дар илми маъношиносии муосир маънои фразеологӣ яке аз навъҳои сермаҳсул ва мураккаби маънои забонӣ ба шумор меравад. Он ҳамчун навъи махсуси маънои забонӣ маъноест, ки навъи дуюми маънои консептуалиро ташкил дода, бо таркибу ибора ва ҷумлаҳои рехта ифода мешавад. Маънои консептуалӣ бошад, маънои ифодакунандаи мафҳуми муайян аст, ки метавонад ҳам ба воситаи калима ва ҳам воҳиди фразеологӣ ифода шавад. Яъне таҷассуми мафҳум дар қолаби гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои рехта маънои фразеологиро ташкил медиҳад. Масалан, маънои «шахси кордон, рӯзгордида», ки бо ибораи устувори **гурги борондида**, маънои «воҳима кардан», ки бо ибораи фразеологии феълии **аз пашша фил сохтан**, ё маънои «шахси азиз, муҳтарам», ки бо ибораи исмии изофии **гули сари сабад** ифода шудаанд, маънои сирф фразеологӣ мебошанд:

Иноқ, ки **гурги борондида** ва асабҳояш осуда буд, аз ин сухани Замонбек чандон хафа нашуд (Икромӣ Ҷ., Духтари оташ, 480). Мардуми бахилро медонед-ку: ғайри **аз пашша фил сохтан** коре надоранд (Самад А., Гардиши девбод, 334). … **гули сари сабади** ин зиёфат Қориишкамба ва ноиб дар деҳаи Галаосиё бошандаи қозикалон Мирзохӯҷаи ишкамбанда буданд (Айнӣ С., Марги судхӯр, 125).

Омӯзиши маънои фразеологӣ ҳамчун навъи махсуси маънои забонӣ, асосан, баъд аз нимаи дуюми асри гузашта оғоз шудааст. Аниқтараш, баъд аз он ки табиати забонии воҳиди фразеологиро забоншиносон ҳамчун як навъи воҳиди мустақими забонӣ муқаррар намуданд. Масалан, дар забоншиносии рус ба таҳқиқи маънои фразеологӣ ва мавқеи он дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ корҳои зиёде ба сомон расидаанд. Олимони ин соҳа Шмелев Д.Н. [1964], Жуков В.П. [1967], Молотков А.И. [1977], Шанский Н.М. [1963] ва дигарон дар асару мақолаҳои ба масъалаҳои гуногуни фразеология бахшидаи худ ба маънои

фразеологӣ таваҷҷуҳ намудаанд. Шмелев Д.Н. назарияҳои забоншиносонро дар мавриди табиати воҳиди фразеологӣ ва таркиби луғавии он ҷамъбаст намуда, ба хулосае меояд, ки на ҳама гуна тартиби муназзами калимаҳо дар забон воҳиди фразеологӣ ҳисобида мешавад. Ҳамон ифодаи устувор ва умумишуда воҳиди фразеологӣ маҳсуб меёбад, ки маънои яклухт дошта бошад ва ба мафҳуми муайян далолат кунад. Аз ин рӯ, воҳиди фразеологӣ як қатор хусусиятҳои хос дорад, ки аз дигар гурӯҳҳо фарқ мекунад [Шмелев Д.Н., 1964, с. 217]. Жуков В.П. зикр менамояд, ки дар шаклгирии маънои фразеологӣ, ки дар воҳиди фразеологӣ ба мушоҳида мерасад, бештар ҳодисаҳои образнокӣ ва маҷозият саҳм доранд. Маҳз ба тавассути маҷозонидан ва образнок кардани ифодаи ашё ё ҳодисаву воқеа метавон маънои образноки воҳиди фразеологиро таъмин намуд [Жуков В.П., 1967].

Дар забоншиносии тоҷик моҳияти илмии маънои фразеологиро профессор Ҳ. Маҷидов пешниҳод намудааст. Мавсуф маънои фразеологиро дар таркиби аломати фразеологӣ (сохтори овозиву талаффузии воҳиди фразеологӣ – Ҳ.Д.) таҳлил намуда, ба ақидаҳои илмии тоза даст меёбад. Ба фикри ӯ, «маҷмуи ҳамаи унсурҳои созандаи воҳиди фразеологӣ – овозҳо, морфемаҳо, калимаҳо, қолабҳои таркибии он сохтори овозии ин воҳиди забонро ташкил медиҳанд. Дар забоншиносии пешқадами имрӯза сохтори овозии фразеологизмро аломат (=знак) номидаанд, яъне он чун аломатҳои дигари забонӣ, сарфи назар аз он ки аз чӣ гуна унсурҳо ба вуҷуд омадааст, ифодагари маънои махсуси забонӣ аст, ки онро маънои фразеологӣ меноманд» [Маҷидов Ҳ., 2016, с. 4]. Ҳамчунин таъкид мегардад, ки маънои фразеологӣ дар таркиби худ метавонад дар алоҳидагӣ ё дар якҷоягӣ унсурҳои дигари маъноиро дошта бошад. Ин тобишҳои маъноӣ (маъноҳои мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ ва ғайра) мундариҷаи маънои фразеологиро пурра намуда, онро дар шакли маънои ягона ва пуробуранг инъикос менамоянд.

Ҳамин тавр, маънои фразеологиро метавон ҳамчун маънои алоҳидаи забон ва дорои нишонаҳои махсус қаламдод намуд. Он бо мундариҷа ва тарзи ифода аз дигар маъноҳои забонӣ ба куллӣ фарқ дорад. «Маънои фразеологӣ аз ҳама гуна

маъноҳои забонӣ – луғавӣ, морфологӣ, калимасоз, синтаксисӣ фарқ карда, маънои нотакрори забонро ташкил медиҳад. Он ҳодисаҳои олами воқеиро бештар дар сурати олуда бо образҳо, эҳсосот, баҳодиҳиҳо ва ифоданокӣ номбар мекунад» [Маҷидов Ҳ., 2016, с. 4]. Дар таркиби воҳиди фразеологӣ он аз ҷамъи маъноҳои маҷозии ҷузъҳои таркибӣ сар мезанад. Ин маънои умумии маҷозӣ дар натиҷаи маҳдуд шудани маъноҳои луғавии калимаҳои таркиби ифодаи рехта ба вуҷуд меояд. Чунонки дар ифодаҳои рехтаи **дасту по гум кардан** ба тариқи «ихтиёрро аз даст додан», **чароғи касеро равшан кардан** «идомадиҳандаи ҳаёту фаъолияти касе шудан», **сояи касеро аз девор тарошидан** «нисбат ба касе нафрати зиёд доштан» ва **барги сабз** «туҳфа» ифода шудааст:

Шитоб мекардам, аз шодӣ **дасту по гум мекардам** (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 205). Бародарат аз дунё ҳеҷ чиз надида рафт, бечора фарзанд ҳам надорад, ки **чароғи ӯро равшан кунад**, занаш бошад, пас аз бисту чил, агар бисёр вафодорӣ кунад, пас аз оши сол баромада меравад (Айнӣ С., Дохунда, 43). Ту – конибодомӣ, ту зарафшонӣ гӯён **сояи якдигарро аз девор метарошиданд** (Фирӯз Б., Тору пуд, 122). – Дар Бухоро магар моро фаромӯш кардед, ки **барги сабз** гӯён ягон савғоӣ наовардед, ин дафъа агар Бухоро равед, моро аз ёд набароред (Айнӣ С., Дохунда, 95).

Ба таври дигар, маънои фразеологӣ аз ҷиҳати ташаккули худ маънои яклухти умумиятдодашуда мебошад, ки бевосита ё бавосита аз ҷамъи маъноҳои ҷузъҳои таркибии воҳиди фразеологӣ бармеояд. Аз ин рӯ, ҳангоми муайян кардани маънои фразеологӣ ва аниқ кардани сарчашмаи он, алоқаи воқеӣ ё тахайюлии маъноро бо маънои ҷузъҳои воҳиди фразеологӣ сарфи назар кардан мумкин нест. Дар гурӯҳе аз фразеологизмҳои забонамон алоқаи ин ду падидаи маъноиро барқарор кардан имкон дорад. Яъне воситаи барқароркунандаи алоқаи воқеӣ миёни маънои фразеологӣ ва маънои унсурҳои таркибии фразеологизм маънои ибтидоии (таҳтуллафзии) он мебошад. Маънои ибтидоӣ бошад, мувофиқи ақидаи профессор Ҳ. Маҷидов, маънои таҳтуллафзиест, ки воҳиди фразеологӣ ифода мекунад. «Он ба доираи маъноҳои воҳиди фразеологӣ – ба мундариҷаи маънои фразеологӣ дохил намешавад, вале дар баробари он вуҷуд

дорад. Маънои таҳтуллафзӣ, ки ба таври доимӣ маънои фразеологиро ҳамроҳӣ мекунад, ба рушди минбаъдаи он ҳамчун заминаи умумӣ хизмат мекунад. Маҳз дар заминаи он маънои фразеологӣ тавлид ёфта, системаи маъноҳои фразеологӣ инкишоф меёбад ва маъноҳои нави иловагӣ пайдо мешаванд» [Маджидов Х., 2006, с. 112]. Масалан, дар воҳидҳои фразеологии зерин, аз қабили **касеро аз роҳ баровардан** ба маънои «касеро фиреб дода бероҳа кардан», **рости гап** «ба ростӣ, воқеан», **ҷон додан** «мурдан, фавтидан» ва **риштаи суҳбатро пайвастан** «суҳбатро идома додан» робитаи мустақими маънои фразеологӣ бо маънои ибтидоӣ мушоҳида мешавад. Маънои фразеологӣ дар чунин ҳолатҳо ҳамчун маънои воқеии аз нав тавлидёфта баромад мекунад, аммо он аллакай унсури устувори воҳиди фразеологӣ маҳсуб ёфта, ҳамчун маънои тасодуфӣ ё нав ба истеъмол воридшудаи маҷозӣ ба назар намерасад. Аз ин рӯ, ҳангоми истифодаи воҳиди фразеологӣ маҳз ҳамин маънои охирин аҳамияти воқеӣ пайдо мекунад, на маънои ибтидоии он:

Баъд Зуҳра гиря карда гуфт, ки намедонам, кадом як марди беинсоф духтари моро **аз роҳ бароварда**, ба номусаш таҷовуз карда мондааст (Икромӣ Ҷ., Тахти вожгун, 23). Баъд боз як масъала ҳаст: **рости гап**, ба гуфтан ҳам забони кас намегирад (Улуғзода С., Навобод, 263). … эшон ва дуохон ҳарчанд дар пӯст кандани мардум аз сипоҳ фарқ надорад, лекин ӯ ҷони касро бо пахта мегирад ва дар дасти ӯ гирифторшудагон **ҷон додани** худро нафаҳмида мемонанд (Айнӣ С., Ёддоштҳо, 120). Муаллим бошад **риштаи суҳбатро** ба саволи Толиб **пайваста** суханашро давом дод (Насим Р., Хонае, ки сӯяш мешитобам, 54).

Дар маънои таҳтуллафзии воҳидҳои фразеологӣ ҳарчанд ҷаҳонбинӣ, таърих, фарҳанг ва урфу одати соҳибзабонон ифода мешавад, вале маънои фразеологӣ онро ба таври даркнашаванда хира месозад ва ҳатто аз байн мебарад. Дар натиҷа маънои ибтидоии ифода дар қолаби муайян шах шуда мемонад, ки пайхас намудани он хеле мушкил аст. Профессор Ҳ. Маҷидов маънои ибтидоиро ҳамчун воситае медонад, ки дар миёни фразеологизм ва маънои воқеии он ба таври доимӣ амал мекунад. Яъне маънои ибтидоии воҳиди фразеологӣ ҳамчун алоқаи доимӣ робитаи байни ифодаи рехта ва маънои фразеологиро таъмин мекунад.

Онро метавон ҳамчун воситаи ташаккулдиҳандаи маънои воҳиди фразеологӣ номид, ки дар шакли асл зуҳур мекунад. «Маънои ибтидоӣ дар миёни аломати фразеологӣ ва маънои воқеӣ ҳамчун механизми доимоамалкунанда баромад мекунад, ки, аз як тараф, ба рушду таҳкими маънои фразеологӣ, аз тарафи дигар, ба такмили аломати фразеологӣ ҳамчун маҷмӯи овозҳои шартӣ, ки барои ифодаи маъно хизмат мекунад, мусоидат мекунад. Дар ин ҳолат қонунмандии фаъолияти маънои таҳтуллафзӣ чунин аст: он ҳар қадар шаффоф бошад, яъне ҳар қадар аз нуқтаи назари маънидоди этимологӣ равшантар ба назар расад, ҳамон қадар маънои фразеологӣ муассир мебошад. Маънои фразеологӣ гӯё ҳама он чизи зиндаро, ки дар маънои ибтидоии он мавҷуд буд, фурӯ бурдааст, биноан ҳамчун маънои равшан, образнок ва муассир зоҳир мегардад» [Маджидов Х., 2006, с. 113-114]. Чунончи, дар фразеологизмҳои зерин, ки маънои ибтидоии онҳо равшан зоҳир гаштааст, таъсирнокии маънои фразеологӣ бештару хубтар эҳсос мешавад: **рӯзи касе буд шуд** «умри касе ба охир расид, касе фавтид», **кафши касеро пеши по мондан** «пеш кардан», **чандин курта пештар даррондан** «нисбати касе калон, таҷрибадор будан», **сари касеро дуто кардан** «касеро зан ё шавҳар додан» ва монанди инҳо:

Рӯзи ман акнун **буд шуд**, аз умрам чанд ҳафтаи дигар боқӣ мондааст ё не (Кӯҳзод У., Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим, 188). … мегуфт ба худ ва кадоме аз ин зот маъқулаш намеафтод, **кафшашро пеш мемонд** (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 51). Раҳматамак дид, ки ҳисобчии маҳмадоно қариб обрӯи ӯро резонда истодааст, дарҳол аз ӯ **чандин курта пештар даррондан**ашро хотиррасон карда, эзоҳ дод… (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 38). Ба ҳар навъ, маҷбурӣ буд ё ихтиёрӣ, ки баҳоррӯя вай **сарашро дуто кард** (Кӯҳзод У., Писанддара, 55).

Баъзан мешавад, ки маънои ибтидоӣ шаффофияти худро аз даст дода, сабабгори хира эҳсос шудани маънои фразеологӣ мегардад. Дар ин ҳолат алоқаи миёни маънои таҳтуллафзӣ ва маънои яклухти фразеологӣ канда шуда, барқарор намудани он аз ҳар ҷиҳат ғайриимкон аст. Ба таври дигар, маънои ибтидоӣ дар ин навъи фразеологизмҳо тасаввурнашаванда буда, ғайривоқеӣ зуҳур мекунад. Аз ин ҷиҳат, маънои фразеологии ин гурӯҳи воҳидҳои рехта бе иртибот бо

маънои ибтидоии онҳо ифода меёбад. Масалан, дар мисолҳои поён номувофиқатии маънои таҳтуллафзӣ бо маънои фразеологӣ равшан мушоҳида мешавад: **касеро дар пӯчоқи писта ҷой кардан** «касеро сахт ҷазо додан, мавқеи касеро танг кардан», **хонаи касеро дар пушташ кардан** «касеро хонавайрон, камбағал кардан», **нӯхтаи касеро кашидан** «касеро ба итоат даровардан, пеши роҳи касеро гирифтан», **дили касеро рабудан** «муҳаббати касеро сазовор шудан»:

Барои фарзандҳояшро партофта думи вай духтари наврас, артисткаро гирифтанаш ба Нозимӣ ҷазо медиҳад, **дар пучоқи писта ҷой мекунад ӯро** (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 123). … бо ин ҳунари аълои хаскашии худ, ҳар рӯз аз ҳавлии ман «якхасӣ» кашида, **хонаи маро дар пуштам накунед**! (Акобиров Ю., Дунё ба умед, 104). … тааҷҷуб мекарданд, ки чаро Олимов **нӯхтаи ин марди иғвогари беандешаро** дурусттар **накашид** (Ниёзӣ Ф., Сарбозони бесилоҳ, 159). Сироншоҳ ҷавони зебои хушқаду баст, ки **дили духтаронро** ба осонӣ **мерабуд**, аз ишқу ошиқиаш ба нақл сар кард (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 81).

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки маънои фразеологӣ дар гурӯҳҳои маънои воҳидҳои фразеологӣ – идиома, фразема ва ифодаҳои ғайриидиоматикӣ ба таври гуногун ифода меёбад. Дар идиомаҳои фразеологӣ, ки ифодаҳои ниҳоят рехтаву устувор ва маҷозиянд, маънои фразеологӣ дар заминаи хира будани маънои таҳтуллафзии фразеологизм хеле равшан ва фаҳмо зоҳир мешавад. Маҳз дараҷаи баланди маҷозият, ки дар ҷузъҳои таркибии идиомаҳо ба назар мерасад, тасаввуроти аз воқеият дури маънои таҳтуллафзӣ ва ифодаи равшану мустаъмали воҳиди фразеологиро таъмин менамояд. Яъне ҳар қадар маҷозият дар идиомаҳо баланд бошад, маънои фразеологизм ҳамон қадар фаҳмову пурҷозиба ва қобили қабул ифода мешавад. Чунончи, идиомаҳои **думро хода кардан** ба маънои «гурехтан, фирор кардан», **коҳи пӯсидаро бод додан** «воқеаҳои гузаштаро ба хотир овардан», **сари касе ба осмон расид** «касе хурсанд, қаноатманд шуд», **гурги борондида** «шахси ботаҷрибаи рӯзгордида» ва ғайра:

«Нагурехтагӣ номард» гуфтаму **дума хода кардам** (Мамадов К., Кофтукови ҷиноятқор, 45). Лекин ин гапат дуруст, ки **коҳи пӯсидаро бод додан** чӣ суд – фақат бӯю тафи кирму чирм мебарояд (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 15). … мухбир узр овард, ки имшаб дар хонаи Нодир суҳбат оростанист, агар як сари қадам биёянд, **сараш ба осмон мерасад** (Фирӯз Б., Тору пуд, 192). Ҳалим ба қавле «**гурги борондида**» буд (Муҳаббати Ю., Пайванди шикаста, 27).

Дар фраземаҳои фразеологӣ, ки ифодаи маънои маҷозии ҷузъҳои таркибӣ аз идиомаҳо як андоза фарқ дорад, бори маънои фразеологӣ, асосан, ба дӯши ҳамон ҷузъҳоеанд, ки бо маънои луғавӣ истифода шудаанд. Дар ин навъи ифодаҳои рехта ҳатман яке аз калимаҳо ба маънои луғавие истифода мешавад, ки он берун аз таркиби воҳиди фразеологӣ низ мустаъмал аст. Ҳамин аст, ки маънои фразеологии фраземаҳо бештар бо калимаи маънои луғавӣ дошта сурат мегирад. «Бисёр вақт маънои фразема дар заминаи як ё ду ҷузъи таркиби он ташаккул меёбад, ҷузъҳои дигар ҳамчун унсури шартии фразеологӣ хизмат мекунанд» [Маҷидов Ҳ., 1982, с. 34]. Дар ин гурӯҳи маъноии воҳидҳои фразеологӣ низ аксаран маънои аслии онҳо ғайривоқеӣ сурат мегирад ва ба ин нисбат маънои фразеологии онҳо барҷаста ифода мегардад. Масалан, дар фраземаҳои **ба майдони дили касе тухми муҳаббат партофтан** ба маънои «муҳаббати касеро бедор кардан», **гапи хушку холӣ** «гапи бепоя, беасос», **дар гирдоби ғам ғарқ шудан** «ғам хӯрдан», **ба зини мансаб савор шудан** «соҳиби мансаб шудан» калимаҳои **муҳаббат, гап, ғам** ва **мансаб** ба маънои луғавиашон корбаст шуда, масъулияти ифодаи маънои фразеологиро ба худ гирифтаанд:

… аз дил гузаронд, ки духтари ба дом афтида аллакай бо ширинзабониаш **ба майдони дилаш тухми муҳаббат партофт** (Мамадов К., Кофтукови ҷиноятқор, 33). **Гапи хушку холӣ** будааст (Ҳошимов У., Нур ва соя, 110). Дар баҳри фикру хаёле ё шояд **дар гирдоби ғаму** андӯҳе **ғарқ шудааасту** ба касе ҳам нигоҳ намекунад (Улуғзода С., Восеъ, 126). Ӯ барои аз нав **ба зини мансаб савор шудан** фурсати мусоид ва мавриди муносиберо поида гашт (Улуғзода С., Восеъ, 184).

Дар ифодаҳои ғайриидиоматикӣ бошад, маънои фразеологӣ як қадар норавшан ифода меёбад. Ин ҳолат ба он асос меёбад, ки ҳама ҷузъҳои таркибии ин гурӯҳи фразеологизмҳо ба маънои таҳтуллафзии худ омада, маънои маҷозӣ дар онҳо дида намешавад. Бо вуҷуди он, воҳидҳои фразеологии ғайриидиоматикӣ низ чун идиома ва фраземаҳо ҳама нишонаҳои асосии ифодаҳои рехтаро соҳибанд. Онҳо низ сохтори устувор доранд, яклухтмаъно буда, ҳамчун масолеҳи тайёри забон дар ифодаи мафҳумҳо истифода мешаванд, ҳатто миёни унсурҳои таркибии онҳо муносибатҳои мустаъмали синтаксисӣ дида намешавад. Онҳо танҳо маҷозият ва ҳама аломатҳоеро, ки аз маҷозият сар мезананд (рангубор, муассирӣ, образнокӣ, ифодаи эҳсосот, ифоданокӣ ва ғайра), надоранд: **аҳду паймон, хурду бузург, нав ба нав, ҳақ асту рост, номи нек** ва монанди инҳо. Дар мавридҳои зиёд маънои яклухти ин қабил воҳидҳои фразеологиро бо муродифҳои луғавиашон ифода намудан мумкин аст: **аҳду паймон** «ваъда», **хурду бузург** «ҳама», **нав ба нав** «тоза», **ҳақ асту рост** «дуруст», **номи нек** «хуб»:

– Дониста мон, ки тири ачал **аҳду паймони** туро пурсида намешинад (Ниёзӣ Ф., Вафо, 116). Ба ҳар сурат эҳсос мекард, ки **хурду бузург** ӯро сидқан дӯст медоранд ва ба ҳар манзиле сар мезад, аз гармии истиқболи онҳо рӯҳи тоза мегирифт (Самад А., Гардиши девбод, 21). – Шайтон шуда ҳар рӯз **нав ба нав** мардумро аз раҳ мезанию ба таги замин медарорӣ? [Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб. Ҷ.2. Шӯроб, 195). **Номи неки** ӯро сиёҳ мекунанд, имкон намедиҳанд, ки кори хайрро пеш барад… (Икромӣ Ҷ., Сафар-Махсум дар Бухоро, 54).

Нишонаи муҳимме, ки ифодаҳои ғайриидиоматикиро ба қатори воҳидҳои фразеологии забонамон мансуб мегардонад, сохтори устувор ва маънои мафҳумии онҳост. «Устувории сохти фразеологизмҳои ғайриидиоматикӣ аз хусусиятҳои муҳимми онҳо ба шумор мераввад. Ин хусусият дар доимӣ будани ҷузъҳои таркибӣ, ивазнашавандагӣ ва тағйирнаёбандагии ҷои он ҷузъҳо зоҳир мешавад» [Маҷидов Ҳ., 1982, с. 36]. Аз ин рӯ, маънои фразеологӣ, ки, асосан, ба тавассути ифодаи умумии маънои маҷозии унсурҳои таркибии воҳиди фразеологӣ ташаккул меёбад, дар ин маврид ба воситаи умумияти маъноҳои

мафҳумии калимаҳои таркибӣ сурат мегирад. Яъне маънои фразеологӣ дар ин гуна ифодаҳо ҳамон маъноест, ки ҷузъҳои таркибӣ дар якҷоягӣ ифода мекунанд. Маънои таҳтуллафзӣ дар ин гуна ифодаҳо равшан ва воқеӣ зоҳир мешавад. Чунончи, дар мисолҳои зайл:

Ҳолати модару духтарро эҳсос карда, Ҳайдар боксёр **аз таҳти дил** шодӣ кард, тираш ба нишон расид (Ҳамдам А., Оби зери ях, 39). …модарашон ба ин тариқа аз олам бирафт ва ҳамин ки **асли воқеаро** фаҳмиданд, ба ҳафтод пушти он марди бевафо лаънат мехонданд (Муҳаммадиев Ф., Сози мунаввар, 33). Дар бинои умр на ба курсии мансаб нишасту ба ғайр аз **хонаву дари** худ не ҷоҳу ҷалол дошт (Самад А., Гардиши девбод, 20).

Маънои мафҳумӣ ба тавассути воҳиди фразеологӣ дар мавридҳои зиёд дар шакли холис ва бе омезиши маъноии дигар ифода шуда наметавонад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар ташаккули маънои фразеологӣ ба ҷуз маънои мафҳумӣ маъноҳои дигар низ баъзан бештар ва гоҳо камтар саҳм мегузоранд. Воҳиди фразеологӣ, пеш аз ҳама, ба мафҳуми алоҳида ишорат мекунад, аз ин рӯ, дар ташаккули он маънои мафҳумӣ нақши асосӣ дорад. Ин навъи маъно дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ ҷойгоҳи хоса дошта, дар таркиби худ боз маъноҳои дигарро низ фаро мегирад. Унсури мафҳумии дар таркиби маънои фразеологӣ маҳфуз ифодаи мафҳум ё ҳодисаву воқеаро дар он қувват бахшида, воситаҳои ифодагари образнокӣ ба он ҷилваҳою рангубори хосаро зам мекунанд. Масалан, дар воҳидҳои фразеологии зерин, ки маъноҳои мафҳумӣ бо унсурҳои иловагии эҳсосотӣ ифода шудаанд: **хок лесида хоб рафтан** ба маънои мафҳумии «бекор гаштан, дар интизори мансабе будан» бо иловаи унсури эҳсосотии таассуф, **корд ба устухон расид** «аз меъёр зиёд, аз ҳад гузаштан» бо иловаи унсури эҳсосотии азобу уқубат, **даҳони ҷуволи гапро яла кардан** «гапи зиёд задан, бисёр сухан кардан», бо иловаи унсури эҳсосотии бефаросативу лаққигӣ ва **гул барин зебо** «дилкаш, назаррабо» бо унсури эҳсосотии таърифу ситоиш:

Шогирдпешагон ва ясавулоне ҳастанд, ки як моҳ боз ягон хизмат нагирифта, **хок лесида хоб кардаанд**… (Айнӣ С., Дохунда, 29). Лекин вақте кор ба ҷон ва

корд ба устухон расида буд, натавонист, ба муқобили золим қиём кунад ва ҳатто яроқ ба даст гирифта ҷангад (Икромӣ Ҷ., Тахти вожгун, 60). … мардаки шикамкалон барин аз рӯйи эҳтиёт аз ягон ҷои либосатон маҳкам дошта, **даҳони ҷуволи гапро яла мекунанд**, кошки гапи даркорӣ бошад (Муҳаммадиев Ф., Палатаи кунҷакӣ, 376). ... ду писарчаи **гул барин зебо** ва ҳамсари меҳрубонаш Холидаро рӯ ба раҳми худо партофта, кадом як раққосаи ҷавон ва ҳанӯз аз озмоишҳои рӯзгор бехабарро ба занӣ гирифтанист (Акобир Ҷ., Кӯҳистонӣ, 47).

Бояд зикр намуд, ки на ҳама гурӯҳҳои воҳидҳои фразеологии забонамон мафҳумро ифода мекунанд. Муқаррар шудааст, ки аз гурӯҳҳои мансуб ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ танҳо ифодаҳои рехтаи исмӣ, сифатӣ, ҷонишинӣ, зарфӣ ва феълӣ мафҳуми муайянро ифода мекунанд. Сабаб дар он аст, ки ҳиссаҳои нутқи зикршуда ба қатори ҳиссаҳои мустақили нутқи забони тоҷикӣ мансуб мебошанд ва имконияти бештари ифодаи мафҳумро доранд. Ба назари мо, чунин имконият аз вазифаҳои дар забон доштаи категорияҳои мазкур бармеояд. Агар исмҳо номи ашёро ифода кунанд, калимаҳои сифатӣ аломати онро, феъл – амалу ҳаракат ва зарф аломати амали ашёро мефаҳмонад. Яъне ҳиссаҳои мустақил ва номии нутқ бевосита ё бавосита ба ашё ё ҳодисаву воқеаи алоҳида алоқамандӣ доранд, ки ин вазифаи онҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ низ мушоҳида мешавад. Масалан, воҳидҳои фразеологии феълӣ бо маънои мафҳумӣ ба ин ё он амал ва ҷараёне ишорат мекунанд, ки он амал метавонад ба тавассути феълҳои луғавии одӣ низ ифода ёбад. Вале бояд хотиррасон намуд, ки феълҳои фразеологӣ аз феълҳои луғавӣ бо махсусиятҳои бавуҷудоии маънои яклухти худ ба куллӣ фарқ мекунанд. Дар воҳидҳои фразеологии исмӣ, феълӣ ва сифатии зерин ҳамин ҷиҳат баръало зоҳир шудааст: **хоби ширин** ба маънои мафҳумии «навъи ниҳоят бароҳати хоб, яъне хоби бароҳат», **рӯзи сиёҳ** «зиндагии бад», **ба гапи касе надаромадан** «гӯш накардан касеро, ҳамфикр нашудан бо касе», **думчаи касе об гирифт** «мавқеи касе таҳким ёфт, аҳволи касе хуб шуд», **аз таги гап бехабар** «ноогоҳ», **гули заҳир барин кабуд** «кабуди назаррабо»:

Янгаам ҳар саҳар маро аз **хоби ширин** бедор карда, ба об мефиристод (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 165). Дар «ҳавлӣ»-и мо Шариф ва Ҳаит сари

дастархон нишаста, **рӯзи сиёҳи** худашон ва ҳамқишлоқиёни дигари моро нақл карданд (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 96). … агар одам гапро ба ҷояш хӯронда тавонад, ҳар касро мот мекунад, ба ҳамин сабаб мир ҳар кори ишкелдорро ба ман мефармоянд ва хоҳ хушк кунам, хоҳ тар, кор надоранд, зеро як дараҷа дилашон ба ман пур шудааст, бинобар ин дар ҳаққи ман **ба гапи дӯсту душман намедароянд** (Айнӣ С., Дохунда, 29). Дигар он ки, агар ман корро саҳл гирифта «бало ба пасаш» гуфта монам, **думчаи ҳамаи хизматгорон об мегирад**… (Айнӣ С., Дохунда, 31). … мардуми аз **таги гап бехабар** бовар мекунанд ва онҳо дар ҳар ҳолат аз об хушк мебароянд (Кӯҳзод У., Ҳайҷо, 44). … кулоҳаки сеҳрнокаша дар қабза сахт фишурда оташинона, - эҳе, аз чашмони **гули заҳир барин кабудаш** алов, оташи ғазаб меҷаҳид, гуфт… (Самад А., Гардиши девбод, 57).

Ҷузъҳои маъноие, ки дар сохтори маънои фразеологӣ ба назар мерасанд, аз ягон ҷиҳат мундариҷаи онро такмил медиҳанд. Ба ҷумлаи чунин тобишҳои маъноӣ метавонанд ҳамчунин унсурҳои образнокӣ, эҳсосотӣ, ифоданокӣ ва баҳодиҳӣ низ шомил шаванд. Дар хусуси образ ва образнокӣ забоншиноси рус Мезенин С.М. назарияи ҷолиберо пешниҳод намудааст. Ба андешаи ӯ, образ ва образнокӣ ба мафҳум алоқаманд буда, мундариҷаи васеъ ва гуногуншакл доранд [Мезенин С.М., 1983, с. 49]. «Мафҳуми образ барои назарияи маърифат, равоншиносӣ, семиотика, санъатшиносӣ, назарияи адабиёт, забоншиносӣ ва дигар илмҳо асосӣ ба ҳисоб меравад. Маълум аст, ки мафҳуми мазкур дар ҳар яке аз ин шохаҳои илм ба таври махсус маънидод мегардад, вале ин маънои онро надорад, ки образ дар таърифи файласуф, равоншинос, забоншинос ё адабиётшинос тамоман мафҳумҳои гуногунро ифода мекунад. Бояд қайд намуд, ки дар заминаи ҳар яке аз ин таърифҳо фаҳмиши умумии образ ҳамчун «ашё дар шакли инъикосшуда» ҷой дорад» [Маджидов Х., 2006, с. 110].

Ҳамин тавр, образ яке аз унсурҳои махсуси маънои забонӣ мебошад, ки бештар дар сурати ифодаи эҳсосот тавлид меёбад. Ба таври дигар, образ дар воҳиди фразеологӣ тарзи муассиру беҳтари ифодаи маъно аст. Маънои образнок маъноест, ки тавассути образ ифода мешавад. Образ ва образнокӣ метавонанд

дар зери қалами адибони хушсалиқа ба вуҷуд оянд. Онҳо, асосан, образҳои тозаи бадеӣ мебошанд. Шумораи муайяни чунин образҳо баъдан метавонанд ба маъноҳои умумизабонӣ ва барои соҳибони забон фаҳмо табдил ёбанд, аммо на ҳама образҳои инфиродии аз ҷониби адибон тавлидёфта метавонанд ба таври ҳамешагӣ аз ҷониби системаи забон пазируфта шаванд. Чунончи, дар маводи тасвирии зер ифодаи образҳои алоҳида дар шакли пуробуранг ва бадеӣ ифодаи маънои образнокро дар мундариҷаи маънои фразеологӣ таъмин намудаанд:

Дар ҳақиқат, аз ман айб гузаштааст, пагоҳӣ ба Заррина маслиҳат доданӣ шуда, **қайларо аз мазза гузаронидаам** (Муҳаммадиев Ф., Одамони куҳна, 45). Азиз, ки ҳанӯз **аз аспи ғазаб нафуромада** буд, хост аз аспҳои бригадир Ғулом даст кашад (Икромӣ Ҷ., Хатлон, 16). – Ба осмон нигоҳ карда, ғайр аз ҳамин **гапи хунук** дигар сухане наёфтед (Ниёзӣ Ф., Вафо, 223). … чормағзи пири гармову сармодида ва танҳое барҷо буд, ки шоху хадраҳои рӯ ба офтоби он бо гузашти айём хушкида, **мисли дарахтони мазор** ҳузновар метофт (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 191).

Қобили зикр аст, ки яке аз унсурҳои бавуҷудоварандаи маънои образнок дар воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ воситаҳои гуногуни тасвири бадеӣ мебошанд. Онҳо ҳамчун воситаи таъминкунандаи образ ва маънои образнок дар мундариҷаи маъноии ифодаҳои рехта нақши муҳим доранд. Ба ҷумлаи чунин воситаҳои тасвири бадеӣ муболиға, истиора, ташбеҳ, тавсиф ва киноя ва як иддаи дигар дохил мешаванд. Вобаста ба вазифаи унсурҳои мазкур дар сохтори фразеологизм маънои образнок метавонад равшан ифода шавад. «Образнокиро ҳамчун гуногунии инъикоси бадеии воқеият бо ёрии воситаҳои забонӣ муқаррар намуда, мо метавонем муносибатҳои умумиро миёни образ ва воҳидҳои забонӣ барқарор созем. Образнокӣ дар ҳолати барқарор намудани навъи махсуси алоқаи маъноӣ дар миёни ду воҳиди забонӣ ба амал меояд. Ҳангоме ки аломати материалии яке аз воҳидҳои забонӣ бо маънои воҳиди дигар мувофиқ меояд» [Мезенин С.М., 1983, с. 51]. Чунончи, дар воҳидҳои фразеологии зайл маънои образноки онҳо маҳз ба тавассути маҷозияти муболиға, истиора ва тавсиф ба вуҷуд омадаанд: **гӯш андохтан** – дар заминаи муболиға маънои мафҳумии

«шунидан»-ро ифода кардааст. Дар воҳиди фразеологии **ба сухани касе лаб мондан** низ санъати муболиға образи **лаб мондан**-ро (чунонки ба матои либосворӣ, мағзӣ ё фаровез мемонанд ва он зеботар, қавитар мешавад) боз ҳам инкишоф додааст. Воҳиди фразеологии **таги чашм кардан** дар асоси истиора ифодаи «интихоб кардан»-ро ба сурати рамзӣ даровардааст. Фразеологизми феъли **шамол хӯрдан** бо тарзи истиора семантикаи «андаке нотоб шудан»-ро хеле шинам ифода кардааст. Ибораи **хандаи шакаррез** бо усули тавсиф маънои «хандаи ширину зебо»-ро ифода намудааст:

Азизхон, Зебӣ ва ман бо шавқу ҳавас **гӯш меандохтем** (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 35). Дар рӯзи нағз ҳар кас дӯст аст, дӯст он аст, ки дар рӯзи бади кас кор ояд ва дастгирӣ намояд, - гуфта **ба сухани бой лаб монд** (Айнӣ С., Дохунда, 44). Янгаам ба бародараш маънидорона чашмак зада мегуфт, ки «барои ту як арӯси паризодро **таги чашм карда** мондаам» (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 193). Дар охирҳои тирамоҳ модарам **шамол хӯрда**, нотоб шуда монд (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 107). Ин ҳамон **хандаи шакаррез** ва он ҳамон гесӯи диловез (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб. Ҷ.2. Шӯроб, 79).

Маълум аст, ки дар воҳидҳои фразеологии забонамон ба ҷуз аз ифодаи мафҳуму ҳодисаҳои муайян боз ягон паҳлуи олами эҳсосотии инсон низ ифода меёбад. Ба монанди калимаҳои забон фразеологизмҳо низ имконияти дар худ инъикос намудани маънои эҳсосотиро доранд. Маънои эҳсосотӣ, ки фарогири эҳсосоти мухталифи инсон аст, дар мундариҷаи маънои фразеологӣ ба таври хосса ифода меёбад. Онро метавон яке аз унсурҳои муҳимми маънои фразеологӣ ба қалам дод. «Агар маънои фразеологӣ бо паҳлуҳои гуногуни шуури инсон алоқаманд бошад, метавонад аз ҷиҳати эҳсосотӣ бой шавад. Ҳарчанд чунин мешуморанд, ки ҳолати руҳии инсон тавассути воситаҳои забонӣ ифода карда намешавад, аммо баъзе ҷанбаҳои он, алалхусус паҳлуҳои алоҳидаи эҳсосоти инсонӣ, ба тавассути воситаҳои забонӣ, аз ҷумла воҳидҳои фразеологӣ таҷассум мегарданд» [Маджидов Х., 2006, с. 117]. Масалан, ифодаҳои зайл нишонаи барҷастаи ифодаи маънои эҳсосотӣ дар воҳидҳои фразеологӣ мебошанд: **касеро ба осмони ҳафтум баровардан** «касеро аз ҳадди эътидол зиёд таъриф кардан» (ифодаи қаноатмандӣ), **очаҷони касеро дар чашмаш нишон додан** «касеро

ҷазои сахти ҷонкоҳ додан» (ифодаи сарзаниш), **хаёли касе парвоз кард** «касе ба фикру андешаи ширин дода шуд» (ифодаи хурсандӣ, фараҳмандӣ), **дарди дил кардан** «сирри дил кушодан, самимона суҳбат кардан бо касе» (ифодаи ҳасрат, шикоят) ва ғайра:

… дар бисоташ бударо кашола карда меорад, дар пеши ҳамсафонаш маро, дӯстии моро **ба осмони ҳафтум мебарорад** (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 105). Вазифаат аз даст намеравад, **очаҷони Баландкашро дар чашмаш нишон медиҳам** (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 33). **Хаёли ман** аз қафои вай **парвоз мекард** (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 84). – Аҳволи додаракам бисёр танг аст, эшон ҳам то ҳол наёмад, - гуфта Бозор **ба зани худ дарди дил мекард** (Айнӣ С., Дохунда, 41).

Маънои эҳсосотӣ бештар бо маънои баҳодиҳӣ қаробат дорад ва онҳо якдигарро пурра мекунанд. Маънои баҳодиҳӣ низ яке аз унсурҳои муҳимми идиоматикии маънои фразеологӣ буда, ба воситаи он ба мафҳум баҳои мусбат ё манфӣ дода мешавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар мундариҷаи маънои аксарияти фразеологизмҳои забони тоҷикӣ унсури баҳодиҳӣ мавҷуд аст. Он бо маънои эҳсосотӣ ҷанбаи баҳогузории маънои фразеологиро таъмин намуда, дар образнок ифода ёфтани он кумак мерасонад.

Агар маънои эҳсосотиро ба мусбат ва манфӣ ҷудо карда бошанд, маънои баҳодиҳиро метавон бо навъҳои хуб ва бад ифода намуд. Чунин таснифот ҳанӯз дар осори даврони қадим мушоҳида мешавад, ки намунаи барҷастаи он фарҳанги «Oim-evak» мебошад. Дар фарҳанги мазкур, ки аз 27 боб иборат мебошад, шумораҳои миқдорӣ ва тартибӣ, ҷонишинҳо, сифатҳо бо префикси hu — «хуб», узвҳои бадани инсон, пайвандакҳо, истилоҳоти динӣ, хислатҳои инсон, воҳидҳои андоза (ангушт, қадам), шаборӯз ва қисмҳои он тафсир ёфтаанд. Вобаста ба чунин тафсирёбӣ маънои калимаҳои забон дар асоси муносибати баҳодиҳии инсон ба ашёву ҳодисаҳо дар фарҳанги мазкур ба хуб ва бад ҷудо карда шудаанд [http://kitobam.com/cr/far-oim-evak/].

Дар ифодаи баҳодиҳии хуб ва бад низ саҳми воситаҳои тасвири бадеӣ назаррас аст. Ба воситаи чунин унсурҳои маъносоз дар мундариҷаи маънои

воҳидҳои фразеологӣ метавонанд маъноҳои баҳодиҳии хуб ва бад инъикос ёбанд. Санъатҳои бадеии гуногун ба сифати унсурҳои муҳимми тавлиддиҳандаи маънои баҳодиҳӣ дар сохтори фразеологизмҳо мақоми намоён доранд. Масалан, дар воҳидҳои фразеологии зерин воситаҳои тасвири бадеии муайян маъноҳои баҳодиҳии хуб ва бадро ба вуҷуд овардаанд: **аз ҷое по кандан** ба маънои баҳодиҳии бади «рафтуомадро ба маконе қатъ кардан» (ба тавассути истиора), **ба дили касе алов афтодан** ба маънои баҳодиҳии бади «ба ҳаяҷон омадан, беқарор шудан» (муболиға), **аз даҳонат шакар борад** ба маънои баҳодиҳии хуби «нидои хушнудӣ, қаноатмандӣ» (муболиға), **аз шубҳа баромадан** ба маънои баҳодиҳии хуби «шубҳа накардан, гумони бад накардан» (истиора), **дуои обдор** ба маънои баҳодиҳии хуби «таманнои нек» (тавсиф):

Бе он ки сабабашро ба мо маълум кунад, вай якбора **аз мактаб пояшро канд** (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 192). Муродхон дар аввал, намедонам аз чӣ сабаб, ба зангирӣ он қадар моил набошад ҳам, дар охир аз сухани янгаам **ба дилаш алов афтода**, розигӣ дод (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 193). Доим **аз даҳонат шакар борад**, писари барноям! (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 40). Бозор аз сухани охирини бой, ки хеле мулоимона ва меҳрубонона буд, ҳариб **аз шубҳа баромад** (Айнӣ С., Дохунда, 48]. – «Нафаси хушк аз най садо намебарорад» гуфтаанд, **дуои обдор** мекунам, – гуфт хӯҷаин (Айнӣ С., Дохунда, 30).

Ба ин тариқ, маънои фразеологӣ, ки воҳиди фразеологӣ ифода мекунад, табиати мураккаб дошта, аксар дар заминаи инъикоси образноки мафҳум ба таври гуногун ифода меёбад. Он дар алоқамандӣ бо маънои таҳтуллафзии фразеологизм метавонад равшану муҷаз ва ё баръакс хира ифода шавад. Ифодаи комили маънои маҷозӣ дар ҷузъҳои таркибии фразеологизм боиси он мешаванд, ки маънои фразеологӣ бо унсурҳои маъноии худ хубтару возеҳ ифода ёбад. Мундариҷаи маънои фразеологиро маъноҳои мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ ташкил медиҳанд, ки метавонанд дар алоҳидагӣ ё дар якҷоягӣ зоҳир шаванд. Дар ифодаи чунин навъи маъноҳои мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ мавқеи воситаҳои тасвири бадеӣ назаррас мебошад.

1.4. Маънои мафҳумӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ

Маънои мафҳумӣ дар низоми маънои забони тоҷикӣ мавқеи асосӣ дорад. Он дар мундариҷаи маънои калима ва воҳидҳои фразеологӣ мақоми меҳварӣ дошта, дигар маъноҳо бевосита ба он алоқаманданд, онро аз ягон ҷиҳат пурра мекунанд. Маънои мафҳумиро дар ташаккули маъноҳои дигари мундариҷаи маънои воҳидҳои фразеологӣ метавон ҳамчун маънои бунёдӣ унвон кард. Сарчашмаи ифодаи ҳама гуна тобишҳои маъноӣ дар ифодаҳои рехта маънои мафҳумӣ мебошад. Маҳз зоҳиршавии образноки мафҳуми алоҳида дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ унсурҳои маънои дигарро ба вуҷуд меорад.

Маънои мафҳумиро метавон ба сифати маъное маънидод намуд, ки дар заминаи ифодаи мафҳум дар воҳидҳои гуногуни забон зоҳир мешавад. Яъне асоси ифодаи маънои мафҳумиро дар воҳидҳои забон инъикоси паҳлуҳои мухталифи мафҳумҳои ҷудогона (инсон, ашё, ҳодисаҳо, амалҳо ва ғ.) ташкил медиҳад. Ба қавли забоншинос Қ. Тоҳирова: «мафҳум категорияи фикр аст, ки ба аломатҳои асосии предмет, ҳодисаҳо умумият медиҳад, яъне мафҳум дар калима ба воситаи маънои он зоҳир мешавад. Мафҳум предметро ба доираи маълуми ҳодисаҳо ҷойгир мекунад, масалан, мо мегӯем: асп ҳайвон аст, бед дарахт аст. Бо вуҷуди ин мо гуфта наметавонем, ки маънии калимаи бед дарахт аст. На ҳамаи калимаҳои забон дар худ мафҳуми ташаккулёфтаи мантиқӣ доранд, вале ҳамаи онҳо бе истисно дорои ягон маънӣ мебошанд» [Тоҳирова Қ., 1967, с. 19].

Умумият додан ба аломатҳои барҷастаи ашёҳо дар шуури мо дар шакли мафҳумҳои алоҳида инъикос мегардад. Аз ин ҷиҳат мафҳумҳои олами воқеӣ, пеш аз ҳама, бо калимаҳои овозии ифодакунандаи ашёву ҳодисаҳо алоқаманданд, ки ба ин ё он маъно далолат мекунанд. Робитаи миёни мафҳум ва калимаро ҳанӯз пешиниёни донишманди мо дарк намуда, андешаҳои ҷолиб изҳор намуда буданд. Чунончи, Абуалӣ ибни Сино дар рисолаи «Мантиқ» ба мавзуи калима, ном ва мафҳум таваҷҷуҳ намуда, зикр менамояд, ки исму калима ба маънӣ далолат мекунанд ва дар ифодаи мафҳум ягонаанд. Миёни онҳо

умумияту фарқиятҳои муайян вуҷуд доранд, ки, асосан, ба паҳлуи маъноӣ ва тобишҳои замониашон алоқаманданд. Ба қавли ӯ: «Ва исму калима ҳардуро маънии тамом бувад, чунонки агар касе пурсад, ки «Зайд чӣ кард?» - Гӯӣ: «Бирафт», - ҷавоб тамом бувад. Лекин фарқ миёни исму калима он аст, ки исм далел бувад бар маънӣ ва далел набувад бар каии он маънӣ, чунонки гӯӣ «мардум» ё «дӯстӣ». Ва аммо калима далел бувад бар маънӣ ва каии он маънӣ, чунонки гӯӣ: «Бизад», ки далел бувад бар «задан»» [Абуалӣ ибни Сино, 1981, с. 34].

Дар забоншиносии муосир бошад, маъноро ба аломат – қиёфаи овозии воҳиди забонӣ нисбат медиҳанд, ки миёни онҳо имконияти ифодаи бештари мафҳумро калима дар ихтиёр дорад. Маъноҳои аломатҳои овозӣ, – менависад муҳаққиқи рус Никитин М.В., – мафҳумҳоро дар назар доранд, ҳамон мафҳумҳоеро, ки ба аломат алоқаманданд. Маъноҳои забонӣ дар худ мундариҷаи фарққунандаро аз мафҳум ифода намекунанд, онҳо сатҳи махсуси мафҳумии шуурро ба вуҷуд намеоранд. Фарқияти онҳо аз мафҳум аз мутобиқати мафҳум ба аломатҳо сарчашма мегирад. Аз ин рӯ, ҳангоме ки мо дар хусусуси мафҳум сухан меронем, пеш аз ҳама, ба муносибати воҳидҳои тафаккур ба воқеият ва фаъолияти инсонӣ диққат медиҳем [Никитин М.В., 1988, с. 46].

Мафҳум дар қолабҳои гуногуни воҳидҳои забон ашё, воқеаву ҳодиса ё ягон паҳлуи барҷастаи онҳоро инъикос мекунад. Чунин инъикос метавонад дар тафаккури соҳибони забон ба ҳар шакл сурат гирад, вале асоси онро фаҳмиши ягона ва сабти устувори чунин дониш дар шуури онҳо ташкил медиҳад. Масалан, воҳидҳои фразеологии **ҷону ҷигар, шир барин сафед, дандон ба дандон мондан, ангушти ҳайрат газидан** дар фаҳмиши ҳама соҳибони забони тоҷикӣ (новобаста аз шеваву лаҳҷа ва қабатҳои мухталифи иҷтимоӣ) танҳо бо яке аз маъноҳои барҷастаи худ сабт шудаанд: **ҷону ҷигар** «шахси азиз», **шир барин сафед** «ниҳоят сафед, шаффоф», **дандон ба дандон мондан** «аз ҳад зиёд сабру тоқат кардан», **ангушти ҳайрат газидан** «ҳайрон шудан, ба ҳайрат афтодан»:

Даст ба ҷон, **ҷону ҷигари** вай, ба нангу номуси ӯ задаанд душманон (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 58). Нури барфи ду рӯз паси ҳам борида атрофро равшан

кардааст, хама ҷо **шир барин сафед** метобид (Начмиддинов М., Дарё маҷрои нав меҷӯяд, 69). Ҳамзаалиев **дандон ба дандон монда**, ба суханҳои ӯ гӯш медод (Начмиддинов М., Дарё маҷрои нав меҷӯяд, 82). Ва касони худию бегона аз чолокият ба вачд меоянд, аз говҷигарию зӯри бозуят **ангушти ҳайрат мегазанд** (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 306).

Мафҳум, пеш аз ҳама, ҷамъбасти умумии дониши инсон дар хусуси ашёву ҳодисаи алоҳида мебошад, ки ба тавассути воҳидҳои забон ифода меёбад. «Мафҳум ин дониши инсонӣ дар хусуси шайъ, ҳодиса, воқеаҳои ҳаёти обйективӣ ва аломату хосиятҳои онҳо мебошад, – тасдиқ менамояд профессор Ҳ. Маҷидов. Дар мафҳумҳо ҷиҳатҳои умумӣ, хосиятҳои якхелаи шайъҳо, ҳодисаҳо ва воқеаҳо, ки ҳамчун эҳсосот, идрок ва тасаввуроти ҷудогона гирд оварда шудаанд, ҷамъбаст мегарданд. Мафҳумҳо – аломатҳои муҳимми ҳодисаҳои алоҳида, шайъҳои ҳаёти воқеӣ, умуман маълумот дар хусуси он ҳодисаву шайъҳо мебошанд, ки дар шуури одмон нақш бастаанд. Дар мафҳумҳо ҷиҳати хеле муҳимми тафаккури инсонӣ – муҷаррадгардонии шайъҳо, ҳодисаҳои эҳсос ва даркшуда акс шудаанд» [Маҷидов Ҳ., 2007, с. 25].

Ифодаи мафҳумро дар илми забоншиносии муосир бештар ба калима ва фразеологизмҳои забон нисбат медиҳанд [Исаева Н.Ш., 2011, с. 82; Маджидов Х., 2006, с.163; Матвеева Т.В., 2010; Маҷидов Ҳ., 2007, с. 31; Маҷидов Ҳ., 1982, с.22; Никитин М.В., 1988, с. 34; Тоҳирова Қ., 1967, с. 19].

Маълум мегардад, ки ин ду воҳиди забон имкониятҳои бештару хубтари ифодаи мафҳум ва маънои мафҳумиро дар худ дошта, дар ҳар яке аз онҳо ифодаи маънои мафҳумӣ аз рӯйи зоҳиршавӣ фарқ мекунад. Дар калимаҳои забон ифодаи маънои мафҳумӣ як дараҷа муқаррарӣ ва дар шакли содаи ҷамъбастшуда сурат мегирад. Яъне ҷамъбасти тасаввуроти одии соҳибзабон дар хусуси ин ё он ашёву ҳодиса дар калимаҳо маънои мафҳумиро ба вуҷуд меорад. «Маънои мафҳумии калима дар байни ҳамаи маъноҳои дигари он фарқ карда меистад. Дар он ба тариқи ҷамъбастшуда шайъ ё ягон ҳодисаи дигари ҳаёти воқеӣ ифода гардидааст. Пас, ин образи ҷамъбастшудаи шайъ ва ҳодисаҳои дигари ҳаёти воқеӣ дар шуури одамон маънои луғавии мафҳумиро ташкил медиҳад, ки он мафҳуми мантиқиро

ба тариқи умум ифода кардааст. Масалан, ифодаи «хӯрдании аз хамири орд дар танӯр пухташуда» дар калимаи **нон**, «ранги арғувонӣ» дар **сурх,** «ҷамъ овардан» дар **чиндан** ва монанди инҳо ба ҷумлаи маъноҳои мафҳумии калимаҳо медароянд» [Маҷидов Ҳ., 2007, с. 20].

Дар воҳидҳои фразеологӣ бошад, маънои мафҳумӣ дар партави зоҳиршавии саҳеҳтару аниқтари мафҳум сурат мегирад, ки он дар қолаби ибора, таркиб ва ҷумлаҳои рехтаву устувор шакл гирифтааст. Метавон гуфт, ки дар ҳар қолабе, ки набошад, маънои мафҳумии фразеологӣ дараҷаи баландтари зоҳиршавиро соҳиб буда, бештар лаҳзаҳои дигари маъноиро низ дар бар мегирад. Ба таври дигар, дар маънои мафҳумии фразеологӣ ифодаи мафҳум бо риояи дараҷаи баланди образнокӣ, ки дар он нишонаҳои барҷастаи ашё бештар ба тавассути усулҳои гуногуни маҷоз инъикос меёбанд, амалӣ мегардад. Тасдиқи ин фикрро дар муқоисаи маънои фразеологизмҳо бо семантикаи муродифоти луғавиашон мушоҳида кардан мумкин аст, ки ифодаи мафҳум дар ин ду гурӯҳ аз ҳам ба куллӣ фарқ мекунад. Ин фарқиятро дар дараҷаи зоҳиршавии маънои мафҳумӣ дар ин ду навъи воҳиди забонӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Агар дар калима маънои мафҳумӣ як андоза сода, холис ва бе омезиш бо дигар тобишҳо зоҳир шавад, дар воҳидҳои фразеологӣ ифодаи он бештар бо унсурҳои дигари маъноӣ сурат гирифта, пуробуранг ифода меёбад. Барои муқоиса: **пӯсту устухон** – хароб, **мисли парандаи парканда** – имдодталабона, **лавҳи хотир** – хаёлот, андеша, **яхи хомӯширо шикастан** – сухан кардан, **ҳисоби касе гум** – касе бесаранҷом:

Ин **тани пӯсту устухонро** чӣ хел ба дами сармо гирифта мебарӣ? (Акобир Ҷ., Кӯҳистонӣ, 45). Ӯ хиҷолатзада, **мисли парандаи парканда**, маҷруҳ, беҳолу бемадор, бо сари хам аз паси ҷиянаш Шоҳпур аз дарвозаи масҷид баромад (Мирзо К., Ишқи сархӯр, 106). Суханони Мурод, ки аввал пардаи гӯшро ба ларзиш оварда, ба торҳои асабаш нохун мезад, аз **лавҳи хотираш** мегузашт ва ӯро ба андеша водор мекард (Зоҳир А., Завол, 283). Лаҳзае пас Ҷумъа **яхи хомӯширо шикаст** (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 273). Диду осоишро аз даст дод, **ҳисобаш гум шуд** (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 12).

Агар дар калимаҳои забон маънои мафҳумӣ дар шакли таассуроти одии ҷамъбастшуда дар шуури соҳибзабон зоҳир шавад, дар воҳидҳои фразеологӣ ифодаи он бештар дар заминаи образнокӣ сурат мегирад. Муқаррар шудааст, ки дилхоҳ воҳиди фразеологӣ мафҳумро дар намуди образнок ва бо истифода аз воситаҳои образнокиро тавлиддиҳанда аз ҳолати муқаррарӣ хубтару бештар тасвир менамояд. Маҳз ҳамин воситаи инъикоси мафҳум дар фразеологизмҳои забон маънои мафҳумиро ба вуҷуд меорад, ки он дар олудагӣ бо тобишҳои образнок зоҳир мешавад. Ин навъи маъно дар мундариҷаи маъноии ифодаҳои рехта маънои мафҳумию образнок номида шудааст [Маджидов Х., 2006, с. 121]. Дар ин гуна фразеологизмҳо маъноҳои мафҳумӣ дар олудагӣ бо тобишҳои образнок ифода меёбанд. Масалан, дар воҳидҳои рехтаи зайл: **аз сухан боздоштан** бо маънои умумии «дағалона ба сухангӯии касе монеа шудан», ки ҳиссаи маъноии «сухангӯии касеро манъ кардан» дар мундариҷаи он маънои мафҳумӣ буда, ифодаи эҳсосоти «дағалӣ, беэътиноӣ, беҳурматӣ» тобиши образноки он аст; **ба роҳ андохтан** бо маънои умумии «тарбият кардан, ба танзим даровардан», ки ҳиссаи маъноии «тарбият кардан» маънои мафҳумии он буда, ифодаи эҳсосоти «эҳтиром, лутфу марҳамат, муаддабият»тобиши образноки онро ташкил додааст; **бузи кӯҳӣ барин** бо маънои ягонаи «ниҳоят зуду чолокона», ки қисми маъноии «ба зудӣ, фаврӣ» маънои мафҳумӣ буда, ифодаи «ҳаракату хироми зебо» ҷилои образноки он аст; **дил кафондан** бо маънои умумии «ғаму андӯҳи худро ба касе арз намуда, худро сабук кардан», ки агар дар он ҷузъи маъноии «ҳасрат кардан, арз кардан» маънои мафҳумӣ бошад, ифодаи эҳсоси «худро сабук, фориғ кардан» маънои образноки онро ташкил додааст:

Падарам боз чизе пурсиданӣ шуда буд, ки Шариф ӯро **аз сухан боздошта**, бо рӯи хира ва забони тунд гуфт … (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 95). Падарам ё амакам қаҳр карда, вайро калтак зада **ба роҳ андохтанӣ** шаванд, қаҳр карда ҷуфтак мезад (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 50). Мӯйсафед **бузи кӯҳӣ барин** аз болояш хез зад (Самадов А., Паррончакҳо, 153). Инҳо байни худ ҷанҷол доштаанду омада-омада дар хонаи ӯ **дилҳояшонро кафонданд**? (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 330).

Тавре зикр намудем, маънои мафҳумӣ дар мундаричаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ метавонад дар омехтагӣ бо дигар унсурҳои маъноӣ низ ташаккул ёбад. Чунин тарзи ифода ба он нисбат аст, ки мафҳуми ифодашаванда бар замми инъикоси ҳодисоте, ки барои шунаванда фаҳмо аст, боз бо дигар лаҳзаҳо оро дода мешавад. Маҳз ҳамин омехтагиҳои нозуки маъноӣ мафҳумро дар сатҳи образноку барҷаста ва пуробуранг тасвир мекунанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки, асосан, унсурҳои образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ ҳамчун лаҳзаҳои иловагӣ маънои мафҳумиро такмил дода, онро қувват мебахшанд.

Унсурҳои образнокӣ дар зоҳиршавии маънои мафҳумии фразеологизмҳо нақши ҳалкунанда доранд. Метавон хулоса намуд, ки маҳз образнокӣ дар ифодаи маъноҳои мухталифи фразеологӣ мақоми муҳим дорад. Ба тавассути образнокӣ дар фразеологизмҳо ашёву ҳодиса ё ягон паҳлуи он ба тариқи барҷаста ва хубтару бештар тасвир мегардад. Чунин зоҳиршавӣ дар қолаби воҳидҳои фразеологии гуногунсохт сурат мегирад, ки имконияти бештари мафҳумифодакуниро дар нисбати калимаҳои забон доранд. Дар забоншиносии муосири тоҷик дар баробари маънои мафҳумӣ ҳамчунин маъноҳои мафҳумию образнок ва сирф образнокро ҳамчун унсурҳои маънои фразеологӣ муқаррар намудаанд. «... ба доираи навъҳои маъноҳои мустаъмали фразеологӣ ҳамчун унсурҳои таркибии он инҳо дохил мешаванд: маънои сирф консептуалӣ, консептуалӣ-образнок ва образнок-умумиятдодашуда. Ягонагии ҳамаи ин маъноҳо ва қонуниятҳои мавҷудияти онҳо системаи маъноии фразеологиро ташкил медиҳанд» [Маджидов Х., 2006, с. 126].

Дар қисмате аз воҳидҳои фразеологии забонамон маънои мафҳумӣ дар якҷоягӣ бо лаҳзаҳои образнок ифода шудааст. Дар онҳо маънои мафҳумӣ ҳамчун маънои асосӣ бо тобишҳои гуногуни образнокӣ зоҳир мешавад. «Системаи фразеологии дилхоҳ забон дар сатҳи ифодаи мафҳумҳо бештар бо ёрии образнокӣ шакли умумӣ мегирад. Дар онҳо маънои фразеологӣ бо тобишҳои мафҳумию образнок, эҳсосотию баҳодиҳӣ ва ифоданокӣ менталитет ва унсурҳои фарҳанги миллиро ифода мекунад» [Исаева Н.Ш., 2011, с. 83). Чунончи, дар мундаричаи маъноии фразеологизмҳои зайл унсурҳои мафҳумӣ бо олоишҳои

образнокӣ маънои мафҳумию образнокро ба вуҷуд овардаанд: **чашми рӯз кафид** ба маънои «якбора фаро расидани рӯзи равшан», **оҳи сард кашидан** «бо оҳи худ изҳор намудани дарду алам», **мисли саги газанда** «беҳад боқаҳр, девонавор», **нутқи оташин** «суханронии муассир», **нарезондаю начаконада** «ҳарф ба ҳарф, бе каму кост»:

Саҳар пеш аз **кафидани чашми рӯз** ба кор мерафт ва баъди нишастани офтоб ба хона бармегашт (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 88). Пас аз даҳ дақиқа сари худро бардошта як **оҳи сард кашид** ва бой нигоҳ карда… (Айнӣ С., Дохунда, 42). – Эҳа, одами ганда **мисли саги газанда** аст… (Самад А., Гардиши девбод, 158). Ба вай лозим меомад, ки **нутқи оташине** карда, дили чӯпонҳоро ба риққат оварад (Нақмиддинов М., Дарё маҷрои нав меҷӯяд, 173). … ҳамин ки дар бораи асар ва шахсияти ягон муаллими ҳаммаҳаллашон аз касе эрод шунаванд, дарҳол **нарезондаю начаконда** ба ҳамон муаллим мерасонанд (Самадов А., Паррончакҳо, 55).

Дар таснифоти маънои воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ муайян намудани ифодаи маънои мафҳумӣ бо лаҳзаҳои эҳсосотӣ ҷолиби диққат аст. Ифодаи эҳсосот дар фразеологизмҳо тавсиф намудани ашёи инъикосшуда ва намоиш додани муносибати эҳсосотӣ ба он мебошад. Бояд дар назар дошт, ки дар бештари воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ дар баробари маънои мафҳумӣ боз лаҳзаҳои муайяни олами эҳсосотии гӯянда низ ифода меёбанд. Зоҳиршавии қабатҳои эҳсосотӣ дар воҳидҳои фразеологӣ метавонад дар якҷоягӣ бо унсурҳои мафҳумӣ ва образнок сурат гирад. Дар ҳама лаҳзаҳои ифодаи маънои мафҳумиву образнок метавон дар сатҳҳои гуногун унсурҳои эҳсосотиро низ мушоҳида кард. Албатта, лаҳзаҳои эҳсосотӣ дар ин ҳолат тобишҳои асосӣ ба ҳисоб намераванд, онҳо паҳлуҳои мафҳумию образнокиро таҳвият дода, ба онҳо тобишҳои иловагӣ зам мекунанд. Ҳамин аст, ки ин навъи маъноро дар забоншиносии муосир маънои мафҳумиву эҳсосотӣ унвон карда, ифодаи онро ба фразеологимзҳо хос медонанд. Ифодаи эҳсосоти манфӣ ва мусбат дар воҳидҳои фразеологӣ бар замми маънои мафҳумӣ иловатан тобишҳои эҳсосотиро ба вуҷуд меорад. Масалан, дар фразеологимзҳои зайл, ки унсури асосии маънои онҳо

маънои мафҳумӣ буда, ифодаи навъҳои эҳсосоти манфӣ ба он маънои эҳсосотиро зам намудааст: **хари касе аз об гузашт** «мушкилии каси кӯтоҳандеше паси сар шуд», **ҳамчун шери захмин** «бо ҷаҳли мураккаб, ғазаболуд», **зунуки касе ях баст** «дами касе чунон гирифт, ки дигар садо намебарорад», **рӯзи касеро нишон додан** «касеро ба азоби алим гирифтор кардан»:

Ҳа, якгӯш, камнамоӣ, ё **харат аз об гузашт**? (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор (марзи номус), 222). Нурия, ки ҳамеша фармонравоии шавҳарашро таҳаммул мекард, нохост **ҳамчун шери** модаи **захмин** аз ҷой боло шуда, ба риши дарозаш чанг андохт (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор (марзи номус), 100). Агар нуқӣ гӯяд, метавонам ӯро ба муддати тулонӣ ба колонияи режимаш сахт роҳӣ кунам ва ана он ҷо баъд **зунукаш ях мебандад** (Ҳамдам А., Оби зери ях, 108). Расида наравам, хоним **рӯзамро нишон медиҳад**, - гуфт Ан (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб. Ҷ.2. Шӯроб, 410).

Айнан ҳамин ҳолатро дар ифодаи тобишҳои эҳсосоти мусбат дучор шудан мумкин аст. Унсурҳои эҳсосоти мусбати инсон ҳам ба ҳайси омилҳои ташаккулдиҳандаи маънои эҳсосотӣ дар воҳидҳои фразеологӣ иштирок мекунанд. Муқаррар намудани мавҷудияти ин тобишҳо дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии мафҳумию эҳсосотӣ ба дараҷаи зоҳиршавии онҳо вобаста аст. Ҳамин аст, ки онҳо гоҳо дар алоҳидагӣ ба тариқи равшан ва баъзан бо унсурҳои дигар хеле хираву норавшан зоҳир мешаванд. Дар ин гуна воҳидҳои фразеологӣ маънои мафҳумӣ бо иловаи унсурҳои эҳсосотӣ боз ҳам равшантару барҷаста ифода шудааст. Масалан, дар воҳидҳои фразеологии мисолҳои зайл, ки тобишҳои эҳсосотии тавсиф, дӯстдорӣ, қаноатмандӣ ва мақбулият маънои эҳсосотиро ба вуҷуд овардаанд: **монанди ҳури афсонавӣ** «ниҳоят зебо», **ба пӯст нағунҷидан** «аз ҳад зиёд хурсанд, қаноатманд шудан», **ҷонро зери қадами касе пояндоз кардан** «қурбони касе шудан», **аз забони касе шаҳду шакар боридан** «касе зебо ва тамаллуққорона сухан меронад», **қанд барин ширин** «ниҳоят лазиз, бомазза» ҳамин равандро мушоҳида кардан мумкин аст:

Ба назари Рачабалӣ чунин намуд, ки вай, Холида, ҳамин замон бол бароварда, **монанди ҳури афсонавӣ** ба осмон мепарад (Акобир Ҷ., Кӯҳистонӣ,

49). – Ҳозир **ба пӯсти худ намеғунҷидӣ**, ки комбайн девкор аст (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб. Ҷ.2. Шӯроб, 311). … ба андеша биафтад, ки чӣ тадбире созаду буду шуди худро сарфи меҳмони азиз намояд, **ҷони худро зери қадами ӯ пояндоз созад** (Муҳаммадиев Ф., Палатаи кунҷакӣ, 227). Даҳонаш пури ханда, **аз забонаш шаҳду шакар меборад** (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 303). Таҳсангӣ, обаш напарида. **Қанд барин ширин** (Акобир Ҷ., Кӯҳистонӣ, 80).

Маънои мафҳумӣ метавонад бо тобишҳои баҳодиҳӣ низ ифода шавад. Чунин ҳолат дар раванди зоҳиршавии маънои мафҳумӣ бештар ба унсурҳои эҳсосотӣ алоқамандӣ дорад. Ҳангоме ки ба тавассути ин ё он ифодаи рехта эҳсосоти алоҳидаи инсон ифода меёбад, дар баробари ин ба ашёву ҳодиса ё ягон ҷиҳати назарраси он ҳамзамон муносибати баҳодиҳӣ низ анҷом меёбад. Чунин муносибат, ки бештар дар шакли хуб ё бад сурат мегирад, бар иловаи маънои мафҳумӣ боз тобишҳои баҳодиҳиро низ ба вуҷуд меорад. Дар ташаккули воҳидҳои фразеологие, ки бо маънои мафҳумиву баҳодиҳӣ баромад мекунанд, бештар хусусиятҳои алоҳидаи мафҳум, ки дар меҳвари муносибати баҳодиҳии гӯянда қарор мегиранд, баҳогузорӣ карда мешаванд. Дар ин гуна фразеологизмҳо маънои мафҳумиву баҳодиҳӣ берун аз матн низ побарҷост ва онҳо хеле кам ба тағйироти маъноӣ дучор мешаванд. Яъне маънои мафҳумиву баҳодиҳӣ дар ин навъ воҳидҳои фразеологӣ натиҷаи абстраксияи баланди маънои фразеологӣ буда, яке аз унсурҳои ҳатмии зоҳиршавии онро ташкил медиҳад. Барои муқоиса, масалан, дар ифодаҳои рехтаи **чун себи навпухта** ба маънои «луқмаи тару тоза, дилкаш» (ифодаи маънои мафҳумӣ бо баҳодиҳии мусбат), **хуни шабушкро макидан** киноя аз «мумсики гузаро будан» (ифодаи маънои мафҳумӣ бо баҳодиҳии манфӣ), **нахӯдаки пеши кошуқ** «маҳмадоно, донотарош» (ифодаи маънои мафҳумӣ бо баҳодиҳии манфӣ), **як себи ду тақсим** «ниҳоят монанд, мушобеҳ» (ифодаи маънои мафҳумӣ бо баҳодиҳии мусбат), **думро хода кардан** «аз тарс шармандавор гурехтан» (ифодаи маънои мафҳумӣ бо баҳодиҳии манфӣ):

Ина бинед, ки ин духтар читу маъқулаш афтод, лекин ӯ чун ғизоли ба дом афтода аз ӯ гурезон аст, худакаш бошад, ба домани ин олуфта – гурбаи ошолуд **чун себи навпухта** луппӣ афтодааст (Ҳамдам А., Оби зери ях, 48). Ту, фиси

шайтон, **хуни шабушкатро мемакӣ**, боз пӯсташро чоруқ мекунӣ (Акобиров Ҷ., Пазмонӣ, 249). **Нахӯдаки пеши қошуқ шудан** ба ту намезебад! (Улуғзода С., Восеъ, 202). Гуфтору рафтори Гавҳару Сифат нусхаи ҳамдигар, **як себи ду тақсим** аст (Самад А., Гардиши девбод, 97). Ана ҳамин хел ҳолаш зор мисли саги пошикаста… **дума хода мекунад** (Самад А., Гардиши девбод, 233).

Ҳангоми таҷзияи мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ наметавон ифодаи маънои мафҳумиро ба сифати маънои асосӣ дар гурӯҳҳои сохтории фразеологизмҳо сарфи назар кард. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки зоҳиршавии маънои мафҳумӣ дар гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологӣ якранг нест. Масалан, ифодаи равшани он дар ибораҳои фразеологии феълӣ ва изофӣ бештар буда, ин ҳолат ба образнокии мафҳум дар қолаби чунин ибораҳо пайвастагӣ дорад. Дар ин ду навъи ибораҳои рехта маънои мафҳумӣ ҳам дар шакли хоса ва ҳам бо тобишҳои дигари маъной ифода шуда метавонад. Дар ибораҳои феълии фразеологӣ маънои мафҳумии хоса ба ин ё он амал ё ҷараёнҳо, ки метавонанд ба тавассути феълҳои одии луғавӣ низ ифода шаванд, ишора мекунад. Вале бояд зикр намуд, ки онҳо аз феълҳои луғавӣ бо як қатор хосиятҳои зоҳиршавии маънои яклухти худ фарқ мекунанд. Агар дар феълҳои одии луғавӣ мафҳум ба тариқи равшану нишонрас ва бе олудагӣ бо ягон лаҳзаҳои дигар ифода шавад, дар ибораҳои фразеологии феълӣ зоҳиршавии он ба василаи образнокӣ ва фразеологизатсияи ҳама ё қисме аз ҷузъҳои таркибии чунин ибораҳо сурат мегирад. Инро ҳангоми муқоисаи ибораҳои фразеологии феълии дуҷузъа ва бисёрҷузъа бо ҳамвазнҳои луғавиашон мушоҳида намудан мукин аст: **дил бастан** «ба касе муҳаббат доштан», **мисли хурӯси ҷангара паридан** «дар қаҳр, боғазаб», **ба дили касе алов рехтан** «касеро дар ташвиш мондан, беқарор кардан», **домани касеро бо чормағзи пуч пур кардан** «касеро бо фиреб умедвор кардан»:

Вале Рустам дар тамоми умраш ба шаҳр **дил баста** натавонист (Мирзо К., Марги бегунох, 207). Сӯҳроб муштҳояшро пеши даҳону биниаш дошта давида, дар рӯ ба рӯи Насим ҳозир шуд ва **мисли хурӯси ҷангара** боло-боло **парида**… (Самадов А., Паррончакҳо, 109). Гап байни худамон монад, мабодо касе ягон

сухани нештардор бигӯяд, дарҳол **ба дилам алов мерезад**… (Самадов А., Паррончакҳо, 62). Мирзобой ҳамон бегоҳ бо ваъдаи зиёд **домони** холаи Қаҳқаҳаро **бо чормағзи пуч пур кард** (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 96).

Дар воҳидҳои фразеологии исмӣ, ки бештар дар қолаби ибораҳои изофӣ рехта мешаванд, ифодаи маънои мафҳумӣ, асосан, ба ҷамъи маъноҳои ҷузъҳои таркибӣ вобаста аст. Ифодаи маънои мафҳумӣ дар воҳидҳои фразеологии исмӣ ба монанди дигар гурӯҳҳои сохториву маъноии воҳидҳои фразеологӣ мебошад. Маънои фразеологии ягона дар ин ҳолат ба маҷмуи маъноҳои ҷузъҳои таркибӣ баробар аст. Дар назари аввал чунин менамояд, ки ин навъи фразеологизмҳо аз ибораҳои одӣ тафовуте надоранд, вале мавҷудияти нишонаҳои асосии фарқкунандаи фразеологӣ дар онҳо сабаб мегардад, ки онҳо дар шакли воҳидҳои фразеологии баробарҳуқуқ муаррифӣ гарданд ва маънои онҳоро метавон ҳамчун маънои мафҳумии фразеологӣ ҷудо намуд.

Дар ибораҳои фразеологиии исмии дуҷузъае, ки яке аз калимаҳои дохили онҳо ба маънои луғавии худ истифода шудааст, маънои мафҳумӣ дар заминаи сифатчинӣ нисбатан хира зоҳир шуда, бори маънои маҷозиро ҷузъи дуюм мекашад. Зоҳиршавии маънои аслии луғавӣ ва маҷозӣ дар ҷузъҳои якуму дуюми фраземаҳои тавсифӣ боиси он мегардад, ки маънои мафҳумӣ ба таври норавшан маънои ягонаи ифодаро ба вуҷуд меорад. Чунончи, **сухани обдор** «сухани таъсирбахш», **хаёли чуқур** «фикри зиёд», **ҳақиқати талх** «воқеияти ногувор», **мушти обдор** «зарбаи сахт»:

Назаров бошад, ба ҳар даъвои нодурусти ӯ бо **суханҳои обдор** ҷавоб гардонда, ҳар як суханро ба ҳадаф равона мекард… (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб. Ҷ.2. Шӯроб., 309). … гуфтаҳои дирӯзаи Холи ворухӣ аз ҳоли табоҳи ангиштканони Америка низ ба ёдаш омада, ба **хаёли чуқуре** рафт (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб. Ҷ.2. Шӯроб, 396). Вай ҳақиқат буд, **ҳақиқати талх** (Ҳамдам А., Оби зери ях, 33). Марзия аз Марҷон, мӯйсафед ҳамоно аз Нозӣ ба пушт **мушти обдоре** хӯрда, эродашро дар худ фурӯ бурд (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор (марзи номус), 72).

Гурӯҳи дигари воҳидҳои фразеологии исмиро ибораҳое ташкил медиҳанд, ки дар онҳо ҳама ҷузъҳои таркибӣ маҷозонида шудаанд. Бояд ёдовар шуд, ки ин гуна ибораҳои исмии маҷозимаъноро дар илми забоншиносии муосир бо номи **перифраза** ном мебаранд. Дар ин гуна ибораҳои рехтаи исмӣ маънои мафҳумӣ дар партави маъноҳои маҷозии калимаҳои дохилӣ маънои ягонаи фразеологиро бо тобишҳои образнок ифода мекунад. Ҳар қадар ки дараҷаи маҷозонидан дар ин гуна фразеологизмҳо баланд бошад, ҳамон қадар маънои мафҳумӣ бо тобишҳои дигари маъноӣ пурра мегардад. Масалан, дар ибораҳои фразеологии исмии зерин зоҳиршавии маънои мафҳумӣ бо унсурҳои образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ амалӣ шудааст: **гурги борондида** ишора ба «шахси таҷрибадор, рӯзгордида», **хати сиёҳ** «мактубе, ки дар он хабари фавт зикр мегардад», **номаи камол** «шаҳодатномаи хатми мактаби миёна», **гули сари сабад** «шахси азиз, муҳтарам» ва монанди инҳо:

Иноқ, ки **гурги борондида** ва асабҳояш осуда буд, аз ин сухани Замонбек чандон хафа нашуд (Икромӣ Ҷ., Духтари оташ, 480). **Хати сиёҳ** гирифтагон маросими мотам ба ҷой меоварданд (Кӯҳзод У., Роҳи паси ағба, 285). Вале Соҳиба хонд, имрӯз-пагоҳ **номаи камол** мегирад (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 7). Вай **гули сари сабад**, ба гуфтае, ки «эркатулфори муҳаррир» (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 172).

Дар таркибҳои фразеологӣ, ки дар шаклҳои гуногун вомехӯранд, маънои мафҳумӣ унсури асосии маънои фразеологӣ ба ҳисоб меравад. Ба хусус, дар таркибҳои фразеологии ҷуфт, ки дар қолаби таркибҳои одии наҳвӣ созмон меёбанд, маънои мафҳумӣ ба тариқи равшан зоҳир мешавад. «Дар семантикаи фразеологии таркибҳои фразеологии ҷуфт, – менависад профессор Ҳ. Маҷидов, – унсурҳои мафҳумӣ нисбатан равшан ва барҷаста ҷудо мешаванд. Дар онҳо низ ҳамон маъноҳои мафҳумӣ ифода мешаванд, ки дар калимаҳо ба чашм мерасанд, вале бо лаҳзаҳои муайяни иловагии образнок, баҳодиҳӣ ва ифоданокӣ. Дар натиҷа онҳо, ки аз калимаҳо ба куллӣ фарқ мекунанд, пеш аз ҳама, ба монанди дигар навъҳои сохториву семантикии воҳидҳои фразеологӣ маъноҳои мафҳумӣ ва мафҳумиву образнокро ифода мекунанд» [Маджидов Х., 2006, с. 314-315).

Муқаррар шудааст, ки дар таркибҳои ҷуфти фразеологӣ маънои мафҳумӣ аз маҷмуи маъноҳои ҷузъҳои таркибӣ ба вуҷуд меояд. Ин хосияти таркибҳои ҷуфти фразеологӣ бештар дар ҳолате зоҳир мешавад, ки маънои мафҳумӣ дар худ ягонагии бевоситаи маъноҳои калимаҳои таркибии онро ба вуҷуд меорад. Ба ин гуна мисолҳо метавон таркибҳои рехтаи **гапу калоча** «овоза», **сабру тоқат** «таҳаммул», **хушку холӣ** «бепоя, беасос» ва ба инҳо монандро дохил намуд:

Сир пинҳон намонд ва **гапу калоча** оташи кинаву кудуратро бештар домон зад (Самад А., Гардиши девбод, 175). **Сабру тоқати** пирамард чун кафтарҳои навбол парида рафтанд (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 16). Соколов, ба вазъияти ногувор афтад ҳам, ба ҷои суханҳои тумтароқ ваъдаи **хушку холӣ** мегуфт… (Ниёзӣ Ф., Сарбозони бесилоҳ, 173).

Дар ҷумлаҳои фразеологӣ бошад, зоҳиршавии маънои мафҳумӣ дар пояи муҷаррадгардонии ашёву ҳодиса ё ягон паҳлуи барҷастаи он сурат мегирад. Ин навъи сохтории воҳидҳои фразеологӣ, ки таркиби нисбатан муфассал доранд, дар ифодаи маънои мафҳумӣ мавқеи хосса доранд. Масалан, дар ҷумлаҳои фразеологии сохторашон кушода маънои мафҳумӣ нисбатан равшан ифода мегардад. «Бояд ба эътибор гирифт, ки ҷумлаҳои фразеологии дутаркибаи кушодаи (незамкнутые) ифодакунандаи маънои мафҳумӣ на он қадар зиёданд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ҳатто чунин ҷумлаҳои фразеологӣ, ки унсурҳои мафҳумӣ дар онҳо ба тариқи равшан зоҳир мешаванд, то як дараҷа бо унсурҳои идиоматикӣ пӯшонида шудаанд, ҳол он ки онҳо аллакай унсури идиоматикии аз образнокӣ ва маҷозият маҳрумшуда мебошад [Маджидов Х., 2006, с. 173). Ба назари мо, сохтори наҳвии ҷумлаҳои фразеологӣ (хоҳ баста ё кушода) барои ифодаи маънои мафҳумӣ имконияти мусоидеро фароҳам меорад. Маҳз ба тариқи фикри ҷамъбастшуда ифода кардани ин ё он мафҳум дар ҷумлаҳои фразеологӣ зоҳиршавии бештари маънои мафҳумии хоссаро қувват мебахшад. Аз қабили, **ҳуш аз сари касе парид** «сахт ҳайрон шудани касе», **рӯйи касе турш** «изҳори норозигӣ кардан», **дуди дили касе баромад** «фориғ, сабук шудани касе», **димоғи касе сӯхт** «хафа шудан, ранҷидани касе», **дар хобаш сиёҳӣ пахш кард** «ба тарс, таҳлука афтодан»:

Ҳатто Орифро **ҳуш аз сараш парид**, ки мӯйсафед ин хел рақсиданро аз куҷо ёд гирифта бошад? (Ниёзӣ Ф., Сарбозони бесилоҳ, 220). Агар падарам ӯро ба паҳлӯяш нишонда гуфтугӯ карданӣ шавад, зан **рӯяшро туршу** кареҳ месохт ва ягон баҳона ёфта, ба ғур-ғур кардан медаромад (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 151). Ана акнун **дуди дилам баромад**, устухонҳоям сабук, ҷо ба ҷо шуданд (Самад А., Гардиши девбод, 276). – **Димоғи Абдухолиқ сӯхт**, – луқма партофт Абдулло ва мошинро ба роҳ даровард (Самадов А., Паррончакҳо, 36). Гоҳо монанди касе, ки **дар хобаш сиёҳӣ пахш карда бошад**, суханони пойдарҳаво гуфта фарёд мекард (С. Айнӣ, Дохунда, 121).

Дар ифодаи маънои мафҳумии воҳидҳои фразеологӣ нақши воситаҳои тасвири бадеӣ махсус арзёбӣ мегардад. Дар ин замина онҳо ҳамчун унсурҳои бавуҷудоварандаи ҳама гуна маъноҳо, аз ҷумла маънои мафҳумӣ, эътироф гардида, ҳар яке дар доираи вазифаҳои худ ин навъи маъноро тавлид медиҳад. Дар ҳама навъҳои фразеологизмҳое, ки дар онҳо унсурҳои ташбеҳ, муболиға, истиора, тавсиф ва киноя мушоҳида мешаванд, маънои мафҳумӣ на дар шакли холис, балки бештар бо тобишҳои образнок зоҳир мешавад. Ҳолати мазкур ба он вобастагӣ дорад, ки мавҷудияти чунин воситаҳо дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ аз образнокии баланди мафҳуми ифодашаванда дарак медиҳад. Агар дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ унсури муқоиса заминаи асосии ифодаи маънои мафҳумиву образнок бошад, дар фразеологизмҳои муболиғавӣ лаҳзаҳои каму зиёд нишон додани ашёву ҳодиса ё ягон хосияти онҳо аз талаботи асосии ифодаи ин навъи маъно маҳсуб меёбад. Яъне дар ин гуна ифодаҳои рехта воситаҳои муқоиса ва ифодаи камию зиёдии ашё ё аломати он аз унсурҳои асосии ташаккулдиҳандаи маънои мафҳумӣ бо дигар тобишҳои маъноӣ мебошанд. Барои муқоиса, масалан, воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ ва муболиғавии **мисли кана часпидан** «ба ҳам сахт пайвастан», **мусичаи ба дом афтодагӣ барин** «имдодталабона, ночор», **ба тухми касе қирон овардан** «касеро нобуд кардан», **бурути касеро табар намебурад** «ниҳоят ҳавобаланд, мағрур будани касе»:

Аз рӯзе худамро мешиносам, ин хислат **мисли кана** ба ман **часпида**, мудом озорам медиҳад, лекин онро тарк карда наметавонам (Самадов А., Паррончакҳо,

62). Дили Шуҳрат **мусичаи ба дом афтодагӣ барин** метапид (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 124). Гӯё ҷадидон аждаҳо бошанд, ки дар ҳар куҷо мерасанд, **ба тухми инсон қирон меоранд** (Зоҳир А., Завол, 78). Фаттоҳ «як рӯзи меҳнат дар колхозам 36 сум» гуфта **буруташро табар намебурад**… (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 132).

Дар воҳидҳои фразеологии истиоравӣ низ зоҳиршавии маънои мафҳумӣ дар заминаи хосиятҳои асосии воситаи мазкур амалӣ мегардад. «Истиора дар миёни санъатҳои адабӣ дурахш ва ҷилваи хосе дорад. Аҳаммияти истиора ба хотири он аст, ки санъати ташбеҳ ба сохтори он робита дорад. Истиора аз ташбеҳ бартар аст, зеро дар истиора фосилаҳои миёни маънии ҳақиқӣ ва маънии маҷозӣ аз байн меравад ва ҳаммонандиву шабоҳат миёни ду чиз ба ҳамсонӣ ва ягонагӣ мерасад» [Шоимардонов И., 2019, с. 97].

Истиораи забонӣ, ки вазифааш тасвири хубтару беҳтари як ашё бар ивази шайъи дигар мебошад, дар инъикоси маънои мафҳумии воҳидҳои фразеологӣ нақши асосӣ дорад. Он ҳамчун унсури тавлиддиҳандаи маънои мафҳумию образнок хизмат намуда, мавҷудияти он дар сохтори фразеологизмҳо ифодаи маънои мафҳумиро бо дигар лаҳзаҳои маъноӣ таъмин менамояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ин навъи воҳидҳои фразеологӣ бештар дар қолаби ибораҳои фразеологии феълӣ тарҳрезӣ шудаанд. Чунончи, **ҷон ба ҷаббор супурдан** ба маънои мафҳумию образноки «олами равшанро тарк кардан», **сурху сафед шудан** «ҷанҷолу хархашаи бемаврид кардан», **дили касеро об кардан** «касеро мафтун карда моили худ сохтан», **лому мим нагуфтан** «бе чуну чаро хомӯш истодан»:

Ғамхорӣ накарда, мемондӣ, ки қотили падарат дар пеши чашмонат саг барин азоб кашида, **ҷон ба ҷаббор месупурд** (Акобиров Ҷ., Пазмонӣ, 144). Муниса баъди он ки бо Даврон **сурху сафед шуд**, ду-се сол қаҳринамо буд (Фирӯз Б., Тору пуд, 73). Гунаҳкорона илтимоскунии ӯ **дили Мастура-холаро об кард** (Ҳошимов Ӯ., Нур ва соя, 46). Ҳар кас амлокдорҳо, закотчиҳо, амину оқсақолҳо қатӣ моҷаро накарда, **лому мим нагуфта**, хироҷу закоти ба худаш андохтаро пурра адо кунад (Улуғзода С., Восеъ, 230).

Дар воҳидҳои фразеологии тавсифӣ ва киноявӣ ифодаи маънои мафҳумӣ ба тавассути образнокии мафҳум дар асоси сифатчинӣ ва тасвири мақсади акс сурат мегирад. Агар дар тавсифҳои фразеологии қолаби ибораҳои изофӣ маънои мафҳумӣ аз ҷамъи маъноҳои маҷозию луғавии ҷузъҳои таркибӣ сар занад, дар фразеологизмҳои киноявӣ фразеологизатсияи тамоми ифода унсури асосии зоҳиршавии маънои мафҳумӣ ба ҳисоб меравад. Ба таври дигар, вазифаи киноя, ки инъикоси ашёву ҳодиса ё ягон паҳлуи он бо мақсади тасвири дигар ҷанба мебошад, дар воҳидҳои фразеологӣ маҳз ба василаи маҷозонидани тамоми унсурҳои таркибӣ амалӣ мегардад. «Мурод аз киноя он аст, ки мутакаллим бихоҳад матлаберо баён кунад, аммо аз он на бо номе, ки дар луғат барояш вуҷуд дорад, балки бо мафҳуме лозими он таъбир намояд ва (ба василаи ин маънои тоза) ба он ишора кунад ва онро ба далеле бар исботи муддао бадал гардонад» [Очилова М.И., 2018, с. 258]. Ҳамин аст, ки ифодаҳои рехтаи киноявӣ танҳо дар навъи идиомаҳои фразеологӣ вомехӯранд. Масалан, дар воҳидҳои фразеологии тавсифӣ ва киноявии зерин ҳамин нишондодҳоро метавон мушоҳида намуд: **хабари коғазпеч** «иттилои тару тоза», **гули хӯрок** «хӯрданиву нӯшиданиҳои сараву беҳтарин», **бо усули доираи касе рақс кардан** киноя аз «мувофиқи табъу хоҳиши касе амал намудан», **дар гӯши касе хондан** «касеро ба иҷрои амале такрори ба такрор ташвиқ намудан»:

Барои духтарон ӯ низ **хабари коғазпеч** дошт (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор (марзи номус), 180). Ҳарчанд ки **гули хӯрокро** ба ӯ медоданд, ҳеҷ гӯшт намегирифт, қад намеёзонд (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 72). Дигар илоҷ нест, **бо усули доираи онҳо** бояд муддате **рақс кунам** (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 355). ... нияти бад карда будӣ, **дар гӯшам** ҳамин гапро **хондӣ**, талқин кардӣ, ман акнун худамро аз ин ҷар мепартоям, ту не, ман! (Мирзо К., Ишқи сархӯр, 14).

Хулоса, маънои мафҳумӣ дар силсилаи маъноии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ ҳамчун сармаънои он ба ҳисоб меравад. Он метавонад дар заминаи тасвири мафҳумҳои алоҳида дар қолаби воҳидҳои фразеологӣ дар шакли холис ё бо омезишҳои дигар тобишҳои маъноӣ зоҳир шавад. Зоҳиршавии маънои мафҳумӣ бо унсурҳои образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ мундариҷаи асосии

маънои фразеологиро ташкил медиҳад. Ифодаи маънои мафҳумӣ дар навъҳои сохтории фразеологизмҳо гуногун буда, вобаста ба маънои таҳтуллафзии онҳо сурат мегирад. Агар дар ибораву таркибҳои рехта имкониятҳо барои ифодаи маънои мафҳумӣ нисбатан маҳдуд бошанд, ҷумлаҳои фразеологӣ аз рӯйи ин талабот имконияти бештар доранд. Ҳамчунин дар зоҳиршавии маънои мафҳумии фразеологӣ нақши воситаҳои тасвири бадеӣ калон аст. Онҳо низ дар заминаи вазифаҳои маънoофарии худ маънои мафҳумиро бештар бо дигар лаҳзаҳои маъноӣ омезиш медиҳанд.

1.5. Маънои образнок дар мундаричаи воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ

Маънои образнок дар низоми маъноии забони тоҷикӣ мақоми хосса дошта, бо як қатор хосиятҳои зоҳиршавӣ аз дигар навъи маъноҳо фарқ мекунад. Ин маъноро метавон дар калима, воҳидҳои фразеологӣ ва ибораҳои синтаксисии забон мушоҳида намуд, ки бо роҳҳои гуногун зоҳир мешавад. Маънои образнок дар заминаи зоҳиршавии равшан ва як андоза баландтару хубтари ин ё он образи воқеӣ, одатан, дар воҳидҳои фразеологӣ бештар сурат мегирад. Образ ифодаи маънои махсуси забонӣ мебошад, ки бештар дар шакли эҳсосот ва баҳодиҳиҳои гуногун инъикос мешавад. Образро метавон тарзи хубтару беҳтари ифодаи маъно номид ва он мавзуи баҳси илмҳои гуногун аст.

Ба таври дигар, маънои образнок ҳамон маъноест, ки образ ифода мекунад. Масалан, маъноҳои мафҳумии «ором шудан, ба худ омадан», «ҳама чизу чора, дорӣ» ва «мустақилияти руҳонии худро аз даст додан, корҳои беақлона кардан», ки бо ёрии воҳидҳои фразеологии **нафас рост кардан, буду нобуд** ва **худро гум кардан** ифода ёфтаанд, маҳз аз ифодаи образи бадеӣ дар ин гуна ифодаҳои рехта шаҳодат медиҳад. Агар маънои образноки фразеологизми **нафас рост кардан** дар заминаи маҷозияти (=истиораи) тарҳи он ифодаи рехта ба маънои «ором шудан» оҳанги салобат, муаддабӣ зам карда бошад, тобиши образноки таркиби фразеологии **буду нобуд** бо ин усул маънои образноки «ҳама гуна чизу чора, дорӣ»-ро ба вуҷуд овардааст. Маънои образноки фразеологизми феълии **худро гум кардан** бошад, тасвири возеҳи «ботил шудани вазъи руҳии кас, заиф гаштани ҳолати руҳонӣ ё зеҳнӣ» бо усули киноя мебошад. Чунончи:

Ман расида рафтам ва **нафасамро** базӯр **рост карда**, ба тавре ки тавонистам, арзи ҳол намудам (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 131). Инак, бо ҳамин саволу ҷавоб ҳамаи **буду нобуди** Бозор аз дасташ рафта, дасту пояш аз замину осмон канда шуда, ба ғуломии бой афтод… (Айнӣ С., Дохунда, 70). – Бозор чанд вақт боз **худашро гум кардааст**, - гуфт дигаре (Айнӣ С., Дохунда, 64).

Дар илми забоншиносии муосир вобаста ба мавзуи образ ва образнокӣ, маънои образнок ва ифодаи он дар калимаву воҳидҳои фразеологӣ қайдҳои арзишмандро дарёфт кардан мумкин аст. Ҷолиби диққат аст, ки дар бештари таълифоти илмии ба ин мавзуъ бахшидашуда образ ва ҳодисаи образнокӣ ҳамчун падидаи алоҳидаи ифодаи беҳтару равшани мафҳум ва дигар падидаҳои олами воқеӣ маънидод шудаанд. Аксарияти муҳаққиқон ин назарияро ҷонибдорӣ менамоянд ва онро бештар ба воҳидҳои рехтаи забон нисбат медиҳанд. Ба андешаи мо, низ мавҷудияти маънои образнок дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ аз инъикоси равшани мафҳум дар онҳо дарак медиҳад. Унсури маънои образнокро дар воҳидҳои фразеологӣ метавон дараҷаи баланди зоҳиршавии мафҳум унвон кард. Муҳаққиқи рус Мезенин С.М. истилоҳи мазкурро ба мафҳум алоқаманд дониста, таъкид медорад, ки дар ҳама гуна илмҳое, ки истилоҳи образ мавриди таҳқиқ қарор мегирад, он аз паҳлуҳои гуногун ҳамчун «ашёи дар шакли инъикосшуда» таъриф дода мешавад. Аз он ки мафҳуми образ ҳам ба инъикоси эҳсосот ва ҳам ба мафҳум тааллуқ дорад, аз ин рӯ, ду навъи образ: эҳсосотӣ ва консептуалиро ҷудо мекунанд [Мезенин С.М., 1983, с. 48].

Мавсуф аз шумори воҳидҳои забон образнокиро бештар ба калима ва воҳиди фразеологӣ мансуб дониста, зикр менамояд, ки онҳо имконияти бештари ифодаи образро дар худ доранд. «Дар ин самт калима ва ифодаҳои устувор, ки ашёро воқеӣ инъикос карда метавонанд, образнок мешаванд. Масалан, калимаи **харгӯш** ба сари худ образнок нест, вале он метавонад дар мавридҳои алоҳида образнок шавад. Чунончи, ҳангоми одами тарсончакро **харгӯш** гуфтан мо аллакай бо аломати забоние сарукор дорем, ки мафҳумро дар шакли образнок ифода кардааст. Дар ин ҳолат мо дар шакли образнок муҳокимаамонро ифода мекунем (ин одам тарсончак аст, яъне ин одам монанди харгӯш аст)» [Мезенин С.М., 1983, с. 50-51].

Образнокӣ раванди огоҳонаи истифодаи мафҳум мебошад, ки дар заминаи мувофиқати унсурҳои муайяни образсоз сурат мегирад. Агар чунин мувофиқат миёни унсурҳо норавшан бошад ё бо сабаби муайян канда шавад, образнокӣ аз

байн меравад. Чунин умумият ва мутобиқати воситаҳои образнокиро бавуҷудоваранда, асосан, заминаи муқоиса дорад. Дилхоҳ ҷараёни образнокӣ дар сохтори мантиқии худ аз се қисмат иборат мебошад: 1. Гӯянда – шахсе, ки дар доираи ҷаҳонбинӣ ва имкониятҳои забонии худ ба ин ё он мафҳум тобиши образнокӣ мебахшад. 2. Ашё ё ҳодисаи алоҳида дар шакли инъикосшуда, ки хосияти муайяни фарққунанда дошта, барои ифодаи образнокӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. 3. Асос, яъне хусусиятҳои умумии ашё ва инъикоси он. Воситаи образноки забонӣ, ки ин се ҷузъи зикршударо фаро мегиранд, асосан, ташбеҳ ё муқоиса мебошад [Мезенин С.М., 1983, с. 54]. Чунин ифодаҳо дар асоси муқоисаи образноки ашёву ҳодисаҳои муайяни дорои нишонаҳои фарққунанда дар забон навъи махсуси фразеологизмҳо – воҳидҳои фразеологии ташбеҳиро ба вуҷуд меоранд. «Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ чун ҳамаи навъҳои дигари сохтории воҳидҳои фразеологӣ ифодагари маъноҳои мафҳумию образнок буда, вазифаи номинативию баҳодиҳиро адо мекунанд» [Дӯстов Ҳ., 2014, с. 71]. Масалан, дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳии **монанди заргӯши ҳаросон** «тарсон, дар ҳоли гурез», **ба монанди аспи бузӣ** «гапдаро, итоаткор», **раққосаки соат барин** «бомаром, якзайл», **рӯдаи гов барин дароз** «беохир» вобаста ба унсурҳои асосии ташбеҳсоз – ташбеҳшаванда, ташбеҳкунанда ва сабаби ташбеҳ образнокии онҳо таъмин гардидааст:

Монанди заргӯши ҳаросони аз таги бутта ҷаҳида, байни гандумзор чунон гурехт, ки … (Самад А., Гардиши девбод, 166). Дар ин мавридҳо мошин ҳам бояд **ба монанди аспи бузӣ** бошад, ба соҳибаш гӯш диҳад… (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 365). Мардумаки чашмаш **раққосаки соат барин** пайваста дар ҷунбиш (Муҳаммадиев Ф., Палатаи кунҷакӣ, 184). – Гапро **рӯдаи гов барин дароз** накун, писар, – абрӯвонашро дарҳам кашида гуфт муаллими тоссар (Самадов А., Паррончакҳо, 14).

Агар дар мундариҷаи маъноии калимаҳои забон маънои образнок мавқеи нисбатан хира ва ноустуворро (мувофиқи талаботи матн ва нутқи гӯянда) соҳиб бошад, чунин ҳолат дар воҳидҳои фразеологӣ фарқ мекунад. Дар муқоиса бо калимаҳо ҳодисаи образнокӣ ва зоҳиршавии маънои образнок дар мундариҷаи

воҳидҳои фразеологӣ ба тариқи махсус сурат мегирад. Ба назари мо, агар дар қиёфаи овозии калима нишон додани образ дар доираи имкониятҳои маҳдуди тасвири мафҳум сурат гирад, чунин ҳолат ба василаи воҳидҳои фразеологӣ як андоза равшантару возеҳтар ифода меёбад. Ба таври дигар, дар фразеологизмҳои забон нисбат ба калимаҳо заминаҳои бештари ифодаи маънои образнок мавҷуданд. Инро метавон ба он нисбат дод, ки фразеологизмҳо аз ду ва зиёда унсурҳои луғавӣ ва грамматикӣ дар қолаби воҳидҳои наҳвӣ созмон меёбанд ва маҳз ҳамин тафсили сохтории онҳо имкон медиҳад, ки мафҳум инъикоси хубтару равшани худро ёбад. Яъне талаботи асосии ифодаи возеҳи маънои образнок дар воҳидҳои фразеологӣ сохтори тафсилёфтаи онҳо мебошад. Барои муқоиса метавон навъҳои гуногуни сохтории ифодаҳои рехтаро бо ҳамвазнҳои луғавиашон мисол овард, ки тасвири мафҳум дар онҳо ба куллӣ фарқ мекунад: **дар як чашм задан** «фавран, хеле зуд», **мисли обу равған** «омехтанашаванда», **нигоҳи яхбаста** «бетаъсир, хунук», **дили касеро ғорат кардан** «ба муҳаббати касе хиёнат кардан»:

Асо ҳам дар ду хез худро ба назди дарвоза расонида, **дар як чашм задан** ба даруни роҳрави торик даромад (Икромӣ Ҷ., Духтари оташ, 198). Онҳо чуноне ки пайи ҳам чашм ба олам кушода буданд, ҳамон зайл яке думболи дигаре бахти хешро меёфту мерафт, лек падару модар **мисли обу равған** ҳеҷ бо ҳам намеомехтанд (Самад А., Гардиши девбод, 296). **Нигоҳи яхбаста** ва беифодаи Сурхак ба шифт андармон, ба ҳар нафасгирӣ хир-хири ҷонхарошаш шунаво, ҳатто омадани ӯро эҳсос накард (Самад А., Гардиши девбод, 299). Ту гуноҳи маро ҳеҷ бахшида наметавонӣ, чунки ман **дили туро ғорат кардам**, муҳаббати туро барбод додам (Нақмиддинов М., Дарё мачрои нав меҷӯяд, 6).

Муҳаққиқи дигари рус Жуков В.П. таъкид мекунад, ки мавҷудияти образнокӣ ва маънои образнокро дар воҳидҳои фразеологӣ метавон ба воситаи муқоисаи он бо ифодаи ноустувор, ки бо ҳам таркиби луғавии якхела доранд, пайхас намуд. Агар ба фразеологизм иборае муқобил гузошта шавад, ки камтар ё зиёдтар тағйир ёфта, аз рӯйи таркиби луғавии худ ба фразеологизм монанд

бошад, пас, ин гуна воҳиди фразеологӣ дар худ образнокии бештарро соҳиб аст [Жуков В.П., 1967, с. 104].

Дар ҷараёни муошират, дар раванди нутқ маънои ибтидоӣ, ки пайвандгари он бо маънои мафҳумӣ аст, ба фишори рехташавии мунтазами воҳиди фразеологӣ тоб намеорад. Бо мурури замон образе, ки ба тавассути ҳамон маъно дар заминаи фразеологизм хобида буд, хира шуда, баъдан тамоман аз байн меравад, ки дар ин ҳолат навъи махсуси фразеологизм – воҳидҳои идиоматикӣ ба вуҷуд меоянд. Дар ҳолати гум шудани образнокӣ миёни қиёфаи овозии зоҳирӣ ва маънои он танҳо алоқа боқӣ монда, дар ин замина тағйирёбии маънои калимаҳои таркибӣ ва табдил ёфтани онҳо ба ҷузъҳои ҳатмии дохили воҳиди фразеологӣ бештар мегардад.

Бояд таъкид намуд, ки барои ба вуҷуд омадани маънои образноки фразеологӣ зарур аст, ки тамоми воҳиди фразеологӣ, ки дорои образнокӣ аст, ба ин ё он шайъи олами воқеӣ нигаронида шуда бошад. Алоқаи миёни мафҳуми образнокшуда ва воҳиди фразеологиро, ки дар заминаи воситаҳои мухталифи забонӣ маънои образнокро касб намудааст, метавон муносибати устувори дуҷониба номид. Дар ин маврид мафҳуми образнок ва фразеологизм ба ҳайси ду ҷониби пуле баромад мекунанд, ки дар ҳолати канда шудани алоқаи миёни онҳо маънои образнок аз байн меравад. Дар баробари ин, танҳо образ, ки дар заминаи фразеологизм хобидааст, шайъи ифодашавандаро мефаҳмонад, яъне дар ин ҳолат он вазифаи ишоратиро ба худ касб мекунад. Ба таври дигар, образи дар заминаи воҳиди фразеологӣ хобида ҳамчун унсури муҳим дар тасвири моҳияти асосии мафҳум иштирок мекунад. Он метавонад шайъро ба тариқи барҷаста ва равшан ё гоҳо хираву норавшан инъикос намояд. Ҳолати дуюм хеле кам воқеъ гардида, асосан, дар воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ образ ашёву ҳодисаи алоҳидаро ба таври возеҳу зуддаркшаванда тасвир мекунад. Вазифаи образ дар тасвири мафҳум маҳз дар ҳамин аст, ки он бояд ашёву ҳодиса ё ягон нишонаи барҷастаи онҳоро ба тариқи аз ҳолати муқаррарӣ хубтар тасвир намояд. Ин ҳолатро дар воҳидҳои фразеологӣ метавон бо тасвири зайл ифода намуд:

Тасвири №3



Масалан, дар фразеологизмҳои зер, ки маънои образнок яке аз унсурҳои асосии мундариҷаи маъноии онҳоро ташкил додааст, образ тавассути воситаҳои тасвири бадеии ташбеҳ, истиора, киноя ва муболиға, ки ҳамчун воситаҳои тавлиддиҳандаи он хизмат мекунанд, дар тасвири барҷастаи мафҳум нақши асосӣ дорад: **шир барин сафед** «ниҳоят тоза, шаффоф, сап-сафед» (дар заминаи ташбеҳ), **димоғи касе сӯхт** «касе сахт хафа шуд, ранҷид» (муболиға), **ҷогаҳи гармро хунук кардан** «ба хотири чизе ҷойи хубро аз даст додан» (киноя), **таноби касеро кашидан** «касеро огаҳ карда мондан, тарбия кардан» (истиора):

– Садқаи дастони **шир барин сафедатон** шавам, – гуфтам дасти сап-сафедашро ба дастам гирифта (Наҷмиддинов М., Дарё маҷрои нав меҷӯяд, 56). **Димоғи** Латофат аз ин беэътиноӣ ниҳоят **сӯхт** (Самад А., Гардиши девбод, 21). Алғараз гумроҳ аст он касе, ки **ҷогаҳи гарми худро хунук карда,** аҳли аёлро монда, ба Шӯроби гуноҳобод меравад, ки пули калон ёбад (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 109). … ин қадар марди баобрӯ ва аъзои ҳукумати республика **таноби як ҷавонзанро кашида** ва ба итоати худ оварда натавониста, ба ташкилотҳои болоӣ арз кардааст (Наҷмиддинов М., Дарё маҷрои нав меҷӯяд, 72).

Ҳамин тариқ, вобаста ба фарқият ва мавҷуд набудани образ дар воҳиди фразеологӣ метавон дар хусуси дараҷаи мустақилияти маъноии ҷузъҳои он хулоса баровард. Агар образи дохилӣ дар партави ибораи тағйирёфтаи ҳамин гуна таркиби луғавӣ дошта ба таври як андоза камтар ё бештар равшан фаҳмида шавад, ягон ҷузъи таркибии фразеологизми мазкур мустақилияти маъноии худро нигоҳ намедорад. Баръакс, агар образи дохилӣ дар ин ё он воҳиди фразеологӣ ба назар нарасад, маънои умумии ифода аз маъноҳои ҷузъҳои таркибӣ сар мезанад ва фразеологизм дар ин маврид аз ҷиҳати услубӣ мустақил мегардад. Масалан, дар таркиби фразеологизми навъи **якпаҳлу хобидан** маънои ягонаи фразеологизм аз ҷамъи маъноҳои ҷузъҳои таркибӣ бармеояд. Дар таркиби

фразеологизми навъи **забон ёфтан** бошад, ҳар яке аз ҷузъҳои таркибии ифода маънои луғавии худро аз даст дода, воҳиди фразеологӣ ҳамчун идиома маънои ягонаи «ҳамфикр кардан, ҳамақида кардани касе бо худ»-ро ифода намудааст.

Мусаллам аст, ки унсурҳои мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ миёни ҳам алоқа дошта, дар гурӯҳе аз фразеологизмҳо онҳо якҷоя шакл мегиранд. Дар ҳамин замина образнокӣ дар ифодаҳои рехта бо унсурҳои эҳсосотӣ зич алоқаманд аст. Метавон гуфт, ки дар заминаи дилхоҳ тасвири образ ба андозаи бештар ё камтар лаҳзаҳои муайяни эҳсосотӣ мушоҳида мешаванд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ унсури эҳсосотӣ бо маънои образнок бештар дар якҷоягӣ зоҳир мешаванд. Чунин ҳолат боз ҳам маънои фразеологиро қувват бахшида, ифодаи онро аз ҷиҳати тобишҳои образнокиву эҳсосотӣ равшан менамояд. Муҳаққиқи рус Шаховский И.В. образнокиро яке аз унсурҳои муҳимми ифодаи эҳсосот дар воҳидҳои фразеологӣ медонад. Ба қавли ӯ, дар ин маврид на он образнокие дар назар дошта мешавад, ки дар асоси ном ҳамчун ҷузъи ҳатмии он – образ (ки метавонад тоза шуда, маънои ибтидоии калимаро хира гардонад) хобидааст, балки дар сурати тасаввуроти зиндаву равшане ба назар мерасад. Унсури ифоданокӣ метавонад образнок ва ё маҳрум аз образнокӣ бошад, вале дар ҳар ду ҳолат он ҳамчун унсури деннотативии маъно боқӣ мемонад [Шаховский И.В., 1983, с. 31]. Мавҷудияти тобишҳои образнок ва эҳсосотиро дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ аз нишонаҳои муҳимми маънои фразеологӣ ҳисобидан мумкин аст. Онро метавон бо ифодаи маънои образноку эҳсосотӣ маънидод кард. Чунончи, дар фразеологизмҳои зайл ҳам тобишҳои образнок ва ҳам эҳсосотии гуногунро мушоҳида намудан мумкин аст: **курта-курта гӯшт гирифтан** ба маънои «аз ҳад зиёд хурсанд шудан», **думро хода кардан** «аз тарс шармандавор гурехтан», **чун саги девона** «бехудона, бехабарона», **гапи бӯйгин** «сухани ноҳинҷор»:

Хол ҳам пешакӣ **курта-курта гӯшт мегирифт**, ки кафши тайёрро мехарад (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб. Ҷ.2. Шӯроб, 39). – Як бойбобоямон **думашро хода карда** гурехту ҷуфти гов, боғу роғашро ҳисса карда, ба чоряккорону қарориҳояш

доданд [Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб. Ҷ.2. Шӯроб, 69). – Ба даромадгоҳ ворид шуда будем, ки вай **чун саги девона** ба мо часпид (Ҳамдам А., Оби зери ях, 85). – Ин хел **гапҳои бӯйгин**, рафиқон, хо-о-об, хуб нест, – андаке сурх шуда, чашмонашро нимпӯш карда гуфт Олим Баҳромӣ (Самадов А., Паррончакҳо, 172).

Ҳамин тавр, вобаста ба мавҷудияти образнокӣ ва маънои образнок дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ метавон истилоҳи «образи фразеологӣ»-ро қабул намуд, ки он аллакай дар забоншиносии муосир мустаъмал аст. Образи фразеологиро метавон дар шакли тасвири хубтари ашёву ҳодисаҳои олами воқеӣ маънидод намуд, ки ба тасаввуроти соҳибзабон алоқаманд аст. Тасаввурот ва ифодаи хубтари онро ба тариқи воҳидҳои забон метавон ҳамчун унсури муҳимми образ ва образнокӣ шарҳ дод. Забоншиноси рус Финоленко Т.М. зикр менамояд, ки образи фразеологӣ тасаввуроти равшану возеҳе мебошад, ки бештар ба дарки унсурҳои воқеият аз тарафи соҳибзабон алоқамандӣ дорад, яъне тасвире, ки ин ё он вазъиятро ифода карда, дар асоси он маънои фразеологӣ ҳамчун маҳсули маҷозият (метафорӣ ва метонимӣ) ба вуҷуд меояд [Финоленко Т.М., 2004, с. 10]. Ӯ образи фразеологиро ҳамчун воситаи ифоданокии инъикоси унсурҳои воқеият дар шуури инсон маънидод намуда, қайд менамояд, ки дар тасвири забонии воқеият мавқеи асосиро образҳои луғавӣ ва фразеологӣ касб мекунанд. Образи фразеологӣ натанҳо дар унсурҳои денотативӣ ва сигнификативии маънои фразеологӣ зоҳир мешавад, он ҳатто метавонад ба лаҳзаҳои ифоданокӣ, эҳсосотӣ ва баҳодиҳии воҳиди фразеологӣ низ таъсир расонад. Алоқамандии мураккаб ва мувофиқати категорияҳои образнокӣ, ифоданокӣ, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ на фақат табиати фразеологизмро мекушояд, балки вазифаҳои онро муқаррар месозад. Набояд фаромӯш сохт, ки воҳиди фразеологӣ, пеш аз ҳама, воситаи тасвири олами эҳсосот мебошанд [Финоленко Т.М., 2004, с. 12].

Образи фразеологӣ метавонад дилхоҳ ашёву ҳодиса ё ягон хосияти онро дар шакли мафҳуми инъикосшуда дар қолаби воҳиди фразеологӣ тасвир намояд. Барои амалӣ шудани чунин раванд бояд заминаҳои ташаккулдиҳандаи образнокӣ

мавҷуд бошанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар ин миён ифодаи образноки ҷаҳони ботинӣ ва ҳолати равонии инсон дар воҳидҳои фразеологӣ бештар ба назар мерасад. Назарияе, ки образи фразеологӣ ҳамчун воситаи инъикоси хислату характери инсон падидаи мураккаби семантикӣ буда, дар натиҷаи зоҳиршавии олами ботинии шахс дар фразеологизмҳо низ ба вуҷуд омада метавонад, назарияи кайҳо исботшуда мебошад. Воқеан, дар гурӯҳе аз фразеологизмҳо ба ғайр аз ифодаи лаҳзаҳои эҳсосотиву баҳодиҳӣ боз ба ин ё он махсусияти ботинии шахс низ ишора мешавад. Ин навъ ифодаҳои рехта маънои образнокро дар заминаи инъикоси ягон паҳлуи вазъи руҳии инсон ба вуҷуд меоранд. «Вазифаи асосии воҳидҳои фразеологӣ, ба назари мо, аз инъикоси олами ботинии шахс, ифодаи ақидаи субйективии гӯянда дар бораи худ ва дигарон, инъикоси муносибати эҳсосотиву баҳодиҳӣ ба ҷаҳони воқеӣ, ки дар он муносибати инсонҳо нуқтаи меҳварӣ мебошад, иборат аст [https://cyberleninka.ru.]. Чунончи, дар ибораҳои фразеологии **дасти ростро аз чап фарқ накардан** ба маънои «нодон ва бефаросат будан», **гурги борондида** «шахси худкомаи таҷрибадор», **мисли аробаи куҳнаи шалақ** «ниҳоят барҷомондаву бемадор», **даст дар бинӣ халидан** «шармандавор бе чиз мондан» дар баробари ифодаи унсурҳои образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ ҳамчунин ҳолату вазъи муайяни руҳии инсон тасвир ёфтаанд:

… дар назди мардум дашном доданд, вайро ҷоҳил, **дасти росташро аз чапаш фарқ намекардагӣ** гуфтанд ва кофир ҳукм карданд (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 156). … Асрор **гурги борондида,** аз дасташ ҳар кор меояд (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 345). – Ман, гуфт ӯ, - худама **мисли аробаи кӯҳнаи шалақ** ҳис мекунам, ки усто Зардодхон мурватҳо, чарх ва тиру шортуҳояшро тарангтар кашида, губчакҳояшро равғани тоза молидааст (Муҳаммадиев Ф., Палатаи кунҷакӣ, 105). Аммо дидам, ки ҳам имому суфӣ ва ҳам намозхонҳои нав ҳастанд, илоҷи ҷойнамоздуздӣ нест, ноумед **даст дар бинӣ халида** меравам (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб. Ҷ.2. Шӯроб, 112).

Агар дар забоншиносии рус бештар ба образнокии калима таваҷҷуҳ шуда бошад, дар забоншиносии тоҷик қайдҳои илмӣ дар хусуси маънои образноки

воҳидҳои фразеологӣ вомехӯранд. Забоншиносони ҷудогона, аз қабили С.В. Хушенова [1971], Ҳ. Маҷидов [2006; 2007; 2014], Ҳ. Ҷалилов [1969], П. Холов [1976], Р. Эгамбердиев [1972; 1973] ва дигарон оид ба баъзе паҳлуҳои маънои фразеологӣ қайду мулоҳизаҳои ҷолиб пешниҳод намудаанд. Агар забоншинос С. Хушенова бештар маънои фразеологиро дар доираи ибораҳои изофии фразеологӣ ба риштаи таҳқиқ кашида бошад, Р. Эгамбердиев, асосан, маънои фразеологӣ ва роҳҳои зоҳиршавии онро дар забони тоҷикӣ баррасӣ намудааст. Муҳаққиқон Ҳ. Ҷалилов ва П. Холов бошанд, хусусиятҳои маъноии воҳидҳои фразеологиро дар заминаи категорияҳои семантикии фразеологизмҳои забони адабии тоҷикӣ ва шеваи Самарқанд муқаррар намудаанд. Олимони зикршуда дар мавриди он ки маънои фразеологӣ хоси воҳиди фразеологӣ буда, дар заминаи умумияти маъноҳои ҷузъҳои таркибии он зоҳир мешавад, ҳамақида мебошанд.

Яке аз муҳаққиқони бевоситаи семантика ва, аз ҷумла, маънои воҳидҳои фразеологии забони адабии тоҷикӣ, профессор Ҳ. Маҷидов образро заминаи асосии ифодаи маънои образнок дар воҳидҳои фразеологӣ ҳисобида, қайд менамояд, ки маънои фразеологӣ аз нуқтаи назари дар нутқ зоҳиршавӣ, ба навъҳои: а) сирф консептуалӣ (мафҳумӣ); б) мафҳумию образнок ва в) сирф образнок ҷудо мешавад. Навъи якум чун калимаҳо фақат мафҳумро ифода мекунад. Дар навъи дуюм баробари мафҳум унсурҳои дигари маъноҳо – образнокӣ, эҳсосот, баҳодиҳӣ ва модалӣ буда метавонанд. Дар навъи сеюм бошад, мафҳум ифода намешавад, он танҳо аз унсурҳои образнокӣ, эҳсосотӣ, модалӣ ва баҳодиҳӣ ташкил меёбад [Маджидов Х., 2006, с. 120]. Аз ин нуқтаи назар метавон воҳидҳои фразеологии зеринро ба гурӯҳи фразеологизмҳое дохил намуд, ки дар онҳо унсури образнокии бо ёрии воситаҳои тасвири бадеӣ тавлидшуда нисбат ба дигар тобишҳо бартарӣ дорад: **ҷону ҷигар** «ниҳоят азиз», **ба дил қошуқ тарошидан** «инҷиқона ҳавою ҳавас парваридан», **мисли мурғи нимбисмил** «беҳолона, дар азоб», **гапи бӯйгин** «сухани мақсадноки ранҷонанда»:

– Келин, ту ҷавҳар, **ҷону ҷигари** одам ҳастӣ (Самадов А., Паррончакҳо, 158). Саҳар шуд, Хидиралӣ шаби дароз дар орзуи паронда шудани Мустафо

бедорхобӣ кашид, **ба дил қошуқ метарошид**, ноумед гашт (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 33). Вай **мисли мурғи нимбисмил**, ки тири марг хӯрдасту дигар маҷоли парвоз надорад, поён мерафт ва пеш аз он ки ба замин бархӯрад, «Акбар»-гӯён осмонро ба сар бардошт (Ҳамдам А., Оби зери ях, 89). Охир, ин мулоимхунук мудом пайт ҷуста, чунон **гапҳои бӯйгину** нешдор мегӯяд, ки ҷони кас намебарояду бас (Самадов А., Паррончакҳо, 50).

Маълум мегардад, ки ифодаи образноки дилхоҳ шайъу ҳодисаҳои олами воқеӣ дар воҳидҳои фразеологӣ маънои образнокро ба вуҷуд меорад. Дар фразеологизм образ инъикоси хубтару беҳтари худро меёбад ва образнокии маъно ба воситаи чунин ифода таъмин мешавад. Профессор Ҳ. Маҷидов мафҳумҳои образ ва образнокиро ҳамчун инъикоси унсурҳои ҷудогонаи тафаккури образнок ва маъноҳои ҷудогонаи образноки воҳидҳои забон дониста, таъкид медорад, ки маъноҳои образнок дар калима ва таъбирот дар шакли тобишҳои иловагии эҳсосотӣ ва рангубори маъноҳои мафҳумӣ, ки худ инъикоси бевоситаи ашё ва ҳодисаҳои воқеӣ мебошанд, зоҳир мегарданд [Маҷидов Ҳ., 2014, с. 281]. Яъне дар воҳидҳои фразеологӣ мафҳум ва падидаҳои дигари олами воқеӣ дар шакли образҳо зоҳир шуда, дар натиҷа маънои мафҳумии образнок ба вуҷуд меояд. Тавре аз номи истилоҳ бармеояд, дар ин гуна фразеологизмҳо сараввал маънои мафҳумӣ ва баъдан дигар тобишҳои маъноӣ имконияти зоҳиршавӣ доранд. Масалан, дар фразеологизмҳои **ба дили касе алов афтодан** ба маънои мафҳумии «беҳад ба ҳаяҷон омадан» (бо иловаи ифодаи изтироб), **сари касе ба осмон мерасид** «касе ниҳоят хурсанд шуд» (ифодаи ҳаловат), **бо дили шикаста** «андӯҳгинона, музтарона» (ифодаи маъюсӣ) ва **хоби бачагӣ барин** «ба пуррагӣ, тамоман» (ифодаи мамнуният) маънои мафҳумӣ бо тасаввуроти равшани образнокӣ сурат гирифтааст:

Муродхон дар аввал, намедонам аз чӣ сабаб, ба зангирӣ он қадар моил набошад ҳам, дар охир аз сухани янгаам **ба дилаш алов афтода**, розигӣ дод (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 193). … ман тайёр будам дар мактаби куҳна ҳам бошад хонам ва агар ин муяссар мешуд, **сарам ба осмон мерасид** (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 169). Шамсия аз назди мадраса **бо дили шикаста** мегузарад

(Икромӣ Ҷ., Духтари оташ, 216). Он қадаҳҳо зуд шикастанд, он суҳбатҳоро об бурд, кайҳо бурд: бурд **хоби бачагӣ барин** (Кӯҳзод У., Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим, 134).

Дар гурӯҳе аз воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ образҳои доимии устувор ба назар мерасанд, ки онҳо кайҳо боз дар истеъмол буда, барои соҳибони забон фаҳмоанд. Аниқтараш, онҳо образҳои миллие мебошанд, ки дар худ урфу одат, зиндагӣ ва дигар паҳлуҳои ҳаёти рӯзмарраи моро фаро гирифтаанд. Мавҷудияти чунин образҳо натиҷаи раванди дуру дароз ва мунтазами инъикоси мафҳумҳои ҳаётан муҳимми мардуми тоҷик дар фразеологизмҳо мебошад. «Образи фразеологӣ хусусияти миллӣ дорад. Он дар худ як қатор падидаҳои ба ҳам алоқамандро фаро мегирад: тарзи ҳаёт ва хусусиятҳои хоси мардум, таърих, ҳаёти динӣ ва равонии он, анъанаҳои миллӣ, мавҷудияти этникӣ ва менталитети миллӣ, ки ҳамчун воситаи қабул ва дарки воқеият фаҳмида мешаванд» [https://cyberleninka.ru.]. Маъноҳои образноке, ки дар заминаи чунин образҳо дар ифодаҳои рехта хобидаанд, ба ҷумлаи маъноҳои устувори фразеологӣ дохил мешаванд. «Образҳои доимии устувор, ки ба маънои ибтидоии морфемаҳо, лексемаҳо, воҳидҳои фразеологӣ алоқаманд мебошанд, дар ҳар як забон мавҷуданд. Инҳо маъноҳои устувор, хирашуда ё тобишҳои маъно дар шакли образҳо мебошанд» [Маджидов Х., 2006, с. 112]. Чунончи, образҳои дар сохтори фразеологизмҳои зерин хобида хеле маъмул буда, маъноҳои мафҳумии олуда бо рангуборҳои мухталифро ба вуҷуд овардаанд: **дандон ба дандон мондан** «ба сахтӣ сабру тоқат кардан» (бо иловаи ифодаи матонат), **сухани ширин** «сухани маъқул, шуниданӣ» (ифодаи хушнудӣ), **ду пойро дар як мӯза андохтан** «ниҳоят якравӣ кардан» (ифодаи ҷасорат), **аз олам гузаштан** «ногаҳон вафот кардан» (ифодаи таассуф) ва монанди инҳо:

Сӯхт ӯ, хокистар шуд, вале худро аз даст надод, панҷаҳояш мушт шуданд, **дандон ба дандон монд** (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 390). Вале як бор тасаллои дилаш сари вайро сила намекунад, **сухани ширине** намегӯяд, баръакс, духтарони худашро меҳрубонӣ карда, ба сари Санам оташи қаҳру ғазаб мерезад (Мирзо К., Ишқи сарҳӯр, 65). – **Ду пойро ба як мӯза андохт**, ки тамошояш барам

(Зоҳир А., Завол, 150). Ислом, ҷояш ҷаннат шавад, домани як беваро дошта, гашт-гашту оқибат ба хонаву дар нарасида, **аз олам гузашт** (Кӯҳзод У., Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим, 35).

Тавре зикр гардид, маънои образнок яке аз унсурҳои муҳимми маънои фразеологиро ташкил медиҳад ва он метавонад вобаста ба навъи образнокӣ дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ бо лаҳзаҳои дигари маъноӣ низ ифода ёбад. Муқаррар шудааст, ки бештари маъноҳои образноки воҳидҳои фразеологӣ бо тобишҳои эҳсосотӣ зоҳир мешаванд, ки чунин ҳолат табиӣ буда, ба ифодаи мусбат ва манфии образ дар ифодаи устувор иртибот дорад. «Эҳсосоти мухталифи олами рӯҳии инсон бе ягон дахолати системаи забон ҳам арзи вуҷуд карда метавонад. Амали таассуроти инсонӣ хеле васеъ буда, он дар чорчӯбаи танги системаи забон маҳдуд намемонад, аммо танҳо бо воситаҳои забон ин ё он паҳлуи эҳсосот метавонад ба худ ранги мушаххас бигирад. Дар баъзе мавридҳо он ба андозае рӯ ба боло мегирад, ки лаҳзаҳои мафҳумии воҳиди забонро ба куллӣ фурӯ бурда, ҳамчун маънои ягонаи он ба истеъмол медарояд» [Маҷидов Ҳ., 2014, с. 281].

Ин навъи маъноро метавон, пеш аз ҳама, ба шакли маънои образнок-эҳсосотӣ таҷзия намуд, ки дар он унсури асосӣ тобиши образнокӣ мебошад. «Миёни ин ҳама нишондиҳандаҳо образнокии маъно бештар равшан зоҳир мешавад. Ба маънои образноки инъикоси ашёҳо ва падидаҳои дигари воқеияти обйективӣ хусусиятҳои умумӣ ва сифатҳои ашёҳои гуногунро дар натиҷаи умумият ё наздикии таассурот аз онҳо алоқаманд мекунанд. Ҳамин тариқ, дар маъноҳои фразеологӣ ба ғайр аз маълумотҳои мантиқиву мафҳумӣ ҳамчунин иттилооти иловагии ғайримантиқӣ ҷамъ оварда мешаванд, ки бештар бо эҳсосот, таассурот ва тахайюлот алоқаманд мебошанд» [Маджидов Х., 2006, с. 115]. Тасдиқи ақидаи мазкурро дар ифодаи маъноҳои образноку эҳсосотии воҳидҳои рехтаи зайл дидан мумкин аст: **гаҳвораи касе аз осмон наомадааст** киноя аз «ғайриодӣ, фавқулода набудани касе» (бо иловаи ифодаи таҳдид), **мағзи нон барин** «ниҳоят боэҳтиром» (ифодаи қаноатмандӣ), **ранги саги сӯзанхӯрда**

«беқаророна, ҷонкоҳона» (ифодаи азоб), **дар пӯсти касе коҳ ҷой кардан** «касеро сахт ҷазо додан» (ифодаи таҳдид):

– **Гаҳвораи Ҳақдодат аз осмон наомадааст**, ҳазор ки ман-манӣ кунад, ба пуфаш лахча аланга намегирад (Зоҳир А., Завол, 192). **Мағзи нон барин** дӯсташ медоштам, набинам дилам гум мезад, бехуд мешудаму сӯяш медавидам... (Мирзо К., Ишқи сархӯр, 9). **Ранги саги сӯзанхӯрда** мудом паҳ-пӯҳ месулфад (Акобир Ҷ., Кӯҳистонӣ, 39). Агар ишора кунад, гардани ин мардакро мекананд, **дар пӯсташ коҳ ҷой мекунанд** (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 184).

Дар ҳолате ки маънои образнок дар олудагӣ бо тобишҳои эҳсосотӣ сурат гирад, аён аст, ки дар ин миён унсури баҳодиҳӣ низ мавқеи муайян дорад. Дар ҳолати ифодаи эҳсосоти алоҳида ба тавассути воҳиди фразеологӣ соҳибзабон ҳамзамон муносибати худро низ ба каси (чизи) дигар ошкор мекунад. Яъне дар заминаи маънои образноку эҳсосотӣ боз тобиши баҳодиҳиро низ мушоҳида кардан мумкин аст. Лаҳзаҳои баҳодиҳӣ, ки дар партави маънои образнок хобидаанд, асосан, ба сурати унсури эҳсосотӣ зоҳир мешаванд. Масалан, дар ифодаҳои рехтаи зерин дар баробари инъикоси образи муайян ва ифодаи эҳсосоти алоҳида боз унсурҳои баҳодиҳии манфӣ ё мусбатро низ мушоҳида кардан мумкин аст: **ба гӯши касе хондан** ба маънои «ба касе гаперо, ҳалли масъалаеро маъқул кардан» (баҳодиҳии манфӣ), **ба даст даровардан** «соҳиб шудан чизеро, аз они худ кардан» (баҳодиҳии мусбат), **теғ кашида нигоҳ кардан** «бо қаҳру итоб нигаристан» (баҳодиҳии манфӣ), **гули сари сабад** «азиз, муҳтарам» (баҳодиҳии мусбат):

Дар он чанд рӯзе, ки Муродхон меҳмони мо буд, хоҳараш ва модари солхӯрдааш якзайл **ба гӯши ӯ мехонданд**, ки «Эй Муродхон, то кай муҷаррад мегардӣ?» (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 193). Ман шунидам, ки дар қишлоқ чор-панҷта бойи хунхор аз гушнагии мардум фоида бурда, заминҳои деҳқононро **ба дасти** худ **даровардaнд** (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 125). Бемор дасту по мезад, гоҳ-гоҳ чашми худро кушода ба касони дар он ҷо буда **теғ кашида нигоҳ мекард** ва боз чашми худро мепӯшид (Айнӣ С., Дохунда, 42). **Гули сари сабади** ҳар маҷлиси занона онҳо мешуданд (Икромӣ Ҷ., Духтари оташ, 16).

Муқаррар шудааст, ки образнокии воҳиди фразеологӣ дар миёни унсурҳои дигари маънои он равшантар зоҳир мегардад. Ин ҳолатро бо он шарҳ додан мумкин аст, ки «дар байни маънои мафҳумии воҳиди фразеологӣ ва ашёву ҳодисаҳои ҳаёти воқеӣ, аломату хосиятҳои онҳо ба нисбати ҳамрангии таассурот аз қаробати онҳо иртиботи тарафайн ба вуҷуд меояд. Дар натиҷа ба ин маънои мафҳумии бо дунёи воқеӣ алоқаманд тобишҳои иловагии бо эҳсосот, тасаввурот ва тахайюлот робитадошта низ зам мешаванд. Ба асари чунин духӯрагии маънои фразеологӣ мувофиқати ду тасаввуроти аломати як шайъ бо аломати шайъи дигар ба вуҷуд меояд. Ин унсури образнокро дар маъноҳои фразеологӣ, махсусан, мавриди муқоисаи онҳо бо маъноҳои муродифҳои луғавиашон баръало зоҳир кардан мумкин аст [Маҷидов Ҳ., 2014, с.283].

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар шакли образнок ифода ёфтани мафҳуми алоҳида маънои образноки воҳиди фразеологиро як андоза равшантару возеҳтар мегардонад. Ба таври дигар, маънои образноки фразеологизм рехта шуда, аз маъное, ки муродифи луғавии ифодаи рехта ифода менамояд, фарқ мекунад. Инро дар муқоисаи маънои воҳидҳои фразеологӣ бо муодилҳои луғавиашон, ки маънои муайянро соҳибанд, метавон мушоҳида намуд. «Дар сурати баробар будани маъноҳои мафҳумии ин воҳидҳои асосии забон олоишҳои иловагии образнокро дар воҳидҳои фразеологӣ бештар мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, **дами гарм** ҳамон маъноеро дорад, ки калимаи **хӯрок**, бо вуҷуди он бояд иқрор шуд, ки ибораи фразеологӣ маънои «хӯроки моеи гарм»-ро ифода мекунад. Ё ин ки **барги сабз**ро чун калимаи **туҳфа** ба маънои «ҳадя, раҳовард» истифода мебаранд, вале маънои аниқи ибораи фразеологиро ба тариқи «ҳадяи хоксоронае, ки барои шахси наздик аз роҳи дур оварда шудааст» маънидод кардан мумкин аст [Маҷидов Ҳ., 2014, с. 285]. Айни ҳамин ҳодисаро дар муқоисаи воҳидҳои фразеологӣ ва калимаву ифодаҳои ҳаммаънои зерини онҳо дидан мумкин аст: **дунёи равшанро тарк кардан** – фавтидан, **ғарқи хаёл гаштан** – дуру дароз хаёл кардан, **гапи тоза** – хабари нав, **мисли шутури маст** – бо қудрати фавқулода:

Ҳамин тавр, пас аз як ҳафта духтарчаи Нилуфар **дунёи равшанро тарк**

кард (Муҳаббати Ю., Пайванди шикаста, 170). Ҷонфидои саис ҳамин хел гуфту сонӣ худаш ҳам мисли Бадриддинхӯҷа дуру дароз хомӯш монда, **ғарқи хаёл гашт** (Акобиров Ю., Дунё ба умед, 117). Бадриддинхӯҷаи шоир ин «**гапҳои тоза**»-ро шунида, батамом дар ҳайрат монда буд (Акобиров Ю., Дунё ба умед, 257). Ҳар харсанге, ки аз хона азим… мавҷҳо **мисли шутури маст** девонавор хез мезаданд (Самад А., Гардиши девбод, 25).

Маънои образноки воҳиди фразеологӣ ҳамчунин бо роҳу усулҳои гуногун ифода меёбад, ки яке аз ин гуна тарзҳои сермаҳсули зоҳир шудани маънои образнок усули маҷозият аст. Ифодаи маҷозии воҳидҳои забон падидаи мураккаби забонӣ буда, он дар асоси ба маънои акс соҳиб шудани онҳо ба миён меояд. Чунин ифодаи баръакси маънои луғавӣ метавонад бо роҳи ташбеҳ, истиора, муболиға, киноя, тавсиф ва дигар воситаҳои тасвири бадеӣ, ки дар сохтори аксарияти воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ тарҳрезӣ шудаанд, зоҳир шавад. «Усули дигари зоҳиршавии маъноҳои образнок ин ифодаи маҷозии онҳост, – менигорад профессор Ҳ. Маҷидов. Чунин маънои образнок дар сурати ба маънои акс соҳиб шудани маънои асли ягон воҳиди забон ба вуҷуд меояд. Маҷози забонӣ дар навбати худ анвои мухталиф дорад, ки маъноҳои ташбеҳӣ ва истиоравӣ аз ҷумлаи хелҳои машҳури он аст. Бояд ба эътибор гирифт, ки ин усулҳои тавлиди маънову тобишҳои образнок дар мавридҳои хеле кам мустақиман амал мекунанд. Дар ташаккули системаи маъноии воҳидҳои забон онҳо бисёр вақт амали муштарак доранд [Маҷидов Ҳ., 2014, с. 281]. Ин аст, ки маҳз мавҷудияти воситаҳои зикршуда дар сохтори ифодаҳои рехта маънои образноки онҳоро ба таври равшан ва назаррас ифода менамояд. Чунончи, дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ, муболиғавӣ, киноявӣ, истиоравӣ ва тавсифии зайл маънои образнок хеле барҷаста зоҳир шудааст: **оби равон барин** «ниҳоят бомаром», **ба осмони ҳафтум бардоштан** «аз ҳад зиёд ситоиш кардан», **офтоби сари кӯҳ** киноя аз «солхӯрда, барҷомонда», **ба даҳон об гирифта гаштан** «хомӯширо афзал донистан», **андешаи талх** «хаёлҳои ногувор, ғамангез»:

Бо забони немисӣ **оби равон барин** озод ҳарф мезанад (Самад А., Гардиши девбод, 309). Ба қарибӣ як шиноси журналисташ дар ҳаққи вай китобчае

навишта, **ба осмони ҳафтум бардоштааст**, ки Бободӯстов қаҳрамони ҷанги граждани (Начмиддинов М., Дарё маҷрои нав меҷӯяд, 133). Писар ғамгин гашта буданд, медонистанд, ки падар **офтоби сари кӯҳ** шуда (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 147). Чаро худат хомӯш, дам намезанӣ, **ба даҳонат об гирифта гаштаӣ**? (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 223). Аммо муддате мегузашту **андешаҳои талх** парешон мегаштанд ва ӯ дар самои хаёлоти ширин аз нав ба парвоз медаромад (Муҳаммадиев Ф., Палатаи кунҷакӣ, 112).

Ба ин тариқ, усули маҷозии тавлиди маънои баҳодиҳӣ ба воситаҳои тасвири бадеие, ки дар сохтори аксарияти фразеологизмҳои забони тоҷикӣ ба назар мерасанд, иртиботи зич дорад. Маълум аст, ки воситаҳои тасвири бадеӣ дар воҳидҳои фразеологӣ ба сифати унсурҳои ёрирасони бавуҷудоварандаи навъҳои гуногуни маъно низ баромад мекунанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки санъатҳои ташбеҳ, истиора, тавсиф, муболиға ва киноя дар ташаккули аксарияти фразеологизмҳои забонамон иштирок мекунанд ва ҳамчун унсурҳои маъносоз хизмат мекунанд. «Санъатҳои бадеӣ дар офаридани ҳама гуна воҳидҳои забон ва нутқ нақши муҳим доранд. На танҳо дар калимаҳо ва ибораю ҷумлаҳои синтаксисӣ, ҳамчунин дар қолаби бисёре аз ибораҳои рехта низ санъатҳои бадеӣ тарҳрезӣ шудаанд. Мақоми санъатҳои бадеӣ дар офаридани воҳидҳои фразеологӣ хеле калон аст» [Дӯстов Ҳ., 2014, с. 37].

Маънои образноке, ки дар заминаи воситаҳои тасвири бадеии зикршуда ба вуҷуд меояд, вобаста ба ҳар навъи онҳо бо зинаҳои алоҳидаи зоҳиршавиашон фарқ мекунад. Агар дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ маънои образнок дар пояи муқоисаи ашёҳо ва ё хосиятҳои онҳо сурат гирад, дар фразеологизмҳои муболиғавӣ ифодаи он хеле равшану барҷаста мебошад, зеро ин навъи фразеологизмҳо дар асоси тасвири аз ҳад зиёд ё ками ашёву ҳодисаҳо ва хосиятҳои онҳо шакл мегиранд. Ба таври дигар, образе, ки дар натиҷаи каму зиёд нишон додани хосияти шайъу ҳодисаҳо дар воҳиди фразеологӣ сурат мегирад, унсурҳои муболиғаро ба вуҷуд меорад ва ба тавассути чунин унсурҳо маънои образнок ифода меёбад. Барои муқоисаи зоҳиршавии маънои образнок дар ВФ-и ташбеҳӣ ва муболиғавӣ мисолҳои зайл шоҳид буда метавонанд: **саги газанда**

барин «бадқаҳрона, бехудона», **мисли садбарги таги барг** «озода, назаррабо» (ташбеҳ), **остонаи касеро бо мижгон рӯфтан** «кӯшиши беҳад кардан», **аз об хушк баромадан** «гуноҳ карда бечазо мондан», **майна об кардан** «аз ҳад зиёд андеша кардан» (муболиға):

Саги газанда барин сар то сари шаҳр медавӣ, ҳама ҷойро бӯй мекашӣ, одамони калонро ба ташвиш меандозӣ? (Ҳамдам А., Оби зери ях., 110). – Ту дигарӣ, **мисли садбарги таги баргӣ**, тоза, хушбӯй, нозанин (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор (марзи номус), 54). Тоши хонадомод тайёр буд, **остонаи** хушдоманашро **бо мижгонаш рӯбад** (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор (марзи номус), 184). Ин авбош гуноҳро ба гардани худат бор мекунад ва худаш **аз об хушк мебарояд** (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 85). Ҳарчанд **майна об мекард,** роҳи дурусте намеёфт (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 165).

Дар воҳидҳои фразеологии тавсифӣ бошад, ифодаи маънои образнок то андозае хира буда, он дар асоси сифатчинӣ зоҳир мешавад. Дар муқоиса бо фразеологизмҳои ташбеҳӣ ва муболиғавӣ образи дар тавсифҳои фразеологӣ ҷойдошта инъикоси равшану возеҳ надорад. Он дар назари аввал тасвири воқеии ин ё он хосияти муқаррарии ашё мебошад, вале дар ин маврид низ образнокӣ ҳамчун воситаи инъикоси хубтари аломати мафҳум баромад мекунад. Метавон тасдиқ намуд, ки дар ин ҳолат сифатчинӣ унсури асосии тасвири образ дар воҳиди фразеологӣ ба шумор меравад. Образнокии мундариҷаи чунин фразеологизмҳо маҳз ба тавассути ҳамон унсури тавсифӣ баён мегардад, ки он дар сохтори ибораи рехтаи тавсифӣ мақоми ҷузъи дуюм ва маҷозимаъноро дорад. Чунин зоҳиршавиро зимни муқоисаи фразеологизмҳои тавсифӣ бо муодилҳои луғавии ҳаммаъноянашон мушоҳида карда метавонем, аз қабили: **рӯзгори ширин** – ҳаёти осоишта, **саволи сахт** – пурсиши мушкил, **изтироби талх** – эҳсоси ногувор, **латифаи обдор** – латифаи ҷолиби пурмазмун ва монанди инҳо:

Қамар Наво дар хонаи собиқи иҷорааш **рӯзгори ширин** дошт ва ба хотир ҳам намеовард, ки ятим калон шудааст (Акобир Ҷ., Кӯҳистонӣ, 16). – Ӯ-ӯ-ӯ, **саволи сахт** додед (Икромӣ Ҷ., Сафар-Махсум дар Бухоро, 195). **Изтироби**

талхе дар банди дилаш гирех баста меистод, ки таъсири он вуҷудашро ноаён меларзонд (Кӯҳзод У., Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз, 209). … даст бар китфи ин мардак гузошта, **латифаи обдоре** дар боби лаққиҳо мегуфту манаҳи ӯро мебаст (Муҳаммадиев Ф., Палатаи кунҷакӣ, 202).

Дар воҳидҳои фразеологии истиоравӣ ва киноявӣ зоҳиршавии маънои баҳодиҳӣ ба таври махсус сурат мегирад. Агар дар истиораҳои фразеологӣ тасвири образноки мафҳум дар заминаи истифодаи як шайъ бар ивази шайъи дигар ва бо риояи қонуниятҳои маҷозияти забонӣ сурат гирад, дар фразеологизмҳои киноявӣ он ба сифати унсуре баромад мекунад, ки заминааш ифодаи маънои акс мебошад. Дар фразеологизмҳои киноявӣ образнокии мафҳум дар заминаи ифодаи маънои баръакси он сурат мегирад. «Киноя ҳамчун санъати бадеии маънавӣ бештар дар забони мардуми аввом ба кор бурда шуда, чун воситаи тавлиддиҳандаи образ дар воҳидҳои фразеологӣ низ истифода шудааст» [Дӯстов Ҳ., 2014, с. 61]. Ба таври дигар, дар ин ҳолат гӯянда ба тавассути воҳиди фразеологӣ маъноеро дар назар дорад, ки муқобили мақсад буда, киноямез ифода шудааст. Чунончи, дар ифодаҳои рехтаи зерин фразеологизмҳои истиоравӣ ва киноявӣ маънои образнокро ифода кардаанд: **дил холӣ кардан** «дарду аламҳои худро ба касе арз кардан», **дами беғам задан** «форифболиву истироҳат кардан», **сари касе дар офтоб мондан** киноя аз «танҳо, бекас мондан», **гӯши касе бод ёфт** «касе хабардор шуд, огаҳӣ ёфт»:

Рӯзонаҳо боз як гапе, бо ину он чор даҳон гап мезад, заҳри одамро одам мегирад ва **дилашро холӣ мекард** (Кӯҳзод У., Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим, 51). – Меравем, муаллим, пагоҳ рӯзи истироҳат, тамошо мекунем, як камтар **дами беғам мезанем**, **ғубори дилҳо мебарояд** (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 77). Пагоҳ як гапу ҳодиса шавад, онҳо саробонат намешаванд, **сарат дар офтоб мемонад** (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 88). Модараш ҳам аз кадом як маърака дар ин хусус **гӯшаш бод ёфта** будааст (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 67).

Ифодаи маънои образнок ба тавассути воситаҳои тасвири бадеӣ, ки дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ маҳфузанд, асосан, ҷанбаи тасвирӣ дорад. Мавҷудияти ин ё он воситаи тасвирӣ бадеӣ дар воҳидҳои фразеологӣ, пеш аз

ҳама, маънои алоҳидаро ба вуҷуд меорад. Маънои образноки чунин навъи фразеологизмҳо ба воситаҳои тасвири бадеии дар заминаи онҳо хобида робитаи ногусастанӣ дорад. Воситаҳои тасвири бадеӣ дар фразеологизмҳо аз ҷумлаи унсурҳои тавлиддиҳандаи навъҳои гуногуни маъноҳо мебошанд, ки маънои образнок низ дар заминаи мавҷудияти чунин воситаҳо ташаккул меёбад. Бояд таъкид намуд, ки ташаккулёбии маънои образнок дар ҳар яке аз ин гурӯҳҳои воҳидҳои фразеологӣ ба таври гуногун сурат мегирад. Ин ҳолат ба он вобаста мебошад, ки воситаи тасвири бадеӣ то чи андоза метавонад шайъу ҳодисаҳо ё ягон хосияти онҳоро барҷаста тасвир намояд. Ҳар қадар ки воситаҳои тасвири бадеӣ имконияти бештари ифодаи мафҳумро дошта бошанд, ҳамон қадар маънои образнок фаҳмо ва равшан зоҳир мешавад. Масалан, дар фразеологизмҳои зайл маънои образнок ба тавассути унсурҳои тасвирии ташбеҳ, муболиға, истиора, тавсиф ва киноя ташаккул ёфта, дар ҳар яке аз онҳо дараҷаи гуногуни зоҳиршавиро дорост: **хода барин рост** «ноҷунбон, беҳаракат» (ташбеҳ), **ба дили касе алов рехт** «беқарор, бадгумон шудан» (муболиға), **чор даҳон** «андак, каме» (истиора), **хизмати хирсона** «амали беоқибат, беҳуда» (тавсиф), **ба даҳон об гирифтан** «хомӯш истодан» (киноя):

– Чӣ, **хода барин рост** истодаӣ? – овози бобои Юнус ӯро ба худ овард (Самадов А., Паррончакҳо, 143). Дар ин маврид **ба дили Савлат алов мерехт**, ки ҷои нишаст намеёфт (Самад А., Гардиши девбод, 286). Аз паси вай рафта ва ӯро дар ягон ҷой боздошта, рӯ ба рӯ истода, **чор даҳон** гапи худро гуфтанаш кори душвор аст (Начмиддинов М., Дарё маҷрои нав меҷӯяд, 20). Вале агар ҳамаи ин корро ба хотири ташкили ҷамъият карда бошед, кори савоб не, **хизмати хирсона** мекунед (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 68). Лозим меомад, ки ҳамеша **ба даҳон об гирифта** гардам, ҳуқуқи даҳон кушудан надоштам… (Ҳамдам А., Оби зери ях, 112).

Ҳамин тавр, маънои образноки мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ аз дигар маънoҳои забонӣ бо як қатор нишонаҳо ва усулҳои зоҳиршавии худ фарқ мекунад. Он дар заминаи ифодаи образноки шайъу ҳодисаҳои дигари ҳаёти воқеӣ бо рангубори хосса ва ҷилоҳои зиндаву муассир зоҳир шуда, мунтазам

инкишоф меёбад ва гоҳо дигар мешавад. Маълум мегардад, ки дар зоҳиршавии маънои образнок нақши тобишҳои дигари маъноӣ, аз қабили унсурҳои мафҳумӣ, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ хеле назаррас буда, ҳамзамон воситаҳои тасвири бадеӣ низ дар барҷаста ифода ёфтани ин навъи маъно нақши муайян доранд. Бар замми ин санъатҳои бадеии ташбеҳ, муболиға, истиора, тавсиф ва киноя ҳамчун воситаҳои тавлиддиҳандаи маънои образнок хизмат менамоянд. Зоҳиршавии маънои образнок дар ин гурӯҳҳои ифодаҳои рехта вобаста ба тарзи ифодаи равшан ё хираи мафҳум гуногун сурат мегирад.

1.6. Маънои эҳсосотӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ

Муқаррар шудааст, ки маънои эҳсосотӣ (эмотивӣ) дар мундариҷаи маънои воҳидҳои забон, аз қабили калима ва воҳиди фразеологӣ, мавқеи муҳим дорад. Он ҳамчун як навъи маъно ифодакунандаи тобишҳои эҳсосоти гуногуни инсонӣ дар ин воҳидҳои забонӣ мебошад. Омӯзиши эҳсосоти инсонӣ мавзуи доманадор аст, ки ба он шумораи зиёди таҳқиқотҳои равоншиносӣ ва забоншиносӣ бахшида шудаанд. Метавон гуфт, ки олами маънавии инсон масъалаи эҳсосотро дар системаи донишҳои илмӣ ба қатори яке аз масъалаҳои меҳварӣ мегузорад. Ин ҳолат бо он тасдиқ карда мешавад, ки бештари муҳаққиқон ба он таваҷҷуҳи зиёд доранд ва дар ин замина аллакай таҳқиқотҳои арзишманд рӯйи кор омадаанд. Бо вуҷуди чунин дастовардҳо эҳсосотро ба қатори яке аз мушкилотҳои ба пуррагӣ омухтанашудаи падидаҳои ҳаёти инсонӣ дохил намудан мумкин аст.

Натиҷаҳои таҳқиқотҳои равоншиносии муосир аз он шаҳодат медиҳанд, ки эҳсосот дар фаъолияти рӯзмарраи инсон мавқеи асосӣ дорад. Ба қавли забоншиноси рус Синелникова И.И., он фаъолияти инсонро ташаккул дода, онро қувват мебахшад ва ба самти муайян равона месозад. Эҳсосот дар шуури инсон ба шакли инъикоси дониш ва арзёбии ҷаҳони обйективӣ, таассурот, хаёлҳои гуворо ва ногувор, муносибати шахс ба олам ва инсонҳо ҷараён гирифта, натиҷаи фаъолияти амалии ӯ мебошад. Махсусияти эҳсосот дар он ифода меёбад, ки он на танҳо муносибатҳои миёни мақсадҳо ва иҷрои онҳоро инъикос мекунанд, балки инчунин фаъолияти инсонро шарҳ медиҳанд. Маълум аст, ки хислат ва шахсияти инсон дар он ҳолат ифода меёбад, ки ӯро чизе хурсанд ва ғамгин месозад, ба ташвиш меорад. Таассуроти эҳсосотӣ ҳама паҳлуҳои равонии инсонро фаро мегирад. Маҷмуи эҳсосоти шахс имкон медиҳад, ки кас дар бораи олами равонӣ ва ботинии ӯ тасаввуроти муайяне пайдо кунад [Синелникова И.И., 2013, с. 18].

Маълум мегардад, ки эҳсосот, навъҳои он ва ифодаи онҳо дар воҳидҳои забон кайҳо боз диққати олимони соҳаро ҷалб намуда, дар ин замина як қатор асару мақолаҳои илмӣ рӯйи чоп омадаанд. Дар забоншиносии рус ба ин масъала олимони зиёде таваҷҷуҳ карда, дар таълифоти хеш, асосан, ба ифодаи навъҳои эҳсосот дар калимаҳои забон диққат додаанд. Чунончи, забоншиноси машҳури рус Шмелёв Д.Н. дар бораи эҳсосот ва маънои эҳсосотии калима ақидаҳои ҷолиб пешниҳод менамояд. Ба қавли ӯ, миёни забоншиносон дар мавриди он ки забон на танҳо ярӯқ барои ифодаи фикр, балки воситаи ифодаи эҳсосот мебошад, гуногунандешӣ вуҷуд надорад. Дар ин замина эҳсосот метавонад бо ёрии воситаҳои гуногуни забонӣ ифода шавад, аз қабили оҳанг, тартиб ва интихоби калимаҳои муайян ва ғайра [Шмелев Д.Н., 1964, с. 104]. Ӯ ду омили муайян намудани маънои эҳсосотиро дар калима пешниҳод намуда, таъкид медорад, ки ин омилҳо дар якҷоягӣ зоҳиршавии маънои эҳсосотиро дар калима таъмин мекунанд: омили дохилӣ, яъне имкониятҳои эҳсосотии худи калима ва омили зоҳирӣ, яъне обурангҳои махсус, ки дар заминаи архаизмҳо, неологизмҳо, калимаҳои жаргонӣ ва дигар гурӯҳҳои калимаҳо сурат мегирад [Шмелев Д.Н., 1964, с. 112].

Муҳаққиқи дигари шохаи маъношиносӣ Шаховский В.И. дар хусуси муносибати миёни калима ва маънои эҳсосотӣ сухан карда, роҳу усулҳои ба вуҷуд омадани ин муносибат ва мафҳуми маънои эҳсосотиро дар калима равшан намудааст. Номбурда аз ҷумла қайд мекунад, ки ифодаи маънои эҳсосотӣ ба тавассути калимаҳо дар забон ҳодисаи нав набуда, соҳибзабонон бо роҳҳои гуногун аз он истифода кардаанд. Ақидаҳои зиёде дар бораи маънои эҳсосотӣ аз ҷониби забоншиносон аллакай пешниҳод шудаанд, вале моҳияти ин падидаи забонӣ то ба охир муайян карда нашудааст, дар ҳоле ки ин ҳодиса вуҷуд дорад ва онро бояд муқаррар намуд [Шаховский И.В., 1983, с. 47].

Муҳаққиқи номбурда ақидаҳои забоншиносонро дар мавриди маънои эҳсосотӣ дар калима таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки ин навъи маъно метавонад дар алоҳидагӣ аз маънои мантиқиву шайъӣ (яъне мафҳумӣ – Ҳ.Д.), ки дар таркиби маънои луғавии калима ҷойгир аст, инкишоф ёбад. Масалан, ду

калимае, ки маънои мафҳумии якхела доранд, метавонанд бо ягон унсури эҳсосотии худ аз якдигар фарқ кунанд. Маъноҳои эҳсосотии калима дарк мешаванд, эътироф мегарданд, аз ҷониби соҳибони забон огоҳона ва фарққунанда истифода шуда, ҳамчунин ба таври якхела ба тамоми онҳо хизмат мерасонанд. Вобаста ба ин, метавон гуфт, ки маъноҳои эҳсосотӣ, бешубҳа, дар ташаккули коммуникативияти матн иштирок карда, аз эҳсоси муайян дарак медиҳанд. Калимаҳои ифодагари эҳсосот дар доираи матни муайян огоҳона аз ҷониби гӯянда интихоб мешаванд, яъне интихоб дар доираи тафаккур ва вобаста ба шароити гуфтор сурат мегирад. Ҳамин тавр, хусусияти ахборотдиҳии унсурҳои эҳсосотӣ дар он зоҳир мешавад, ки онҳо аз ҳаяҷони ботинии гӯянда дарак дода, ба ин васила маълумоти эҳсосотии муайянро ба шунаванда интиқол медиҳанд ва вокуниши ҷавобии эҳсосотиро ба вуҷуд меоранд, аз қабили таҳқир, бадбинӣ ва ғайра [Шаховский И.В., 1983, с. 49].

Бояд таъкид намуд, ки маънои эҳсосотии калима инъикоси эҳсосоти танҳо гӯянда ба ҳисоб намеравад. Он ҳодисаи алоҳидаи нутқи шахси муайяне нест, балки дар худ инъикоси умумии «эҳсосоти иҷтимоӣ»-ро фаро мегирад. Ба ин нисбат маънои эҳсосотии калима ҳамон вазифаи иҷтимоиро дорад, ки маънои мантиқиву шайъӣ дорад, он бо эҳсосоти ҳар як соҳиби забон таъкид карда мешавад. Дар ҳолатҳои муқаррарӣ одамон эҳсосоти ба ҳам монандро ифода мекунанд, ҳар як фард дар ин самт метавонад эҳсосоти мухталифро вобаста ба маҳорату забондонии худ ба ин ё он калима бор кунад, вале ин амал дар доираи таҷрибаи иҷтимоӣ бояд сурат гирад. Ба таври дигар, маънои эҳсосотӣ ифодагари эҳсосоти иҷтимоӣ мебошад, ки он дар ҳар қавму миллат ба ҳар шакл зуҳур мекунад. Аз ин ҷост, ки инъикоси маънои эҳсосотӣ дар калима ва воҳидҳои фразеологии забонҳои мухталиф то андозае аз ҳам фарқ мекунад. Масалан, муқаррар шудааст, ки дар забони тоҷикӣ ифодаи навъҳои он дар воҳидҳои фразеологӣ як қадар равшан ва ба зудӣ даркшаванда аст. Шояд ин ҳолат ба он рабт дошта бошад, ки тоҷикон мардуми пурэҳсос буда, онро дар мавридҳои зарурӣ ба ҳар роҳу восита ба тавассути воҳидҳои забон хеле хуб баён месозанд. «Ҷиҳати дигари фарққунандаи маънои эҳсосотӣ дар он аст, ки он дар нисбати

маънои мантиқиву шайъӣ ба зудӣ дарк мешавад. Муқаррар шудааст, ки то дарки маънои мантиқиву шайъии калима инсон сараввал маънои эҳсосотии онро (хуб ё бад, таҳқир, қаҳру ғазаб ё баръакс навозиш) мефаҳмад. Таъсири фаврии маънои эҳсосотӣ дар шуури инсон аз мавҷудияти тафаккури эҳсосотӣ дар инсон гувоҳӣ медиҳад» [Шаховский И.В., 1983, с. 49]. Масалан, дар фразеологизмҳои феълии зерин дар баробари ифодаи маънои мафҳумӣ маънои эҳсосотӣ хеле равшан зоҳир шудааст: **ба чизе дандон тез кардан** «нисбат ба чизе кина доштан» (ифодаи нафрат), **ду пои касеро аз осмон овардан** «нияти ҷазо додан доштан» (таҳдид), **ба пӯст нағунҷидан** «шод, хурсанд шудан» (фарах), **тоқиро ба осмон партофтан** «аз иҷрои коре қаноатманд будан» (ризоият):

Англисҳо ва дигар давлатҳои Ғарбу Шарқ, ки **ба давлати шуроии Русия дандон тез кардаанд**, аз аксулҳаракат ва аксулинқилобиюни Бухоро ва Хева истифода мебаранд (Икромӣ Ҷ., Тахти вожгун, 106). Дар асоси ин ду шикоят шуъбаи маориф **ду пои Муродиро аз осмон мебиёрад** (Наимӣ Қ., Фоҷиа дар чашмасор, 108). Аз гиряи ту душманҳо хурсанд мешаванд, **ба пӯсташон намеғунҷанд** (Икромӣ Ҷ., Духтари оташ, 170). Лекин дигар бачаҳои ҳамсиннат ҳам ту барин аз дунё бохабар мешуданд, ман ба гуфти шумо – тоҷикҳо, **тоқиама ба осмон мепартофтам** (Муҳаммадиев Ф., Палатаи кунҷакӣ, 98).

Донишманди дигар Стернин И.А. маънои эҳсосотиро дар калима бо тобиши баҳодиҳӣ тавъам дониста, қайд менамояд, ки макроунсури мафҳумии маъно ҷузъҳои семантикии «баҳодиҳӣ» ва «эҳсосӣ»-ро дар бар мегирад. Баҳодиҳӣ ва эҳсосот дар шакли аломатҳои семантикие баромад мекунанд, ки ба мушаххаскунандаи семаҳо мувофиқ мебошанд. Дар ин маврид калимаҳои ғайрибаҳодиҳӣ ва ғайриэҳсосотӣ ҳамчун вожаҳое фаҳмида мешаванд, ки дар онҳо баҳодиҳӣ ва эҳсосот ба андозаи сифр аст, яъне калимаҳои дорои унсурҳои семантикии мустақили «эҳсосот» ва «баҳодиҳӣ», ки бе мушаххаскунандаҳои семагӣ ташкил ёфтаанд. Ӯ маънои эҳсосотӣ ва баҳодиҳиро ба ҳамдигар алоқаманд дониста, таъкид медорад, ки онҳо якдигарро мукаммал мегардонанд [Стернин И.А., 1985, с. 70].

Дуруст аст, ки ҷузъҳои эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ дар сохтори маънои калима ва воҳиди фразеологӣ бо ҳам зич алоқаманд буда, дар баъзан ҳолат онҳоро аз якдигар фарқ кардан мушкил аст. Ин дар ҳолест, ки баҳодиҳӣ метавонад тавассути ҷузъи эҳсосотӣ сурат гирад, ҷузъи эҳсосотӣ бошад, дар калима ва воҳиди фразеологӣ бе баҳодиҳӣ пайдо шуда наметавонад. Яъне дилхоҳ эҳсосот характери баҳодиҳӣ дорад, дар ҳоле ки на ҳама баҳодиҳӣ ҳатман бояд эҳсосотӣ бошад. Ин ҳолат дар воҳидҳои фразеологӣ бештар мушоҳида мешавад, ки далели он маводи зайл шуда метавонад: **як қад паридан** «безобита шудан» (ифодаи тарсу ҳарос), **алови чашми касеро гирифтан** «касеро тарсондан» (таҳдид)**, роҳи сафед** «сафари бахайр» (нияти нек), **хандаи ширин** «хандаи зебову ҷолиб» (мамнуният) ва монанди инҳо:

Як вақт чашми Алихӯҷа ба вай афтода, аз тарсаш **як қад парид** ва ҳатто аз ҷояш хеста рафт (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 44). … худашро баланд бардоштааст, ба хаёли **алови чашми мардумро гирифтан**, тарсондан, сиккаашро шинондан афтида (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 212). Хайр, саломат бош, Худо ба ту **роҳи сафед** диҳад (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 153). … аз рухсораҳояш бӯса ситонаду вайро хандонад, **хандаҳои ширини** Парвона ба Рустам мефорад (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 239).

Мувофиқи ақидаи Стернин И.А., баҳодиҳӣ метавонад дар ҷузъи денотативӣ (яъне мафҳумӣ)-и маъно низ ифода ёбад, ё ҳама гуна номгузорӣ метавонад дар умум баҳодиҳиро ифода кунад. Барои мисол ӯ калимаи **негодяй** (нобакор) «одами бад»-ро меорад, ки дар ин ҳолат унсури «нохуб» ба ҷузъи денотативии «одами бад» илова мешавад, зеро денотати аломати мазкур танҳо одами бад мебошад, на шахс ва баҳои манфии он. Баҳодиҳии коннотативӣ ва денотативиро аксаран фарқ кардан мушкил аст. Фарқи миёни онҳоро танҳо ба воситаи усули таҳвилии (трансформатсионӣ) тафсири маъно дар ифодаи муайян, ки бо ҷузъи «ин хуб/бад» анҷом меёбад, фаҳмидан мумкин аст. Агар маънои калима мухтасар таҳлил гардида, ба он калимаҳои баҳодиҳанда дохил нашаванд ва дар ин ҳолат маъно ифодаи шартии «ин хуб/бад»-ро ҷамъбаст кунад, ин навъи баҳодиҳӣ коннотативӣ ва иловагӣ мебошад. Агар тафсири обйективии маъно

мумкин набошад, дар ин ҳолат баҳодиҳӣ ба ҷузъи денотативии маъно дохил мешавад ва калима (номинация) дар умум баҳодиҳиро ифода мекунад [Стернин И.А., 1985, с. 71].

Забоншинос Носенко Э.Л. дар таҳқиқоти худ оид ба эҳсосот ва таъсири он ба нутқи инсон таваҷҷуҳ намудааст. Ӯ дар заминаи таҳлили назарияҳои олимони соҳа эҳсосотро ба мусбат ва манфӣ ҷудо намуда, ҳар яке аз онҳоро боз ба қабатҳои махсус тасниф мекунад. Чунин табақабандӣ имконият медиҳад, ки дар калима ва воҳидҳои фразеологӣ ифодаи ин ё он навъи эҳсосот дақиқан муайян карда шавад. «Махсусияти эҳсосот дар он зоҳир мегардад, ки онҳо инъикоси психикии воқеияти ашё ба ҳисоб нарафта, балки нақши аломатҳои дохилиеро мебозанд, ки муносибатҳои баҳодиҳии субйектро нисбат ба вазъияти имконпазир ва фаъолияти худ инъикос мекунанд» [Носенко Э.Л., 1981, с. 15]. Умуман, дар китоби мазкур масъалаи инъикоси эҳсосоти инсон дар ҳолатҳои гуногуни равонӣ ва таъсири онҳо ба нутқи шахс баррасӣ шудааст. Хулосаҳои муаллиф аз он шаҳодат медиҳанд, ки ифодаи эҳсосот дар нутқи инсон як ҷузъи ҳатмии он буда, ҳолати равонии гӯяндаро бозгӯ менамояд.

Муҳаққиқи риштаи маъношиносӣ Телия В.Н. эҳсосотро ҳамчун категорияи махсус баррасӣ намуда, таъкид медорад, ки он ҷузъи асосии обуранги ифоданокӣ мебошад: он ҳам фазои эҳсосотии равонӣ ва ҳам қабати вокуниши иҷтимоиро ба ҳаракат медарорад. Ҳамчун асос дар сохтори маънои ифоданокӣ-баҳодиҳӣ эҳсосият омили образнокиро фароҳам меоварад, ки имконияти асосиро барои тавлиди ҳиссиёт ба вуҷуд оварда, дар якҷоягӣ асоси мазкурро оммавитар мегардонад [Телия В.Н., 1986, с. 76].

Ӯ натиҷаҳои таҳқиқоти илмии худро дар мавриди ифодаи эҳсосот дар воҳидҳои забон чунин хулоса мекунад: «Эҳсосият дар худ ду паҳлуи баҳодиҳӣ – сифат ва миқдорро ҷамъбаст мекунад. Дар натиҷа навъҳои зерини эҳсосият ба вуҷуд меоянд: эҳсосотиву ифоданокӣ, баҳодиҳиву ифоданокӣ ва миқдориву баҳодиҳӣ. Эҳсосият ҳамчун категорияи бо ҷанбаи эҳсосотии равонӣ алоқаманд ва унсуре, ки шахсро ба фаъолияти дарки ҷаҳон омода месозад, аз рӯйи мундариҷа бо навъҳои муайяни фаҳмишҳои эҳсосотӣ – ҳиссиёт-муносибат

мувофиқат мекунад. Ин навъи муносибатҳои эҳсосотӣ метавонанд дар шакли қобили қабул ва ғайри қобили қабул нисбат ба ашёи ифодашаванда сурат бигирад. Ба муносибатҳои мусбат ва қобили қабул иззату эҳтиром, таъриф ва ғайра ва ба муносибатҳои манфӣ ва ғайри қобили қабул таҳқир, беэҳтиромӣ, таънаву маломат ва монанди инҳо дохил мешаванд [Телия В.Н., 1986].

Мутахассиси машҳури соҳаи маъношиносии рус Алефиренко Н.Ф. низ ба масъалаи эҳсосот, маънои эҳсосотӣ ва ифодаи он дар воҳидҳои забон таваҷҷуҳ намудааст. Ба қавли олими мазкур, аксарияти мутлақи муҳаққиқон мавҷудияти эмосемаро дар мундариҷаи маъноии калимаҳо ва воҳидҳои фразеологӣ инкор намекунанд. Мавҷудияти эҳсосот дар калима ва воҳидҳои фразеологӣ аз ҳиссиёти хоси гӯянда аз дарки мавзуи пешниҳодшуда дарак медиҳад. Он метавонад дар шакли эҳсоси ҳамдардӣ, қаноатмандӣ, муҳаббат ё баръакс, беэътиноӣ, нафрат, бадбинӣ ва ғайра ифода ёбад.

Семаҳои эҳсосотӣ дар маънои калимаҳо ва ифодаҳои фразеологӣ бо семаҳои баҳодиҳӣ робитаи зич доранд. Баъзан онҳоро фарқ кардан хеле душвор аст. Дар ин робита онҳо аксар вақт ба номҳои гуногун, ба монанди "эҳсосотиву баҳодиҳӣ" истифода мешаванд, аммо, бояд ба инобат гирифт, ки ин ду навъи маъно бо вуҷуди қаробати наздик аз ҳам фарқ карда, дар системаи маъноии забон бо истилоҳҳои алоҳида ёдоварӣ мешаванд [Алефиренко Н.Ф., 2005, с. 168].

Дар забоншиносии тоҷик низ вобаста ба маънои эҳсосотӣ дар калима ва воҳидҳои фразеологӣ қайдҳои заруриро вохӯрдан мумкин аст. Дар ин самт назарияҳои профессор Ҳ. Маҷидов ҷолиби диққатанд, ки маънои эҳсосотиро ҳамчун як навъи маънои луғавии калима шарҳ дода, сарҳади онро муайян намудааст. Таъкид мегардад, ки маънои эҳсосотӣ дар калимаҳои забон ба василаи эҳсосоти мухталифи соҳибони забон бе олоиши дигар тобишҳои маъноӣ зоҳир мешавад. «Маънои луғавии эҳсосотӣ, ки анвои мухталифи ҳаяҷону эҳсосоти инсониро ифода кардааст, мумкин аст, дар шакли холис, бе олоиши унсури мафҳумӣ низ зоҳир шавад. Масалан, калимаҳои **аҳсан, ҳайф, ҳайҳот, лаббай, сабил, зормонда, тирмизак, ҳарина, маҳмадоно, шайтон, хаппак** ва амсоли инҳо ифодагари ҳамин гуна маъноҳо мебошанд. Дар ин гуна калимаҳо

эҳсосоти мухталиф, аз қабили шодӣ, нафрат, райъ, изтироб бе иловаи ягон олоиши маънои дигар ифодаи мушаххаси худро ёфтаанд» [Маҷидов Ҳ., 2007, с. 21].

Мавсуф, ки яке аз муҳаққиқони варзидаи риштаи фразеологияи забони тоҷикӣ мебошанд, ба масъалаи ифодаи маънои эҳсосотӣ дар воҳидҳои фразеологӣ низ таваҷҷуҳ намудааст. Ҷилоҳои гуногуни эҳсосотиро дар фразеологизмҳои забонамон яке аз шартҳои асосии мавҷудияти онҳо дониста, зикр мекунанд, ки дар қисмате аз захираи фразеологии забони тоҷикӣ, аз қабили ифодаҳои рехтаи имову ишоратӣ, дуою ниятҳои фразеологӣ ва ғайра ифодаи бевоситаи ҷилваҳои эҳсосотии инсон мушоҳида мешавад [Маҷидов Ҳ., 2014, с. 267-268]. Ҳамчунин таъкид мегардад, ки баъзе паҳлуҳои муайяни ҳолати равонии инсон, ки бо калимаҳо ифода шуда наметавонанд, маҳз ба тавассути ифодаҳои рехта баён мегарданд. «Агар маънои фразеологӣ бо паҳлуҳои гуногуни шуури инсон алоқаманд бошад, метавонад аз бобати ифодаи эҳсосот бой шавад. Тавре ки аллакай зикр гардид, ҳарчанд чунин мешуморанд, ки ҳолати руҳии инсон ба тавассути воситаҳои забонӣ ифода намегардад, аммо баъзе ҷанбаҳои он, алахусус паҳлуҳои алоҳидаи дарки ҳиссиёти инсон, ба тавассути воситаҳои забонӣ, аз ҷумла воҳидҳои фразеологӣ, ифода шуда метавонанд» [Маджидов Х., 2006, с. 117]. Тасдиқи гуфтаҳои профессор Ҳ. Маҷидовро дар воҳидҳои фразеологии овардаи ӯ **китф дарҳам кашидан** ба маънои «ҳайрон шудан», **ба касе дандон доштан** «нисбат ба касе кина доштан», **дар курта нағунҷидан** «аз ҳад зиёд хурсанд, қаноатманд шудан», **хонаи касеро сӯзондан** «нисбат ба касе бераҳмӣ нишон додан, касеро азоб додан» ва монанди инҳо мушоҳида кардан мумкин аст:

Ӯ ба оина наздик шуд ва ба рухсораҳои мисли себи навпухта тару тоза, чашмони ҳалқа-ҳалқаи шаҳло, сафи мижгонҳои дароз… лаҳзае зеҳн монд ва **китф дарҳам кашид** (Самадов А., Паррончакҳо, 132). **Ба ту ман дандон дорам**, дандонгаз кунамат, дилам хунук намешавад, – чанд лаҳза хомӯш гашт (Мирзо К., Марги бегунох, 42). Улфатов аз ин таърифҳо **дар куртааш намеғунҷид** (Ниёзӣ

Ф., Вафо, 157). – Мо дар ин кӯҳпораҳои дур аз оламу одам чӣ медонем, ки вай **хонаи чанд бечораро сӯзонда** бошад? (Акобиров Ҷ., Пазмонӣ, 14).

Муҳаққиқ ифодаи лаҳзаҳои гуногуни эҳсосотиро яке аз нишонаҳои асосии мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии феълии забони тоҷикӣ медонад. Таъкид мегардад, ки инъикоси лаҳзаҳои эҳсосотӣ ба бештари фразеологизмҳои феълие хос аст, ки маънои мафҳумиву образнокро соҳибанд. Дар мундариҷаи ин навъи воҳидҳои фразеологӣ дар баробари дигар тобишҳо метавон ифодаи эҳсосоти мухталифро ба мушоҳида гирифт [Маджидов Х., 2006, с. 241]. Масалан, ифодаи шодиву хурсандӣ дар воҳиди фразеологии **дар ҷома нағунҷидан** «хурсанд шудан», беэҳтиромӣ ва дағалият дар **линги касеро аз осмон овардан** «касеро сахт ҷазо додан» ва муносибати ҷангҷӯёна дар фразеологизми **сояи касеро аз дару девор кандан** «нисбат ба касе нафрати зиёд доштан»:

– Нағз, акаҷон, - ҷавоб дод Давлат, ки ҳоло аз хурсандӣ **дар ҷома намеғунҷид** (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб. Ҷ.2. Шӯроб, 94). **Линги ҳамин як Косимро** худатон ҳам **аз осмон оварда** метавонистеду беҳуда маро оварондед (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб. Ҷ.2. Шӯроб, 199). Ба дараҷае ки **сояи якдигарро аз дару деворҳо кандан** мехостанд, дар ҷое, ки яке нишинад, дигаре аз он ҷой парҳез буд (Мирзо К., Ишқи сархӯр, 62).

Муҳаққиқи риштаи маънои феъли забони тоҷикӣ Гулназарова Ж. дар баробари таҳлили маъноҳои гуногуни забонӣ дар феълҳо ба маънои эҳсосотӣ низ таваҷҷуҳ намуда, онро яке аз унсурҳои мундариҷаи маъноии феълҳои забони тоҷикӣ ва воҳидҳои фразеологӣ медонад. «Мавриди зикр аст, ки ҳангоми баррасии маънои эҳсосотӣ дар сатҳи калима барои муайян намудани вижагии он матни интихобшуда бояд пурра ба инобат гирифта шавад, зеро як калима вобаста ба маънои худ метавонад чанд навъи эҳсосро ифода кунад ва ҳамзамон як эҳсос метавонад тавассути воҳидҳои гуногуни луғавӣ ифода шавад» [Гулназарова Ж., 2020].

Ӯ низ маънои эҳсосотиро бо маънои баҳодиҳӣ алоқаманд медонад ва зикр мекунад, ки дар бисёр маврид ин маъноҳо бо истилоҳи эҳсосотӣ-баҳодиҳӣ зикр мегарданд. «Бояд қайд намуд, ки эҳсосот хамчунин бо маънои баҳодиҳӣ низ

робитаи зич дорад ва аз ин рӯ, маънои мазкур аксар вақт ҳамчун маънои эхсосотиву баҳодиҳӣ ёд мешавад. Вобаста ба ин махсусият ақидае мавҷуд аст, ки семантикаи баҳодиҳӣ хусусияти денотативӣ дорад ва маъноҳои эҳсосотӣ дар он махсусияти ифоданокиро инъикос мекунанд ва ин ҳолат на танҳо маънои баҳодиҳиро аз мавқеи денотативӣ берун намекунад, балки сабаби афзоиши маънои прагматикӣ дар заминаи маънои денотативӣ мегардад» [Гулназарова Ж., 2020., с. 32].

Ба таври умум, аз таҳлили назарияҳои илмии олимони соҳа маълум мегардад, ки маънои эҳсосотӣ ҳамчун як навъи маънои забонӣ дар мундариҷаи маъноии калима ва, хосатан, воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ мавқеи устувор дорад. Ба тавассути он гӯянда ё соҳибзабон қабатҳои мухталифи олами эҳсосоти худро баён мекунад. Ин қабатҳо метавонанд ба эҳсосоти манфӣ ва ё баръакс, эҳсосоти мусбати шахс иртибот дошта бошанд. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки зоҳиршавии маънои эҳсосотӣ бо унсурҳои эҳсосотии манфӣ дар ифодаҳои рехтаи забонамон бештар аст. Масалан, ифодаи тобишҳои эҳсосотии нафрат, маломат, таҳқир, ғазаб ва таҳдид дар воҳидҳои фразеологии **саг барин ҷакидан** «бисёр ва бемаънӣ лаққидан», **ду даст дар бинӣ** «хабаргирии бе ягон дастовез», **осмонро ба сари касе чаппа кардан** «касеро сахт танбеҳ додан», **рӯзи сиёҳро ба сари касе гардон кардан** «касеро ба балои азим гирифтор кардан» ва ғайра:

– Вай ҳоли намемурад, дар кадом маъракае мана бинад, **саг барин дар ҷакиш медарояд** (Мирзо К., Ишқи сархӯр, 59). Сад не, ҳазор кас хонаи мову шумо биоянд, **ду даст дар бинӣ** меоянд (Зоҳир А., Завол, 283). Ғазаби Ҳоҷӣ Бобо чунон боло гирифт, ки агар меҳмонон намебуданд, **осмонро ба сари писар чаппа мекард** (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 307). Раис **рӯзи сиёҳро ба сари ӯ гардон кард** (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 177).

Тавре зикр гардид, ифодаи қабатҳои эҳсосотии манфӣ дар воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ хеле зиёданд, ки ҳар кадоми онҳо бо тобишҳои нозуки маъноӣ зоҳир мешаванд. Чунин афзалият ба он вобаста мебошад, ки воҳидҳои фразеологӣ нисбат ба калимаҳо имкониятҳои бештари ифодаи унсурҳои эҳсосотии манфиро доранд. Истифодаи калимаву таркибҳои феъли,

ки тобишҳои маъноии манфиро доранд, дар таркиби чунин ифодаҳои рехта яке аз шартҳои ҳатмӣ ба ҳисоб меравад. Метавон гуфт, ки инъикоси равшани унсурҳои эҳсосотии манфӣ маҳз бар дӯши чунин ҷузъҳои дохилии фразеологизм мебошад. Ин ҷо ифодаи якчанд унсурҳои эҳсосоти манфиро дар мундариҷаи маъноии ифодаҳои рехта бо мисолҳо нишон додан мумкин аст, ки зоҳиршавии бештар доранд:

1. Ифодаи дағалӣ: **гапро пӯст кандан** «асли мақсадро гуфтан», **онаи зори касеро нишон додан** «ба касе таҳдид кардан», **дар гӯри касе алов задан** «касеро ба балои азим гирифтор кардан», **хоки касеро бо ғалбер бехтан** «несту нобуд гардонидани касе»:

Раис қарор дод, ки **гапро пӯст канда** гӯяду монад (Улуғзода С., Восеъ, 125). … лекин дар он тараф, дар Ӯзбекистон, **онаи зората нишон медиҳанд**, аз пилишки сӯзан мегузаронандат (Ҳамдам А., Оби зери ях, 57). Аз паи мо боз ояндаи зӯре меояд, ки **хокамонро бо ғалбер мебезаду** хандааш **дар гӯрамон алов мезанад** (Акобиров Ҷ., Пазмонӣ, 14).

2. Ифодаи таҳдид: **ба сари касе санги осиё гардон кардан** «касеро ба ҳолати ногувор андохтан», **ба касе дандон тез кардан** «нисбат ба касе кина парваридан», **аз косахонаи сари касе ҷоми шароб сохтан** «ба касе ҷазои сангин муқаррар кардан», **ба собуни касе ҷома нашустан** «касеро ҳамаҷониба дуруст насанҷидан»:

Барои ҳамин ҳам як Калтаи Мансур барин одам **ба сари мардум санги осиё гардон кардааст** ҳама дам… (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 328). Лекин Валиев ва тарафдорони вай **ба ман дандон тез мекарданд** (Икромӣ Ҷ., Хатлон, 112). Вагарна аз ҷони ҷавонат умедатро кан, мо **аз косахонаи сарат ҷоми шароб месозем**! (Акобиров Ю., Дунё ба умед, 48). – Ҳеҷ гап не, ҳоло **ба собуни ман ҷома нашустааст** паҳлавон! (Акобиров Ҷ., Пазмонӣ, 26).

3. Ифодаи нафрат: **сояи касеро аз девор тарошидан** «касеро чашми дидан надоштан», **қаҳру ғазабро ба сари касе рехтан** «касеро ба зери ҳақорату дашном гирифтан», **ба касе дандон доштан** «ба касе адовати беинтиҳо доштан»:

Ҷавони китобдор аз Муродҷон домангир шуд, ба ҳадде ки **сояи ӯро аз деворҳо метарошид** (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 384). … девонавор ҳама **қаҳру ғазаби** худро **ба сари дӯстон ва шогирдони Аҳмади Дониш рехта** истодаанд (Акобиров Ю., Дунё ба умед, 257). Ё **ба Азиз дандон дорад**? (Икромӣ Ҷ., Хатлон, 35).

4. Ифодаи ноумедӣ: **дасту дил аз дунё шустан** «умеди худро аз олами равшан кандан», **дунё ба назари касе торик шуд** «ба сари касе омадани мусибат», **аз чизе умед кандан** «ба тақдир тан дода, аз баҳри чизе гузаштан»:

Дасту дилашро аз дунё шуста буд (Муҳаббати Ю., Пайванди шикаста, 128). Зеро ҳар гоҳ ҳатто номамро ба ёд орам, Ҳалимаи соҳибҷамол ба хотирам меояду **дунё ба назарам торик мешавад** (Акобиров Ю., Дунё ба умед, 121). … бемор ба ҳоле афтод, ки акнун нафақат додараш Тоҳирҷон, балки дигар дӯстонаш ҳам **аз Ҳайрат умедашонро канданд** (Акобиров Ю., Дунё ба умед, 302).

5. Ифодаи қаҳру ғазаб: **оташ гирифтан** «ба ғазаб омадан», **оташи ғазаби касеро бедор кардан** «касеро ба қаҳр овардан», **аз чашми касе ғазаб боридан** «дар вазъи ҷаҳли мураккаб будани касе», **савори аспи қаҳр** «бадқаҳрона»:

Аз ин суханони «дӯстона»-и мударриси қоқина Бадриддинхӯҷа якбора **оташ гирифта**, фарёд кашид (Акобиров Ю., Дунё ба умед, 316). Ғулом аз як ҷиҳат шод буд, ки ҳисси қасос ва **оташи ғазаби Азизи оташмиҷозро бедор кард** (Икромӣ Ҷ., Хатлон, 10). … афту андомаш бадтар тира мегашт, **аз чашму қавоқҳояш ғазаб меборид** (Ниёзӣ Ф., Сарбозони бесилоҳ, 37). … фаҳмид, ки вай **савори аспи қаҳр** аст ва ҳамин ҳозир сахт карда ягон чиз хоҳад гуфт (Ниёзӣ Ф., Сарбозони бесилоҳ, 146).

6. Ифодаи андӯҳ: **хуни ҷигар хӯрдан** «дар азоби алим будан», **ҷаҳон ба чашми касе тор шуд** «ба ғаму ҳасрат ғӯтидан», **аз абрӯвони касе барфу борон рехтан** «дар ҳолати қаҳру ғазаб будани касе»:

То ба майдон баровардани ягон навъи кишт бисёр кор кардан, **хуни ҷигар хӯрдан** лозим мешавад (Икромӣ Ҷ., Хатлон, 97). Инро дида **ҷаҳон ба чашми Неъмат тор шудааст** (Икромӣ Ҷ., Хатлон, 134). **Аз абрӯвонаш барфу борон мерехт** (Мамадов К., Кофтукови ҷиноятгор, 115).

7. Ифодаи маломат: **ба сар хок бехтан** «худро гунаҳгор шумурда ҷазо додан», **дами касе ба дарун афтид** «аз сухан гуфтан бозмондани касе», **хапаки таги тапак** «зоҳиран оромтабиату дар асл бадхисол», **ба як пули сиёҳ нахаридан** «арзише надоштан»:

Бозор бетоқатӣ мекард, гоҳо аз рафиқони худ дуртар ба канорае рафта **ба сари худ хок мебехт**, гоҳо ба канори Дарғам нишаста, дар ғами ин воқеа аз чашмони худ хун мерехт (Айнӣ С., Дохунда, 85). – Чӣ **дамат ба дарунат афтида** монд, гап зан, охир, – хитоб кард капитан (Мамадов К., Кофтукови ҷиноятkор, 124). Мисли кампират як умр **хапаки таги тапак** мегардӣ (Акобиров Ҷ., Пазмонӣ, 10). Ҳатто гапи падарамро **бо як пули сиёҳ нахариданд** (Акобиров Ҷ., Пазмонӣ, 75).

8. Ифодаи тамасхур: **мусичаи бегуноҳ** ба маънои «дар назар беозору дар асл безорӣ», **ба изори касе кайк даромад** «ниҳоят беқарору ноором будани касе», **ба бинӣ хат кашидан** «бо ҳоли табоҳу пинҳонӣ»:

Ҳа, зуд думашро хода карда, худро **мусичаи бегуноҳ** нишон доданӣ шуд (Акобиров Ҷ., Пазмонӣ, 310). – Ҳозир **ба изораш кайк даромад**, ба тарафи район рафт (Фирӯз Б., Тору пуд, 49). Рӯзҳои охир ба сахтӣ, гӯё **ба бинӣ хат кашида** ба кор рафта меомад (Фирӯз Б., Тору пуд, 90).

9. Ифодаи таҳқир: **ҳафт пушти касеро кофтан** «ба ҷузъиёти зиндагии касе кордор шудан», **тухми касеро хушк кардан** «авлоду аҷдоди касеро батамом нобуд кардан», **пӯсти касе тунук шуд** «хеле нозук шудани табиати касе»:

Баъзе рӯзноманигорон агарп азми ба колхоз омадан кунанд, **ҳафт пушти раиси колхозро кофта** мефаҳманд… (Фирӯз Б., Тору пуд, 118). **Тухматро** аз ин мамлакат **хушк мекунам**, аҳмақ! (Фирӯз Б., Тору пуд, 148). Дар шаҳр гашта **пӯстатон тунук шудааст** (Ҳошимов Ӯ., Нур ва соя, 25).

10. Ифодаи хафагӣ: **дили касеро сиёҳ кардан** «касеро сахт ранҷондан», **гиреҳи дил во кардан** «дарду ҳасрати дар дил бударо арз кардан», **пӯстинро чаппа пӯшидан** «баръакси табиати худ амал кардан»:

Не-е бо ҳазор иғво **дили одамро сиёҳ мекунад** (Ҳошимов Ӯ., Нур ва соя, 42). Мардуми аламзада **гиреҳи дилҳои сӯзони худро во мекарданд**, ғавғо

менамуданд… (Улуғзода С., Восеъ, 225). … аз баногоҳ бар хилофи аҳду паймони аввала афзуда мондани музди хизмат норозигӣ баён кунад, дигар тамом, усто **пӯстинашро чаппа мепӯшиду** қаҳр карда мерафт (Муҳаммадиев Ф., Сози мунаввар, 88).

Ифодаи маънои эҳсосотӣ бо унсурҳои эҳсосотии мусбат дар воҳидҳои фразеологӣ низ ба воситаи оҳангҳои гуногун зоҳир мешавад. Бояд иловатан қайд намуд, ки зоҳиршавии унсурҳои эҳсосоти мусбат дар фразеологизмҳои забони тоҷикӣ нисбат ба қабатҳои эҳсосоти манфӣ камтар мушоҳида мешавад. Шояд ин ҳолат ба он вобаста бошад, ки воҳидҳои фразеологӣ нисбат ба калимаҳои забонамон имконияти маҳдуди инъикоси чунин унсурҳоро дар худ доранд, зеро равшан аст, ки ифодаи навъҳои гуногуни эҳсосоти мусбати шахс ба тавассути калимаҳо дар забони тоҷикӣ бештар ба назар мерасад. Бо вуҷуди ин дар гурӯҳе аз ифодаҳои устувори забонамон унсурҳои мусбати эҳсосотиро дучор шудан мумкин аст. Аз қабили:

1. Ифодаи хурсандӣ: **сари касеро банд кардан** «касеро хонадор кардан», **дари шодӣ кушода шуд** «дар зиндагӣ афзудани лаҳзаҳои фараҳбахш», **гул-гул шукуфтан** «болидан, қаноатманд гардидан»:

… худо расонад, пас аз ду-се сол **сарашро ба ягон ҷо банд карда**, дар паи хонадор карданаш афтоданат даркор аст (Айнӣ С., Дохунда, 55). – Имрӯз гап задам, имрӯз **дари шодӣ ба рӯям кушода шуду** лекин падару модари Гулсумой… (Икромӣ Ҷ., Хатлон, 28). Ҷавон аз шодии дидани ин гулистон **гул-гул мешукуфт** ва ба дили худ мегуфт … (Айнӣ С., Дохунда, 106).

2. Ифодаи қаноатмандӣ: **дами беғам задан** «форигболиву истироҳат кардан», **ба пӯст нағунҷидан** «беҳад хурсанд шудан», **нафаси роҳат кашидан** «худро осуда эҳсос кардан»:

Ғазалхониро мон, хез, зуд бош, ошро тайёр кун, ки ин шароби илоҳиро имтиҳон карда як **дами беғам занем** (Айнӣ С., Дохунда, 150). Ман бошам аз шавқу хурсандӣ **ба пӯстам намеғунҷидам** (Икромӣ Ҷ., Тахти вожгун, 269]. Эшонбибиро қима-қима карда, аз дами теғ мегузарониду баъд **нафаси роҳате мекашид** (Икромӣ Ҷ., Духтари оташ, 289).

3. Ифодаи таҳсин: **ба рӯйи каф бардоштан** «арзи эҳтиром кардан», **сар ба осмон совидан** «аз ҳад зиёд мағрур, ҳавобаланд шудан», **аз даҳони касе шираю шакар рехтан** «ба ҳадди баланд ширинсухан будан»:

Ҳамаатон **вайро** дар **рӯи кафатон бардошта** мегардед (Наимӣ Қ., Фоҷиа дар чашмасор, 11). Агар якта-нимта чизи тоза ёбад, чанд рӯз **сарашро ба осмонҳо совида** мегашт (Муҳаммадиев Ф., Палатаи кунҷакӣ, 267). Роҳравон бӯй мекарду «ҳай-ҳай читу хушбӯй, читу дӯстрӯй» гуфта чунон тавсиф мекард, ки **аз даҳонаш шираю шакар мерехт** (Муҳаммадиев Ф., Палатаи кунҷакӣ, 68).

4. Ифодаи шавқ: **қабат-қабат гӯшт гирифтан** «ниҳоят шоду хурсанд шудан», **сари касе ба осмон расид** «аз вазъи зиндагӣ қаноатманд будан», **ширеш барин часпидан** «ба касе сидқан пайвастан»:

Савганд ба муқаддасоти олам, ки дар мунозира вай ғолиб барояд ҳам, ман **қабат-қабат гӯшт мегирам** (Муҳаммадиев Ф., Одамони кӯҳна, 20). Агар не нагӯед, маро ба домодӣ қабул кунед, **сарам ба осмон мерасад** (Икромӣ Ҷ., Хатлон, 182). Ин чӯпонбача домони Мадинаро сар намедиҳад, **ширеш барин** ба вай **часпидааст** (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 314).

5. Ифодаи дилсӯзӣ: **мисли хар савор шудан** «истисмори бераҳмона кардан касеро», **ҷигари касе об шуд** «ба ғаму андӯҳи вазнин гирифтор шудан», **шабеҳи лимӯи ҷафида** «ниҳоят фартуту лоғар»:

Ин занаки кӯрбарзангӣ бо кӯрхату ҷоду даҳонашро баста, **мисли хар саворaш шудааст** (Самад А., Гардиши девбод, 187]. … ба болояш ҳафт ман хоки сиёҳ кашиданд, ки инро дида, **ҷигари ҳама дӯстону мухлисони шоир об шуда**, аз чашмонашон шашқатор мерехт (Акобиров Ю., Дунё ба умед, 302). Дар оина суробаш дар чашми ӯ **шабеҳи лимӯи ҷафида** метобад: пур аз чину гӯё тӯри тортанак (Самад А., Гардиши девбод, 277).

Тавре зикр гардид, маънои эҳсосотӣ бо маънои баҳодиҳӣ зич алоқаманд буда, дар баробари ифодаи эҳсосоти муайян нисбат ба ашё ё ҳодисаву воқеа гӯянда ба он баҳои муносиб низ медиҳад. Чунин вазъият, ки дар заминаи ифодаи маънои эҳсосотӣ сурат мегирад, дар мундаричаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ маънои баҳодиҳиро ба вуҷуд меорад. Ба таври дигар, ҳангоми ифодаи унсурҳои

мухталифи эҳсосотӣ ба шайъҳо ва ҳодисаву воқеа баҳои муайян низ дода мешавад. Яъне ифодаи эҳсосоти мухталиф дар воҳиди фразеологӣ як навъ баҳогузорӣ ба мафҳуми мавриди назар низ мебошад. «Аз ин бармеояд, ки маънои эҳсосотӣ муносибати мушаххаси гӯянда нисбат ба фикри гуфташуда буда, дар заминаи он гӯянда метавонад ба фикри баёншуда муносибати худро дар шакли баҳодиҳӣ низ ифода кунад. Маълум аст, ки гӯянда наметавонад дар як вақт ду навъи муносибат ё эҳсосотро истифода барад, аз ин рӯ, ифодаи саривақтӣ ва бамавриди ин ё он навъи эҳсосот дар калима ё воҳиди фразеологӣ метавонад ба пуробуранг баромадани он сабаб гардад» [Дӯстзода Ҳ., 2020, с. 36]. Масалан, ифодаи тобиши номақбул донистан дар воҳидҳои фразеологии феълии зайл: **аз лой гирифта ба лойдон задан** «аз як зинаи таҳқир ба зинаи болотари он гузаштан», **ба лаб кулӯх молида гаштан** «хомӯш гаштанро афзал донистан», **тушбераро хом шумурдан** «дар ибтидо ба хато роҳ додан», **лаб таги дандон кардан** «сабру тоқат кардан»:

Аз лой гирифта, ба лойдон мезанад (Ҳамдам А., Оби зери ях, 177). Баъд шабонгаҳ ҷасади шахшудаи ӯро ба таҳхонаи торики бадвоҳима партофта, се рӯз «**ба лаб кулӯх молида**» гаштанд (Акобиров Ю., Дунё ба умед, 44). Эй ту сагбача, **тушбераро хом шумурдӣ** (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб. Ҷ.2. Шӯроб, 389). Бо вуҷуди он, **лаб таги дандон карда**, заҳру заҳуми ин таҳқирро фурӯ мебурд (Ҳамдам А., Оби зери ях, 49).

Ҳамин тавр, маънои эҳсосотӣ дар воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ ба монанди калимаҳои он ифодакунандаи тобишҳои муайяни олами ботинию равонии соҳибони он ба ҳисоб рафта, ба ин васила мундариҷаи маънои ифодаҳои рехта пуробуранг ва рангинтар мегардад. Вобаста ба он ки дар воҳидҳои фразеологии эҳсосотӣ кадом навъи эҳсосоти шахс ифода меёбад, метавон онҳоро ба маънои эҳсосотии мусбат ва манфӣ ҷудо намуд, ки дар миёни онҳо зоҳиршавии эҳсосоти манфӣ бештар мушоҳида мешавад.

1.7. Маънои баҳодиҳӣ дар мундаричаи воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ

Маъноҳои мафҳумӣ бо тобишҳои дигари гуногуни он, асосан, дар калима ва воҳидҳои фразеологии забон инъикоси равшани худро ёфта, ба ин васила шайъ ва ё ҳодисаҳои мавриди назар як андоза пуробуранг ва образнок ифода меёбанд. Миёни чунин унсурҳо тобиши баҳодиҳӣ мавқеи хосса дошта, он дар заминаи тасаввуроти муайян нисбат ба ашёву ҳодисаҳо сурат мегирад. Қобили зикр аст, ки муносибати баҳодиҳӣ на танҳо ба ашёҳо ё хусусиятҳои алоҳидаи онҳо тааллуқ дорад. Дар баробари ин амалҳо, ҷараёнҳо, вазъият, ҳолат, далелҳо ва имкониятҳои падидаҳои ҳаётӣ низ баҳогузорӣ карда мешаванд. Ба таври умум, баҳодиҳӣ (хоҳ дар шакли хуб ва хоҳ бад) дар ҳама мавридҳои муносибати забонии мо нисбат ба ашёву падидаҳои ҳаёти рӯзмарра сурат мегирад.

Баҳодиҳӣ, бешубҳа, унсури муҳимми иҷтимоие мебошад, ки ба ҳама забонҳо хос аст. Забони тоҷикӣ низ аз чунин падидаи забонӣ дар канор набуда, ифодаи баҳодиҳӣ дар он ба тавассути воҳидҳои гуногуни забонӣ сурат мегирад, ки дар ин миён нақши ифодаҳои рехта махсус арзёбӣ мешавад. Аз як ҷониб, баҳодиҳӣ ба сифатҳое иртибот дорад, ки ба обйектҳои ғайризабонӣ хосанд, ки дар шуури инсонҳо таҷассум ёфтаву бештар дар маънои фразеологӣ ифода меёбанд. Аз ин нуқтаи назар, баҳодиҳӣ характери обйективӣ дорад. Аз дигар ҷониб, шахс ҳамчун субйекти баҳодиҳӣ, ҳамчун намояндаи арзишҳои замони худ, муҳити атроф ва идеология эҷодкунандаи бевоситаи баҳодиҳӣ мебошад. Яъне соҳибзабон дар ташаккули баҳодиҳӣ нисбат ба мафҳумҳо ва ифодаи онҳо дар воҳидҳои забон, хосатан фразеологизмҳо, мақоми ҳалкунанда дорад.

Омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ ба хулосае меоваранд, ки дар масъалаи баҳодиҳӣ ақидаҳои муҳаққиқон якранг нестанд. Онҳо миёни шохаҳои мухталифи илм тақсим шудаанд. Албатта, ҷаҳонбинии донишмандони гуногун – файласуфон, мантиқшиносон, забоншиносон, ҳуқуқшиносон, равоншиносон ва ғайра вобаста ба таҳқиқотҳои соҳавиашон ба тариқи гуногун зоҳир мешавад. Онҳо дар доираи назарияҳои мухталифи илмӣ амалӣ шуда, баҳодиҳиро бо

истилоҳҳои ҳархела ифода кардаанд. Мавриди он ки дар хусуси баҳогузорӣ ва маънои баҳодиҳӣ чиҳо гуфтаанд, наметавон дар ин ҷо ҳамаҷониба муҳокимаронӣ кард. Вале он чиз аён аст, ки дар ҳама сарчашмаҳои илмӣ ба таври умумӣ ё ҷузъӣ баҳодиҳиро муносибати огоҳонаи гӯянда нисбат ба ашёву ҳодисаи муайян маънидод карда, онро як навъ мавқеи иҷтимоии соҳибзабон тавсиф намудаанд.

Унсурҳои баҳодиҳиро вобаста ба зоҳиршавиашон нисбат ба ашёву ҳодисаҳои олами воқеӣ метавон ба хуб, бад ва муътадил ҷудо намуд, ки дар ин миён ифодаи баҳодиҳии бад бештар ба назар мерасад. Чунин гурӯҳбандӣ ба нисбати зоҳиршавии тобишҳои гуногуни олами ботинии шахс дар унсури баҳодиҳӣ амалӣ мегардад. «Аксари муҳаққиқон баҳодиҳии манфӣ (пейоративӣ), мусбат (мелиоративӣ) ва муътадил (ситуативӣ)-ро ҷудо кардаанд. Дар бештари таҳлилҳои маъноии воҳидҳои фразеологӣ далели мавҷудияти бештари баҳодиҳии манфӣ ба назар мерасад. Маълум аст, ки чунин сифатҳои имкониятҳои зеҳнии инсон, ба монанди нотавонӣ ё маҳдудияти ақлонӣ дар худ муносибатҳои зеҳнӣ-эҳсосотии манфиро ба вуҷуд меоранд» [Алдаибани Ареф Али Салах, 2003, с. 7]. Аз ин ҷо низ зоҳиршавии маънои баҳодиҳӣ дар воҳидҳои забон ба чунин таснифот иртибот дошта, онро метавон дар шакли маънои баҳодиҳии хуб, бад ва муътадил ҷудо кард. Агар дар маънои баҳодиҳии хуб тобишҳои эҳтирому қаноатмандӣ, ифтихору тавсиф ва ғайра ҷойгузин бошанд, пас, дар маънои баҳодиҳии бад, баръакс, тобишҳои тамасхуру беэҳтиромӣ, таҳқиру сарзаниш ва монанди инҳо инъикос ёфтаанд. Дар баҳодиҳии муътадил бошад, лаҳзаҳои равшани ифодаи ин навъ тобишҳо мушоҳида намешаванд, вале онҳо метавонанд дар мавридҳои муайян чунин унсурҳоро соҳиб шаванд.

Ба ин тариқ, яке аз унсурҳои маъноие, ки ҳам дар мундариҷаи маъноии калимаҳо ва ҳам фразеологизмҳои забони тоҷикӣ зоҳиршавии бештар дорад, маънои баҳодиҳӣ мебошад. Онро метавон дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ ҳамчун яке аз рукнҳои муҳим ва ҳатмии маънои фразеологӣ маънидод кард. Он маъноест, ки дар пояи муносибат ва мавқеи огоҳонаи инсон нисбат ба ашё, хосиятҳои он ё ҳодисаҳои алоҳида вобаста ба ифодаи муайяни баҳогузорӣ зоҳир мешавад. Ба таври дигар, лаҳзаи баҳодиҳӣ аз муносибати

воқеии шахс нисбат ба ашёву ҳодисаҳои олами воқеӣ сарчашма мегирад ва ба ҳар навъ инъикос меёбад. «Маънои баҳодиҳӣ дар заминаи хусусиятҳои воқеии ашё сурат мегирад, ки аз онҳо вобастагӣ дорад. Ҳадафи баҳодиҳӣ ҳамеша характери воқеӣ ва ҳаминзамонӣ дорад. Ба шумори чунин ҳадафҳо метавонанд хусусиятҳои назоратшавандаи обйект, далел ва пешгӯиҳои ба обйекти мазкур алоқаманд, муносибат ва мақсад, қонунмандӣ ва нозукиҳои дарк, вокунишҳои муқаррарӣ ва ғайримуқаррарӣ ба навъҳои гуногуни обйектҳо мутааллиқ дохил шаванд» [Арутюнова Н.Д., 1988, с. 57]. Тасдиқи ин ақидаро дар воҳидҳои фразеологии зайл метавон дарёфт, ки маънои баҳодиҳӣ дар онҳо унсури асосии маънои фразеологӣ ба ҳисоб меравад: **сухани дилчасп** «фикри маъқул, гапи табъи дил» (ифодаи баҳодиҳии хуб), **ба қитиқи касе расидан** «касеро асабӣ кардан» (ифодаи баҳодиҳии бад), **чун лимуи шарбаташ ҷафидагӣ** «нолозим, нодаркор» (ифодаи баҳодиҳии бад), **занги дил шустан** «ғами дилро баровардан, хушҳолӣ кардан» (ифодаи баҳодиҳии хуб):

Назаров, ки аз омадани Қодиров бағоят мамнун гардид, чашм аз дӯсти дерина намеканд ва аз **суханҳои дилчаспи** ӯ завқ менамуд (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб. Ҷ.2. Шӯроб, 319). – Ан зӯр зада, гапро ба шӯхӣ бурда, **ба қитиқи хола мерасид** (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб. Ҷ.2. Шӯроб, 408). … тамоми амалиёти бонкиро ба дискетҳо ҷой мекунад ва охири рӯз худро батамом хаставу **чун лимӯи шарбаташ ҷафидагӣ** эҳсос менамояд (Ҳамдам А., Оби зери ях, 37). Қаҳ-қаҳи ӯ на танҳо занги дили худашро, балки **занги дили атрофиёнашро** низ **мешуст** (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор (марзи номус), 86).

Мо дар раванди инъикоси мафҳуми ҷудогона дар шуури худ ба он муносибати баҳодиҳии муайянеро муқаррар менамоем. Чунин баҳогузорӣ метавонад дар шакли «хуб» ё «бад» сурат гирад ва дар сохтори воҳидҳои забон маънои баҳодиҳиро ба вуҷуд оварад. Яъне зоҳиршавии маънои баҳодиҳӣ дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ, асосан, хусусияти обйективӣ ва тасвирӣ дошта, аз таассуроти алоҳидаи соҳибзабон вобаста аст. Чунин таассурот метавонад аз муносибатҳои алоҳидаи гӯянда нисбат ба мафҳум сарчашма гирад. «Маънои баҳодиҳӣ, – менависад муҳаққиқи рус Телия В.Н., – ин маълумоте

мебошад, ки ахборот дар хусуси муносибати арзишнокии субйекти нутқро ба хусусияти алоҳидаи ифодашаванда, ки дар заминаи ин ё он санҷиши ҷанбаи баъзе обйектҳо ҷудо карда шудааст, дар бар мегирад» [Телия В.Н., 1986, с. 54].

Тавре зикр гардид, баҳодиҳӣ сабаби иҷтимоӣ дорад. Тафсири он аз меъёр ва талаботҳое вобаста мебошад, ки дар ҷамъият ё қишре аз он қабул шудаанд. Ҷаҳонбинӣ, забондонӣ, манфиатҳои иҷтимоӣ, ифодаи эҳсосот ва дигар омилҳои инсонӣ боиси ба вуҷуд омадани маънои баҳодиҳӣ дар воҳидҳои забон мегарданд. Аз ин ҷиҳат инсон ҳамчун обйекти муҳимми бавуҷудоварандаи унсури баҳодиҳӣ эътироф мегардад. Бо вуҷуди ин набояд фаромӯш сохт, ки унсурҳои баҳогузорӣ на танҳо ба омилҳои гӯянда вобаста мебошанд, онҳо метавонанд аз лаҳзаҳои муайяни ҷараёни нутқи соҳибзабон низ вобастагӣ дошта бошанд. Аз ин ҷиҳат баҳодиҳӣ (=маънои баҳодиҳӣ)-ро метавон ба ду навъ: а) баҳодиҳии забонӣ ва б) баҳодиҳӣ дар нутқ ҷудо намуд. Гӯянда дар раванди нутқи худ метавонад унсурҳои баҳодиҳиро иваз намояд ё тағйир дода, барҳам занад. Аз ин ҷо, баъзе аз муҳаққиқон вазифаи асосии муҳокимаҳои баҳодиҳиро дар он мебинанд, ки он бояд ба шунаванда таъсир расонад. Дарвоқеъ, вақте ба мафҳум баҳои муайян дода мешавад, албатта, чунин бардошт ба тасаввуроти шунаванда бетаъсир намемонад. Он дар шуури ҳамсуҳбат таассуроти алоҳидаеро (дар шакли хуб ё бад) оид ба мафҳум сабт менамояд. Ба андешаи мо, ифодаи баҳодиҳӣ худ ба худ ҷанбаи водоркуниро дорад, аз қабили ба амале сафарбар намудан, аз чизе огоҳонидан, таъриф, маҳкум кардан ва ғайра. Яъне он меъёрҳои рафторро ба тавассути воҳидҳои забон ба танзим дароварда, ҳамзамон онҳоро амалӣ месозад. Масалан, дар фразеологизмҳои **дил гирифтан аз касе** «ноумед шудан, умед кандан», **хоки дари касеро бо остин рӯфтан** «хушомадгӯии зиёд кардан, хидмати беҳади ройгон кардан ба касе», **ғами ширин** «маҳзунии ҳаловатбахш», **хоҳам-нахоҳам** «нохост, надониста», **касеро дар миёна андохтан** «миёнарав, восита намудан касеро» чунин тобишҳои тавсиявиро метавон ошкор намуд:

… чунки намедонам, аз чи сабаб бошад, бо худи ин одам дуруст шинос нашуда, **аз ӯ дилам гирифтааст** (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 133). … моро маҷбур кунанд, ки ба даргоҳашон рафта тамаллуқ кунем, **хоки дарашонро ба**

остин рӯбем (Икромӣ Ҷ., Сафар-Махсум дар Бухоро, 150). Вай ҳам дар дил ғам дошт, вале **ғами ширин** (Кӯҳзод У., Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз, 251). – Дар муддати ин ду рӯз шумо **хоҳам-нахоҳам** ба оташи ҳисси Ҳайдарҷон равгаи рехтед (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 147). Писарам, ту дилтангӣ накун ва **ҳар касро дар миёна наандоз**, ман пасу пеши худро дида, асбоби тӯйро тайёр кунам, амри хайри шумоёнро пеш мегирам (Айнӣ С., Ёддоштҳо, 43).

Аксарияти забоншиносон маънои баҳодиҳиро дар калима ва воҳидҳои фразеологӣ ба сифати яке аз унсурҳои маънои коннотативӣ (иловагӣ)-и онҳо қаламдод карда, онро бо тобиши маъноии эҳсосотӣ алоқаманд медонанд. Унсури маънои иловагӣ дар худ зоҳиршавии мураккаби лаҳзаҳои баҳодиҳӣ, эҳсосотӣ, образнокӣ, ифоданокӣ ва услубиро фаро мегирад, ки онҳо метавонанд дар гурӯҳе аз воҳидҳои фразеологӣ дар якҷоягӣ ва дар гурӯҳи дигар дугона ё сегона зоҳир шаванд. Маҳз бо шарофати маънои иловагӣ воҳидҳои фразеологӣ ба таври амиқ ба олами эҳсосотии шунаванда таъсир мерасонанд ва ифодаҳои равшану таъсирбахши дилхоҳи забон маҳсуб меёбанд. «Коннотатсия (маъноҳои иловагӣ) маҷмуи маъноҳои воҳидҳои номинативӣ мебошад, ки ҷузъҳои эҳсосӣ, маҷозӣ ва услубӣ, на аломатҳои ашёи таъйиншударо инъикос мекунанд, ба монанди муносибати гӯянда ба таъйинот ё шароити сухан. Бо назардошти дараҷаҳои мухталифи робитаи байни маънои асосии аслӣ ва ҷанбаҳои маъноие, ки аз он бармеоянд, баъзе муҳаққиқон тавсия медиҳанд, ки таҳлили амиқи маънои калима ва воҳидҳои фразеологӣ гузаронида шавад» [Алефиренко Н.Ф., 2005, с. 169].

Ҳамчун унсури маънои иловагӣ эътироф гардидани маънои баҳодиҳӣ ба он вобаста аст, ки он дар натиҷаи муносибати гӯянда ба мафҳум сурат мегирад ва бо лаҳзаҳои эҳсосотӣ олуда аст. Ин навъи маъноро метавон ҳамчун тобиши баҳодиҳии маънои асосӣ маънидод кард. «Маънои иловагии баҳодиҳӣ унсури маънои калима ва воҳиди фразеологӣ мебошад, ки арзишҳои алоқаманд бо эҳсосотро муқаррар мекунад. Баҳодиҳии мусбат ба воситаи лаҳзаҳои навозиш, хушнудӣ, қаноатмандӣ ва ғайра ифода мешавад. Баҳодиҳии манфӣ бошад, дар

заминаи эҳсосоти манфӣ асос меёбад: маҳкум кардан, тамасхур, таҳқир ва монанди инҳо» [Жеребило Т.В., 2010, с. 162].

Забоншинос Стернин И.А. дар мавриди ҷузъи маънои иловагӣ (коннотативӣ) будани унсури баҳодиҳӣ чунин назарияро пешниҳод месозад: «Қисмати умдаи коннотативии маъно ҷузъҳои семантикии баҳодиҳӣ ва эҳсосотро дар бар мегирад. Баҳодиҳӣ ва эҳсосот дар шакли аломатҳои семантикие баромад мекунанд, ки ба ташхисдиҳандаи семаҳо мувофиқ мебошанд. Дар ин маврид воҳидҳое, ки аз баҳодиҳӣ ва эҳсосот ориянд, ҳамчун унсурҳое фаҳмида мешаванд, ки дар онҳо баҳодиҳӣ ва эҳсосот ба сифр баробар аст, яъне воҳидҳои дорои аломатҳои семантикии мустақили «эҳсосот» ва «баҳодиҳӣ», ки бе мушаххаскунандаҳои унсурҳои маъноӣ ташкил ёфтаанд [Стернин И.А., 1985, с. 70].

Ҳамин тавр, асоси маънои баҳодиҳиро робитаи муносибати гӯянда бо мафҳум ташкил медиҳад. Дар заминаи чунин алоқамандӣ, ки бевосита ба дарку фаҳмиш ва ҷаҳонбиниву забондонии шахс иртиботи қавӣ дорад, муносибати баҳогузорӣ барқарор шуда, ҳамзамон мафҳум ифода мешавад. Забоншиноси рус Шаховский И.В. маъноҳои эҳсосотӣ ва баҳодиҳиро ҳамчун унсурҳои алоҳидаи маъноӣ медонад, ки ба мафҳуми муайян нигаронида мешаванд. Аз ин ҷиҳат, мавсуф ин навъи маъноҳоро ба маънои денотативӣ иртибот додааст: «Ақидае бештар маъмул аст, ки тобишҳои эҳсосотӣ, баҳогузорӣ, ифоданокӣ ва услубӣ коннотативӣ буда, сохтори коннотатсияро ташкил медиҳанд. Вале таҳлили маводи фаровони забонӣ нишон медиҳад, ки баҳогузорӣ ва ифоданокӣ метавонанд обйекти худро дошта бошанд ва бинобар ин онҳо дар ҷанбаи денотативии маъно устуворанд» [Шаховский И.В., 1983, с. 29].

Ба назари мо низ, унсури баҳодиҳӣ метавонад дар ҷузъи асосии маъно ифода ёбад, ё ба таври дигар, ҳама гуна номгузорӣ имкони дар умум ин ё он навъи баҳодиҳиро ифода кардан дорад. Масалан, дар ифодаи рехтаи тавсифии **одами паст**, ки маънои «палид»-ро дорад. Дар ин маврид аломати нохуб будани мафҳуми мазкур ба ҷузъи асосии маъно дохил мешавад, зеро нишондоди аломати мазкур танҳо инсони бад мебошад, на шахс бо баҳои манфии он. Аз ин рӯ,

баҳодиҳии иловагӣ ва асосиро аксаран фарқ кардан мушкил аст. Фарқи миёни онҳоро танҳо ба воситаи усули тафсири маъно дар ифодаи муайян, ки бо ҷузъҳои «хуб» ё «бад» анҷом меёбад, фаҳмидан мумкин аст. Агар маънои воҳиди фразеологӣ мухтасар таҳлил гардида, дар ин ҳолат маъно ифодаи шартии «ин хуб/бад»-ро ҷамъбаст кунад, ин навъи баҳодиҳӣ иловагӣ мебошад. Агар тафсири обйективии маъно мумкин набошад, дар ин ҳолат баҳодиҳӣ ба ҷузъи асосии маъно дохил мешавад ва фразеологизм дар умум баҳодиҳиро ифода мекунад. Масалан, дар маводи зерин, ки фразеологизми аввал шартан баҳодиҳии бадро ифода намуда, тобиши баҳодиҳии хуби мисоли дуюм як ҷузъи маънои деннотативии онро ташкил додааст:

– Назан, ин тааллуқи маро назан, – гуфта **хандаи хунук** кард (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 256). Деҳқон як парча замини худӣ дошта бошад, ту медонӣ, ки **сараш ба осмон мерасад** (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб. Ҷ.2. Шӯроб, 98).

Ин ҳолатро дар аксари воҳидҳои фразеологӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Дар онҳо баҳодиҳии хуб ё бад дар ифодаи маънои мафҳумӣ бештар ба назар мерасад. Танҳо фарқ аз калимаҳо дар ин аст, ки дар фразеологизмҳо имконияти бештари тафсири маънои баҳодиҳӣ мавҷуд аст. Аз қабили **инони ихтиёрро супоридан** «ҳалли мушкилоти худро ба каси дигаре бор кардан» (ифодаи баҳодиҳии бад), **ба майдон овардан** «баён кардан, бозгӯ намудан» (ифодаи баҳодиҳии хуб), **монанди одами маст** «бехудона, ихтиёрро аз даст дода» (ифодаи баҳодиҳии бад), **ба таги пӯсти касе даромадан** «ба боварии касе сахт даромадан» (ифодаи баҳодиҳии бад), **нарезондаю начаконда** «як ба як, пурра» (ифодаи баҳодиҳии бад):

… монанди мурдае, ки ба дасти мурдашӯй супорида шуда бошад, тамоми **инони ихтиёри худро** ба дасти калоншавандагони деҳа **супорид** (Айнӣ С., Дохунда, 44). Имрӯз, ки хонааш ҳам ғалтида бе сарпаноҳ монд, дигарбора қатъитар карда, масъаларо **ба майдон овард** ва дар натиҷа чор-ночор занашро ҳам қабул кунонид (Айнӣ С., Дохунда, 73). Сӯҳроб се қадам қафонокӣ рафт, сипас мувозинаташро гум карда, **монанди одами маст** калавида-калавида сарозер ба лойхона афтод (Самадов А., Паррончакҳо, 109). Ҳунаре, ки ӯ дорад,

шайтон надорад, **ба таги пӯсти одам медарояд**, фоидааш ба Барзу зиёд (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 71). …. эшони Тошбой **нарезондаю начаконда** ҳамаи гапҳоро хабар бурдааст ва пешдаро шуда ӯро ба деҳа, ба сари мардум, ба сари Ҳоҷимаҳмуду эшони домулло Мирзо овардааст (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 158).

Аз таҳлилҳои назарияҳои забоншиносони гуногун бармеояд, ки онҳо маънои баҳодиҳиро ҳамчун унсури ҳатмии маънои асосӣ ва иловагӣ шарҳ додаанд. Ҳатто баъзе аз онҳо маънои баҳодиҳиро ҷузъи маънои прагматикӣ низ ном бурдаанд. Масалан, маъношиноси рус Арутюнова Н.Д. маънои баҳодиҳиро ҳамчун унсури маънои прагматикии калима медонад ва таъкид мекунад, ки: «Яке аз вазифаҳои муҳимми прагматика ба таври мухтасар ифода намудани қоидаҳои истифодаи калимаву ифодаҳо ва ҳамчунин шарҳи воқеии онҳо мебошад. Мо маъноро мефаҳмем ва истифодаи калимаҳоро дар матн ба роҳ монда, ба ин восита худи матнро тафсир медиҳем. Дар ҷараёни шарҳёбӣ на танҳо маънои калима, балки лаҳзаҳои зиёди прагматикӣ низ дар назар дошта мешаванд. Барои он ки унсурҳои баҳодиҳӣ ва махсусан унсурҳои баҳодиҳии умумӣ (хуб ва бад) шарҳ дода шаванд, маълумоте лозим аст, ки амалан ба ҳамаи ҷузъҳои матн тааллуқ дошта бошад. Сифатҳои баҳодиҳӣ вобаста ба он ки онҳо кадом категорияҳои ашёҳоро тавсиф медиҳанд, ба таври гуногун шарҳ дода мешаванд. Баҳодиҳӣ аз дигар навъи маъноҳо дида бештар ба ҳолати гӯянда вобаста аст. Алоқаи маънои баҳодиҳӣ бо муаллифи нутқ бисёррӯя мебошад. Баҳодиҳӣ ақидаи шахсӣ ва шавқу рағбати гӯяндаро ифода мекунад, онҳо бошанд, дар инсонҳои алоҳида гуногунанд. Дар олами ботинии шахс баҳодиҳӣ ба ақида ва ҳиссиётҳо, орзу ва талаботҳо, вазифа ва иродаи мақсаднок асос меёбад [Арутюнова Н.Д., 1988, с. 6].

Муҳаққиқи риштаи фразеологияи забони тоҷикӣ Ҳ. Маҷидов маънои баҳодиҳиро дар доираи маънои фразеологӣ таҳлил намудааст. Мавсуф маънои баҳодиҳиро дар мундариҷаи маъноии фразеологизмҳои забонамон аз ҷумлаи маъноҳои устувори бардавом дониста, фарқи онҳоро аз лаҳзаҳои баҳодиҳии нутқӣ таъкид мекунанд. «Ба гурӯҳи унсурҳои дигари басо муҳимми маънои фразеологӣ лаҳзаҳои баҳодиҳӣ дохил мешаванд. Унсурҳои баҳодиҳӣ дар

хосиятҳои мусбат ва манфие, ки дар маънои фразеологӣ ниҳон аст, ифода шудаанд. Бояд ба ҳисоб гирифт, ки ин унсурҳои баҳодиҳӣ аз унсурҳои бардавоми маънои фразеологӣ ба шумор мераванд ва аз он лаҳзаҳои баҳодиҳие, ки мавриди нутқ тавлид меёбанд, ба куллӣ фарқ мекунанд» [Маҷидов Ҳ., 2014, с. 286].

Маълум мегардад, ки мавқеи забоншиносони хориҷиву ватанӣ дар хусуси истилоҳоти маънои баҳодиҳӣ гуногун буда, онро ба системаи маъноҳои гуногун марбут донистаанд. Ба назари мо, маънои баҳодиҳӣ, хоҳ дар калима ва хоҳ дар воҳиди фразеологӣ, ба ҳайси маъное баромад мекунад, ки ҳам ба мафҳум ва ҳам ба эҳсосоти гӯянда муносибат дорад. Онро ба сифати унсури маъноҳои асосӣ, иловагӣ ва нутқӣ тавзеҳ додан вобаста ба шароити зоҳиршавии муносибати баҳодиҳӣ дар забон ва нутқ мебошад. Яъне баҳодиҳӣ дар воҳидҳои забон дар кадом зинае, ки сурат гирад, он танҳо як вазифа дорад: муқаррар намудани муносибати гӯянда нисбат ба ашёву ҳодиса ва додани баҳои муносиб. Дар лаҳзаҳои гуногуни нутқ бошад, маънои баҳодиҳӣ метавонад вобаста ба вазъият тағйир ёбад ё тамоман сарфи назар карда шавад. Аз ин ҷиҳат дар нутқ он лаҳзавӣ ва зуд тағйирёбанда маънидод карда мешавад.

Баҳодиҳӣ ҳамчун унсури инъикоси падидаву ашёҳои олами воқеӣ як ҷузъи муҳимми маънои воҳидҳои фразеологиро ташкил медиҳад. Маънои баҳодиҳӣ дар аксарияти фразеологизмҳои забони тоҷикӣ унсури ҳатмии маънои фразеологӣ ба ҳисоб рафта, дар шаклҳои мухталиф баён мешавад. «Унсурҳои дигари муҳимми идиоматикии маънои фразеологӣ лаҳзаҳои гуногуни баҳодиҳӣ мебошанд. Унсурҳои баҳодиҳӣ дар тавсифҳои мусбат ва манфӣ ифода меёбанд, ки дар маънои фразеологӣ пинҳон шудаанд. Бояд дар назар дошт, ки онҳо ҳамчун унсурҳои доимии маънои фразеологӣ, на дар падидаҳои тасодуфӣ ё окказионалӣ, ки дар нутқ ба вуҷуд меоянд, амал мекунанд. Унсурҳои баҳодиҳии воҳидҳои фразеологӣ, азбаски онҳо, пеш аз ҳама, муносибати гӯянда ба шахс ё ашёро тавсиф мекунанд, яке аз зуҳуроти маъноҳои модалӣ дар забон ҳисобида мешаванд» [Маджидов Х., 2006, с. 118].

Ҳамин тавр, яке аз воҳидҳои забоние, ки дар зоҳиршавии маънои баҳодиҳӣ мақоми хоса дорад, воҳидҳои фразеологӣ мебошанд. Баҳогузории муайян

ҳамчун падидаи муҳимме, ки дар заминаи муносибати воқеии соҳибзабон нисбат ба ашёву ҳодисаҳо ва хосиятҳои онҳо сурат мегирад, маънои баҳодиҳиро дар воҳидҳои фразеологӣ ба вуҷуд меорад. Мувофиқи назарияи забоншинос Погорелова С.Д.: «Баҳодиҳӣ яке аз унсурҳои категорияи воқеият мебошад. Он яке аз самтҳои асосии фаъолияти зеҳнии инсон мебошад ва, бешубҳа, инъикоси худро дар забон меёбад. Мафҳуми мазкур дар заминаи талаботҳои зиёде тавсиф дода мешавад, ки дар заминаи он хобидаанд ва мураккабиро дар тасвири воситаи ифодаи он ба вуҷуд меоранд [Погорелова С.Д., 2011, с. 107].

Воситаҳои баҳодиҳӣ дар ҳама қабатҳои забон мушоҳида мешаванд, ки яке аз онҳо воситаҳои фразеологии баҳодиҳӣ мебошад. Мавҷудияти маънои баҳодиҳӣ дар воҳидҳои фразеологӣ зоҳиршавии муайяни мафҳум вобаста ба таассуроти гӯянда аст. Ҳар қадар ки унсури баҳодиҳӣ дар фразеологизм равшан зоҳир шуда бошад, ҳамон қадар ифодаи мафҳум дар заминаи қабули иҷтимоӣ барҷаста сурат мегирад. Тобишҳои гуногуни маънои баҳодиҳиро метавон дар ибораву ҷумлаҳои фразеологии зайл ба мушоҳида гирифт, ки хеле равшану возеҳ ифода ёфтаанд: **бо як чашм нигаристан ба касе** ба маънои «бо ҳама касон муносибати якхела доштан» (ифодаи баҳодиҳии хуб), **рӯзам сахт** ишора ба «аҳволи бад» (ифодаи баҳодиҳии бад), **дарди сар додан** «ташвиш додан, безобита кардан» (ифодаи баҳодиҳии бад), **орзуи ширин** «таманнои беҳтарин» (ифодаи баҳодиҳии хуб), **қабат-қабат гӯшт гирифтан** «беҳад хурсанд, қаноатманд шудан» (ифодаи баҳодиҳии хуб):

Лекин ман аз янгаам Каромат намеранҷидам: вай ба ҳамаи мо **бо як чашм нигоҳ мекард** ва меҳрубон буд (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 166). **Рӯзам сахт** авсунҷон, чунон сахт, ки ҳеҷ напурсед… (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 34). – Не, ман барои пули дунё мир ва шуморо **дарди сар дода** намегардам, пули маро кӣ нахӯрдааст (Айнӣ С., Дохунда, 31). Онҳо баъзан то қарибиҳои рӯз саргузаштгӯиву **орзуҳои ширин** карда менишастанд (Кӯҳзод У., Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим, 130). Хешовандон, наздикон, зурётҳо ба ин амалашон ба Ниёзов руҳ мебахшиданд, **қабат-қабат гӯшт мегирифт**… (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 45).

Вобаста ба зоҳиршавии маънои баҳодиҳӣ дар бештари ҳолатҳо семантикаи воҳидҳои фразеологии гурӯҳҳои гуногун, одатан, аз ҳам фарқ мекунанд. Зери маҳфуми маънои баҳодиҳӣ тавсифи хуб ё бади шахс ё ашё аз ҷиҳати хосиятҳои устувор ва доимӣ, на тасодуфӣ ва муваққатӣ фаҳмида мешавад. Дар ин ҳолат бояд миёни воҳидҳои фразеологие, ки маънои баҳодиҳии доимӣ доранд ва фразеологизмҳое, ки истифодаи баҳодиҳии муваққатӣ доранд, фарқ гузошт. Воҳидҳои фразеологӣ бо маънои баҳодиҳии доимӣ чунин хосиятро новобаста аз шароити матн соҳибанд. Фразеологизмҳо бо истифодаи баҳодиҳии муваққатӣ бошанд, дар як матн ин хусусиятро соҳиб мешаванд, дар матни дигар ё алоҳидагӣ онро аз даст медиҳанд. Ба таври дигар, фразеологизмҳо бо маъноҳои баҳодиҳии доимӣ воҳиди забон маҳсуб меёбанд, ифодаҳои рехтае, ки ба баҳодиҳии лаҳзавӣ соҳиб шудаанд, воҳиди нутқанд. Мавриди пажуҳиши забоншиносӣ, асосан, навъи якуми воҳидҳои фразеологӣ қарор мегиранд, ки дар матн ва берун аз он ҳам маънои баҳодиҳии равшан доранд. Ба ҷумлаи чунин фразеологизмҳо ифодаҳои устувори феълии зайлро ворид намудан мумкин аст, ки берун аз матн низ маънои баҳодиҳии онҳо барои соҳибони забон фаҳмо ва равшан аст: **даҳони касе мӯй баровард** «аз ҳад зиёд гап задан, фаҳмондани касе» (ифодаи баҳодиҳии бад), **араҚи ҷабин рехтан** «меҳнати сахт кардан» (ифодаи баҳодиҳии хуб), **аз бинии касе баровардан** «табъи касеро хира кардан» (ифодаи баҳодиҳии бад), **ба осмони ҳафтум баровардан** «аз ҳад зиёд ситоиш кардан» (ифодаи баҳодиҳии хуб):

Аз гап задан ба онҳо **даҳони ҳардуямон мӯй баровард** (Ниёзӣ Ф., Сарбозони бесилоҳ, 331). Лекин батрак надоштааст ва муфтхӯрӣ накардааст, хамеша **араҚи ҷабин мерезад** ва меҳнат карда як даҳон нон мехӯрад (Икромӣ Ҷ., Шодӣ, 21). Ҳамоно гиря мекард, дилашро холӣ менамуд, норозӣ буданд, ки Гулнора шодию хурсандии онҳоро **аз бинӣ баровард**, маю шароби нӯшидаашон ба танашон заҳр шуд (Мамадов К., Кофтукови ҷиноятkор, 44). Шумо бо ин коратон маккорону чашмбандони ашаддиро бо як нӯл задед, – Ӯткур ӯро ситоиш карда, гӯё **ба осмони ҳафтум бардошт** (Мамадов К., Кофтукови ҷиноятkор, 96).

Ақидае, ки дар мундаричаи маъноии бештари воҳидҳои фразеологӣ маънои баҳодиҳӣ мавҷуд аст, ба ҳақиқати воқеият дуруст меояд. Ин ҳолат ба омиле вобастагӣ дорад, ки ҳангоми дар шакли образнок ифода ёфтани мафҳум ба он ҳамчунин баҳодиҳии муайян илова мегардад. Агар ба таври дигар гӯем, дилхоҳ зоҳиршавии мафҳуми образнок дар қолаби воҳидҳои фразеологӣ ба баҳодиҳии алоҳида иртибот дорад. Тавре зикр гардид, он метавонад дар шакли тобиши баҳодиҳии хуб ё бад сурат гирад. Зоҳиршавии маънои мафҳумии образнокро дар воҳидҳои фразеологӣ бо нақшаи зерин ифода намудан мумкин аст:

Тасвири №4



Маъноҳои мафҳумӣ бо баҳодиҳиҳои гуногун метавонанд ҳар яке ҷадвали махсуси ифодаи худро дошта бошад. Ба назари инҷониб, дар воҳидҳои фразеологии бо тобишҳои мусбат ва манфӣ ин ҷадвал метавонад дар шакли баҳодиҳии ниҳоят баланд, нисбатан пасттар ва ниҳоят паст зоҳир шавад. Чунончи, дар мисолҳои зерин ифодаи чунин ҷадвали баҳодиҳиро нисбат ба баҳодиҳии бад мушоҳида намудан мумкин аст, ки он тавассути тобишҳои таҳдид, таҳқир ва сарзаниш инъикос ёфтааст: **линги касеро аз осмон овардан** ба маънои «касеро сахт ҷазо додан», **муши мурда** «каси гунаҳкори худро бегуноҳ вонамудкарда», **дили чун таги дег сип-сиёҳ** «табъи беҳад хираву шикаста», **ба чашми касе хок пошидан** «касеро фиреб додан»:

Худам ҳастам. **Линги ҳамаша аз осмон меорам** (Сорбон, Барзгар. Зуза, 178). Ҳисобу китоб дар даҳони ҳамину дар дасти, ана ун, **муши мурда** (Сорбон, Барзгар. Зуза, 172). – Ҳа... ҳоли... ҳамту гӯй, - гуфт ва **дилаш чун таги дег сип-**

сиёҳ шуд (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 13). – Ҷеймсро оҳиста-оҳиста **ҳарфи дурушту** нешдори Айна таъсир кард (Зоҳир А., Завол, 43). … онро бодичаҳо, нодидаҳо, онҳое, ки **ба чашми мардум хок пошида** мегарданд, саворӣ мекунад (Ҳамдам А., Оби зери ях, 176).

Дар ифодаи ҷадвали маънои баҳодиҳии хуб бо дараҷаҳои зикршуда, асосан, унсурҳои қаноатмандӣ, таъриф, тавсиф ва монанди инҳо бештар мушоҳида мешаванд. Мавҷудияти чунин лаҳзаҳо дар мундариҷаи маънои ифодаҳои рехта маънои баҳодиҳии хубро бо сатҳҳои мухталифи ифода тавлид месозад. Аз қабили **сари касе ба осмон расид** «касе ниҳоят хурсанд шуд», **гули сари сабад** «шахси азиз, муътабар», **хандаи ширин** «хандаи дилрабо, дилангез», **дили касе кушода шуд** «касе хушҳол гардид, касе аз ҳолати ғамгинӣ баромад»:

… ман тайёр будам дар мактаби куҳна ҳам бошад хонам ва агар ин муяссар мешуд, **сарам ба осмон мерасид** (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 169). Шираи замин, **гули сари сабади** бани одам аст (Муҳаммадиев Ф., Палатаи кунҷакӣ, 222). – Ташаккур барои орзуи начиб, – вай боз як **хандаи ширине** ҳадя намуда афзуд (Сорбон, Барзгар. Зуза, 156). Зебо, ки **дилаш кушода шуда** буд, дугонаашро оғӯш гирифта гуфт… (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор, 116).

Аксарияти маъноҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ дар мундариҷаи худ унсурҳои баҳодиҳӣ доранд, ки омӯзиши муфассали онҳо таҳқиқоти махсусро талаб мекунад. Дар умум, миёни унсурҳои баҳодиҳӣ баръало метавон тавсифҳои мусбат ва манфиро ҷудо кард. Вобаста ба ин унсурҳои баҳодиҳии хуб ва бади воҳидҳои фразеологиро бо мисолҳои мушаххас равшантар нишон додан мумкин аст: **дуди касе ба димоғ зад** «бениҳоят дарғазаб шудани касе, ба қаҳр омадани касе» (ифодаи баҳодиҳии бад), **обрӯи касеро ба замин задан** «иззати нафси касеро ботил кардан» (ифодаи баҳодиҳии бад), **кабки хонагӣ барин** «бохиром, дилкаш» (ифодаи баҳодиҳии хуб), **кони лутф** «донандаи мумтози ҳазлу шӯхӣ» (ифодаи баҳодиҳии хуб):

Баъд аз он фаҳмидам, ки ҳамаи инҳо рӯйрост тарафи бойро мегирифтаанд, **дудам ба димоғ зад**, чоруқи даридаамро ба по карда, пои пиёда Бухоро рафта ба амир арз кардам (Айнӣ С., Дохунда, 65). Барои он ки дар пеши мардум **обрӯятро**

ба замин назанӣ, ту бояд ҳар чизеро ки Тиллохон ойим талаб кунад, муҳайё созӣ… (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 197). … **кабки хонагӣ барин** роҳгардиҳояш, ки ба дилу ҷонам неш мезад, ба ман хеле писанд омада буд (Мамадов К., Кофтукови ҷиноятkор, 12). Худи ҳамин Диловаршоҳ ҳам **кони лутф** (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 366).

Тавре зикр гардид, маънои баҳодиҳӣ ба маънои эҳсосотӣ алоқамандии зич дорад. Зоҳиршавии онҳоро бе ҳамбастагӣ миёни ҳам наметавон таъмин намуд. Аз ин ҷост, ки дар таснифоти маъноии ифодаҳои рехта баъзан ҳолат онҳоро аз якдигар фарқ кардан мушкил аст. «Муносибати эмотивию баҳодиҳии гӯянда нисбат ба ифодашаванда ҳамчун яке аз унсурҳои иловагии маъно (чун қоида унсури болоии он) – ин муносибате мебошад, ки баҳои воқеиро пурра мекунад, ки ба мундариҷаи воҳидҳои забонӣ тааллуқ дорад. Далели мазкур баррасии махсусро талаб мекунад, зеро дар мавриди таҳқиқотҳои зиёди коннотатсия (маънои иловагӣ) ҳамчун унсури эмотивӣ-обурангии маънои луғавӣ ва фразеологӣ ба он диққати хосса дода нашудааст» [Телия В.Н., 1986, с. 53-54]. Маънои баҳодиҳӣ метавонад ба тавассути унсурҳои эҳсосотӣ сурат гирад, дар навбати худ маънои эҳсосотӣ бе баҳодиҳӣ зоҳир шуда наметавонад. Яъне ҳама гуна эҳсосот дар худ тобиши баҳодиҳӣ низ дорад. Воқеан, дар мавриди ифодаи эҳсосоти муайян ҳамзамон унсурҳои баҳодиҳӣ низ зоҳир мешаванд. Маълум аст, ки агар дар воҳиди фразеологӣ маънои эҳсосотӣ ба василаи унсурҳои алоҳидаи эҳсосоти манфӣ ифода шуда бошад, маънои баҳодиҳӣ низ дар чунин фразеологизмҳо ба тарзи манфӣ зоҳир мешавад. Метавон гуфт, ки зоҳиршавии қабатҳои гуногуни эҳсосоти манфӣ дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ омили асосии ифодаи маънои баҳодиҳӣ дар ин навъ воҳидҳои забон мегарданд. Чунончи, ифодаи унсурҳои эҳсосотии манфӣ, аз қабили тарс, ваҳшат, таҳқир, беэҳтиромӣ ва ночорӣ дар фразеологизмҳои феъли зерин боиси ба вуҷуд омадани маънои баҳодиҳии бад дар онҳо гаштаанд: **ба навмедӣ афтодан** «маъюс гаштан, маҳзун шудан»**, ҳуши касе канд** «аз тарсу ҳарос худро гум кардан»**, аз лой гирифта ба лой задан** «шармандаву шармсор кардан», **сухани**

касеро ба замин задан «иродаву маслиҳатҳои касеро ба эътибор нагирифтан», **сар ба девор хӯрдан** «ба монеаи мушкиле гирифтор шудан»:

Чун дид, ки аз гови рафта асаре нест, монанди он ки зинда шудани бародарашро умед карда бошад, дубора **ба навмедии сахт афтод** (Айнӣ С., Дохунда, 44). **Ҳуши ман канд**, пойҳоям аз тарс ба ларза омаданд (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 186). Як рӯз пеш аз ин Ҳоҷар, ба қавли худаш, Исломро **аз лой гирифта ба лой зад** (Кӯҳзод У., Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим, 108). Тӯйи акаҳоятро надидам, тӯйи туро бинам гуфта, дил тасалло медодам, **суханамро** байни дӯсту душман **ба замин назан** (Кӯҳзод У., Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим, 35). Дар лаҳзае, ки чашмонаш чор буданд, **сараш ба девор хӯрдаю** роҳаш гум (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 20).

Айни ҳамин ҳолатро дар воҳидҳои фразеологӣ бо тобиши баҳодиҳии хуб дучор шудан мумкин аст. Дар натиҷа ифодаи унсурҳои эҳсосотии мусбат маънои баҳодиҳиеро ба вуҷуд меоранд, ки аз муносибати хуби гӯянда нисбат ба ашхос ва ашёву ҳодиса дарак медиҳад. Дилхоҳ муносибати эҳсосотии мусбат нисбат ба мафҳуми ифодашаванда ҳамзамон муносибати баҳодиҳии хуб мебошад, зеро дар он ифодаи эҳсосотии қабули мафҳум, ки ба воситаи воҳидҳои фразеологӣ зоҳир мешавад, ба таври мусбат сурат мегирад. Инро дар воҳидҳои фразеологии саршор аз унсурҳои эҳсосотии ифодагари шафқат, эҳтиром, қаноатмандӣ, ҳавас ва тавсифи **аз дил баровардан** ба маънои «рафъ додан, барҳам додан, таскин додан», **рӯй овардан** «нигаристан, нигоҳ кардан», **ба хизмати касе даромадан** «корманди шахсе ё муассисае гаштан», **хоби ширин** «хоби бароҳати оромибахш», **ба осмон баровардан** «таърифу тавсифи зиёд кардан», ки дар мисолҳои зер истифода шудаанд, мушоҳида намудан мумкин аст:

Оқибат, худи модарам ба пеши вай рафта, ба воситаи модаркалонам хафагиро базӯр **аз дилаш бароварда**, оштӣ кард (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 38). Шавҳари зан, ки то ин дам хомӯш буд, ба падарам **рӯй оварда**, суханро якта-якта чида гуфт (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 118). … падарам, ки буду нобудаш аз даст рафта, дасту пояш аз замину осмон меканад, ночор **ба хизмати бой медарояд**, то вақти мурданаш як рӯз сер бошад, ду рӯз гушна меҳнати сиёҳ

карда умр мегузаронад (Айнӣ С., Дохунда, 50). Шабҳо хунук мешуданд, пагоҳӣ аз **хоби ширин** бархостан ба кас бо душворӣ даст медод (Ҳамдам А., Оби зери ях, 119). Бақоиро ба замин задам, ки туро **ба осмон барорам** (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор (марзи номус), 53).

Дар муқоиса бо воҳидҳои фразеологие, ки бо унсурҳои баҳодиҳии хуб ё бад сурат гирифтаанд, метавон ҳамчунин мавқеи фразеологизмҳоеро таъкид намуд, ки дар онҳо адами маънои баҳодиҳӣ мушоҳида мешавад. Ба таври дигар, дар ин гуна ифодаҳои рехта унсурҳои баҳодиҳии хуб ё бад ба назар намерасанд ё хеле хира зоҳир шудаанд. «Унсури баҳодиҳии муътадил ба воҳидҳои фразеологие хос аст, ки дар онҳо ифодаи равшани таҳсин ё маҳкум кардан мушоҳида намешавад. Унсури мазкури баҳодиҳӣ ҳамчунин бо унвони баҳодиҳии ҳаминлаҳзавӣ ёд мешавад. Дар ин маврид сухан дар хусуси воҳидҳои фразеологие меравад, ки вобаста аз матн метавонанд қисман лаҳзаҳои мусбат ё манфиро ифода намоянд» [Алдаибани Ареф Али Салах, 2003, с. 8]. Чунин навъи фразеологизмҳо аз маънои баҳодиҳӣ орӣ буда, дар онҳо, асосан, унсурҳои маънои мафҳумӣ боло мегиранд. Дар ин замина тобишҳои образнокӣ низ дар чунин воҳидҳои фразеологӣ он қадар равшан инъикос намеёбанд. Чунончи, **аз пой афтидан** дар ифодаи маънои «ғалтидан», **даст додан** «зиёрат намудан, вохӯрдӣ кардан», **сар то по** «тамоман, ба пуррагӣ», **ошёни бахт** «иқоматгоҳи саодат», **сандуқи дил** «қафаси сина»:

Амон **аз пой меафтад** (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 17). Аввал аз ҷояш хеста ба ман **даст дод**, баъд аз он дар пешаш шинонда гап зад (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 89). … бинобар ин Бозор ҳама тан чашм шуда ба имом дӯхта ва **сар то по** гӯш гардида, худро ба тарафи вай андохта буд (Айнӣ С., Дохунда, 61). Ана акнун дар **ошёни бахти** худ нишастаам (Наҷмиддинов М., Дарё маҷрои нав меҷӯяд, 151). Дар кисаи **сандуқи дилат** чӣ буд? (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб. Ҷ.2. Шӯроб, 34).

Азбаски маънои баҳодиҳӣ муносибати гӯяндаро бо одамони дигар ва ашёву ҳодисаҳо ифода мекунад, он ба ҳайси ифодаи модалият дар забон низ хизмат мекунад. «Муносибати баҳодиҳиро метавон ҳамчун яке аз навъҳои

модалият баррасӣ намуд, ки воҳидҳои забонӣ ҳамроҳӣ мекунанд. Дар муқоиса аз модалияти объектививу замонӣ модалияти баҳодиҳӣ муносибати гӯяндаро ба ҳама чизе, ки ҳамчун обйективӣ ва новобаста ба субйект қабул карда мешавад, ифода мекунад. Яъне дар заминаи тасвири хусусияти аслии субйект ҳамчунин баҳодиҳии мусбат ё манфӣ дар бораи он ба вуҷуд меояд [Телия В.Н., 1986, с. 22].

Воҳидҳои фразеологӣ низ дар баробари воҳидҳои туфайлӣ метавонанд муносибати гӯяндаро нисбат ба воқеият ифода кунанд. Чунин муносибат метавонад дар зинаҳои гуногун сурат гирифта, дар худ тобишҳои нозуки баҳодиҳиро инъикос намояд. «Фразеологизмҳои модалӣ аз рӯйи сохтор бо мафҳуми луғавии калимаҳои модалӣ – воҳидҳои туфайлӣ ва нидоҳо шабоҳат доранд. Онҳо метавонанд муносибати эҳсосотии гӯяндаро нисбат ба фикри баёншуда ифода намоянд (ғам, ҳайрат, хурсандӣ, шавқ, ғусса, афсӯс, ғазаб ва ғайраҳо)» [Шарипов Б.А., 2019, с. 115]. Муқаррар шудааст, ки ҳар қадар дар ин ё он воҳиди фразеологӣ маънои модалии баҳодиҳӣ бештар инкишоф ёфта бошад, он вазифаи номинативии худро камтар иҷро мекунад. Маънои модалӣ «ифодаи муносибатҳои мухталифи гӯянда нисбат ба фикри гуфташуда, ки аз ифодаҳои мухталифи грамматикии онҳо ба куллӣ фарқ мекунанд» [Маҷидов Ҳ., 2007, с. 121] мебошад. Дар ин гуна воҳидҳои фразеологӣ тобишҳои модаливу баҳодиҳӣ ба дараҷае боло мегиранд, ки маънои мафҳумӣ ноаён мемонад. Он дар мундариҷаи маъноии ифода ба ҳадде хира мешавад, ки дар партави унсурҳои модаливу баҳодиҳӣ ба мушкилӣ эҳсос мегардад. Ба монанди **хоки касеро бехтан** «касеро сахт ҷазо додан», **мусичаи бегуноҳ** «шахси гунаҳкори худро бегуноҳ вонамуд карда», **ба хоби абадӣ рафтан** «олами равшанро тарк кардан», **аз зери нохун чирк кофтан** «айбу гуноҳҳои набударо ба сари касе бор кардан»:

Суд мекунонад ҳамаашонро, **хокашонро мебезад**, кӣ хаёл кардаанд ӯро? (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 19). Гуфтам-ку, ту **мусичаи бегуноҳ** нестӣ (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 208). Эмом **ба хоби абадӣ рафта** буд (Муҳаббати Ю., Пайванди шикаста, 81). Охир ин дастакест барои онҳо, ки **аз зери нохуни Олимовҳо чирк мекобанд** (Ниёзӣ Ф., Сарбозони бесилоҳ, 52).

Маънои баҳодиҳиро, тавре аз далелҳои забонӣ бармеоянд, бештар воҳидҳои фразеологие соҳибанд, ки ба вазифаи хабари ҷумла истифода мешаванд. Аз ин ҷиҳат, маъноҳои гуногуни баҳодиҳӣ бештар ба фразеологизмҳои феълӣ хосанд. Ба таври дигар, вазифаи баҳодиҳӣ, яъне тавсифи сифатӣ на танҳо ба фразеологизмҳои номӣ, балки ба ифодаҳои рехтаи феълӣ низ хос аст. Метавон тахмин намуд, ки ҳама гуна фразеологизмҳои феълии забони тоҷикӣ маънои баҳодиҳиро соҳибанд ё метавонанд онро дар мавридҳои муайян соҳиб шаванд. Дар ин самт воҳидҳои фразеологии феълӣ сифатан аз феълҳои муқаррарӣ фарқ мекунанд. Агар дар феъли муқаррарӣ мафҳуми ифодакунандаи амал бо риояи ҳама категорияҳои феълӣ зоҳир шавад, пас, дар фразеологизмҳои феълӣ бар замми чунин категорияҳо, ки аз матн вобастагӣ доранд, боз унсурҳои маънои гуногун низ иштирок мекунанд. Чунончи, ифодаи хабарҳои ҷумлаҳои зерин бо воҳидҳои фразеологии феълӣ гувоҳи он аст, ки ин гуна унсурҳои забонӣ дар муқоиса бо феълҳои муқаррарӣ имконияти бештари ифодаи тобишҳои маъноиро дар худ доранд. Инро ҳангоми муқоисаи чунин воҳидҳои рехтаи феълӣ бо маънои феълие, ки онҳо ифода мекунанд, мушоҳида намудан мумкин аст: **ба дили касе оташ афтодан** – беқарор шудан, **ба тухми касе оташ задан** – нест кардан, **гапи касеро ду накардан** – гапгардонӣ накардан, **лаҷоми гапро ба даст гирифтан** – ба ҳаққи сухан гуфтан соҳиб шудан, **рӯйи об баромадан** – ошкор шудан:

Ориф, ки аз назди тиреза ба курсӣ нишаста газетаеро аз назар мегузаронд, ин гапҳоро шунида, беихтиёр **ба дилаш оташ афтод** (Ниёзӣ Ф., Сарбозони бесилоҳ, 69). Мо **ба тухми онҳо оташ мезанем** (Икромӣ Ҷ., Шодӣ, 61). Ҳоло вай як **гапи хушдорашро ду намекунад** (Мамадов К., Кофтукови ҷиноятkор, 27). Ҷамшед дар байни ҳамин маъниҳо маҳбубаашро ором карданӣ шуда, **лаҷоми гапро ба даст гирифт**… (Мамадов К., Кофтукови ҷиноятkор, 37). Як рӯз не – як рӯз, хоҳ-нохоҳ ҳамааш **рӯи об мебарояд** (Мамадов К., Кофтукови ҷиноятkор, 56).

Қобили зикр аст, ки дар воҳидҳои фразеологие, ки маънои баҳодиҳӣ доранд, воситаҳои тасвири бадеӣ бештар ҳамчун унсурҳои ёрирасони бавуҷудоварандаи ин навъи маъно хизмат мекунанд. Лаҳзаҳои муайяни ташбеҳ,

муболиға, истиора, тавсиф ва киноя аз ҷумлаи он воситаҳои фаъоле мебошанд, ки дар мундариҷаи сохтории аксарияти фразеологизмҳо маънои баҳодиҳиро ташаккул медиҳанд. Онҳо дар заминаи вазифаҳои забониашон, ки бештар ба василаи маҷоз соҳиб мешаванд, муносибатҳои баҳодиҳиро ба вуҷуд меоранд. Ҳар яке аз ин воситаҳо дар мундариҷаи маънои ифодаҳои рехта тобишҳои гуногуни баҳодиҳиро таъмин намуда, дар қолабҳои гуногун ифода меёбанд. Аз қабили **димоғи касе дуд кард** ба маънои «касе дарқаҳр шуд, ба ғазаб омад» (ифодаи баҳодиҳии бад дар заминаи муболиға), **гӯшу майнаи касеро хӯрдан** «бо сухани бисёр касеро гаранг кардан» (ифодаи баҳодиҳии бад дар заминаи истиора), **кӯки чашми касек канда шуд** «касе интизории зиёд кашид» (ифодаи баҳодиҳии хуб дар заминаи киноя), **мисли боғи шабнамзада** «тару тоза, назаррабо» (ифодаи баҳодиҳии хуб дар заминаи ташбеҳ), **субҳи содиқ** «саҳари барвақт» (ифодаи баҳодиҳии хуб дар заминаи тавсиф):

Димоғаш, ки **дуд мекард**, акнун оташ гирифт (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор (марзи номус), 105). Занак биқ-биқ карда, **гӯшу майнама хӯрд** (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 19). – **Кӯки чашми арӯсакам канда шуд**, шаби дароз хоб надорад (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор, 278). – Ҷонам садқаи ҳаматоне! – дили Зебо **мисли боғи шабнамзада** мекушод (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор (марзи номус), 270). Охир, ин **субҳи содиқ** бо як сабукиву зудбоварӣ шахсеро қурбон кард, ки метавонист шарики якумраи ғаму шодияш бошад (Зоҳир А., Завол, 56).

Ба ин тариқ, маънои баҳодиҳӣ ба сифати як навъи серистеъмоли маънои забонӣ дар мундариҷаи маънои воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ вобаста ба қабули маълумоти муайяни соҳибзабон нисбат ба ашхос ва ашёву ҳодисаҳои алоҳида зоҳир мешавад. Унсури баҳодиҳӣ, ки ҳамчун воситаи ташкили маъноҳои эмотививу баҳодиҳӣ дар фразеологизмҳо хизмат мекунад, на танҳо ба зиёд ё кам (хуб ё бад) шудани баъзе хусусиятҳои шайъ, балки боз ба инъикоси тағйирёбии баҳодиҳии муайяни воҳидҳои мазкур низ ишора мекунад. Меъёри баҳодиҳиро метавон дар фразеологизмҳо ба тариқи хуб, бад ва муътадил муқаррар намуд, ки чунин муносибат бештар ба тариқи инъикоси унсурҳои алоҳидаи эҳсосоти мусбат ва манфӣ ифода мешавад. Ифодаи маънои баҳодиҳӣ бештар дар

фразеологизмҳои феълӣ мушоҳида шуда, ин ҳолат ба он вобаста мебошад, ки маҳз дар феълҳои фразеологӣ (ҳамчун унсури муҳимми хабарии ҷумла) имконияти бештари инъикоси тобишҳои маъноӣ, аз ҷумла баҳодиҳӣ мавҷуд аст. Воситаҳои тасвири бадеӣ ба ҳайси унсурҳои ёридиҳанда дар ташаккули маънои баҳодиҳии фразеологизмҳо мақоми намоён доранд. Ифодаи маънои баҳодиҳӣ дар фразеологизмҳои бо ёрии чунин воситаҳо созмонёфта тафовут дошта, ҳолати мазкур ба вазифаҳои забонии онҳо иртибот дорад.

1.8. Нақши маҷози забонӣ дар ифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар воҳидҳои фразеологӣ

Ҳарчанд аз баррасии масъалаҳои гуногуни илми фразеология бештар аз ним аср сипарӣ шуда бошад ҳам, вале маълум мегардад, ки бархе аз паҳлуҳои ба табиати забонии воҳидҳои фразеологӣ вобастабуда аз мадди назар дур мондаанд ё то ҳадди лозимӣ мавриди пажуҳиш қарор нагирифтаанд. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки табиати сохториву маънои фразеологизмҳои забони тоҷикӣ мураккаб буда, таҳқиқи ниҳоии онҳо метавонад ин навъи воҳидҳои забонро миёни дигар гурӯҳҳо боз ҳам бештару хубтар муаррифӣ намояд.

Яке аз чунин мушкилоте, ки имрӯз дар пешорӯи муҳаққиқони соҳа меистад, муқаррар намудани ҳадду ҳудуд ва қабатҳои мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ мебошад. Бояд зикр намуд, ки дар ташаккули мундариҷаи маъноии фразеологизмҳо унсурҳои гуногуне нақш доранд, ки яке аз чунин воситаҳои муассир тарҳрезӣ шудани воситаҳои тасвири бадеии гуногун дар сохтори ифодаҳои рехта ва ба ин васила ба вуҷуд омадани маъноҳои гуногун дар мундариҷаи маъноии онҳо мебошад. Бо вуҷуди он ки дар ин самт аллакай як қатор кӯшишҳои судманд анҷом ёфтаанд [Маҷидов Ҳ., 1968; Дӯстов Ҳ., 2014; Султанова Р.М., 2021], вале таҳлилҳо ба хулосае меоранд, ки мақоми ин гуна воситаҳо дар ташаккули сохториву маъноии ифодаҳои рехтаи забони тоҷикӣ ба таври бояду шояд муайян нашудааст. Аз ин ҷиҳат, месазад, ки масъалаи зикршуда мавриди таваҷҷуҳи амиқ қарор гирифта, дар ин замина хулосаҳои дақиқи илмӣ бароварда шаванд.

Маълум аст, ки дар сохтори воҳидҳои фразеологии мухталиф унсурҳои муайяне нақш доранд, ки дар ин замина мундариҷаи маъноии ҳар яке аз онҳо ба вуҷуд меояд. Муқаррар шудааст, ки яке аз чунин унсурҳо истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ мебошад. Воситаҳои тасвири бадеии муболиға, истиора, ташбеҳ, тавсиф ва киноя аз шумори он унсурҳои серистеъмоле мебошанд, ки дар ташаккули мундариҷаи маъноии фразеологизмҳои забони тоҷикӣ фаъолона иштирок менамоянд.

Пеш аз он ки роҳҳои истифодаи воситаҳои тасвири бадеиро дар воҳидҳои фразеологӣ муқаррар намоем, зарур аст, ки ба мафҳуми илмии онҳо равшанӣ андозем. Мусаллам аст, ки воситаҳои мазкур, асосан, дар илми адабиётшиносӣ омӯхта шуда, онҳоро бештар ба каломи манзум нисбат медиҳанд. Ба қавле, ин воситаҳо танҳо моли назманду маҳз дар доираи шеър вазифаҳои худро иҷро мекунанд. Мо қатъиян ба ин назария розӣ шуда наметавонем ва таъкидан зикр менамоем, ки дар наср низ зоҳиршавии бештари воситаҳои тасвири каломи бадеъ мушоҳида мешавад. Сараввал бояд зикр намуд, ки воситаҳои тасвири бадеӣ дар забоншиносии муосир низ таҳқиқ шудаанд. Масалан, олимони забоншиноси рус ин навъи воситаҳоро дар умум зери истилоҳи **троп** (аз забони юнонии **тропос** – ибора) аз ду паҳлу: ҷанбаи забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ таҳлил намудаанд [Бессарабова Н.Д., 1987; Жеребило Т.В., 2010; Илюхина И.А., 2010; Матвеева Т.В., 2010; Эль сабрути Р.Р., 2018]. Забоншиноси рус Бессарабова Н.Д. дар рисолаи худ қайд менамояд, ки мавзуи троп (воситаҳои тасвири бадеӣ) дар илми забоншиносӣ нав нест. Сарчашмаҳои фаровони вобаста ба ин мавзуъ аз он шаҳодат медиҳанд, ки он гуногунҷабҳа ва мураккаб буда, вобаста ба ин масъала миёни олимон ягонагии ақида дида намешавад. Агар қисме онро ба адабиёт нисбат диҳанд, гурӯҳи дигар навъҳои онро дар воҳидҳои забонӣ ҷустуҷӯ мекунанд [Бессарабова Н.Д., 1987].

Воситаҳои тасвири бадеӣ, дар маҷмуъ, унсурҳое мебошанд, ки ба образнокии воҳидҳои забон нигаронида шудаанд. Дар мундариҷаи дилхоҳ воҳиди забон, ки образнокӣ ба таври барҷаста ифода шуда бошад, ин ё он воситаи тасвири бадеӣ ҳатман ҳузур дорад. Онҳоро бештар дар калимаҳо ва воҳидҳои фразеологӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Онҳо калима ва ифодаҳоеро ташкил медиҳанд, ки бо маънои маҷозӣ омада, образнокиро қувват мебахшанд ва муассирии нутқ ва забонро таъмин мекунанд. Навъҳои ин гуна воситаҳои тасвири бадеиро метафора (маҷоз), метонимия (истиора), сравнение (ташбеҳ), гипербола (муболиға), эпитет (тавсиф), ирония (киноя) ва ғайра ташкил медиҳанд.

Дар умум, ин навъи воситаҳои тасвири бадеиро метавон ҳамчун унсурҳое маънидод намуд, ки аз ҷониби нависанда бо мақсадҳои муайяни образнокии мафҳум истифода мешаванд. Мувофиқи ақидаи адабиётшиноси маъруф, профессор Х. Шарифов, онҳо воситаҳои баён буда, сухани нависандаву шоирро оро медиҳанд. «Дар ҳақиқат, ташбеҳ, истиора, киноя ва маҷоз асоси тарзи тасвири бадеиро ташкил медиҳанд ва онҳо воситаҳои тасвири (инъикоси) бадеӣ номида мешаванд. Аммо дар асли тоҷикӣ онҳо воситаи баён буда, маънои баён дар урфи адабию танқидии имрӯза тарзу салиқаи сухани нависанда мебошад ва дар маънии луғавӣ пайдоишу ошкор шудан, сухани ошкору фасеҳ аст» [Шарифов Х., 1991, с. 79-80].

Мо қазовати илмиро дар хусуси вазифаҳои бадеии воситаҳои зикршуда ба олимони адабиётшинос ҳавола карда, ин ҷо мехоҳем вазифаҳои онҳоро дар яке аз навъҳои серистеъмоли воҳидҳои забони адабии тоҷикӣ – воҳидҳои фразеологӣ, муайян намоем. Иловатан бояд зикр намуд, ки зоҳиршавии ҳама гуна воситаҳои тасвири бадеии маънавӣ дар калимаҳо ва ифодаҳои рехта ба тавассути маҷоз сурат мегирад. Дар ин маврид мо маҷози лингвистиро дар назар дорем, ки бо истилоҳи метафора зикр мешавад. «Метафора (калимаи юнонӣ буда, маъноаш кӯчонидан мебошад) кӯчиши ном аз як ашё (ҳодиса, амал, аломат) ба ашёи дигар дар заминаи монандии онҳо мебошад» [Жеребило Т.В., 2010, с. 192].

Маҷози забонӣ дар воҳидҳои фразеологӣ унсурест, ки ифодаи ғайривоқеии мафҳумро ба вуҷуд меорад ва чунин зоҳиршавӣ ҳатман ба тариқи ин ё он воситаи тасвири бадеӣ сурат мегирад. Мавҷудияти воситаи тасвири бадеӣ бошад, дар мундариҷаи маъноии воҳиди фразеологӣ ин ё он маъноро ба вуҷуд меорад. Ин навъи маҷози забониро дар воҳидҳои фразеологӣ маҷози фразеологӣ номидан мумкин аст. Мувофиқи ақидаи муҳаққиқи рус Илюхина И.А., маҷози фразеологӣ воситаи муҳимми ташаккулёбии воҳидҳои фразеологӣ мебошад, ки дар худ мафҳум ё порае аз олами моро инъикос мекунад [Илюхина И.А., 2010, с. 140].

Маҷози забониро метавон сифати ҳатмии ҳама гуна навъҳои санъатҳои бадеии маънавӣ номид. Маҳз бо ёрии маҷози забонӣ ин унсурҳо дар мундариҷаи

калима ва фразеологимзҳо маъноҳои рангоранги гуногунро тавлид медиҳанд. «Маҷоз усули аз ҳама сермаҳсули тавлиди маънои луғавӣ ба шумор меравад. Усули маҷозии пайдоиши маъноҳои луғавиро аз маънои маҷозии калима ва санъатҳои бадеии маҷозӣ бояд фарқ кард. Дар ин маврид маҷоз ҳамчун воситаи бавуҷудоварандаи маъноҳои ҷудогона, ҳамчун тариқи пайдоиши ин ё он маънои луғавӣ фаҳмида мешавад» [Маҷидов Ҳ., 1968, с. 51].

Тавре зикр намудем, як навъи маҷози забониро маҷози фразеологӣ ташкил медиҳад. Он дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ унсури асосии ташаккулдиҳандаи сохтор ва маънои фразеологизм маҳсуб меёбад. Маҷози фразеологӣ нисбат ба маҷозе, ки дар калимаҳои забон мушоҳида мешавад, мураккабтар буда, зоҳиршавии он низ фарқ мекунад. Агар дар калимаҳо маҷоз ба як вожа нисбат дода шавад, дар воҳидҳои фразеологӣ он дар заминаи сохтори ибора, таркиб ва ҷумлаҳои рехта ба маҷмуи калимаҳо нигаронида мешавад ва маъноҳои гуногунро ба вуҷуд меорад. Ба тавассути чунин зоҳиршавии маҷоз дилхоҳ воҳиди фразеологӣ ба пуррагӣ (дар идиомаҳо) ё қисман (дар фраземаҳо) бо маънои маҷозӣ таъмин мегардад. Ба монанди маҷози калимаҳо маҷози фразеологӣ усули муайяни ба вуҷуд овардани маъноҳои алоҳида ва образнокӣ ҳисобида мешавад. «Маҷози фразеологӣ номгузории иловагии бавоситаи мафҳум мебошад, ки дар ҷараёни он муносибати маъноии дуҷониба боқӣ монда, образнокӣ таъмин мегардад» [Самаркина Н.О., 2006, с. 6]. Масалан, дар ибора, таркиб ва ҷумлаҳои фразеологии зайл унсури маҷоз ба сифати тавлидкунандаи сохтор ва мундариҷаи маъноии онҳо мақоми асосӣ дорад: **обу арақ рехтан** «меҳнати сахту тоқатфарсо кардан», **мӯ ба мӯ** «бо тамоми ҷузъиёт, як ба як», **ба пӯстини касе кайк даромад** «касе аз мушоҳидаи ҳодисае сахт беқарор, ноҳинҷор гашт», **дили соф** «дили бекина, орӣ аз кинаву адоват»:

Ӯ аз бардоштани девор то чортарош кардану побарҷо мондани сутунҳо, гузоштани пулу болорҳо баробари дигарон **обу арақ рехт** (Самадов А., Майдон, 29). Малоикаҳо ҳама гуноҳҳоятонро **мӯ ба мӯ** медонанд (Сорбон, Барзгар. Зуза, 243). Дуздон, ки тани курта буданд, хунук хӯрда дир-дир меларзиданд, сари калобаашонро гум карда буданд, **ба пӯстинашон кайк даромада** буд, чӣ кор

карданашонро намедонистанд (Мамадов К., Кофтукови ҷиноятkор, 50). **Дили софу** муҳаббати самимонаи Шодиевро ҳис мекунад ва ҳамеша падарвор аз ӯ ғамхорӣ менамояд… (Икромӣ Ҷ., Ҳикоя ва очеркҳо, 97).

Пеш аз ҳама, маҷози забониро бояд аз маҷози адабиётшиносӣ фарқ намоем. Маҷози забонӣ характери умумӣ дорад, он обйективӣ буда, вазифаи хабаррасониро дорост, муаллифаш номаълум буда, ҳамчунин дар шакли тайёр истифода мешавад. Маҷозӣ бадеӣ бошад, аз ҷумла ва матни алоҳидаи худ, ки танҳо дар дохили он моҳияти маънои он муайян мегардад, ҷудо нест. Фарқияти семантикӣ байни маҷози забонӣ ва бадеӣ, – менависад олими забоншинос Саломов М., – дар он аст, ки маҷози забонӣ аломати равшан, намоёнро инъикос мекунад ва ё ифодакунандаи ҳаракати монанд аст (хар – одами якрав). Дар маҷози бадеӣ наздиксозии хусусиятҳои алоҳида ба амал меояд, ки он ба маҷоз хусусиятҳои рамзиро дода, таассуроти аномалии семантикаро ба вуҷуд меорад [Саломов М., 1999, с. 69]. Аз ин ҷиҳат, маҷози забониро метавон ҳамчун воситае маънидод намуд, ки маънои образнокро ба вуҷуд меорад, вале дар миёни маънои нав ва аслии мафҳум аз ягон ҷиҳат монандӣ боқӣ мемонад. Ин муносибат ва қаробати маъноӣ, тавре мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ба тариқи ифодаи образноки мафҳум сурат мегирад.

Ба назари мо, фарқияти қотеи маҷози забониро аз маҷози бадеии адабиётшиносӣ метавон бо чунин хулосаҳо нишон дод:

1. Пеш аз ҳама, фарқи асосии маҷози бадеӣ (адабиётшиносӣ) аз маҷози забонӣ дар ҳаҷм ва ҳудуди зоҳиршавии он аст. Маҷози бадеӣ дар шакли мундариҷаи як китоби бадеӣ, шеъри алоҳида, матни муайян ё ақаллан як ҷумла ё мисраъ зоҳир мешавад. Доираи фарогирӣ ва зоҳиршавии маҷози адабиётшиносӣ васеъ буда, аз ин ҷиҳат он як андоза муфассал ва тафсирёфта ифода меёбад. Барои дарки он хонандаро зарур аст, ки ҳадди ақал дар қолаби ҷумла ё матни алоҳида мақсадро дуруст ҳазм кунад. Маҷози забонӣ бошад, дар муқоиса аз маҷози адабиёт дар сурати як унсури маънои калима ё воҳиди фразеологӣ ифода меёбад. Он маънои шахшуда монда ё тобиши маънои ҷудогона мебошад. Аз ин ҷиҳат, маҷози забонӣ дар мундариҷаи калима ва

воҳидҳои фразеологӣ ба таври хеле ихчам ва муҷаз зоҳир мешавад. Чунин зоҳиршавии он ба сохтори ин гуна воҳидҳои забон вобаста мебошад.

Ҳарчанд воҳиди фразеологиро образи шоирона низ мегӯянд, вале, ба назари инҷониб, он танҳо самараи ифодаи маҷоз дар қолабҳои гуногуни сохторӣ аст, ки ниҳоят дар шакли ягона ва маънои устувору яклухти умумӣ зоҳир мешавад. Маҷози забониро метавон дар ин маврид ҳамчун таҳдоби ташаккули ифодаҳои рехта маънидод кард. Масалан, дар воҳидҳои фразеологии зайл маҳз истифодаи маҷоз зоҳиршавии воситаҳои тасвири бадеиро таъмин намуда, дар натиҷаи қисман ё пурра ба маънои маҷозӣ соҳиб гардидани ҷузъҳои таркибӣ онҳо маънои яклухтро ифода намудаанд: **кайфи касе парид** «касе безобита шуд, хира шудани табъи касе», **дум хода кардан** «тарсувор бехайру хуш гурехтан», **мисли мурғи посӯхта** «беқаророна, имдодталабона», **хаёли дурӯғин** «андешаи сохта»:

… аз ҷой бархоста омаду ранги рӯи Розиябибӣ ва азоби кашидаистодаи ӯро дида, **кайфаш парид** ва шитобон боз ба хонааш даромада рафт (Наҷмиддинов М., Дарё маҷрои нав меҷӯяд, 191). Фардо, ки Ҳасан **думашро хода карда** қурбошиҳои дигар барин роҳи гурезро мегирад, ҳоли йигитҳои гӯлу гумроҳи вай чӣ мешавад? (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб. Ҷ.2. Шӯроб, 213). «Соли куҳна» ӯ, «Соли нав»-ро дидан замон **мисли мурғи посӯхта** безобита гардид (Самадов А., Майдон, 121). Ҷаҳҳӣ фӯта даррондани Ҳулол **хаёли дурӯғини** онҳоро бартараф кард (Сорбон, Зуза, 173).

2. Маҷози забониро ҳарчанд ба калимаҳо низ нисбат медиҳанд, вале онро мо, асосан, ба воҳидҳои фразеологӣ мансуб медонем, зеро маҳз дар ин навъи воҳидҳои забон маҷоз имконияти бештари зоҳиршавӣ дорад ва ин ҷараён ба воситаи образнокии мафҳум сурат мегирад. Дар шакли образнок ифода шудани ашёву ҳодисаҳо ба зоҳиршавии маҷоз дар воҳиди фразеологӣ ва дар асоси он ба маънои маҷозӣ соҳиб гардидани ҷузъҳои таркибии фразеологизм сабаб мегардад. Ба таври дигар, образнокӣ – баёни беҳтару ҷилоангези мафҳумро метавон барои инъикоси маҷоз дар ифодаҳои рехта ҳамчун асос номид. Ифодаи маҷози забонӣ ҳамчун усули бавуҷудоварандаи маъноҳои гуногун ба гурӯҳҳои муайяни

маъноии воҳидҳои фразеологӣ – фразема ва идиомаҳо хосанд. Агар он дар идиомаҳо ба таври ниҳоят равшан ва хеле олӣ ифода ёбад, дар фраземаҳо ба нисбати ба маъной асосии луғавӣ омадани яке аз калимаҳои таркиби онҳо нисбатан хира зоҳир мешавад. Барои муқоиса, масалан, дар фраземаҳои **ба дарёи фикр ғӯта задан** «дуру дароз фикр карда мондан», **гапи талх** «сухани ноҷои касро нороҳаткунанда», **қадру қимат** «арзиш, эътибори бо заҳмат бадастомада», **ба бахти касе хазон омад** «касе бадбахт шуд, бахт аз касе рӯй гардонд»:

Ҳама **ба дарёи фикр ғӯта заданд** (Мамадов К., Кофтукови ҷиноятkор, 157). Дар чунин ҳолатҳо мабодо ба суҳбат шарик шавам, яқин аз даҳонам **гапи талх** мебарояд ва баъд азобашро мекашам (Самадов А., Паррончакҳо, 67). Ва ғам хӯрд зан, ки чӣ андоза **қадру қимат** дошт назди шӯ, назди чунин шӯ, ки боре «чуну чаро?» нагуфта буд (Сорбон, Барзгар. Зуза, 47). Аммо аз он рӯзе, ки Гулбаҳор омад, **ба бахти ӯ хазон омад** (Икромӣ Ҷ., Ҳикоя ва очеркҳо, 148).

Дар муқоиса бо идиома ва фраземаҳо дар ифодаҳои ғайриидиоматикӣ маҷоз дида намешавад. Ин қабил воҳидҳои фразеологӣ танҳо мафҳумро ифода мекунанду халос. Зоҳиршавии мафҳум дар ин гуна ифодаҳои рехта ба таври равшан ва бе олоишҳои маҷозӣ сурат мегирад. Аз ин ҷиҳат иштироки воситаҳои тасвири бадеии гуногун низ дар чунин навъи воҳидҳои фразеологӣ мушоҳида намешавад. Талаботи асосии ба воҳидҳои фразеологӣ мансуб донистани онҳо дар ин маврид танҳо сохтори устуворашон мебошад. Яъне онҳо дар ҳамин қолаб, сохтор ва маъной ягона қабул шуда, мавриди истифодаи умум қарор мегиранд. Аз қабили **айни ҳол** «ҳамин ҳозир», **соли нав** «рӯзи аввали соли дар пеш буда», **хурду калон** «ҳама мардум», **дар омади гап** «бадоҳатан, якбора»:

Дар **айни ҳол** дар хусуси худ ҳам фикр мекард, аммо сирри дилашро ба касе намекушод, ширинӣ ва талхии зиндагиро дар танҳоӣ мечашид (Наимӣ Қ., Фоҷиа дар чашмасор, 40). Ҳозир ҳама сарҷамъ шуда, **Соли навро** пешвоз мегирем, – гапро ба дигар сӯй кашиданӣ шуд Рухсора (Акобир Ҷ., Кӯҳистонӣ, 29). Ин ангеза аз лаҳзае дар дилаш пайдо шуд, ки зани Азизи майлис Гулхумор пеши **хурду калон** оташи хашму алам ба сари ӯ рехт (Самад А., Гардиши девбод, 110). – Дар **омади гап** гуфтам, ба шумо одат шудааст, ба ҳар ош қатиқ мешавед,

саратон сафед шуду аз шӯрангезиатон намондед… (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 207).

3. Маҷози забонӣ дар заминаи қисман ё пурра маҷозонидани ҷузъҳои таркибии воҳиди фразеологӣ ба тавассути ин ё он воситаҳои тасвири бадеӣ сурат мегирад. Вақте дар воҳиди фразеологӣ (фразема ва идиома) маҷоз бошад, дар он ҳатман ин ё он воситаи тасвири бадеӣ мушоҳида мешавад. Ифодаи маънои маҷозиро бе истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Маҷоз барои ифодаи маънои фразеологии калимаҳои таркиби воҳиди фразеологӣ ҳамчун замина хизмат мекунад. Аз ин рӯ, маҷозро ҳамчун усули махсуси бавуҷудоварандаи маъно меҳисобанд. Маълум аст, ки асоси идиомаҳоро маҷоз ташкил медиҳад ва ҳамин аст, ки дар онҳо хосиятҳои ниҳоят маҷозонидани ҷузъҳои таркибӣ ва устувории ифода бештар мушоҳида мешаванд. Чунончи, инро ҳангоми муқоисаи идиомаҳои тавсифӣ, муболиғавӣ, истиоравӣ ва киноявӣ бо ҳамвазнҳои луғавиашон мушоҳида кардан мумкин аст: **шафтолуи гап** «хулоса, асоси сухан», **аз пашша фил сохтан** «чизеро аз будаш зиёд нишон додан, воҳима кардан», **ба лаб кулӯх молидан** «огоҳона худро ба нодонӣ задан», **замин лою осмон чанг** «ногувор, номусоид будани вазъият»:

Яъне, ки масалан, агар **шафтолуи гапро** гӯям, ба ман зане лозим, ки ба ҳолату вазъияти шаҳрии ман мувофиқат карда тавонад (Ҳамдам А., Оби зери ях, 42). Чӣ бисёр, ҳангоматалабу ғайбатчӣ ва туҳматгар. Онҳо **аз пашша фил месозанд** (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 130). Шумо, мардҳо, коратон, ки буд шуд, **ба лабатон кулӯх молида** мегардед, бечора занро шӯраш хушк шудагӣ (Ниёзӣ Ф., Сарбозони бесилоҳ, 321). – Ҳама ба Ким мечаспанд, – бо қаҳр дастонашро ҷунбонда гап мезад зан, – **замин лою осмон чанг** бошад ҳам, Ким гунаҳгор (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 87).

4. Маҷози забонӣ бо ёрии воситаҳои тасвири бадеӣ дар мундариҷаи маънои воҳидҳои фразеологӣ маъноҳои гуногунро ба вуҷуд меорад. Тавре зикр намудем, вазифаи асосии он маънофарӣ мебошад. Ба ҷумлаи ин гуна маъноҳо, ки гоҳо дар алоҳидагӣ ва баъзан дар якҷоягӣ зоҳир мешаванд, метавон маъноҳои фразеологӣ, образнок, эҳсосотӣ, баҳодиҳӣ ва ғайраро ворид намуд. Мавҷудияти

ин гуна маъноҳо дар воҳидҳои фразеологӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар онҳо ин ё он воситаи тасвири бадеӣ ҳатман ҳузур дорад. Ба ақидаи профессор Ҳ. Маҷидов, агар воситаҳои тасвири бадеӣ яке аз унсурҳои ташаккули воҳидҳои фразеологӣ маҳсуб ёбанд, дар навбати худ воҳидҳои фразеологӣ ба яке аз воситаҳои муҳимми бавуҷудоварандаи образҳои бадеӣ, ифодаи фикр ва лаҳзаҳои дигари ҳаёти воқеӣ табдил ёфтаанд [Маҷидов Ҳ., 1968].

Чунин равобити дуҷонибаро дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ, муболиғавӣ, киноявӣ ва тавсифии **мусичаи парканда барин** «дар азоб, беимдод», **гардани шайтонро шикастан** «иродаву матонати устувор нишон додан», **мижа ба ҳам задан** «хоб рафтан», **даҳони бефаровез** «шахсе, ки сухани ноҷо мегӯяд» дидан мумкин аст, ки маъноҳои мафҳумӣ, эҳсосотӣ ва баҳодиҳиро ифода кардаанд:

О, ҳаргиз напурс, ки он вақтҳо чӣ дараҷа ман **мусичаи парканда барин** бо сари хам мегаштам, гӯё имрӯз не, пагоҳ ба сарам ҳукми қатл меоварда бошӣ… (Наҷмиддинов М., Дарё маҷрои нав меҷӯяд, 10). Ана аз ҳамон дам инҷониб сад карат **гардани шайтонро шикасту** нанӯшид, ҳарчанд ки дар базмҳо аз шишаву қадаҳҳои пур чашм намеканду дам ба дам оби даҳонашро фурӯ мебурд (Самадов А., Майдон, 147). Ҳар хел фикру андешаҳо сари ӯро ҷавлонгоҳи худ карда, имкон намедоданд, ки **мижа ба ҳам занад** (Икромӣ Ҷ., Ҳикоя ва очеркҳо, 54). Лекин даҳон ҳамон **даҳони бефаровез**, нияти ҳамон нияти (Сорбон, Барзгар. Зуза, 223).

5. Бар замми он ки маҷоз дар гурӯҳҳои маъноии ифодаҳои рехта ба ҳар шакл зоҳир мешавад, ифодаи он дар навъҳои сохтории воҳидҳои фразеологӣ низ гуногун аст. Агар ифодаи маъноии маҷозиро ҳамчун маъноии акси таҳтуллафзии воҳидҳои фразеологӣ дар гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологӣ ҷустуҷӯ намоем, маълум мегардад, ки он бештар ба ибораҳои фразеологӣ хос аст. Шояд ин ҳолат ба он вобастагӣ дорад, ки қисмати зиёди захираи фразеологии забонамонро ибораҳои рехтаву устувор ташкил дода, сохтори ибораҳои рехта барои ифодаи маҷоз қулайтар мебошад. Дар ин самт, асосан, ибораҳои идиоматикии феълӣ фаъоланд, ки онҳо имконияти бештари зоҳир намудани маъноии маҷозиро доро мебошанд. Дар онҳо ифодаи мафҳуми амал ва ҳолату

вазъият бо ёрии қолабҳои муайяни феълӣ сурат мегирад ва чунин маҳдудияти шаклӣ зоҳиршавии тобишҳои маҷозиро боз ҳам равшантару хубтар таъмин мекунад. Яъне ҳар қадар ки қолаби воҳиди фразеологӣ рехта бошад, ифодаи маънои маҷозӣ дар он ҳамон қадар равшану возеҳ мушоҳида мешавад. Аз қабили **ба ҳар ош қатиқ шудан** «дар ҳолати нолозим ба ҳама чиз кордор будан», **ҷони касеро ба лаб расондан** «касеро безор кардан, зиёд ташвиш додан», **сар дар санг задан** «дар доираи имконияти маҳдуд кӯшиши беҳад намудан», **линги касе аз осмон омад** «касе ба ҷазои сахт гирифтор шуд»:

Ман ба мобайни одамон даромада, **ба ҳар ош қатиқ шуданро** бад мебинам (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 155). ... ман дили Мастураро меёфтам, хаёлу хотирашро ҷамъ мекардам, лекин дар ниҳояти кор **ҷонамро ба лаб расонд** (Акобир Ҷ., Кӯҳистонӣ, 69). **Сарамро дар санг мезанаму** ин корро мекунам (Зоҳир А., Завол, 127). – Ҳай вой, ки котиби якум номардӣ кард, набошад **линги ин раиси муттаҳам** кайҳо **аз осмон меомад**, – таассуфомез оҳ кашид акаи Амирбек (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 104).

Дар таркиб ва ҷумлаҳои фразеологӣ низ маънои маҷозии ба тавассути маҷоз бавуҷудомада мавқеъ дорад, вале на дар он сатҳе, ки дар ибораҳои фразеологӣ нақш адо мекунад. Маънои маҷозие, ки дар мундариҷаи таркиб ва ҷумлаҳои рехта мушоҳида мешавад, ба сохтори грамматикии онҳо алоқаманд буда, ба ин асос як андоза хира ифода меёбад. Дарку қабули маънои маҷозие, ки дар заминаи таркибу ҷумлаҳои фразеологӣ хобидааст, нисбат ба маънои маҷозие, ки дар ибораҳои рехтаи феълӣ мавҷуд аст, чандон равшан нест. Барои муқоиса, масалан, таркибу ҷумлаҳои фразеологии зайл: **аз таҳти дил** «самимона, сидқан», **шаклу шамоил** «сурати зишт», **дили касе хунук** «касе ноумед, дилшикаста», **ду дунё якто шавад ҳам** «агар ҳодисаи ғайримуқаррарие рӯй диҳад»:

… дар вақти бозӣ дониста бозӣ мекунӣ, **аз таҳти дил** ва самимона рафтор мекунӣ (Кӯҳзод У., Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим, 52). **Шаклу шамоил** ва холу хати ӯ магар ақли бисёриҳоро дуздид, ё хунашонро ба ҷӯш овард, ки баробар «мурдем» – гӯён фарёд заданд (Самадов А., Паррончакҳо, 186). Ба ту ман дандон дорам, дандонгаз кунамат, **дилам хунук** намешавад, – чанд лаҳза

хомӯш гашт (Мирзо К., Марги бегунох, 42). Осмон ба замин омада расад, **ду дунё якто шавад ҳам**, Калтаи Мансурро ба ҷанг намебурданд (Мирзо К., Марги бегунох, 209).

Дар асоси мулоҳизаҳои боло мавҷудияти маҷози забониро ба сифати усули тавлиди маъноҳои гуногун дар воҳидҳои фразеологӣ метавон бо чунин нақша тасвир намуд:

Тасвири №5



Ҳамин тариқ, маҷози забонӣ барои ифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ заминаи асосӣ буда, маҳз ба тавассути он унсурҳои мазкур дар ташаккули мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ иштироки фаъол доранд. Акнун ҳар яке аз ин воситаҳоро ба таври муфассал дар фаслу бобҳои алоҳида ба риштаи таҳлилу баррасӣ мекашем ва моҳияти ҳар яке аз онҳоро дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ муқаррар менамоем.

Гистограммаи №1



БОБИ II

МУБОЛИҒА ВА ИСТИОРА ДАР СОХТОРИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗАБОНИ АДАБИИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ

2.1. Муболиға ва нақши он дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ

Муболиға (гипербола) ба монанди дигар воситаҳои тасвири бадеӣ дар созмондиҳии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ нақши фаъол дорад. Он воситаест, ки дар заминаи аз доираи воқеият берун тасвир намудани моҳияти мафҳум, ашё ва ҳодиса ба воситаи воҳиди фразеологӣ сурат мегирад. «Муболиға - сифати муболиғашуда ва маънои ашёро тасвиркунанда, ҳамчун яке аз навъҳои нисбатан маъмули усули ифодаи муассирӣ мебошад. Дар ҳолати истифодаи муболиға ба обйекте диққат дода мешавад, ки аломатҳои боҳашаматӣ ба он нисбат дода мешаванд» [Эл сабрути Р.Р., 2018, с. 122].

Муболиғаро дар илми забоншиносии муосир бо истилоҳи умумии **гипербола** ифода мекунанд, ки мафҳуми илмии муболиғаро дар забони тоҷикӣ ба пуррагӣ дода метавонад. «Гипербола як навъ усули ифоданокист, ки дар заминаи аз ҳад зиёд боло бардоштану афзоиш додани шайъи сухан бо мақсади ба вуҷуд овардани тасаввуроти амиқи эҳсосотӣ сурат мегирад. Асосан, ин ҳолат ифодаи образнок мебошад, аз ин рӯ, муболиғаро ҳамчун воситаи тасвири бадеӣ қабул кардаанд. Ҳодисаҳои олами воқеӣ ба тавассути муболиға ба тариқи муҳташам, мутантан ва ғайритасаввур ифода мешаванд» [Жеребило Т.В., 2010, с. 70].

Хусусияти асосии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ ифодаи ғайривоқеии мафҳум ва ҳодисаву воқеа аст. Яъне дар шакли хаёливу ғайриреалӣ тасвир намудани мафҳум аз мавҷудияти муболиға дар мундариҷаи воҳиди фразеологӣ дарак медиҳад. Дар ҳамин асос аз рӯйи ифодаи муболиғаи муқаррарӣ, калонтар ва калонтарин воҳидҳои фразеологии муболиғавиро метавон ба зинаҳои муболиғаи муқаррарӣ, ғулув ва иғроқ ҷудо намуд. Яъне ифодаи муболиға ва

навъҳои он дар воҳиди фразеологӣ гуногун сурат мегирад. Агар дар қисмате ифодаи як андоза болотар ё пасттари мафҳум ё ҳодиса акс ёбад, дар гурӯҳҳои дигар чунин падида боз ҳам мураккабтар ва ғайривоқеитар зоҳир мешавад, ки чунин зинаҳои муболиғаро муҳаққиқон иғроқ ва ғулув номидаанд. «Муболаға аз ҷиҳати маъно ва дараҷаи идрок шудани он, асосан, се навъ мешавад: 1. Муболағаи таблиғ – тасвирот (тавсиф ва мазаммате), ки ба ақл ва одату зиндагӣ мувофиқ бошад; 2. Муболағаи иғроқ – тасвироте, ки ба ақл мумкин, аммо дар одату зиндагӣ номумкин бошад; 3. Муболағаи ғулув – тасвироте, ки ҳам аз рӯйи ақл ва ҳам ба одату зиндагӣ маҳол бошад. Гоҳо онҳоро муболағаи одӣ, мураккаб ва мураккабтарин ҳам мегӯянд. Муболағаи одӣ чунон ки гуфта шуд, ҳодиса ва предметҳоро нисбат ба хусусияти табииашон қадре зиёдтар ва ба ақл расо тасвир мекунад. Масалан, «сад бор туро огоҳ кардам, лекин гӯш накардӣ» [Ю. Бобоев,1992, с. 196].

Муқаррар шудааст, ки санъати муболиға аз иғроқ ва ғулув бо дараҷаи ситоиши ашё ё воқеаву ҳодиса фарқ мекунад. Ба қавли муаллифи китоби «Бадоеъ-ус-саноеъ» Ҳусайнӣ Атоулло Маҳмуд: «Ҳадди миёни муболиға, иғроқ ва ғулувро метавон дар шакли «хуб, хубтар ва аз ҳад зиёд беҳ ё баръакс – бад, бадтар ва тамоман ношуданӣ» нишон дод» [Ҳусайнӣ Атоулло Маҳмуд, 1974, с. 102]. Чунин сифатчинӣ маънои онро дорад, ки инъикоси воқеаву ҳодиса дар дараҷаҳои гуногуни муболиға мувофиқи формулаи зерин бояд сурат гирад:

Ҷадвали №1.

Муболиға	Тавсифи муқаррарӣ, яъне хуб ё бад
Иғроқ	Тавсифи ба фаҳмиш созгор, хубтар ё бадтар
Ғулув	Тавсифи аз доираи фаҳмиш берун, яъне хубтарин ё бадтарин

Чунин инъикоси зинавии муболиғаро дар воҳидҳои фразеологии **дар деги чизе ҷӯшидан** «дар сурати мунтазам машғул шудан чизеро бо ҳама нозукиҳояш

хуб донистан» (ифодаи муболиғаи муқаррарӣ), **ба дил санг бастан** «нисбат ба касе беэътиноии огоҳона зоҳир намудан» (ифодаи муболиғаи иғроқ), **осмонро ба сар бардоштан** «бо тамоми қувва доду фиғон кардан» (ифодаи муболиғаи ғулув), **ба пӯсти касе коҳ ҷой намудан** «касеро сахт сарзаниш кардан, ҷазо додан» (ифодаи муболиғаи ғулув) ба хубӣ мушоҳида кардан мумкин аст:

Ёд надиҳӣ ҳам мешавад, ман **дар деги ин кору вазифа** ёздаҳ сол боз **ҷӯшида**, хуб пухта шудагӣ (Ниёзӣ Ф., Вафо, 6). Ман **ба дилам санг бастаму** дастамро аз вай шустам (Икромӣ Ҷ., Хатлон, 84). 102. … чун яқин кард, ки пул гум шудааст, **осмонро ба сари худ бардошта** фарёд кард, ба дузди «номарди» кисабур нафрин мефиристод ва дашном медод (Айнӣ С., Дохунда, 90). – Аҳрор акнун **ба пӯсташ коҳ ҷой мекунад** (Муҳаммадиев Ф., Одамони куҳна, 66).

Дар мавриди муболиға ва навъҳои он ҳам муҳаққиқони адабиётшинос ва ҳам забоншинос ақидаҳои арзишманди илмӣ пешниҳод намудаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ин ақидаҳо дар атрофи он ки ин навъи воситаи тасвири бадеӣ ба зоҳиршавии аз меъёр беруни ашё ва аломати он нигаронида шудааст, муттаҳид гардидаанд. Яъне ҳама олимон онро ҳамчун воситаи зиёдаравӣ дар ашё ва ягон аломати назарраси он маънидод намудаанд. «Муболаға сахт кӯшидагон дар коре ва ба истилоҳ сифоти маҳмуда ё мазмумаи шахсе ба тариқе баён кардан, ки мустабъид нумояд ё муҳол: агар ба ақлу одат мумкин бошад, муболағаи таблиғ гӯянд; ва агар ба ақл мумкин ва ба одат номумкин бошад, муболағаи иғроқ хонанд [Муҳаммад Ғиёсуддин,1987, с. 225].

Донишманди мумтози риштаи адабиётшиносӣ, профессор Х. Шарифов чунин меорад: «Дар ситоиш ё накуҳиш (кам задан) сифати касе ё чизе аз андозаи аслу ҳақиқат берун раванд, то он сифатшавандаро бузургу барҷастатар ё пасту ночизтар нишон дода бошанд. Мисол: Аз лутфу марҳамати ту сарам ба осмон расид. Ин муболиға дар таърифу ситоиш аст. Дар ин мисол дар накуҳиш муболиға рафтааст: Эй саг ва дареги ин ном бар ту» [Шарипов Х., 2002, с. 96].

Муҳаққиқон Тоиров У., Ибодов Б. ва Тоиров Ш. муболиғаро ба сифати санъати маънавие маънидод намудаанд, ки ҳадафаш тасвири дар васф зиёдшуда мебошад: «Муболиға лафзи арабӣ буда, маънои луғавиаш кӯшиши бисёре ба кор

бурдан, исрор кардан дар сухан, аз ҳад зиёд эътибор додан ба чизе, чизеро аз ҳад зиёд таърифу тавсиф кардан аст. Муболиға ба маънои истилоҳӣ аз ҷумлаи санъатҳои маънавиест, ки шоир ё нависанда дар асари худ чизеро ҳангоми тасвир аз ҳад зиёд васф ё ҳаҷв мекунад. Агар нависанда ё шоир чизеро тавре тавсиф намояд, ки аз доираи ақлу мантиқ берун набошад, онро муболиға ё таблиғ мегӯянд. Аммо вақте ки муболиға ба ақл наздику дар амал номумкин бошад, онро муболиғаи иғроқ ё ки мухтасаран иғроқ меноманд. Дар ҳолате ки муболиға аз сарҳади ақлу одат гузарад, онро ғулув (аз ҳад гузаштан) мегӯянд [Тоиров У., Ибодов Б., Тоиров Ш., 2005, с. 171].

Дар риштаи забоншиносӣ бошад, олимони хориҷиву ватанӣ муболиғаро дар воҳидҳои забон, хусусан, воҳидҳои фразеологӣ, таҳқиқ намудаанд. Чунончи, муҳаққиқи рус Чернова М.С., ки ба пажуҳиши воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ дар забонҳои русӣ ва англисӣ машғул шудааст, муболиғаро асоси зоҳиршавии маънoҳои гуногун дар фразеологизмҳои ин ду забон медонад. Таъкид мегардад, ки мавҷудияти муболиға ҳамчун воситаи тасвири бадеӣ дар созмондиҳии воҳидҳои фразеологӣ ба зоҳиршавии тобишҳои маънoии гуногун дар мундариҷаи маънoии онҳо сабаб мегардад. «Ифодаи муболиға дар воҳидҳои фразеологӣ – ба таври барҷаста инъикос намудани мафҳум ва ашё мебошад, ки ба доираи воқеият созгор нест. Муболиға – воситаи зиёдаравии огоҳона мебошад, ки дар асоси муқоиса ва муқобилгузории аломати воқеӣ ва ғайривоқеии ашё, ҳодиса ё амал ба вуҷуд меояд» [Чернова М.С., 2008].

Муҳаққиқи дигар Тихомиров С.А. дар рисолаи худ, ки ба ифодаи муболиға тавассути воситаҳои забонӣ дар забони русӣ бахшида шудааст, таъкид мекунад, ки зоҳиршавии ин навъи воситаи тасвири бадеӣ, асосан, ба воситаи калима, ибора, ҷумла ва матн сурат мегирад. Муаллиф ҳамчунин истилоҳи «маънои муболиғавӣ»-ро пешниҳод намуда, онро дар доираи ифодаи ҳиссаҳои гуногуни нутқ ба риштаи таҳлил кашидааст. «Муболиға воситаи услубиест, ки дар заминаи хусусияти сифатӣ ва миқдории ин ё он мафҳумро вобаста ба меъёри муқарраршуда зиёд ё кам нишон додан зоҳир мешавад. Он, асосан, дар сатҳи калима, ибора, ҷумла ва матн бо мақсади таъмини унсурҳои муассирӣ, эҳсосотӣ

ва баҳодиҳӣ истифода мешавад [Тихомиров С.А., 2006, с. 5].

Дар таълифоти Эл сабрути Р.Р. муболиға – сифати муболиғашуда ва маънои ашёро тасвиркунанда, ҳамчун яке аз навъҳои нисбатан маъмули усули муассирӣ ба қалам дода мешавад. Ба назари муҳаққиқ, ҳангоми истифодаи муболиға ба обйекте диққат дода мешавад, ки аломатҳои боҳашаматӣ ва мутантанӣ ба он нисбат дода мешаванд. Дар бештари ҳолатҳо муболиға бо тавсиф, ташбеҳ ва баъзан истиора якҷоя омада, бо ин роҳ ба мафҳуми образнокшуда аломатеро мебахшад, ки аз доираи воқеият берун аст [Эл сабрути Р.Р., 2018, с. 127].

Забоншинос Борисенко И.Ю. муболиғаро воситае ба қалам додааст, ки дар асоси инъикоси ғайримеъёрии ҳолати муқаррарии ашё дар шуури инсон сурат мегирад, яъне тасвири ғайримеъёрии мафҳумӣ-мантиқӣ муболиға мебошад. Дур шудан аз меъёрҳои мафҳумӣ-мантиқӣ дар муболиға ба воситаи амалиёти гузариш – тасвири хусусиятҳо, вазъият ва амалу ҳаракати як ашё ба ашёи дигар сурат мегирад. Баъзан чунин интиқоли ҷиҳатҳои назарраси мафҳум ба воситаи муқоиса низ амалӣ мегардад ва ҳамин аст, ки муболиға гоҳо дар қолаби ифодаҳои муқоисавӣ ифода меёбад [Борисенко И.Ю., 2011].

Дар забоншиносии тоҷик ба мавҷудияти муболиға ҳамчун воситаи муассири тасвири бадеӣ дар воҳидҳои фразеологӣ муҳаққиқи риштаи фразеология, профессор Ҳ. Маҷидов таваҷҷуҳи алоҳида додааст. Мавсуф дар фасли ҷудогонаи рисолаи номзадии худ нақши санъатҳои бадеиро дар ташаккули ифодаҳои рехтаи забони тоҷикӣ муқаррар намуда, дар баробари воситаҳои ташбеҳ, истиора, тавсиф ва киноя ҳамчунин муболиғаро ба сифати воситаи маъносоз дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ таъкид намудааст. Мавҷудияти онро бештар ба ибораҳои фразеологӣ нисбат дода, мавсуф иброз медорад, ки «Ибораҳои фразеологии муболиғавӣ ниҳоят зиёданд. Дар ибораҳои муболиғавӣ таърифу тавсифи аз доираи фаҳмиш беруни ғайриреалӣ ифода ёфтааст. Чунонки маълум аст, ин гуна ибораҳои фразеологӣ барои ҷоннок намудани тасвири воқеа, боваринок гардонидан, пуробуранг ва таъсирбахш намудани фикри ифодашаванда ба кор бурда мешавад. Ибораҳои фразеологии феъли

муболиғавӣ ҳам монанди бисёр ибораҳои ташбеҳӣ дар заминаи ибораҳои одии муболиғавӣ сурат меёбанд, вале маънои аслии фразеологии феълии муболиғавиро ба маънои таҳтуллафзии онҳо фаҳмидан мумкин аст. [Маҷидов Ҳ., 1968].

Аз таърифҳои илмии дар боло зикршуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки муболиға ба монанди дигар воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ яке аз унсурҳои муҳим ба ҳисоб меравад ва ин навъи фразеологизмҳоро метавон воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ номид. Дар ин ҳолат миёни муболиғаи забонӣ ва муболиғаи адабиёт, ки моли каломи манзум аст, бояд ҳадди устувор гузошт. Пеш аз ҳама, муболиғаи забонӣ сатҳи муайяни зоҳиршавӣ дошта, он бештар дар мундариҷаи калима ва воҳидҳои фразеологӣ ба тариқи маҷоз сурат мегирад. Онро дар сохтори калимаҳои забон наметавон ба тариқи барҷаста ошкор намуд, зеро барои ифодаи муболиға ҳадди ақал бояд қолабҳои муайяни ибора ё ҷумла вуҷуд дошта бошанд. Маҳз дар ҳамин гуна қолабҳои тафсилёфта имконияти зоҳиршавии комили муболиға зоҳир мегардад. Бар замми ин, муболиғаи забонӣ дар мундариҷаи маънои воҳидҳои фразеологӣ омили асосии ташаккулдиҳандаи тобишҳои маъноӣ маҳсуб меёбад. Он метавонад унсурҳои мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ, баҳодиҳӣ, ифоданокӣ ва ғайраро дар шакли дастаҷамъӣ ё дар алоҳидагӣ ба вуҷуд орад. Чунин имкониятҳои муболиғаи забонӣ дар воҳидҳои фразеологӣ ба он нисбат дорад, ки ба воситаи муболиға ва дараҷаҳои он мафҳум дар сатҳи хеле баланди образнокии тафаккури соҳибзабон таҷассум меёбад. Дар ин маврид қабатҳои баландтар ва ҳатто дастнораси тафаккур фаъол гардида, ба тавассути онҳо мафҳум дар шакли ғайривоқеӣ ва ғайритасаввуротӣ зоҳир мешавад. Яъне дар зоҳиршавии равшани муболиға дар сохтори фразеологизмҳо, пеш аз ҳама, тафаккури баланди мантиқии гӯянда нақши асосӣ дорад. Агар тафаккур дар ин ҳолат ба сатҳҳои нисбатан дастнораси ифодаи мафҳум даст ёбад, пас, муболиға ба тариқи олӣ ифода меёбад, дар ҳоли акс муқаррар намудани он дар сохтори воҳиди фразеологӣ мушкил мегардад. Маҳз ҳамин усули махсуси зоҳиршавӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ ва ҳамчун омили асосии бавуҷудоварандаи

тобишҳои маъноии гуногун хизмат намудан муболиғаи забониро аз муболиғаи адабиётшиносӣ фарқ мекунонад. Чунин тарзи зоҳиршавии муболиғаро дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии **хоки касеро ба элаки куҳна бехтан** «касеро сахт ҷазо додан», **ба Азроил тан надодан** «ба мурдан розӣ нашудан», **аз таги забон забон баровардан** «таърифу тавсиф, хушомадгӯй кардан» ва **дар кӯраи рашк бирён шудан** «аз ҳад зиёд рашк намудан» муқаррар намудан мумкин аст, ки дар онҳо ифодаи мафҳум ба таври хеле намоёни ғайривоқеӣ сурат гирифтааст:

Хокатро ба элаки куҳна бод надиҳам, аз камари Салом набошам (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 49). Аммо мӯйсафед, дардаш зӯр бошад ҳам, ҳанӯз бовар намекард: ба қавли кампираш, **ба Азроил тан намедод** (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 81). Девонбегӣ ва удайчӣ **аз таги забонашон забон бароварда** ба таърифи шеър даромаданд… (Улуғзода С., Восеъ, 171). **Дар кӯраи рашк бирён** ва тамом пӯсту устухон **шуда** буд (Муҳаммадиев Ф., Сози мунаввар, 52).

Муболиғаи забонӣ дар воҳидҳои фразеологӣ воситаи асосии бавуҷудорандаи тобишҳои образнокӣ, эҳсосотӣ ва муассирӣ мебошад. Ин қабил воҳидҳои фразеологӣ бо мақсадҳои муайяни услубӣ истифода мешаванд ва дар мундариҷаашон мафҳуми образнокшударо бо ҳадафҳои нишонраси ифоданокиву муассирӣ ифода мекунанд. Агар ифоданокии фразеологизмҳои муболиғавиро мо дар заминаи сохтори онҳо, яъне ҳамоҳангиву ҳамовозии ҷузъҳои дохилӣ ошкор намоем, муассирии ин навъи ифодаҳои рехта бевосита ба зоҳиршавии лаҳзаҳои эҳсосотиву баҳодиҳӣ дар мундариҷаи маъноии онҳо рабт дорад. Ҳар қадар ки ин тобишҳо дар мундариҷаи муболиғаҳои фразеологӣ барҷаста эҳсос шаванд, ҳамон қадар муассирии онҳо баланд мегардад. Унсурҳои муассирӣ вобаста ба ифодаи лаҳзаҳои эмотивӣ (эҳсосоти мусбату манфӣ) ва баҳодиҳӣ (баҳогузории хуб ё бад) дар воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ нишондиҳандаи асосии зоҳиршавии тафаккури иҷтимоии соҳибзабон мебошанд. Онҳо муқаррар месозанд, ки муносибати гӯянда нисбат ба мафҳум ё ҳодисаву воқеа дар кадом шакл сурат мегирад. Чунончи, дар фразеологизмҳои муболиғавии зерин агар лаҳзаҳои муассирӣ ба василаи тобишҳои эҳсосотиву баҳодиҳиҳои гуногун намоён шуда бошанд, лаҳзаҳои ифоданокиро ҳодисаи

аллитератсия – мувофиқати овозҳои садонок (ассонанс)-у ҳамсадоҳо (консонанс) дар ҷузъҳои алоҳидаи дохилии онҳо хеле равшан таҷассум кардааст: **осмон ба сари касе афтид** «касе ба мусибати сахт гирифтор шуд», **дили касеро ду ним кардан** «касеро сахт ноумед кардан, ранҷ додан», **думи шутур ба замин мерасад** «вақт, муддати зиёд сипарӣ мешавад», **оламро ба сар бардоштан** «ҷангу ҷанҷол ва хархашаи зиёд кардан»:

Дар хаёлам **осмон ба сарам афтод** (Самадов А., Паррончакҳо, 158). Зангӯлаи хандаи Даша ба гӯши Арслоналӣ расида, **дили ӯро** гӯё **ду ним кард** (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 80). – Ту бошӣ, Нуралӣ, мегуфтӣ, ки то ман Шерлок Холмс шудана **думи шутур ба замин мерасад** (Ҳамдам А., Оби зери ях, 95). **Оламро ба сараш мебардорад** (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор, 174).

Мавҷудияти муболиғаро дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ мо ба василаи ифодаи ғайривоқеии мафҳум, аниқтараш, ҳангоми муқоисаи маънои воқеӣ (маъное, ки воҳиди фразеологӣ ифода мекунад – Ҳ.Д.) ва аслӣ (маънои асливу ибтидоии воҳиди фразеологӣ – Ҳ.Д.)-и он дарк карда метавонем. Аз ин ҷиҳат, миёни маънои воқеӣ ва аслии фразеологизмҳои муболиғавӣ аксаран мувофиқати зоҳирӣ дида намешавад. Маънои аслии он ғайривоқеӣ, хаёлӣ ва ғайритасаввуротӣ аст, яъне ҳақиқат ва амали воқеиро ифода намекунад. Он «дар байни маъноҳои мустаъмал ва қолаби овозии воҳиди фразеологӣ ҳамчун дастгоҳи муҳаррик вуҷуд дорад, ки он аз як тараф, ба рехтагию суботи маънои воқеии таъбир сабаб шавад, аз ҷониби дигар, ба таҳкими қолаби овози он боис мегардад» [Маҷидов Ҳ., 1995, с. 12].

Сарфи назар аз ин, дар маъноҳои аслии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ лаҳзаҳои ҷудогонаи зиндагии мардуми тоҷик, ҳарчанд бо тасвирҳои хаёлӣ ва тасаввуротӣ бошанд ҳам, инъикоси равшани худро ёфтаанд. Метавон гуфт, ки маҳз номутобиқатии маънои аслӣ ва маънои воқеии воҳиди фразеологӣ ҳамчун ду падидаи ба ҳам зид мавҷудияти муболиғаро дар ифодаҳои рехта таъмин мекунад. Ин ҳолатро дар воҳидҳои фразеологии **аз об хушк баромадан** ба маънои «дар сурати гунаҳкор будан худро устокорона бегуноҳ вонамуд кардан», **ҷони касеро ба ҳалқ овардан** «аз ҳад зиёд касеро ташвиш додан, безор кардан»,

ҷон ба каф гирифтан «барои иҷрои амале дар ҳолати хатари ҷиддӣ қарор доштан», **сари касеро ба осмон расондан** «касеро ситоиши зиёд кардан, миннатдор намудан» баръало дидан мумкин аст:

Вай ҳамеша **аз об хушк мебарояд** (Мамадов К., Кофтукови ҷиноятkор, 98). – Худаш ҳам то ҳимоя кардани рисола домулло **ҷонамро ба ҳалқам овард** (Ҳошимов Ӯ., Нур ва соя, 106). Охир, Амирқул барои ӯ **ҷонашро ба каф гирифта**, шавҳраи номаҳбубашро «яктарафа» кард! (Улуғзода С., Восеъ, 119). – Амирам банданавозанд, агар хоҳанд, дар воқеъ, бо як назари илтифот **сари ғуломашонро ба осмон мерасонанд** (Улуғзода С., Восеъ, 189).

Ба ин тариқ, зери мафҳуми воҳидҳои фразеологиии муболиғавӣ ифодаҳои рехтае дар назар дошта мешаванд, ки дар худ таърифу тавсифи баланду огоҳонаи воқеиятро инъикос намудаанд. Дар доираи истифодаи унсури муболиға ду падидаи аз ҳам дури аломат – воқеӣ ва ғайривоқеии муболиғашуда ба ҳам муқобил гузошта мешаванд. Аз ин ҷиҳат, маънои воҳидҳои фразеологие, ки дар асоси муболиға ташкил ёфтаанд, дар заминаи вайроншавии мувофиқати алоқаи маънои ашё ва меъёрҳои аломатии муболиғавӣ ба вуҷуд меояд. Ҳамчун асос дар ин маврид унсури муқобилгузории аломати воқеии мафҳум ва ифодаи ғайривоқеии он дар пояи муболиға баромад мекунанд.

Пас, нишонаи сохтории воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ ифодаи маънои аслии хаёлӣ, ғайривоқеӣ ва тасаввуротии онҳо будааст. Онҳо маҳз бо ҳамин нишонаашон аз гурӯҳҳои дигари фразеологизмҳои маҷозимаъно фарқ мекунанд ва дар захираи фразеологии забон қабати махсусро ба вуҷуд овардаанд. Дар маънои аслии онҳо реалияҳои фаровони миллии тоҷикӣ – расму русум, урфу одат ва воқеиятҳои дигари зиндагии рӯзмарраи мардуми тоҷик инъикос ёфтаанд ва маҳз ҳамин инъикосот маънои воқеӣ (яъне ҳамон маъное, ки гӯянда дар назар дорад – Ҳ.Д.)-и воҳиди фразеологии муболиғавиро бо рангубори образнокӣ, ифодаи эҳсосот, ҷилоҳои ифоданокӣ ва баҳодиҳиҳои мухталиф таъмин мегардонад.

Маълум мегардад, ки маънои воқеии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ дар сурати тазоди воқеаҳои реалӣ бо воқеаҳои ғайриреалӣ ва ҳамчун санади

қотеъ нишон додани ҳодисаҳои воқеӣ дар сурати ҳодисаҳои ғайривоқеӣ ташаккул меёбад. Дар маънои воқеии фразеологизмҳои муболиғавӣ, ки аксаран ифодагари оҳангҳои эҳсосоти мухталиф мебошанд, такя ба ҳамон воқеияти хаёлӣ ё тасаввуротии муайян хеле муҳим аст. Он воқеият маънои мустаъмали воҳиди фразеологии муболиғавиро ба вуҷуд оварда, онро тақвият медиҳад, асоснок намуда, ба дурустиаш эътимоди шунавандаро ба вуҷуд меоварад. Муқаррар шудааст, ки чунин раванди муқобилгузорӣ аз шуури соҳибзабон сарчашма гирифта, дар заминаи аз вазъияти муқаррарӣ зиёд нишон додани мафҳум ташаккул меёбад. Ба хотири муассирии бештари сухан дар қолаби воҳидҳои фразеологӣ мафҳум ё аломатҳои ҷудогонаи онҳо ба таври образнок ва ғайривоқеӣ васф карда мешаванд, ки ин ҳолат дар фаҳмиши шунаванда тасвири мутантан ва як андоза ғайри қобили қабулро бедор месозад. Маҳз ҳамин қабули маълумот дар шакли даркнашаванда ва ғайритасаввуротӣ аз ҷониби шунаванда вобаста ба дарки равшантари моҳияти мафҳум мавҷудияти муболиғаро дар воҳиди фразеологӣ таъмин месозад. Бар замми ин, ҳар қадар ки тасвири мафҳум ғайривоқеӣ ва берун аз доираи фаҳмиш сурат гирад, ҳамон қадар муболиға дар сохтори воҳиди фразеологӣ равшану устувор акс ёфта, маънои мафҳумии образнокро ба вуҷуд меорад. Масалан, дар ибора ва ҷумлаҳои фразеологии феъли **касеро аз ҳаллоҷӣ гузарондан** «касеро сахт ҷангу сарзаниш намудан», **ба сари касе санги осиёб гашт** «касе сахт нороҳат, ноҳинҷор шуд», **ба дӯғи касе шавла мепазад** «касе дар ҳолати нотавонӣ ғурур ва калонгарии аз ҳад зиёд нишон медиҳад» ва **ба дили касе сиёҳӣ андохтан** «касеро ғамгину хотирпарешон намудан» қабули маънои воқеии фразеологизм дар фаҳми шунаванда воқеияти ғайритасаввурро ба вуҷуд меорад:

Ҳозир **ӯро аз ҳаллоҷӣ мегузаронад**, баъд дарсро аз ман мепурсад (Насим Р., Хонае, ки сӯяш мешитобам, 19). – Дина ях тамом шуда монд, чунон маҳал бардоштанд, ки гӯё **ба сарашон санги осиёб гашта** бошад (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 88). – Уҳ-ҳӯ-ӯ, боз **ба дӯғатон шавла ҳам мепазад-ку**! (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 183). … бо баҳонаи молшумориву налогандозӣ

Шарифро саргардон мекард, ба сараш ташвиш меовард, **ба дилаш сиёҳӣ меандохт** (Кӯҳзод У., Писанддара, 11).

Чунин муносибати муқобилгузориро метавон ба тариқи нақшаи зерин нишон дод, ки дар он маънои аслӣ бо маънои воқеии воҳиди фразеологӣ дар ду қутби ба ҳам зид гузошта шудаанд:

Тасвири №6



Бояд зикр намуд, ки дар баробари муболиға ва навъҳои он, ки ифодаи баланду болои ғайривоқеии мафҳум аст, ҳодисаи баръакси он, яъне падидаи каму ночиз нишон додани мафҳум низ ба тариқи муболиға дар воҳидҳои фразеологӣ мушоҳида мешавад. Чунин падидаро дар забоншиносии муосир бо унвони **литота** арзёбӣ намудаанд. «Литота навъи маҷоз аст, ки дар заминаи аз буди муқаррарӣ кам нишон додани ашё асос меёбад. Онро метавон муболиғаи баръакс ҳисобид. Чун қоида, муқобилгузории литота-гипербола моҳияти худро дар сурати образҳои маъмулшудаи забонӣ меёбад [Николаев А.И., 2011].

Ба таври дигар, литота воситаи махсуси тасвири бадеист, ки дар муқобили муболиға зоҳир шуда, дар сохтори воҳиди фразеологӣ бо мақсади аз ҳолати табиӣ кам нишон додани мафҳум амалӣ мегардад. Дар мундариҷаи маънои ин қабил фразеологизмҳо, ки дар захираи луғавии забони тоҷикӣ нисбатан камтар вомехӯранд, тобиши каму ночиз ва ба таври манфӣ нишон додани мафҳум ё аломати он меҳвари асосии зоҳиршавии ин навъи воситаи тасвири бадеӣ мебошад. Агар дар воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ образнокӣ дар заминаи зиёду ба таври мусбат нишон додани мафҳум ё ягон аломати он ба вуҷуд ояд, дар воҳидҳои фразеологии бо литота созмонёфта асоси образнокии онҳоро унсури манфии кам нишон додани мафҳум ё ягон паҳлуи барҷастаи он ташкил медиҳад. «Литота воситаи махсуси услубист, ки дар асоси истифодаи махсуси тобишҳои манфии ашё сурат мегирад. Дар ин ҳолат инкори ашё ё аломати он ба ифодаи мафҳум тобиши мусбат мебахшад, вале ин сифат ба ҳадде ночиз ифода меёбад,

ки онро наметавон ба воситаи калимаҳои синонимии дигар бо тобиши инкор ифода намуд» [Банина Н.В., Мельничук М.В., Осипова В.М., 2017, с. 78]. Яъне литота дар фразеологизмҳо ифодаи ниҳоят ками мафҳум ё ягон аломати он бо иловаи тобишҳои манфӣ мебошад. Ҳамин аст, ки дар мундариҷаи ин қабил воҳидҳои фразеологӣ бештар лаҳзаҳои маъноии эҳсосоти манфӣ ва баҳодиҳии бад ба назар мерасанд. Масалан, дар фразеологизмҳои муболиғавии зайл, ки дар сохтори онҳо бештар калимаҳои ифодакунандаи ададҳо (як, сад, ҳазор, ҳаждаҳ) зоҳиршавии литотаро таъмин намудаанд: **касеро ба як пули пучак нахаридан** «касеро ба эътибор нагирифтан, ҳолати беқадрии аз ҳад зиёди касе», **касеро аз сад ман ба як ман фаровардан** «ғуруру ҳавобаландии касеро паст кардан», **аз ҳазор гул як гули касе нашукуфтааст** «касе ниҳоят ҷавон, бетаҷриба аст», **ҳаждаҳи касе ба замин зад** «касе сахт ноумед шуд», **касеро аз сӯрохи сӯзан гузарондан** «касеро дар иҷрои амале санҷидан, имтиҳони ҷиддӣ кардан»:

Босмачиён, ки ҳазор **мусулмонро ба як пули пучак намехаранд**, мехостаанд аз шуҳрати Анварпошшо фоида бурда, ҳокимиятро ба дасти худ гиранд... (Айнӣ С., Дохунда, 311). Вай донист, ки ҳоло Асад махсум он шери жаён нест, худи ҳаёт ва шароит **ӯро аз сад ман ба як ман фаровардааст** (Икромӣ Ҷ., Тахти вожгун, 149). Ба қавлу гапе ҳоло **аз ҳазор гулам як гулам нашукуфтааст** (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 153). Баъзан худро мард гирад ҳам авзоъ ва оби чашми пинҳонӣ ва чу мӯйи оташрасида ғинҷу печ гаштани занро дида **ҳаждаҳаш ба замин занад** (Сорбон, Барзгар, 108). – Ҳо, худатон диден-ку, борҳо **моро аз сӯрохи сӯзан гузаронданд** (Самад А., Гардиши девбод, 157).

Агар дар воҳидҳои фразеологии бо муболиға асосёфта ифодаи мафҳум ба таври образнок ба самти боло ва ифодаи тобишҳои мусбат амалӣ гардад, пас, дар фразеологизмҳои бо литота ташаккулёфта ин ҳолат баръакс мебошад, яъне инъикоси мафҳуми образнокшуда дар доираи зоҳиршавии унсурҳои камиву ночизӣ ва тобишҳои манфӣ сурат мегирад. Дар ин маврид литотаро метавон муболиғае ҳисобид, ки тавсифи ғайривоқеии мафҳумро дар заминаи нишондоди ками он ба вуҷуд меорад.

Ба ҳамин тариқ, муболиға ва навъҳои он дар ташаккули сохтор ва мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ нақши асосӣ дошта, ин гуна ифодаҳои рехтаро метавон воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ номид. Дар мундариҷаи гурӯҳи дигари фразеологизмҳои муболиғавӣ лаҳзаҳои каму ночиз нишон додани мафҳум ва аломати барҷастаи он навъи дигари муболиға – литотаро ба вуҷуд овардаанд.

2.2. Хусусиятҳои сохтории воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ

Дилхоҳ воҳиди фразеологӣ, новобаста ба гурӯҳи сохторӣ ва маъноӣ дар қолаби муайяни наҳвӣ сохтори ба худ хосро дорад, ки он, асосан, дар заминаи иштироки калимаҳои мансуби ҳиссаҳои гуногуни нутқ фароҳам меояд. Воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, ки як навъи серистеъмоли ифодаҳои рехтаи забони тоҷикиро ташкил медиҳанд, дар асоси қолаб ва сохтори муайян ташаккул меёбанд. Таҳлилу таҳқиқи мисолҳои форовон нишон доданд, ки қисмати бузурги ин қабил фразеологизмҳоро ибораҳои фразеологии феълӣ ва ҷумлаҳои фразеологии муболиғавӣ ташкил медиҳанд. Таркибҳои фразеологӣ аз доираи таснифоти воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ берун мемонанд, зеро қолаб ва сохтори онҳо барои зоҳиршавии тобишҳои муболиғавӣ мусоид набуда, дар онҳо бештар унсурҳои мафҳумӣ нисбат ба образнокӣ афзалият доранд.

2.2.1. Ибораҳои фразеологии феълии муболиғавӣ. Қисмати асосии воҳидҳои фразеологии муболиғавиро ибораҳои фразеологии феълӣ ташкил медиҳанд. Яъне ибораҳои рехтаву устуворе, ки ҷузъи асосии онҳоро феълҳои аз ҷиҳати сохт гуногун ташкил додаанд. «Ибораҳои фразеологии феълӣ аз ҳама гурӯҳи сермаҳсули сохторӣ-маънои воҳидҳои фразеологии забони тоҷикиро ташкил медиҳанд. Таҳлилҳои мо нишон доданд, ки тақрибан аз се ду ҳиссаи ҳама воҳидҳои фразеологии забони тоҷикиро, ки дар осори бадеӣ истифода шудаанд, ибораҳои фразеологии феълӣ ташкил додаанд» [Маджидов Х., 2006, с. 218].

Чунин ном гирифтани ин навъи фразеологизмҳо ба он вобаста аст, ки маҳз феъл ҳамчун ҷузъи асосӣ масъулияти ифодаи сохтор ва маънои ягонаи ибораи фразеологиро бар дӯш дорад. Дар ҷузъи феълии ин гуна фразеологизмҳо мундариҷаи маъноии онҳо ҷамъбаст шуда, бе ифодаи он сохтор ва маънои ибора ноқис мемонад. Ба таври дигар, маҳз иштироки феъл дар созмондиҳии ибораи фразеологӣ сохтор ва маънои онро мукаммал мегардонад. Барои муқоиса, дар ибораҳои фразеологии муболиғавии зайл иштироки ҷузъи феълии содаи **рехтан, дӯхтан** ва **баровардан** аз рехтагиву устувории сохтор ва маънои фразеологӣ дар

онҳо дарак медиҳад: **ба оташи дили касе равған рехтан** «дар ҳолати изтироби аз ҳад зиёд касеро ором, дилбардорӣ намудан», **даҳони касеро дӯхтан** «бераҳмона касеро ба марг маҳкум кардан», **шири хӯрдаи касеро аз почаки бинӣ баровардан** «касеро беҳад азобу шиканҷа додан», **ба шири дамидаи касе оби сард рехтан** «ҳавои касеро паст намудан, садди роҳи амалҳои ношоистаи касе шудан»:

Ҳоло як даҳон гап метавонист **ба оташи дили ӯ равған резад** (Кӯҳзод У., Роҳи паси ағба, 286). … дар мамлакати онҳо барои гуфтани сухани ҳақ **даҳони адибонро медӯзанд** (Кӯҳзод У., Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз, 206). Бахудо ба гарданашон савор мешавад, **ширҳои хӯрдаашонро аз почаки биниашон мебиёрад** (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 24). **Ба шири дамидаи иғвогарону бадбинҳо оби сард мерезад** (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 175).

Албатта, дигар ҷузъҳо низ дар ташаккули сохтор ва маънои ибораҳои фразеологии муболиғавӣ мақом доранд, вале маҳз унсури феълӣ нишондиҳандаи устувории онҳост. Он ҳамчун нишондиҳандаи амалу ҳаракат дар ибораҳои фразеологии муболиғавӣ вазифаи унсури ҷамъбасткунандаи моҳияти мафҳуми муболиғашударо иҷро мекунад.

Ибораҳои фразеологии феълии муболиғавӣ бештар дар қолаби ибораҳои бисёрҷузъаи феълӣ шакл мегиранд, зеро дар қолаби ибораҳои фразеологии дуҷузъаи феълӣ имконияти мусоиди ифодаи муболиға вуҷуд надорад. Дар онҳо ифодаи мафҳум дар доираи меъёри воқеияти тасаввуршаванда сурат гирифта, барои тасвири ғайривоқеии он қолаби маҳдуди ибора имконият намедиҳад. Қолаби ин навъи воҳидҳои фразеологӣ, асосан, аз ҷузъи номӣ ва феъли сода мураттаб гардидааст. Масалан, дар ибораҳои фразеологии феълии дуҷузъаи зайл, ки ба сифати ҷузъи номии онҳо исмҳои гуногун иштирок мекунанд, мафҳум на ба таври муболиғаомез, балки дар шакли муқаррарӣ ва нисбатан сода зоҳир шуда, маънои муайяни мафҳумӣ ифода мегардад. Чунончи:

Ҳасан обро лой карда, моҳӣ мегирам гуфта **фиреб мехӯрад** (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 134). Носиров баъди рафтани ӯ чанд дақиқа дар заврақи хаёлот шино карда, ба гӯшаи кабинет, нуқтае **чашм дӯхта** монд (Ҷалил

Р., Асарҳои мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 440). … ба дигар маънӣ ҳам нафаҳм, ин корро ман на барои он кардам, ки **дили** туро **ёбаму** ба ҷогаҳ кашамат (Ҳамдам А., Оби зери ях, 196). Се дақиқа муҳлат. Наёбӣ, **шаҳратро медиҳӣ** (Муҳаммадиев Ф., Палатаи кунҷакӣ, 73).

Қолаби ибораҳои бисёрҷузъаи феълӣ бошад, вобаста ба сохтори нисбатан муфассал доштан имконияти ифодаи бештари муболиғаро дорад. Маҳз дар чунин навъи ибораҳо унсури муболиға равшан зоҳир шуда, мафҳум боз ҳам образнок ифода меёбад. «Ибораҳои фразеологии феълии бисёрҷузъа метавонанд дар сохтори худ ибораҳоеро ҷой диҳанд, ки унсурҳои номии тафсилёфта доранд. Дар баробари ин як гурӯҳ ибораҳои рехтаи феълии бисёрҷузъа вомехӯранд, ки дар онҳо ҷузъи асосӣ феълҳои тафсирёфта мебошанд» [Маджидов Х., 2006, с. 227].

Дарвоқеъ, маҳз ҳодисаи тафсилёбӣ дар сохтори ин қабил фразеологизмҳо ба сифати падидаи муҳимми зоҳиршавии муболиға дар онҳо хизмат мекунад. Ҳар қадар ки сохтори ибораи фразеологии феълӣ васеъ ва тафсилёфта бошад, ҳамон қадар имконияти ифодаи муболиға дар он бештар мегардад. Барои мисол, дар ибораҳои фразеологии феълии бисёрҷузъаи **линги касеро аз осмон овардан** ба маънои «касеро сахт ҷазо додан», **ба сари касе кӯҳи ғаму андӯҳ овардан** «нисбат ба касе ғаму андӯҳи зиёдро раво дидан», **аз осмон гирифта, ба замин задан** «таҳқиру шармсор кардан», **ба доираю дунбаки касе шох партофтан** «мавқеи касеро тақвият бахшидан, ҷонибдорӣ намудан» маҳз қолаби тафсилёфтаи ибораи фразеологӣ, ки бо иштироки ҳиссаҳои гуногуни нутқ сурат гирифтааст, маҳаки асосии зоҳиршавии муболиға ба ҳисоб меравад:

Вай девона мешавад, **линги ин хел мардро аз осмон меорад**, мекушадаш… (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 224). Мавлонбой ӯро аз Абдусамад Ҷудо карда, **ба сараш кӯҳи ғаму андӯҳ овард** (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 387). – Ҳозир **аз осмон гирифта, ба замин мезанад** ин писар (Муҳаммадиев Ф., Палатаи кунҷакӣ, 181). Вай шайтони дупо васваса мекардагисту ту бошӣ, шилиққӣ фаромада **ба доираю дунбаки вай шох партофта** истодаӣ (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 58).

Ибораҳои фразеологии бисёрҷузъаи феълӣ дар заминаи иштироки ҳиссаҳои гуногуни нутқ ва ҷузъи феълӣ ташаккул меёбанд, ки маҳз чунин ҳамоҳангии ҷузъҳои таркибӣ барои зоҳиршавии муболиға ҳамчун заминаи асосӣ хизмат мекунад. Дар қолабҳои муайяни наҳвӣ ҷузъҳои номӣ ва феълии фразеологизмҳои бисёрҷузъа бо ҳам ҳамнишин ва алоқаманд гардида, ягонагии шаклӣ ва маъноии онро муқаррар месозанд. Ба қавли профессор Ҳ. Маҷидов, чунин мутобиқат сохтори ягонаи воҳидҳои фразеологии бисёрҷузъаро ба вуҷуд оварда, вобаста ба матн ҷузъҳои номии онҳо метавонанд дар шахсу шумораи муайян ифода шаванд [Маджидов Х., 2006, с. 228].

Бояд таъкид намоем, ки интихоби ҷузъҳои таркибии фразеологизмҳои бисёрҷузъа на ба таври интихобӣ, балки огоҳона ва дар доираи меъёрҳои ҳамнишинии калимаҳои забон сурат гирифта, бо мақсади ифодаи ҳарчи равшантари мафҳум амалӣ мегардад. Масалан, дар воҳидҳои фразеологии бисёрҷузъаи феълии зайл маҳз мувофиқати ҷузъи номӣ ва феълии онҳо барои ифодаи муболиға хизмат намудаанд: **ба тори дили касе – нохун задан** «ба эҳсосоти касе расидан, касеро бесаранҷом намудан», **деги ғазаби касеро – ҷӯшондан** «касеро сахт ба ғазаб овардан», **бо думи шер – бозӣ кардан** «дар хавфу хатар мондан», **абраву астари касеро – чаппа кардан** «касеро сахт сарзаниш кардан, ҷазо додан» ва монанди инҳо:

… охир ба кӣ маъқул мешавад, вақте ки **ба торҳои дили ӯ нохун мезананд** ва бо нияти хуб ҳам бошад, ба иззати нафсаш мерасанд (Ҳамдам А., Оби зери ях, 161). Хомӯшии арӯс **деги ғазаби хушдоманро ҷӯшонд** (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор, 24). Ҳасан Ризо **бо думи шер бозӣ мекунад**, – дар дил раиси захминро … маломат кард (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор, 227). Модари Аҷик **абраву астари онҳоро чаппа карда** мепартофт (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 72).

Ҷузъи феълии ибораҳои фразеологии бисёрҷузъаи муболиғавӣ бештар бо феълҳои сода ва таркибӣ ифода меёбад. Чунин ҳолат, албатта, падидаи муқаррарӣ мебошад, ки дар дигар воҳидҳои забон низ мушоҳида мешавад. Феълҳои сода ва таркибӣ, ки нисбат ба феълҳои сохта истифодаи бештар доранд, дар созмондиҳии фразеологизмҳои бисёрҷузъаи муболиғавӣ низ фаъоланд. Онҳо

ҳамчун ҷузъи фаъол дар ташаккул ва ифодаи мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ ба сифати унсурҳои меҳварӣ хизмат мекунанд. Метавон гуфт, ки маҳз ба василаи ҷузъи феълӣ муболиға ифодаи комили худро дарёфта, образнокии баланди мафҳум таъмин мегардад. Дар ин самт феълҳои сода, ки дар матн метавонанд дар шаклҳои гуногуни парадигмавӣ зоҳир шаванд, саҳми муҳим доранд. Онҳо ҳамчун ифодакунандаи амалҳои мухталифи ашё дар алоқамандӣ бо дигар калимаҳо барои зоҳиршавии маъноии фразеологӣ ва тобишҳои дигари он кумак мерасонанд. Чунончи, дар ибораҳои фразеологии бисёрҷузъаи муболиғавии матнҳои поён – **офтобро бо доман пӯшондан** «ҳақиқат, воқеиятро инкор кардан», **ситораро бе нардбон гирифтан** «маҳорату малакаи беҳамто доштан», **хоки касеро бо ғалбер бехтан** «касеро сахт сарзанишу азоб додан», **сари касеро дар балои маҳшар мондан** «касеро ба хавфу хатари ҷиддӣ андохтан» феълҳои содаи **пӯшондан, гирифтан, бехтан** ва **мондан**, ки дар шахсу шумора ва замони муайян ифода шудаанд, масъулияти ифодаи маъноии фразеологӣ ва тобишҳои муболиғаро дар мундариҷаи онҳо бештар ба зимма доранд:

– Шумо, амаки Хол, мехоҳед, ки **офтобро бо доман пӯшед** (Икромӣ Ҷ., Шодӣ, 110). – Гаштед-дия, **ситораро бе нардбон мегирам** гуфта пичинг зад зани хушҳол (Мамадов К., Кофтукови ҷиноятkор, 94). Аз пайи мо боз ояндаи зӯре меояд, ки **хокамонро бо ғалбер мебезаду** хандааш дар гӯрамон алов мезанад (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 14). Чаро пурармон наравам, ки ҷувонимарг дина **сарамонро дар балои маҳшар монд** (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 181).

Феълҳои таркибӣ низ дар ташаккули ибораҳои фразеологии бисёрҷузъаи муболиғавӣ мавқеи хосса доранд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ин вазифа бештар феълҳои таркибии номӣ иштирок мекунанд. Ба тавассути онҳо ҷузъи феълии воҳиди фразеологӣ дар шакли тафсилӣ ифода шуда, тобиши феълии муболиғаи мундариҷаи он инъикос меёбад. Ба сифати ҷузъи номии феълҳои таркибии дохили чунин воҳидҳои фразеологӣ бештар исмҳои ғайришахс ва сифатҳои аслӣ ифода мешаванд. Аз қабили **ба дили касе ханҷол задан** ба маъноии «касеро ба ташвил овардан, бесаранҷом намудан», **шайтонро дар ҳаво**

наъл задан «дар иҷрои амале маҳорати баланд доштан», **мағзи устухони касеро об кардан** «касеро зиёд ташвиш, азобу машаққат додан», **рӯйи касеро сурх кардан** «касеро дастгирӣ намудан, иззату эҳтироми касеро баҷо овардан»:

Охир, як соли расо ман ҳам қатори дигарон борҳо **ба дили ин бачаи** беозор, ки бепадару модар, дастпарвари хонаи бачаҳо будааст, **ханҷол задаам** (Самадов А., Паррончакҳо, 115). Ин Ашӯрчики ту хаппак асту лекин **шайтона дар ҳаво наъл мезанад** (Самадов А., Паррончакҳо, 187). Ва се соли зиндаҷудоӣ, андешаҳои беохири талху мудҳиш ӯро дарун-дарун хӯрду ба қавле **мағзи устухонҳояшро об кард** (Самад А., Гардиши девбод, 79). – Э хуб шудасте, Худованд **рӯямро сурх кардасте**, – холаи Зарафои аз гапу ҳарф бехабар сиёҳпӯшҳоро дуои нек мекард… (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 24).

Ба ғайр аз ҷузъи феълӣ дар ташаккули ибораҳои фразеологии бисёрҷузъаи муболиғавӣ нақши унсурҳои номии онҳо низ назаррас аст. Тавре зикр намудем, маҳз дар асоси интихоби дуруст ва ҳамнишинии бамавриди чунин ҷузъҳо бо унсури феълӣ сохтори ягонаи фразеологизм ба вуҷуд меояд ва маънои барои оммаи соҳибзабонон фаҳмо ифода мегардад. Ба вазифаи унсурҳои номии ибораҳои рехтаи муболиғавии бисёрҷузъа, асосан, ҳиссаҳои номии нутқ омада, бештар бо воситаҳои гуногуни грамматикӣ, аз қабили пешоянду пасояндҳо сурат меёбанд. Ба андешаи мо, маҳз дар ҷузъи номии воҳиди фразеологӣ ифодаи тобиши муболиғавии таркиби он оғоз шуда, дар ҷузъи феълӣ ҷамъбаст мешавад. Ба таври дигар, ҷузъи номӣ ба сифати сарчашмаи зоҳиршавии муболиға ва ҷузъи феълӣ ҳамчун ифодаи анҷомёбии он хизмат мекунанд. Ҳамин аст, ки ба ҳайси нуқтаи меҳварии ифодаи комили муболиға мувофиқати миёни ин ду ҷузъ – ҷузъи номӣ ва феълӣ хизмат менамояд. Онҳо дар алоҳидагӣ натанҳо имконияти ифодаи муболиға, балки маънои ягонаи воҳиди фразеологиро низ аз даст медиҳанд. Барои муқоиса: **хонаро ба сар – бардоштан** «аз ҳад зиёд доду фиғон кардан», **пуштро ба шохи гов – ҷанг андохтан** «амали беҳуда, беоқибатеро дар ҳолати ҳавфу хатар иҷро намудан», **ба даруни дили касе – даромадан** «аз кайфияту аҳволи касе хуб бохабар шудан», **ба сари касе – чормағз шикастан** «ба касе зӯрӣ, таҳдид намудан»:

Сангинов баробари сар ба болин монданаш хоб рафт ва ҳоло бо хурроки баланди ҳуштакдораш **хонаро ба сараш бардоштааст** (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 48). **Пушташро ба шохи гов ҷанг меандозад**… (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 76). Касе **ба даруни дили касе надарояд**, ҳеҷ гоҳ ғаму андӯҳи бегонаро эҳсос карда натавонад (Сорбон, Барзгар, 75). Баъзан занак худаш хонанишин, кор намекунад, лекин **ба сари шавҳари нонёбаш чаҳормағз мешиканад** (Икромӣ Ҷ., Ҳикоя ва очеркҳо, 199).

Ҷолиби диққат он аст, ки дар ҷузъҳои номӣ ва феъли ибораҳои фразеологии муболиғавӣ калимаҳое истифода мешаванд, ки бори асосии ифодаи муболиға ба иштироки бевоситаи онҳо иртибот дорад. Ин гуна вожаҳоро метавон ҳамчун калимаҳои меҳварие маънидод намуд, ки маҳз мавҷудияти онҳо дар сохтори фразеологизм образнокии мафҳум ва зоҳиршавии муболиғаро ба миён меоранд. Дар бештари мавридҳо маҳз таносуби ҳамин навъ калимаҳо бо ҷузъи феълӣ мувофиқати мантиқии миёни ҷузъи номӣ ва феъли ро ба вуҷуд меорад. Таҳлил нишон дод, ки чунин калимаҳо бештар дар ҷузъи номии ибораҳои фразеологии муболиғавӣ ифода ёфта, ба вазифаи онҳо, асосан, исмҳои ифодакунандаи мафҳумҳои гуногун корбурд доранд. Масалан, калимаҳои **осмон, захм** ва **алов** дар воҳидҳои фразеологии муболиғавии **бо нӯги бинӣ осмонро харошидан** «ғурури аз ҳад зиёд доштан, такаббур варзидан», **захми дили касеро дӯхтан** «ба дарду ғам, мушкилии касе расидагӣ карда тавонистан», **дар дили касе алов рехтан** «касеро ба ташвиш андохтан, бесаранҷом намудан», **осмонро ба сари касе партофтан** «касеро сахт ҷазо додан, сарзаниш намудан» ҳамин вазифаро дошта, бе иштирок ё иваз намудани онҳо бо дигар унсурҳои луғавӣ фразеологизм сохтор ва маънои худро аз даст дода, мазмуни муболиғавии он аз байн меравад:

Бо нӯги бинӣ осмонро харошида, ба издиҳом наздик шуданд (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 18). Ба назар, меҳру муҳаббати ин хонадон батадриҷ **захмҳои дили ӯро дӯхта** ва марҳам мемолиданд (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 241). Амакаш ҳам бегоҳ нохуш баргашт, аз ин ҳам **дар дили писарак алов рехт** (Самадов А., Майдон, 20). Тӯлаган полвон «лаънат ба ҳар дуятон, аз дастатон ояд, **осмонро ба сарам**

партоед, ман розӣ» - гуфтанӣ буд, ки Карима ба сухан баромад (Начмиддинов М., Дарё мачрои нав мечӯяд, 124).

Дар гурӯҳи дигари ибораҳои фразеологии феълӣ бошад, таносуби маъноии ду калимаи меҳварӣ омили асосии ифодаи муболиға дар мундаричаи онҳо гардидааст. Ба ин вазифа ҳамон калимаҳое омада метавонанд, ки дар муқобили худ калимаи дигареро вобаста ба вазифаи маъноияшон мантиқан мувофиқ гузошта метавонанд. Дар ҳама гуна фразеологизмҳои феълии муболиғавӣ таносуби ин гуна калимаҳои меҳварӣ дуруст ва бамаврид буда, чунин мувофиқат моҳияти муболиғавӣ доштани ифодаи рехтаро барои соҳибзабон равшан месозад. Ин ҳодисаро дар таносуби маъноии калимаҳои **оташ – об, дил – найза, тор – нохун, соя – девор** дар воҳидҳои фразеологии муболиғавии **ба рӯйи оташи умедвории касе оби сард рехтан** «касеро сахт ноумед кардан, умеди касеро барбод додан», **ба дили касе найза задан** «касеро бисёр озурдаву ғамгин кардан», **тори дили касеро нохун задан** «касеро ба вачд овардан, эҳсосоти ботиниро бедор кардан», **сояи касеро аз девор тарошидан** «нисбат ба касе аз ҳад зиёд нафрат доштан» ва ғайра дидан мумкин аст:

Аммо Хуррам **ба рӯи оташи умедвории ӯ оби сард рехт** (Фирӯз Б., Тору пуд, 143). Лола ҳамчун мерганҳо **ба дили шавҳар найза мезад** (Ҳошимов Ӯ., Нур ва соя, 35). Восеъ нохост кадом як **тори таранги дили мардумро нохун зада**, ба садо оварда буд (Улуғзода С., Восеъ, 223). Мудири муҳтарам **сояи ӯро аз девор метарошад**, дар чамъомаду маъракаҳо ба бадном карданаш мекӯшад (Муҳаммадиев Ф., Сози мунаввар, 24).

2.2.2. Чумлаҳои фразеологии муболиғавӣ. Чумлаҳои фразеологӣ баробари ибора ва таркибҳои фразеологӣ дар захираи фразеологии забони точикӣ мақоми намоён доранд. Онҳо бештар дар қолаби чумлаҳои сода ташаккул ёфта, барои ифодаи мафҳумҳои образнок хизмат мекунанд. «Дар забони адабии муосири точикӣ чумлаҳои фразеологӣ нисбатан серистеъмол буда, аз рӯйи сохтор ба навъҳои гуногуни чумлаҳои сода мувофиқат доранд. Ин қабил фразеологизмҳо аз рӯйи таркиби худ, пеш аз ҳама, ба ду гурӯҳ чудо мешаванд:

дутаркиба ва яктаркиба» [Маджидов Х., 2006, с. 163].

Ба ғайр аз қолаби ибораҳои фразеологии феълӣ фразеологизмҳои муболиғавӣ дар қолаби ҷумлаҳои фразеологӣ низ ташаккул меёбанд ва дар ин вазифа бештар ҷумлаҳои содаи дутаркиба фаъоланд. Ба монанди ибораҳои фразеологии феълӣ сохтори ҷумлаҳои содаи фразеологӣ низ барои зоҳиршавии муболиға мувофиқ мебошад. Дар онҳо, ки ҳама аъзоҳои ташаккулдиҳандаи ҷумла иштирок менамоянд, ифодаи унсури муболиға аз сохтори устувору ягонаи ҷумла вобастагӣ дорад. Масалан, дар ҷумлаҳои фразеологии муболиғавии кушодаи навъи **фуки касе дар осмон** ишора ба «касе ниҳоят ҳавобаландиву ғурур дорад», **дили касе сиёҳ** «касе ғамгин, аламдор аст», **дили касе кашол** «касе умедвории зиёд дорад» ва **майнаи касе холӣ** «касе бесавод, нодон аст», ки умумияти луғавӣ-грамматикӣ дошта, дар лаҳзаҳои мухталифи нутқ таркиби онҳо метавонад ба тағйирот дучор шаванд, ифодаи муболиға дар асоси умумияти ягонаи ҷузъи номӣ ва феълии онҳо сурат гирифтааст:

… ягон каллафаҳми лаванд ё ин ки фиребгари **фукаш дар осмонро**, осонаша гирем ба рӯи об баровардан кори олиҷаноб аст, албатта (Муҳаммадиев Ф., Одамони кӯҳна, 12). Ҳарчанд ки дар ин воқеа ман гуноҳе надоштам, **дилам сиёҳ** шуд (Муҳаммадиев Ф., Одамони кӯҳна, 66). **Дили ӯ** ба ҳамон устухон **кашол будааст**, чун акаам ба ӯ надода худ хоидааст, дар ғазаб шуда… (Айнӣ С., Ёддоштҳо, 160). Пир шудаам, **майнам холӣ шудааст**, гапамро ҳар замон гум мекунам ва чи гуфтанамро нафаҳмида мемонам… (Айнӣ С., Ёддоштҳо, 247).

Тавре маълум аст, ин навъи ҷумлаҳои фразеологии муболиғавӣ аз мубтадо, ҷузъи тағйирёбанда, ки бештар бо ҷонишини номуайянии **касе (чизе)** ифода мешавад ва хабар ташкил ёфта, қолаби ҷумлаи содаи дутаркибаро ба хотир меоранд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар вазифаи мубтадои онҳо бештар навъҳои гуногуни исмҳо ва дар вазифаи ҷузъи хабарӣ бошад, аксаран исму сифатҳо корбурди зиёд доранд. Хабари ин гуна ҷумлаҳои фразеологии муболиғавӣ дар бештари ҳолатҳо хабари номӣ мебошад ва вобаста ба сохтори устувори фразеологизм дар алоҳидагӣ танҳо бо калимаи номӣ ифода мешавад. Дар ин маврид бандаку феълҳои ёрирасон ҳамчун ҷузъи таркибии ҷумлаи

фразеологӣ аз сохтори он ҳазф мегарданд. Чунончи, **косаи сабри касе лабрез** «ҳолати сабру таҳаммули касе тамом шуд», **асаби касе таранг** «касе дар ҳолати қаҳру ғазаб қарор дорад», **дасти касе кутоҳ** «касе имконияти маҳдуд дорад», **ҷигари касе кабоб** «касе ғам меҳӯрад, ҳолати вазнини равонӣ дорад» ва монанди инҳо:

… **косаи сабри Ҳалим лабрез** шуду ба ҳарифаш бо ду-се дашноми обнорасида ва як мушти обдор ҷавоб гардонд (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 62). Улфатов нотинҷ шуд, ба дилаш ким-чи хел ваҳму ҳарос афтод, авзоаш беҷо ва **асабҳояш таранг** шуданд (Ниёзи Ф., Вафо, 217). … ҷаҳд доштанд, ки авом аз чанголи ҷаҳолат раҳо ёбад, **дасти** ҷабру зулми номаҳдуди **ҳукуматдорон кӯтоҳ** бошад (Кӯҳзод У., Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз, 209). Масалан, Аҳмади Дониш «халқ» мегӯяду **ҷигараш кабоб мешавад**… (Кӯҳзод У., Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз, 237).

Гурӯҳи дигари ҷумлаҳои фразеологии муболиғавиро ҷумлаҳои фразеологие ташкил медиҳанд, ки ҷузъи хабарии онҳо бо феълҳои содаву таркибӣ ифода меёбад ва ҳамчун хабари феълӣ вазифа адо менамояд. «Чунин ҷумлаҳои фразеологӣ аз рӯйи бештари нишондодҳо ба ҷумлаҳои фразеологии кушодаи номии дутаркиба қаробат доранд. Онҳо низ аз рӯйи миқдори ҷузъҳои асосӣ дуҷузъаанд, вале вобаста ба мувофиқат бо воҳидҳои забонӣ ва нутқӣ кушода мебошанд» [Маджидов Х., 2006, с. 166].

Мубтадои ин гуна ҷумлаҳои фразеологии муболиғавӣ ба монанди гурӯҳи якум бо исмҳо ифода гардида, ҷузъи феълии онҳо дар шахси сеюми шумораи танҳо ифода меёбад: **ранги касе канд** «касе сахт тарсид», **гапи касе пухт** «касе ба мувофиқа омад», **дили касе занг баст** «касе ғамгин шуд», **ғайрати касе ҷӯш зад** «касе ба ғайрат омад»:

Шодигул як ларзид, саросема шуд, **рангаш канд**, қариб буд, ки ҷуволро аз дасташ афтонд (Улуғзода С., Навобод, 172). Ба хонаи духтар хостгорҳо фиристониданд, **гапҳояшон пухт** (Кӯҳзод У., Роҳи паси ағба, 283). … бо таъсири ёд овардани ин лавҳаҳо пок-покиза сутуда шуд, **дилаш** боз **занг баст,** вале майнааш бошиддат кор мекард (Кӯҳзод У., Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз, 236).

Аз куҷое **ғайраташ ҷӯш зад** ва руҳи ғуломиаш шикаст (Кӯҳзод У., Ҳайҷо, 32).

Ҳатто дар вазифаи хабари таркибии ин навъи воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ омадани фразеологизмҳои феълӣ ҳамчун нишонаи фразеологизатсияи такрорӣ гоҳо ба назар мерасад. Ин падидаи нодири забонӣ, яъне зоҳиршавии воҳиди фразеологӣ дар таркиби воҳиди фразеологии дигар маҳз хоси ҷумлаҳои фразеологӣ мебошад. Ҷузъи хабарии ҷумлаи фразеологӣ, ки бо воҳиди фразеологии феълӣ ифода меёбад, дар ин маврид ба тариқи «маҷоз андар маҷоз» барои зоҳиршавии муболиғаи мундариҷаи он нақши марказиро иҷро мекунад. Масалан, дар ҷумлаҳои фразеологии **ба ҷабини касе гиреҳ афтод** «касе ғазабнок, дарқаҳр шуд», **гӯши касе қулф зад** «касе аз шунидани чизе сахт ба ҳайрат афтод», **чашми касе хун гирифт** «касе зиёд ба ғазаб омад» ва **банди ҷигари касе об шуд** «касе сахт ғамгину аламзада аст» хабарҳои таркибии **гиреҳ афтодан, қулф задан, хун гирифтан** ва **об шудан** ҳамчун таркибҳои фразеологии феълӣ аз унсурҳои асосии ифодакунандаи тобиши муболиғавии онҳо ба ҳисоб мераванд:

Саидӣ ба соат нигаристу **ба ҷабинаш гиреҳ афтод** (Насим Р. Хонае, ки сӯяш мешитобам, 19). Хонаатон сӯзад, муттаҳамҳо! – дар ин ҷо Аҳрор амак чунон ҳаҷорати болохонадори пуробутоб дод, ки **гӯши ман қулф заду** сарам гаранг шуда монд (Муҳаммадиев Ф., Одамони куҳна, 58). Аз ҷаҳл **чашмони Амир хун гирифт** (Кӯҳзод У., Ҳайҷо, 32). Дар пеши худам бошӣ, ҳушам кашол намешавад, **банди ҷигарам об шуд**, Меҳрубонҷон… (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 251).

Гурӯҳи дигари ҷумлаҳои фразеологии муболиғавиро ҷумлаҳои фразеологии мураккаб ташкил медиҳанд, ки аз ҷиҳати сохтори грамматикӣ нисбат ба ҷумлаҳои содаи фразеологӣ васеътар ва тафсилёфтаанд. Дар онҳо низ ба монанди дигар навъҳои ҷумлаҳои фразеологӣ воситаҳои асосии ба ҷумлаҳои синтаксисӣ хос хира тофта ё батамом аз миён рафтаанд. Дар ин гурӯҳи ҷумлаҳои фразеологӣ воситаҳои ёрирасони ташаккулдиҳандаи сохтори ҷумла, аз қабили пайвандакҳо, калимаҳое, ки вобастагии як ҷумларо бо ҷумлаи дигар таъмин месозанд, ҷой ва оҳанги ҷумлаҳо аҳаммияти худро аз даст дода, ҳамчун ҷузъҳои

дохилии ҳатмии ҷумлаи фразеологӣ иштирок мекунанду халос. Дар ин маврид дигар нишондиҳандаҳо, аз қабили якҷоя шакл гирифтан, яклухтии сохтор ва ҷудонопазирии таркиб ҳамчун нишонаҳои асосӣ ба тариқи равшан зоҳир мешаванд, ки дар ниҳоят ҷумлаи фразеологиро ба ҳайси воҳиди забонии яклухту мураккаб нишон медиҳанд. Маҳз чунин хирашавии хосиятҳои наҳвии ҷумлаҳои фразеологӣ ва дар асоси он боло гирифтани нишонаҳои сохториву маъноӣ барои зоҳиршавии муболиға дар мундариҷаи онҳо заминаи мусоид фароҳам меорад. Чунончи, **замин сахту осмон баланд** «ҳолати вазнини ноилоҷӣ», **касе шоҳу табъаш вазир** «касе соҳибихтиёрии бемаҳдудро дар ичрои амале дорад», **монанди оҳуе, ки пешопеши сайёд мегурезад** «дар ниҳояти саросемагӣ, пуртаҳлука», **набинаму насӯзам** «вазъияти дилмондагиву дилбезорӣ»:

«**Замин сахту осмон баланд**» гӯён панҷа ба замин мезанад (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 340). … ба чӯл ҳам намеравед, ба ихтиёри худатон, мисли паррандае, ки аз дом сар додаанд, гаштан мегиред, **худатон шоҳу табъатон вазир** (Наҷмиддинов М., Дарё маҷрои нав меҷӯяд, 15). Вале вай **монанди оҳуе буд, ки пешопеши сайёд мегурехт** ва чапғалат медод (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 111). Ҳой бача, ду ангушт дар бинӣ омаданатро **набинаму насӯзам** (Наимӣ Қ., Фоҷиа дар чашмасор, 136).

Ба таври умум, гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологии муболиғавиро ибора ва ҷумлаҳои фразеологии феълӣ ташкил медиҳанд, ки дар ин маврид саҳми ҷузъи феълии таркиби онҳо дар инъикоси муболиға хеле назаррас аст. Зоҳиршавии муболиға дар чунин навъи фразеологизмҳо маҳз ба ифодаи амали мафҳум нигаронида шуда, дигар унсурҳо онро аз ҷиҳати маъноӣ таҳвият мебахшанд.

2.3. Хусусиятҳои маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ

Воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ дар заминаи қолаб, сохтори муайян ва ифодаи мафҳумҳои гуногун нишонаҳои хоси маъноиро соҳибанд, ки онҳоро дар зоҳиршавии мундариҷаи маъноии фразеологизм ва гурӯҳҳои маъноии он ошкор намудан мувофиқ аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ тобишҳои мафҳумию образнок, баҳодиҳӣ ва эҳсосотӣ мушоҳида шуда, гурӯҳҳои маъноии онҳоро танҳо идиома ва фраземаҳои муболиғавӣ ташкил медиҳанд.

2.3.1. Ифодаи маънои мафҳумию образнок дар воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ. Тавре дар боби аввали рисола қайд намудем, сарчашмаи ифодаи ҳама гуна тобишҳои маъноӣ дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ маънои мафҳумӣ мебошад. Он навъи серистеъмоли маънои забонӣ буда, барои ифодаи мафҳумҳои гуногун дар қолабҳои мухталифи воҳидҳои забон истифода мешавад. Системаи маъноии ҳар як забон қисмати калон ва маъмулшудаи маъноҳоро фаро мегирад, ки миёни онҳо маънои мафҳумӣ (маъное, ки ба мафҳум нигаронида шудааст – Ҳ.Д.) мавқеи асосиро ишғол мекунад. Фарқ миёни мафҳум ва маъно дар он аст, ки маъно то андозае инъикоскунандаи хусусиятҳои мафҳум аст, ки дар дилхоҳ аломати забонӣ, бахусус, воҳиди фразеологӣ мустаҳкам шудааст ва барои ин зарур аст, ки он бояд аз ҷониби омма қабул карда шавад.

Ба таври дигар, маънои мафҳумӣ бевосита ба мафҳум иртибот дошта, хосиятҳои умумии онро дар худ инъикос мекунад. Соҳибзабон маҳз ба василаи маънои мафҳумӣ дар хусуси мафҳум ва хосиятҳои муҳимми он маълумоти комил пайдо мекунад. Дар ин маврид маънои мафҳумиро метавон миёни аломати фразеологӣ ва мафҳуми ифодашаванда ҳамчун воситае маънидод намуд, ки иртиботи онҳоро дар шуури шунаванда ба вуҷуд меорад. Ин ҳолатро бо чунин формула нишон додан мумкин аст:

Тасвири №7

Воҳидҳои фразеологӣ, ки дар асоси қолабҳои муайян шакл мегиранд, дар ифодаи мафҳумҳои гуногун мавқеи хоса доранд. Масалан, агар дар калимаҳои забон мафҳум дар шакли ниҳоят сода, мустаъмал ва муъҷаз зоҳир шавад, воҳиди фразеологӣ онро бештар дар олудагӣ бо образи бадеӣ таҷассум мекунад. «Байни маънои консептуали (маънои мафҳумӣ – Д.Ҳ.)-и воҳидҳои фразеологӣ ва калимаҳо нишонаи баробарӣ гузоштан мумкин нест. Аз ин нуқтаи назар, бо ақидае, ки маъноҳои фразеологӣ ва луғавӣ маъноҳои як сатҳ мебошанд, розӣ шудан мумкин нест. Мушоҳида мешавад, ки ҳама гуна маъноҳои фразеологӣ аз ҳама навъҳои маъноҳои луғавӣ фарқ мекунанд ва зери як сарлавҳа гузоштани онҳо маънии воҳидҳои фразеологӣ, маънои онҳо ва мувофиқан системаи фразеологии забонро нодида гирифтанро дорад [Маджидов Х., 2006, с. 122-123].

Тавре қайд гардид, муболиға ҳамчун воситаи тавлиддиҳандаи маъно дар созмони воҳидҳои фразеологӣ нақши муассир дорад. Дар сохтори бештари ифодаҳои рехтаи захираи фразеологии забонамон муболиға ба сифати тавлиддиҳандаи маънои образнок хизмат намудааст. Ин ҳолатро бо он асоснок намудан мумкин аст, ки дар дилхоҳ воҳиди фразеологии идиоматикӣ мафҳуми муайян дар қолаби образнок шакл мегирад ва чунин шаклгирӣ дар худ ифодаи хубтари шайъу ҳодиса ё ягон аломати онро ҷамъбаст мекунад. Яъне ҳама гуна образнокӣ дар худ тобиши муболиғавиро дорад. Масалан, дар фразеологизмҳои зайл, ки тобишҳои муболиғавӣ ва унсурҳои он (ғулув ва иғроқ) мундариҷаи асосии онҳоро ташкил додаанд: **ба пойи пашша наъл задан** ба маънои «кори ғайриодӣ, аз доираи имкон берунро ба ҷо овардан», **ҳафт қабат пӯст партофтан** «бениҳоят хиҷолатманд шудан», **касеро ба осмони ҳафтум баровардан** «касеро аз ҳад зиёд таърифу ситоиш кардан», **пӯсти касеро кандан** «касеро сахт ҷазо додан»:

… он давраҳо одамоне дошт, ки **ба пойи пашша наъл мезаданд**, ӯ ғайр аз хизмати холис ба халқ тарафи дигаре накалавид (Кӯҳзод У., Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим, 74). … аз рӯи эътирофи худашон, аз хиҷолату музтаршавӣ **ҳафт қабат пӯст партофтанд** ва билохир қасам хӯрданд (Ниёзӣ Ф., Сарбозони бесилоҳ, 255). Соҳиби бор муаллим Фаёз Маҳмудович буд, ки дирӯзакак **ӯро ба**

осмони ҳафтум бардошта, «панҷ» монда буд (Ҳошимов Ӯ., Нур ва соя, 85). – Кӯзапушт фаҳмида монад, **пӯсти худи туро канда** ба чармгару гӯштатро ба собунгар пул мекунад (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 95).

Мақсади асосии зоҳиршавии муболиға дар воҳидҳои фразеологӣ ба таври ғайривоқеӣ ва ғайритасаввур ифода кардани ашё ё ҳодисаҳои олами воқеӣ мебошад. Маҳз ҳамин ҷиҳат дар мундариҷаи муболиғаҳои фразеологӣ ба таври хеле мушаххас маънои мафҳумию образнокро таъмин мекунад. Ба назари мо, маънои сирф мафҳумӣ хоси фразеологизмҳои муболиғавӣ нест, ба ин нисбат, ки дар онҳо мафҳум ба василаи ифодаи ғайривоқеӣ ва тасвири хаёлоти баланд наметавонад дар шакли холис зоҳир шавад. Ифодаи мутантан ва ғайривоқеии мафҳум дар ин маврид имкон намедиҳад, ки маънои мафҳумӣ дар шакли холис ва равшан акс ёбад. Бо ин сабаб дар онҳо маънои мафҳумӣ ҳатман бо тобишҳои образнок ифода меёбад. Бояд таъкид намуд, ки дар муболиғаҳои фразеологӣ паҳлуи образноки ин навъи маъно хеле қавӣ ва равшан ифода меёбад. Чунончи, дар фразеологизмҳои **дар рагу пайи касе чоргома давидан** ба маънои мафҳумию образноки «касеро сахт азоб додан, зери истинтоқ қарор додан», **мӯйи бадани касе рост хест** «аз таъсири амале сахт ба ҳаяҷон омадан, тарсидан», **аз об хушк баромадан** «худро бегуноҳ нишон додани маккору гунаҳкори ҳақиқӣ», **қабат-қабат гӯшт гирифтан** «беҳад хурсанду фараҳманд шудан»:

Не, медонед, вале **дар рагу паям чоргома медавед**, то ҳама эҳсосоти шукуфандаро, ки аз ранҷ ва шиканҷаҳое, ки тайи рӯзгори хеш таҳаммул мекунам, барӣ созед (Зоҳир А., Завол, 6). Як хабарҳо меояд, ки аз шуниданаш **мӯйи бадани одам рост мехезад** (Кӯҳзод У., Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим, 101). Аз рӯйи фаъолияти муфаттиши калони прокуратураи шаҳр Мардонов тафтиши хизматӣ шуруъ шуд ва гумон мекунам, ки ин дафъа **аз об хушк намебарояд** (Ҳамдам А., Оби зери ях, 124). … дилашон қувват ва баданашон **қабат-қабат гӯшт мегирифт**, аз фахр сарашон ба осмон мерасид (Кӯҳзод У., Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз, 203).

Метавон гуфт, ки он унсури асосие, ки дар қолаби калима барои ифодаи образноки мафҳум ба назар намерасад, дар воҳидҳои фразеологӣ вуҷуд дорад.

Чунин унсур дар воҳиди фразеологӣ ба таври образнок, яъне дар шакли пуробуранг, мутантан ва либоси бадеӣ ифода намудани он мебошад. Ҳамон як мафҳумро соҳибзабон метавонад дар қолаби воҳиди фразеологии муайян ва дар шакли образнок пешниҳод намояд. Маҳз ҳамин тарзи ифодаи мафҳум маънои мафҳумии калимаро аз маънои мафҳумии воҳиди фразеологӣ фарқ мекунонад. Дар маънои мафҳумии ифодаҳои рехта тобиши образнок – инъикоси хубтару беҳтари мафҳум маҳаки асосии ифодаи онро ташкил медиҳад. Аз ин ҷост, ки дар забоншиносии муосир маънои мафҳумиро дар фразеологизмҳо бештар бо маънои образнок тавъам медонанд ва онро ҳамчун навъи махсуси маънои забонӣ бо истилоҳи маънои мафҳумию образнок маънидод мекунанд. [Маджидов Х., 2006].

Дар ин маврид сараввал тобиши мафҳумӣ ва баъдан образнокӣ бо ҳам дар мундариҷаи воҳиди фразеологӣ таносуб пайдо мекунанд. Ҳар қадар ки дар воҳиди фразеологӣ маънои мафҳумӣ хираву норавшан ифода ёбад, ҳамон қадар дар он лаҳзаҳои образнокӣ возеҳ баён мешаванд, ки ин ҳолат ба бештари фразеологизмҳои забони тоҷикӣ хос аст. Дар чунин ифодаҳои рехта тобишҳои образнокӣ нисбат ба лаҳзаҳои мафҳумӣ бартарӣ доранд ва маҳз чунин афзалияти маъноӣ, ба андешаи мо, ҳамчун замина барои ифодаи муболиға дар онҳо хизмат мекунад, чунончи: **дар оташи фироқ сӯхтан** «ба ҷудоии зиёд сахт гирифтор шудан», **дар сари касе санг шикастан** «касеро сарзанишу мазаммат намудан», **даҳони ҷуволи гапро яла кардан** «бо мақсаде сухани бисёр гуфтан», **аз осмон ба замин фаромадан** «аз ҳолати кибру ғурури зиёд ба ҳолати муқаррарии муносибат табдил ёфтан», ки дар онҳо маҳз мавҷудияти ибораву таркибҳои **оташи фироқ, санг шикастан, ҷуволи гап, аз осмон ба замин** зоҳиршавии унсурҳои образнокиро қувват бахшидаанд:

… ба районҳои дур мераванду ба падару модарашон ақаллан як мактуб нанавишта, солҳо **дар оташи фироқ месӯзонанд** (Наҷмиддинов М., Дарё маҷрои нав меҷӯяд, 204). **Дар сари акаи Абдухолиқ санг шикананд** ҳам, аз рӯи одат ҳар бегоҳ падару модарамро дида, сипас хонаи худаш мерафт (Самадов А., Паррончакҳо, 31). … он мардаки шикамкалон барин аз рӯи эҳтиёт аз ягон ҷои

либосатон маҳкам дошта, **даҳони ҷуволи гапро яла мекунанд** (Муҳаммадиев Ф., Палатаи кунҷакӣ, 202). Хулоса, вай **аз осмон ба замин фаромада**, дар сафи одамоне ҷой мегирад, ки ба ҳеҷ чиз кор намеоянд дар зиндагӣ (Ҳамдам А., Оби зери ях, 240).

Воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, ки аз навъҳои маъмули фразеологизмҳо дар захираи фразеологии забони тоҷикӣ маҳсуб меёбанд, дар мундариҷаи маъноии худ маънои мафҳумию образнокро ба таври махсус ифода мекунанд. Ба монанди дигар фразеологизмҳо дар ин қабил воҳидҳои фразеологӣ низ маънои мафҳумию образнок ҳамчун маънои асосӣ ба ҳисоб рафта, дигар тобишҳои маъноӣ аз он сарчашма мегиранд. Дар ин ҳолат маънои мафҳумию образнок ба сифати ташаккулдиҳандаи дигар унсурҳои маъноӣ хизмат мекунад. Он дар мундариҷаи муболиғаҳои фразеологӣ ҳамчун маъное зоҳир мешавад, ки дар заминаи образнокии дараҷаи баланди мафҳум ба вуҷуд меояд. Моҳияти асосии муболиға, ки тасвири аз воқеият беруни мафҳум ва ашёву ҳодиса аст, барои ифодаи маънои мафҳумию образнок заминаи мусоидеро фароҳам меорад. Чунончи, дар воҳидҳои фразеологии муболиғавии феъли **дар офтоби қиёмат мондан** ишора ба «бекасиву танҳо будан», **ба дил қошуқ тарошидан** «аз самараи коре ниҳоят хурсанд ва қаноатманд шудан», **ба гӯшту устухони касе даромадан** «аз нуктаҳои заъфи касе истифода намуда, ба боварии ӯ сазор гардидан», **деги ғазаби касеро лабрез кардан** «қаҳру ғазаби касеро таҳвият додан»:

– Раҳми маро хӯр, духтарам, **дар офтоби қиёмат мемонам**, дар ин ҷойҳо касе надорам, мусофирам… (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 19). **Ба дилашон қошуқ метарошанд**, ки вай зани онҳо бошад (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 211). Мулоим-мулоим **ба гӯшту пӯсти модаршӯ даромада** гирифта эркаи хонадон шудааст (Икромӣ Ҷ., Хатлон, 45). … баръакс, бо дастони пуробилаи шахшӯлаш пушти шавҳарашро молида, **деги ғазаби ӯро лабрезтар кард** (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор, 232).

Қисмати зиёди воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ маъноҳои мафҳумиву образнокро дар худ равшан зоҳир мекунанд ва бо маънои томаш идиоматикӣ

мебошанд. Ин гурӯҳи фразеологизмҳо натанҳо ба ин ё он мафҳум ва ҳодисаву воқеаҳои ҳаёти рӯзмарраи одамон ишора мекунанд, балки дар заминаи чунин ифодаи мафҳум бо тобишҳои образнок низ пӯшонида шудаанд. Дар ин маврид дусамта будани маъно, яъне мувофиқати маънои мафҳумӣ бо образнок ба маънои фразеологӣ рангубори махсус мебахшад. Онро, пеш аз ҳама, аз ҷиҳати муассирӣ ганӣ мегардонад, ки ин яке аз нишондиҳандаҳои асосии он мебошад. Масалан, дар ибораву ҷумлаҳои фразеологии муболиғавии **аз осмони ҳафтум гап задан** «ҳолати ғурури аз ҳад зиёд, калонгарии намоишкорона», **аз байни касе мӯ нагузаштан** «касе дӯстии ниҳоят наздик дорад», **ҷон аз дасту пойи касе баромад** «касе сахт тарсид, ҳолати изтиробу ҳайронии ғайриинтизор», **ҳуш аз сари касе парид** «касе сахт дар ҳайрат афтод» натанҳо маънои мафҳумиву образноки воҳидҳои фразеологӣ, балки шакли дохилии онҳо, ки ба воқеиятҳои муқаррарии зиндагии ҳаррӯзаи мо алоқаманданд, равшан ифода ёфтаанд:

Дар дастархон нонашон нею **аз осмони ҳафтум гап мезананд** (Фирӯз Б., Тору пуд, 165). – Ҳуҷҷатҳоро … ҳанӯз вай фамилияашро дигар накарда буду **аз байнашон мӯ намегузашт**, ниҳоят дӯстони қарин буданд (Кӯҳзод У., Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим, 71). Аз ӯ пештар ба ҳавлӣ расиду **ҷон аз дасту пояш баромад** (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 25). … агар як бор бинед, **ҳушатон аз сар мепарад**, - гуфтугӯи дар байнашон воқеъгардидаро идома дод Раҳмонов (Фирӯз Б., Тору пуд, 77).

Ба таври умум, маънои мафҳумию образнок дар воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ ба сифати унсури асосии мундариҷаи маъноии онҳо дигар тобишҳои маъноиро қувват мебахшанд, ки яке аз ин гуна унсурҳо тобиши баҳодиҳӣ мебошад.

2.3.2. Ифодаи маънои баҳодиҳӣ дар воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ. Агар маънои мафҳумию образнок дар мундариҷаи маъноии воҳиди фразеологӣ ба таври намоён ифода шавад, он метавонад ба тавлиди дигар тобишҳои маъноӣ сабаб гардад. Албатта, дар чунин ҳолатҳо унсури образноки маънои мафҳумию образнок масъулияти бештари тавлиди чунин маъноҳоро дорад. Маънои

образнок ё олоишҳои образноки мундариҷаи воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ мумкин аст, унсурҳои эҳсосотӣ ва баҳодиҳиҳои мухталифро низ дар бар гирифта бошанд. Ҳар яке аз ин унсурҳо метавонанд дар фразеологизми алоҳида ба таври инфиродӣ ва баъзан дар якҷоягӣ ифода ёбанд. Таҳлили маводи фаровон нишон медиҳад, ки дар аксарияти фразеологизмҳои муболиғавии забони тоҷикӣ зоҳиршавии якҷояи лаҳзаҳои мафҳумӣ, образнокӣ, баҳодиҳӣ ва эҳсосотӣ ба мушоҳида мерасад. Масалан, дар ибораву ҷумлаҳои фразеологии феъли муболиғавии **хоки пойи касеро лесидан** «хушомадгӯй ва тамаллуқкории аз ҳад зиёд», **бурути касеро табар намебурад** «касе ниҳоят ҳавобаланду мағрур аст», **даст аз осмону по аз замин кандан** «дар вазъияти беимдодӣ ва ноумедии сахт қарор доштан», **дарғоти ҳиссиёти касе фурӯ рафт** «ҳолати ҳиссиётбарангези касе аз миён рафт, нест шуд» лаҳзаҳои образнок ҳамчун омили асосии зоҳиршавии тобишҳои баҳодиҳиву эҳсосотӣ баромад намудаанд:

Бисёрии онҳо **хоки пои моро мелесанд**, ҷониби моанд (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 152). **Буруташро табар намебурид**, фукаш дар осмон… (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 231). Чипта дар даст **даст аз осмону по аз замин канда** мешавӣ (Ҳамдам А., Оби зери ях, 55). **Дарғоти ҳиссиёти нозук** ба якборагӣ **фурӯ рафт** ва ӯ ҳама чизро аз ёд бурд… (Ҳамдам А., Оби зери ях, 200).

Ифодаи маънои образнок дар воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ дар заминаи зоҳиршавии сирф тобишҳое сурат мегирад, ки аз унсурҳои мафҳумӣ ориянд. Ҳамчун унсури семантикии асосӣ дар чунин маъноҳо, одатан, лаҳзаҳои эҳсосотӣ бо тобишҳои гуногуни образнокӣ, баҳодиҳӣ ва модалӣ баромад мекунанд. Ба таври дигар, дар маънои образноки чунин фразеологизмҳо иловатан лаҳзаҳои мухталифи эҳсосотӣ ва баҳодиҳиро низ ошкор кардан мумкин аст. Мавҷудияти онҳо дар заминаи маънои образнок ба дараҷаи ифодаи маҷозияти мафҳум вобаста мебошад. Ҳар қадар ки ифодаи мафҳум ғайривоқеӣ ва хаёлан тасаввурнашаванда сурат гирад, ҳамон андоза чунин лаҳзаҳо имконияти бештари зоҳиршавиро соҳиб мешаванд. Исботи ин гуфтаҳоро дар ибораҳои фразеологии феъли муболиғавии **аз болои шутур гандум даравидан** «беҳад мағрурона дурӯғгӯйӣ кардан», **сақичро аз даҳони шайтон задан**

«маҳорати баланди фиребандагӣ ва дурӯғгӯй доштан», **гӯштро аз нохун ҷудо кардан** «дар коре уҳдабаро ва таҷрибадори беназир будан», **ба ҳаво бурути касе арғушт рафтан** «дар итоати сахти касе қарор доштан» мушоҳида менамоем, ки дар мундариҷаи маъноии онҳо бар замми маънои образнок боз лаҳзаҳои баҳодиҳӣ хеле барҷаста ифода ёфтаанд:

Ҳоло ин баринҳо **аз болои шутур гандум даравида** гаштаанд (Кӯҳзод У., Писанддара, 36). – Мардаки ҳаром аст, **сақичро аз даҳони шайтон мезанад**, - гуфт марди миёнсоле, ки ин ҷо ба чӣ кор омаданаш маълум набуд (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор (марзи номус), 149). Ҳама кор аз дастатон меояд. Ҳатто беозор **гӯштро аз нохун ҷудо мекунед** (Сорбон, Барзгар. Зуза, 201). – **Ба ҳавои бурути ин мардак** нисфи Пунбачӣ **арғушт мераваду** раиси ланг инро намефаҳмад (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор, 227).

Дар бештари маврид аз маънои образноки фразеологизм тобиши баҳодиҳӣ сар мезанад, ки он дар шакли баҳодиҳии хуб ё бад зоҳир мешавад. Баҳодиҳиҳои семантикӣ аз образнокии умумии маънои фразеологизм ғизо мегиранд. Вобаста ба он ки ҳадафи соҳибзабон кадом аст, баҳодиҳиҳо, муносибатҳо, санҷишҳо ва арзишҳо ба навъҳои хуб ва бад таҷзия мешаванд. Ин ҳолат, албатта, падидаи муқаррарии забон буда, ба сатҳу сифат ва дараҷаи зоҳиршавии тафаккури мантиқии инсон алоқаманд аст. Ҳар қадар ки маънои образнок дар воҳиди фразеологӣ барҷаста ифода ёбад, ҳамон қадар имконияти зоҳиршавии маънои баҳодиҳӣ бештар мегардад. Воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, ки дар мундариҷаи худ ҳама имкониятҳоро ҷиҳати ифодаи маънои мафҳумию образнок доранд, дар ифодаи маънои баҳодиҳӣ низ фаъоланд. Дар онҳо ба тавассути ифодаи образноки мафҳум муносибати соҳибзабон нисбат ба он дар шакли баҳодиҳии муайян сурат мегирад. Агар чунин муносибат дар худ лаҳзаҳои гуногуни манфии майлу ирода ва эҳсосоти гӯяндаро ҷамъбаст кунад, дар он баҳодиҳии бад ва агар дар он лаҳзаҳои мусбат ифода ёфта бошанд, пас, дар ин қабил муносибати тафаккур баҳодиҳии хубро ошкор намудан мумкин аст. Чунончи, дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавии зерин ошкор кардани тобишҳои баҳодиҳии манфӣ, ки бо тобишҳои беэҳтиромӣ, шубҳа

ва таҳдид зоҳир шудаанд, барои хонанда мушкилие пеш намеорад: **ба оташи ҷаҳли касе равған рехтан** «ҷаҳли касеро тақвият бахшидан», **ба асаби касе нохун задан** «касеро сахт асабонӣ кардан», **ба дили касе дандон задан** «табъи касеро озурда намудан», **алови чашми касеро гирифтан** «бо иҷрои амале касеро сахт тарсондан»:

Ба оташи ҷаҳли шавҳари бадрашкаш равған рехта, онро фурӯзонтар кардан намехост … (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор, 105). Чак-чаки об **ба асабҳояш нохун зад** (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 82). Ҳар боре ки дар шаҳр гапи шавҳаркунии модар ба миён меомад, гурги тарс **ба дилаш дандон мезад** (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 124). Вале қатли ваҳшиёна, ки пеши чашмаш рӯй дод ва саҳл монда буд сари ӯ ҳам аз тан ҷудо шавад, **алови чашмашро гирифта** буд (Зоҳир А., Завол, 41).

Дар гурӯҳи дигари воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ ифодаи образнокии мафҳум тобишҳои баҳодиҳии хуби қобили қабулро ба вуҷуд меорад, ки ба василаи муносибатҳои гуногун нисбат ба мафҳум сурат мегиранд. Яъне дар ин гуна воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ ҷанбаҳои мусбати тафаккури мантиқии инсон акс ёфта, бо ин роҳ муносибатҳои баҳодиҳии хуб ба миён меоянд. Ба сифати чунин унсурҳои баҳодиҳандаи мусбат метавонанд тобишҳои мухталиф, аз қабили қаноатмандӣ, садоқат, ризоият, маҳорат ва ғайра баромад кунанд. Ба монанди **сар ба осмон совидан** «аз ҳад зиёд хурсанд, қаноатманд шудан», **ҷонро рӯйи каф мондан** «худро дар ҳолати хатар қарор додан», **курта-курта гӯшт гирифтан** «ҳолати зоҳиршавии хурсандии зиёд», **ба дили касе роҳ ёфтан** «дар натиҷаи муносибати дилхоҳ боварии касеро сазовор гардидан»:

Агар якта-нимта чизи тоза ёбад, чанд рӯз **сарашро ба осмонҳо совида** мегашт (Муҳаммадиев Ф., Палатаи кунҷакӣ, 267). **Ҷонамонро рӯи каф монда**, ба пешгоҳи тангкӯча, ба ҳавлии нимвайрона омадем (Насим Р. Хонае, ки сӯяш мешитобам, 6). Азиз ба атроф гӯш андохт, танҳо садои пои худашро шунид, аз ин ҳам шод гашт ва **курта-курта гӯшт гирифт** (Самадов А., Паррончакҳо, 140). Бо хубӣ **ба дили ӯ роҳ ёфтан** беҳтар, як одами ҳукуматро ба ҷонибаш мекашад (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 101).

Ба ҳамин тариқ, лаҳзаҳои баҳодиҳии мундариҷаи воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ дар заминаи образнокии баланди мафҳум сурат гирифта, аксаран бо олудагии тобишҳои эҳсосотӣ зоҳир мешаванд, ки онҳо дар худ қабатҳои гуногуни эҳсосоти мусбат ва манфии гӯяндаро инъикос мекунанд.

2.3.3. Ифодаи маънои эҳсосотӣ дар воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ. Дар аксари сарчашмаҳои забоншиносӣ маънои баҳодиҳиро ба маънои эҳсосотӣ тавъам дониста, ҳангоми таснифоти мундариҷаи маъноии воҳидҳои забон баъзан онҳоро дар якҷоягӣ таҳлил мекунанд. Забоншинос Ж. Гулназарова дар иртибот ба ин масъала чунин андеша баён намудааст: «Бояд қайд намуд, ки эҳсосот ҳамчунин бо маънои баҳодиҳӣ низ робитаи зич дорад ва аз ин рӯ, маънои мазкур аксар вақт ҳамчун маънои эҳсосотӣ-баҳодиҳӣ ёд мешавад. Вобаста ба ин махсусият ақидае мавҷуд аст, ки семантикаи баҳодиҳӣ хусусияти денотативӣ дорад ва маъноҳои эҳсосотӣ дар он махсусияти ифоданокиро инъикос мекунанд» [Гулназарова Ж., 2020, с. 32].

Тавре зикр гардид, дар ифодаи образноки ин ё он ашёву ҳодиса гӯянда, пеш аз ҳама, муносибат ва мавқеи иҷтимоии худро нисбат ба он дар шакли баҳодиҳиҳои гуногун зоҳир менамояд, ки чунин инъикоси баҳогузорӣ дар бештари ҳолатҳо ба фаъолияти эмотивии инсон алоқамандии зич дорад. Дар ин ҳолат ба тариқи унсури баҳогузорӣ гӯянда ҳамчунин муносибати эҳсосотии худро муайян месозад ва онро дар шакли эмотсияи мусбат ё манфӣ пешниҳод месозад. «Вақте одам ягон чизро идрок менамояд, тасаввур ва аз нав ҳосил мекунад, вақте ки ӯ фикри худро баён месозад, вай ҳолати махсусеро аз сар мегузаронад, ки ин ҳолат бо эҳсосоти мусбат ё манфӣ, лаззат ё азоб алоқаманд аст. Дар ин таассуроту эҳсосот муносибати субйективии инсон ба предмету ҳодисаҳои олами иҳотакарда инъикос мегардад. Аз сар гузаронидани эҳсоси мусбат муносибати мусбат ва аз сар гузаронидани эҳсоси манфӣ муносибати манфии инсонро нисбат ба олами воқеӣ ифода мекунад. Маҳз ҳамин таассуроти мусбат ё манфӣ нишонаи унсури аввалини ҳиссиёти мо – эмотсия мебошад» [Расулов С., 2022, с. 9].

Ифодаи унсурҳои мухталифи эҳсосотӣ дар воҳидҳои забон яке аз нишонаҳои асосии фарқкунандаи онҳо мебошад, ки дар ин миён мавқеи воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ махсус арзёбӣ мегардад. Дар онҳо, ки зоҳиршавии ниҳоят баланди образнокӣ мушоҳида мешавад, тобишҳои эҳсосотӣ низ ба тавассути чунин тобишҳои образнокӣ ба таври хеле барҷаста ифода меёбанд. Ҳар қадар ки образнокӣ ва инъикоси ғайривоқеии мафҳум дар воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ баланд бошад, ҳамон қадар тобишҳои эҳсосотӣ равшан буда, маънои эҳсосотиро дар мундариҷаи онҳо ба тариқи мусбат ё манфӣ ба вуҷуд меоранд. Таҳлили маводи фаровони бадеӣ нишон дод, ки дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ бештар маънои эмотивии манфӣ ба назар мерасад. Чунин ҳолатро мо ба сатҳи маънавиёти соҳибони забон ва имконияти васеи зоҳиршавии чунин лаҳзаҳо дар мундариҷаи фразеологизмҳои муболиғавӣ иртибот медиҳем. Чунончи, дар фразеологизмҳои муболиғавии зерин унсурҳои эҳсосотии нафрат, кина, таҳқир ва дашном маънои эҳсосотии манфиро дар онҳо ба таври хеле муъҷаз тасвир намудаанд: **хоки касеро бод кардан** «дар пояи нафрати бенадоза касеро сахт ҷазо додан», **ба оташи ғазаби касе равган пошидан** «ҳисси ғазаби касеро даҳчанд зиёд намудан», **линги касеро аз осмон овардан** «касеро маглуб намудан», **очаи зори касеро дар чашмаш нишон додан** «ифодаи сарзаниши сахт нисбат ба касе дар шакли ҳақорат»:

Хоб мебинад, насибаш намекунад, ман намурам, **хоки Калтаро бод мекунам,** тӯяш мотамаш, маргаш мешавад (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 243). … ҳамсояи Ҳоҷимаҳмуд маккорона **ба оташи ғазаби Носирхитой равган пошидан** мехост (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 150). Шоҳбози Ёлдор полвон имрӯз **линги ҳамаи полвонҳои Хуҷанду Қистақӯз, Унҷию Ёваро аз осмон овард** (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 47). Пеш ин хел рафтор кардан мумкин набуд. **Очаи зори беадабро дар чашмаш нишон медоданд** (Сорбон, Барзгар, 98).

Дар гурӯҳи дигари муболиғаҳои фразеологӣ зоҳиршавии лаҳзаҳои мусбати эҳсосоти инсонӣ боиси ба вуҷуд омадани маънои эҳсосотии мусбат гардидаанд.

Ҳарчанд ин ҳолат назар ба тобишҳои манфии эҳсосотӣ камтар бошанд ҳам, вале онҳо қабатҳои мухталифи фаъолияти эҳсосотии инсонро дар шакли мусбат инъикос менамоянд. Ба ҷумлаи чунин сатҳҳои эҳсосотии мусбат метавонанд тобишҳои муҳаббат, рағбат, қаноатмандӣ, мафтунӣ, оромӣ, хушбинӣ, мамнуният ва ғайраҳо дохил шаванд. «Муҳаббат ҳиссиёти олии ахлоқест, ки муносибати одамро ба одам, ба ақида, ба ватан, эҷодиёт ва дигар ҳодисаҳои аҳаммияти ҷамъиятӣ дошта ифода мекунад» [Расулов С., 2022, с. 92]. Аз қабили **аз даҳони касе ширу шакар мерезад** «касе ниҳоят ширину тамаллуққорона суҳбат мекунад», **умру ҷони касеро харидан** «дар ҳолати вазнин кафили зиндагии касе шудан», **дили касе об шуд** «касе ниҳоят ба ваҷд омад, ҳолати мафтунии зиёди касе», **кӯки чашми касе канд** «касе дуру дароз интизорӣ кашид»:

Роҳравон бӯй мекарду «ҳай-ҳай читу хушбӯй, бай-бай читу дӯстрӯй!» гуфта чунон тавсиф мекард, ки **аз даҳонаш шираю шакар мерехт** (Муҳаммадиев Ф., Палатаи кунҷакӣ, 86). Лекин ҳамон вақт Девона моро дастгир буд, **умру ҷонамонро харид** (Сорбон, Барзгар, 48). Ин суханҳоро шунида, **дили Ҳодибой об мешуд**, аммо чӣ гуфтанашро намедонист (Икромӣ Ҷ., Ҳикоя ва очеркҳо, 242). Аз роҳпоира **кӯки чашмом канду** наёмадӣ (Самадов А., Майдон, 64).

Ба таври умум, дар воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ вобаста ба сатҳу сифати зоҳиршавии муболиға унсурҳои маъноии мафҳумию образнок, баҳодиҳӣ ва эҳсосотӣ ҷой доранд, ки бештари ҳолатҳо тобишҳои мазкур дар якҷоягӣ мундариҷаи маъноии фразеологиро зеб медиҳанд.

2.4. Гурӯҳҳои маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ

Агар дар сарчашмаҳои илмӣ гурӯҳҳои маъноии воҳидҳои фразеологиро ба се навъ тасниф карда бошанд [Маҷидов Ҳ. 1982; Дӯстов Ҳ., 2014], таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар таснифоти гурӯҳҳои маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ танҳо идиома ва фраземаҳоро ҷудо намудан ба ҳақиқати илмии масъала созгор аст. Мавҷуд набудани гурӯҳи сеюм – ифодаҳои ғайриидиоматикии фразеологӣ дар ин маврид бо он сабаб аст, ки дар мундариҷаи онҳо шароити мусоиди зоҳиршавии муболиға ҳамчун воситаи маъносоз дар мундариҷаи маъноии воҳиди фразеологӣ вуҷуд надорад. Фразеологизмҳои муболиғавӣ, ки ифодаи ғайривоқеии мафҳум ва образнокии баландро соҳибанд, дар қолаби ифодаҳои ғайриидиоматикӣ, ки танҳо сохтори устувор дошта, аз маҷозияти ҷузъҳои таркибӣ маҳруманд, ифода ёфта наметавонанд. Аз ин рӯ, ҳангоми муайян кардани гурӯҳҳои маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ мавриди баррасӣ қарор додани танҳо идиома ва фраземаҳои муболиғавӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

2.4.1. Идиомаҳои муболиғавӣ. Тавре маълум аст, идиомаҳо як навъи серистеъмоли гурӯҳҳои маъноии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикиро ташкил медиҳанд. Онҳо бо нишонаҳои хоси худ аз дигар навъҳои маъноии фразеологизмҳо фарқ карда, қабати махсуси воҳидҳои фразеологиро ташкил медиҳанд. Ҷиҳати асосии фарққунандаи идиомаҳои фразеологӣ, пеш аз ҳама, сохтори устувори ба ҳиссаҳо ҷудонашаванда, маънои яклухт ва дараҷаи баланди маҷозонидани ҷузъҳои таркибии онҳо маҳсуб меёбад. «Сохти идиомаҳо низ доимист ва ба маънои яклухти онҳо сахт вобастагӣ дорад. Ҳар қадар маънои яклухти идиома равшан ифода ёфта бошад, сохти идиомаҳо низ ҳамон қадар устувор, алоқаҳои грамматикию мантиқии байни ҷузъҳои он ҳамин андоза хира ва нонамоён шуда мемонад» [Маҷидов Ҳ., 1982, с. 30].

Муҳаққиқи бевоситаи идиомаҳо дар забони адабии муосири тоҷикӣ Зоғакова Г. чунин андеша дорад: «Воҳидҳои идиоматикӣ гурӯҳи асосии

воҳидҳои фразеологиро ташкил дода, аз ҷиҳати сохт рехтаву устувор буда, аз бобати ифодаи маъно ба қисматҳои маъноӣ тақзия намешаванд. Маънои онҳо аз ҷамъулҷамъи маъноҳои калимаҳои таркибиашон бармеояд. Онҳо дар қолаби таркиб, ибора ва ҷумлаҳои озоди синтаксисӣ ба вуҷуд омада бошанд ҳам, хусусиятҳои синтаксисӣ дар онҳо шах шуда мондаанд» [Зоғакова Г., 2011, с. 5].

Ҳамин тариқ, идиомаҳо қабати махсус ва мустаъмали воҳидҳои фразеологии забонамонро ташкил дода, дар заминаи сохтор ва маънои яклухт касб намудани қолабҳои гуногуни воҳидҳои наҳвӣ шакл мегиранд. Маҳз ҳамин нишонаҳо дар мундариҷаи онҳо унсурҳои маъноии мухталифро ба вуҷуд оварда, онҳоро ҳамчун воҳидҳои ифодакунандаи муассирии бештар ва дорои колорити миллӣ муаррифӣ мекунанд. Яке аз чунин навъҳои идиомаҳои фразеологӣ воҳидҳои фразеологии идиоматикии муболиғавӣ мебошанд, ки дар қолаби ибора ва ҷумлаҳои фразеологии феълӣ истеъмоли фаровон доранд. «Идиомаҳои фразеологӣ дар қолаби ибораҳои фразеологии феълӣ ташаккул меёбанд. Ин падидаи табиӣ мебошад, зеро дар захираи фразеологии забонамон шумораи бештари фразеологизмҳоро маҳз қабати ибораҳои фразеологӣ ташкил медиҳад» [Забирзода Ш., 2021, с. 90].

Бояд гуфт, ки дар чунин навъи фразеологизмҳо бар замми нишонаҳои зикргардида боз лаҳзаҳои муболиғавӣ ба сифати ҷузъи иловагии мундариҷаи сохториву маъноии онҳо илова мегардад. Метавон тахмин намуд, ки мавҷудияти унсури муболиға дар мундариҷаи онҳо боз ҳам ба устувории сохтору маънои ягонаи онҳо кумак мерасонад. Яъне ифодаи аз воқеияти даркшаванда беруни мафҳум дар воҳиди фразеологӣ, ки бо ёрии калимаҳои аз ҷиҳати маъно ба ҳам мутаносиб сурат мегирад, сохтори онро боз ҳам рехта намуда, дар ин замина маънои яклухту ягонаи онро ба вуҷуд меорад. Ин ҳолатро дар идиомаҳои муболиғавии зайл дидан мумкин аст, ки сохтори ниҳоят устувори тақзиянашаванда ва маънои ягонаи барои ҳамагон фаҳмо дошта, иловатан лаҳзаҳои муболиғавиро дар худ ғунҷондаанд: **биринҷи касе об намебардорад** ба маънои умумии «касе ниҳоят ҳассос ва нозук аст, дар муносибати дилхоҳ номусоид будани хислати касе», **алифро калтак, беро ғалтак гуфтан** «дараҷаи

баланди ифодаи нодонӣ ва бесаводӣ», **ба сари касе чормағз шикастан** «касеро сахт сарзанишу ҷазо додан», **ба пӯсти касе коҳ ҷой кардан** «касеро зиёд таҳқиру мазаммат намудан»:

– Худатон нағз медонед, ки **биринҷи акои Олим об намебардорад** (Ниёзӣ Ф., Вафо, 150). **Алифро калтак, беро ғалтак мегӯям** (Икромӣ Ҷ., Сафар-Махсум дар Бухоро, 79). Пагоҳ як гап шавад, **чормағз** аввал **ба сари котиби масъул мешиканад**, мефаҳмед? (Насим Р. Хонае, ки сӯяш мешитобам, 147). – Не, рафиқ Ниёзов, **ба пӯстатон коҳ ҷой мекардем** (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 34).

Дар сохтори дилхоҳ идиомаҳои фразеологии муболиғавӣ унсурҳои таркибии он (ҳам воситаҳои грамматикӣ ва ҳам калимаҳои озод – Ҳ.Д.) дар раванди фразеологизатсияи тамоми фразеологизм аз вазифаҳои наҳвии худ канда шуда, ҳамчун ҷузъи таркибии идиома боқӣ мемонанд. «Дар шакли ифодаҳои идиоматикӣ дараҷаи олии абстраксияи фразеологӣ ва протсесси фразеологизатсияро мушоҳида кардан мумкин аст. Ин абстраксияи махсуси фразеологӣ дар натиҷаи дараҷа ба дараҷа образнок гардидани ифодаи идиоматикӣ зоҳир мегардад» [Маҷидов Ҳ., 1982, с. 31].

Албатта, дар ин ҷараён ҳатто калимаҳои мустақилмаъноии таркиби идиомаи муболиғавӣ ба пуррагӣ маънои маҷозиро соҳиб шуда, дар ифодаи маънои ягонаи он ба таври дастаҷамъӣ саҳм мегузоранд. Агар дар дигар гурӯҳҳои маъноии воҳидҳои фразеологӣ маънои луғавии як ё ҳама унсурҳои таркибии онҳо дар ташаккули маънои фразеологӣ нақш дошта бошад, дар идиомаҳои муболиғавӣ танҳо маънои маҷозӣ кафили мундариҷаи маъноии онҳост. Ба назари мо, маҳз ҳамин инъикоси дараҷаи баланди маҷозият дар мундариҷаи онҳо барои зоҳиршавии муболиға ҳамчун заминаи асосӣ хизмат мекунад. Яъне ҳар қадар ки сохтор ва маънои идиома устувору яклухт бошад, унсури муболиға дар он ҳамон қадар барҷаста ифода меёбад. Чунончи, **қулфи даҳони касе кушода шуд** «касе ба сухан гуфтан оғоз намуд», **ҷони касеро ба нӯги бинӣ овардан** «касеро аз ҳад зиёд ташвиш додан», **осмонро хала задан** «ифодаи норозигии зиёд аз натиҷаи

амале», **занги дил тоза кардан** «ғаму андуҳ, кудурати ботиниро бартараф сохтан» ва ғайра:

Хайрият ки **қулфи даҳонам кушода шуд**, дар майнаам ҷумаҳо виҷҷас мезананд (Насим Р., Хонае, ки сӯяш мешитобам, 122). Дар ҳамин чанд лаҳза вайро гӯё ба тахта рост кунонд, **ҷонашро ба нӯги бинӣ овард**, сару рӯяш арақшор гашт… (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 127). … худатон медонед, соати дарсиашон кам шавад, ҷонашон тангӣ мекунад, **осмонро хала мезананд** (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 41). Ҳар гоҳ дилгир шавад, маҳз бо тавассути сайру гашт **занги дил тоза мекард** (Кӯҳзод У., Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз, 252).

Сохтори идиомаҳои муболиғавӣ ба монанди дигар гурӯҳҳои идиомаҳои фразеологӣ низ доимӣ ва ивазнашаванда аст. Ин ҳолат, пеш аз ҳама, ба он алоқаманд аст, ки дар қолаби муайяни наҳвӣ идиома бо калимаҳое пур карда мешавад, ки дар заминаи ифодаи маънои маҷозӣ дигар имконияти иваз шудан ё тағйир ёфтанро надоранд. Ҳатто дар ин маврид наметавон ин ё он воситаи грамматикии дохили идиомаро ба унсури дигари грамматикии ҳамвазн ё ҳаммаъноях иваз намуд. Гӯё ин унсурҳои луғавии таркиби идиомаҳои муболиғавӣ танҳо барои созмони онҳо интихоб шудаанд. Масалан, дар идиомаҳои фразеологии **устухони касеро сафед кардан** «касеро аз меёр зиёд ташвишу сарборӣ додан», **дар пӯчоқи писта ҷо шудан** «ҳолати фишору тазйиқи ниҳоят вазнин», **ҷигари касе кабоб шуд** «касе дар ҳолати ногувори ғаму андуҳ ва дард қарор дорад», **пардаи хукро ба рӯ кашидан** «дар вазъияти ноилоҷӣ бешармонаву бепарда муносибат кардан» сохтори ифода ба дараҷае устувор ва тағйирнаёбанда аст, ки ҳатто тағйир додани ин ё он овози ҷузъҳои таркибии идиома метавонад шакл ва маънои ягонаи онро аз миён барад. Ин идиомаҳои фразеологии муболиғавӣ бо ҳамин сохтор ва маънои пешакӣ маълум муддати зиёд боз дар истифодаи соҳибони забон қарор доранд:

Бачаҳо **устухони касро сафед мекунанд**, - гуфту монда рафт (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 174). Ӯ як марди калонсоли мӯйҳояш сафедшуда, вале аз дасти ин духтар **дар пӯчоқҳои писта ҷо шуда** (Мирзоев К., Нишони

зиндагӣ, 87). Масалан, Аҳмади Дониш «халқ» мегӯяду **ҷигараш кабоб мешавад…** (Кӯҳзод У., Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз, 237). Барои ҳамин ба талвоса афтодааст, худро ба сад ҷо мезанад, ҳоло **пардаи хукро ба рӯ кашида** пеши бобои Орзу омаданаш ҳам аз ҳамин ваҷҳ (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 103).

Ба монанди дигар навъҳои воҳидҳои фразеологӣ дар идиомаҳои фразеологии муболиғавӣ низ образҳои гуногун инъикос меёбанд, ки корбурди қадимӣ дошта, ба ҳаёти мардуми тоҷик вобастагии зич доранд. Мисли дигар навъҳои воҳидҳои фразеологӣ дар онҳо низ як пораи ҳаёти иҷтимоиву фарҳангӣ ва маданӣ, расму оин, психология ва дигар арзишҳои миллии мардуми тоҷик инъикос ёфтаанд. «Дар забони тоҷикӣ чунин образҳои анъанавиеро дучор омадан мумкин аст, ки дар тули ҳазорсолаҳо мавриди истифода қарор доранд. Ҳамин аст, ки дар ифодаҳои рехтаи забонамон образҳои миллӣ тававссути калимаҳое ифода гардидаанд, ки дар худ нишонаҳои хос, ҷиҳатҳои фарқкунанда ва ҳаёти воқеии миллати тоҷикро инъикос намудаанд» [Дӯстов Ҳ., 2014, с. 64]. Онҳо дар воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ ба воситаи маҷоз шах шуда монда, маънои яклухти ба ҳамагон фаҳморо касб намудаанд. Тафовути ин қабил фразеологизмҳои идиоматикӣ аз дигар гурӯҳҳои идиомаҳо он аст, ки дар онҳо чунин образҳо ба тариқи тавсифҳои ниҳоят баланди ғайривоқеӣ акси худро ёфтаанд. Аз ин ҷиҳат дар идиомаҳои муболиғавӣ барқарор намудани алоқамандии маънои яклухт бо образи дар заминаи он хобида як андоза ғайриимкон ба назар мерасад. Яъне унсури тасаввуроти ғайриреалӣ дар ин маврид алоқамандии маънои яклухти идиома ва образи дар он хобидаро аз миён бурда, онро ба воҳиди ниҳоят устувору рехта табдил медиҳад. Барои муқоиса, дар идиомаҳои фразеологии муболиғавии **хуни шабушкро макидан** «ниҳоят мумсику хасис будан», **шири хӯрдаи касеро аз нӯги бинӣ баровардан** «касеро сахт азобу шиканҷа додан», **ба ҷигари доғи касе намак пошидан** «дарду алами касеро дучанд зиёд намудан», **аз об ҳалво сохтан** «маҳорати баланди макру фиребро соҳиб будан» наметавон робитаи мантиқии маъно ва образи ифодашударо барқарор намуд:

Ту, фиси шайтон, **хуни шабушкатро мемакӣ**, боз пӯсташро чоруқ мекунӣ (Акобир Ҷ., Кӯҳистонӣ, 23). **Ширҳои хӯрдаи Нозимиро аз нӯги биниаш баровард** (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 119). – Гуфтам-ку, ба ҷояш ёфтӣ, таҳбағалӣ! – завҷааш **ба ҷигари доғи вай** гӯё боз **намак пошид** (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 88). … айбҳои набударо ба гардани онҳо бор карда истодааст ва фикр мекунад, ки ҳамаи бинокорон фиребгаранду агар илоҷ ёбанд, **аз об ҳалво сохта** медиҳанд (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 90).

Тавре зикр гардид, дар идиомаҳои фразеологии муболиғавӣ образҳои миллие ифода мешаванд, ки ба ин ё он паҳлуи ҳаёти мардуми тоҷик алоқаи ногусастанӣ доранд. Чунин образҳо метавонанд ҷиҳатҳои ба худ хоси ҳаёти тоҷиконаро фаро гирифта, ба тавассути майлҳои иродавӣ ва эҳсосоту баҳодиҳиҳои гуногун зоҳир шаванд. Чунин тобишҳо барои ҳар як соҳибзабон ошно буда, ба ин васила хосиятҳои миллӣ доштани чунин воҳидҳои забонро боз ҳам равшантар инъикос мекунанд. Масалан, дар мавриди ифодаи образи «гуруснагии аз меъёр зиёд» истифодаи идиомаи фразеологии **шиками касе нақора менавозад**, дар ифодаи «ба ҳама гуна амал бетараф набудан» истифодаи фразеологизми **ба ҳар ош чаккаву ба ҳар нон ҷазза шудан,** дар ифодаи «ғурур ва боварии қотеи аз ҳад зиёд» истифодаи **сутуни олам шудан,** дар ифодаи «бо ҳиллаву найранг боварии касеро сазовор шудан» истифодаи **ба таги пӯсти касе даромадан** нишонаи он аст, ки чунин воҳидҳои фразеологӣ дар худ ҷузъе аз ҳаёти иҷтимоии мардуми тоҷикро ғунҷондаанд:

– Ихтиёрат, ҳар чи гӯӣ майлат, лекин як дами гарм паз, ки **шикам нақора менавозад** (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 170). Ҷилави занро то ҳол накашидаӣ. **Ба ҳар ош чаккаву ба ҳар нон ҷазза** (Сорбон, Барзгар, 17). **Сутуни олам шавам**, гӯӣ ҳам, ба касе сар нафароварда зиндагӣ бикунам, гӯи ҳам, оқибаташ як чиз: ту дар шиками одам бидароӣ, ман дар шиками Замин (Сорбон, Барзгар, 38). Бо чунин дилёбӣ **ба таги пӯсти ӯ даромада** буд ва аз ширкати ӯ соляркаву доруву поруи зиёд гирифта ба хоҷагӣ наоварда, ҳатто арзонтар аз нархаш ба дигарон фурӯхта, обу лой карда буд (Сорбон, Барзгар, 78).

2.4.2. Фраземаҳои муболиғавӣ. Фраземаҳо қабати махсуси захираи фразеологии забонамонро ташкил дода, бо нишонаҳои хос аз идиомаҳо ва ифодаҳои ғайриидиоматикии фразеологӣ фарқ доранд. Агар дар идиомаҳо талаботи асосӣ сохтори ниҳоят устувор, дараҷаи баланди маҷозият ва дар ин асос ифодаи маънои яклухти фразеологӣ бошад, вобаста ба ин табиати забонии фраземаҳо каме фарқ дорад. Сохтори онҳоро наметавон ниҳоят устувор ва ифодаи маънои маҷозӣ дар онҳоро наметавон дар сатҳи баланд ҳисобид. Онҳоро аз рӯйи талаботи ифодаи маънои маҷозӣ метавон ба ҳайси гурӯҳи мобайние маънидод намуд, ки миёни идиомаҳо ва ифодаҳои ғайриидиоматикӣ қарор доранд. Масалан, дар идиомаҳо маънои маҷозӣ маҳаки асосии яклухтии мундариҷаи сохториву маъноии воҳиди фразеологиро ташкил дода, он дар мундариҷаи ифодаҳои ғайриидиоматикӣ мушоҳида намешавад. Аз ин ҷиҳат фраземаҳоро метавон ба сифати фразеологизмҳое маънидод намуд, ки ифодаи маънои маҷозӣ дар онҳо на дар дараҷаи баланд ва на дар сатҳи поёнӣ қарор дорад. Дар аксарияти онҳо яке аз ҷузъҳои таркибии воҳиди фразеологӣ дар заминаи қолаби муайяни наҳвӣ бо маънои луғавии худ истифода мешавад ва маҳз ҳамин нишона сохтор ва маънои фраземаҳоро на ба таври устувору ягона, балки дар шакли тағйирёбандаву ноустувор муаррифӣ мекунад. «Агар маънои бутуни ифодаҳои идиоматикӣ дар натиҷаи тағйирёбии куллии маънои ҳамаи ҷузъҳои таркибӣ ба вуҷуд ояд, пас мундариҷаи яклухти фразема дар заминаи маҳдудшавӣ, дигар шудан, тағйирёбӣ, вобаста шуда мондани маъно ва ё доираи истеъмоли як ё якчанд ҷузъи таркибӣ сурат меёбад» [Маҷидов Ҳ., 1982, с. 32]. Ин назарияро метавон бо фразеологизмҳои муболиғавии зайл тасдиқ намуд, ки дар онҳо маҳз иштироки калимаҳои **гап, ғам, ғусса, андеша** ва **ҳаяҷон** фраземаҳои фразеологии **гапро кашол додан** «огоҳона суханро дароз кардан», **ба ғаму ғусса ғӯтидан** «ғам хӯрдан», **касеро дар ҳаяҷон андохтан** «ҳаяҷони касеро бедор намудан» ва **дар дарёи андеша ғарқ шудан** «андешаи зиёд кардан»-ро ба вуҷуд овардаанд:

Бақоҷон ин ҳодисаи ногуворро гуфта наметавонад, забонаш намеравад, бинобар он **гапро** ин қадар **кашол дода** истодааст (Икромӣ Ҷ., Тахти вожгун,

23). Бинобар ин мо **ба ғаму ғуса ғӯтидем** (Икромӣ Ҷ., Тахти вожгун, 281). Бо вуҷуди он ин хабар Назираро **дар ҳаяҷон** ва андеша **андохт** (Наимӣ Қ., Фоҷиа дар чашмасор, 5). Дохунда ҳам гӯё ки хаёлаш ба як кори муҳимме банд бошад, чашми худро ба гӯшаи муқобили сақфи хона дӯхта, **дар дарёи андеша ғарқ шуда** буд (Айнӣ С., Дохунда, 382).

Метавон гуфт, ки як қабати маъмули фраземаҳоро дар забони тоҷикӣ фраземаҳои муболиғавӣ ташкил медиҳанд. Ин навъи воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ низ ҳамон нишонаҳоеро соҳибанд, ки ба дигар гурӯҳҳои фраземаҳои фразеологӣ хосанд ва ба монанди идиомаҳои муболиғавӣ дар қолаби ибора ва ҷумлаҳои фразеологӣ вомехӯранд. Танҳо фарқият ин аст, ки дар мундариҷаи онҳо тобиши муболиғавии ифодаи образноки мафҳум ба назар мерасад. Муболиғае, ки дар сохтори фраземаҳо инъикос меёбад, ба монанди тобиши муболиғавии идиомаҳо вазифаи иловатан устуворгардонии сохтору маънои онро надорад. Он дар фраземаҳо танҳо вазифаи муқаррарии худро иҷро намуда, тобишҳои маъноии гуногунро ба вуҷуд меорад. Ба назари инҷониб, маҳз ҳамон ҷузъи таркибии фразема, ки ба маънои аслии луғавӣ истифода шуда, аксаран тағйирёбанда ва ивазшаванда аст, сабаб мегардад, ки муболиғаи фразема аз муболиғаи таркиби идиомаҳо фарқ кунонида шавад. Онро метавон ҳамчун унсури меҳварие маънидод намуд, ки на танҳо сохтор ва маънои хоси фраземаҳои муболиғавӣ, балки дар умум воҳидҳои фразеологии фраземавиро ба вуҷуд меорад. Барои тасдиқи гуфтаҳои боло таҳлили маъноии фраземаҳои муболиғавии **оташи хашму ғазаби касеро аланга мондан** «қасдан ғазаби касеро зиёд намудан», **ба зини ҷаҳл савор шудан** «ба ҷаҳл омадан, ҳолати ғазабнокии касе», **ба гап ҷома пӯшондан** «дар сухангӯй маҳорати воло доштан» ва **нӯги каловаи чигилшудаи аҳволи касеро ёфтан** «аз аҳволи номусоиди касе хабардор шудан» айни муддаост:

Зоҳиран бепарво, худбоварона гап заданҳои Улфатов **оташи хашму ғазаби раисро аланга мемонд** (Ниёзӣ Ф., Вафо, 218). Матлуба дид, ки шавҳараш **ба зини ҷаҳл** маҳкам **савор шуд** ва ба осонӣ гузашт намекунад… (Наимӣ Қ., Фоҷиа дар чашмасор, 189). Шукр, **ба гап** басо хуб **ҷома мепӯшонед**

(Муҳаммадиев Ф., Одамони кӯҳна, 46). Модар **нӯги каловаи чигилшудаи аҳволи падарамро ёфта** буд (Айнӣ С., Ёддоштҳо, 69).

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки зоҳиршавии муболиға дар мундаричаи фраземаҳои фразеологӣ дар қолаби ягонаи ифода сурат мегирад. Дар ин маврид калимаи озоди (бо маънои луғавӣ омада – Ҳ.Д.) таркиби фразема аз доираи таҳлил соқит шуда, танҳо қолаби маъмули воҳиди фразеологӣ ҳамчун унсури ифодакунандаи муболиға боқӣ мемонад. Маҳз ҳамин қолаб моҳияти забонии муболиғаро дар худ акс намуда, ифодаи ғайривоқеии мафҳумро таъмин мегардонад. Ачиб он аст, ки дар ин ҳолат калимаи бо маънои луғавӣ корбастшудаи таркиби фразема метавонад бо вожаи ҳамммаънои худ ё дилхоҳ калимаи дигар иваз шавад, вале қолаб ҳамоно дар як шакл шах шуда, тағйир намеёбад. Чунин воҳидҳои фразеологиро фразеологизмҳои ҳамқолаб номидан ба мақсад мувофиқ аст. Масалан, дар фраземаҳои муболиғавии ҳамқолаби **дар дарёи меҳр ғарқ шудан** «эҳсоси меҳру муҳаббат боло гирифтан» ва **дар дарёи андеша ғарқ шудан** «фикру андешаи зиёд кардан» қолаб (**дар дарёи ... ғарқ шудан**) ягона буда, танҳо иваз гардидани яке аз ҷузъҳои таркибӣ маънои умумии онҳоро тағйир додааст:

Нишона нафасгир хатро ба чашмони пурашк молидаву бӯсида кушоду ҳамоно **дар дарёи меҳри** хати сегӯшаи Диловар **ғарқ шуд** (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор, 83). Гулнор **дар дарёи андеша** ва ҳайрат **ғарқ шуда**, бо як ҷаҳон тарсу умед ва ғайри ихтиёри худаш ба Сари Ҷӯй омад, яъне оварда шуд (Айнӣ С., Дохунда, 132).

Вобаста ба тағйир наёфтани қолаби ягонаи фраземаҳои муболиғавӣ масъулияти ифодаи маънои ягонаи он дар ин маврид бар дӯши ҳамон калимаест, ки бо маънои луғавӣ истифода мешавад. Тавре зикр гардид, он калимаи меҳвариест, ки на фақат сохтор, балки маънои ягонаи фраземаро низ ба вуҷуд меорад. Он ба сифати воситаи асосие баромад мекунад, ки алоқаи миёни маънои яклухти фраземаро бо образи дар заминаи он хобида барқарор менамояд. Қолаби фразема бо тобиши муболиғавии худ дар ин ҳолат ҳамчун унсури ёридиҳанда барои ифодаи маънои фразеологӣ кумак мерасонад. Чунончи, дар фраземаҳои

муболиғавии **касеро ба обу оташи фироқ андохтан** «сабабгори дуриву фироқи касе шудан», **аз косаи хиёнат шарбат нӯшидан** «хиёнат кардан», **бо ханҷари ғам синаи касеро чок намудан** «ба ғаму ғуссаи касе боис шудан» ва **ба осмони шуҳрат парвоз кардан** «дар авҷи шуҳрату эътибор қарор гирифтан» бори ифодаи маънои ягонаи воҳиди фразеологӣ маҳз ба иштироки калимаҳои **фироқ, хиёнат, ғам** ва **шуҳрат** вобаста аст:

… фикран гузаштаро пок-покиза ба оғӯши фаромӯшӣ месупорид, ки дигар **вайро ба обу оташи фироқ наандозаду** оҳиста-оҳиста кабоб накунад (Кӯҳзод У., Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим, 129). Дар замонашон ҷангкунон аз дасти истилогарон ва дастёрони таҳҷоии онҳо, ки ба умеди ҷоҳу мансаб **аз косаи хиёнат шарбат менӯшиданд**… (Кӯҳзод У., Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим, 51). Дар дами пирӣ **бо ханҷари ғам синаамро чок намудӣ**, - гуфта, ба паҳлуи Эмоми сарду хомӯш нишаст ӯ (Муҳаббати Ю. Пайванди шикаста, 82). Хулосаи ман ҳамин, ки Олим ҳамин вақтҳо **ба осмони шухрат парвозкунон** худро аз ҳама боло мебинаду овози дилсӯзонаи бисёр касонро намешунавад (Ниёзӣ Ф., Вафо, 211).

Ҳамин тавр, гурӯҳҳои маънои воҳидҳои фразеологии муболиғавиро танҳо идиома ва фраземаҳо ташкил медиҳанд, ки чунин таснифот, пеш аз ҳама, ба образнокии равшани дар заминаи онҳо хобида, ифодаи тобишҳои муболиғавӣ ва маънои маҷозии ҷузъҳои таркибии онҳо пайвастагӣ дорад.

2.5. Истиора ва нақши он дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ

Истиора (метонимия) низ дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ ба ҳайси воситаи фаъоли бадеӣ нақши муҳим дорад. «Метонимия истифодаи маҷозии калима буда, дар асоси ҳамҷавории шайъҳои муқоисашаванда сурат мегирад. Дар ин маврид ҳамҷаворӣ ба таври васеъ шарҳ дода мешавад: ҳамчун якҷояшавӣ дар фазои муайян, мутобиқати мантиқӣ, вобаста кардан ва ғайра. Кӯчиш дар ин ҳолат на аз ҳисоби он ки ашёву ҳодисаҳои муқоисашаванда аз рӯйи ягон муносибат бо ҳам монанданд, балки аз рӯйи он сурат мегирад, ки онҳо ба ҳамдигар сахт алоқаманд буда, шуури мо чунин муштаракиро ба зудӣ қабул мекунад. Бар замми ин худи ашёву ҳодисаҳо метавонанд ба соҳаҳои гуногуни зиндагӣ тааллуқ дошта бошанд» [Матвеева Т.В., 2010, с. 209-210].

Дар қатори дигар воситаҳои тасвири бадеӣ, ки дар созмондиҳии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ нақш доранд, истиора низ ҳамчун воситаи серистеъмол дар ташаккули сохтор ва маънои онҳо мавқеи муҳимро соҳиб аст. Ҳарчанд дар сарчашмаҳои илмӣ ин навъи воситаи муассирии суханро ба ҷумлаи санъатҳои бадеӣ нисбат дода, онро бештар дар забони назм баррасӣ намудаанд, вале бояд таъкид намуд, ки он ҳамчун воситаи муҳимми маъносоз дар сохтори воҳидҳои забон, аз ҷумла, калима ва воҳидҳои фразеологӣ низ ба мушоҳида мерасад. Танҳо дар ин маврид зарур аст, ки миёни истиораи забонӣ ва истиораи мундариҷаи каломи мавзун фарқ гузошта шавад.

Пеш аз ҳама, истиораи забонӣ моли забони наср буда, ба калима ва воҳидҳои фразеологӣ хос аст. Агар дар калима доираи зоҳиршавии он вобаста ба имкониятҳои сохториву маъноии он маҳдудтар бошад, дар воҳиди фразеологӣ ифодаи он як андоза васеътар, равшантар ва пуробуранг сурат мегирад. Дар истиораи воҳидҳои забон дараҷаи баланди бадеияте, ки ба истиораи адабиёт хос аст, дида намешавад. Он дар шакли нисбатан маҳдуди зоҳиршавӣ дар калима ва воҳиди фразеологӣ ба таври образноку муҷаз ифода гардида, воситаи маъносоз ба ҳисоб меравад. Хосатан, ин вазифаи истиора дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ, ки имконияти бештари зоҳиршавии онро доранд, баръало

мушоҳида мешавад. Чунончи, **нархи сабзию пиёзро напурсидан** «саросемавор, фавран», **аз пода пеш чанг кардан** «қабл аз амал ё ҳодисае хабар расондан», **дар сояи бекорӣ хобидан** «аз ҳолати бекориву танбалӣ ҳузур ёфтан», **ҷилави корро ба даст гирифтан** «дар иҷрои коре, амале фаъол будан, саркор шудан»:

– Как намедиҳад! – Маҳмудов **нархи сабзию пиёзро напурсида**, зуд гӯши телефонро гирифт (Наимӣ Қ., Фоҷиа дар чашмасор, 239). Сад афсӯс, ки **аз пода пеш чанг карда** будаам (Муҳаммадиев Ф., Одамони кӯҳна, 45). Агар танбалон ва танпарварон медонистанд, ки кор чӣ гуна бадани касро сахт мекунад ва дили касро ҳузур медиҳад, ҳеҷ гоҳ **дар сояи бекорӣ намехобиданд** (Айнӣ С., Ёддоштҳо, 35). … аз рузхои аввали раиси **чилави корро** махкам **ба даст гирифта**, шабу руз дар гами равнаки хочагии ин артели нав шуд (Ниёзӣ Ф., Вафо, 7).

Истиорарo метавон ба ҳайси навъи махсуси маҷози забонӣ донист, ки дар ҳолати ҳаммаъноии мафҳумҳои гуногун, ки маънои яке ба дигаре мегузарад, зоҳир мешавад. «Истиора навъи маҷоз аст, ки дар асоси он маънои як калима ба калимаи дигар ба нисбати ҳамшафатии шайъҳои ифодакунандаи ин маъноҳо, ки дар фазо ва замони муайян ба вуҷуд омадаанд, мекӯчад» [Маҷидов Ҳ., 2007, с. 54].

Қобили зикр аст, ки ҳам муҳаққиқони адабиётшинос ва ҳам забоншинос вазифаи истиорарo як медонанд ва онро бештар дар калимаҳои забон ҷустуҷӯ намудаанд. Масалан, онро олимони риштаи адабиётшиносӣ навъе аз санъатҳои маънавӣ дониста, моҳияташро ба орият гирифтани маънии калима донистаанд. Ба қавли адабиётшиноси маъруф, профессор Х. Шарифов: «Истиора ҳам як шакли тасдиқи ҳақиқат мебошад. Агар гуфтани он далели балоғату фасоҳат, яъне нозукии гуфтори бадеӣ бошад, пас сухани аз ҳақиқат балеғтар сухани бадеӣ мебошад. Аз ин рӯ, истиора ҳам як навъи баёни бадеӣ буда, ҳақиқатро барҷастатар нишон медиҳад» [Шарифов Х., 1991, с. 102-103].

Рашиди Ватвот дар «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» чунин меорад: «Маънии истиорат чизе орият хостан бошад ва ин санъат чунон бошад, ки лафзеро маънӣ бошад ҳақиқӣ, пас, дабир ё шоир он лафзро аз он маънии ҳақиқӣ нақл кунад ва ба ҷои

дигар бар сабили орият ба кор бандад ва ин санъат дар ҳамаи забонҳо бисёр аст. Ва чун истиорат баъид набошад ва матбуъ бувад, суханро ороиши тамом ҳосил гардад [Рашиди Ватвот,1987, с. 93-94].

Адабиётшинос Ю. Бобоев истиорарo ба ташбеҳ қаробат дода, таъкид менамояд, ки «истиора як намуди маҷоз буда, аслан аз ташбеҳ ҳосил мешавад. Истиорарo ташбеҳи кӯтаҳшуда меноманд. Дар истиора ташбеҳшавандаро – истиорашаванда, ташбеҳкунандаро – истиоракунанда мегӯянд. Вале фарқи истиора аз ташбеҳ ин аст, ки дар ҷумлаҳои истиоравӣ яке аз унсурҳои истиора (ё истиорашаванда ё истиоракунанда) зикр намегардад» [Бобоев Ю.,1992, с. 192]. Ин назарияро муҳаққиқон У. Тоиров, Б. Ибодов ва Ш. Тоиров низ ҷонибдорӣ намуда, зикр менамояд, ки «Истиора калимаи арабист, маънои аслиаш ба орият, амонат ва гаравгон гирифтан аст, аммо дар илми бадеъ аз ҷумлаи санъатҳои маънавист, ки ба ҷои як калима калимаи дигарро истифода мебаранд. Истиора ҳам ба маҷоз ва ҳам ба ташбеҳ наздик аст. Донишмандони илми бадеъ истиорарo як навъи маҷоз медонанд ба ин маънӣ, ки дар истиора калима аз маънои аслии худ хеле дур меравад. Истиорарo ташбеҳи пӯшида низ меноманд ва истиора дар асоси инкишофи минбаъдаи ташбеҳи пӯшида ба вуҷуд меояд.» [Тоиров У., Ибодов Б., Тоиров Ш., 2005, с. 169].

Маълум мегардад, ки олимони соҳаи адабиётшиносӣ истиорарo танҳо ба илми бадеъ нисбат додаанд ва вижагиҳои онро дар робита ба мазмуну муҳтавои шеър муқаррар намудаанд. Дар мавриди шарҳи мафҳуми истиора ин ҷо метавон назарияҳои зиёди муҳаққиқони риштаи адабиётшиносии хориҷиву ватаниро таҳлилу баррасӣ намуд, вале бо овардани чанд нуктаи дар боло зикршуда, ки дар умум назарияҳои ҳамаи олимони соҳаи мазкурро ҷамъбаст мекунад, иктифо менамоем ва моҳияту мазмуни онро дар воҳидҳои фразеологӣ ҷустуҷӯ мекунем.

Дар илми забоншиносии муосир низ олимони хориҷиву ватанӣ ба моҳияти забонии истиора ва вазифаҳои он таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷамъбасти назарияҳои илмии онҳо бар пояи ҳамон назарияҳои машҳуреанд, ки аксарияти муҳаққиқон бар он ҳамфикранд. Танҳо фарқ дар ин аст, ки олимони забоншинос истиорарo дар воҳидҳои забон ба сифати унсури

муҳимми маъносоз маънидод намудаанд. Чунончи, муҳаққиқи рус Бесарабова Н.Д. истиорaро ҳамчун ҳодисаи забонӣ дар калимаҳои забон воситаи муҳимми созмондиҳандаи маъноҳои гуногун дониста, таъкид менамояд, ки он дар баробари дигар троп (воситаҳои тасвири бадеӣ – Ҳ.Д.)-ҳо семемаҳои (тобишҳои маъноӣ – Ҳ.Д.) гуногунро ба вуҷуд меорад ва дар ҳамин асос вазифаи забонии он амалӣ мегардад [Бессарабова Н.Д., 1987].

Олимон Малцева Л.И. ва Еремеева Е.В. бошанд, асли баромади истиорaро бо истилоҳи метафора аз забони юнонӣ дониста, маънои онро «интиқол, гузариш» шарҳ додаанд. Дар ҳамин асос онҳо истиорaро ҳамчун калима ва ифодае маънидод намудаанд, ки дар заминаи мувофиқати ашёву ҳодисаҳо аз рӯйи ин ё он аломати зоҳирӣ бо маънои маҷозӣ истифода мешаванд. «Пас, барои он ки истиора ба вуҷуд ояд, бояд нуқтаи муносиби ҳамҳудудии ду ашё ё ҳодиса аз рӯйи ягон аломат ошкор карда шавад. Асоси истиорaро метавонад аломатҳои гуногуни ба ҳам мувофиқ, аз қабили шакл, ҳаҷм, ранг, хислат, арзиш, мавқеъ ва ғайра ташкил диҳанд» [Малтсева Л.И., Еремеева Е.В., 2018, с. 11].

Муҳаққиқи забони арабӣ Эл сабрути Р.Р. бошад, истиорaро дар калимаҳои нутқи арабӣ ҷузъе аз маҷоз дониста, қайд менамояд, ки дар зоҳиршавии он воситаҳои ташбеҳкунанда иштирок намекунанд. Аломатҳои барҷастаи ашёҳои ҳамҳудуд ба таври муқоиса дар як калима ҷамъбаст мегарданд ва он хеле равшану оммафаҳм аст. «Нақши асосиро дар миёни маҷозҳо истиора ишғол мекунад. Он образи васеи обйекти тасвиршавандаро месозад. Истиора ташбеҳи ихтисоршуда маҳсуб меёбад, зеро дар сохтори он пайвандаки ташбеҳкунанда дида намешавад ва унсурҳои муқоиса дар як калима ҷой мегиранд. Дар шарҳи анъанавӣ ташбеҳи арабӣ дар худ ду унсур: обйекти муқоиса ва меъёри муқоисаро дорад. Агар яке аз ин унсурҳо иштирок накунад, ибораи муқоисавӣ (ташбеҳӣ) шакли ташбеҳи ихтисоршударо мегирад, яъне шакли истиорaро» [Эл сабрути Р.Р., 2018, с. 124].

Дар луғати машҳури «Словарь лингвистических терминов», ки бештар бо номи «Луғати Жеребило» машҳур аст, истиора низ ҳодисаи аз як ашё ба ашёи дигар гузаштани ном ё маъно дар заминаи мувофиқати онҳо эзоҳ ёфтааст.

Ҳамчунин дар луғати мазкур истиора ба се навъ ҷудо шудааст: истиораҳое, ки образнокиро аз даст додаанд, истиораҳое, ки дар забон образнокиашон маҳфуз аст ва истиораҳои муаллифӣ ё фардӣ-услубӣ [Жеребило Т.В., 2010].

Дар забоншиносии тоҷик низ вобаста ба истиора ва вазифаҳои он дар воҳидҳои забон баъзе қайдҳо мушоҳида мешаванд [Маҷидов Ҳ., 2007; Дӯстов Ҳ., 2014; Султанова Р., 2020; Зоғакова Г., 2011]. Масалан, профессор Ҳ. Маҷидов истиораро ҳам ба калима ва ҳам ба воҳидҳои фразеологӣ нисбат медиҳад ва зоҳиршавии онро дар ин воҳидҳо ба тарзи гуногун медонад. Агар дар калимаҳо истиора дар натиҷаи гузаштани маънои як калима ба калима дигар дар натиҷаи ҳамҳудудӣ ё ҳамшафатии онҳо ба вуҷуд ояд, дар воҳидҳои фразеологӣ чунин зоҳиршавӣ ба тарзи дигар сурат мегирад. Дар онҳо истиора бо сабаби ба ҷои як мафҳум истифода шудани мафҳуми дигар пайдо мешавад ва бояд миёни онҳо наздикие бошад. «Навъи дигари ибораҳои фразеологии маҷозӣ – ибораҳои фразеологии истиоравӣ мебошанд. Инҳо ибораҳоеанд, ки дар заминаи ифодаҳои пуробуранги исторавӣ сурат гирифтаанд. Дар ибораҳои истиоравӣ ба ҷойи як мафҳум мафҳуми дигар зикр карда мешавад, ки бо бисёр хусусиятҳои худ ба мафҳуми аввала наздик аст, вале бо обуранги бадеӣ ва тароватнокии худ аз он болотар меистад» [Маҷидов Ҳ., 1968].

Забоншинос Аҳадов Ҳ. бошад, истиораро дар асоси назарияҳои олимони адабиётшинос таҳлил намуда, қайд медорад, ки ҳарчанд он як навъи маҷози забонӣ бошад ҳам, бо баъзе нишонаҳо аз он фарқ дорад. Он ҳамчун воситаи қувватдиҳандаи фикр ва мафҳум истифода шуда, бештар ба таносуби сухан вобастагӣ дорад. «Истиора бо маҷоз алоқаи зич дорад, вале баробари ин бо баъзе аломатҳои худ аз он фарқ карда меистад. Вақте ки мо қулфи дил, гули шодӣ, барқи оҳ, шамъи саодат, дарахти зиндагӣ, оинаи рухсор, риштаи ҷон мегӯем, истиора /истиораи пӯшида/ будани ин гуна ибораҳоро дар назар дорем ва он барои пурқувваттар кардани фикр кор фармуда мешавад. Ҳаминро низ қайд кардан лозим аст, ки ин намуди истиора бо дигар калимаҳои мисраъ ва ё байт алоқаи зич дорад, агар таносуби сухан вайрон шавад, он гоҳ истиора аҳаммияти худро гум мекунад» [Аҳадов Ҳ., 1980, с. 34].

Дар рисолаи доктории Султонова Р.М., ки ба вазъи лингвистии воситаҳои услубии забонҳои тоҷикӣ ва русӣ бахшида шудааст, назарияҳои илмии муҳаққиқон вобаста ба истиора дар чунин шакл ҷамъбаст гардидаанд:

1. Истиора воситаи муассири сатҳи луғавӣ мебошад, ки дар тақсимоти калимаҳо бо маънои маҷозӣ дар асоси мувофиқати онҳо бо дигар калимаҳо ифода меёбад. 2. Ду навъи истиораро ҷудо мекунанд – истиораи равшан ва пӯшида. Моҳияти истиораи равшан танҳо дар ишорат ба образ ё мафҳум ифода мегардад, ки ҳангоми муқоиса бо мафҳуми аввала калимаи нави дорои маънои маҷозӣ ба вуҷуд меояд. Дар мавриди истиораи пӯшида ин ё он аломати муайяншавандаи мафҳум ҳамчун илова ба худи муайянкунанда фаҳмида мешавад. 3. Ҷиҳати фарққунандаи истиораи пӯшида он мебошад, ки дар ҷараёни маҷозонидан на муайянкунанда ҳамчун истиораи равшан, балки калимаи муайяншаванда номбар карда мешавад [Султонова Р.М., 2021, с. 39].

Ба ин тариқ, истиора ҳамчун воситаи тасвири бадеӣ ҳам дар калимаҳо ва ҳам воҳидҳои фразеологӣ мушоҳида гардида, ифодаи он дар фразеологизмҳои забон ба чанд ҷиҳат алоқаманд аст, ки онҳоро ба таври зайл баррасӣ намудан мумкин аст:

Пеш аз ҳама, мавҷудияти истиора дар воҳиди фразеологӣ бо он мақсад аст, ки бар ивази мафҳум, ашё, ҳодиса ё амали муайян, ки метавонад дар забон дар қолаби калима, ибора, таркиб ва ҳатто ҷумлаи одӣ вуҷуд дошта бошад, ибора, таркиб ва ҷумлаи рехтаву устуворе истифода мешавад, ки ҳамон мафҳумро пуробуранг ва барҷаста тасвир намуда, ҳамзамон аз рӯйи ягон хусусият бо он наздикӣ дорад. Маҳз ҳамин нукта, яъне қаробати маъноӣ аз ягон паҳлу миёни мафҳуми одӣ ва мафҳуми дар воҳиди фразеологӣ таҷассумёфта маҳаки асосии зоҳиршавии истиораро дар фразеологизмҳои забон ташкил медиҳад. Дар ҳарду ҳолат низ ҳадафи асосӣ ифодаи мафҳум аст, вале тафовут танҳо дар сатҳу дараҷаи ифодаи он аст. Агар инъикоси барҷаставу равшантари мафҳуми муайян дар қолаби калима ва дигар воҳидҳои забон нағунҷад, пас онро метавон ба тавассути воҳиди фразеологӣ пешниҳод намуд. Ҳарчанд қолаби воҳиди фразеологӣ низ маҳдудият дорад, вале дар ин маврид имкониятҳои васеи

мундариҷаи маъноии он метавонанд ба зоҳиршавии истиора кумак расонанд. Аз ин ҷост, ки унсури истиорaро мо на дар мундариҷаи сохтории фразеологизм, балки бештар дар мундариҷаи маъноии он эҳсос менамоем. Масалан, дар воҳидҳои фразеологии навъи **ба дили касе алов афтод** «касе беқарор, безобита шуд», **ангушти ҳайрат газидан** «ҳайрон шудан, дар ҳайрат мондан», **тарбуз аз бағали касе афтид** «умеди касе барбод рафт, касе ноумед шуд», **дар курта нағунҷидан** «шоду хурсанд, қаноатманд шудан», ки ифодаи барҷастаи мафҳумҳои муайян мебошанд, зоҳиршавии истиора маҳз ба паҳлуи маъноии онҳо вобаста мебошад:

Аз гапҳои охирини Истад **ба дилам алов афтод** (Насим Р., Хонае, ки сӯяш мешитобам, 10). … он қадар чуст чолок ҳарбу зарб мекунад, ки кас **ангушти ҳайрат мегазад** (Насим Р., Хонае, ки сӯяш мешитобам, 84). **Тарбуз аз бағалатон меафтаду** «ҳай дареғ, сад афсӯс, чаро ҳамин гап ба майнаи худам пештар наомад?» гуфта худ ба худ ҳайрон мешавед (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 124). Диловар аз кашфиёти худ чунон ба ваҷд омада буд, ки **дар куртаи худ намеғунҷид** (Кӯҳзод У., Писанддара, 78).

Истиораи забонӣ алоқаи миёни мафҳумҳои гуногун ва сатҳи зоҳиршавии онҳоро таъмин мекунад. Онро метавон ҳамчун падидаи махсуси забонӣ маънидод намуд, ки дар натиҷаи ифодаи он як сатҳи муайяни маъноӣ ба сатҳи дигари маъноӣ мегузарад ва дар баробари ин шабоҳати онҳо аз ягон ҷиҳат боқӣ мемонад. Дар ин замина истиора баъзан ба ифодаи сатҳҳои ғайримуқаррарии мафҳум даст меёбад, ки онҳо дар алоҳидагӣ вуҷуд дошта наметавонанд. Дар ин ҳолат онро ба сифати унсуре шарҳ додан мумкин аст, ки бо ёрии он сатҳҳои баландтари зоҳиршавии мафҳум ба даст меоянд. Маълум аст, ки мафҳумҳое, ки барои шуури мо дастрасанд, баъзан имкониятҳоеро фароҳам меоранд, ки боиси дастрасӣ ба мафҳумҳои мураккаб ва ҳатто азмиёнрафтаи забонӣ мегардад. Айнан ҳамин вазъиятро дар сатҳи зоҳиршавии мафҳумҳо ба тавассути истиораи забонӣ дар воҳидҳои фразеологӣ метавон барқарор намуд, ки онҳо ба муқаррар намудани аломатҳои муҳимму барҷастаи мафҳумҳо сабаб мегарданд.

Истиораи забонӣ ҳамчунин шакли махсуси зоҳиршавӣ дорад, ки он, пеш аз ҳама, ба тафаккури мантиқӣ ва имкониятҳои дарку шуури инсон алоқаманд аст. Ашёву ҳодисаҳоро бо номҳои худашон номгузорӣ накарда, истиора дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ тобишҳои маъноиеро ошкор месозад, ки барои мафҳумҳои дар ҳолати муқаррарӣ қарордошта хос нестанд. Ба таври дигар, он ҳамчун муайянкунанда ва бавуҷудоварандаи тобишҳои маъноӣ дар мундариҷаи маъноии мафҳуми дар фразеологизмҳо таҷассумёфта хизмат мекунад. Зоҳиршавии истиораи забонӣ дар воҳидҳои фразеологии забон ҳамон инъикоси як мафҳум ба ҷои мафҳуми дигар, як мундариҷаи маъноӣ бар ивази мундариҷаи маъноии дигар ва як сатҳи ифодаи тафаккур дар нисбати сатҳи дигари тафаккур мебошад. Танҳо бояд хотиррасон намуд, ки чунин зоҳиршавӣ на дар доираи калимаҳои забон, балки дар сатҳи фразеологизмҳо дастрас мегардад, ки онҳо мафҳумро дар дараҷаи нисбатан баланди зоҳиршавӣ қарор медиҳанд.

Мавҷудияти истиора ба монанди дигар воситаҳои маъносоз дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ ҷанбаи ифодаи обуранг ва майлҳои иродавии онҳоро қувват мебахшад. Агар дар воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ чунин ҳолат ба тасвири ғайривоқеии мафҳум иртибот дошта бошад, дар воҳидҳои фразеологии истиоравӣ онро мо дар доираи ифодаи маҷозии ҷузъҳои таркибии воҳиди фразеологӣ бо мақсади ифодаи хубтару бештари мафҳуми мавриди назар мушоҳида карда метавонем. Истиора, ки монанди дигар воситаҳои тасвири бадеӣ ба воситаи маҷоз зоҳир мешавад, дар фразеологизмҳо вазифаи забонии худро вобаста ба ифодаи барҷастаи мафҳум анҷом медиҳад. «Истиора мисли ташбеҳ дар роҳи барҷаста ифода гардидани фикр хизмат карда, ибораҳои фразеологии истиоравӣ дар заминаи ифодаҳои пуробуранг ва ба ҳамагон фаҳмои истиоравӣ ба вуҷуд меоянд» [Дӯстов Ҳ.. 2014, с. 55]. Ба таври дигар, воҳидҳои фразеологии истиоравӣ ҳамон ифодаи мафҳуманд, вале дар шакли як андоза пуробуранги бо ҷилоҳои гуногун ороддодашуда. Инро ҳангоми муқоисаи воҳидҳои фразеологии истиоравӣ бо маъноҳои мафҳумии онҳо дарк намудан мумкин аст: **ба даҳон об гирифтан** – «хомӯш истодан», **чашм об додан** – «аз тамошои зебоие баҳра

гирифтан», **димоғи касе сӯхт** – «касе ранҷид», **обро лой кардан** – «бо фиребу найранг амалеро анҷом додан» ва монанди инҳо:

Диловар, ки фарзанди ҳамин ҷост, **ба даҳон об гирифта** нишастааст (Кӯҳзод У., Писанддара, 107). … барфи бомашонро пок мекард ва ҳамаи ин баҳонаҳое буд, ки **чашм об диҳад** (Кӯҳзод У., Роҳи паси аґба, 283). – Ман, муаллим, ба зарари фарзандонам кор намекунам, - **димоғи падар сӯхт** (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 21). «Ҳақ мегӯем, ҳақпарастем», гуфта як умр **оби худашонро лой карда** мегарданд, дучори азобанд (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 85).

Дар фразеологизмҳои истиоравии зикршуда маънои мафҳумии онҳо, ки аз ифодаи образноки мафҳум сар мезанад, дар мундариҷаи маънои воҳидҳои фразеологӣ мавқеи марказӣ дошта, ба ифодаи тобишҳои дигари маъноӣ сабаб мегардад.

Дар бештари сарчашмаҳои илмӣ истиорaро бо ташбеҳ алоқаманд дониста, онро навъе аз ташбеҳи пӯшида низ маънидод кардаанд. Чунин ҳолати арзёбӣ ба он нисбат аст, ки агар дар ифодаи мафҳуми ташбеҳшаванда ҳама воситаҳои ташбеҳсоз иштироки фаъол дошта бошанд, пас, истиора дар заминаи ифодаи барҷастаи ашёву ҳодиса раванди муқоисаро низ аз сар мегузаронад ва ин ҳолат бе иштироки воситаҳои ташбеҳсоз сурат мегирад. Маҳз ҳамин ҷиҳат фарқи истиорaро аз ташбеҳ муқаррар месозад. Метавон истиорaро дар ин маврид зикри монандшавии мафҳум бидуни унсурҳои ташбеҳсоз маънидод намуд. «Фарқи истиора аз ташбеҳ он аст, ки дар истиора ташбеҳшаванда зикр наёфта, фақат ташбеҳкунанда ном бурда мешавад. Масалан, дар байти:

Гули ман иди наврӯзат муборак,
Чунин ҷашни дилафрӯзат муборак.

калимаи **гул** ба маънои ёр омадааст ва истиора аст.

Агар бигӯем, ки «ёри ман мисли гул аст», мо ёрро ба ниҳоли гул монанд кардем, ки ин ташбеҳ аст. Аммо агар бигӯем, ки «гули ман омад», дар ин ифода гул истиора мешавад, зеро ба ҷои калимаи ёр истифода шудааст [Тоиров У., Ибодов Б., Тоиров Ш., 2005, с. 169].

Назарияи мазкурро дар воҳидҳои фразеологии истиоравӣ вобаста ба он таҳлил намудан мувофиқ аст, ки дар онҳо лаҳзаҳои муқоисаи мафҳум дар сатҳи нисбатан баландтар зоҳир мешаванд ва ин сатҳро метавонад фразеологизм дар худ ошкор созад. Яъне нуктаи меҳварии ифодаи хубтари мафҳумро ба тариқи истиора унсури муқоиса ташкил медиҳад, ки он дар сурати ифодаи рехтаву устувор ва бе ёрии воситаҳои созмондиҳандаи муқоиса зоҳир мегардад. Маҳз тобиши муқоисаи мафҳум метавонад дар воҳиди фразеологӣ унсури истиораро ба вуҷуд орад. Масалан, агар дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳии **мисли гавҳараки чашм нигоҳ доштан** «эҳтиёткорона, боэҳтиром», **монанди оби нова рехтан** «бошаст, босуръат» иштироки ҳама воситаҳои ташбеҳсоз аз мавҷудияти равшани муқоисаву ташбеҳ дар мундариҷаи онҳо дарак диҳад, пас, дар воҳидҳои фразеологии истиоравии **ба лаб кулӯх молидан** «хомӯш нишастан, сухан нагуфтан» ва **ҷон ба ҷонофарин супоридан** «мурдан, фавтидан» ин ҳолат бе иштироки унсурҳои зикршуда ба таври хира намоён мегардад:

– Ин бача бе ягон балову қазо ба воя бирасаду ҳақиқати ҳола бифаҳмад, гавҳораша бояд **мисли гавҳараки чашм** нигоҳ дорад (Самад А., Гардиши девбод, 26). – Халил суханро **монанди оби нова** пайи ҳам мерехт (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 315). – Ин кас бошанд, **ба лаб кулӯх молиданӣ** (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 317). … вай ба сутуни бетонии гузаргоҳи роҳи оҳан бархӯрда, ҳамоно **ҷон ба ҷонофарин месупурд** (Ҳамдам А., Оби зери ях, 80).

Воҳидҳои фразеологии истиоравӣ ба монанди дигар навъҳои фразеологизмҳо дар заминаи ҳамҳудудии унсурҳое ба вуҷуд меоянд, ки бори асосии ифодаи истиора ба робитаи мантиқии миёни онҳо алоқаманд аст. Дар ин ҳолат метавон аз ҷузъҳои истиорашаванда ва соҳибистиора ёдовар шуд, ки дар зоҳиршавии истиора дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ нақши асосӣ доранд. Истиорашаванда дар ин маврид ҳамон қолаби воҳиди фразеологӣ мебошад, ки истиора шудааст ё ба таври дигар мафҳумеро истиора намудааст. Яке аз нишонаҳои асосии истиора дар он аст, ки истиорашаванда бояд аз рӯйи ифодаи хусусият, аломат ва дигар паҳлуҳои хос аз соҳибистиора боло истад ва он

нишонаҳоро равшану барҷаста ифода намояд. Агар чунин бартариро истиорашаванда дар худ ошкор карда натавонад, пас, истиораи таркиби онро муқаррар намудан ғайриимкон аст. Яъне дар ин маврид муқоисае, ки ба зоҳиршавии беҳтару хубтари мафҳум сабаб мегардад, мавҷудияти истиорашавандаро дар воҳиди фразеологӣ таъмин мегардонад. Масалан, дар воҳидҳои фразеологии истиоравии зайл қолабҳои устувору маъмули онҳо – **борони чизеро резондан, домани чизеро сар додан, ба чизе супоридан** ва **санги чизе афкандан** истиорашаванда буда, ҷузъҳои **қаҳру ғазаб, гиря, бойгонии хотира** ва **маломат**, ки дар таркиби онҳо бо маънои луғавӣ омадаанд, соҳибистиора мебошанд. Ин навъи воҳидҳои фразеологии истиоравиро фраземаҳои истиоравӣ номидан дуруст аст: **борони қаҳру ғазабро ба сари касе резондан** «нисбати касе дарқаҳр шудан, ба касе ғазаб кардан», **домани гиряро сар додан** «гиря кардан», **ба бойгонии хотира супурдан** «дар хотира сабт кардан», **санги маломат сӯйи касе афкандан** «касеро сарзанишу маломат кардан» ва ғайра:

Аз ин рӯ, намедонед **борони қаҳру ғазабро ба сари кӣ резед** (Ҳамдам А., Оби зери ях, 8105). Вақте ӯ фурӯпошии баргҳои хурду заб-зардро бо чашми сар медид, аз алам қариб буд **домани гиряро сар диҳад** (Ҳамдам А., Оби зери ях, 209). Нигоҳҳои нусхагирро сӯйи хеш дида, бояст ин лаҳзаҳои ширини ҳанӯз беномро ночор **ба бойгонии хотира месупориданд** (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор, 46). Пинҳону аён арӯсашро маломаткунон назди худиву бегона **санги маломат сӯяш меафканд** (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор, 79).

Дар мисолҳои боло ҷузъҳое, ки истиорашаванда мебошанд, бо устувории таркиби сохториву луғавии худ дар созмони қолаби фразеологизмҳо аҳаммияти муҳим доранд. Онҳо барои маънои иловагӣ ва рангубори тоза гирифтани калимаҳои соҳибистиора, яъне ҷузъҳои нисбатан ноустувори таркиби воҳидҳои фразеологӣ, хизмат кардаанд.

Тавре зикр намудем, дар воҳидҳои фразеологии истиоравӣ ёридиҳандаи ташбеҳсоз иштирок намекунад, вале мантиқан он дар назар дошта мешавад, ки ин яке аз нишонаҳои фарққунандаи фразеологизмҳои истиоравӣ маҳсуб меёбад.

Ҳамин аст, ки дар воҳидҳои фразеологии истиоравӣ дар нисбати ташбеҳоти фразеологӣ ошкор намудани истиораи таркиби он як андоза мушкилтар аст. Агар дар созмони фразеологизмҳои ташбеҳӣ унсурҳои ташбеҳшаванда, ташбеҳкунанда ва адоти ташбеҳ боиси равшану барҷаста ифода ёфтани тобишҳои ташбеҳиву муқоиса дар онҳо гарданд, дар воҳидҳои фразеологии истиоравӣ ин вазифаро танҳо унсурҳои истиорашаванда ва соҳибистиора иҷро мекунанд. Алоқаи миёни ин ду ҷузъи истиорасоз бе ифодаи ёридиҳандаи муайян сурат мегирад ва доимиву устувор аст. Аз қабили **ба оташи ғурури касе равған рехтан** «ғурури касеро паст кардан», **дар баҳри ишқ ғарқ шудан** «аз ишқ огоҳӣ доштан, ошиқ будан», **инони ихтиёрро аз даст додан** «ҳолати беихтиёриро гирифтан», **дар дили касе оташи ҳарос фурӯзон кардан** «касеро ба ҳарос овардан, тарсондан»:

Суханони ҳамдардии занҳо гӯё **ба оташи ғурури Зебо равған рехт**, ки якбора даргирифт (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор, 168). Ӯву Маҳбуба аллакай **дар баҳри ишқ ғарқ шуда** буданд (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 25). Назирзода асабӣ шуд, қариб монда буд, ки **инони ихтиёрро аз даст диҳад** (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 218). Тарзи нигоҳ, тааҷҷубу ҳайрат ва мушоҳидакории меҳмон **дар дили Ҷеймс оташи ҳарос фурӯзон кард** (Зоҳир А., Завол, 72).

Вобаста ба он ки дар зоҳиршавии истиора истиорашаванда ва соҳибистиора ё яке аз онҳо иштирок мекунад, воҳидҳои фразеологии истиоравиро низ метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд: воҳидҳои фразеологии истиоравии равшан ва пӯшида. Дар фразеологизмҳои истиоравии равшан ҳама ҷузъҳои истиорасоз иштирок намуда, истиора комил ва барҷаста ифода меёбад. «Истиораи равшан хоси шеър буда, ба воситаи он шоир мақсадашро пардапӯшона ифода мекунад. Баъзан дар воҳидҳои фразеологӣ низ чунин истиораи равшан истифода мешавад» [Дӯстов Ҳ., 2014, с. 57]. Дар ин гурӯҳи ифодаҳои рехтаи истиоравӣ сохтори фразеологизм устувор буда, мафҳум дар он ба таври равшан ифода меёбад. Дар онҳо соҳибистиора сарфи назар шуда, танҳо истиорашаванда зикр мегардад, ки чунин омил дарки истиораро дар мундариҷаи онҳо як андоза мушкил мегардонад. «Агар соҳиби истиора вогузор шавад, яъне

зикр наёбаду танҳо истиорашаванда мазкур гардад, онро истиораи равшан ё истиораи битасреҳ меноманд» [Зеҳнӣ Т., 1967, с. 59].

Ин навъи воҳидҳои фразеологии истиоравиро метавон ҳамчун идиомаҳои истиоравӣ маънидод намуд, ки ҳама ҷузъҳои таркибии онҳо бо маънои маҷозӣ омада, дар зоҳиршавии истиора кумак мерасонанд. Аз қабили **як курта гӯшт гирифтан** «аз натиҷае хурсанд ва қаноатманд шудан», **мӯро аз хамир ҷудо кардан** «ҳақиқатро ошкор намудан», **ба сари касе лой молидан** «касеро фиреб додан», **чароғи касе ба об афтид** «умеди касе барбод рафт, касе ноумед шуд» ва ғайра:

… аз ин хабари хуш **як курта гӯшт гирифтагӣ** барин дастонашро мушт кард (Муҳаббати Ю., Пайванди шикаста, 41). – Ва ман умед дорам, ки додситон **мӯро аз хамир ҷудо мекунад** (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 46). Ман писарони Лангро ёр гирифта бовар кардам, **ба сарам лой молиданд** (Сорбон, Барзгар, 90). Дар ин маврид **чароғаш ба об меафтад**, роҳгардиаш суст шуда, хиҷолатзада ба қафо мегардад (Самадов А., Майдон, 22).

Дар воҳидҳои фразеологии истиоравии пӯшида бошад, истиорашаванда зикр наёфта, ягон паҳлу, қисм, хусусият, аломат, ё хислати барҷастаи он иловатан бо соҳибистиора оварда мешавад. Ин гуна воҳидҳои фразеологии истиоравиро қолабҳои фразеологӣ номидан ба мақсад мувофиқтар мебошад, зеро дар онҳо қолаби ифода боқӣ монда, соҳибистиораи он, ки калимаи аз маънои маҷозӣ орӣ аст, пайваста иваз мешавад. Он метавонад ҷойи худро бо унсурҳои ҳамвазн ё калимаҳои дигар иваз намояд. Ҳамин аст, ки дар асоси қолаби ягона ва тағйир ёфтани яке аз ҷузъҳои таркибии он доираи истеъмоли ин гуна фразеологизмҳои истиоравӣ васеъ мебошад. Барои исботи андеша ҷумлаи фразеологии «**риштаи ... канд (барканд)**»-ро аз назар мегузаронем. Ин ҷумлаи рехта дар шаклҳои **риштаи хаёл канд, риштаи суҳбат канд, риштаи андеша барканд, риштаи умр канд, риштаи ҷон канд, риштаи ҳаёт канд, риштаи ошноӣ барканд, риштаи хотирот канд, риштаи умед канд** ва ғайра хеле серистеъмол аст. Маълум мегардад, ки дар ин ҷумлаҳои фразеологии истиоравии ҳамқолаб яке аз ҷузъҳои онҳо, яъне соҳибистора якзайл иваз мешавад. Агарчи

миёни ин шаклҳо умумияти ягона, яъне мавҷудияти образи умумӣ дар ҳамаи онҳо ба назар мерасад, бо вуҷуди ин онҳоро гунаҳои якдигар номидан дуруст нест. Ин ҳамон як қолаб аст ва он ба миқдори муайяни калимаҳои ҳамҷинс, ки ифодакунандаи мафҳумҳои гуногунанд, ифода меёбад:

Ин боғи ман, – гуфт Маҳкам ва **риштаи хаёли Давронро канд** (Кӯҳзод У., Писанддара, 97). **Риштаи суҳбаташон канда шуд**, хаёлҳои дурашон ҳам (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 351). … дари палата ногаҳон кушода даромадани ҷарроҳ ва мудири шуъбаи бемористони ҳарбӣ **риштаи андешаи ӯро барканд** (Мамадов К., Кофтукови ҷиноятkор, 165). Пайкари эшони Саидҷалолхон рӯи барф мехобид, **риштаи умраш** аз дасти Барзуи оқипадар **канда гашта** (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 13). Боз **риштаи ҷони яке** аз дасти нохалаф дар Дараи Марг **канда шуд** (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 59). Баъд, ана, **риштаи ҳаёти ӯ**, Наврӯз, муфт **канда мешавад** (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 397). Агар наояд, пас **риштаи ошноиро бармеканад** (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 305). Нидои Мавлуда **риштаи хотироти Тоҷинисоро канд** (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 99). **Риштаи умеди Усто Анвар канда шуд** (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 147).

Ё ин ки дар ҷумлаҳои фразеологии истиоравии **ба дили касе ваҳм афтод** ба маънои «касе тарсид, ба ваҳм омад», **ба дили касе оташ/алов афтод** «касе безобита, беқарор шуд» ва **ба дили касе ҳавл афтод** «касе ҳаросон шуд» низ қолаб ягона буда, калимаҳои **ваҳм, оташ, алов** ва **ҳавл** ба истиорашаванда аломати иловагиеро зам намудаанд:

Ба дили Бободӯстов ваҳми дигар **афтод** (Наҷмиддинов М., Дарё маҷрои нав меҷӯяд, 49). **Ба дили Давлат оташ афтод** (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 255). **Ба дили Тоҷинисо алов афтод** (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 129). Озуқачиён аз чашм пинҳон шуда буданд, ки **ба дили Иброҳим ҳавл афтод** (Айнӣ С., Дохунда, 379).

Ҳамин тариқ, истиораи забонӣ аз истиора ҳамчун воситаи муассирии каломи манзум фарқ намуда, зоҳиршавии он, асосан, дар мундариҷаи маънои калима ва воҳидҳои фразеологӣ сурат мегирад, ки дар ин миён мақоми фразеологизмҳо нисбатан устувор аст.

2.6. Хусусиятҳои сохтории воҳидҳои фразеологии истиоравӣ

Воҳидҳои фразеологии истиоравӣ ба монанди дигар навъҳои ифодаҳои рехтаи забони тоҷикӣ ба гурӯҳҳои сохторӣ тасниф мешаванд ва чунин таснифот дар заминаи ибора, таркиб ва ҷумлаҳои фразеологӣ сурат мегирад. Агар дар созмони фразеологизмҳои муболиғавӣ мо танҳо ду навъи сохторӣ – ибора ва ҷумлаҳои фразеологиро баррасӣ намуда бошем, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки истиораҳои фразеологӣ метавонанд дар қолаби ҳама гурӯҳҳои сохторӣ ташаккул ёбанд. Дар ин ҳолат мо атрофи қолабҳои маъмуле, ки воҳидҳои фразеологии истиоравӣ дар заминаи онҳо шакл мегиранд ва ҷузъҳои таркибии онҳо, ки бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ пур карда мешаванд, ҳарф намезанем, зеро маълум аст, ки ин навъи фразеологизмҳо низ дар асоси қолабҳои маъмули наҳвӣ созмон меёбанд ва ҳоҷати такрори назарияи мазкур боқӣ намемонад. Аз ин ҷиҳат, вижагиҳои сохтории фразеологизмҳои истиоравиро мо танҳо дар доираи қабатҳои сохтории онҳо ба риштаи таҳлил мекашем.

2.6.1. Таркибҳои фразеологии истиоравӣ. Агар дар таснифоти сохтории воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ таркибҳои фразеологӣ вобаста ба адами нишондиҳандаҳои забонии он сарфи назар шуда бошанд, маълум мегардад, ки истиора дар қолаби таркибҳои рехта зоҳир шуда метавонад. Ин ҷо низ ба ҳайси талаботи асосӣ ифодаи мафҳум дар қолаби таркиби фразеологии муайян муқаррар карда мешавад. Ҳарчанд ин навъи воҳидҳои фразеологии истиоравӣ миқдоран камтар ба назар мерасанд, вале бо як қатор нишонаҳои хос аз дигар қабатҳои фразеологизмҳои истиоравӣ тафовут доранд. «Миёни навъҳои сохторӣ-семантикии воҳидҳои фразеологӣ мақоми намоёнро таркибҳои фразеологӣ соҳибанд, ки бо як қатор нишонаҳо аз ибора ва ҷумлаҳои фразеологӣ фарқ мекунанд. Таркибҳои фразеологӣ ба монанди дигар гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои рехта аз ду ва зиёда ҷузъҳо иборат мебошад, ки аз ҷиҳати сохтори луғавӣ устувор буда, аз рӯйи мундариҷаи умумӣ ягонаанд» [Маджидов Х., 2006, с. 283].

Бояд қайд намуд, ки таркибҳои фразеологии истиоравӣ ҳамон қолаберо доранд, ки дигар навъҳои таркибҳои рехта ба онҳо соҳибанд. Дар онҳо низ нишондиҳандаи асосии таркиб, яъне унсури таъминкунандаи алоқаи тобеъ вуҷуд надорад ва наметавон ҷузъи асосии грамматикиро дар сохтори онҳо муқаррар намуд. Маҳз мавҷудияти чунин нишонаҳо мебошад, ки онҳо дар шаклҳои мухталифи дастурӣ камтар вомехӯранд ва бештар дар доираи танҳо як қолаби грамматикӣ истифода мешаванд. Танҳо фарқ аз дигар гурӯҳҳои таркибҳои фразеологӣ дар мундариҷаи маъноии онҳо ин аст, ки дар он истиора ҳамчун нишондиҳандаи асосии ифодаи образноки мафҳум баромад мекунад ва ба мавҷудияти тобишҳои маъноӣ сабаб мегардад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таркибҳои фразеологии истиоравӣ танҳо дар доираи як қолаб – қолаби таркибҳои ҷуфти фразеологӣ шакл мегиранд. «Яке аз навъҳои маъмули таркибҳои фразеологиро таркибҳои фразеологии ҷуфт ташкил медиҳанд. Онҳо дар қолаби устувори худ ду калимаи аз ҷиҳати категориявӣ баробарро ғунҷондаанд, ки дар бештари ҳолатҳо ба воситаи пайвандаки пайвасткунандаи -у (ё вариантҳои он -ву ва -ю) алоқаманд мегарданд» [Маджидов Х., 2006, с. 290]. Ба ҷумлаи таркибҳои ҷуфти фразеологии исторавӣ метавон таркибҳои зерини **гаштаю баргашта** дар ифодаи маъноии «аз нав, дубора», **меҳтару кеҳтар** «ҳамагон, ҳама кас», **гапу калоча** «овоза» ва **шикасту рехт** «нозукӣ, махсусият»-ро ворид намуд, ки аз ҷиҳати таркиби луғавӣ гуногун буда, маҳз умумияти маъноии онҳо мундариҷаи семантикии онро таъмин намудааст. Дар ин маврид нақши нишондиҳандаи грамматикии таркиби онҳо – пайвандаки пайвасткунанда назаррас мебошад:

Сабоҳатхон **гаштаю баргашта** мегуфт, ки ҳамсарашро ба таваллудхона бурданд ва аллакай чашмаш равшан гаштааст… (Фирӯз Б., Тору пуд, 103). ... ҳатто занҳо, ки бо таҷҷуб ба ин ҷавони богурдаву чолок бо густохӣ ба **меҳтару кеҳтари** қавм дӯғ мезад, нигоҳи ҳайрат медӯхтанд (Зоҳир А., Завол, 25). Шарифа парда аз рӯи асрор, **гапу калоча** бардоштан гирифт (Наимӣ Қ., Фоҷиа дар чашмасор, 80). Наваскарҳо, хуни ҷавонӣ дар ҷӯш, ҳанӯз **шикасту рехти** зиндагиро надидаву талхиву шӯрии ҳаётро начашида бо табассум даст

меафшонданду падару модарон чашмҳо пурнам, дилу ҷигар сӯзону садпора, кафи дуо мекушоданд… (Самад А., Гардиши девбод, 74).

Аз таҳлили мисолҳои боло бармеояд, ки дар таркибҳои фразеологии истиоравӣ, ки қолаби муайянро соҳибанд, имконияти зоҳиршавии истиора дар муқоиса бо ибора ва ҷумлаҳои фразеологии истиоравӣ нисбатан маҳдудтар аст. Таркиби луғавии онҳо, ки танҳо аз ду унсури мустақилмаънои бо ҳам алоқаманд ташкил меёбад, истиорарро ба тарзи хеле хираву норавшан зоҳир мекунад. Сохтори онҳо таркибҳои ҷуфти дуҷузъаи кушодаро ба хотир меорад, ки хеле серистеъмоланд.

Таркибҳои фразеологии ҷуфти истиоравӣ бештар дар қолаби таркибҳои рехтае тарҳандозӣ мешаванд, ки онҳоро ба таркибҳои ҷуфти фразеологии исмӣ мансуб донистан мувофиқ аст. Мувофиқати тобишҳои фразеологӣ ва грамматикии ин навъи таркибҳо дар заминаи умумияти маънои фразеологии онҳо фароҳам меояд ва унсурҳои таркибии онҳоро, асосан, исмҳои ифодакунандаи ашёҳои мухталиф ташкил медиҳад. Ҷолиби диққат он аст, ки дар ин гурӯҳи таркибҳои фразеологӣ ҳарду ҷузъ мансубияти ҳиссаинутқии баробар доранд, яъне онҳо ба як қабати лексикию грамматикӣ мансубанд. Ба таври дигар, хусусияти ин гуна таркибҳои фразеологӣ дар он зоҳир мешавад, ки ҷузъҳои таркибии онҳо аз ҷиҳати морфологӣ якхелаанд, яъне агар ҷузъи якум бо исм ифода шуда бошад, ҷузъи дуюм низ бояд ба исм мансуб гардад. Барои муқоиса, масалан, сохтори морфологии таркибҳои ҷуфти фразеологии исмии истиоравии зайл: **тану ҷон** «асос, марказ», **лашу луш** «чизу чора, дорой», **дилу гурда** «ҷасорат» ва **пушту паноҳ** «саробон, пуштибон» аз исму исм ташкил ёфтаанд:

Лекин растании зараровар навъҳое дорад, ки онҳо бештар дар мағзи **тану ҷони** кишти деҳқон ҷой гирифта, устокорона руст мешаванд ва ғизои муфтро макида, зиндагӣ ба сар мебаранд (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 53). Зан аз Ҳалим пештар дохили маконаш шуда, **лашу луши** парешон хобкардаро саросемавор ғундоштан гирифт (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 66). Ин ҳаромхиштак **дилу гурдаи** мардӣ надорад (Сорбон, Барзгар, 18). Бори нахуст вонамуд карданӣ шуд зан, ки муҳаббат надорад ба раис, ба хотири хотирҳо тани

худро ба ӯ бахшидааст, раис неву дигар кас ҳам бошад, **пушту панох** шавад, ӯ ба ин роҳ мерафт (Сорбон, Барзгар, 35).

Маводи фаровони таҳлилшуда аз он шаҳодат медиҳад, ки қисмати зиёди таркибҳои ҷуфти фразеологии исмии истиоравии забони тоҷикиро таркибҳое ташкил медиҳанд, ки аз ду исм ташкил ёфта, қолаби **и+у+и**-ро доранд. Ҳамчун ҷузъҳои дохилии таркибҳои мазкур исмҳое корбурд доранд, ки ашё ва ҳодисаҳои гуногуни ҳаёти воқеиро ифода менамоянд. Бояд қайд намуд, ки дар ин маврид низ мувофиқат ва умумияти ягонаи сарфии онҳо риоя мегардад. Ба таври дигар, агар ҷузъи якум исми ғайришахс бошад, ҷузъи дуюм низ дар ҳамин навъ меояд ва ба ин монанд дигар гурӯҳҳои исмӣ низ бо ҳамин тартиб вазифаи худро дар таркибҳои ҷуфти фразеологии истиоравӣ иҷро мекунанд. Дар таснифоти чунин исмҳои дохили таркибҳои зикршуда қабатҳои мавзуии онҳоро низ муқаррар намудан мумкин аст, масалан, ҳарду унсур метавонанд узвҳои бадан, ашёҳои беҷон ё дигар мафҳумҳоро ифода кунанд: **дилу гурда** «ҷасорат», **рагу пай** «ҳама узви бадан», **ному нишон** «хабару дарак», **ҳисобу китоб** «баршумурдан» ва монанди инҳо:

– Бо ҳамин **дилу гурда** шон боз зангир, – коҳишомез ғурунгид холаи Ошуфта (Самадов А., Паррончакҳо, 122). Не, медонед, вале дар **рагу паям** чоргома медавед, то ҳама эҳсосоти шукуфандаро, ки аз ранҷ ва шиканҷаҳое, ки тайи рӯзгори хеш таҳаммул мекунам, барӣ созед (Зоҳир А., Завол, 6). Аз ин балои зормонда се сол боз **ному нишоне** набуд, имсол аз нав пайдо шуд, боз дар чунон як масоҳати калон, ки ҳоло дили ҳама сип-сиёҳ аст (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 111). Лозим омад, ки дар тартиби **ҳисобу китоби** меҳнат ва музди он, дахлу харҷи хоҷагӣ дигаргуниҳои бисёре ҷорӣ карда шавад (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 157).

Дар таркибҳои ҷуфти фразеологии истиоравии зерин бошад, ҳар ду ҷузъи таркиби онҳоро феълҳои ёридиҳандаву амрӣ ва зарфҳои гуногун ташкил додаанд, ки қолаби онҳо ба таври **ф+у+ф** ва **з+у+з** мебошад: **буду шуд** «ҳама чиз, дорой», **сӯзу гудоз** «сӯхтан, ғам хӯрдан», **ҷӯшу хурӯш** «бо завқу шавқ амал

кардан», **гиру мон** «рафтору кирдор», **дирӯзу имрӯз** «ҳолати гузаштаву кунунӣ», **каму кост** «камбудӣ, норасоӣ», **болою поён** «ҳама ҷониб» ва ғайра:

Буду шуд чизҳои дуздиву тозиатро пул карда доданӣ шудам (Сорбон, Барзгар, 80). Ин **сӯзу гудозаш** аз алам аст – аз алам! (Икромӣ Ҷ., Ҳикоя ва очеркҳо, 148). – Бале, ин пешравӣ, ин **чӯшу хурӯши** сохтмони бинои коммунизм сар то сари Ватани паҳновари моро фаро гирифтааст… (Икромӣ Ҷ., Ҳикоя ва очеркҳо, 207). Ва **гиру мону** гуфтугӯяш ба синну соли ӯ намечаспид, ҳамчун мӯйсафедон солору пухта менамуд (Самадов А., Майдон, 9). … оё шумо ба он – ба шаҳратон аз дур ва наздик, аз **дирӯзу имрӯзу** фардо ҳеҷ нигоҳе кардаед? (Икромӣ Ҷ., Ҳикоя ва очеркҳо, 158). Ин марди тақрибан панҷоҳсолаи миёнақад, рӯйгирд, вале газгӯшту хушмуомила аз **каму кости** рӯзгор ҳаргиз пеши касе лаб намекушояд (Самадов А., Майдон, 54). Бобои Ӯзбакхоҷа аз **болою поён** гап андохта, баъд ба сари суоли Сархӯр гузашт (Мирзо К., Ишқи сархӯр, 20).

2.6.2. Ибораҳои фразеологии истиоравӣ. Чун қоида дар ин маврид низ мавқеи ибораҳои фразеологӣ дар нисбати таркиб ва ҷумлаҳои фразеологии истиоравӣ намоёнтар аст. Маъмулан қисми зиёди воҳидҳои фразеологии истиоравиро ибораҳои фразеологии истиоравӣ ташкил медиҳанд, ки бештар дар қолаби феълӣ зоҳир мешаванд. Яъне ибораҳои фразеологии истиоравӣ танҳо дар як қолаб – қолаби ибораҳои фразеологии феълӣ ба мушоҳида мерасанд. Қолабҳои дигари ибораҳои наҳвӣ барои зоҳиршавии истиора мувофиқ набуда, дар онҳо воситаҳои дигари тасвири бадеӣ мушоҳида мешаванд. Ин ҳолатро мо ба он алоқаманд медонем, ки аввалан миқдори ибораҳои фразеологии феълӣ дар захираи фразеологии забони тоҷикӣ хеле зиёд аст ва баъдан маҳз ҳамин қолаб (тавре дар мавриди воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ низ зикр намудем) барои зоҳиршавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар мундариҷаи сохториву маъноии худ имконияти бештар дорад. Дар мавриди истиораҳои фразеологӣ низ ҳамин назарияро тасдиқ намудан мумкин аст, яъне шакли феълии ибораи фразеологӣ, ки аксаран тафсилёфта мебошад, истиорарo ба монанди дигар воситаҳои муассирӣ дар худ равшантару барҷаста инъикос менамояд. Ба назари мо,

фароҳам омадани чунин падидаи мувофиқ ба қолаби рехтаву яклухт ва ифодаи маънои устувору ягона дар ибораҳои фразеологии феълӣ алоқаманд аст, зеро таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ин навъи ибораҳои фразеологӣ таносуби сохториву маъноии калимаҳои ҳиссаҳои гуногуни нутқ бо ҷузъи асосии он – феъл, риоя мегардад ва ин ҳолат барои зоҳиршавии воситаҳои тасвири бадеӣ мувофиқу мусоид аст. Ин назарияро бо ибораҳои фразеологии зайл метавон тасдиқ намуд, ки сохтор ва маънои онҳо барои соҳибони забон фаҳмову қабулшудаанд: **ба иззати нафси касе расидан** «табъу кайфияти касеро халалдор намудан», **хуни ҷигар шудан** «азобу машаққати зиёд кашидан», **даст ба оби хунук назадан** «ифодаи ҳолати бекории ғуруромез», **ба сари касе об рехтан** «касеро несту нобуд кардан»:

Ин гапҳо **ба иззати нафси Шариф** сахт **расид**, ки ранҷишомез гуфт... (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 68). Ҳайдарҷон чанд соат **хуни ҷигар шуд**, вале то охир тоқат кард, вай ҳамин хел одам аст (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 146). … аз назди оина дур нагашта шаборӯз сурати хеш тамошо кунад ва **даст ба оби хунук назада**, ҳама чиз пушти по занад, ки чӣ олиҳаи ҳусн аст (Сорбон, Барзгар, 102). Ҳамаашонро дар як рӯз гирифта ба дор меовезанд, аз манор мепартоянд, бадарға мекунанд, **ба сарашони об мерезанд** мемонанд-дия (Айнӣ С., Дохунда, 193).

Агар дар ибораҳои фразеологии муболиғавӣ ва ташбеҳӣ тобишҳои муболиға ва ташбеҳ вобаста ба нишонаҳои забониашон дар мундариҷаи онҳо як андоза баръало эҳсос шаванд ва ин ҳолат аксар ба ифодаи феъли таркиби онҳо вобаста бошад, дар ибораҳои фразеологии истиоравӣ ин ҳолат дигаргуна сурат мегирад. Дар онҳо тамоми қолаб ва сохтори ибора дар шакли яклухт бар ивази мафҳуми образнокшуда меояд ва маҳз ҳамин ҷиҳат вазифаи забонии истиораро дар воҳидҳои фразеологӣ нишон медиҳад. Яъне агар дар истиораи луғавӣ як калима ба ҷои калимаи дигар бинобар ҳамшафативу ҳамҳудудии миёни мафҳумҳо истифода шавад, дар истиораи фразеологӣ ин ҳолат дар доираи истифодаи воҳиди фразеологӣ бар ивази мафҳуми муайян сурат мегирад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки моҳияти асосии зоҳиршавии истиораи фразеологиро корбасти воҳиди фразеологӣ бар ивази мафҳуми алоҳида ташкил

медиҳад, ки он мафҳумро ба таври хубтару равшантар ифода мекунад. Агар дар истиораи луғавӣ ин вазифаро калима иҷро кунад, дар истиораи фразеологӣ чунин масъулият бар дӯши воҳиди фразеологӣ қарор мегирад. Чунончи, дар ҷумлаҳои поён корбурди ибораҳои фразеологии феълии истиоравии **ризо ба қазо додан** «тан додан, розӣ шудан», **аз таги нохун чирк кофтан** «муғризона камбудиро ошкор намудан», **аз як гиребон сар баровардан** «иттифоқу сарҷамъ будан» ва **обро лой кардан** «бо макру ҳилла ба мақсад расидан» бо мақсади ифодаи хубтари мафҳумҳои гуногун сурат гирифта, обуранги бадеии ҷумлаҳо таъмин гардидааст:

… бинобар ин ҳозир **ризо ба қазо дода**, ба баромадани ягон соҳибхуруҷе мунтазир шуда истодан салоҳ аст (Айнӣ С., Дохунда, 263). Як зумра аксулинқилобчиҳо ҳастанд, ки **аз таги нохун чирк кофта** мегарданд… (Икромӣ Ҷ., Тахти вожгун, 65). – Ҳеҷ гоҳ **аз як гиребон сар бароварда** наметавонем (Икромӣ Ҷ., Духтари оташ, 406). Ман бо роҳи худ, ту, Ашӯрабону бо роҳи худ **обро лой мекунем** (Наимӣ Қ., Фоҷиа дар чашмасор, 37).

Дар ибораҳои фразеологии истиоравии феълӣ низ ба монанди дигар навъҳои фразеологизмҳо ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои аз ҷиҳати сохтор гуногун иштирок мекунанд. Ҳам феълҳои сода ва ҳам таркибии номӣ ба вазифаи ҷузъи феълии ибора омада, дигар унсурҳои таркибии ибора мантиқан ба онҳо муносибати маъноӣ барқарор мекунанд. Дилхоҳ калимаи мансуби ин ё он ҳиссаи нутқ дар таркиби ибораҳои фразеологии феълии истиоравӣ вобаста ба ҳамнишинии мувофиқ бо ҷузъи асосии онҳо умумияти маъноиро ба вуҷуд меоранд. Ҳама ҷузъҳои таркибии ибораи фразеологӣ дар ин маврид бо унсури феълии он ҳамчун як воҳиди яклухт дар созмони мундариҷаи он баромад мекунанд. Ҷузъи феълии ин навъи ибораҳои рехтаро наметавон ба сифати унсури алоҳидаи зоҳиркунандаи истиора маънидод намуд, зеро талаботи асосӣ дар ин ҳолат на ифодаи ҷузъи алоҳидаи ибораи фразеологӣ, балки тамоми сохтори луғавию грамматикии он мебошад. Агар дар ибораҳои фразеологии муболиғавӣ мо унсури феълиро ҷузъи асосие ҳисобем, ки маҳз тобиши муболиғавии мафҳум дар он ҷамъбаст мегардад, ин назарияро дар ибораҳои фразеологии истиоравӣ

наметавон тасдиқ намуд. Дар онҳо тамоми қолабу сохтори ибора ба ҳайси як унсури рехтаву аз ҷиҳати луғавию грамматикӣ мустаҳкам якҷоя дар зоҳиршавии истиора нақш доранд. Ҳатто дар ибораҳои фразеологии феълии истиоравие, ки дар онҳо соҳибистиора пайваста иваз мегардад, қолаби ягонаи ибора тағйир наёфта, он ҳамчун заминаи асосии зоҳиршавии истиора ҳисобида мешавад. Масалан, дар ибораҳои фразеологии истиоравии зайл, ки ба вазифаи ҷузъи асосии онҳо феълҳои содаву таркибӣ омадаанд, қолаб ва сохтори онҳо чун ду қутби ба ҳам алоқаманд ва ҷудонашаванда дар зоҳиршавии истиора мавқеи меҳвариро доранд: **ба чашми касе хок пошидан** «касеро дар ғафлат мононда фиреб кардан», **аз элаки афкор гузарондан** «хуб фикру андеша намудан», **дар хашм фурӯ рафтан** «ба хашм омадан, дар қаҳр шудан», **лаҷоми касеро кашидан** «касеро ба итоат даровардан, сари вақт касеро аз амале боздоштан»:

… ҳеҷ намегузорем, ки вай: бачаи ношинос, бедару хона **ба чашми ту** як ҳавуч **хок пошида**, ба кӯҳистонаш гирифта равад (Наимӣ Қ., Фоҷиа дар чашмасор, 173). Ман мегӯям, ки одам сухани касеро бе он ки аввал **аз элаки ақидаю афкори** худ **гузаронад**, набояд такрор кунад (Муҳаммадиев Ф., Одамони кӯҳна, 19). Падарам ин воқеаро аз куҷо буд шунида оташин шуда, ба хона омад ва чунон **дар хашм фурӯ рафта** буд, ки тамоми аъзояш меларзид (Айнӣ С., Ёддоштҳо, 125). Аз афташ, **лаҷомашро кашида** истодан лозим меояд (Кӯҳзод У., Писанддара, 94).

2.6.3. Ҷумлаҳои фразеологии истиоравӣ. Ташхису таҳлили маводи бадеӣ нишон дод, ки ҷумлаҳои фразеологӣ низ метавонанд дар мундариҷаи худ истиораро вобаста ба мақсаду мароми муайян инъикос намоянд ва ин навъи ҷумлаҳои рехтаро метавон ҷумлаҳои фразеологии истиоравӣ номид. Онҳо низ ба монанди дигар гурӯҳҳои ҷумлаҳои устувор қолаби ҷумлаҳои наҳвӣ, асосан, ҷумлаҳои содаро доранд ва дар заминаи маҷозонидани тамоми ҷузъҳо ё қисмате аз онҳо ва устувории сохтори грамматикӣ ба воҳиди рехта табдил меёбанд. Дар онҳо низ мантиқан ҳама унсурҳои зарурӣ барои ифодаи фикр иштирок менамоянд ва алоқаи миёни онҳо низ гӯё зоҳиран барқарор аст. Ҳол он ки

муқаррар шудааст, ки ҳам унсурҳои озод ва ҳам ёридиҳанда дар сохтори бештари воҳидҳои фразеологӣ танҳо вазифаи шаклдиҳӣ доранду халос.

Дар миёни ҷумлаҳои фразеологии забони тоҷикӣ мавқеи ҷумлаҳои содаи фразеологии истиоравӣ намоён аст. Дар онҳо, ки қолаби ҷумлаҳои содаи наҳвиро ба хотир меоранд, ифодаи мафҳум ба тавассути ҷумлае сурат мегирад, ки дар мундариҷаи он истиора шах шуда мондааст. Истиораи мундариҷаи ҷумлаҳои фразеологии истиоравӣ ба воситаи маҷози таркиби онҳо зоҳир мегардад ва дар ин замина вазифаи маъносозиро иҷро мекунад. Аз ин ҷост, ки дар мундариҷаи маъноии аксари ҷумлаҳои содаи фразеологии истиоравӣ тобишҳои маъноии гуногун ба мушоҳида мерасанд. Дар ин самт ҷумлаҳои содаи дутаркибаи фразеологӣ бештар фаъоланд, ки дар худ оҳангҳои мухталифи образноку баҳодиҳӣ ва эҳсосотиро ғунҷондаанд. Ба монанди **даҳони касе тафсид** «касе зиёд сухан гуфт», **дили касе равшан шуд** «касе баумед шуд, табъи касе болида гардид», **ранги рӯи касе канд** «касе сахт тарсид», **чашми рӯз кафид** «саҳар, рӯз шуд»:

Вай акнун **даҳон тафсонда**, ба таънаву надомати келин ва авлоди ӯ сар карданӣ буд… (Кӯҳзод У., Роҳи паси ағба, 258). Аммо омадани Мухторҷонро фикр карду боз **дилаш равшан шуд** (Ҳошимов Ӯ., Нур ва соя, 61). Нигоҳи шубҳаомез ва ғазаболуди ин галабони паҳлавонҷусса саройбонро андак бесаришта карда монд ва ба назар андак **ранги рӯи ӯ** ҳам **канд** (Улуғзода С., Восеъ, 84). Ҳамин замон **чашми рӯз мекафад** (Муҳаммадиев Ф., Сози мунаввар, 11).

Ҷумлаҳои содаи истиоравӣ бештар дар шакли ҷумлаҳои содаи дутаркибаи кушода вохӯрда, бисёрҷузъа мебошанд. Аксарияти онҳо бо унсури муайянкунандаи номуайянӣ аз се ва зиёда ҷузъҳо иборатанд. «Аломатҳои фразеологии биёрҷузъа аз се ва зиёда аъзоҳо иборатанд. Масалан, агар воҳидҳои фразеологии дуҷузъа, ки дар сохтори ҷумлаҳои дутаркиба ба мушоҳида мерасанд, танҳо аз мубтадову хабар ташкил ёбанд, дар фразеологизмҳои бисёрҷузъа ба ғайр аз онҳо боз пуркунанда, муайянкунанда ва дигар аъзоҳо иштирок мекунанд» [Маджидов Х., 2006, с. 99]. Дар чунин навъи ҷумлаҳои содаи

истиоравӣ, ки, асосан, аз унсурҳои номиву феълӣ ва ҷузъи номуайянӣ иборатанд, истиора маҳз дар ҷузъҳои асосии ҷумла – номиву феълӣ ифода меёбад. Ҷузъи номуайянӣ, ки дар ин маврид ба воситаи ҷонишинҳои номуайянии **касе, чизе** ифода мегардад, калимаҳои гуногуни ифодакунандаи исмҳои шахс ва ғайришахсро иваз менамояд, ки дар алоҳидагӣ бо ҷумлаи фразеологӣ овардани онҳо ягонагии қолаби ҷумларо коста мегардонад. Ҷузъи номуайяниро дар ин ҳолат метавон ҳамчун нишондиҳандаи шахс ва ашёҳои ғайришахс маънидод намуд, ки он ба қатори ҷузъҳои устувори таркибии ҷумлаи фразеологӣ дохил намешавад. Он метавонад дилхоҳ калимаеро иваз намояд, ки дар дохили матн ҳамчун унсури озоди таркиби воҳиди фразеологӣ истифода мешавад. Дар ин вазифа метавонанд калимаҳои мансуби исмҳо, сифатҳо, ададҳо ва ғайраҳо корбаст шаванд. Чунин калимаҳоро наметавон ба сифати ҷузъҳои ифодакунандаи истиораи мундариҷаи ҷумлаи фразеологӣ унвон кард, онҳо дар ҳолати берун аз матн овардани фразеологизм ба таври маъмул бо ҷонишинҳои номуайянӣ иваз карда мешаванд. Чунончи, дар матнҳои зерин, ки ҷумлаҳои фразеологии истиоравии бисёрҷузъа бо ҷузъи озоди худ дар шакли нисбатан муфассал ифода ёфта, вале берун аз матн дар шакли **тири касе ба нишон расид** «мақсади касе ба даст омад», **захраи касе кафид** «касе сахт тарсид», **байни касе хунукӣ афтод** «муҳаббату самимият миёни ду нафари наздик барҳам хӯрд», **осмон ба сари касе чаппа шуд** «ба касе нохушӣ, бадбахтӣ пеш омад» таҳлил карда мешаванд:

Тири Хол ба нишон бехато **расид** (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 132). Нохост дастам ба ярааш расида монд ё не, чунон доду бедод бардошт, ки ҷариб **захраам кафид** (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 225). Ҳаминаш нағз, **байнашон** ҷудоӣ, **хунукӣ афтод**, ба дили ӯ (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 94). **Осмон** гӯё **ба сари Ҳалиму Барно чаппа шуд** (Муҳаббати Ю. Пайванди шикаста, 56).

Дар қолаби ҷумлаҳои мураккаби фразеологӣ зоҳир шудани истиора дар муқоиса бо муболиғаву ташбеҳ дар забони тоҷикӣ камтар мушоҳида мешавад. Шояд ин ба он ҷиҳат вобаста бошад, ки қолаби ҷумлаҳои фразеологии мураккаб,

ки аксаран аз ду ҷумлаи сода таркиб ёфтааст, барои ифодаи истиора дар доираи ифодаи як мафҳум на он қадар муносиб мебошад. Ҳарчанд дар ҷумлаҳои мураккаби фразеологӣ низ мафҳуми образнокшуда инъикоси хубтари худро меёбад, вале, ба андешаи инҷониб, маҳз қолаби нисбатан тафсилёфта ва ифодаи мафҳум ба тавассути чунин қолаб истиорарo ба таври зарурӣ инъикос карда наметавонад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксарияти ҷумлаҳои мураккаби фразеологии истиоравӣ дар қолаби ҷумлаҳои мураккаби пайваст шакл мегиранд. Танҳо фарқ дар ҳамин аст, ки ҷумлаҳои содаи таркиби чинин ҷумлаҳо дар ин маврид мустақилиятеро, ки ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаби пайвасти наҳвӣ соҳибанд, надоранд. Устувориву рехтагии қолаби ҷумлаи мураккаби фразеологӣ дар ин ҳолат ҳамчун нишондиҳандаи асосии он намегузорад, ки ҷумлаҳои содаи таркиби он мустақилияти маъноиву грамматикиро дошта бошанд. Масалан, дар ҷумлаҳои фразеологии истиоравии **ту дидию ман надидам** ба маънои «ба таври фаврӣ, ба тезӣ», **шарташ рафтагӣ фарташ мондагӣ** «аз ҳама мондан, ифодаи пириву нотавонӣ» ва **сар раваду сир наравад** «бояд сир кушода нашавад» наметавон ҷумлаҳои содаи таркиби онҳоро унсурҳои мустақил шуморид ва маънои онро дар алоҳидагӣ ҳамчун ҷузъе аз маънои фразеологӣ таҳлил намуд:

Андак мундак яраро чунон дуруст мекунад, ки ту **дидию ман надидам** (Муҳамммадиев Ф., Асарҳои мунтахаб, 204).... ду сол пеш ин пирамарди **шарташ рафта фарташ мондагӣ** ҳамаро дар тааҷҷуб мононда, ба як ходимаи ҷои кораш – духтаре хонадор шуд (Ҷалил Р., Ҳамида, 1961). Ин боиси зиёд шудани шубҳаи Мурод нисбати Ҷеймс гардид, вале **сар раваду сир наравад** гӯён хомӯш истод (Зоҳир А., Завол, 108).

Ба таври умум, метавон тасдиқ намуд, ки таснифоти сохтории воҳидҳои фразеологии истиоравӣ дар заминаи гурӯҳбандии сохтории дигар навъҳои воҳидҳои фразеологӣ сурат гирифта, тафовути асосӣ дар сатҳу сифати ифодаи мафҳуми истиорашаванда ба тавассути ин ё он қолаби воҳиди фразеологӣ мебошад. Дар ин миён мақоми ибораҳои фразеологии истиоравӣ бештар намоён буда, таркиб ва ҷумлаҳои фразеологӣ камтар ба назар мерасанд.

2.7. Хусусиятҳои маъноии воҳидҳои фразеологии истиоравӣ

Тавре ки дар фаслҳои қаблӣ зикр намудем, истиора ба монанди дигар навъҳои воситаҳои тасвири бадеӣ дар мундариҷаи дилхоҳ воҳиди фразеологӣ, пеш аз ҳама, ба тавассути маҷоз вазифаи маъносозиро адо менамояд. Ҳамин ки ифодаи хубтару равшантари мафҳум ба тариқи воҳиди фразеологӣ сурат мегирад, яъне образ дар сохтори фразеологизм тасвири комили худро ба василаи истиора меёбад, дар мундариҷаи маъноии он ба таври барҷаста ин ё он тобишҳои маъноиро ошкор намудан мумкин аст. Дар ин ҳолат истиорaро метавон ба воситаи муассире нисбат дод, ки миёни мафҳуми одӣ ва мафҳуме, ки дар воҳиди фразеологӣ дар шакли мутантану образнок ифода ёфтааст, ҳамчун пул баромад карда, бар замми ин дар сохтори воҳиди дуюм ба зоҳиршавии маъноҳои гуногун сабаб мешавад. Дар воҳидҳои фразеологии истиоравӣ ҳатто образе, ки дар сохтори онҳо бештар маънои образнокро бедор месозад, бе иштироки истиора наметавонад вазифаи забонии худро ба пуррагӣ иҷро намояд. Аз ин ҷиҳат, истиораи мундариҷаи чунин воҳидҳои рехта нуктаи меҳвариест, ки дигар омилҳои фразеологӣ ба он алоқамандии бевосита дошта, маҳз ба воситаи он инъикоси хубтару беҳтари худро меёбанд. Барои муқоиса, масалан, дар мундариҷаи маънои фразеологии ибораҳои фразеологии истиоравии **бо бинӣ заминро хат кашидан** «ифодаи ҳолати харобию заифӣ», **дар ҷони касе задан** «касеро бо амале безор кардан, ба ҷон овардан», **пешонӣ ба девор задан** «аз коре пушаймонӣ зоҳир намудан, изҳори афсӯсу надомат» ва **касеро ба ҷаҳаннам фиристодан** «касеро қатл намудан, куштан» муайян намудани тобишҳои маъноии мафҳумию образнок ва баҳодиҳию эҳсосотӣ барои соҳибзабон хеле осон ва фаҳмо мебошад:

Аз бистари беморӣ хеста, **бо биниам заминро хат кашида**, дар тӯйи шумо хизмат кунаму мукофоти мани бадбахт ҳамин? (Икромӣ Ҷ., Духтари оташ, 142).... ягон соли дигар ҳокимияташ поиш мекунад, вагарна **дар ҷони ҳама задааст**, – гуфт Мурод (Зоҳир А., Завол, 168). Сари гирех чигил, ҳар тараф гардӣ, **пешонӣ ба девор занад** (Сорбон, Барзгар, 59). Аз он рӯзе, ки ман барои падари

ҳамин сағираҳо қасос гирифтам ва **кушандагони ӯро ба ҷаҳаннам фиристодам**, оромӣ надорам (Икромӣ Ҷ., Тахти вожгун, 247).

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии истиоравӣ дар алоҳидагӣ маъноҳои мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳиро муқаррар кардан бамаврид аст, ки ҳар яке бо нишонаҳои хоси зоҳиршавии худ тафовут дошта, бештар дар якҷоягӣ ифода меёбанд.

2.7.1. Ифодаи маънои мафҳумӣ дар воҳидҳои фразеологии истиоравӣ.

Агар дар воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ маънои мафҳумӣ дар якҷоягӣ бо маънои образнок зоҳир шуда, навъи маънои мафҳумию образнокро ба вуҷуд орад, дар фразеологизмҳои истиоравӣ ин навъи маъно танҳо дар як гурӯҳи он – таркибҳои ҷуфти фразеологии истиоравӣ зоҳиршавии бештар дорад. «Дар мундариҷаи маъноии таркибҳои ҷуфти фразеологӣ ба таври равшан унсурҳои мафҳумӣ бештар зоҳир мешаванд. Дар онҳо ҳамон маъноҳои мафҳумӣ ифода мешаванд, ки дар калимаҳои алоҳида зоҳир мегарданд, вале фарқ танҳо дар он аст, ки дар таркибҳои фразеологӣ он бо тобишҳои иловагӣ зуҳур мекунад» [Маджидов Х., 2006, с. 314].

Дар ибора ва ҷумлаҳои фразеологии истиоравӣ маънои мафҳумиро дар мундариҷаи онҳо ба таври алоҳида таҳлил намудан имконнопазир аст, зеро он бо тобишҳои дигари маъной дар якҷоягӣ ва ба таври умумӣ сурат мегирад. Чунин ҳолат ба он вобаста аст, ки дар ин гуна навъҳои сохтории ифодаҳои рехта образнокии баланди мафҳум таъмин аст ва маҳз ҳамин омил боис мегардад, ки унсурҳои маъноии воҳиди фразеологӣ дар алоқамандӣ бо ҳам мавриди баррасӣ қарор гиранд.

Таркибҳои ҷуфти фразеологии истиоравӣ, ки, асосан, дар қолаби маъмули таркибҳои ҷуфти наҳвӣ ташаккул меёбанд, барои ифодаи истиора имконияти маҳдуд доранд ва чунин маҳдудияти зоҳиршавӣ ба он сабаб мегардад, ки маънои мафҳумӣ дар онҳо ба тавассути образнокии на он қадар баланд равшан ифода меёбад. Агар ба сохтор ва ифодаи маънои ин навъи фразеологизмҳои истиоравӣ диққат диҳем, маълум мегардад, ки дар сохтори онҳо ва калимае, ки мафҳуми

одиро ифода мекунад, умумияте мушоҳида мешавад, ки он ба зоҳиршавии маънои мафҳумӣ дар онҳо кумак мерасонад. Интиқоли маънои ашё ё ҳодиса ба воситаи таркибҳои фразеологии истиоравӣ дар заминаи ҷараёни нисбатан содаи гузариши маънои як мафҳум ба дигаре сурат мегирад. Агар дар ибора ва ҷумлаҳои устувори истиоравӣ чунин гузариши маъно дар сатҳи нисбатан мураккаб ва бо омезиши образнокии баланд ҷараён гирад, дар таркибҳои ҷуфти фразеологии истиоравӣ сатҳи интиқоли он як андоза сода ва тасаввуршаванда аст. Ҳамин аст, ки баъзан дар мавриди ҷудо намудани таркибҳои ҷуфти фразеологӣ ва маънидоди онҳо бо калимаҳои забон мушкилӣ пеш меояд. Ҳолати мазкур ба он сабаб аст, ки дар бештари таркибҳои ҷуфти фразеологии истиоравӣ интиқоли маънои мафҳум бо ёрии истиора хираву норавшан мебошад ва шунаванда наметавонад онро ба зудӣ дарк намояд. Чунончи, **нону намак** «ризқ», **аҳду паймон** «ваъдаи устувор», **урфу одат** «анъана», **дилу гурда** «ҷасорат» ва монанди инҳо:

Лекин бо **нону намаки** давлат калон шудаам (Самадов А., Майдон, 87). Вале мувофиқи **аҳду паймони** онҳо Ҳалим мебоист ғайр аз нархи давлатии мотосикл ба худи мудири шуъбаи магазин ҳазор суми дигар диҳад (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 60). … дар айни замон мувофиқан ба шароит ва машғулияти нав зинадгонӣ ва **урфу одати** худро ҳам тағйир медиҳанд, мароқи махсус зоҳир накарда буд (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 70). **Дилу гурда** ҳамин қадару писари маро аз зиндони Русия озод карданӣ (Сорбон, Барзгар, 43).

Маънои мафҳумӣ дар мундариҷаи маъноии таркибҳои ҷуфти фразеологии истиоравӣ унсури асосӣ ва ягона маҳсуб меёбад. Дар ин маврид ба сифати таъминкунандаи маънои ягонаи мафҳумӣ умумияти ҷузъҳои таркибии он баромад мекунанд, ки дар шакли яклухт мафҳумро равшантар инъикос мекунанд. Чунин ҳолат ба қолаби рехтаи таркибҳои ҷуфт иртиботи зич дорад, зеро маҳз қолаби устувору аксаран тағйирнаёбанда ва дар ҳамон шакл мустаъмали он маънои мафҳумии мундариҷаи онро ба вуҷуд меорад ва он ба таври барҷаста аён мегардад. Маънои мафҳумии таркибҳои ҷуфти фразеологии истиоравиро дар ин маврид метавон ҳамчун маънои ягона, устувор ва

тағйирнаёбанда ҳисобид, ки аз умумияти маъноҳои калимаҳои таркибии он сар мезанад. Масалан, дар таркибҳои ҷуфти фразеологии истиоравии зерин мувофиқат ва умумияти маъноҳои ҷузъҳои дохилии онҳо маънои ягонаи мафҳумии онҳоро ба вуҷуд овардааст: **ному нишон** «суроға», **дилу бедилон** «бо дили нохоҳам», **касу нокас** «ҳамагон, ҳар кас»:

На тирезаи хонаатро медонаму на ошёнаи манзилатро ва на мадоре дорам, ки **ному нишонатро** аз касе бипурсам (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 272). Нисфи коҳро **дилу бедилон** хӯрда нимаи дигарашро таги по мекунад (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 15). – Аз хашми амир наметарсед, ки ошкоро дар пеши ҳар **касу нокас** пӯсткандаи гапро мегӯед? (Зоҳир А., Завол, 75).

Дар гурӯҳе аз таркибҳои ҷуфти фразеологии истиоравӣ ҳатто калимаҳое истифода мешаванд, ки онҳо дар алоҳидагӣ (берун аз қолаби воҳиди фразеологӣ – Ҳ.Д.) аксаран маъноеро ифода карда наметавонанд ё доираи истеъмоли маҳдуд доранд. Дар бештари ҳолатҳо маънои онҳо хира ё куҳна шуда, ин ҳолат ба маҳдудияти истифодаи онҳо сабаб мегардад. Дар дохили таркибҳои ҷуфти фразеологии истиоравӣ ҳамнишинии ин навъ калимаҳо бештар ба хотири ҳамоҳангиву ҳамвазнии ҷузъҳои таркибии он сурат мегирад. Ин гуна калимаҳо дар дохили таркибҳои ҷуфт ба калимаи дигари маънодор гӯё тобиши иловагие мебахшанд, ки дар натиҷа маънои мафҳумӣ ба тариқи равшан ифода мегардад. Онҳо ба сари худ маънои мафҳумиро ифода карда наметавонанд, вале дар дохили воҳиди фразеологӣ бар асари ҳамнишинии мувофиқ бо калимаҳои дигар дар зоҳиршавии он ёрии бевосита мерасонанд. Метавон чунин калимаҳоро дар сохтори таркибҳои ҷуфти фразеологии истиоравӣ ба сифати унсурҳои ёрирасоне унвон кард, ки дар ифодаи сохтор ва мундариҷаи маъноии онҳо нақши муҳим доранд. Барои муқоиса, дар таркибҳои ҷуфти фразеологии зайл калимаҳои **дарафт, ғароиб, шайдо** ва **луш** ҳамин вазифаро иҷро намудаанд: **афту дарафт** «ҷанҷол, задухӯрд», **аҷоибу ғароиб** «ҳайратовар», **шефтаву шайдо** «мафтуншуда», **лашу луш** «нодаркор, зиёдатӣ» ва ғайра:

Баъзан чун ғирев меояд, ғиреви **афту дарафти** беохири сагҳо (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 191). Ҳатто роҳбарони ташкилотҳои районӣ ба тараққӣ

накардани занбӯри асалпарварӣ баҳонаҳои **ачоибу ғароиб** нишон дода, ин норасоиро ҳақ баровардани мешаванд (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 22). Охир, ӯ ҷавон, аз сад гулаш як гулаш нашукуфта буд, ба ҳар як тори мӯяш як ҷавон мард овезон, **шефтаву шайдо** (Ҳамдам А., Оби зери ях, 34).Бардор **лашу лушатро** ва тез гум шав аз чашмам! (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 245).

Мавҷудияти унсуре, ки доираи маҳдуди истифода дорад, дар сохтори таркибҳои ҷуфти фразеологии истиоравӣ ба яклухтии маънои мафҳумӣ оварда мерасонад. Дар ин ҳолат ҳарду ҷузъ ҳамчун унсурҳое, ки аз ҷиҳати сохтори овозӣ ба ҳам умумият доранд, ба таври баробар дар ифодаи маънои мафҳумӣ саҳм мегузоранд. Ба сифати ду унсури луғавие, ки иваз намудани яке аз онҳо боиси вайрон шудани сохтор ва маънои таркиби ҷуфт мегардад, онҳо дар якҷоягӣ ва бе мустақилияти маъноӣ дар зоҳиршавии маънои мафҳумӣ нақш мебозанд. Бо вуҷуди ин маҳз маҳдудияти зоҳиршавии маънои яке аз унсурҳои дохилии таркиби ҷуфти фразеологии истиоравӣ ба ифодаи равшани маънои мафҳумии он сабаб мегардад. Унсурҳои мафҳумӣ дар ҳамон ҳолат қувват мегиранд, ки яке аз унсурҳо аз рӯйи ифодаи маъно хира шуда ё дар шаклгирии мундариҷаи умумии таркиби фразеологӣ бевосита иштирок намекунад. Дар ин ҳангом метавон хулоса намуд, ки зоҳиршавии маънои мафҳумии ин гуна таркибҳои рехта бар дӯши яке аз унсурҳои он мебошад, вале набояд нодида гирифт, ки унсури дуюме, ки маҳдудияти маъноӣ дорад, ба он лаҳзаҳои иловагии маъноӣ мебахшад ва бо ин роҳ мундариҷаи маънои мафҳумии тамоми таркибро нисбатан васеъ мегардонад. Аз қабили **хоку туроб** «нест шудан», **хату савод** «дониш», **сарсону саргардон** «овора», **хешу табор** «муқарраб, наздик»:

Беақлӣ карда, ба оши касе намак пошида бошед, сад сол гузарад, устухонатон **хоку туроб** шуда равад, ки абераатонро аз дур бо ангушт нишон дода мегӯянд: «Нигаред, нигаред, оши бобои фалониро бобокалони ана ҳамин бача шӯр карда буд…» (Муҳаммадиев Ф., Сози мунаввар, 77). … худи хоҳарам, шавҳараш ва одамҳои бисёр аз вай **хату савод** омӯхтанд (Икромӣ Ҷ., Ҳикоя ва очеркҳо, 64). Он гоҳ рӯзе ягон кас намегӯяд: ана, ман нагуфта будам, ки ин кор мазза надорад, шумо ба ҷону ҳолам намондеду **сарсону саргардонам** кардед

(Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 47). Аз ин муомилаи ӯ дили Мирзошариф таҳ кашид ва ба худ хулоса баровард, ки одам аз назди **хешу табор** дур шавад, меҳру муҳаббаташ мекостааст (Самадов А., Майдон, 68).

Дар вазифаи унсурҳои дохилии таркибҳои ҷуфти фразеологии истиоравӣ метавонанд ҳиссаҳои гуногуни нутқ саҳм гузоранд, ки миёни онҳо исмҳо мақоми намоён доранд. Калимаҳои гуногуни исмӣ дар созмони ин навъи таркибҳои фразеологӣ бештар фаъол буда, маънои мафҳумие, ки онҳо ифода мекунанд, асосан, ба ҷамъи маънoҳои онҳо вобаста аст. Исм, ки дар ифодаи мафҳум нисбат ба дигар ҳиссаҳои нутқ саҳми бештар дорад, ҳамчун ҷузъи дохилии таркибҳои ҷуфти фразеологии истиоравӣ бо дигар исмҳо ҳамнишин мешавад ва сохтори ягонаи онро ба вуҷуд меорад. Чунончи, таркибҳои рехтаи зерин маҳз аз умумияти сохториву маъноии исмҳои гуногун ташаккул ёфта, маънои мафҳумии онҳо низ ба ҷамъи маънoҳои онҳо нигаронида шудааст: **шабу рӯз** «доиман», **пӯсту устухон** «хароб, лоғар», **дилу ният** «мақсад» ва **пушту паноҳ** «пуштибон, муҳофиз»:

Шабу рӯз пушти дараша бо мижгонат бирӯбӣ ҳам, мижааш хам намехӯрад (Самад А., Гардиши девбод, 109). … андоми наҳифу лоғари **пӯсту устухон** ва риши дарозгаштаву мӯйи сари печидаву даққӣ ва рӯчангу хок, либоси фарсудаву якпӯши қарқин … пеши назар омад (Сорбон, Барзгар, 92). – **Дилу ният** росту соф бошад, албатта, ӯро меёбем! (Самадов А., Майдон, 114). – Бе **пушту паноҳи** зӯр бо онҳо сар ба сар шудан мушкил аст, бародар (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 60).

Дар гурӯҳи дигари таркибҳои ҷуфти фразеологии истиоравӣ ин вазифаро калимаҳои феълӣ иҷро мекунанд, ки дар шаклҳои гуногуни грамматикӣ истифода мешаванд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ба ин вазифа бештар сифатҳои феълӣ ва баъзан феълҳои фармоишӣ корбурд мешаванд: **дидаю шунида** «хотирот», **кашидаву кушода** «бо тамоми қувва», **шикасту рехт** «камбудӣ, нуқсон», **сӯзу гудоз** «дард, алам»:

Наход бо ҳамин каллаи холӣ ман аз чизҳои **дидаю шунидаам** хулоса барораму даҳҳо мутахассисони маълумоти олидори ботаҷриба аз фиребу

найрангҳо бехабар монанд? (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 53). Баҳром **кашидаву кушода** муштҳои обдор мезад, вале зарбаҳояш кора намекард (Кӯҳзод У., Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим, 124). Наваскарҳо, хуни ҷавонӣ дар ҷӯш, ҳанӯз **шикасту рехти** зиндагиро надидаву талхиву шӯрии ҳаётро начашида бо табассум даст меафшонданду падару модарон чашмҳо пурнам, дилу ҷигар сӯзону садпора, кафи дуо мекушоданд… (Самад А., Гардиши девбод, 74). «Бод, гирдоб бардошта барад қилиқҳои хунуки Маҷнуна!» бо **сӯзу гудоз** паси андеша мерафт Субҳонов (Наимӣ Қ., Фоҷиа дар чашмасор, 54).

2.7.2. Ифодаи маънои образнок дар воҳидҳои фразеологии истиоравӣ. Тавре пештар зикр намудем, истиора ҳамчун воситаи тавлидкунандаи маъноҳои гуногун дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ мавқеи устувор дорад. Моҳияти он истифодаи як мафҳум бар ивази мафҳуми дигар буда, дар ин замина мафҳуми истиоракунанда бояд хубтару беҳтар ва равшантар бошад. Маҳз ҳамин падида дар зоҳиршавии маънои образнок дар фразеологизмҳои истиоравӣ нақши муҳим дорад. Дар ин ҳолат тобиши образнокӣ бар замми маънои мафҳумӣ муассирии воҳиди фразеологии истиоравиро бештар мегардонад. «Дар бештари ҳолатҳо унсури мафҳумии маънои фразеологӣ бо навъҳои мухталифи қабатҳои идиоматикӣ зоҳир мешавад. Лаҳзаҳои образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ ҳамчун унсурҳои таркибии мундариҷаи маънои фразеологӣ ба ифоданокӣ ва инъикоси равшани ҳодисаҳои олами обйективӣ қувват мебахшанд» [Маджидов Х., 2006, с. 123]. Яъне маънои образноки фразеологизмҳои истиоравӣ дар заминаи зоҳиршавии барҷастаи мафҳум дар қолаби воҳиди фразеологӣ сурат мегирад. Чунончи, **сӯхтану пухтан** «бо мақсади иҷрои амале сахт азоб кашидан, ғамгин шудан», **равони касе ба ҷаҳаннам раҳсипор гардид** «ҳаром мурдан», **хатти сиёҳ** «мактуби хабари фавти касе дар саҳнаи ҷанг»:

Сӯхтану пухтан, аламу ситезаи Салиму занаш барои ҳамин (Самадов А., Майдон, 128). …пайкари азимаш то ба миён бар замин фурӯ рафт ва **равонаш ба ҷаҳаннам раҳсипор гардид** (Муҳаммадиев Ф., Палатаи кунҷакӣ, 116). Баъдтар

соли 1941 Эшону Азимхон ба ҷанг мераванд ва аз онҳо ба номи модари сиёҳбахт **хатти сиёҳ** меояд (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 148).

Маънои образнок, ки аз ифодаи образноки мафҳум сарчашма мегирад, дар мундариҷаи маънои воҳидҳои фразеологии истиоравӣ равшан мушоҳида мешавад. Он дар заминаи образе сурат мегирад, ки ба воситаи воҳиди фразеологӣ шакл мегирад ва мафҳумро хубтару беҳтар тасвир месозад. Пас, метавон хулоса намуд, ки воҳидҳои фразеологии истиоравӣ, ки дар асоси ифодаи як мафҳум ба ҷои мафҳуми дигар бо риояи умумияти монандӣ ба вуҷуд меоянд, дар мундариҷаи маънои худ тобишҳои образнокро ба тариқи нишонрас ифода менамоянд. Чунин ҳолат бештар ба ибора ва ҷумлаҳои фразеологии истиоравӣ хос мебошад, ки имконияти бештари ифодаи образ ва дар ин замина маънои образнокро соҳибанд. Ҳар қадар ки образи заминаи воҳиди фразеологии истиоравӣ равшан зоҳир шуда бошад, маънои образноки таркиби он низ ба ҳамон ҳад барҷаста инъикос меёбад. Аз ин ҷост, ки баъзан миёни маънои образноки воҳидҳои фразеологии истиоравӣ ва муболиғавӣ фарқ гузоштан мушкил мегардад. Меъёр дар ин ҳолат бояд танҳо моҳияти забонии ифодаи чунин воситаҳои тасвири бадеӣ бошад, ки яке бар ивази мафҳум меояд ва дигаре онро дар шакли ғайритасаввур ифода мекунад. Дар ҳарду ҳолат низ ҳадафи ягона таъмини образнокии мафҳуми ифодашаванда мебошад ва аз ин ҷиҳат дар системаи маънои ин ду гурӯҳи фразеологизмҳо маънои образнок бартарӣ дорад. Барои муқоиса: **думро хода кардан** «гурехтан, фирор кардан», **гапи касеро об додан** «фикри касеро таҳвият бахшидан, ҷонибдорӣ кардан» (воҳиди фразеологии истиоравӣ), **сари касе ба осмон расид** «касе қоноатманд шуд», **шонаи ҳафтоду ҳафт пушти касе хок нахӯрдааст** «касе умуман мағлуб нашудааст, ифодаи мағлубнопазирии касе» (воҳиди фразеологии муболиғавӣ):

… бе калӯшу маҳсӣ аз ин қаламрав **дума хода кунад**, номатро шунавад, танаш барги бед барин ларзад (Самадов А., Майдон, 81). Якбора ду мушкилоти зиндагӣ хал мешавад гӯй, – **об дод гапи Сироншохро** Шарифча (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 85). Ҳардуи ҳамин маъракаро бе каму кост, бо овозаю дабдаба гузаронанд, **сарашон ба осмонҳо мерасад**… (Кӯҳзод У., Ҳам кӯҳи баланд, ҳам

шаҳри азим, 40). Ҳамон ҳамсинфи паҳлавонам, ки ба гуфти худаш, **шонаи ҳафтоду ҳафт пушташ хок нахӯрдааст**, аз зарби мушту лагад худро калоба карда паноҳ меҷуст (Самадов А., Майдон, 134).

Зоҳиршавии маънои образнок дар воҳидҳои фразеологии истиоравӣ ба ифодаи равшану барҷастаи мафҳум дар қолабҳои гуногуни фразеологизмҳо алоқаманд аст. Агар дар сохтори воҳиди фразеологии истиоравӣ, ки бо калимаҳои ҳиссаҳои гуногуни нутқ пур карда мешавад, мафҳум ба таври намоён инъикос ёфта бошад, тобиши образнокӣ дар он ба ҳамон дараҷа равшан зоҳир мегардад. Ҳолати мазкур ба он нисбат аст, ки қолаби воҳиди фразеологӣ то кадом ҳад дар худ имконияти ғунҷонидани мафҳуми образнокшударо дорад. Агар барои ифодаи мафҳуми образнокшуда дар қолаби воҳиди фразеологии истиоравӣ ҳама унсурҳои асосиву ёрирасони грамматикӣ иштирок намоянд, пас, мафҳум ба таври комил образнокиро соҳиб шуда, дар ин замина маънои образноки мундариҷаи он низ равшан ифода меёбад. Ин қабил воҳидҳои фразеологии истиоравӣ қолабҳои маъмул дошта, хеле серистеъмоланд ва барои дарку қабули сохтор ва маънои онҳо мушкилие пеш намеояд. Аз қабили **хари касе аз лой гузашт** «кори касе барор гирифт, мақсади касе амалӣ шуд», **косаи сабри касе лабрез гашт** «сабру тоқати касе намонд», **ғубори дил баровардан** «истироҳату фароғат кардан, хастагиро рафъ намудан», **ба лаб кулӯҳ молидан** «хомуш, сокит мондан»:

Баъд, ки **харашон аз лой гузашт**, ба сӯфӣ Абдураҳим салом додана фаромӯш ҳам мекунанд (Самад А., Гардиши девбод, 202). Дар ин рӯзҳое, ки тоқати ман аз танҳоӣ тоқ шуда, **косаи сабрам лабрез гаштааст**, бинавис, ки оё бо ман нияти як ҷоя зистан дорӣ… (Наҷмиддинов М., Дарё маҷрои нав меҷӯяд, 8). – Амак, ягон чиз нақл кунед, одам бо чақ-чақ **ғубори дили якдигарро мебарорад**, – гуфт меҳмон (Наҷмиддинов М., Дарё маҷрои нав меҷӯяд, 199). Имтиҳонҳоро аъло супориданат нагз, лекин **ба лаб кулӯх молида** гаштанат безеб (Самадов А., Паррончакҳо, 46).

Дар ин маврид воҳидҳои фразеологии истиоравие дар назар дошта мешаванд, ки бе ёрии ҷузъи тағйирёбанда (ҷонишинҳои номуайянии **касе (чизе)**

сурат мегиранд. Дар воҳидҳои фразеологии истиоравие, ки дар ташаккули сохтори ягонаи онҳо ҷонишинҳои номуайянии **касе (чизе)** иштирок намекунанд, маънои образнок хеле барҷаста зоҳир мешавад. Чунин ҳолат ба он нисбат аст, ки маҳз иштирок надоштани ҷузъи мазкур қолаби воҳиди фразеологиро дар шакли ягона ва тағйирнаёбандаву доимӣ муаррифӣ мекунад. Ин навъи фразеологизмҳои истиоравӣ берун аз матн низ бо ҳамин шаклу маъно истифодаи васеъ доранд. Барои муқоиса, ибораҳои фразеологии истиоравии зерин ҳам дар дохили матн ва ҳам берун аз он бе истифодаи ҷузъи ёрирасони **касе (чизе)** нисбатан шакли ягонаи грамматикӣ доранд. Танҳо фарқ дар ин аст, ки шакли дохилиматнии онҳо метавонад аз ҷиҳати шакли грамматикии ҷузъи феълӣ каме фарқ дошта бошад: **нури чашм давондан** «заҳмат кашидан», **чашм ба олам кушодан** «таваллуд шудан, ба дунё омадан», **ҷомаи амал пӯшидан** «амалӣ гардидан», **ангушти ҳайрат газидан** «ҳайрон шудан» ва монанди инҳо:

Ман **нури чашм равонда** панҷ китоб навиштам (Самадов А., Паррончакҳо, 54). Дар ҳамин деҳаҳо **чашм ба олам кушода**, рӯз мегузаронданд (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 44). … то алҳол ҳар таклифе, ки ба роҳбарони гурӯҳ пешниҳод мекард, мақбул мегардид ва оқибат **ҷомаи амал мепӯшид** (Муҳаммадиев Ф., Палатаи кунҷакӣ, 17). Ва мисли он ки болои оташ истода бошад, худро каме гум кард ва баъд ба худ омада, **ангушти ҳайрат газид** (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 27).

Мавҷудияти ҷузъи тағйирёбанда дар сохтори воҳидҳои фразеологии истиоравӣ то ҷое маънои образноки мундариҷаи онҳоро хира мегардонад. Иваз шудани унсури мазкур бо калимаҳои исмии шахсу ғайришахс дар матн ба он сабаб мегардад, ки баъзан ин калимаҳо бо маънои луғавии худ дар таркиби фразеологизм истифода мешаванд ва шакли ягонаи воҳиди фразеологӣ тағйир меёбад. Дар ин ҳолат иваз намудани калимаҳои мазкур бо ҷонишинҳои номуайянӣ ғайриимкон аст, зеро истифодаи ин қабил калимаҳо дар таркиби ҳамон воҳиди фразеологӣ ҳатмист. Ин гурӯҳ ифодаҳои рехта гурӯҳи махсуси воҳидҳои фразеологии истиоравӣ – фраземаҳои истиоравиро ташкил медиҳанд. Ба монанди **ба вартаи ноумедӣ афтодан** «ноумед шудан», **сар ба гиребони**

тафаккур даровардан «фикру андеша кардан», **аз аспи ҷаҳл фаромадан** «ҷаҳлу ғазабро бартараф намудан», **ба ғаму ғусса ҷӯлидан** «ғам хӯрдан, алам кашидан»:

Ва одамон худро гум карданд. **Ба вартаи ноумедӣ афтоданд** (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 30). Усто Насиму Ҷеймс **сар ба гиребони тафаккур дароварда** хомӯшона, интизори анҷоми кори Ашӯр буданд (Зоҳир А., Завол, 139). – Меҳринисо, ту нияти бад накун, **аз аспи ҷаҳл фаро**, худатро ба даст гир, астағфируллоҳ гӯй, тавба кардам гӯй (Мирзо К., Ишқи сархӯр, 97). Мударрис ҳам Гулшанро медонист ва сабаби омадани ӯро нагуфта фаҳмид ва дилаш сип-сиёҳ шуда, **ба ғаму ғусса ҷӯлид** (Икромӣ Ҷ., Сафар-Махсум дар Бухоро, 207).

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тобишҳои образнок нисбат ба ибораҳо дар ҷумлаҳои фразеологии истиоравӣ зоҳиршавии бештар доранд. Шояд ин ба он нисбат бошад, ки қолаби ҷумлаи фразеологӣ, ки бо унсурҳои асосии ташаккулдиҳандаи ҷумла пур карда мешавад, дар шакли яклухт ва аксаран тағйирнаёбанда мафҳумро дар сатҳи баланди образнокӣ ифода менамояд. Ҳарчанд дар ибораҳои фразеологии истиоравӣ низ имкониятҳои зоҳиршавии маънои образнок мавҷуданд, вале ба назари мо, маҳз дар ҷумлаҳои фразеологии истиоравӣ мафҳум дараҷаи лозимии образнокиро соҳиб мешавад ва маънои образнок дар заминаи чунин аксёбӣ ба тариқи барҷаста ифода меёбад. Қолаби ягона, сохтори устувори тағйирнаёбанда, иштироки ҷузъҳои асосӣ ва мавҷудияти оҳанги хабарии ҷумла аз зумраи нишонаҳои асосиеанд, ки барои образнокии баланди дилхоҳ мафҳум замина фароҳам меоранд. Ифодаи маънои образноки мундариҷаи маъноии ин навъи ҷумлаҳои рехта ба мавҷудияти ҳамин нишонаҳо иртибот дорад. Тасдиқи ин назарияро дар ҷумлаҳои фразеологии истиоравии навъи **тири касе хок хӯрд** ба маънои образноки «мақсади касе амалӣ нагашт, касе ноумед шуд», **хаёли касе ба сафар баромад** «фикру хаёли касе парешон шуд», **нӯги гап кушода шуд** «ибрози асли мақсад оғоз ёфт» ва **суҳбати касе қаймоқ баст** «гуфтугӯи касе гарм шуд, касе бо ваҷд суҳбат мекунад» мушоҳида намудан мумкин аст:

Даврон аз рӯзе, ки дар интихоби қаҳрамони очерк **тираш хок хӯрд**, яъне Солеҳ умедашро барбод дод, Маҳкамро таги чашм карда монд (Кӯҳзод У.,

Писанддара, 90). … ба сари хам ва дасти қаламдору серҳаракати вай нигоҳ кард-нигоҳ карду беихтиёр **хаёлаш ба сафар баромад** (Кӯҳзод У., Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим, 180). Фақат вақти хайрухуш писаракаш аз ӯ як хоҳиш кард ва **нӯги гап кушода шуд** (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 249). – **Суҳбататон хеле қаймоқ баст**-ку, – гуфт ниҳоят ба вай Рашидов, – худи гап чӣ? (Икромӣ Ҷ., Шодӣ, 133).

Ҳамин тавр, маънои образноки мундариҷаи воҳидҳои фразеологии истиоравӣ низ дар заминаи образи заминаи онҳо ба вуҷуд омада, ҳамчун навъи махсуси маънои забонӣ нишонаҳои хоси зоҳиршавиро соҳиб аст, ки онҳо, асосан, ба вазифаҳои истиора дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ робита доранд.

2.7.3. Ифодаи маънои эҳсосотию баҳодиҳӣ дар воҳидҳои фразеологии истиоравӣ. Маълум аст, ки маъноҳои эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ бештар дар якҷоягӣ зоҳир мешаванд, зеро муқаррар шудааст, ки зоҳиршавии ин ё он унсури олами эҳсосотии инсон дар воҳидҳои забон ҳамзамон муносибати баҳодиҳии ӯро нисбат ба ашё ва ҳодисаву воқеа муайян месозад. Дар бештари ҳолатҳо чунин муносибат дар шакли баҳодиҳиҳои гуногун ифода меёбад ва мо онҳоро дар фаслҳои гузашта ба навъҳои баҳодиҳии хуб ва бад ҷудо намудем. Ба таври дигар, зоҳиршавии эҳсосоти мусбат баҳодиҳии хуб ва эҳсосоти манфӣ баҳодиҳии бадро тавлид месозад.

Дар воҳидҳои фразеологии истиоравӣ низ ба мисли дигар гурӯҳҳои ифодаҳои рехтаи забони тоҷикӣ зоҳиршавии тобишҳои эҳсосотию баҳодиҳӣ тавъам мушоҳида мешавад. Дар ин ҷо низ нуктаи меҳварии ифодаи чунин лаҳзаҳо мавқеъгирии дуруст ва инъикоси тафаккури мантиқии гӯянда нисбат ба мафҳум мебошад. Ҳамин аст, ки ба воситаи воҳиди фразеологии истиоравӣ нишон додани мафҳум сараввал ба фаъолияти эҳсосотӣ ва баъдан муносибати баҳодиҳии инсон алоқаманд аст. Яъне истифодаи мафҳуми илмии маънои эҳсосотию баҳодиҳӣ бо ин сабаб аст, ки дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои забон, аз ҷумла, воҳидҳои фразеологӣ аввалан маънои эҳсосотӣ ва баъдан маънои

баҳодиҳӣ фаҳм карда мешавад. Ба қавли олими машҳури рус Шаховский В.И.: «Ҷиҳати дигари фарқкунандаи маънои эҳсосотӣ дар он аст, ки он нисбат ба маънои мантиқӣ-шайъӣ ба зудӣ дарк мешавад. Муқаррар шудааст, ки то дарки маънои мантиқӣ-шайъӣ инсон сараввал маънои эҳсосотии онро мефаҳмад (хуб ё бад аст, таҳқир мекунад, қаҳру ғазабро ба вуҷуд меорад ё баръакс, навозиш мекунад ва ғайра). Таъсири фаврии маънои эҳсосотӣ дар шуури инсон аз мавҷудияти тафаккури эҳсосотӣ дар инсон гувоҳӣ медиҳад» [Шаховский В.И.,1987, с. 49].

Маънои эҳсосотӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологи истиоравӣ аксаран дар якҷоягӣ бо маънои баҳодиҳӣ зоҳир мешавад. Хусусияти фарқкунандаи маънои эҳсосотии ин қабил ифодаҳои рехта ҳамин аст, ки он вобаста ба дараҷаи инъикоси эҳсосоти мусбат ва манфӣ дар нисбати воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ, муболиғавӣ ва ғайра як андоза меъёрӣ зоҳир мешавад. Ин ҳолат ба он вобаста мебошад, ки ҳангоми ифодаи беҳтари мафҳум дар шуури гӯянда ба он тобиши эҳсосотии муайян вобаста мегардад ва чунин лаҳзаҳои эҳсосотӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии истиоравӣ шах шуда мемонанд. Ҳамин аст, ки истиораҳои фразеологӣ ҳам дар дохили матн ва ҳам дар алоҳидагӣ бо маънои эҳсосотии пешакӣ маълум истифода мешаванд. Инро ҳангоми маънидоди фразеологизмҳои истиоравии зайл мушоҳида кардан мумкин аст: **пӯсту устухон** «ниҳоят хароб», **чашми касе равшан шуд** «аз дарди ҳомиладорӣ халос шудан, таваллуд кардани касе», **ба ҳар ош пашша шудан** «дар иҷрои амале, ки ба кас вобаста нест, моней кардан», **ҷон аз дасту пойи касе баромад** «касе сахт тарсид, ҳаросид»:

Ҳамон вақт дида буд, ки вай **пӯсту устухон** шудааст, чашмони калон-калонаш ба косахонааш фурӯ рафтаанд (Ҳошимов Ӯ., Нур ва соя, 15). Ҳамин ки **чашмат равшан шуд**, сиҳату саломат таваллуд кардӣ, зуд биё (Муҳаббати Ю., Пайванди шикаста., 164). – Фиристод-нафиристод, ту **ба ҳар ош пашша нашав**, – овоз баланд кард Гулхумор (Самад А., Гардиши девбод, 111). Лекин вақте ҳамон милисаро дидам, аз тарс **ҷон аз дасту поям баромад** (Самадов А., Паррончакҳо, 69).

Дар воҳидҳои фразеологии истиоравӣ дар баробари унсурҳои мафҳумӣ, образнок ва эҳсосотӣ ҳамчунин лаҳзаҳои нозуки баҳодиҳиро низ вохӯрдан мумкин аст. Баҳодиҳиро метавон дар фразеологизмҳои истиоравӣ яке аз унсурҳои муҳимми мундариҷаи онҳо ҳисобид, ки дар заминаи унсурҳои эҳсосотии гуногуни инсон зоҳир мешавад. Равшан аст, ки ҳангоми ифодаи хубтари ин ё он мафҳум ба он тобишҳои алоҳидаи баҳодиҳӣ низ зам мешаванд. Ба таври дигар, ифодаи мафҳуми образнокшудаи хубтару барҷаста бар ивази ифодаи мафҳуми муқаррарӣ ҳатман ин ё он тобиши баҳодиҳиро ба вуҷуд меорад. Чунин лаҳзаҳо метавонанд ҳам дар шакли баҳодиҳии хуб ва ҳам бад зоҳир шаванд. Масалан, дар воҳидҳои фразеологии истиоравии **ҷони ширин** «азизи дил, ҳамнафас», **чароғи зиндагии касеро куштан** «ба зиндагии ороми касе халал расондан», **ҷӯлу пӯстак** «ҳама дороии фарсуда», **дили сангро об кардан** «басо мафтуну муассир намудан» тобишҳои эҳсосотии муҳаббат, таҳдид, таҳқир ва тавсиф барои ифодаи баҳодиҳиҳои гуногун ҳамчун замина хизмат кардаанд:

– **Ҷони ширин**, ман аз саломатӣ шикоят надорам, хона аз ашёи рӯзгор якбора пур шавад хуб… (Начмиддинов М., Дарё маҷрои нав меҷӯяд, 73). Бободӯстов **чароғи зиндагии ӯро куштааст**, чароғи бахти худаш низ якумр кушта шавад (Начмиддинов М., Дарё маҷрои нав меҷӯяд, 100). – Якбора **ҷулу пӯстакатро** ба дӯкони арақфурӯшӣ бурда парто! (Икромӣ Ҷ., Ҳикоя ва очеркҳо, 21). Овози маҳини ӯ **дили сангро об мекард** (Самадов А., Майдон, 30).

Муқаррар карда шудааст, ки қабатҳои мухталифи эҳсосоти иҷтимоӣ метавонанд мафҳумҳои алоҳидаро дар воҳидҳои фразеологии истиоравӣ акс кунонанд. Онҳо дар шакли мусбат ва манфӣ ҳамзамон баҳодиҳиҳои хуб ё бадро ба вуҷуд меоранд ва бо ин роҳ мундариҷаи маъноии воҳиди фразеологӣ аз лаҳзаҳои гуногуни маъноӣ бой мегардад. Ба сифати унсурҳои асосии бавуҷудоварандаи тобишҳои эҳсосотиву баҳодиҳии мухталиф дар воҳидҳои фразеологии истиоравӣ метавон тобишҳои муҳаббат, самимият, боварӣ, шавқ, таҳсин, қаноатмандӣ, хурсандӣ, таҳқир, мазаммат, ғазаб, даҳшат, бадбинӣ ва ғайраро мансуб донист, ки ҳар яке ба таври алоҳида зоҳир мешаванд. Масалан, дар воҳидҳои фразеологии истиоравии **дар мавҷи муҳаббат ғарқ гардидан**

«ишқ, муҳаббат варзидан», **касеро зери пар гирифтан** «касеро сарбонӣ намудан, ба уҳда гирифтан», **дили касе тар шуд** «касе қонеъ гардид», **забони касеро ёфтан** «бо касе қаробат пайдо кардан, сазовори боварии касе шудан» тобишҳои эҳсосотии қаноатмандӣ, маҳорат, таскин ва малака маъноҳои эҳсосотии мусбат ва лаҳзаҳои баҳодиҳии хубро нисбат ба ашёву ҳодисаҳо ба вуҷуд овардаанд:

Онҳо **дар мавҷҳои** ҳаловати **муҳаббат ғарқ гардида** буданд ва ташнагии эҳсосоти худро ҳеҷ шикастан наметавонистанд (Ҳамдам А., Оби зери ях, 162). Одамҳо **бачаи бегонара зери пар мегиранд**, тарбия мекунанд, ки фардо дастгирашон шавад (Самадов А., Паррончакҳо, 32). – Як бори дигар зери мушту лагади Азиз ҷон канданата бинам, **дилам тар мешуд**, – гуфт Заъфарон ва бо нафрат аз Мирак рӯ тофт (Самад А., Гардиши девбод, 236). Хайр, то **забони якдигара ёфтан** ҳамин хел талху ширин мешавад-дия, гӯён гӯшама ба карӣ мезадам (Фирӯз Б., Тору пуд, 126).

Ё ин ки дар фразеологизмҳои истиоравии **аз дунё гузаштан** ба маънои «мурдан, фавтидан», **дасту по гум кардан** «беқарор, ноҳинҷор шудан», **ба чашми касе хок пошидан** «касеро фиреб додан», **алови чашми касеро гирифтан** «касеро сахт ҷазо додан» тобишҳои эҳсосотии таассуф, ноилоҷӣ, мазаммат ва таҳқир маъноҳои эҳсосотии манфӣ ва баҳодиҳиҳои бадро созмон додаанд:

Хабари **аз дунё гузаштани** зани Мирзо Сангинро шунида, мо – як гурӯҳ ҳамкорон, ба таъзия рафтем (Фирӯз Б., Тору пуд, 194). Чанд рӯзи охир, ҳар гоҳ ки духтарак бо курати чити сурхи гулдораш дар гандумпая пайдо мегардад, ҷавон **дасту по гум мекунад**… (Улуғзода С., Восеъ, 47). … ҳарифро ба ғафлат мемонад, яъне **ба чашми ҳариф хок пошида**, баъд нохост ӯро гирифта парчини замин мекунад (Муҳаммадиев Ф., Сози мунаввар, 124). … ба дасти чап тозиёнаи нӯгаш мисли мори сиёҳи овезони хашмгин дар печутоб, худро як ҳокими мутлақу боҷуръат, одами чарсу оташмиҷоз намоиш дода, барои **алови чашми сағиру кабирро гирифтан** ва ба шӯҳратхоҳу иғвогарон ангеза бахшидан ҳар маврид таъкид мекард… (Самад А., Гардиши девбод, 39).

Зоҳиршавии қабатҳои эҳсосотиву баҳодиҳӣ дар воҳидҳои фразеологии истиоравӣ нисбат ба ташбеҳот ва муболиғаҳои фразеологӣ як андоза фарқият дорад. Агар дар ташбеҳоти фразеологӣ ин раванд ба воситаи муқоисаи миёни ашёҳо ё ягон аломати барҷастаи онҳо, дар воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ тавассути тасвири ғайривоқеӣ ва берун аз тасаввурот сурат гирад, дар фразеологизмҳои истиоравӣ гузариши сатҳи маъноии мафҳуми одӣ ба сатҳи образноки он дар сурати воҳидҳои фразеологӣ ифодаи чунин лаҳзаҳои эҳсосотию баҳодиҳиро таъмин месозад. Падидаи аз сатҳи муқаррарӣ ба дараҷаи нисбатан хубтару баландтари зоҳиршавӣ интиқол додани мафҳум ва маънои он метавонад қабатҳои эҳсосотӣ ва дар заминаи онҳо лаҳзаҳои баҳодиҳиро дар худ фаро гирад. Ин падида табиӣ мебошад, зеро ҳангоми аз як сатҳ ба сатҳи дигар гузаштани мафҳум, албатта, ин ё он тобиши эҳсосотиву баҳодиҳӣ ифодаи худро ба тариқи равшан дармеёбад. Ҳар қадар ки чунин гузариш дар шакли образнокии баланд амалӣ гардад, ба ҳамон дараҷа ифодаи лаҳзаҳои эҳсосотию баҳодиҳӣ нишонрас зоҳир мешавад. Масалан, дарки маъноҳои эҳсосотиву баҳодиҳии воҳидҳои фразеологии истиоравии ҷумлаҳои зерин барои дилхоҳ хонанда дастрас ва равшан мебошад: **дили касеро бурдан** «мафтун кардан касеро, дуздидани майлу муҳаббати касе» (ифодаи эҳсосоти мусбати шодӣ, хурсандӣ, фараҳ ва баҳодиҳии хуб), **ҳисоби касе ба қиёмат намонад «**аз касе қарздор шудан» (ифодаи эҳсосоти манфии тарс, воҳима ва баҳодиҳии бад), **дасти касеро ҳалол кардан** «касеро хатнасур кардан» (ифодаи эҳсосоти мусбати қаноатмандӣ, хотирҷамъӣ ва баҳодиҳии хуб), **ғам хӯрдан** «дар ташвиши касе ё чизе будан» (ифодаи эҳсосоти манфии азоб, алам ва баҳодиҳии бад):

Аз ҳама зиёдтар афсонаи «Васияти падар» **дили маро бурда** буд (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 167). … бинобар ин барои рӯзи бад – рӯзи ноомад як дилпурӣ даркор аст, то ки баъд аз сари ману ту ҳам **ҳисобамон ба қиёмат намонад** (Айнӣ С., Дохунда, 47). – Додарамо Бозор **дасти писарашро ҳалол карданӣ** шудааст, бинобар ин калону хурдро тасдеъ дода, ба ин ҷо овардааст, ки аз шумо маслиҳат ва кенгош пурсад (Айнӣ С., Дохунда, 62). Одамизод дар пешонааш будагиро мебинад, ман **ғами** ҷони худамро **намехӯрам**, аммо аз ятим

мондани фарзандонам метарсам, – гуфт модарам (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 61).

Баъзан дар воҳидҳои фразеологии истиоравӣ зоҳиршавии тобишҳои эҳсосотию баҳодиҳӣ дар шакли нобаробар сурат мегирад. Яъне агар дар бештари фразеологизмҳои истиоравӣ унсурҳои эҳсосотию баҳодиҳӣ баробар ифода шаванд, дар қисмате аз онҳо чунин аксёбӣ ба таври хираву норавшан ифода шудани яке ва равшантару барҷастатар зоҳир гардидани дигаре амалӣ мегардад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар чунин сатҳи таносубгузорӣ тобишҳои эҳсосотӣ нисбат ба тобишҳои баҳодиҳӣ бартарӣ доранд ва ҳамин аст, ки дар мундариҷаи чунин ифодаи рехта аввалан унсурҳои мухталифи эҳсосотӣ ба тариқи нишонрас ифода меёбанд. Муқаррар намудани унсурҳои баҳодиҳии муайян дар воҳидҳои фразеологии истиоравии мазкур як андоза мушкил аст ва онҳо танҳо дар пояи тобишҳои эҳсосотӣ сурат мегиранд. Дар алоҳидагӣ ва бе зоҳиршавии унсурҳои эҳсосотӣ дар чунин фразеологизмҳо муайян кардани муносибатҳои баҳодиҳӣ ғайриимкон мегардад. Тасдиқи ин назарияро дар воҳидҳои фразеологии истиоравии навъи **ба чизе дандон тез кардан** «қасди чизеро доштан», **коҳи куҳнаро бод додан** «ҳодисаи гузаштаро ба хотир овардан», **тоқиро дар осмон ғуррондан** «қаноатманд шудан, изҳори хурсандӣ кардан», **занги дил баровардан** «ғаму ғуссаро бартараф сохтан» ва ғайра дидан мумкин аст:

Англисҳо ва дигар давлатҳои Ғарбу Шарқ, ки **ба давлати шуроии Русия дандон тез кардаанд**, аз аксулҳаракат ва аксулинқилобиюни Бухоро ва Хева истифода мебаранд (Икромӣ Ҷ., Тахти вожгун, 106). Оча, **каҳи куҳнаро бод надиҳед**. Ман зан мегирам (Наимӣ Қ., Фоҷиа дар чашмасор, 24). «О, ту, бандаи ношукр, – худро сарзаниш мекардам дар дилам, – **тоқиатро дар осмон намеғурронӣ**, ки дар паҳлӯи ҳамин гуна одамон зиндагонӣ мекунӣ? (Муҳаммадиев Ф., Одамони куҳна, 30). … аз шарикдарсонаш ду-се касро гирифта биёраду мӯйсафед бо онҳо «чақ-чақ» карда, **занги дилашро барорад** (Акобиров Ю., Дунё ба умед, 28).

Дар робита бо назарияи боло зикр намудан бамаврид аст, ки миқдори чунин фразеологизмҳое, ки дар мундариҷаи маъноии онҳо фарқияти зоҳиршавии тобишҳои эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ баръало мушоҳида шавад, дар захираи фразеологии забони тоҷикӣ камтар буда, дар бештари онҳо чунин ҷараён бо риояи баробари ифодаи онҳо сурат мегирад.

2.8. Гурӯҳҳои маъноии воҳидҳои фразеологии истиоравӣ

Воҳидҳои фразеологии истиоравӣ, ки дар натиҷаи тасвири образноки мафҳуми алоҳида ба вуҷуд меоянд, монанди дигар қабатҳои воҳидҳои фразеологӣ ба гурӯҳҳои маъноӣ тасниф мешаванд. Дар онҳо низ ба монанди фразеологизмҳои ташбеҳӣ ва муболиғавӣ ҷудо намудани ду гурӯҳи асосӣ – идиома ва фраземаҳо ба мақсад мувофиқ аст, зеро маълум аст, ки сарчашмаи зоҳиршавии ҳама гуна воситаҳои тасвири бадеӣ дар воҳидҳои фразеологӣ маҷоз мебошад. Вобаста ба ин, ифодаҳои ғайриидиоматикӣ, ки дар мундариҷаи онҳо маҷоз дида намешавад, аз доираи чунин таснифот берун мемонанд.

2.8.1. Идиомаҳои истиоравӣ. Навъи якуми маъноии воҳидҳои фразеологии истиоравиро идиомаҳо ташкил медиҳанд, ки миқдорашон нисбат ба дигар қабатҳои маъноӣ дар забони тоҷикӣ бештар аст. Инҳо навъи махсуси фразеологизмҳои истиоравӣ мебошанд, ки бо сохтори устувору ивазнашаванда, сатҳи баланди маҷозият ва қолабҳои махсуси шаклгирӣ аз дигар гурӯҳҳои маъноӣ фарқ доранд.

Идиомаҳои истиоравӣ, ки дар заминаи истиораи забонӣ, яъне гузариши маъноии як мафҳум ба мафҳуми дигар ба вуҷуд меоянд, пеш аз ҳама, сохтори устувору ноҷунбонро соҳибанд. Аз ин ҷиҳат, онҳо ба дигар навъҳои идиомаҳои фразеологӣ қаробат доранд, зеро ин яке аз нишонаҳои муҳимтарини тамоми идиомаҳо мебошад. Дар идиомаҳои истиоравӣ сохтори овозиву зоҳирии ифода ба ҳадде устувор мебошад, ки имкони тағйир додани он вуҷуд надорад. Он дар қолаби ягона зоҳир мешавад ва маҳз дар ҳамин қолаб ва сохтори мустаъмал маъноии ягонаи фразеологиро ифода менамояд. Ҷузъҳои таркибии идиомаҳои истиоравӣ кайҳо аз маъноии луғавии худ канда шуда, ба маъноии вобастаи фразеологӣ ё дурусттараш маъноии фразеологӣ соҳиб шудаанд. «Маҳдудшавии доираи ҳамнишинии маъноии ҷудогонаи луғавӣ ва ба ин васила сифатан тағйирёбии он маъноии вобастаи фразеологиро ба вуҷуд меоварад. Маъноии

вобастаи фразеологии калима дар ҳамнишинии ноҷунбони калима бо калима ва ё калимаҳои дигар зоҳир мешавад» [Маҷидов Ҳ., 2007, с. 28].

Маълум мегардад, ки калима дар таркиби воҳидҳои фразеологии идиомавӣ ба пуррагӣ аз маънои асливу луғавии худ дур шуда, дар доираи маҳдуди сохтори фразеологизм маънои нави забонӣ – маънои фразеологиро касб мекунад, ки он бисёр вақт ҷудонопазир аст. Ин ҳолат ба идиомаҳои истиоравӣ низ хос мебошад ва дар онҳо низ калимаҳо ба таври шинохтанашавандаи маъноӣ аз маънои луғавии худ канда мешаванд. Барқарор намудани ин ё он тобиши маъноии калима дар дохили идиомаи истиоравӣ ғайриимкон буда, чунин падида ба сатҳи баланди зоҳиршавии маънои маҷозӣ дар мундариҷаи унсурҳои таркибии он алоқа дорад. Ба таври дигар, калимаҳо дар таркиби идиомаи истиоравӣ доираи маҳдуди зоҳиршавии маъноиро касб мекунанд ва маҳз ҳамин маҳдудияти маъноӣ семантикаи бутуни воҳиди фразеологиро ба вуҷуд меорад. Ҳолати мазкурро метавон ба тавассути идиомаҳои истиоравии **мӯйи бадани касе сих шуд** «касе сахт тарсид», **дар миёни обу оташ мондан** «ҳолати ноилоҷӣ, имдодталабӣ», **кайфи касе парид** «табъи касе хира шуд» ва **бандагиро ба ҷо овардан** «мурдан, фавтидан» тасдиқ намуд, ки дар онҳо ҳама унсурҳои таркиби ибора ва ҷумлаҳои фразеологӣ маънои вобастаи фразеологиро соҳибанд:

«Занатро ҷавоб деҳ» - гуфтани ӯ ба ёдаш расида, **мӯйи баданаш сих мешуд** (Муҳаббати Ю. Пайванди шикаста, 60). – Бечора, **дар миёни обу оташ мондааст** (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 329).…вақте ки лабони соҳибҷашн аз бӯсаборони меҳмонон ба сӯзиш даромаданду хаставу лакот гашт ва онҳоро аз ҳавлӣ баровард, **кайфи Сурхон парид** (Самадов А., Майдон, 148). Одаме, ки чанд сол пеш **бандагиро ба ҷо овардааст**, зӯр зада роҳи сари кӯчаро меруфт (Ҳошимов Ӯ., Нур ва соя, 59).

Дар идиомаҳои истиоравӣ дараҷаи баланди зоҳиршавии маҷози забонӣ мушоҳида мешавад, ки заминаи онро дар гузариши маънои луғавии ашёву ҳодиса ба маънои фразеологии воҳиди фразеологӣ ҷустуҷӯ намудан мувофиқ аст. Маънои луғавии мафҳумии ин ё он калима, ки мафҳуми алоҳидаеро ифода мекунад, ба тариқи гузариш ба сатҳи нисбатан баландтар ва мураккабтари

зоҳиршавӣ дар мундариҷаи воҳиди фразеологӣ инъикос мегардад ва дар қисмате аз онҳо бо образнокии баланд ифода меёбад. Дар қолаби идиомаҳои истиоравӣ ифодаи барҷастаи маҷоз маънои фразеологиро ба вуҷуд меорад ва он дар навбати худ ба унсурҳои алоҳидаи маъноӣ тақсим мешавад. Ба андешаи инҷониб, яке аз омилҳои рехтагиву уствории идиомаҳо маҳз дараҷаи баланди зоҳиршавии маҷоз мебошад. Маънои фразеологии калимаҳои дохили идиомаҳои истиоравӣ маҳз ба воситаи маҷоз сурат мегирад ва аз ин ҷост, ки маҷозро дар мундариҷаи фразеологизмҳо воситаи муҳимми бавуҷудоварандаи тобишҳои маъноӣ ва воситаҳои тасвири бадеӣ медонанд. Ба таври дигар, дар мундариҷаи дилхоҳ воҳиди фразеологие, ки маҷоз бошад, дар он ин ё он унсури маънои фразеологӣ ва воситаи тасвири бадеӣ ошкор мегардад. Аз ин назария танҳо ифодаҳои ғайриидиоматикии фразеологӣ истисно мебошанд, ки дар сохтори онҳо маҷози забонӣ дида намешавад.

Ҳамин тавр, идиомаҳои истиоравӣ дар худ маҷозияти баландро инъикос намуда, ба ин васила сохтори ниҳоят устуворро соҳибанд. Таносуби маҷозияти баланд ва қолаби рехтаи ин гуна воҳидҳои фразеологии истиоравӣ имкон медиҳад, ки онҳо аз миёни дигар навъҳои маъноӣ ба осонӣ ҷудо карда мешаванд ва маънои ягонаи мустаъмалро ифода мекунанд. Масалан, дар идиомаҳои истиоравии дуҷузъа ва бисёрҷузъаи зайл: **оташ гирифтан** «ба қаҳр омадан, дарғазаб шудан», **дил бохтан** «меҳру муҳаббат бастан», **алангаи касе ба осмон баромад** «касе сахт ба ташвиш афтод, ба ғазаб омад», **ба даҳон ҷурғот хобондан** «хомӯш истодан, ҳарфе нагуфтан» ва монанди инҳо:

Бо ҳамин фикру хаёлҳо дилу ботини падари Осиямоҳ **оташ гирифта**, пас аз хомӯшии зиёд боз ба Барзу фаҳмондан хост (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 51). Баногоҳ **дил набохта** бошад? (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 167). Акнун хабари нохуши се рӯз боз ба Давлатбии мурдор хизмат карда истодани писарашро шунида, **алангааш ба осмон мебаромад**… (Наҷмиддинов М., Дарё маҷрои нав меҷӯяд, 244). Аммо ӯ гӯиё **ба даҳонаш ҷурғот хобонда** бошад, ҳарфе намезад (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 266).

Идиомаҳои истиоравӣ, асосан, дар қолаби ибораҳои фразеологии феълӣ ва ҷумлаҳои фразеологии содаи дутаркиба ташаккул меёбанд. Маҳз ҳамин қолабҳо аз рӯйи сохтор ва ифодаи ҷузъҳои таркибӣ барои созмони идиомаҳои истиоравӣ созгоранд ва ҳама нишонаҳои онҳоро дар худ ғунҷонда метавонанд. Қолаби таркибҳои фразеологӣ аз ин фарзия истисно мебошад, зеро дар сохтори онҳо маҷоз наметавонад дар сатҳи зурурӣ ифода ёбад. Масалан, бештари таркибҳои ҷуфти фразеологиро, ки яке аз унсурҳои дохилии онҳо бо маънои луғавӣ истифода мешавад, метавон ба гурӯҳи фраземаҳо нисбат дод. Аз ин рӯ, идиомаҳои истиоравиро дар қолаби ибора ва ҷумлаҳои фразеологӣ ошкор намудан ба мақсад мувофиқ аст. Дар ҳар ду навъи сохторӣ низ имкониятҳои зоҳиршавии маҷоз мусоид буда, дар асоси он тамоми воҳиди фразеологӣ ҳамчун унсури яклухт баромад мекунад. Танҳо фарқ дар ин аст, ки дар ҷумлаҳои фразеологии дутаркибаи истиоравӣ маҷозият дар заминаи иштироки унсурҳои ташаккулдиҳандаи ҷумла ба таври комил ва ҷамъбастшуда сурат мегирад. Ҳолати мазкурро ба ибораҳои фразеологии феълии истиоравӣ нисбат додан ғайриимкон аст, зеро дар онҳо қолаб тағйир ёфта, ҷузъи феълӣ на ҳамчун унсури хабарии предикативӣ, балки ба сифати унсури ҳатмии қолаби ибора баромад мекунад. Чунончи, ин фарқиятро ҳангоми муқоисаи феълҳои таркиби ибора ва ҷумлаҳои идиоматикии истиоравии зерин мушоҳида намудан мумкин аст: **ба гӯри касе хишт кашондан** «касеро ғайбат кардан», **дасту дил шустан** «ноумед шудан» (ибораи фразеологии феълӣ), **бозори касе хунук шуд** «замони касе гузашт, даври ҷавонии касе сипарӣ шуд», **ба пӯстини касе кайк афтод** «касе беқарор, бесаранҷом шуд» (ҷумлаи фразеологии содаи дутаркиба):

– Ин ғӯладинг ба куҷо ғайб зад гуфта, **ба гӯрам** тоза ҳам **хишт кашондагед**? – узрхоҳона ҳазл намуд Хол (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 180). Аз ман ҳам, аз духтарашон ҳам **дасту дилро шуста**, арози дароз карда рафтааанду як соли тамом ин тараф ба остонаамон қадам намемонанд (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 436). Нафаҳмида монд, ки ҷавониаш гузашт, ҳуснаш кост, **бозораш хунук шуд** (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 71). Аз ин рӯ **ба пӯстинаш кайк уфтод** (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 252).

Нишонаи дигари идиомаҳои истиоравӣ ин адами муносибатҳои наҳвии миёни ҷузъҳои дохилии онҳо мебошад. Ҳама гуна воситаҳои алоқаҳои синтаксисӣ дар таркиби идиомаҳои истиоравӣ аз вазифаҳои худ дур шуда, дар дохили қолаби он ҳамчун унсури ҳатмӣ иштирок мекунанд. Мувофиқи ақидаи забоншиноси рус Виноградов В.: «Ҳар қадар ки семантикаи ин хели гурӯҳҳои фразеологӣ яклухттар ифода шуда бошад, онҳоро ба ҳамон андоза аз ҷиҳати синтаксисӣ тақсимнашаванда донистан лозим меояд» [Виноградов В.В., 1977, с. 157].

Дар ин маврид маънои яклухти идиомаҳои истиоравӣ ҳамчун омили муттаҳидкунандаи ҷузъҳои дохилии онҳо дониста мешавад, ки дар заминаи ифодаи барҷастаи он натанҳо калимаҳои мустақилмаъно, балки воситаҳои алоқаҳои наҳвии миёни онҳо аз тобишҳои маъноии худ ба куллӣ дур мешаванд. Онҳоро дар таркиби идиомаҳои истиоравӣ дубора барқарор намудан ғайриимкон аст. Маънои яклухти идиома ҳама ҷузъҳои дохилии онро аз ифодаи маъноҳои маъмулиашон дур карда, ба ҳайси як воҳиди яклухту устувор ва тағйирнаёбанда намоён мекунад. Иваз намудани ҳатто ин ё он воситаи алоқаи наҳвӣ дар таркиби идиомаҳои истиоравӣ номумкин аст ва ин амал ба вайрон шудани сохтори он оварда мерасонад. Маънои ин қабил воҳидҳои фразеологии истиоравӣ ба ҳадде равшану фаҳмо аст, ки дар шуури шунаванда кайҳо сабт шудааст ва онҳоро маҳз бо ҳамин маъно мешиносанду истифода мебаранд. Масалан, дар идиомаҳои истиоравии **ба дом афтодан** ба маънои «фиреб хӯрдан», **по ба лаби гӯр расидан** «пир, солхӯрда шудан» **аз тухм баромадан** «таваллуд шудан, ба дунё омадан», **димоғи касе сӯхт** «касе сахт норозӣ ва хафа шуд», ки маъноҳои яклухту мустаъмали барои соҳибони забон фаҳморо соҳибанд, ҳама унсурҳои дохилии идиома мавқеи муайяни ҷойгиршавӣ доранд ва як воҳиди комили рехтаро ба вуҷуд овардаанд:

Вале боз андешид, ки мабодо дарвеш бо мақсади **ба дом афтодани ӯ** чунин амалро раво дида бошад? (Зоҳир А., Завол, 69). **Поям ба лаби гӯр расида** бошад ҳам, зиндаам, хоната алов сар метиям, рӯзта сиёҳ мекунам (Мирзо К., Ишқи сархӯр, 26). Мавлонов бе панду насиҳати тирмизакҳои нав **аз тухм баромада** ҳам

чӣ кор карданашро медонад (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 65). Сайёра рӯймоли биринҷ басташударо дида, **димоғаш сӯхт** (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 170).

Метавон хулоса намуд, ки мавқеи идиомаҳои истиоравӣ дар захираи фразеологии забонамон устувор буда, онҳо дар заминаи гузариши маънои як мафҳум ба дигаре созмон ёфта, асосан, ҳамон нишонаҳоеро доранд, ки онҳо ба дигар навъҳои идиомаҳои фразеологӣ хосанд.

2.8.2. Фраземаҳои истиоравӣ. Фраземаҳои истиоравӣ низ дар баробари идиомаҳои ба тавассути истиора ташаккулёфта барои ифодаи мафҳумҳои образнокшуда истифода мешаванд. Заминаи асосии зоҳиршавии онҳоро ҳам тасвири хубтару намоёни мафҳум ва дар натиҷа гузариши маънои он ба сатҳи нисбатан беҳтару баландтар ташкил медиҳад. Танҳо фарқи асосӣ дар он аст, ки агар идиомаҳои истиоравӣ чунин гузаришро дар сатҳи баланди маҷозият соҳиб шаванд, дар воҳидҳои фразеологии истиоравии фраземавӣ чунин ҳолати гузариши маъно як андоза маҷозияти ноустуворро соҳиб аст. Ин ноустувории маҷоз дар таркиби фраземаҳо ба маънои луғавии яке аз унсурҳои дохилии онҳо иртиботи зич дорад. Яъне дар таркиби фраземаҳои истиоравӣ метавонад яке аз ҷузъҳо аз доираи маҷозонидани тамоми ифода берун монад ва ба маънои луғавӣ истифода шавад. Маҳз ҳамин ноустуворӣ ва дар сатҳи баланд ифода наёфтани маънои маҷозӣ дар ин гурӯҳи фразеологизмҳои истиоравӣ онҳоро ҳамчун қабати махсус ошкор менамояд. Чунончи, дар воҳидҳои фразеологии истиоравии зерин истифодаи калимаҳои **сухан, маломат, андеша** ва **хомӯшӣ**, ки бо маънои мустаъмали луғавии худ корбурд шудаанд, онҳоро ба гурӯҳи фраземаҳои истиоравӣ мансуб намудаанд: **ҷилави суханро ба дигар тараф кашидан** «мавзуи сухан, суҳбатро дигар кардан», **ба сари касе санги маломат борид** «касеро сахт таънаву маломат карданд», **даст аз домани андешаҳо гирифтан** «аз қайди андеша раҳо шудан, андеша накардан», **яхи хомӯширо шикастан** «хомӯш наистодан, сухан гуфтан»:

– Хонаи бахташ, духтарам, - ҷавоб дод падари Анӯша ва ҳадаҳа **ҷилави суханро ба дигар тараф кашид**… (Самадов А., Майдон, 39). **Ба сари**

муҳаққиқон санги маломат борид, қабри шоири бечора чандин бор тагурӯ шуд ва оқибат баҳс нотамом монду кор ба таҳқиқи ашъори Бедил оид гашт (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 80). Баъд аз он Бободӯстов **даст аз домани андешаҳо гирифт**, ба котиба фармуд, ки Каримаро ёфта, назди ӯ оварад (Наҷмиддинов М., Дарё маҷрои нав меҷӯяд, 13). … холаи Дилбар **яхи хомӯширо шикаста**, онҳоро ба гап мегирифт (Фирӯз Б., Тору пуд, 111).

Ҳарчанд фраземаҳои истиоравӣ низ маънои яклухтро ифода мекунанд, вале дар ташаккули маънои онҳо дигаргуние дида мешавад, ки он ба дигар гурӯҳҳои маъноии воҳидҳои фразеологӣ хос нест. Масалан, агар маънои ягонаи идиомаҳо дар заминаи умумияти маънои маҷозии ҷузъҳои дохилӣ ва маънои ифодаҳои ғайриидиоматикӣ дар асоси умумияти маъноҳои луғавии калимаҳои таркибии онҳо сар занад, дар зоҳиршавии маънои яклухти фраземаҳо ҳам тобишҳои маънои маҷозӣ ва ҳам луғавии ҷузъҳои таркибии онҳо саҳм доранд. Агар маънои маҷозии фраземаҳои истиоравӣ дар асоси қолаби ягонаи онҳо сурат гирад, маънои луғавии онҳо бар дӯши ҳамон калимаи муайянест, ки дар таркиби фразема бо ҳамин навъи маъно меояд. Бар замми ин, ҳангоми муқаррар намудани маънои ягонаи фраземаи истиоравӣ ба сифати калимаи меҳварии таъминкунандаи маънои он маҳз ҳамон калимае баромад мекунад, ки бо маънои луғавӣ истифода шудааст, на он ҷузъҳое, ки маънои маҷозиро касб намудаанд. Қолаби фразема дар ин маврид ҳамчун унсури ёрирасон барои зоҳиршавии хубтари мафҳум дар шакли калимаи мустақилмаъно истифода мешавад. Аз ин ҷост, ки аксаран дар вақти нишон додани маънои фраземаи истиоравӣ ҳамон калимаи луғавимаъно ҳамчун воситаи асосии маъносоз вазифаи худро иҷро мекунад. Барои тасдиқи назарияи зикршуда метавон фраземаҳои истиоравии **дили касе дар ташвиш афтод** «касе ба ташвиш омад», **ба муроди дил расидан** «ба мақсад даст ёфтан», **ангушти таҳайюр зери дандон гузоштан** «ҳайрон шудан, ба ҳайрат афтодан» ва **риштаи хаёлоти касе канд** «хаёли касе парешон шуд»-ро мисол овард, ки дар онҳо бори асосии ифодаи маъно бар дӯши калимаҳои озоди таркиби онҳо мебошад:

… боз **дилаш дар ташвиш афтода** буд, аз ҳамин рӯз сар карда гӯё ки беватан, безамин ва бехонумон шуда истода буд (Айнӣ С., Дохунда, 48). Бечора модараш ҳам яккадаст шуда монд, вай ҳам келин фуроварда **ба муроди дилаш расад** ва як фарзандаш ду фарзанд шавад (Айнӣ С., Дохунда, 55). Шодиева **ангушти таҳайюр зери дандон гузошт**, ғамгин даст ба пухтани мастоба зад (Наимӣ Қ., Фоҷиа дар чашмасор, 82). Аз айвон шалафаи пой баромад ва **риштаи хаёлоти Сафо канда шуд** (Самадов А., Майдон, 131).

Таҳлилҳо ба хулосае меоранд, ки ба вазифаи калимаҳои меҳварии таъминкунандаи маънои ягонаи фраземаҳои истиоравӣ бештар вожаҳои ғайришахс ва ифодакунандаи мафҳумҳои муҷарради тафаккури инсонӣ корбаст мешаванд. Ба тавассути онҳо ҳолат, вазъият, амалу ҷараёнҳои мухталифи фаъолияти шахс дар шакли воҳидҳои фразеологии истиоравӣ таҷассум меёбанд. Калимаҳои маҷозимаънои қолаби фразема дар ин ҳолат бо калимаи меҳварӣ ҳамнишин гардида, таносуби мантиқии миёни ҷузъҳои дохилии фраземаро таъмин мекунанд. Чунин таносуби дуруст бештар миёни ҷузъҳои номӣ ва феълии фраземаҳои истиоравӣ мушоҳида мешавад. Масалан, дар фраземаҳои истиоравии **ба гап ҷома пӯшондан** «гапдонӣ кардан, суханро обутоб додан», **ангушти ҳайрат ба лаб бурдан** «ҳайрон шудан, дар ҳайрат афтодан», **чароғи умеди касе фурӯзон гашт** «касе умедвор шуд», **дар дили касе навмедӣ андохтан** «касеро навмед кардан»маҳз ҳамнишинии муносиб ва мувофиқати таносуби миёни ҷузъҳои онҳо барои ифодаи барҷастаи маънои ягонаи фразема хизмат кардааст:

… зайли рӯбоҳ печутоб мехӯрад, **ба гап** сад **ҷома мепӯшонад**, макру ҳилла мекунад, то мусоҳибро ба дом афтонад (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 109). Ӯткуру Алишер аз ҳикояти Наташа Медведовна Афаристова **ангушти ҳайрат ба лаб бурданд** (Мамадов К., Кофтукови ҷиноятқор, 95). **Чароғи умедаш** аз нав **фурӯзон гашт**, дасту дилаш ба кор гармтар шуд. Акнун сари калобаашро ёфт (Мамадов К., Кофтукови ҷиноятқор, 132). Нигоҳаш ҳам озмоишкор ва ҳам ким-чӣ хел карахту бемеҳр буд: **дар дили бинанда навмедӣ меандохт** (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 155).

Фраземаҳои истиоравӣ дар муқоиса бо идиомаҳои истиоравӣ дар қолабу сохтори таркибҳои ҷуфтистеъмол, ибораҳои фразеологии феълӣ ва ҷумлаҳои содаи фразеологии дутаркиба шакл мегиранд. Вобаста ба он ки дар сохтори қисмате аз таркибҳои ҷуфтистеъмол яке аз ҷузъҳои таркибӣ бо маънои луғавӣ истифода мешавад ва сохтори онҳо ба ҳадди идиомаҳои рехтаву устувор нест, аз ин ҷиҳат, онҳоро ҳамчун фраземаҳои истиоравӣ маънидод кардан мумкин аст. Сохтори ин навъ воҳидҳои фразеологии истиоравӣ аз ду калимае таркиб меёбад, ки миёни ҳам гӯё алоқаи пайваст доранд ва умумияти маънои онҳо маънои ягонаи таркиби фразеологиро ба вуҷуд меорад. Ба монанди **сару либос** «зоҳир, намуд», **кайфу сафо** «истироҳат», **дӯғу пӯписа** «сарзаниш» ва **молу амвол** «дороӣ, сарват»:

Бо ин қаду қомату **сару либос** қариб туро нашиносам (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 257). … дар зери сояи маҷнунбед нишаста **кайфу сафо** мекунад, моҳибирён мехӯрад ва ба ибораи худаш «нӯшдору» қабул мекунад (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 6). Дар ҷаримаандозӣ ва **дӯғу пӯписа** устухон надорад (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 68). Техникаи хоҷагӣ, **молу амвол**, чорвою молхонаҳо, саройҳо, заводу фабрикаҳо биноҳо ва корхонаҳо, клубу бинои идораҳо ба ҳабс гирифта шуданд (Сорбон, Барзгар, 110).

Навъи аз ҳама серистеъмоли фраземаҳои истиоравиро ибораҳои фразеологии феълӣ ташкил медиҳанд. Қолаб ва сохтори таркибии ин қабил воҳидҳои фразеологӣ, ки дар захираи фразеологии забони тоҷикӣ низ бартарӣ доранд, барои инъикоси фраземаҳои истиоравӣ мусоид мебошад. Дар онҳо низ, одатан, яке аз калимаҳо ба маънои луғавӣ истифода мешавад, ва он, тавре қайд намудем, ҳамчун омили асосии зоҳиршавии маънои фразеологии ибора баромад мекунад: **ба пойи касе гуноҳ бастан** «касеро гунаҳкор нишон додан», **гап фурӯхтан** «гап задан, суханбозӣ кардан», **дар тарозуи хаёл баркашидан** «дар хаёл санҷидан, муоина кардан», **дар хотири касе қадам задан** «ба хотири касе омадан»:

… **ба пойи ҷиян бастани гуноҳи** таго, ба ҷои сардор зиндонӣ шудани хидматгор ва он қадар вайронкориҳоро шунидаст, ки дар так-так нагунҷад

(Сорбон, Зуза, 227). … дар пешгаҳ як домуллои шикамкалон, сутунгардан, филҷусса ва хукталъат нишаста, ба мардум **гап мефурӯшад** (Икромӣ Ҷ., Ҳикоя ва очеркҳо, 213). Нишона сӯйи хамба менигарист ва орди боқимондаро **дар тарозуи хаёл бармекашид** (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор, 58). Кампири Шамсия боз ба сари танҳои худ месӯхт-месӯхту яке медид, ки эшони Сангин мутакаббирона **дар хотираш қадам мезанад** (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 80).

Фраземаҳои истиоравӣ ҳамчунин дар қолаби ҷумлаҳои содаи дутаркиба ташаккул меёбанд. Дар ин қабил воҳидҳои фразеологии истиоравӣ хабар ба маънои маҷозӣ омада, мубтадои ҷумла ба худ калимае қабул мекунад, ки ба маънои луғавӣ меояд. Масалан, дар ҷумлаҳои фразеологии истиоравии зерин ибораҳои изофии **лашкари гуруснагӣ, бози давлат, косаи сабру бардошт** ва **борони ҳақорат** дар шакли тавсифҳои рехта ҳамчун ҷузъҳои номии ҷумлаҳои фраземавии истиоравӣ истифода шудаанд: **лашкари гуруснагӣ табл зад** «гурусна мондан», **бози давлат дар сари касе нишаст** «касе бадавлат шуд, кори касе омад кард», **косаи сабру бардошти касе лабрез гардид** «сабру тоқати касе намонд», **ба сари касе борони ҳақорат борид** «касе ҳақорат шунид»:

Лашкари гуруснагӣ дар шикамҳо **табл мезад** (Самадов А., Паррончакҳо, 31). – Пеш аз ту **бози давлат дар сари Некном нишаст**-ку, – ба суҳбат шарик шуд Мирак (Самад А., Гардиши девбод, 177). …. чун **косаи сабру бардошташ лабрез гардид**, меғуррад: «А саг, ҷакидан бас! Гӯши мардума кар кардӣ…» (Самад А., Гардиши девбод, 186). **Ба сари онҳо низ борони ҳақорат бориду** пасу пеш ҳар чи зудтар гурехта халос шуданд (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 21).

Ҳамин тавр, фраземаҳои истиоравӣ низ ба монанди дигар қабатҳои маънои воҳидҳои фразеологӣ нишонаҳои муайян дошта, ташаккули махсуси сохтор ва маъноро соҳибанд. Дар қолаби ибора, таркиб ва ҷумлаҳои фразеологӣ омада, онҳо мафҳумро дар заминаи истиораи пӯшида дар сатҳи нисбатан баланди зоҳиршавӣ ва бо тобишҳои образнокӣ таҷассум мекунанд. Агар дар идиомаҳои истиоравӣ омили асосии муттаҳидкунандаи сохтор ва маънои ягонаи фразеологӣ маънои маҷозии тамоми ҷузъҳо бошад, дар фраземаҳои истиоравӣ чунин

вазифаро калимае иҷро мекунад, ки ҳамчун соҳибистиора ба маънои луғавӣ меояд.

Диаграммаи №1

Диаграммаи истифодаи воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ ва истиоравӣ дар боби 2-юм



Гистограммаи №2

БОБИ III

ТАШБЕҲ ДАР СОХТОРИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗАБОНИ АДАБИИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ

3.1. Ташбеҳ ва нақши он дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ

Ташбеҳ (сравнение) баробари дигар воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ иштироки фаъол дорад. Ин навъи фразеологизмҳоро воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ меноманд. Ташбеҳ муқоисаи образноки ду ашё ё ҳодиса мебошад, ки бо мақсади барои соҳибзабон муайян намудани аломати барҷастаи ин ё он мафҳум ифода меёбад. Аксаран чунин монандкунӣ бо мақсади образнок намудани маънои мафҳумӣ сурат мегирад. Яъне дар ин маврид монандкунӣ ё муқоиса намудани ашё ё ягон паҳлуи барҷастаи он заминаи асосии ташбеҳ ва ифодаи образноки мафҳум ҳисобида мешавад. Маҳз ҷанбаи монандкунӣ, ки аксаран воқеӣ ва тасаввуршаванда мебошад, образнокӣ ва дигар тобишҳои маъноиро дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ ба вуҷуд меорад.

Дар хусуси ташбеҳ ҳамчун воситаи фаъоли тасвири бадеӣ ҳам олимони риштаи адабиётшиносӣ ва забоншиносии хориҷиву ватанӣ андешаҳои ҷолиб иброз намудаанд. Агар муҳаққиқони адабиётшинос онро навъе аз санъатҳои бадеии маънавӣ унвон дода, вазифаи онро аз ташбеҳ шудани сифатҳои барҷастаи ашёҳои гуногун дониста ва навъҳои зиёди онро ҷудо мекунанд [Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, 1998; Рашиди Ватвот, 1987; Зеҳнӣ Т., 1967; Тоиров У., Ибодов Б., Тоиров Ш., 2005; Шарифов Х., 1991; Шарифов Х., Тоиров У., 2005], олимони забоншинос ташбеҳ ва муқоисаро дар калима ва воҳидҳои фразеологӣ унсури муҳимми бавуҷудоварандаи муассирӣ ва маъно дар мундариҷаи онҳо медонанд [Пайзуллаева З., 2010; Ройзензон Л., 1971; Эгамбердиев Р., 19171; Маҷидов Ҳ., 2007; Дӯстов Ҳ., 2014; Султанова Р., 2020].

Агар таърифи илмии ташбеҳро дар сарчашмаҳо ҷустуҷӯ намоем, маълум мегардад, ки онро аз давраҳои қадим дар шеър ошкор намудаву таъриф додаанд. Масалан, донишманди тоҷик Абуалӣ ибни Сино дар бораи ташбеҳ чунин меорад: «Мутобиқа ва табиатпардозӣ саввумин фасли мумайизи ташбеҳ буда ва онро ба тарафи зиштӣ ё зебоӣ баргардондан мумкин аст. Ва гӯё муҳокот ва намоише омода барои ситоиш ё накӯҳиш аст, чунонки ҷунбиши инсони хашмнокро ба ҷунбиши шер ташбеҳ мекунанд ва ин як навъ воқеъгӯӣ ва табиатпардозӣ аст…» [Фанни шеър, 1985, с. 84].

Атоуллоҳ Ҳусайнӣ дар асараш «Бадоеъ-ус-саноеъ» чизеро, ки ташбеҳ мешавад, мушаббаҳ ва чизеро, ки ташбеҳ мекунад, мушаббаҳбиҳӣ номидааст [Ҳусайнӣ Атоулло Маҳмуд, 1974, с. 152]. Ин мафҳумҳо дар адабиёти илмии имрӯза ҳам корбаст шудаанд: «Ин ду тарафи монандаро мушаббаҳ ва мушаббаҳ (ум) биҳӣ ё монандшаванда ва монандкунанда ва ё монанду монанда гуфтаанд. Шакли осонтару муносибтари истилоҳ ҳамин монанд ва монанда мебошад» [Шарифов Х., Тоиров У., 2005, с. 251].

Ба таври умум, таърифи илмии ташбеҳро ҳамчун санъати бадеӣ дар шеър олимони адабиётшинос хеле зиёд додаанд ва мо назарияи муҳаққиқи донишманд, профессор Х. Шарифовро ҳамчун ҷамъбасти ҳама ақидаҳои мавҷуда ба ҳисоб мегирем ва бо ҳамин баҳси адабиётшиносии ташбеҳро анҷом мебахшем: «Маънои ташбеҳ дар луғат монанд кардан аст ва дар истилоҳ иборат аст аз монанд кардани чизе бо чизе дар сифате муштарак миёни ҳарду. Дарёфт дар ташбеҳ аз рӯйи завқ ва сифату миқдор аст. Масалан, дар ташбеҳи лаб ба лаъл сифати муштараки сурхии ҳарду дар назар аст. Қиёс ҳама вақт аз ду рукн иборат аст. Рукни аввали муқоисаро мушаббаҳ ва дуюмро мушаббаҳ биҳӣ гуфтаанд. Барои ифодаи ин маъниҳо вожаҳои монандшаванда, монандкунанда ва монанду монандаро ҳам ба кор мебаранд. Калимаҳои мувофиқ ва рехтатар монанд ва монанда мебошанд. Барои пайвастани ин ду рукни асосӣ воситаҳое истифода мешаванд. Ба ин тариқ, аркони асосии ташбеҳ аз инҳо иборат мешаванд: 1. Монанд; 2. Монанда; 3. Ваҷҳи монандӣ; 4. Адоти ташбеҳ. Мисол: Абрӯи маҳбуба

монанди камон хамида аст. Абрӯи маҳбуба – монанд, камон – монанда, хамида – вачҳи ташбеҳ ва монанд – адоти ташбеҳ аст» [Шарифов Х., 2002, с. 73-74].

Муҳаққиқони забоншинос низ дар хусуси ташбеҳ ва вазифаҳои он назарияҳои гуногунеро пешниҳод намудаанд, вале нуктаи меҳварии ҳама назарияҳои ҷойдоштаро заминаи муқоисавӣ доштани ташбеҳ ҳамчун воситаи тасвири бадеӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ ташкил медиҳад ва ин қабил фразеологизмҳоро воҳидҳои фразеологии компаративӣ ё ташбеҳӣ унвон кардаанд» [Ройзенсон Л.И., 1971; Пайзулаева З.Х., 2010; Дӯстов Ҳ., 2014; Саидов Н, 2016]. Мувофиқи ақидаи забоншиноси рус Ройзензон Л.И., воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ чунин ибораҳое мебошанд, ки аз ҷиҳати сохтор рехтаву устувор буда, ҳамчун воҳиди тайёри забон истифода шуда, «барои муқоисаи аломат, амалу ҳаракат, сифат ва хусусиятҳои барҷастаи як предмет бо предмети дигар хизмат мекунанд» [Ройзензон Л.И., 1971, с. 14].

Донишманди дигари мушкилоти фразеологияи ташбеҳӣ Сидякова Н.М. ташбеҳоти устуворро дар забони муосири англисӣ таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки дар онҳо низ нишонаҳои устувориву рехтагӣ ва яклухтмаъноии дигар навъҳои воҳидҳои фразеологӣ дида мешавад ва онҳо бештар дар қолаби дуҷузъа вомехӯранд. Ба вазифаи ҷузъи асосии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ бештар исму сифатҳо истифода мешаванд [Сидякова Н.М., 1964].

Муҳаққиқи воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар забонҳои аварӣ ва англисӣ Пайзулаева З.Х. муқоиса ва монандкуниро асоси ин гурӯҳи воҳидҳои фразеологӣ маънидод намуда, таъкид мекунад, ки воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар роҳи барҷаста нишон додани ин ё он ашё ва ягон аломати он ба воситаи муқоиса муҳимтарин унсури забонӣ ба ҳисоб рафта, онҳоро метавон ба ибораҳои фразеологии ташбеҳии феълӣ ва зарфӣ ҷудо намуд. Муаллиф ҳамчунин дар таҳқиқоти худ ба сифати воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ бештар ифодаҳои дуҷузъаи аз ёридиҳандаи монандӣ ва калимаи мустақилмаъно (мисли саг, монанди гӯсфанд, мисли нисфирӯзӣ) таркибёфтаро дохил мекунад [Пайзулаева З.Х., 2010]. Мо чунин назарияро қабул надорем, зеро барои сохтори ташбеҳи комили фразеологӣ мавҷудияти ҳадди ақал ду калимаи мустақилмаъно ва

ёридиҳандаи ташбеҳиро дар таҳқиқоти диссертатсиониамон аллакай исбот намудаем [Дӯстов Ҳ., 2014, с. 76].

Забоншиноси дигар Трегубчак А.В. дар таҳқиқоти худ ташбеҳро мафҳуми илмии илмҳои математика, мантиқ, психология, фалсафа, адабиётшиносӣ ва забоншиносӣ ҳисобида, зикр менамояд, ки ҳамчун объекти забоншиносӣ ташбеҳ мафҳуми баробар ё нобаробар, зиёд ё кам будани дараҷаи аломат мебошад, ки дар сатҳи грамматика ба тавассути сифат ва зарф ва дар сатҳи луғатшиносӣ ва фразеология бо ёрии калима ва воҳиди фразеологӣ зоҳир мешавад [Трегубчак А.В., 2008].

Дар забоншиносии тоҷик низ як қатор кӯшишҳо дар масъалаи равшан намудани моҳияти забонии ташбеҳ ва фразеологизмҳои ташбеҳӣ ба назар мерасанд. Чунончи, муҳаққиқи бахши фразеология Эгамбердиев Р. ташбеҳ ва муқоисаро маҳаки асосии мавҷудияти воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дониста, қайд менамояд, ки дар чунин гурӯҳи фразеологизмҳо тобиши маънои муқоиса дар заминаи боло гирифтани маънои яклухти фразеологӣ хеле хираву норавшан мушоҳида мешавад. «Дар онҳо муқоисаи як предмет бо предмети дигар ё ягон воқеа бо воқеаи дигар мушоҳида мешавад, вале маънои муқоиса, ташбеҳ дар зимни маънои яклухти фразеологӣ чунон пинҳон ва суст шудааст, ки фаҳмида гирифтани он як андоза амиқтар фикр карданро талаб мекунад» [Эгамбердиев Р., 1971, с. 118]. Дар пайи назарияи боло, ба андешаи инҷониб, заиф гардидани маънои ташбеҳ дар ташбеҳоти фразеологӣ аз он сабаб аст, ки дар баъзе аз онҳо ташбеҳшаванда иштирок намекунад. Дар асоси ҳамин нуқсони сохторӣ ташбеҳ он вазифаеро, ки дар муоширати одамон бо мақсади муайян бояд иҷро кунад, ба пуррагӣ иҷро карда наметавонад. Илова бар ин, мавҷудияти маънои яклухти фразеологӣ хусусияти ташбеҳии ибораро суст мекунад, зеро он монанди ташбеҳ маҳдудият надошта, дар муқоиса бо ташбеҳ маънои инкишофёфта ва васеътарро ифода мекунад. Ҳарчанд чунин воҳидҳои фразеологӣ дар заминаи ташбеҳ ба вуҷуд омада, бештар унсурҳои ёрирасони ташбеҳӣ, аз қабили ташбеҳкунанда, ёридиҳандаи ташбеҳӣ ва ваҷҳи ташбеҳ дар онҳо дида мешаванд, вале онҳо дар якҷоягӣ маънои яклухти фразеологиро ифода мекунанд. Аз ҳамин ҷиҳат дар зери

ифодаи барҷастаи маънои фразеологӣ хусусияти ташбеҳии воҳиди фразеологӣ норавшан ва хира мемонад. Бо вуҷуди ин дар заминаи маънои яклухти фразеологӣ ҷой гирифтани ташбеҳ то андозае эҳсос мешавад. Масалан, ҳангоми таҳлили маънои воҳидҳои фразеологии ташбеҳии **ба мисли мӯйи ба оташ расида** «ҷонкоҳона, беқарор шуда», **монанди қатраҳои борон** «гуворо, ҷонбахшона», **чун девори намкаш** «гумонбар, чун бадгумон», **сояи офтоби бегоҳирӯзӣ барин** «бесулуқай, безебона» ҳамин назарияро тасдиқ намудан мумкин аст:

Низомӣ **ба мисли мӯйи ба оташ расида,** ба худ мепечад, доду вой мегӯяд, нолаю фиғон мебардорад (Мирзоев К., Дар орзуи падар, 206). Суханони ӯ **монанди қатраҳои борон,** ки ба рӯйи реги тафсон чакида, зуд ба мағзи он медароянд, ба мағзи дилҳо рафта мерасиданд (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 275). Мулло Абдулло, ки дар рӯзҳои охир аз ҳар ҳаракати саркору чоряккорҳояш **чун девори намкаш** нам мекашид… (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 370). – Мӯзаи нави пошнабаланд қади вайро **сояи офтоби бегоҳирӯзӣ барин** дароз карда буд (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 21).

Муҳаққиқи риштаи фразеологияи забони тоҷикӣ, профессор Ҳ. Маҷидов ташбеҳро ҳам дар мундариҷаи калима ва ҳам воҳидҳои фразеологӣ муқаррар намуда, фарқи миёни онҳоро нишон додааст. Ба андешаи ӯ, агар ташбеҳ дар луғатшиносӣ яке аз усулҳои маҷозии сермаъно шудани калима бошад, дар воҳидҳои фразеологӣ онро дар заминаи муқоисаву монандӣ ошкор намудан мумкин аст. Мувофиқи ақидаи профессор Ҳ. Маҷидов, «дар ин қабил ибораҳо низ монанди ибораҳои одии ташбеҳӣ ташбеҳшаванда, ташбеҳкунанда ва ёридиҳандаи ташбеҳро дучор кардан мумкин аст. Дар ибораҳои фразеологии феъли ташбеҳӣ ин ё он предмет, ҳодисаи реалӣ ба ягон ҳодисаи барҷастаи дигар, ки бо ифоданокӣ, пуробуранг ва таъсирбахш будани худ аз предмети ташбеҳшаванда як дараҷа болотар меистад, монанд карда мешавад» [Маҷидов Ҳ., 1968].

Профессор Султонова Р. бошад, воҳидҳои фразеологии ташбеҳиро дар забонҳои русиву тоҷикӣ баррасӣ намуда, зикр менамояд, ки ташбеҳ ҳамчун

воҳиди забоншиносӣ дар худ муқоисаи ду ашёро таҷассум мекунад, ки аз ягон ҷиҳат умумияти монандӣ доранд. Он тағйироти мунтазами аломати ашё ва дараҷаи онро муқаррар намуда, ба тавассути воситаҳои сатҳҳои гуногуни забонӣ зоҳир мешавад. Ба монанди дигар навъҳои воҳидҳои забонӣ ба ташбеҳ хосиятҳои алоҳидае мансубанд, ки бештар ба ҷанбаи сохторӣ ва маъноии он тааллуқ доранд. Дар созмони ташбеҳ ҳамчун воситаи образнок се унсур нақши асосӣ дорад: 1) ашё ё ҳодисае, ки ташбеҳ мешавад, яъне субъект; 2) ашё ё ҳодисае, ки ташбеҳ мекунад ва ашёи якум ба он муқоиса мешавад, яъне объект ва 3) умумияте, ки ба ҳарду ашё нисбат дорад [Султанова Р.М., 2020, с. 162].

Аз таҳлили назарияҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки моҳияти асосии ташбеҳро дар забон муқоисаи ду мафҳум ҷиҳати муқаррар намудани сатҳи муайяни монандӣ миёни онҳо ташкил медиҳад. Ташбеҳ дар воҳидҳои фразеологӣ зоҳиршавии бештар дорад ва ин қабил фразеологизмҳоро, тавре зикр намудем, воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ номидаанд. Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ қабати махсуси ифодаҳои рехтаи забонамонро ташкил дода, дар заминаи муқоисаи як ашё бо ашёи дигар ё ягон паҳлуи назарраси он ба вуҷуд меоянд. Асоси ташаккули сохториву маъноии ташбеҳоти фразеологиро муқоиса ташкил медиҳад ва дар ҷараёни он унсурҳои ташбеҳшаванда, ташбеҳкунанда ва ёридиҳандаҳои ташбеҳӣ иштирок мекунанд. Ташбеҳшаванда дар воҳиди фразеологии ташбеҳӣ шайъ, аломат ё амалест, ки ташбеҳкунанда дар асоси умумияти монандӣ онро ба худ ҳамранг мекунад. Калима ё воситаҳои грамматикие, ки дар монанд кардани ташбеҳшаванда ва ташбеҳкунанда хизмат мекунанд, ёридиҳандаҳои монандӣ ё ки адоти ташбеҳ ном доранд. Унсурҳои ташбеҳии зикршударо дар мисолҳои зер таҷзия кардан мумкин аст:

Шамол **чун гурги гурусна уллос мекашид**, хору хаси моил ба сурхӣ коҳилона ҷунбиш меҳӯрданд (Зоҳир А., Завол, 3).

Дар ин мисол ҳамаи он унсурҳои ёрирасоне, ки барои сохтори воҳиди фразеологии ташбеҳӣ заруранд (ташбеҳшаванда, ташбеҳкунанда, адоти ташбеҳ), иштирок доранд. Метавон аз рӯйи он нақшаи умумии фразеологизмҳои

ташбеҳиро кашид, ки он ба аксарияти воҳидҳои фразеологии ташбеҳии феълии забони тоҷикӣ хос аст:

Тасвири №8



Корбурди ташбеҳи забонӣ дар воҳидҳои фразеологӣ барои равшантару муҷаз ва ҳадафрас ифода намудани фикр имконияти бештаре медиҳад. Гӯянда барои пурратар тасвир намудани воқеаву ҳодиса ё чизе онро ба ашёи дигар ташбеҳ ё монанд мекунад. Ташбеҳ намудани як ашё ба ашёи дигар бештар ба ифодаҳои озоди нутқ мансуб буда, дар натиҷаи истифодаи онҳо мавзуи тасвир барҷастатар инъикос меёбад. «Аз ҳамин ҷиҳат ташбеҳ ба як предмет ва хусусиятҳои он хос буда, бо дигар шудани сифату хусусияти предмет ё воқеа ташбеҳ нисбати худро гум мекунад» [Эгамбердиев Р., 1971, с. 118].

Дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ ин гуна хусусият дида намешавад. Онҳо мувофиқи талаби мазмуну мундариҷаи ҷумла мафҳуми мушаххасро ифода менамоянд. Бештари ташбеҳоти фразеологӣ вазифаи хабарӣ (предикативӣ) доранд. Яъне дар асоси ташбеҳ кардани ташбеҳшаванда ва зоҳиршавии ташбеҳ дар ташбеҳкунанда мазмуни ҷумла хосияти предикативиро касб мекунад. Аз қабили **мисли шер наъра кашидан** «бо овози баланд, бадқаҳрона уллос кашидан», **барги бед барин ларзидан** «сахт тарсидан, ҳаросидан» **туғёни дарё барин мавҷ задан** «ба ҳаракат омадан», **мисли думи муш борик** «ниҳоят борик»:

Лекин ман **мисли шер наъра кашидам,** ба зани калони бой, ки ин таклифро карда буд, дод задам ва гуфтам, ки дигар бас аст, ба духтари ман кордор

набошанд (Икромӣ Ҷ., Духтари оташ, 82). – Ба ҳоли онҳое, ки либоспӯшии маро таъна зада, худашон аз хунукӣ **барги бед барин меларзиданд** … (Ниёзӣ Ф., Сарбозони бесилоҳ, 145). Намоиш **туғёни дарё барин мавҷ зада** ба сӯйи Чоршанбе равона шуд (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 176). Савора дар ин маврид бо ангушти дасти тозиёнадораш нӯги мӯйлабҳои **мисли думи муш борик** ва дарози тобдору каҷакашро бар зад… (Самад А., Гардиши девбод, 35).

Таҳлили маводи фаровони бадеӣ нишон медиҳад, ки таркиби ҳама гуна фразеологизмҳои ташбеҳӣ аз ду қисм иборат аст: обйекти муқоиса ва қисми муқоисавӣ. Масалан, барои муқоиса воҳиди фразеологии ташбеҳии **ба мисли сагу гурба зиндагӣ кардан-**ро мисол меорем. Дар ибораи мазкур қисми охири ифода **зиндагӣ кардан** обйекти муқоиса буда, **ба мисли сагу гурба** қисми муқоисавии он мебошад. Алоқаи миёни обйекти муқоиса ва ҳиссаи муқоисавии ибора мумкин аст ҳақиқӣ ё бардурӯғ бошад. Ё ин ки дар ибораи **ба мисли моҳӣ шино кардан,** ки маънои «моҳирона»-ро дорад, алоқа ҳақиқист, зеро дар ҳақиқат, ба мисли моҳӣ моҳирона шино кардан мумкин аст. Чунин мувофиқатро дар мисолҳои зерин низ дидан мумкин аст: **монанди одамони мадҳуш** «беҳисшуда, карахтшуда», **ҳамчун гурбае, ки аз сӯрохӣ баромадани мушро мунтазир бошад** «орому сокит», **чун шери модаи ташнабахун** «пурғазаб, дарқаҳр», **мисоли мӯру малах** «ниҳоят бисёр»:

Лекин ӯ ба ин гуна корҳо ҳеҷ илтифот намекард, **монанди одамони мадҳуш** ба ҳар чиз бепарвоёна муомила мекард (Айнӣ С., Ятим, 438). …манаҳашро ба рӯйи лӯлаболишт гузошта, **ҳамчун гурбае, ки аз сӯрохӣ баромадани мушро мунтазир бошад,** беҳаракат дароз кашида буд (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 109). Доду фарёд ва маҳалро шунида, ошпаззанак **чун шери модаи ташнабахун** давида омаду чашмаш ба Фирӯзаи афгор ва хуншор афтод… (Икромӣ Ҷ., Духтари оташ, 369). Як вақт аз тарафи Чинумочин душман пайдо шудааст, лашкараш **мисоли мӯру малах** (Улуғзода С., Восеъ, 133).

Воҳидҳои фразеологии ташбеҳиро аз рӯйи иштироки воситаҳои ёрирасон метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд: 1. Воҳидҳои фразеологии ташбеҳии равшан. 2. Воҳидҳои фразеологии ташбеҳии пӯшида.

Ташбеҳоти рехтаву устувори равшан чунин ифодаҳои рехтае мебошанд, ки дар онҳо ҳама воситаҳои ёрирасон иштирок доранд. Аз ин рӯ, маънои фразеологӣ дар чунин навъи фразеологизмҳои ташбеҳӣ равшан ифода ёфта, рехтагиву устувории ифодаро таъмин намудааст. Чунончи, ташбеҳоти фразеологии **мисли оташи барқ дурахшидан** «фавран, ба тезӣ», **чун нони нав аз танӯр беруномада суп-сурх** «назаррабо, диққатҷалбкунанда», **монанди дарёи пуроб мавҷ задан** «худсарона, беихтиёр» ва **мисли мурғи посӯхта беқарор** «дар ҳоли изтироб, ноҳинҷор», ки ташбеҳшавандаҳои онҳо дар мавқеъҳои гуногуни матнҳои зайл омадаанд:

Молу ҳоламро кашида гирифта, хонаамонро оташ мезананд, – шикваомез гуфт Марзия ва лаҳзае *чашмонаш* **мисли оташи барқ дурахшиданд** (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 103). …*рӯяшро* шуст, ки дар офтоб сӯхта **чун нони нав аз танӯр беруномада суп-сурх** менамуд (Мирзоев К., Дарди ишқ, 325). Рӯзе аз рӯзҳои баҳорон *кӯҳистон* бо вазидани бодҳои баҳорӣ аз фаровонии сабзаи навхез **монанди дарёи пуроб мавҷ мезад** (Айнӣ С., Одина, 187). *Гадо,* албатта, аз ин талху пичинг бехабар, **мисли мурғи посӯхта беқарор**, дам ба дам ба ҳар сӯ оби даҳон меандохт… (Самад А., Гардиши девбод, 38).

Дар ташбеҳоти фразеологии пӯшида яке аз воситаҳои ёрирасон иштирок намекунад. Набудани яке аз унсурҳои ёрирасон дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ ба муҷазбаёнии ифода оварда мерасонад. Ифодаи маънои чунин ифодаҳои рехтаи ташбеҳӣ дар муқоиса бо воҳидҳои фразеологии ташбеҳии комил норавшан мебошад. Махсусияти ин қабил фразеологизмҳои ташбеҳӣ дар он аст, ки маънои ифода ба мазмуни ҷумла вобаста аст, яъне барои муайян намудани маънои воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дарки мазмуни ҷумла нақши ҳалкунанда мебозад. Натиҷагирӣ аз мушоҳидаҳои маводи фаровон ҳамин аст, ки дар бештари воҳидҳои фразеологии ташбеҳии пӯшида ташбеҳшаванда иштирок надорад. Масалан, дар мисолҳои зерин:

Занаки мазлума ҳамин замон ба чанголи босмачӣ, **монанди мурғе, ки ба чанголи шаҳол афтода бошад,** меафтад (Айнӣ С., Ятим, 421).

Агар ба ҷумлаи овардаамон ташбеҳшавандаро илова кунем, ҷумла шакли зайлро мегирад:

Занаки мазлума ҳамин замон ба чанголи босмачӣ, **нотавонона монанди мурғе, ки ба чанголи маҳол афтода бошад,** меафтад.

Акнун ҷумлаҳои зеринро низ дар чунин шакли дуруст овардан мумкин аст:

Аммо мисли рӯйи Саидов рӯйҳое мешаванд, ки айнан **соати беақрабак барин** (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 333). Аммо мисли рӯйи Саидов рӯйҳое мешаванд, ки айнан **соати беақрабак барин нуқсон доранд.**

Фарбеҳияш ба дараҷае буд, ки дар вақти чорзону нишастанаш зонуҳои ӯ **монанди чархи осиё** менамуд. (Айнӣ С., Мактаби куҳна, 138). Фарбеҳияш ба дараҷае буд, ки дар вақти чорзону нишастанаш зонуҳои ӯ **монанди чархи осиё калон** менамуд.

…садои парандагони кӯҳӣ, ку-куи мусичаҳо **ҳамчун оҳанги мотам** ба гӯш медаромаданд (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 49). …садои парандагони кӯҳӣ, ку-куи мусичаҳо **ҳамчун оҳанги мотам маҳзун** ба гӯш медаромаданд.

– Ту Шамсро, ҳамон ҷавони қоматбаланд, меҳрубон, аксар мушавваш ва андешамандро меҷустӣ: **мисли гавҳари шабчароғ** будӣ дар пиндораш (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 158). – Ту Шамсро, ҳамон ҷавони қоматбаланд, меҳрубон, аксар мушавваш ва андешамандро меҷустӣ: **мисли гавҳари шабчароғ якто ва зебо** будӣ дар пиндораш.

Мавҷудияти ташбеҳ дар воҳидҳои фразеологӣ ба ифодаи муъҷази фикр дар заминаи ташбеҳшаванда ва ташбеҳкунанда оварда мерасонад. Ёридиҳандаҳои монандӣ ё адоти ташбеҳ дар онҳо ҳамчун воситаи муҳимми грамматикӣ хизмат мекунанд. Ба ин ҷумла шомиланд пешояндҳои **чун, ҳамчун, мисли, монанди, зайли, ранги, амсоли, монанди он ки, чунон ки, гӯё ки, гӯй, пиндорӣ,** фелҳои **мондан, шабоҳат доштан, гуфтӣ, моно,** пасвандҳои **-осо, -сон, -ваш, -вор** ва пасоянди **барин.** Таҳлилҳо дар асоси маводи ҷамъоваришуда нишон медиҳанд, ки бештар пешояндҳои монандии **чун, мисли, монанди, мисли он ки, ҳамчун** ва пасоянди **барин** дар сохтори воҳидҳои фразеологии ташбеҳии забони тоҷикӣ фаъолона иштирок мекунанд.

Ҷолиби диққат он аст, ки воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ на ҳама вақт ба ашё ишора мекунанд. Барои равшантар ифода кардани хислату хусусияти мавзуи сухан он баъзан ба яке аз хусусиятҳои барҷастаи ашёи дигар монанд карда мешавад. Аз ин рӯ, ташбеҳоти фразеологиро метавон аз рӯйи ташбеҳ шудан ба чизе ё касе ба ду гурӯҳ ҷудо намуд: а) воҳидҳои фразеологии ташбеҳии вазъият (вазъияти ашё ташбеҳ шудааст); б) воҳидҳои фразеологии ташбеҳии аломат (аломати ашё ташбеҳ шудааст).

Воҳидҳои фразеологии ташбеҳии вазъият чунин ифодаҳои устувори ташбеҳиянд, ки онҳо дар мавриди инъикоси волою барҷастаи ин ё он ашё истифода бурда мешаванд. Дар навбати худ вазъияти ашёи ташбеҳшуда гуногун мешавад. Масалан, агар дар як маврид ҷонкоҳона сӯхтан ба миси дар оташ афтода монанд карда шавад, дар ҷойи дигар беҳаракатӣ, ноҷунбонии мавзуи тасвир сурати деворро мемонад, ё даррандавор, ваҳшиёна ҳуҷум кардан ба шаҳоли гуруснае, ки ба мурғе ҳамла меоварад ва ларзидани бадан ба ларзидани барги бед монанд карда шудааст:

Ҳама ҷойи бадани бача **монанди миси дар оташ афтода** сӯхта рафта истодааст (Айнӣ С., Дохунда, 127). Мо ҳар ду **монанди сурати девор** – беҳаракат рӯ ба рӯйи ҳам истодем (Айнӣ С., Ёддоштҳо, 341). Арбоб маҷоли гап задан надода, **монанди шаҳоли гуруснае, ки ба мурғе ҳамла овард** ё саге, ки ба гадое дарафтад, ба тарафи Одина ҳуҷум кард (Айнӣ С., Одина, 190). Сару рӯяш ғарқи обу арақ шуда, тамоми баданаш **чун барги бед** меларзид (Мирзоев К., Ҳикояҳо, 405).

Хусусияти барҷастаи воҳидҳои фразеологии ташбеҳии вазъият дар ҳамин аст, ки дар онҳо вазъияти ашё бештар ба ҳолату вазъияти ҳайвоноти гуногун монанд карда мешавад. Ин ҳолат табиӣ мебошад, зеро нисбат ба дигар ашёҳои беҷон ҳайвоноти гуногун бештар дар вазъияти ҳархела қарор мегиранд ва ҳолати муқоисашавандаро дар худ хубтару нишонрас ифода карда метавонанд. Ин аст, ки дар созмони воҳидҳои фразеологии ташбеҳии вазъият нақши чунин калимаҳои фонди асосии забон чашмрас аст. Барои муқоиса: **мисли такае, ки аз пояш кашола мекунанд** «беистиҳола, бераҳмона», **монанди шери дар қафаси**

оҳанин бандшуда «бандивор, чун маҳбасӣ», **монанди харе, ки аз гург тарсад** «шармандавор», **монанди мушоне, ки аз гурба гурезанд** «дар таҳлука, ҳаросон»:

Вай дар як чашм задан аз гиребони Ҳамдами балвогар маҳкам дошта, ӯро **мисли такае, ки аз пояш кашола мекунанд,** ба сӯйи фарши байни катҳо кашола кард (Ниёзӣ Ф., Сарбозони бесилоҳ, 231). **Монанди шери дар қафаси оҳанин бандшуда** бефоида худро ба ҳар тараф мезад, бо қуввати тамом дарро пеш мекашид (Айнӣ С., Дохунда, 230). Шахсе, ки Шоҳмирзоро тарсончак гуфта масхара дода буд, **монанди харе, ки аз гург тарсад,** сари худро ба даруни қуттии ангишт тиққонд (Айнӣ С., Одина, 273). Онҳо **монанди мушоне, ки аз гурба гурезанд,** бо бисёр парешонӣ ва саросемагӣ мегурехтанд (Айнӣ С., Одина, 269).

Воҳидҳои фразеологии ташбеҳии аломат ба аломату хусусиятҳои барҷастаи ашёи муайян ишора мекунанд. Ба ҷумлаи аломату хусусиятҳои ашё бошад, ранг, бӯй, маза, ҳарорат, масоҳат, ҳаҷм ва ғайраҳо дохил мешаванд. Дар асоси ҳамин аломатҳо соҳибзабон ташбеҳкунандаи мувофиқи инъикосгари аломати зарурӣ ёфта, ташбеҳшавандаро ташбеҳ мекунад. Баръакси воҳидҳои фразеологии ташбеҳии вазъият дар созмони ташбеҳоти фразеологии аломат бештар исмҳои беҷон нақши асосӣ доранд. Масалан, дар ҷумлаҳои зайл равшан будан ба ситораи саҳарӣ, нармиву мулоимӣ ба гули орд, сурхӣ ба нони нав аз танӯр беруномада ва сахтиву дурушти ба тарошаи аз бом афтода хеле бамаврид ва дуруст ташбеҳ шудаанд:

Чашмони дурахшонаш дар зери абрӯвони сиёҳ **монанди ситораи рӯз** чашми бинандаро мебурд (Айнӣ С., Ятим, 320). Лекин барфи хушк. Чандон вазнин ҳам не, **гули орд барин** мерезад (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 580). …рӯяшро шуст, ки дар офтоб сӯхта, **чун нони нав аз танӯр баромада** суп-сурх менамуд (Мирзоев К., Дарди ишқ, 25). Гапҳош мисли пештара сахту дурушт, **тарошаи аз бом афтодагӣ барин** буданд (Толис П., Куллиёт, Ҷ.2, 139).

Ҳамин тавр, ташбеҳ дар сохтори воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ нақши асосӣ дошта, ба соҳиби забон имконият медиҳад, ки фикрашро сараву нишонрас баён кунад. Ҳар як шахс дар ҷараёни гуфтор метавонад як олам ифодаҳои

ташбеҳӣ созад, вале на ҳамаи онҳо ба захираи фразеологии забон дохил шуда фразеологизмҳои ташбеҳӣ ҳисобида мешаванд. Ба воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ мансуб донистани ибораҳои одии ташбеҳӣ, пеш аз ҳама, чун дигар гурӯҳҳои воҳидҳои фразеологӣ маънои маҷозӣ, устувории сохтор ва маъно, рехтагӣ, обуранги бадеӣ, тобишҳои гуногуни ҳиссиро соҳиб будан ва аз тарафи омма мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтани онҳо зарур аст.

3.2. Нишонаҳои забонии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ

Нишонаҳои забонии воҳидҳои фразеологии ташбеҳиро метавон дар асоси ду навъ – нишонаҳои асосӣ ва иловагӣ баррасӣ намуд. Агар нишонаҳои асосии ташбеҳоти фразеологӣ ба монанди дигар навъҳои воҳидҳои фразеологӣ дар заминаи ду қутби асосӣ – сохтор ва маънои онҳо баррасӣ шаванд, нишонаҳои иловагӣ ҳамчун аломатҳои тақвиятбахшандаи нишонаҳои асосӣ ба риштаи таҳлил кашида мешаванд.

3.2.1. Нишонаҳои асосии фарққунандаи воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ. Нишонаҳои асосии фарққунандаи ташбеҳоти фразеологӣ ба нишонаҳои фарққунандаи дигар воҳидҳои фразеологӣ монандӣ доранд. Танҳо фарқ дар ин аст, ки хусусиятҳои фарққунандаи ин қабил фразеологизмҳо дар заминаи нуктаи меҳварии тавлидкунандаи онҳо – ташбеҳ ва муқоиса сурат мегиранд. Аз ин рӯ, воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ ба мисли дигар навъҳои ифодаҳои рехта як қатор нишонаҳои фарққунандаро соҳибанд, ки онҳоро метавон ба асосӣ ва иловагӣ дастабандӣ намуд. Ба ҷумлаи аломатҳои асосии фарққунандаи воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ нишонаҳои яклухтмаъноӣ, устувории сохту таркиб, хира шудани муносибатҳои синтаксисӣ ва маводи тайёри забон будани онҳо дохил мешаванд, ки ба дигар навъҳои фразеологизмҳо низ хосанд:

Ифодаи маънои яклухт. Ҳар як ташбеҳи фразеологӣ дорои маънои муайян аст. Маънои воҳиди фразеологии ташбеҳӣ дар асоси умумияти маъноии ҳар як ҷузъи дохилии он пайдо мешавад. «Бисёр вақт маънои яклухти воҳиди фразеологӣ дар заминаи маънои маҷозии ҷузъҳои дохилӣ сурат меёбад. Дар ин ҳолат алоқаи мантиқии байни маънои яклухти ибора ва маъноҳои ҷузъҳои дохилӣ то як дараҷа нигоҳ дошта мешавад» [Маҷидов Ҳ., 1967, с. 68]. Ҳар қадар ки ҷузъҳои дохилии воҳиди фразеологии ташбеҳӣ рехтаву устувортар ва ивазнашавандатар гарданд, маъно ҳамон қадар ихчаму муҳҷаз баён мегардад. Чунончи, **мисли дами шамшер** «сӯзон, дардовар», **чун хониши кабк** «зебо,

гӯшнавоз», **ҳамчу гиёҳи бом** «ҳақиру бекас», **шаддаи марҷон барин** «дилангез, ботартиб»:

Аз чор сӯ боди тунд гӯшу бинии касро чунон мелесид, ки **мисли** ин ки **дами шамшер** расида бошад (Ниёзӣ Ф., Сарбозони бесилоҳ, 174). Ту он рӯз маро зиёфат кардӣ, биё, акнун зиёфати маро бихӯр, – бо хандаи **чун хониши кабк** қаҳқаҳадори худ таоруф кард духтар (Улуғзода С., Восеъ, 50). Восеъ худаш ба пеши модари Ашӯр рафт, – кампир дар канори деҳа ба хоначае **ҳамчун гиёҳи бом** ғарибу танҳо зиндагӣ мекард (Улуғзода С., Восеъ, 203). …кокулҳояшро **шаддаи марҷон барин** овезон карда, ҳавлӣ рӯфта гаштааст, бечора чиҳо гуфта гиря мекунад (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 297).

Истифодаи аз ҳад зиёди унсурҳои луғавӣ дар фразеологизмҳои ташбеҳӣ ба ноқисии маъно боис мегардад. Маънои ин гуна ифодаҳои ташбеҳӣ он қадар рехтаву устувор нест ва барои аниқ намудани он нигоранда аз унсурҳои зиёди луғавӣ истифода мебарад. Бештари чунин ифодаҳои ташбеҳӣ бисёрҷузъа буда, дар зери қалами адибони ҷудогона ба вуҷуд меоянд. Чунончи, мисолҳои навъи **монанди оҳуе буд, ки пешопеши сайёд мегурехт** «тарсида, ҳаросида», **мисли чаноре, ки аз зӯрии шамол бо решаву бунаш чаппа шуда бошад** «нотавонона, ҳақирона», **мисоли барқе, ки як лаҳза тофта, сар то сари осмони тираро чун рӯз равшан мекунад** «фавран, ба тезӣ», **ба мисли шамоле, ки бедро ҷунбонда мегузарад** «як андоза безобита карда» ба ҳамин гурӯҳ дохил мешаванд:

Вале, вай **монанди оҳуе буд, ки пешопеши сайёд мегурехт** ва чапғалат медод (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 111). Э, ба қудрати Худо, **мисли чаноре, ки аз зӯрии шамол бо решаву бунаш чаппа шуда бошад,** Ғул ҳам ду по дар ҳаво, омада ба замин зад! (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 278). **Мисоли барқе, ки як лаҳза тофта, сар то сари осмони тираро чун рӯз равшан мекунад,** ин когаз тамоми воқеаро ба назари ман аз аввал то охир аён кард (Толис П., Куллиёт, Ҷ. 2, 170). Одамони хушбахт парвое накарда рӯз мегузаронанд, майда-чӯйдаҳои рӯзгор **ба мисли шамоле, ки бедро ҷунбонда мегузарад,** ӯро андак ба ташвиш меандозанд… (Толис П., Куллиёт, Ҷ.2, 303).

Устувории сохту таркиб. Аз ҷиҳати сохтору таркиби луғавӣ воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ ба дигар навъҳои фразеологизмҳои забонамон монандӣ доранд. Ифодаи ҷузъҳои дохилӣ, муносибати миёни ин ҷузъҳо умумияти воҳидҳои фразеологии ташбеҳиро бо дигар навъҳои ифодаҳои рехта нишон медиҳанд. Ҳар як ҷузъи таркибии ташбеҳоти фразеологӣ задаи мустақили худро дошта, дар байни онҳо лаҳзаи ист мавҷуд аст. Маҳз дар ҳамин замина оҳанги махсуси воҳиди фразеологии ташбеҳӣ таъмин карда мешавад. Чунончи, дар мисолҳои **ба мисли бобои барфӣ** «сафед, зебову босалобат», **монанди гови гурусна** «ҳарисона, тамаъкорона», **чун гурбае, ки хонаи мушро мепояд** «бо таҳаммул, бодиққат» ва **чун моҳи нопурра** «қисман, ноқис» ҳар як калима задаи мустақили худро дошта, дар маҷмуъ онҳо талаффузи аналитикии фразеологизмҳои ташбеҳиро таъмин намудаанд:

Берун омада дар ҳақиқат Уразотаро ба **мисли бобои барфӣ** дидем (Ниёзӣ Ф., Ҳикояҳо, 377). Корӣ бо дидани табақи пуряхнӣ ва нони гарм аз сухан бозистода **монанди гови гурусна** даст ва даҳони худро ба тарафи нону яхнӣ бурд (Айнӣ С., Марги судхӯр, 243). Вай **чун гурбае, ки хонаи мушро мепояд,** ба рӯйи кӯрпача сукут карда менишаст ва мепоид (Икромӣ Ҷ., Духтари оташ, 590). Духтарак ҳам як бари рӯяшро **чун моҳи нопурра** ҷониби ӯ гардонда, оҳиста ҷавоб медиҳад (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 229).

Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ аз бобати сохтор, асосан, рехтаву устувор бошанд ҳам, дар қисме аз онҳо яке аз ҷузъҳо ҷойи худро ба муродифаш иваз карда метавонад. Ин ҳолатро мо ба он вобаста медонем, ки дар таркиби гурӯҳе аз ташбеҳоти фразеологӣ яке аз унсурҳо метавонад ҷойи худро ба калимаи дигари ҳамвазну ҳаммаъноя иваз намояд, ки аз ин ҳодиса яклухтмаъноии ифода зарар намебинад. «Бештари воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ метавонанд миқдори муайяни ивазшавии лексикиро ба худ роҳ диҳанд. Набояд фаромӯш сохт, ки ҳатто бо иваз шудани яке аз ҷузъҳо асоси маъноии ифода аз байн намеравад. Дар ҳама гуна воҳидҳои фразеологие, ки яке аз ҷузъҳои худро иваз мекунанд, чорчӯбаи асосии сохти ифода ва маъноии умумии он боқӣ мемонад» [Маджидов Х., 2006, с. 48]. Миқдори чунин воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ хеле

кам буда, онҳо дар осори бадеӣ аҳёнан вомехӯранд. Масалан, **чун пари зоғ** ва **чун боли зоғ** ба маънои «сиёҳ»; **чун ҳайвони ба хашм омада** ва **чун ҳайвони ба ғазаб омада** ба маънои «хашмгин, дарқаҳр»:

Зулфони **чун пари зоғ** сиёҳаш болои рухсораҳои гулобитобаш омада буданд (Мирзоев К., Дарди ишқ, 345). Мӯйи сип-сиёҳи вай **чун боли зоғ** медурахшид (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 122). Чашмони Мавлуда-хола барқ заданд ва ӯ **чун ҳайвони ба хашм омада** ба худ печида гуфт... (Ш. Мӯсо, Чеҳраи модар, 152). … **чун ҳайвони ба ғазаб омада** аз даҳонаш кафкоба мепарид, панҷаҳояш гиреҳшуда, мушт шуда (К. Мирзоев, Ҳикояҳо, 426).

Хира шудани муносибатҳои синтаксисӣ дар байни ҷузъҳои воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ низ ба мушоҳида мерасад. «Ба назар чунин мерасад, ки нишонаи хира шудани алоқаи синтаксисӣ ва баъзан «мурдани» он аз тарзи ифодаи маънои умумӣ ва сохти устувори фразеоогизм вобаста аст. Ҳар қадар ки маънои умумӣ равшан ифода шуда, ҷузъҳои таркибӣ ва сохти воҳиди фразеологӣ рехтаву устувор бошад, ҳамон андоза алоқаи синтаксисии миёни ҷузъҳо хиратар мегардад» [Маджидов Х., 2006, с. 49].

Дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ, ки сохтору маънои устувор доранд, муносибатҳои наҳвии миёни ҷузъҳояшон хираву норавшан буда, алоқаи воқеии миёни онҳоро ифода намекунанд. Маҳз иловашавии ёридиҳандаи ташбеҳӣ ба ибораву таркибҳои одӣ сохту маънои онҳоро мустаҳкам намуда, алоқаи наҳвии миёни онҳоро хира менамояд. Бе иштироки ёридиҳандаи ташбеҳӣ онҳо ибораву таркибҳои одии синтаксисиро ба хотир оварда, бо илова шудани он ба фразеологизми ташбеҳӣ табдил меёбанд. Барои муқоиса, ғизоли рамида – **чун ғизоли рамида** «тарсон, ҳаросон», соати беақрабак – **соати беақрабак барин** «бануқсон, айбдор», гурбае, ки чашми худро аз дари мушхона намеканад – **монанди гурбае, ки чашми худро аз дари мушхона намеканад** «ҳушёр, зирак», обу оташ – **мисли обу оташ** «ба тариқи шадид»:

Духтар ба Аҳадхон ҳеҷ сар намефурорад, аз вай **чун ғизоли рамида** фирор карда дар тоқча ё пушти таҳмон пинҳон мешавад (Улуғзода С., Восеъ, 170). Аммо мисли рӯйи Самадов рӯйҳое мешаванд, ки айнан **соати беақрабак барин**

(Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 333). …бинобар ин **монанди гурбае, ки чашми худро аз дари мушхона намеканад,** ман ҳам мижа назада, чашмонамро ба он дари умед дӯхтам (Айнӣ С., Ёддоштҳо, 323). Агар номи Мирзои мастчоҳӣ ба забон гирифта намешуд, муноқишаи байни ин ду каси бо ҳам **мисли обу оташ** мухолиф, мумкин буд, боз давом кунад (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 326).

Дигар хусусияти сохтории воҳидҳои фразеологии ташбеҳии забони тоҷикӣ ин аст, ки онҳо ҳеҷ гоҳ аз ҷузъи ёридиҳанда ва калимаи ташбеҳкунанда (яъне аз як калимаи мустақил) ташкил намеёбанд. Чунин ифодаҳо ташбеҳоти ноқис мебошанд, зеро дар онҳо ҷузъи ташбеҳшаванда иштирок надорад. Ҳарчанд миқдори чунин ташбеҳҳо дар забонамон зиёд аст, бо вуҷуди ин онҳо ташбеҳи рехта набуда, дар сурати ташбеҳҳои одии луғавӣ ё аниқтараш, таркибҳои луғавии ташбеҳӣ истифода мешаванд. Аз қабили **мисли барқ, ҳамчу ҳезум, мисли саг, гулхона барин:**

Олимов, баъди ин фикру андешаҳо, ки **мисли барқ** дар як мижа задан аз хаёли ӯ гузаштанд, ба усто Барот гуфт… (Ниёзӣ Ф., Сарбозони бесилоҳ, 186). Хуб мекунанд, ки ин гуна буттаҳоро каллак карда, **ҳамчун ҳезум** ба оташдон мепартоянд (Ниёзӣ Ф., Сарбозони бесилоҳ, 333). Лекин ҳар ки дар адои ин вазифа меҳнат намояд, чуноне ки медонед, **мисли саг** ҷо ба ҷо парронда мешавад (Ниёзӣ Ф., Сарбозони бесилоҳ, 335). …ба хонаю дар буд, гулҳои рангобаранг ёфта меовард, **гулхона барин** буд хонаамон (Мирзоев К., Дар орзуи падар, 105).

Нишонаи ниҳоят муҳимми воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ ба сифати маводи тайёри забон истифода шудани онҳо мебошад. Ҳар як ифодаи рехтаи ташбеҳӣ дар қолабҳои пешакӣ маълум ва бо маънои ба ҳамаи аҳли забон фаҳмо корбаст мешавад. Зикр намудан бамаврид аст, ки на ҳама ифодаҳои рехтаи ташбеҳӣ ҳамчун масолеҳи тайёр ба фонди фразеологии забон дохил мешаванд. Гурӯҳе аз онҳо, ки дар зери қалами адибони ҷудогона ё нутқи соҳибзабон пайдо шуда, муддате дар истифодаанд, дар натиҷаи ба қонуниятҳои забон мувофиқат накардан аз байн мераванд. Гурӯҳи дигари онҳо умумихалқӣ шуда, дар нутқи хаттиву шифоҳӣ васеъ ба кор бурда мешаванд ва ба воҳиди фразеологии ташбеҳӣ табдил меёбанд. Барои ба захираи фразеологии забон дохил шудани ин ё он

воҳиди фразеологии ташбеҳӣ зарур меояд, ки он дар ҳама ҷабҳаҳои забон истифода шуда, моҳияти умумихалқӣ пайдо кунад. Масалан, фразеологизмҳои ташбеҳии зерин ҳамчун масолеҳи тайёр бо сохту маънои ба ҳамагон маълум кайҳо боз истифода мешаванд: **кирми лойхӯрак барин** «каҷу килеб», **хирс барин хоб рафтан** «дуру дароз хуфтан», **мисли бузи кӯҳӣ** «чобукона. ҷаққон», **мурғи посӯхта барин** «беқаророна, ноҳинҷор»:

Нигоҳи хастааш дар сатҳи ойинаҳои дарозрӯя роҳ мебинад ё ба мушоҳида мегирад, ки кошаҳои сафеди пушти тireза **кирми лойхӯрак барин** ҷӯя мекашанд (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 51). Модари вай рӯзи дароз дар офтоб сӯхтаву пухта кор мекарду Саидабегими тапакрӯ дар таги сояи себ оби чашма мезад, паҳлу нагашта, **хирс барин хоб мерафт** (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 288). Ана, ҳоло дириққосзанон, **мисли бузи кӯҳӣ** ба чор сӯ давидани моро тамошо кунед (Ниёзӣ Ф., Сарбозони бесилоҳ, 64). **Мурғи посӯхта барин** буд, ба хаёлаш ҳама ҷо оташ, ҷойи истодан, оромидан намеёфт (Мирзоев К., Дар орзуи падар, 50).

3.2.2. Нишонаҳои иловагии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ. Ба ҷумлаи нишонаҳои иловагии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ метавон обуранги эҳсосотӣ, аз як забон ба забони дигар тарҷума шудани онҳо ва ҳамчун ҷумлаҳои пайрави ҷумлаҳои мураккаби тобеъ истифода шудани онҳоро ном бурд.

Обуранги эҳсосотӣ яке аз аломатҳои фарққунандаи идиоматикии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ ба ҳисоб меравад. Ҳар як фразеологизми ташбеҳӣ баробари маънои мафҳумӣ ифодакунандаи қабаҳои мухталифи эҳсосотӣ низ мебошад. Бояд зикр намуд, ки зоҳиршавии лаҳзаҳои эҳсосотӣ дар ҳама ифодаҳои фразеологии ташбеҳӣ якранг нест. Дар баъзе аз онҳо эҳсосоти манфӣ, дар гурӯҳи дигар эҳсосоти мусбати гӯянда инъикос меёбад. Адиб барои инъикоси паҳлуҳои манфии персонаж аз ифодаҳои рехтаи ташбеҳие истифода мебарад, ки дар онҳо эҳсосоти манфӣ ифода ёфтаанд. Дар натиҷа воҳиди фразеологии ташбеҳӣ бо маънои эҳсосотии манфӣ корбаст шуда, хусусиятҳои манфии образ ва персонажро инъикос мекунад. Чунончи, **ҳамчун гӯри фурӯрафта** «нопойдор, вайроншуда», **маймуни бозингар барин** «гапдаро,

чусту чолок», **монанди саги девона** «бехуд, хашмгин», **мисли зани ғар** «ноустувор, зудбовар»:

Мо, ки пир шудаем, чашмҳои худро аз ҳусни соҳибҷамолон об диҳем, мегӯем-дия, тақсир, хӣ-хӣ-хӣ…- даҳони домулло **ҳамчун гӯри фурӯрафта** кушода шуд (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 20). …аммо се рӯз хӯрок надиҳед, муддаои табъ занед, он вақт **маймуни бозингар барин** гапдаро шуда мемонад (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 223). Ӯ шофу ғилофашро овехта, қарсак зада роҳ мегашт ва одами рӯ ба рӯшударо **монанди саги девона** газиданӣ мешуд (Ҷалил Р., Одамони ҷовид,113). Зиндагӣ **мисли зани ғар** аст, тобу тавонашро ёбӣ, дилакашро ба даст дарорӣ, якумр пушту паҳлуятро мемоладу ҷогаҳатро гарм мегирад (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 74).

Дар гурӯҳи дигари воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ эҳсосоти мусбати соҳиби амал ифода шудааст. Дар ин навъи ташбеҳоти фразеологӣ ифодаи маънои эҳсосотии мусбат аз унсурҳои муҳимтарини мундариҷаи маъноии онҳо маҳсуб меёбад. Масалан, дар ташбеҳоти фразеологии **чӯҷаи парӣ барин** «ниҳоят зебо, дилкаш», **мисли гавҳараки чашм** «ниҳоят гаронбаҳо», **чун гули ошиқи печон** «якҷо, наздик», **мисли донаҳои марҷон** «нодиракорона» унсурҳои тавсиф, муаддабият ва эҳтиром таъминкунандаи тобишҳои эҳсосоти мусбат дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ мебошанд:

Чӯҷаи парӣ барин духтарро бо ду дасти адаб бароварда додам (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 257). – Назирачон-ку, **мисли гавҳараки чашм** дар пеши назорати худамон, – мегуфтанд падарам (Ниёзӣ Ф., Ҳикояҳо, 399). Қариб ду сол мо ҳамроҳ **чун гули ошиқи печон** будем (Ниёзӣ Ф., Ҳар беша гумон мабар, ки холист, 102). Олимов ҳамаи онҳоро, ки қариб ним сол паҳлуи ҳам кор ва зиндагӣ мекарданд, **мисли донаҳои марҷон** як-як пеши назар овард (Ниёзӣ Ф., Сарбозони бесилоҳ, 287).

Як гурӯҳ воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ аз як забон ба забони дигар дар шакли таҳтуллафзӣ ва маъноӣ тарҷума мешаванд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки фразеологизмҳои ташбеҳии забони тоҷикӣ бештар аз забони русӣ тарҷума шудаанд. Ба назари мо, сабаби аз забони русӣ тарҷума шудани воҳидҳои

фразеологии ташбеҳӣ ин нуфузи чашмраси забони русӣ дар тули зиёда аз 70 сол ва гузаштани бисёре аз унсурҳои луғавӣ ва забонии он ба забони тоҷикӣ мебошад. Чунончи, маводи зерин дар заминаи воҳидҳои фразеологии ташбеҳии забони русӣ пайдо шуда, имрӯзҳо дар доираи қонуниятҳои забони тоҷикӣ истифода мешаванд: **монанди китоби кушода** (как открытая книга), **чун зани ҳомила** (как беременная женщина), **ба мисли бобои барфӣ** (как дед мороз), **мисли гурги гурусна** (как голодный волк):

- Ба онҳо нигоҳ мекунию мефаҳмӣ, ки чӣ гуфтану чӣ кардан мехоҳанд, хурсанданд ё хафа. **Монанди китоби кушода** (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 333). Моҳи комил аз васати осмони ситоразор **чун зани ҳомила** бешитоб роҳ мекашид (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 35). Берун омада, дар ҳақиқат, Ӯразотро **ба мисли бобои барфӣ** дидем (Ниёзӣ Ф., Ҳикояҳо, 377). Аммо ҳирси шаҳват ба гӯшҳои Ғӯли сиёҳ кайҳо қулф зада буд, вай инак **мисли гурги гурусна** ба ҳар восита туъмаашро даридан мехост (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 45).

Нишонаи хосаи дигари воҳидҳои фразеологии ташбеҳии забони тоҷикӣ ин аст, ки онҳо бо маънову сохти устувор метавонанд дар дохили ҷумлаи мураккаби тобеъ ба вазифаи ҷумлаи пайрав оянд. Эроншиноси маъруф Рубинчик Ю.А. дар ин ақида буд, ки воҳидҳои фразеологӣ метавонанд дар ҷумла ба вазифаи аъзоҳои гуногуни ҷумла оянд. Дар ин раванд бештар ҷумлаҳои фразеологӣ фаъоланд, ки аз ҷиҳати сохтор, маъно ва хусусиятҳои корбурдашон аз дигар гурӯҳҳо ба куллӣ фарқ мекунанд [Рубинчик Ю.А., 1976, с. 27]. Бештари воҳидҳои фразеологии ташбеҳие, ки ба вазифаи ҷумлаи пайрави таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ меоянд, ҷумлаҳои пайраве мебошанд, ки онҳоро профессор Хоҷаев Д. ҷумлаи пайрави муайянкунандаи монандӣ-ташбеҳӣ номидаанд. «Дар забони адабии ҳозираи тоҷик як хели ҷумлаи пайрави муайянкунандае ба назар мерасад, ки вазифаи монандкунию ташбеҳӣ дошта, калимаи монандкунандаи шайъи баёншавандаи сарҷумла, ё ягон шайъи дигари сарҷумларо бо роҳи монанду муқоисакунӣ тавзеҳ медиҳад. Ин хели ҷумлаи пайравро аз рӯйи ифодаи маъною вазифаи худи ҷумлаи пайрав ва шайъи эзоҳшавандаю воситаҳои алоқаи грамматикӣ ҷумлаи пайрави муайянкунандаи монандӣ-ташбеҳӣ номидан

мувофиқ меояд» [Хоҷаев Д., 2021, с. 45]. Сабаб он аст, ки онҳо дар заминаи монандкунӣ ва муқоиса ба вуҷуд омадаанд ва сарҷумларо низ аз ҳамин ҷиҳат эзоҳ медиҳанд. Ба вазифаи ҷумлаи пайрави муайянкунандаи монандӣ-ташбеҳӣ омадани воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ ҳодисаи муқаррарии забонӣ буда, мубтадои сухан, ки дар дохили сарҷумла ҷойгир аст, ба касе ё чизе монанд мешавад. Масалан, **чун шери модае, ки фарзандашро аз оғӯшаш рабуда бошанд** «хашмгинона, ғуррон», **монанди лошаи бузе, ки дар маъракаи кӯбкорӣ афтода бошад** «пора-пора шуда, бесоҳиб», **чун дузде, ки ба даст афтода бошад** «ноҳинҷорона, гунаҳкорона», **чун бузе, ки ба гулӯяш дами корд монда бошанд** «ноумедона, дилсардона» ва монанди инҳо:

Чун шери модае, ки фарзандашро аз оғӯшаш рабуда бошанд, ғуррида, нолида, ба мулозимони қозӣ дарафтод (Икромӣ Ҷ., Духтари оташ, 93). Аммо Ёдгор, **монанди лошаи бузе, ки дар маъракаи кӯбкорӣ афтода бошад,** ба ҳолате ки гӯштҳои баданаш бурда-бурда шуда хун мешорид, дар майдон монд (Айнӣ С., Дохунда, 167). Гадо аз дастаки дар гирифта, **чун дузде, ки ба даст афтодааст,** гарангогаранг ба чор тарафи даҳлез чашм давонд (Толис П., Куллиёт, Ҷ. 2, 247). …аммо ҳоло аз ҳарос **чун бузе, ки ба гулӯяш дами корд монда бошанд,** ларзон, нолон, ғиревашон ба осмон, зорию илтиҷо ҳолашон (Мирзоев К., Дар орзуи падар, 212).

Аз рӯйи сохт ҷумлаҳои рехтаи ташбеҳӣ ҷумлаҳои мураккаби тобеъро ба хотир меоранд, ки ин навъи ҷумлаҳоро профессор Маҷидов Ҳ. ҷумлаҳои ғайримустақим номидааст [Маджидов Х., 2006, с. 207]. Дар онҳо низ воситаи алоқа пайвандаки тобеъкунандаи **ки** мебошад. Дар алоҳидагӣ ин ҷумлаҳои ташбеҳӣ бе ташбеҳшаванда баъд аз ҷумлаи ташбеҳӣ омада, мазмуни матнро пурра мегардонанд. Ин ҳолатро метавон дар мисолҳои зерин мушоҳида намуд: **мисли шере, ки ба думаш расида бошанд** «ғазаболуд, ба қаҳр омада», **монанди мушоне, ки аз гурба гурезанд** «ҳаросон, бетартибона», **монанди гурбае, ки сагро дида бошад** «ларзида, тарсида»:

Аммо ҳар дуи онҳо **мисли шере, ки ба думаш расида бошанд,** ғуррида, оташин мешаванд (Айнӣ С., Аҳмади девбанд, 94). Онҳо **монанди мушоне, ки аз**

гурба гурезанд, бо бисёр парешонӣ ва саросемагӣ мегурехтанд (Айнӣ С., Одина, 269). …**монанди гурбае, ки сагро дида бошад,** тарсону ларзон ба гӯшаҳои оғил гурехта мехазиданд (Айнӣ С., Ғуломон, 106).

Ҳамаи ин аломатҳо ба воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ имконият медиҳанд, ки мавқеи худро дар миёни дигар навъҳои воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ устувор нигоҳ доранд.

3.3. Ифодаи образҳои мардумӣ дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ

Тавре зикр гардид, воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ навъи серистеъмоли воҳидҳои фразеологии забони тоҷикиро ташкил дода, дар худ ҳарчи бештар муқоисаи як шайъро бо шаъйи дигар дар шакли образҳои мардумии анъанавӣ таҷассум мекунанд. Табиист, ки ҷиҳати мавриди истифодаи соҳибзабон қарор гирифтани ин ё он образ он муддати зиёде бояд аз кӯраи коркарди забон гузашта, ба ҳама таҳаввулоти он тоб оварда бошад. Танҳо дар ҳамин сурат он метавонад дар созмони воҳидҳои забон саҳм гирад. Ҳамин ҷиҳати инкишофи образҳои мардумӣ дар ифодаҳои ташбеҳии фразеологӣ хуб таҷассум ёфтаанд. Бо истифода аз онҳо, агар, аз як тараф, фикрро сараву нишонрас баён намудан мумкин бошад, аз ҷониби дигар, ба умқи тафаккури хонандаву шунаванда роҳ ёфта, ӯро барои дарёфти эҳсосот мувоҷеҳ сохтан мумкин аст. Масалан, дар ифодаҳои зайл, ки эҳсосоти мухталифи шахсро ифода кардаанд, калима-образҳои анъанавии забонамон: **саг, кабк, хурӯс, хирс** ва монанди инҳо барои нишонрас баромадани фикр истифода шудаанд: **мисли саги дарбадар** «сарсону саргардон», **чун хониши кабк** «гӯшнавоз», **мисли хурӯсони ҷангӣ** «дарғазаб, бо ҷаҳл», **хирс барин кор кардан** «боқувватона, пурзӯр»:

Ду рӯз нон надиҳад, аҳволаш **мисли саги дарбадар** мешавад (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 97). – Ту он рӯз маро зиёфат кардӣ, биё, акнун зиёфати маро бихӯр, – бо хандаи **чун хониши кабк** қаҳқаҳадори худ таоруф кард духтар (Улуғзода С., Восеъ, 50). Вай саволи дурмадарозашро ба охир расонда, сари худро **мисли хурӯсони ҷангӣ** музаффарона ба пеш бароварда, ҳамчунон рост меистод (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 99). Алови чашми инҳоро, ки бигирӣ, **хирс барин кор мекунанду** ту соҳиби обрӯ мешавӣ, ордену медал ҳам мегирӣ… (Самадов А., Майдон, 168).

Дар забони тоҷикӣ чунин образҳои анъанавиеро дучор омадан мумкин аст, ки дар тули ҳазорсолаҳо мавриди истифода қарор доранд. Ҳамин аст, ки дар ифодаҳои рехтаи ташбеҳии забонамон образҳои мардумӣ тавассути калимаҳое ифода гардидаанд, ки дар худ нишонаҳои хос, ҷиҳатҳои фарққунанда ва ҳаёти

воқеии мардуми тоҷикро инъикос намудаанд. Чунин образҳои анъанавӣ дар забонамон бештар бо номҳои ҳайвонот ифода шуда, онҳо бо ҳамон маъноҳо дар воҳидҳои фразеологӣ низ инъикос ёфтаанд. Барои равшан намудани назарияи зикршуда чанде аз онҳоро ба тариқи мисол меорем:

Саг. Образи саг дар ташаккули воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ ниҳоят фаъол аст. Бо ёрии он дар захираи фразеологии забонамон ифодаҳои рехтаи зиёде ба вуҷуд омадаанд, ки ба маъноҳои муайян далолат мекунанд. Ҳар яке аз ин воҳидҳо дар худ ҷиҳатҳои барҷаста ва нишонаҳои хоси ин ҳайвонро акс кардаанд. Маълум аст, ки ҳайвони мазкур бо хусусиятҳои фарққунандаи худ, аз қабили самимияту вафодорӣ ва даррандагиву газандагӣ миёни олами вуҳуш мақоми хос дорад. Маҳз ҳамин ҷиҳатҳои назаррасу фарққунандаи ҷонвари саг, ки кайҳо боз ҷамъбасти умумиистеъмол гардида, бо образи мардумӣ табдил ёфтааст, бештар дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Масалан, **саги гиранда барин** «дарғазаб, бадқаҳр», **монанди саги девона** «бехудона», **монанди саги сангхӯрда** «дардмандона, беқарор», **мисли саги аз об баромада** «дар ҳолати ноҳинҷор» ва ғайра:

Ба роҳаш гузаштан намемонанд, **сагҳои гиранда барин** (Мирзоев К., дар орзуи падар, 113). Ӯ шофу ғилофашро овехта, ҳарсос зада роҳ мегашт ва одами рӯбарӯшударо **монанди саги девона** газиданӣ мешуд (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 113). Махдум бо як по рост истода бо пойи дигараш ба зери нофи вай чунон сахт зад, ки ӯ **монанди саги сангхӯрда** ғуросзанон якчанд қадам паст рафта истод (Айнӣ С., Ёддоштҳо, 213). Пас **мисли саги аз об баромада** сарашро такон дода ба ӯ нигарист (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 194).

Бисёр хусусиятҳои азалии ин ҳайвон дар ташбеҳоти фразеологии тоҷикӣ ба пуррагӣ инъикос наёфтаанд. Сарфи назар аз ин ҳама, инъикоси имрӯзаи образи мазкур дар воҳидҳои фразеологӣ моҳияти мардумии онро равшану возеҳ инъикос намудааст. Ин воҳидҳо ҳарчи бештару хубтар барои дарки хосиятҳои аслии образ кумак мерасонанд. Масалан, агар дар ҷое амали қаҳрамон ба сагҳои бӯйгир монанд шуда бошад, дар ҷойи дигар ба саги сӯзанхӯрдаву калтакхӯрда ташбеҳ гардидан аз беқароориву нороҳатии ӯ дарак медиҳад:

Мефаҳмӣ, вай бо хешу таборҳояш, бо милисаҳо ва аскарҳо хона ба хона ҳама ҷойро **сагҳои бӯйгир барин** кофта гаштааст (Мирзоев К., Дар орзуи падар, 220). …обу адо шудӣ, ба оина нигоҳ кун, **саги сӯзанхӯрда барин** гаштӣ, эҳтиёт шав (Мирзоев К., Дар орзуи падар, 107). Девона, ки на як бору ду бор зарби тозиёнаи кӯраи Рачабро чашида буд, **чун саги калтакхӯрда** инг-ингкунон ба пушти издиҳом паноҳ бурд (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 21).

Дар бештари ташбеҳоти фразеологӣ ба хосиятҳои маъмули ин ҳайвон ишора шудааст. Ифодаҳои рехта дар шакли ҳамин гуна ташбеҳот хеле муъҷаз ва барҷаста ба назар мерасанд. Чунончи, ибораҳои **мисли саги даҳмарда бовафо, саг барин аккос задан** «бо овози баланд», **мисли уллоси саг** «гӯшхарош, нофорам» аз ҳамин қабиланд:

Ба зиндагӣ, ба ҳаёт ва одамоне, ки дар байнашон ҳаво мехӯрӣ, **мисли саги даҳмарда бовафо** бош (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 315). Кампири беимон рӯзи дароз ба ман **саг барин аккос мезанад,** – гуфта шикоят карда буд Зебӣ (Улуғзода С., Субҳи ҷавонии мо, 143). Доруға фиғон бардошт, фиғони ӯ воқеан ҳам **мисли уллоси саге** буд ба моҳ дар шаби моҳ дар шаби моҳтоб (Улуғзода С., Восеъ, 346).

Шер. Образи шер низ ҳамчун нишондиҳандаи ҳайвони бузургу қудратманд ва мағлубнашаванда дар тавлиди ташбеҳоти фразеологӣ мавқеи махсус дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки он дар тасвири бадеӣ бештар ифодакунандаи шахси қавиродаву пуркудрат ва далеру нотарс мебошад. Бо ҳамин маъно ва дигар тобишҳои маъноӣ образи шер дар таркиби ифодаҳои ташбеҳӣ зиёд ба кор бурда шудааст. Чунончи, **мисли шер наъра кашидан** «дод задан», **монанди шере, ки дар ғазаб омада бошад** «бадқаҳрона, бадҷаҳлона», **чун шерҳои хашмгин** «дар ғазаб, дар сари ҷаҳл»:

Лекин ман **мисли шер наъра кашидам,** ба зани калони бой, ки ин таклифро карда буд, дод задам ва гуфтам, ки дигар бас аст, ба духтари ман кордор набошанд (Икромӣ Ҷ., Духтари оташ, 82). Ӯ **монанди шере, ки дар ғазаб омада бошад,** дандон мехоид ва меғуррид (Айнӣ С., Ятим, 421). Ҳама дар назар **чун шерҳои хашмгин** менамоянд (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 120).

Дар бештари воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ образи мазкур боз ҳам такмил ёфта, ба ифодакунандаи хислатҳои шахс мубаддал шудааст. Чунин тафсирёбӣ ва ифодаи маъноҳои дигар дар асоси маънои аслии ин ҳайвон ба вуҷуд омада, онро пурратар месозанд. Силсиламаъноҳое, ки образи шер дар ифодаҳои ташбеҳӣ ба он соҳиб мешавад, мундариҷаи маъноии онҳоро инкишоф медиҳанд. Масалан, дар ифодаҳои зайл ҳолату вазъияти мухталифи персонаж ба таври назаррас ба воситаи ин образ инъикос шудаанд:

Чун шери модае, ки фарзандашро аз оғӯшаш рабуда бошанд, ғуррида, нолида, ба мулозимони қозӣ дарафтод… (Икромӣ Ҷ., Духтари оташ, 93). **Монанди шери дар қафаси оҳанин бандшуда** бефоида худро ба ҳар тараф мезад, бо қуввати тамом дарро пеш мекашид (Айнӣ С., Дохунда, 230). Доду фарёд ва маҳалро шунида, ошпаззанак **чун шери модаи ташнабахун** давида омаду чашмаш ба Фирӯзаи афгор ва хуншор афтод… (Икромӣ Ҷ., Духтари оташ, 369).

Гурба. Образи гурба ҳамчун ҳайвони ба инсон қарину меҳрубон ва ҳамеша тобеи вай бо нишонаҳои азалии табиӣ аз дигар ҳайвонот фарқ мекунад. Дар симои он соҳибзабон шахси маккору ҳушёр ва чолоку беқарорро тасаввур намуда, ба ин восита таъсири суханро боз ҳам меафзояд. Махсусан, дар таркиби ифодаҳои ташбеҳӣ ба таври васеъ истифода шудани образи гурба хислатҳои фарққунандаи онро ба таври назаррас инъикос менамояд. Он, одатан, ҳамчун ҷузъи асосии таркиби воҳиди фразеологии ташбеҳӣ ба кор рафта, ба вазифаи ҷузъи тафсирӣ бештар ҷумлаи пайрави муайянкунандаро соҳиб мешавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ташбеҳоти фразеологие, ки ба вазифаи ҷузъи асосиашон калимаҳои ифодакунандаи ҳайвонот омадаанд, бештар шакли тафсилӣ доранд: **монанди гурбае, ки худро ба тарафи муш андозад** «чолокона, чусту чолок», **ҳамчун гурбае, ки аз сӯрохӣ баромадани мушро мунтазир бошад** «орому сокит», **монанди гурбае, ки сагро дида бошад** «ҷонҳавлона» ва монанди инҳо:

Амонбоқӣ **монанди гурбае, ки ба тарафи муш андозад,** худро ба он тараф ҳаво дод (Айнӣ С., Одина, 319). …манаҳашро ба рӯйи лӯлаболишт гузошта,

ҳамчун гурбае, ки аз сӯрохӣ баромадани мушро мунтазир бошад, беҳаракат дароз кашида буд (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 109). …**монанди гурбае, ки сагро дида бошад,** тарсону ларзон ба гӯшаҳои оғил гурехта мехазиданд (Айнӣ С., Ғуломон, 106).

Ҳарчанд ба сифати ҷузъи образсози воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ номҳои навъҳои гуногуни ҳайвонот истифода мешаванд, образи машҳури гурба, ки барои соҳибзабон фаҳмо ва шинос аст, дар сохтори онҳо бештар ба кор бурда шудааст. Масалан, барои ифодаи маънои «даққаткорона» ташбеҳи фразеологии **чун гурбае, ки хонаи мушро мепояд,** барои маънои «ноуҳдабароёна» ҷумлаи рехтаи ташбеҳии **монанди гурбачае, ки нонхӯриро нав омӯхта бошад** ва барои маънои «эҳтиёткорона» фразеологизми ташбеҳии **гурба барин газида калон кардан** истифода шудаанд:

Вай **чун гурбае, ки хонаи мушро мепояд,** ба рӯйи кӯрпача сукут карда менишаст ва мепоид (Икромӣ Ҷ., Духтари оташ, 590). Бача нони ба худаш «инъом»-шударо **монанди гурбачае, ки нонхӯриро нав омӯхта бошад,** ба замин молида-молида хӯрда тамом кард (Айнӣ С., Дохунда, 75). Аз ҳамаи нусхаю нишона Гулрӯ монд, ки падару модар ӯро **гурба барин газида калон карданд** (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 8).

Мурғ. Образи мурғ ҳамчун вожаи ифодакунандаи паррандаи махсус ва кулли паррандагон дар созмондиҳии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ хеле фаъол аст. Он дар муқоиса бо образҳои дигари дар заминаи номи ҳайвонот бавуҷудомада аломатҳои хоси фарққунандаи худро надорад. Ҳарчанд дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ ба вазифаи ҷузъи асосӣ омада, калимаҳои дигарро ба худ тобеъ карда бошад ҳам, мо натавонистем ҷиҳатҳои назаррасу барҷастаи онро пайдо намоем. Он танҳо дар ифодаи вазъияту ҳолати мафҳуми ташбеҳшаванда истифода шудааст. Чунончи, **монанди мурғи шаҳолдида** «тарсон, ҳаросон», **монанди мурғе, ки ба чанголи шаҳол афтода бошад** «ноилоҷ, ночор», **монанди мурғони аз қафас бароянда** «саросемавор» ва монанди инҳо:

Ӯ **монанди мурғи шаҳолдида** ҳамин тарз беҳис ва ҳаракат истод (Айнӣ С., Ятим, 319). Занаки мазлума ҳамин замон ба чанголи босмачӣ **монанди мурғе, ки ба чанголи шаҳол афтода бошад,** меафтид (Айнӣ С., Ятим, 421). Бандиён ҳам **монанди мургони аз қафас бароянда** аз сӯрохии нақб парпарак зада баромаданд ва монанди бозҳое, ки худро ба галаи кабӯтарон зананд, ба гурӯҳи сарбозони рӯзадори ба замин афтода ҳуҷум карданд (Айнӣ С., Дохунда, 187).

Бояд қайд намуд, ки бештари воҳидҳои фразеологии ташбеҳие, ки ба тавассути образи мурғ сурат гирифтаанд, ифодагари тобишҳои таҳқиру бадбинӣ мебошанд. Маълум мегардад, ки образи мазкур барои ифодаи чунин тобишҳои маъноӣ мувофиқтар буда, онҳоро ба таври барҷаста инъикос мекунад. Масалан, дар мисолҳои зер амалу вазъияти қаҳрамонон ба мурғи нимҷондошта, мурғи посӯхта ва мурғи ба об афтода монанд карда шудаанд, ки ин ҳама ба ҷумлаи ифодаҳои услуби пасти баён шомил ҳастанд:

Марди **чун мурғи нимҷондошта** ҷавоб гуфта натавонист (Мирзоев К., Дар орзуи падар, 191). Ӯ **мисли мурғи посӯхта** беқарор буд (Улуғзода С., Восеъ, 110). Миршаб **мурғи ба об афтодагӣ барин** шалпар, ғамгин ва парешонхотир аз назди қушбегӣ берун шуд (Икромӣ Ҷ., Духтари оташ, 329).

Дар умум, истифодаи образҳои мардумӣ дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ яке аз аломатҳои фарққунандаи онҳо ба ҳисоб рафта, ифодаи маъно ва эҳсосотро дар ин навъи воҳидҳои рехта боз ҳам пурқувват мегардонад. Ҳар як образ ҷиҳатҳои нотакрори хислати шахсро инъикос менамояд. Корбасти образ-калимаҳои ифодакунандаи олами вуҳушу паррандагон дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ нисбат ба дигар образҳо маъмултар буда, бештари онҳо ба вазифаи ҷузъи асосии ифодаҳои рехтаи ташбеҳӣ меоянд.

3.4. Хусусиятҳои сохтории воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ

Таснифоти сохтории воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ аз рӯйи қолаб ва таркиби лексикиву граматикии онҳо амалӣ мегардад. Ба ин сабаб тасниф намудани онҳо ба гурӯҳҳои таркибҳои ташбеҳӣ, ибораҳои ташбеҳӣ ва ҷумлаҳои ташбеҳӣ ба мақсад мувофиқ аст.

3.4.1. Таркибҳои фразеологии ташбеҳӣ. Таркибҳои рехтаи ташбеҳӣ яке аз гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологии ташбеҳиро ташкил медиҳанд. Онҳо бо сохту таркиби устувор, алоқаи миёни ҷузъҳо ва ифодаи сарфии ҷузъҳо аз ибора ва ҷумлаҳои фразеологии ташбеҳӣ фарқ мекунанд ва дар заминаи таркибҳои одии синтаксисӣ пайдо шудаанд. Фарқ дар он аст, ки таркибҳои ташбеҳӣ маънои устувор дошта, ба вазифаи ҷузъи ёридиҳандаи онҳо танҳо пешоянду пасояндҳои монандӣ истифода мешаванд. Дар таркибҳои ташбеҳӣ калимаи асосии тобеъкунанда вуҷуд надорад. Агар дар гурӯҳе аз онҳо калимаҳои мустақилмаъно ба воситаи бандаки изофӣ алоқаманд шуда бошанд ҳам, ин тобеият дар заминаи рехтагии маъно чунон хира шудааст, ки ҷузъи асосиро аз тобеъ фарқ кардан мушкил аст. Ин навъи таркибҳои ташбеҳӣ зоҳиран ибораҳои ташбеҳиро мемонанд, вале ин монандӣ фақат нисбат ба он ки пешоянди аслии онҳо аз ҷузъҳои номии пешояндҳои таркибӣ соқит шудааст, зоҳирӣ аст, зеро ҷузъи аввал дар ин ҷо ҷузъи асосӣ нест. Масалан, дар қолаби: **монанди хумориёни чилим** «ҳарисона, пурхумор», **монанди хонаи занбӯр** «пур аз ғавғо, серғалоғула», **монанди галаи шаҳолон** «бенизом, бетартибона», **мисли оташаки барқ** «барқвор, фавран»:

…ӯ ҳам **монанди хумориёни чилим** то обаш ба даҳонаш омадан қуллобҳои сахти дуру дароз мекашид (Айнӣ С., Ғуломон, 15). Дар як шабонарӯз сар то поямро **монанди хонаи занбӯр** афгор карданд, сару рӯям монанди саромосшудагон варам карда, гарданам бо шикам ва шонаам ҳамрӯй шуд (Айнӣ С., Дохунда, 234). Мулло ва муллобачагони дар миёнсарои мадраса ғуншуда **монанди галаи шаҳолон** уввос зада ба тарафи даруни мадраса нигоҳ карда

давиданд (Айнӣ С., Ғуломон, 191). Молу ҳоламонро кашида гирифта, хонаамонро оташ мезананд, – шикваомез гуфт Марзия ва лаҳзае чашмонаш **мисли оташаки барқ** дурахшиданд (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 103).

Таркибҳои фразеологии ташбеҳӣ дар қолаби изофию пасояндӣ боз ҳам рехтатар ба назар мерасанд: **каллаи хар барин** «ниҳоят зиёд», **хишти пухта барин** «босифат, сахт», **оби испарак барин** «зард, бенур», **офтоби зимистон барин** «камнамо, зудгузар»:

Бачам, хӯроки додот ҳамин, ту соҳиби худатро ёб, пулёб шав, **каллаи хар барин** бошад, мерасонад (Мирзоев К., Дар орзуи падар, 161). **Хишти пухта барин** ҷарангос мекунад (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 374). Ранги рӯяш зард, **оби испарак барин** (Мирзоев К., Дар орзуи падар, 80). Ин хел бошад, чаро **офтоби зимистон барин** як худатонро нишон медиҳеду боз нохост бедому дарак шуда меравед? (Ниёзӣ Ф., Ҳар беша гумон мабар, ки холист, 96).

Гурӯҳи дигари таркибҳои рехтаи ташбеҳӣ дар асоси таркибҳои ҷуфт сохта шудаанд. Онҳо бештар дар қолаби пешоянду таркиби ҷуфт ва таркиби ҷуфту пасоянд вомехӯранд. Ба вазифаи ҷузъҳои дохилии таркибҳои ташбеҳии дар қолаби пешоянду таркиби ҷуфт сохташуда аксаран калимаҳои ифодагари исмҳои ҷондору беҷон меоянд: **монанди гову хар** «ҳайвон барин, бетартиб», **монанди сагу гурба** «ҳамчу рақибон», **мисоли мӯру малах** «аз ҳад зиёд», **мисли гӯшту нохун** «ба ҳам наздик» ва монанди инҳо:

Монанди гову хар хӯрдану р…-ро медонистеду халос (Улуғзода С., Восеъ, 231). Аввал он ки судхӯр бо судхӯр дӯст намешавад, инҳо **монанди сагу гурба** ҳамеша ба якдигар душман мебошанд (Айнӣ С., Марги судхӯр, 270). Як вақт аз тарафи Чину Мочин душман пайдо шудааст, лашкараш **мисоли мӯру малах** (Улуғзода С., Восеъ, 133). – Яъне **мисли гӯшту нохун,** – луқма дод усто Барот, аз сухани бамаънии шиноси деринааш мамнун гашта (Ниёзӣ Ф., Сарбозони бесилоҳ, 155).

Хусусияти муҳимми таркибҳои фразеологии ташбеҳӣ ҳамин аст, ки дар миёни ҷузъҳои дохили онҳо ҷой додани калимаи ғайр номумкин аст. Ҳатто илова гардидани унсурҳои алоҳидаи грамматикӣ дар ин мавқеъ метавонанд сохту

маънои устувори таркибро аз миён бурда, онро ба ифодаи озоди синтаксисӣ табдил диҳанд. Дар баъзе аз таркибҳои устувори ташбеҳии ҷуфт эҳсосоти манфӣ ё мусбати гӯянда инъикос шудаанд. Чунончи, дар мисолҳои зайл ба ифодаи рехтаи ташбеҳӣ илова шудани унсурҳои эҳсосотии манфиву мусбат рангубори махсус зам намудааст: **патаку пайтоба барин** «чун ҳар чизи чиркин», **балою қазо барин** «бемаврид, баногоҳ», **кару гунг барин** «ношунаво», **гулу булбул барин** «ба ҳам муносиб», **апаю хоҳар барин** «ба ҳам наздик»:

Равад, **патаку пайтоба барин** беқадр, ба мурдаҳои гӯр баробар мешавад (Мирзоев К., Дар орзуи падар, 39). …аз ягон гӯр **балою қазо барин** пайдо шуда мемонад, ки бехабар мемонед (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 58). …гӯё гӯшҳои вай, ба ақидаи худаш, «ғуруб гирифтанд», **кару гунг барин** шуда буд (Мирзоев К., Дарди ишқ, 392). **«Гулу булбул барин,** ҳамеша ҳамин хел бошанд», ба дил гуфт ӯ (Мирзоев К., Ҳикояҳо, 419). – **Апаю хоҳар барин** будед-ку, ба ҳоли ту механдидам, ҳайрон будам (Мирзоев К., Дар орзуи падар, 12).

3.4.2. Ибораҳои фразеологии ташбеҳӣ. Ибораҳои фразеологии ташбеҳӣ дар баробари дигар навъҳои ташбеҳоти фразеологӣ қисмати калони захираи фразеологиро ташкил медиҳанд. Онҳо зоҳиран ба ибораҳои озоди синтаксисӣ монандӣ дошта бошанд ҳам, вале бо ифодаи маъно ва шаклҳои грамматикӣ аз онҳо фарқ мекунанд. Дар ибораҳои ташбеҳӣ яке аз ҷузъҳо асосӣ буда, ҷузъҳои дигар бар таҳвияти семантикаи он истифода мешаванд. Ёридиҳандаи монандӣ ҳамчун воситаи ташбеҳсоз робитаи байни ҷузъҳоро таъмин месозад ва дар умум онҳо ба як маънои яклухт далолат мекунанд. Тасдиқи ин назарияро дар мисолҳои зерин метавон ба хубӣ мушоҳида намуд: **чун парӣ зебо, даҳони сатил барин калон, монанди товуси ҷаннат хиромидан** «ҳаракатҳои зебо кардан», **чун офтоб дурахшидан** «пурҷилва, назаррабо»:

Он шахс ба назари ҳама **чун парӣ зебо** менамояд (Икромӣ Ҷ., Духтари оташ, 213). Пӯлод тири дигар ҳам кушод, ки вай ба як паҳлуи сӯрохӣ расида, онро **даҳони сатил барин калон** карда монд (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 90). - Рафторашро бинед, – гуфт, – **монанди товуси ҷаннат мехиромид** (Айнӣ С.,

Ғуломон, 88). Ҳусну ҷамоли одам **чун офтоб медурахшид,** ҳамон даме ки аз вай осори хулқи наку ва фазилат зоҳир гардид (Икромӣ Ҷ., Духтари оташ, 213).

Ба ҷумлаи ибораҳои ташбеҳӣ як гурӯҳ ифодаҳои ташбеҳие низ дохил мешаванд, ки дар онҳо пешоянд ё пасоянди монандӣ бо калимаи пеш аз худ омада бар эзоҳи ҷузъи асосӣ меоянд. Аз ин рӯ, ибораҳои ташбеҳиро метавон ба ду гурӯҳ тақсим намуд: ибораҳои ташбеҳие, ки ба вазифаи ҷузъи асосии онҳо сифатҳо омадаанд ва ибораҳои ташбеҳие, ки ҷузъи асосии онҳоро феълҳои гуногун ташкил додаанд. Дар ибораҳои ташбеҳии сифатӣ маъно равшан буда, он дар ҷузъи асосӣ ифода меёбад. Яъне ҷузъи асосӣ ифодагари маънои ибораи ташбеҳӣ мебошад ва ин гуна ташбеҳоти рехтаро метавон фраземаҳои ташбеҳӣ номид. Муҳаққиқ Акрамов М. ин гуна ибораҳоро вобаста ба ифодаи ҷузъи асосиашон ибораҳои сифатӣ гуфта, ҷанбаи маъноӣ ва ташбеҳии онҳоро сарфи назар намудааст [Акрамов М., 1977]. Ин навъи ибораҳои ташбеҳӣ гурӯҳи фаровони фразеологизмҳои ташбеҳиро ташкил дода, дар онҳо мавқеи ёридиҳандаи ташбеҳӣ муайян ва устувор аст. Ёридиҳандаи ташбеҳӣ бештар дар мобайни ҷузъҳо омада, бо калимаи пешин ҷузъи асосиро, ки он дар охири ифода меояд, шарҳу эзоҳ медиҳад. Чунончи, **хармагас барин хира, гадо барин тамаъкор, шокоса барин калон, шир барин софу тоза:**

Аз мӯриатон дуд барояд, мурдахӯр барин ҳозир мешаваду **хармагас барин хира,** кирмаки аз даҳаи калон хестагӣ барин хӯро (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 81). – Ин лаънатии суфӣ, – гуфт дар ҷавоб вай, – **гадо барин тамаъкору** саг барин суллоб (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 81). Чашмҳои **шокоса барин калони** ӯ аз бедорхобии чандрӯза тоси хун барин суп-сурх шуда буданд (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 18). Аммо худатон медонед, ки ахлоқи духтари Август **шир барин софу тоза** монд, гуфта намешавад (Толис П., Куллиёт, Ҷ. 2, 248).

Дар гурӯҳи дигари ибораҳои ташбеҳӣ ба вазифаи ҷузъи асосӣ феълҳои гуногун истифода мешаванд. Дар ин навъи ибораҳои фразеологии ташбеҳӣ маънои фразеологӣ танҳо бо ҷузъи асосӣ ифода намеёбад. Он вазифаи истинод-асосиро дошта, дар якҷоягӣ бо ҷузъҳои дигар маънои умумиро ба вуҷуд меоварад. Чунончи, **мисли мурда хобидан** «ба хоби ғафлат рафтан», **хирс барин**

хоб рафтан «дуру дароз хуфтан», **мисли шеър наъра кашидан** «бо овози баланд дод гуфтан», **тароша барин шах шудан** «шал шудан, ноҷунбон»:

Дар баробари афтодан ва кафидани сар як нолаи ҷонхароше аз гулӯи ӯ берун шуду бас, дигар **мисли мурда хобида** монд (Икромӣ Ҷ., Духтари оташ, 176). Модари вай рӯзи дароз дар офтоб сӯхтаву пухта кор мекарду Саидабегими тапакрӯ дар таги сояи себ оби чашма мезад, паҳлу нагашта, **хирс барин хоб мерафт** (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 288). Лекин ман **мисли шер наъра кашидам,** ба зани калони бой, ки ин таклифро карда буд, дод задам ва гуфтам, ки дигар бас аст, ба духтари ман кордор набошанд (Икромӣ Ҷ., Духтари оташ, 82). – Ду поям аз зарби хунук **тароша барин шах шуд**… (Ниёзӣ Ф., Сарбозони бесилоҳ, 137).

3.4.3. Ҷумлаҳои фразеологии ташбеҳӣ. Ҷумлаҳои рехтаи ташбеҳӣ дар захираи фразеологии забони тоҷикӣ мавқеи муайян дошта, бо сохту таркиби устувор, ифодаи маъно ва образ, дараҷаи ифодаи эҳсосот аз дигар гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ ва ҳатто ҷумлаҳои фразеологӣ фарқ мекунанд. Онҳо бештар як қисми ҷумлаҳои мураккаб ва сертаркибро ташкил дода, ба маъноҳои мафҳумӣ ё мафҳумию образнок далолат мекунанд. «Аз рӯйи сохт ҷумлаҳои ташбеҳӣ ҷумлаҳои мураккаби тобеъро ба хотир меоранд. Дар онҳо низ воситаи алоқа пайвандаки тобеъкунандаи **ки** мебошад. Дар алоҳидагӣ ин ҷумлаҳои ташбеҳӣ бе ташбеҳшаванда нопурраанд. Аз ҳамин сабаб дар ҷумлаи мураккаб ташбеҳшаванда баъд аз ҷумлаи ташбеҳӣ омада, мазмуни матнро пурра мегардонад» [Дӯстов Ҳ., 2017, с. 11]. Бисёр вақт чунин ташбеҳоти фразеологӣ дар дохили ҷумлаи мураккаби тобеъ омада, зоҳиран вазифаи ҷумлаи пайрави муайянкунандаи монандӣ-ташбеҳиро адо карда, ҳамчун ҷумлаи шарҳталаб ва ёридиҳандаи устувори монандӣ бар эзоҳи сарҷумлаи ноустувор ба кор бурда мешаванд:

…аз худ бехабар ба **мисли нобиное, ки худро ба об афканда дасту по мезад,** ба кадом сӯ шино карданашро намедонист (Мирзоев К., Дар орзуи падар, 87). Модар дар ҷояш чириккос карда, **ба мисли кабке, ки ба лонааш мор ҳуҷум**

оварда, қасди фурӯ бурдани бачаҳои ҳанӯз лучакашро дорад, дар атрофи бой чархак мерафт (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 89).

Дар мисолҳои болозикр ҷумлаҳои рехтаи ташбеҳии **ба мисли нобиное, ки худро ба об афканда дасту по занад** ба маъно «ноилоҷ, имдодталабона» ва **ба мисли кабке, ки ба лонааш мор ҳуҷум оварда** «безобиташуда, беқаророна» истифода шудаанд, ки қисми эзоҳдиҳандаи ҷумларо ташкил додаанд.

Хусусияти муҳимми ҷумлаҳои ташбеҳии баста ин аст, ки ҷузъи асосии он бо ёридиҳандаи ташбеҳӣ дар таркиби сарҷумла омада, қисми боқимонда бо ёрии пайвандаки тобеъкунандаи **ки** ба он тобеъ мегардад ва шарҳу эзоҳро талаб мекунад. Ба монанди **монанди мушоне, ки аз гурба гурезанд** «тарсон, ҳаросон», **монанди шере, ки дар газаб омада бошад** «дар қаҳру ғазаб, бадхашмона», **ҳамчун гурбае, ки аз сӯрохӣ баромадани мушро мунтазир бошад** «бо сабру таҳаммул» ва ғайра:

Онҳо **монанди мушоне, ки аз гурба гурезанд,** бо бисёр парешонӣ ва саросемагӣ мегурехтанд (Айнӣ С., Одина, 269). Ӯ **монанди шере, ки дар ғазаб бошад,** дандон мехоид ва меғуррид (Айнӣ С., Ятим, 421). …манаҳашро ба рӯйи лӯлаболишт гузошта, **ҳамчун гурбае, ки аз сӯрохӣ баромадани мушро мунтазир бошад,** беҳаракат дароз кашида буд (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 109).

Дар алоҳидагӣ ҷузъи эзоҳталаби ҷумлаҳои ташбеҳии баста ташбеҳи одиро ба хотир меоварад. Ташбеҳҳои одӣ, тавре зикр намудем, аз ҷузъи ёридиҳанда ва калимаи мустақилмаъно таркиб ёфта, маънои нопурра доранд. Муқоиса мекунем: монанди хар – **монанди харе, ки аз гург тарсад** «тарсон, ҳаросон», мисли така – **мисли такае, ки аз пояш кашола мекунанд** «бераҳмона, бе раҳму шафқат», мисли шер – **мисли шере, ки ба думаш расида бошанд** «ба ғазаб омада» ва монанди инҳо:

Шахсе, ки Шоҳмирзоро тарсончак гуфта масхара дода буд, **монанди харе, ки аз гург тарсад,** сари худро ба қуттии ангишт тиққонд (Айнӣ С., Одина, 273). Вай дар як чашм задан аз гиребони Ҳамдами балвогар маҳкам дошта, ӯро **мисли такае, ки аз пояш кашола мекунанд,** ба сӯйи фарши байни катҳо кашола кард (Ниёзӣ Ф., Сарбозони бесилоҳ, 231). Аммо ҳар дуи инҳо **мисли шере, ки ба**

думаш расида бошанд, ғуррида оташин мешаванд (Айнӣ С., Аҳмади девбанд, 94).

Дар миёни ҷузъи асосӣ ва қисми боқимондаи ҷумлаи ташбеҳӣ зоҳиран алоқаи тобеъ вуҷуд дошта, калимаи асосӣ артикли номуайянӣ мегирад. «Ин хели ҷумлаи пайрав аз ҷиҳати сохт, будани калимаҳои ҳамнисбат, хусусан, калимаҳои тобеъкунандаи ҷонишинӣ, морфемаи **-е** ва вазифаи наҳвӣ ба қатори ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда дохил гардида, бо роҳи монанду муқоисакунӣ сифату аломат, хислату хусусият ва характеру вазъияти шайъҳои эзоҳталаби сарҷумларо нишон медиҳад» [Хоҷаев Д., 2021, с. 50].

Ба вазифаи ҷузъи асосии чунин ҷумлаҳои ташбеҳӣ бештар калимаҳои ифодагари ҳайвонот меоянд. Хусусияти дигари фарқкунандаи ҷумлаҳои ташбеҳӣ он аст, ки ба вазифаи адоти ташбеҳи онҳо танҳо пешояндҳои монандӣ истифода мешаванд. Аз рӯйи таҳлилҳои мо пасоянди монандии **барин** дар сохтори ҷумлаҳои фразеологии ташбеҳӣ саҳм надорад.

Ҳамин тариқ, воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ аз ҷиҳати сохт ба таркиб, ибора ва ҷумлаҳои фразеологии ташбеҳӣ тасниф мешаванд. Умумияти гурӯҳҳои сохтории ташбеҳоти фразеологӣ дар ҳамин ифода меёбад, ки онҳо ба мисли дигар навъҳои ифодаҳои рехта ба як маънои умумӣ далолат карда, он дар навбати худ аз ҷамъи маъноҳои ҷузъҳои дохилӣ сар мезанад. Бар замми ин ҳар яке аз ин гурӯҳҳо махсусиятҳои хоси худро дошта, бо ифодаи ҷузъҳои таркибиашон аз ҳам фарқ мекунанд.

3.5. Хусусиятҳои маъноии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ

Қабатҳои семантикии мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ ҳар яке бо дараҷаи зоҳиршавӣ ва нишонаҳои хоси ифоданокӣ аз ҳам фарқ мекунанд. Муқаррар шудааст, ки ифодаи маънои яклухти воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ, пеш аз ҳама, дар асоси умумияти маънои таҳтуллафзии ҷузъҳои таркибии онҳо ба вуҷуд меояд. «Маънои таҳтуллафзӣ ин маънои ибтидоии қиёфаи овозии воҳиди фразеологӣ мебошад. Он ба ҳайати маъноҳои воҳиди фразеологӣ, мундариҷаи маънои фразеологӣ дохил шуда, дар баробари онҳо вуҷуд дорад. Маънои таҳтуллафзӣ пайваста маънои фразеологиро таҳвият медиҳад ва барои инкишофи минбаъдаи он хизмат мекунад. Маҳз дар заминаи маънои таҳтуллафзӣ маънои фразеологӣ инкишоф меёбад» [Маджидов Х., 2006, с. 112]. Ҳамин аст, ки маънои фразеологӣ аз дигар навъҳои маъноҳои забон фарқ карда, он хосатан, дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ ба обурангҳои тозаи мафҳумию образнок ва эҳсосотиву баҳодиҳӣ соҳиб мегардад.

3.5.1. Ифодаи маънои мафҳумӣ дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ. Дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ маънои мафҳумӣ нисбат ба дигар гурӯҳҳои воҳидҳои фразеологӣ, аз қабили фразеологизмҳои истиоравӣ ва муболиғавӣ ифодаи равшан ва барҷаста дошта, зоҳиршавии он дар асоси ташбеҳ ва монандкунӣ таъмин мегардад. Заминаи асосии ифодаи онро инъикоси образноки мафҳум дар қолаби воҳиди фразеологии ташбеҳӣ ташкил медиҳад. Ба таври дигар, маънои мафҳумии мундариҷаи маъноии ташбеҳоти фразеологӣ дар асоси муқоиса ва монандкунии як шайъ бо дигаре, ё ягон хусусияти барҷастаи он ташаккул меёбад. Нишонаи асосии маънои мафҳумии мундариҷаи ташбеҳоти фразеологӣ тарзи махсуси зоҳиршавии он мебошад, ки ба тариқи монандкунӣ ва муқоиса сурат мегирад. Бо мақсади равшантар нишон додани шайъ, ҳодиса ё ягон паҳлуи барҷастаи он дар заминаи умумияти монандӣ он бо дигар ашё ташбеҳ мешавад, ки чунин раванди муқоиса кардани мафҳумҳои алоҳида дар мундариҷаи ташбеҳоти фразеологӣ маънои мафҳумиро ба вуҷуд меорад. Яъне

маҳаки зоҳиршавии маънои мафҳумиро дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ гузариши маънои як мафҳум ба мафҳуми дигари нисбатан образнокшуда ташкил медиҳад, ки ба тариқи муқоиса аломатро дар худ намоёнтар ифода мекунад. Чунин интиқоли маъноро ба тариқи нақшаи зайл нишон додан мумкин аст:

Тасвири №9



Дар зоҳиршавии маънои мафҳумии мундариҷаи ташбеҳоти фразеологӣ саҳми тамоми унсурҳои ташбеҳсоз назаррас аст. Ҷиҳати характерноки фразеологизмҳои ташбеҳии забони тоҷикӣ дар он аст, ки онҳо тавассути ёридиҳандаҳои ташбеҳӣ шакл мегиранд. Ҳарчанд дар қисмате аз онҳо (ташбеҳҳои пӯшида) набудани адоти ташбеҳ боиси костагии маънои мафҳумӣ нагардад ҳам, вале ҳамчун воҳиди комили ташбеҳӣ иштироки пешоянду пасоянди ташбеҳӣ дар онҳо шарт ва ҳатмист. Маҳз иштироки ҳамин унсури ташбеҳсоз маънои мафҳумиро дар онҳо қувват мебахшад. Масалан, **мисли тири сӯзон** «ҷонкоҳона, пурдард», **мисли хурӯси ҷангӣ** «дар ғазаб, дарқаҳр», **гурги гурусна барин** «ҳарисона, гурусначашмона», **мисли саги пошикаста** «ҷонкоҳона, дардмандона»:

Аммо ин андешаҳои ҷонпарвар дар дилаш монданд ва ногоҳ ба гӯшаш гапе **мисли тири сӯзон** расиду ӯро такон дод (Самад А., Паррончакҳо, 128). … дар рӯ ба рӯи Насим ҳозир шуд ва **мисли хурӯси ҷангӣ** боло-боло парида, гоҳ-гоҳ пайт ёфта ба пешонӣ ва бари рӯйҳои ӯ зарба мезаду доду ғиреви ҳангоматалабҳо мебаромад (Самад А., Паррончакҳо, 109). Ӯ **гурги гурусна барин** бо чаққонӣ чанг андохту нонро кашида гирифт ва дулунҷа ба хӯрдан сар кард (Ҳоҷи С., Гардиш, 169). Дигар вай чун солҳои пеш аз кирдори ношоистааш зоҳиран як каме хиҷолатманду шармсор, **мисли саги пошикаста** думаш хам, гӯшҳояш овезон, пас-паси деворҳо намегашт (Самад А., Гардиши девбод, 39).

Дар назари аввал чунин менамояд, ки маънои мафҳумие, ки дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дида мешавад, аз қаробати маънои аслӣ ва луғавии калимаҳои таркиби онҳо сар задааст. Гӯё унсурҳои дохилии воҳиди фразеологии ташбеҳӣ бо ҳамон маъноҳое истифода мешаванд, ки берун аз он маъмуланд. Вале бояд зикр намуд, ки чунин хулосабарорӣ нодуруст буда, ба моҳияти аслии масъала созгор нест, зеро рехтагиву устувории ҷузъҳои таркибии ифода имкон намедиҳанд, ки мо онҳоро бо ифодаҳои озоди наҳвӣ як шуморем ва наздикии маънои аслӣ ва луғавии онҳоро муқаррар созем. Маҳз устувории сохтори ташбеҳоти фразеологӣ дар ин маврид ҳамчун омили асосии канда шудани ҷузъҳои таркибии ифода аз маънои аслӣ ва луғавиашон маҳсуб меёбад. Ба сифати таъминкунандаи устувории ин навъи воҳидҳои фразеологӣ, асосан, ёридиҳандаҳои ташбеҳӣ баромад мекунанд, ки бе иштироки онҳо ифодаи рехта ба ибораи озоди наҳвӣ табдил меёбад ва тамоман ба мафҳуми дигар далолат мекунад. Барои муқоиса, ситораи дурахшон – **ситораи дурахшон барин** «равшанона, дурахшида», мурғи нимбисмил – **чун мурғи нимбисмил** «ҷонкоҳона, боазоб», мурғи посӯхта – **чун мурғи посӯхта** «беқаророна, имдодталабона» ва ғайра:

Аз дур **ситораи дурахшон барин** намудеду ақламро бурдед (Ҳоҷӣ С., Гардиш, 48). Зиёда аз он вичдони хатиби ҷавон низ алҳол аз гуфтаҳои Қосим амак **чун мурғи нимбисмил** дар азоб буд (Акобиров Ю., Дунё ба умед, 193). Он рӯзҳо дар ҳавлии хӯҷаин ҳама хурду калон дар ҳамин хусус байни худ миш-миш мекарданду Бадриддинхӯҷаи ошиқ **чун мурғи посӯхта** аниқи гапро аз ҳеҷ кас фаҳмида натавониста, хуни ҷигар шуда мегашт (Акобиров Ю., Дунё ба умед, 115).

Дуруст аст, ки илова гардидани пасоянду пешояндҳои монандӣ аз ифодаҳои озоди наҳвӣ воҳиди фразеологии ташбеҳӣ месозад, вале бояд ба инобат гирифт, ки на ҳама ифодаҳои озоди наҳвӣ ба худ ёридиҳандаи ташбеҳӣ қабул мекунанд. Маҳз ҳамоне рехтаву қобили истифода қарор мегирад, ки дар заминаи маънои маҷозӣ дар сурати қолабҳои устувору барои ҳамагон фаҳмо ба вуҷуд меояд. Сохтор ва маънои ягонаи онҳо барои соҳибони забон фаҳмо буда,

дар мавридҳои зарурӣ ҳамчун масолеҳи тайёри забонӣ корбаст мешаванд. Ҳамин аст, ки бештари ташбеҳоти фразеологӣ дар асоси қолабҳои маъмули синтаксисӣ маънои маҷозӣ гирифтаанд, ки миёни онҳо қолабҳои гуногуни ибораҳои изофӣ хеле зиёд истифода мешаванд. Маънои мафҳумии дар мундариҷаи чунин навъи ибораҳои фразеологӣ хобида бо зоҳиршавии махсуси худ фарқ карда, ифодаи равшани он аз ҷамъи маънoҳои унсурҳои таркибии ибора сар мезанад. Ба монанди **мисли кирми чӯб** «гурусначашмона, ҳарисона», **ба сони ҷасади мурда** «ҳавлангез, беҳаракат», **чун духтари қишлоқӣ** «содалавҳона, одӣ», **чун рамаи бесарунӯг** «бетартибона, беназорат»:

Ана ин Савдо зиндагӣ карда метавонад, **мисли кирми чӯб** шираву шаҳд мемакад, лекин чашму дили ӯ аз хоки гӯр скер намешавад (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 155). Вақт мегузашт ва мана, шаҳр **ба сони ҷасади мурда** тира шудан гирифт ва чун шамъҳои сари тобут дар осмонаш ситораҳо даргирифт (Толис П., Куллиёт, Ҷ.2, 325). … гӯё **чун духтари қишлоқӣ** ба ақибгоҳи немисҳо рафта, супориши сардоронро хуб ба ҷо меовард (Ниёзӣ Ф., Сарбозони бесилоҳ, 356). Пешгардони босмачӣ ба доманаи кӯҳ фармаданду ақиби онҳо ҳанӯз ҳам аз дараҳои кӯҳ **чун рамаи бесарунӯг** фаромада меомад (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 211).

Маънои мафҳумие, ки дар заминаи фразеологизмҳои ташбеҳӣ хобидааст, аз ҷамъи маънoҳои ҷузъҳои таркибии онҳо сар мезанад. Ҳатто ёридиҳандаи ташбеҳӣ дар ин маврид ҳамчун унсури ёрирасон дар возеҳу равшан ифода шудани он то андозае саҳм дорад. Он ҷузъҳои боқимондаро дар сурати воҳиди рехтаву устувор шакли ягона дода, қолаби муайяни воҳиди фразеологиро ба вуҷуд меорад. Маҳз мавҷудияти унсури ёридиҳанда дар ташбеҳоти фразеологӣ боиси хира гардидани алоқаи тобеъ миёни ҷузъҳои онҳо мегардад. «Воҳидҳои фразеологӣ аз ду ва зиёда калимаҳои одии забони тоҷикӣ, ки ба ҳам ба тариқи ноҷунбон пайваст шудаанд, ба вуҷуд омадаанд. Онҳо дар қолаби синтаксисии таркиб, ибора ва ҷумлаҳои озод ба вуҷуд омада бошанд ҳам, аз онҳо фарқ мекунанд. Дар байни калимаҳои таркиби воҳидҳои фразеологӣ робитаи синтаксисӣ хира буда, маънои яклухти онҳо аз ҷамъулҷамъи калимаҳои таркибиашон бармеояд» [Зоғакова Г., 2011, с. 104]. Метавон тахмин намуд, ки

иштироки адоти ташбеҳ ба яклухтмаъноии ифода сабаб гашта, онро як андоза қолабӣ ва рехта мегардонад. Ин фарзияро дар маводи зайл ба хубӣ мушоҳида кардан мумкин аст: **пашша барин чарх задан** «нофорам, гӯшхарошона», **мисли одами роҳгумзада** «бесаранҷомона, саргардон», **чун барги гул** «нозукона», **хар барин кор фармудан** «бераҳмона, ҷабр карда»;

– Онҳо ҳозир нестанд, вақте ки корро сар кардӣ, **пашша барин** гирди сарат **чарх зада** бо вижоси худ асабатро хароб месозанд... (Зоҳир А., Завол, 112). Назокат чанд ҳафта боз **мисли одами роҳгумзада** хиҷилу сархам мегашт, худро аз ҳама канор мегирифт (Самад А., Паррончакҳо, 94). Духтар қоғази дасташро лӯлапеч карда мепечонду лабони **чун барги гул** нафису нозуки ӯ пир-пир мепариданд (Акобиров Ю., Дунё ба умед, 217). Ӯзбеку тоҷик мардуми бесавод, нодон, ба сари ҳокимият, ки баромаданд, онҳоро **хар барин кор мефармоему** халос (Ҷалил Р., Шӯроб, 22).

Дар бештари воҳидҳои рехтаи ташбеҳии забонамон дар заминаи маънои мафҳумӣ боз тобишҳои маъноии зиёд, аз қабили киноя, нафрат, бадбинӣ, тамасхур, шодӣ, қаноатмандӣ, ғаму андӯҳ ва ғайра ниҳон аст. Албатта, онҳо хусусияти матнӣ доранд, вале дар мавриди муайян метавонанд маънои воҳиди фразеологиро аз ҷиҳати эҳсосот ва рангубори бадеӣ мукаммал гардонанд. Маҳз ҳамин тобишҳои маъноӣ характери баҳодиҳиро дар чунин навъи фразеологизмҳо қувват мебахшанд. Ҳар яке аз онҳо бо маънои мафҳумии ифода тавъам гардида, дар маҷмуъ маънои ягонаи фразеологиро ба вуҷуд меоранд. Чунончи, **сагҳои бӯйгир барин** «дақиққорона», **монанди товуси ҷаннат хиромидан** «нозукона, диққатҷалбкунанда», **мисли шамъ об шудан** «ҷонкоҳона, оҳиста-оҳиста»:

Мефаҳмӣ, вай бо хешу таборҳояш, бо милисаҳо ва аскарҳо хона ба хона ҳама ҷойро **сагҳои бӯйгир барин** кофта гаштааст (Мирзоев К., Дар орзуи падар, 220). – Рафторашро бинед, – гуфт, – **монанди товуси ҷаннат мехиромад** (Айнӣ С., Ғуломон, 88). Фирӯза ба ҷои ошу нон ғам мехӯрад, **мисли шамъ об шуда** истодааст (Икромӣ Ҷ., Духтари оташ, 421).

Маънои мафҳумӣ дар таркиб ва ҷумлаҳои фразеологии ташбеҳӣ низ ифодаи равшани худро меёбад. Агар дар заминаи ибораҳои рехтаи ташбеҳӣ он

дар асоси таносуби маъноии ҷузъи асосӣ ва дуюм зоҳир шавад, дар таркибҳои фразеологии ташбеҳӣ ифодаи маъноии мафҳумӣ бештар ба ҳамон калимаҳое иртибот дорад, ки онҳо дар қолаби таркибҳои ҷуфт барои инъикоси мафҳуми алоҳида хизмат мекунанд. Дар ин ҳолат илова гардидани ёридиҳандаи монандӣ аз таркиби фразеологӣ таркиби фразеологии ташбеҳиро ба вуҷуд меорад. Яъне раванди фразеологизатсияи воҳиди фразеологӣ қувват мегирад ва сохтору маъноии он боз ҳам бештар устувор ва рехта мегардад. Аз ин ҷост, ки маъноии мафҳумии дар мундариҷаи таркибҳои фразеологии ташбеҳӣ хобидаро ба осонӣ муқаррар намудан мумкин аст. Ҷолиби диққат он аст, ки ба сифати адоти ташбеҳ дар сохтори чунин навъи ташбеҳоти фразеологӣ, асосан, пешоянди **мисли** бештар нақш дорад. Чунончи, дар таркибҳои рехтаи ташбеҳии **мисли гулу булбул** «мувофиқ, дӯстона», **мисли обу ҳаво** «зарурӣ, серталаб», **мисли шабу рӯз** «бонавбат, мунтазам», **мисли гӯшту нохун** «қарин, ҷудонашаванда» ва ба инҳо монанд:

Пеш **мисли гулу булбул** буданд (Самад А., Гардиши девбод, 296). Мехост бо як даҳан сухани нарм, ки дили ӯ **мисли обу ҳаво** ба он эҳтиёҷ дошт, бори дилашро сабук кунад (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 24). Зиндагии мо **мисли шабу рӯз** ду ранг дорад – сафеду сиёҳ, ояду равад, гоҳ дарозу гоҳ кӯтоҳ (Сорбон, Зуза, 231). Дар асл вай гуфтанист: ту, ба қавле, кӯдаки ин деҳа, то дирӯз бо хурду калон **мисли гӯшту нохун** пайванд будӣ (Самад А., Гардиши девбод, 317).

Дар ҷумлаҳои фразеологии ташбеҳӣ маъноии мафҳумӣ дар заминаи сохтори тафсилёфтаи онҳо нисбатан норавшан ифода меёбад. Дар ин қабил ташбеҳоти фразеологӣ, ки нақши ҷумлаи пайравро дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ иҷро мекунанд, маъноии мафҳумӣ аз умумияти маъноҳои ҷузъҳои таркибии ҷумла сар мезанад ва ба сифати тобиши асосии мундариҷаи маъноии ин навъи ҷумлаҳои фразеологӣ баромад мекунад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар чунин ҷумлаҳои фразеологӣ бештар ба вазъияти муайяни ашёву ҳодисаи ташбеҳшаванда ишорат мешавад. Дарки вазъияти дар он қарордоштаи шайъ аз ҷониби шунаванда хеле муҳим аст, зеро бе қабули саривақтии мафҳуми ташбеҳшуда фаҳмидани маъноии ягонаи ҷумлаи фразеологии ташбеҳӣ

ғайриимкон мегардад. Ба тарзи дигар, дарки вазъияти ашё, ки дар қолаби ҷумлаи рехтаи ташбеҳӣ инъикос гардидааст, ҳамон маънои ягонаи фразеологист, ки яке аз унсурҳои асосии он тобиши мафҳумӣ аст. Ба монанди ҷумлаҳои фразеологии ташбеҳии **монанди кирме, ки дар рӯи ризқу рӯзӣ тамаъ дорад** ба маънои мафҳумии «боазоб, тамаъкорона», **мисли море, ки сайдашро афсуну бемадор кардааст** «боғурур, беэътиноёна», **монанди касе, ки дар хобаш сиёҳӣ пахш карда бошад** «беихтиёр, ҷонҳавлона» ва ғайра, ки дар онҳо вазъияти ашё ба ашёи дигар монанд карда шудааст ва қабули маънои онҳо ба қобилияти тафаккури шунаванда вобастагӣ дорад:

Ҳеҷ кас надонад. **Монанди кирме, ки дар рӯи ризқу рӯзӣ тамаъ дорад** (Сорбон, Барзгар, 39). Ва Суҳроби Фаридун **мисли море, ки сайдашро афсуну бемадор кардааст**, аз ҳолати оҷизонаи ҳарифаш ҳаловат мебурд (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 360). Гоҳо **монанди касе, ки дар хобаш сиёҳӣ пахш карда бошад**, суханони пой дар ҳаво гуфта фарёд мекард (Айнӣ С., Дохунда, 1213).

Ба таври умум, маънои мафҳумӣ дар мундариҷаи маъноии ташбеҳоти фразеологӣ ҳамон вазифаеро дорад, ки дар заминаи ифодаи нисбатан равшани он дар қолаби воҳиди фразеологӣ сурат мегирад. Танҳо унсури асосии фарққунанда дар ин аст, ки зоҳиршавии намоёни маънои мафҳумии мундариҷаи воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ на дар асоси образнокии баланди мафҳум, балки тобиши муқоисавии он сурат мегирад.

3.5.2. Ифодаи маънои образнок дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ. Тавре зикр намудем, дилхоҳ ифодаи беҳтару хубтари мафҳум, ки ба тавассути воситаҳои тасвири бадеӣ дар сохтори воҳидҳои гуногуни забонӣ сурат мегирад, падидаи образнокии онро ба вуҷуд меорад ва ин ҳолат яке аз нишонаҳои фарққунандаи воҳидҳои фразеологӣ маҳсуб меёбад. «Таъбирот аз воситаҳои муҳимми ифодаи маъноҳои образнок ва эҳсосотӣ ба шумор мераванд. Маънои аслии воҳиди фразеологӣ, ки ифодагари воқеият аст, дар инкишофи маъноҳои воқеӣ ва ҷилваҳои ранг ба ранги образноки он ҳамчун заминаи муътамад хидмат мекунад» [Маҷидов Ҳ., 1995, с. 12].

Образ ва ҷараёни образнок гардидани мафҳум дар навбати худ маънои образноки мундариҷаи воҳиди фразеологиро тавлид месозанд, ки дар фразеологизмҳои ба тавассути воситаҳои тасвири бадеӣ ташаккул ёфта, ба таври мухталиф зоҳир мешавад. Агар дар ташбеҳоти муболиғавӣ он дар зинаи баланди зоҳиршавӣ қарор гирад, дар воҳидҳои фразеологии истиоравӣ ин раванд то андозае заифтар мушоҳида мешавад, зеро дар онҳо тобиши образнок бо сабаби гузариши маънои як мафҳум ба мафҳуми дигар нисбатан хира ифода меёбад. Ба ин монанд маънои образноки мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ низ сатҳи муайяни инъикоси худро дорад, ки он бевосита ба вазифаи ташбеҳ дар раванди образнокии мафҳум алоқаманд аст. Яъне дар ин ҳолат унсури ташбеҳ ва муқоиса намудани як мафҳум ба мафҳуми дигар ҳамчун нуқтаи меҳварие хизмат мекунад, ки аввалан раванди образнокӣ ва баъдан ташаккули маънои образнокро дар воҳиди фразеологии ташбеҳӣ таъмин мегардонад. Назарияи мазкурро ба тариқи формулаи зерин тасдиқ намудан мувофиқтар аст:

Тасвири №10



Аз ин ҷиҳат маънои образноки таркиби воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ аз лаҳзаҳои образноки мундариҷаи дигар навъҳои фразеологизмҳо маҳз бо ҳамин тарзу усули хоси зоҳиршавӣ фарқ мекунад. Тасдиқи ин ҳолатро ҳангоми таҳлили маъноии ташбеҳоти фразеологии зерин мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар онҳо маҳз раванди монандкунӣ унсурҳои образнокро дар онҳо ба вуҷуд овардааст: **мисли хешу табори хунӣ** «самимона, муқаррабона», **хаёли хушку холӣ барин** «бепоя, нопойдор», **панҷ панҷа барин** «дониста, огоҳона», **ба сони барги зардшуда** «заҳир, ҳақирона»:

… Давлатро **мисли хешу табори хунӣ** боз бештар самимона навозишу меҳрубонӣ намуда, дар қалби ӯ тухми орзую умедҳои нек мекоштанд (Ниёзӣ Ф., Ҳар беша гумон мабар, ки холист, 99). Он вақтҳо дар ин гирду пеш чунин

бригадаҳо набуданд ва ба раиси колхоз ин хоҳиши Алиев **хаёли хушку холӣ барин** намуд (Толис П., Куллиёт, Ҷ.2, 68). Ҳамаи ин ҷиҳатҳои зиндагии шахсии Бободӯстов ба Ҳамзаалиев **панҷ панҷааш барин** равшан буданду аҳаммият намедод (Нақмиддинов М., Дарё маҷрои нав меҷӯяд, 101). ... бо як биму ҳароси ғайричашмдошт аз сари шохи дарахтони наздик тур бардоштанд, **ба сони барги зардшуда** аз боди тунд (Зоҳир А., Завол, 5).

Маънои образнок дар заминаи зоҳиршавии барҷастаи маънои мафҳумии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ нисбатан хира ифода мегардад. Ин ҳолат табиӣ буда, ба он нисбат аст, ки агар дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ ҳар қадар унсурҳои мафҳумӣ қувват гирифта, равшан ифода ёбанд, лаҳзаҳои образнок ҳамон қадар заиф гардида, зоҳиршавиашон ба тариқи барҷаста сурат намегирад. Ин ҳолат ба ташбеҳоти фразеологӣ низ хос буда, маънои образнок дар онҳо на ҳамчун унсури асосии мундариҷаи маъноӣ, балки ба сифати яке аз унсурҳои иловагии он хизмат мекунад. Ба назари мо, ташбеҳ, ки дар ин маврид ҳамчун унсури асосии бавуҷудоварандаи маънои образнок мебошад, дар заминаи умумияти монандии миёни ташбеҳшаванда ва ташбеҳкунанда наметавонад дар муқоиса бо муболиға ва истиора образнокии баланди мафҳумро таъмин намояд ва табиист ки дар ин ҳолат маънои образнок дар чунин навъи фразеологизмҳо норавшан ошкор мегардад. Барои мисол воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, истиоравӣ ва ташбеҳиро ба таври муқоиса овардан мумкин аст, ки дар онҳо дараҷаи ифодаи образнокӣ аз ҳам тафовут дорад. Аз қабили **аз осмон ситора овардан** «амали ғайриодиеро иҷро намудан»(образнокӣ дар заминаи муболиға), **думро хода кардан** «гурехтан, фирор кардан» (образнокӣ дар заминаи истиора) ва **чун мурғи самандар** «ҷонкоҳона, боазоб» (образнокӣ дар заминаи ташбеҳ):

Эҳа, Далер он вақтҳо дар хаёлаш барои Рухсора барин паризод мошин чӣ, **аз осмон ситора оварда** метавонист (Самадов А., Майдон, 49). …гӯсолаи ширмасти пешониалои сиёҳ **думашро хода карда**, бошаст аз тарафи коҳдон омада, ба ӯ бархурд ва баоскунон якпаҳлу афтод (Самадов А., Майдон, 163). Борҳо шикастаму рехтам, хоку хокистар шудам, дар набардҳои нобаробар қурбони номардиҳо гаштам, вале зарбаҳои гарони зиндагиро хомӯшона фурӯ

бурда, синамолу хунчакон хестам ва **чун мурғи самандар** аз коми марг раҳидаму ҷони тоза андӯхтам (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 176).

Дар мисоли воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ, ки дар заминаи монанд кардани як мафҳум ба мафҳуми дигар ташаккул меёбанд, тобиши образнокӣ дар пояи маҷозияти на он қадар баланди ҷузъҳои таркибии ифода зоҳир мешавад ва ошкор намудани он ба нисбати ифодаи равшани тобишҳои мафҳумӣ дар фразеологизмҳои ташбеҳӣ як қадар мушкил аст.

Маънои образнок дар гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ зоҳиршавии гуногун дорад. Дар ин миён боз ҳам мавқеи ибораҳои фразеологии ташбеҳӣ намоёнтар буда, дар мундариҷаи онҳо бинобар зикр наёфтани унсури ташбеҳшаванда маънои образнок як қадар равшантар ифода меёбад. Иштирок надоштани ташбеҳшаванда дар сохтори ибораҳои фразеологии ташбеҳӣ, ки аксаран ба воситаи феълҳои гуногун ифода меёбад, маънои образноки мундариҷаи онҳоро нисбатан равшан ва устувор мегардонад. Дар қолаби ибораи фразеологии ташбеҳӣ инъикос гардидани мафҳуми ташбеҳшаванда натанҳо барои зоҳиршавии лаҳзаҳои дигари маъноӣ, балки тобиши образнок низ қулай ва мусоид буда, маънои фразеологии онҳо бештар бо ҳамон унсури ташбеҳшаванда зикр мегардад, ки воҳиди фразеологӣ ягон паҳлуи назарраси онро дар худ ташбеҳ намудааст. Дар ин навъи ибораҳои фразеологӣ унсури асосии ташбеҳсоз – ташбеҳкунанда бештар бо ёрии ибораҳои исмии изофии тавсифӣ ифода меёбад. Ёридиҳандаи ташбеҳӣ ҳамчун ҷузъи асосии ташбеҳсоз ва дар заминаи он ташаккулдиҳандаи тобишҳои маъноии гуногун, аз ҷумла маънои образнок дар ин маврид унсури ҳатмӣ ба ҳисоб меравад. Ба монанди **чун ҷӯҷаҳои навбол** «навомӯзона, бетаҷриба», **ранги мурғи ба қафас афтода** «имдодталабона», **мисли мурдаҳои гӯр** «ваҳшатангез, нозебо», **ҳайвони ваҳшӣ барин** «бетарбия, худсарона» ва монанди инҳо:

Дар синфхонаи ошно дуздида сӯят менигараму эҳсос мекунам, ки дилам аз дидорат **чун чӯҷаҳои навбол** метапад… (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 185). **Ранги мурғи ба қафас афтода** дар ҳавлии хусур дилам танг мешавад (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 327). Модарам **мисли мурдаҳои гӯр** лоғар,

бехун, бо чашмони ба косахона фурӯрафта ва дастони ларзон ба ҳалқи падарам об мечаконид (Икромӣ Ҷ., Духтари оташ, 69). – Шумоҳо **ҳайвони ваҳшӣ барин** зиндагӣ мекунед, газета намехонед, ба матбуот ҳеҷ диққат намедиҳед ва ҳол он ки газетаҳо аз хабарҳои ғалатӣ пур (Толис П., Куллиёт, Ҷ.2, 287).

Дар таркибҳои фразеологӣ бошад, ифодаи маънои образнок дар асоси таркибҳои ҷуфти озоди сохтори онҳо сурат мегирад. Дар ин навъи таркибҳои фразеологӣ ёридиҳандаи ташбеҳӣ бо таркибҳои озоди наҳвӣ алоқаманд гардида, дар якҷоягӣ воҳиди бутун ва дорои маънои ягонаро ба вуҷуд меорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ин ҳолат ёридиҳандаи ташбеҳӣ танҳо вазифаи таъминкунандаи унсури монандкуниро иҷро намуда, ифодаи ҳама гуна лаҳзаҳои маъной, аз ҷумла лаҳзаҳои баҳодиҳӣ низ бар дӯши калимаҳои мустақили дохили таркибҳои фразеологӣ мебошад. Онҳо дар шакли таркибҳои озод, ки бештар бо исмҳои ғайришахс сурат мегиранд, ба василаи ёридиҳандаи ташбеҳӣ вазифаи ташбеҳкунандаро иҷро намуда, ташбеҳшаванда, аломат ё ягон хусусияти онро хубтару беҳтар ифода мекунанд. Маҳз ҳамин ифодаи барҷаста дар сохтори таркибҳои фразеологии ташбеҳӣ тобиши образнокро ба миён меорад. Ба монанди **мисли додару бародар** «қарин, наздик», **сагу пишак барин** «душманона, боадоват», **мисли обу ҳаво** «даркорӣ, зарурӣ», **мисли сӯзану ришта** «мувофиқ, тавъам»:

Ӯ бо Назир **мисли додару бародар** шуда монда буданд, Амирқул ӯро дӯстӣ ягонаи худ медонист (Улуғзода С., Восеъ, 119). Вақтҳои охир бо Абдухолиқи акааш **сагу пишак барин** носоз аст (Самадов А., Паррончакҳо, 30). Охир, барои одами оҷиз асо **мисли обу ҳаво** зарур аст (Самадов А., Майдон, 66). Дар зиндагӣ зану шавҳар бояд **мисли сӯзану ришта** аз якдигар ҷудой надошта бошанд, - гуфт (Самадов А., Майдон, 96).

Маънои образноки мундариҷаи ҷумлаҳои фразеологии ташбеҳӣ бо сабаби сохтори як андоза тафсилёфтаи онҳо боз ҳам хиратар ошкор мегардад. Ҳар қадар ки сохтори воҳиди фразеологӣ тафсилёфта бошад, ҳамон андоза дар мундариҷаи он муқаррар намудани тобишҳои маъной душвор мегардад. Аз ин ҷиҳат сохтори ибора ва таркибҳои фразеологӣ нисбат ба ҷумлаҳои фразеологӣ бартарӣ доранд,

зеро сохтори онҳо ихчаму рехтатар буда, зоҳиршавии унсурҳои маъноӣ низ дар онҳо равшантар ба назар мерасад. Муайян карда шудааст, ки сохтори ҷумлаҳои фразеологии ташбеҳӣ камаш аз панҷ ва зиёда калимаҳои мустақилу ёрирасон ташкил меёбанд, ки дар мавқеи аввали онҳо пешояндҳои монандӣ меоянд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки ин навъ ҷумлаҳои рехта бо пасоянди **барин** созмон намеёбанд. Дар пояи ҳамин гуна сохтори васеъ ва тафсилёфта муқаррар намудани маънои образнок дар ҷумлаҳои фразеологии ташбеҳӣ ба таври алоҳида нисбатан мушкил аст. Барои муқоиса, ҷумлаҳои рехтаи ташбеҳии **мисли чӯҷаҳое, ки аз мурғ ҷудоӣ надоранд** «бо муҳаббат, самимона», **мисли саги гуруснае, ки устухон мехояд** «ҳарисона, гурусначашмона», **мисли кабке, ки дар доми сайёд афтидааст** «ночор, имдодталабона»-ро мисол овардан мумкин аст, ки дар мундариҷаи маъноии онҳо маъноҳои мафҳумӣ бартарӣ дошта, бо тобишҳои образнок мукаммал гардидаанд. Ин қабил ҷумлаҳои фразеологӣ, тавре зикр намудем, бештар дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ омада, як ҷузъи онҳо вазифаи ҷумлаи пайрави муайянкунандаи монандӣ-ташбеҳиро мебозанд:

Ва ё **мисли чӯҷаҳое, ки** ҷик-ҷиккунон **аз мурғ ҷудоӣ надоранд,** гирду пеши Гавҳар чархида, аз шохаҳои хамзада ё таги дарахтон мева чида мехӯранд… (Самад А., Гардиши девбод, 97). **Мисли саги гуруснае, ки** дар хоб ҳарисона **устухон мехояд,** вай ҳам хонаи пештараи иҷораро ба ёд овард (Акобир Ҷ., Кӯҳистонӣ, 15). Лекин дили Раҷабалӣ дигар хел такопӯ дошт, **мисли кабке, ки дар доми сайёди бераҳм афтидааст** (Акобир Ҷ., Кӯҳистонӣ, 49).

Тавре қайд намудем, ҷумлаҳои фразеологии ташбеҳӣ, асосан, дар як қолаб, яъне қолаби ҷумлаи пайрави таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ истифода мешаванд. «Бештари воҳидҳои фразеологии ташбеҳие, ки ба вазифаи ҷумлаи пайрави таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ меоянд, ҷумлаи пайрави муайянкунандаанд. Ба вазифаи ҷумлаи пайрави муайянкунанда омадани ҷумлаҳои фразеологии ҳодисаи муқаррарии забонӣ буда, мавзуи сухан ва ҳодиса, ки дар дохили сарҷумла ҷойгир аст, аз ягон ҷиҳат шарҳу тафсир дода мешавад» [Дӯстов Ҳ., 2017, с. 11].

Дар мундариҷаи маъноии ин қабил ҷумлаҳои фразеологӣ зоҳиршавии маънои образнок дар заминаи маънои ягонаи фразеологизм, ки он ҳам бошад аз умумияти маъноҳои калимаҳои мустақил ва ёридиҳандаи таркиби ҷумла сар мезанад, амалӣ мегардад. Дар ин маврид қабули маънои ягонаи ҷумлаи фразеологӣ барои дарки натанҳо тобиши образноки заминаи он, балки дигар лаҳзаҳои маъноӣ низ мусоидат менамояд. Онро метавон ба ҳайси сарчашмаи зоҳиршавии ҳама гуна тобишҳои маъноӣ дар мундариҷаи семантикии ҷумлаҳои рехтаи ташбеҳӣ маънидод кард, ки миёни онҳо маънои образнок низ мавҷуд аст. Масалан, дар мундариҷаи ҷумлаҳои фразеологии ташбеҳии зерин сараввал маънои фразеологӣ ва баъдан унсурҳои маъноии дигарро ошкор намудан мумкин аст: **чун калхоте, ки сайдашро чанг задан мехоҳад** «бошаст, даррандавор», **чун шарорае, ки барқ мезанад** «як лаҳза, ба тезӣ», **амсоли хобу хаёли гарон, ки баробари дамидани субҳ дур мешавад** «фавран, дар як они воҳид» ва монанди инҳо:

– Чӣ хап шудӣ, шохат шикаст? – аз ҷояш хест Ойматов ва болои сари ман **чун калхоте, ки сайдашро чанг задан мехоҳад,** қарор гирифт (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 219). Мӯи сиёҳаш парешон, андомаш ғамолуду хаста, ришаш расида, чашмонаш **чун шарорае, ки барқ мезананду** хомӯш мегарданд (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 140). Дарвоқеъ, ҳамаи он рӯзҳо **амсоли хобу хаёли гарон, ки баробари дамидани субҳ** ваҳму ҳаросаш аз дили кас батамом **дур мешавад,** гузаштанд (Акобир Ҷ., Кӯҳистонӣ, 82).

Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ бо низоми маъноии дар заминаи онҳо хобида аз дигар навъҳои фразеологизмҳои забони тоҷикӣ фарқ мекунанд. Маънои фразеологӣ дар онҳо дар асоси ташбеҳ ва муқоиса шакл гирифта, ба ҷамъи маъноҳои ҷузъҳои дохилӣ баробар аст. Дар баробари ин ҳар як воҳиди фразеологии ташбеҳӣ боз дар худ тобишҳои маъноии зиёдеро меғунҷонад, ки ба таъсирбахшу пуробуранг гаштани он сабаб мегарданд.

3.5.3. Ифодаи маънои баҳодиҳиву эҳсосотӣ дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ. Маънои баҳодиҳӣ ва эҳсосотиро дар семантикаи воҳидҳои

фразеологии ташбеҳӣ дар якҷоягӣ ва ҳамбастагӣ баррасӣ намудан мувофиқ аст, зеро аз таҳлилҳо бармеояд, ки ин ду тобиши маъноӣ дар мундариҷаи ташбеҳоти фразеологӣ аксаран дар як вақт зоҳир мешаванд. Ҳар воҳиди рехтаи ташбеҳие, ки ба тариқи муқоиса ва монандкунӣ дар худ унсуре аз олами эҳсосотии шахсро таҷассум мекунад, ҳамзамон метавонад ба мафҳуми ташбеҳшаванда муносибати муайяни баҳодиҳиро низ муқаррар намояд. «Эҳсосотро метавон ба таври мувофиқ бо аломатҳои забон ифода намуд ва ба ин васила онҳоро ба ҷараёни муошират – мубодилаи иттилоот дар бораи ҷаҳони объективӣ ва субъективӣ дохил кард. Дар ин ҳолат ба сифати ашёи инъикос дар забон метавонанд вазъияти эҳсосотии шахсият ва ё муносибати баҳодиҳии ӯ ба ашёи нутқ баромад кунанд» [Шаховский В.И., 2019, с. 31].

Бар замми он ки ҳодисаи монандкунӣ дар ташбеҳоти фразеологӣ заминаи образнокии маънои мафҳумӣ мебошад, ҳамчунин метавонад дар мундариҷаи онҳо тобишҳои гуногуни эҳсосотиро инъикос намояд. Зоҳиршавии тобишҳои эҳсосотии мусбат ва манфӣ дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ маънои эҳсосотиро дар мундариҷаи маъноии онҳо ба вуҷуд меорад. Ин ҳолатро дар воҳидҳои рехтаи ташбеҳии **монанди мори курк** «беҳаракат, ноҷунбон» (ифодаи эҳсосоти манфӣ бо тобиши таҳқир), **мисли оби чашма** «шаффоф, беолоиш» (ифодаи эҳсосоти мусбат бо тобиши ситоиш), **саги дайду барин** «ҳарҷогард, сарҳуй» (ифодаи эҳсосоти манфӣ бо тобиши пастзанӣ) ва **шир барин равшан** «тоза, шаффоф» (ифодаи эҳсосоти мусбат бо тобиши тавсиф) дидан мумкин аст, ки зоҳиршавии тобишҳои эҳсосотии таҳқир, ситоиш, пастзанӣ ва тавсиф дар онҳо муассирии маъноҳояшонро таъмин намудаанд:

Чанд рӯз пеш дар тоқи болодарӣ як порча хати даҳшатнок **монанди мори курк** маскан гирифт (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор (марзи номус), 10). Назди ту, дугона, **мисли оби чашма** софам (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор (марзи номус), 260). – **Саги дайду барин** дар ин ҷо чиба мегардӣ? (Самадов А., Паррончакҳо, 30). Ҳоло моҳи пурра ҳам баромада замину замонро **шир барин равшан** карда буд (Начмиддинов М., Дарё маҷрои нав меҷӯяд, 247).

Хулоса, маҳаки асосии дилхоҳ ташбеҳоти фразеологиро унсури баҳогузорӣ ба тариқи монандкунӣ ташкил медиҳад. Раванди мазкур огоҳона ва бо риояи қонунмандиҳои тафаккури мантиқӣ сурат гирифта, бо мақсади хубтару баландтар нишон додани мафҳуми ташбеҳшаванда амалӣ мегардад. Ба воситаи ташбеҳ кардани ашё ба ашёи дигар ё ягон аломати барҷастаи он гӯянда дар як вақт ба он баҳои муайянро нисбат дода, дар пояи он эҳсосоти гуногуни хешро ифода мекунад. Аз ин ҷиҳат дар сохтори маъноии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ муқаррар намудани тобиши баҳодиҳӣ ва баъдан эҳсосотӣ дуруст аст. Дар ин ҳолат аввал ошкор намудани лаҳзаҳои баҳодиҳӣ ва сипас тобишҳои эҳсосотӣ дарки маънои ягонаи ташбеҳоти фразеологиро осон мегардонад. Чунин ҷойгиршавии иерархии маъноҳо дар сохтори семантикии ин гуна фразеологизмҳо натиҷаи зоҳиршавии комили ташбеҳ дар заминаи унсурҳои ташбеҳшаванда ва ташбеҳкунанда мебошад. Масалан, дар ифодаҳои рехтаи ташбеҳии зикрмеёфта ошкор намудани муносибатҳои баҳодиҳии хуб, бад ва унсурҳои эҳсосотии мусбат ва манфӣ ба осонӣ муяссар мегардад: **монанди чашмони ғук** «даҳшатангез, нозебо» (баҳодиҳии бад бо унсури эҳсосоти манфии таҳқир), **мисли шаби арӯсӣ** «хотирмон, нотакрор» (баҳодиҳии хуб бо унсури эҳсосоти мусбати тавсиф), **мисли хӯсаи байни полиз** «беҳаракати даҳшатовар» (баҳодиҳии бад бо унсури эҳсосоти манфии тамасхур), **чун моҳи ягона** «зебо, назаррабо» (баҳодиҳии хуб бо унсури эҳсосоти мусбати муҳаббат):

Чашмони Собиру Назар **монанди чашмони ғук** аз косахонаашон баромаданд (Самадов А., Майдон, 134). Хост, ки бархезаду аз паси занаш тозад ва ӯро **мисли шаби арӯсӣ** озод рӯи даст бардошта, узрхоҳон хона барад (Самадов А., Майдон, 145). Бе ҳамин ҳам ҳозир дар назарам **мисли хӯсаи байни полиз** безеб менамоӣ, – киноямез гуфт бобои Юнус ва бо нешханде илова кард (Самадов А., Майдон, 167). Гирифтори ишқи як фариштаи шаҳрзоде, ки аз болои абрҳо **чун моҳи ягона** зуҳур мекунаду кулбаи сарду назарногирамро аз орзуҳои ширину хаёлҳои руъёӣ лабрез менамояд (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 236).

Ифодаи тобишҳои баҳодиҳию эҳсосотӣ дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ ба ифодаи ҷузъҳои таркибии онҳо алоқамандӣ дорад. Маълум мегардад,

ки дар сохтори қисмате аз ташбеҳоти фразеологӣ калимаҳое истифода мешаванд, ки ба сифати мафҳуми асосии ташбеҳкунанда баромад намуда, зоҳиршавии лаҳзаҳои баҳодиҳиву эҳсосотӣ маҳз ба корбасти онҳо дар сохтори фразеологизмҳои ташбеҳӣ вобастагӣ дорад. Ин қабил калимаҳо берун аз доираи воҳиди фразеологии ташбеҳӣ низ метавонанд дар мундариҷаи маъноии худ тобишҳои баҳодиҳии хубу бад ва эҳсосоти мусбату манфиро инъикос намоянд. Ба ин қабил унсурҳои луғавии муассир ташбеҳ намудани мафҳуми алоҳида ё ягон паҳлуи барҷастаи он яке аз талаботҳои асосии ташбеҳоти фразеологӣ мебошад. Маҳз дар заминаи чунин монандкунии мақсаднок хислату характер ва нишонаҳои алоҳидаи ашёи ташбеҳшаванда боз ҳам равшантару воқеитар таҷассум меёбанд, ки чунин ҷараён, албатта, бо назардошти умумияти монандии ташбеҳшавандаву ташбеҳкунанда сурат мегирад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар бештари ҳолатҳо калимаҳои мазкур дар шакли тафсирӣ омада, берун аз доираи фразеологизми ташбеҳӣ ибораи изофии муқаррариро ба хотир меоранд. Барои тасдиқи назарияи зикршуда метавон ташбеҳоти фразеологии **мисли байтали сарҳуй** «ихтиёрӣ, озодона», **чун муши амбор** «ғоратгарона», **мисли мори сиёҳ** «ҳавлангез, даҳшатафкан» ва **мисли муши мурда** «беҳаракат, ноҷунбон»-ро ба таври намуна мисол овард, ки дар сохтори онҳо маҳз истифодаи ибораҳои изофии тавсифии **байтали сарҳуй, муши анбор, мори сиёҳ** ва **муши мурда** зоҳиршавии тобишҳои баҳодиҳии бад ва эҳсосоти манфиро таъмин намудааст:

– Зан бе марди ҷилавкаш **мисли байтали сарҳуй** мешудааст (Самад А., Гардиши девбод, 114). Ҳоҷӣ шуд, аз ҳаромхорӣ ва дуздӣ **чун муши амбор** даст накашид, инро ҳама медонанд (Сорбон, Барзгар, 47). … ба дасти чап тозиёнаи нӯгаш **мисли мори сиёҳи** овезони хашмгин дар печутоб, худро як ҳокими мутлақу боҷуръат, одами чарсу оташмиҷоз намоиш дода, барои алови чашми сағиру кабирро гирифтан ва ба шуҳратхоҳу иғвогарон ангеза бахшидан ҳар маврид таъкид мекард… (Самад А., Гардиши девбод, 39). Ман ту нестам, ки **мисли муши мурда** хап шинаму дигарҳо тӯй диҳанд? (Самад А., Гардиши девбод, 187).

Дар гурӯҳи дигари воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ ин ҳолат баръакс буда, дар мундариҷаи сохтории онҳо калимаву ибораҳои дорои тобишҳои муассирии баланд баҳодиҳии хубу унсурҳои эҳсосотии мусбатро ба вуҷуд овардаанд. «Таассуроти пайваста аз воқеият, олами обйективӣ дар шуури инсонӣ ба сурати унсурҳои ҷудогонаи эҳсосӣ ва иродавӣ такмил ёфта меистанд. Ин унсурҳо дар як маврид дар шакли оҳангҳои ниҳоят баланд ва муаддаб, дар мавриди дигар дар сурати тобишҳои паст ва ноҳинҷор зоҳир мешаванд» [Маҷидов Ҳ., 2007, с. 157]. Сохтори ин қабил ташбеҳоти фразеологӣ низ бештар дар заминаи ибораҳои изофӣ сурат гирифта, ба сифати ёридиҳандаи ташбеҳӣ одатан пешоянди монандии **мисли** иштирок менамояд. Ба андешаи инҷониб, истифодаи ёридиҳандаи ташбеҳии мазкур дар ташаккули сохтори чунин навъи воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ мусоидтар мебошад. Аз қабили **мисли гули сабарг шукуфтан** «зебо, назаррабо», **мисли тухми пӯстканда** «диққатҷалбкунанда, дилкаш», **мисли нағмаи резаборон** «гӯшнавоз, хушоҳанг», **мисли қолини зарнигор** «мафтункунанда, зебо»:

Ҳар гоҳ духтарча ӯро «очаҷон» гуфта ҷеғ мезад, Марҷон **мисли гули садбарг мешукуфт** (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор, 294). ….аз рӯи одат қулфи гиребонашро бо нармии занахаш, ки **мисли тухми пӯстканда** лӯндаву дилкаш аст, мемолид (Самадов А., Паррончакҳо, 66). Танҳо суруди якнавохти Сафедоб **мисли нағмаи резаборони** айёми баҳорон аз дуриҳои дур ширин-ширин ба гӯш меомад (Самадов А., Майдон, 8). – Ҳавасаш ба ҳамон гулҳои наврӯзӣ рафт, - ба бари кӯҳ, ки **мисли қолини зарнигор** метофт, ишора карда фаҳмонд ба ӯ духтаре (Самадов А., Майдон, 51).

Монанд кардан ба ашёву ҳодисаҳои олами воқеӣ, ки ба воситаи калимаҳои дараҷаи муассириашон гуногун ифода мешаванд, яке аз нишонаҳои муҳимми фразеологизмҳои ташбеҳӣ ба ҳисоб меравад. Маълум мегардад, ки дар ин асос бештар ба ҳамон калимаҳои захираи луғавии забон ишора мешавад, ки онҳо ба қатори вожаҳои умумиистеъмол шомил буда, дар худ ин ё он нишонаи барҷастаи муқоисашавандаро доранд. Агар ашёву ҳодиса ягон ҷиҳати назаррасро доро набошад, ба тариқи иловаи аломати муайян он метавонад дар мундариҷаи худ

унсурҳои баҳодиҳиву эҳсосотиро фаро гирад. Маҳз зам шудани аломати иловагӣ дар шакли тавсифӣ ба калимаи асосии воҳиди фразеологӣ рангубори баҳодиҳиву эҳсосотии онро таъмин мекунад ва ташбеҳшаванда ё аломати алоҳидаи онро ба таври нишонрас ифода менамояд. Ҳамин аст, ки ифодаи чунин навъи маъноҳои забонӣ бештар ба ҳамон ташбеҳоти фразеологӣ хос аст, ки ҷузъи асосии онҳо ба тариқи ибораҳои изофӣ шакл мегирад. Аз ин ҷост, ки дар зоҳиршавии маъноҳои баҳодиҳиву эҳсосотӣ мавқеи ибораҳои фразеологии ташбеҳӣ нисбатан устувор арзёбӣ мегардад. Чунончи, **амсоли хазонрези рӯи раҳ** «беқадрона, поймолшуда», **ранги чашмони қурбоқа** «ҳавлангез, даҳшатнок», **чун гурги гурусна** «тамаъкорона, гурусначашмона», **одами касал барин** «бемадорона, нотавонона» ва амсоли инҳо:

Дар эҳсосу андешааш ин лаҳза худро басо ҳақиру рӯсӯхта, **амсоли хазонрези рӯи раҳ** медид, ки тадричан нам бардошта, номаълум мепӯсад (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 153). Чашмот **ранги чашмони қурбоқа** луппида барояд, мебинӣ, мешиносӣ! (Сорбон, Зуза, 237). …фашистон **чун гургони гурусна** ба сӯи конҳои Кавказ, ба сӯи амбори ғаллаи Кубан ва соҳилҳои Волга – ба сӯи шаҳри Сталинград ҳаракат карданд (Икромӣ Ҷ., Ҳикоя ва очеркҳо, 250). Талабшоҳ ту дар кӯҷо мегардӣ? – нолишкунон худи **одами касал барин** мепурсад кампири Маҳрам (Самадов А., Майдон, 9).

Дар мундаричаи таркиб ва ҷумлаҳои мураккаби фразеологии ташбеҳӣ бошад, тобишҳои баҳодиҳиву эҳсосотӣ на дар он сатҳе зоҳир мешаванд, ки ибораҳои рехтаи ташбеҳӣ имконият доранд. Дар ин гурӯҳҳо вобаста ба ифодаи калимаҳои мустақили дохили воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ ва сохтори фарқкунандаи онҳо оҳангҳои баҳодиҳиву эҳсосотӣ норавшан ифода шуда, дар баъзе аз онҳо муқаррар намудани оҳангҳои зикршуда ғайриимкон аст. Барои исбот, масалан, дар таркибу ҷумлаҳои фразеологии ташбеҳии зайл ошкор намудани унсурҳои маъноии зикршуда бо тобишҳои баҳодиҳии хубу бад ва эҳсосоти мусбату манфӣ мушкил аст: **кару гунг барин** «ношунаво, сокит», **мисли падару модар** «ғамхорона, дилсӯзона», **чун парандае, ки болаш**

шикастааст «беимдод, ночор», **монанди тире, ки ба тарафи нишон равад** «ҳадафмандона, нишонрас»:

… гӯё гӯшҳои вай ба ақидаи худаш «ғуруб гирифтаанд», **кару гунг барин** шуда буд (Мирзоев К., Дарди ишқ, 392). Як фикр кунӣ, хона ҳам **мисли падару модар** чизи азизу муқаддас (Самадов А., Майдон, 29). … яқин дасту пояш аз кӯҳ канда мешуд ва **чун парандае, ки болаш шикастааст,** аз баландии сесад-чорсад метр сарозер ба замин меафтоду устухонҳояш талқон мешуданд (Самадов А., Майдон, 53). Ӯ дар об ё ин ки дар найзор даромада аз гурехта рафтани он одам парида аз ҷояш хест ва **монанди тире, ки ба тарафи нишон равад,** рост ба тарафи обхӯра нигоҳ карда давид (Айнӣ С., Ятим, 444).

Ҳамин тавр, мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии ташбеҳиро тобишҳои мафҳумӣ, образнок ва баҳодиҳиву эҳсосотӣ ташкил медиҳанд, ки миёни он оҳангҳои мафҳумӣ ҷойгоҳи намоён доранд. Зоҳиршавии ин гуна лаҳзаҳои маъноӣ дар гурӯҳҳои сохтории фразеологизмҳои ташбеҳӣ тафовут дошта, дар ин миён боз ҳам мавқеи ибораҳои фразеологии ташбеҳӣ устувор ба назар мерасад.

3.6. Гурӯҳҳои маъноии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ

Таснифоти маъноии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ ҳанӯз мавриди таҳқиқи ҳамаҷонибаи муҳаққиқони тоҷик қарор нагирифтааст. Дар муайян намудани гурӯҳҳои маъноии ин қабил фразеологизмҳо маънои таҳтуллафзии онҳо низ нақши муҳим дорад. Аз ин рӯ, воҳидҳои фразеологии ташбеҳиро аз рӯйи ифодаи маъно ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: идиомаҳои ташбеҳӣ ва фраземаҳои ташбеҳӣ. Мушоҳидаҳои пешакӣ нишон медиҳанд, ки дар забони имрӯзаи адабиамон фразеологизмҳои ғайриидиоматикии ташбеҳӣ мавҷуд нестанд. Сабаб ҳамин аст, ки фразеологизмҳои ғайриидиоматикӣ чунин ифодаҳои устуворе мебошанд, ки «маънои яклухти онҳо дар асоси маъноҳои луғавии калимаҳои таркибиашон ба вуҷуд меоянд» [Маҷидов Ҳ., 1982, с. 35]. Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ бошанд, зинаи аз онҳо болотарро ташкил медиҳанд. Мавҷудияти ёридиҳандаи ташбеҳӣ дар таркиби фразеологизмҳои ташбеҳӣ ба он сабаб мегардад, ки ҷузъҳои таркиби онҳо қисман ё пурра маънои маҷозӣ касб мекунанд. Дар ҳамин замина аз рӯйи ифодаи маънои ҷузъҳои таркибӣ ва худи маънои воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ онҳоро ба идиомаҳои ташбеҳӣ ва фраземаҳои ташбеҳӣ тасниф намудан мувофиқ аст.

3.6.1. Идиомаҳои ташбеҳӣ. Гурӯҳи серистеъмоли воҳидҳои фразеологии ташбеҳиро идиомаҳои ташбеҳӣ ташкил медиҳанд, ки ҷузъҳои таркибии онҳо пурра ба маънои маҷозӣ меоянд. Дар ин маврид ҷузъҳои таркибӣ дар натиҷаи ҳамнишинӣ ва хира гардидани муносибатҳои синтаксисиву грамматикӣ маънои аслии худро аз даст дода, ба маънои маҷозӣ соҳиб мешаванд. Калима дар дохили идиомаи ташбеҳӣ пурра маънои ибтидоии худро аз даст медиҳад. «Эътирофи робитаи зиндаи маъноӣ дар байни калима ва воҳиди фразеологӣ, дар навбати худ, зарурати муайян намудани хусусияти инъикоси таркиби маънои калимаҳо дар воҳиди фразеологиро ба миён мегузорад» [Авалиани Ю. Ю., 1972, с. 62].

Калима ба таркиби идиомаи ташбеҳӣ бо ягон маънои ба дараҷаи нисбатан баланди муҷаррадшудааш ворид мешавад. Масалан, калимаи **саг** дар ташаккули

бештари ташбеҳоти фразеологии забони тоҷикӣ хизмат мекунад ва дар таркиби онҳо ба маъноҳои нав соҳиб шудааст. Аз қабили **саги сӯзанхӯрда барин** «ниҳоят сахт», **сагҳои бӯйгир барин** «пайгирона», **мисли саги дарбадар** «овора, саргардон»:

Саги сӯзанхӯрда барин азоб кашида, оқибат ормонҳояшро ба зери хок бурд (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 520). Мефаҳмӣ, вай ба хешу таборҳояш, бо милисаҳо ва аскарҳо хона ба хона ҳама ҷойро **сагҳои бӯйгир барин** кофта гаштааст (Мирзоев К., Дар орзуи падар, 220). Ду рӯз нон надиҳад, аҳволаш **мисли саги дарбадар** мешавад (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 97).

Инкишофи маънои калимаи **саг** минбаъд ҳам идома меёбад ва он метавонад хислатҳои манфии шахсро ифода кунад. Масалан, **саг барин монда шудан** «аз ҳад зиёд», **саги сиёҳ барин ҷон кандан** «пурмашаққат, боазоб»:

Аз чойхона **саг барин монда шуда** омадаму худамро ба рӯйи бистар партофтам (Толис П., Куллиёт, Ҷ. 2, 154). Каме заҳмат, охир ӯ дар ин роҳ хеле ранҷ бурдааст, **саги сиёҳ барин ҷон канда-**ҷон канда корро ба ин дараҷа расондааст (Мирзоев К., Дар орзуи падар, 44).

Ба ин тариқа, калима дар таркиби идиомаҳои ташбеҳӣ ҳамчун унсури он бо мақсади ба вуҷуд омадани маънои дигар хизмат менамояд, ки дар алоҳидагӣ он маъноҳоро ифода карда наметавонад. Ҷузъҳои дохилии идиомаҳои ташбеҳӣ метавонанд пурра маъноҳои ибтидоии худро аз даст дода, ба маънои наве соҳиб шаванд, ки он танҳо дар дохили ҳамон фразеологизм истифода шудааст. Чунин умумияти маъноҳои маҷозии ҷузъҳои таркиби воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ сабаб мегардад, ки идиомаҳои ташбеҳӣ ба вуҷуд оянд. Хусусияти барҷастаи идиомаҳои ташбеҳӣ он аст, ки дар назари аввал онҳо фраземаҳои ташбеҳиро ба хотир меоранд, вале ҳангоми дақиқтар муайян намудани маънои ягонаи ифода маълум мегардад, ки тамоми ҷузъҳо маҷозонида шудаанд. Хусусан, ин ҳодисаро дар ташбеҳоти фразеологие метавон бештар мушоҳида намуд, ки ба вазифаи ҷузъи асосии онҳо калимаҳои ифодагари шайъҳои гуногун омадаанд. Масалан, **нӯги нохун барин** «каме, андаке», **ба деги ҷӯшида оби хунук андохтагӣ барин**

«ногаҳон, якбора», **монанди сели хурӯшон** «бошиддат, башаст», **чун хониши кабк** «хушнаво, гӯшнавоз» ва ғайра:

…аз ин ғалабаи худ **нӯги нохун барин** ҳам хурсанд набудам, балки, баръакс, худро шаттахӯрда, мағлубшуда ҳис мекардам ва мисли хурӯсчӯҷае, ки дар ҷанг мағлуб шуда, ба катакаш мегурезад, торафт қадамамро тезтар мекардам (Толис П., Куллиёт, Ҷ.2, 185). **Ба деги ҷӯшида оби хунук андохтагӣ барин** ҳама якбора ором шуда, аз ҷилавхона берун баромаданд (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 117). Гурӯҳи фарёдкашон **монанди сели хурӯшон** ба қурғон наздик расид, пеш-пеши ин гурӯҳ як нафар зане, ки мӯйҳои худро монанди девонагон кушода ва парешон карда ба атрофи худ партофта буд, фарёд мекашид (Айнӣ С., Дохунда, 261). Ту он рӯз маро зиёфат кардӣ, биё, акнун зиёфати маро бихӯр, – бо хандаи **чун хониши кабк** қаҳқаҳадори худ таоруф кард духтар (Улуғзода С., Восеъ, 50).

Идиомаҳои ташбеҳӣ пурра ба қонуниятҳои идиомаҳои фразеологии забонамон мутобиқат мекунанд. Танҳо сохти зоҳирӣ ва таркиби луғавии идиомаҳои ташбеҳӣ аз дигар навъҳои идиомаҳои фразеологӣ фарқ мекунанд. Ҷузъҳои таркиби идиомаҳои ташбеҳӣ пурра маънои луғавиро аз даст дода, ба маънои маҷозӣ соҳиб шудаанд. Ҳатто пешоянди ташбеҳӣ то андозае маъно ва вазифаи грамматикии худро аз даст дода, ба ҷузъи ҳатмии ташбеҳҳои фразеологӣ табдил меёбад. Ба мисли дигар навъҳои идиомаҳои фразеологӣ маънои идиомаҳои ташбеҳӣ аз ҷамъи маъноҳои ҷузъҳои дохилӣ сар мезанад. Ин ҳодисаро дар мисолҳои зерин метавон мушоҳида намуд: **чун соҳиби хона** «хоксорона», **чун ғизоли рамида** «тарсон, ҳаросон», **монанди дандони пиракии ҳафтодсола** «фарсудашуда», **монанди мурги шаҳолдида** «ҳаросон»:

- Рӯзона дар сари кор будем, – ҷавоб дод усто Барот, ки аз поёни миз **чун соҳиби хона** ба тамкин менишаст (Ниёзӣ Ф., Сарбозони бесилоҳ, 154). Духтар ба Аҳадхон ҳеҷ сар намефурорад, аз вай **чун ғизоли рамида** фирор карда дар тоқча ё пушти таҳмон пинҳон мешавад (Улуғзода С., Восеъ, 170). Танҳо як қабати бешишаи поёниаш боқӣ монда буд, ки он ҳам ҳар ҷо-ҳар ҷо кафида, тахтаҳояш **монанди дандони пиракии ҳафтодсола** роғ пайдо карда, ликқонак шуда буд

(Толис П., Куллиёт, Ҷ. 2, 110). Ӯ монанди **мурғи шаҳолдида,** ҳамин тарз беҳис ва ҳаракт истод (Айнӣ С., Ятим, 319).

Рехтагиву устувории сохту маънои идиомаҳои ташбеҳӣ дар он аст, ки онҳо бештари вақт аз се ҷузъ (бо ёридиҳандаи ташбеҳӣ) таркиб ёфтаанд. Маҳз ҳамин рехтагии таркиби идиомаҳои ташбеҳӣ ба устувории маънои онҳо сабаб мешаванд. Дар ин маврид бештар илова гардидани пешоянду пасоянди монандӣ ба ибораҳои озоди синтаксисӣ идиомаҳои ташбеҳӣ сохтаанд. Масалан, сирри ҳарбӣ – **чун сирри ҳарбӣ** «чун маълумоти мамнуъ», селаи қувон – **мисли селаи қувон** «ботартиб, муназзам», пешонабаргаки арӯсон – **мисли пешонабаргаки арӯсон** «хеле зебо, ба тарзи назаррабо», дами шамшер – **мисли дами шамшер** «тез, сӯзон»:

– Лекин ҳамаи ин амалиёти мо бояд то даъватнома гирифтани Давлат аз Оксана Алексеевна **чун сирри ҳарбӣ** қатъиян махфӣ бимонад (Ниёзӣ Ф., Ҳар беша гумон мабар, ки холист, 70). Офтоб гоҳ-гоҳ аз байни абрҳои пароканда, ки аз ғарб **мисли селаи қувон** шино карда меомаданд, форам нурпошӣ мекард (Ниёзӣ Ф., Ҳар беша гумон мабар, ки холист, 92). Боди сабук баргҳои нуқратоби як бех шамшоди навниҳолро, ки дар рӯ ба рӯйи тиреза қад афрохта буд, **мисли пешонабаргаки арӯсон** шибир-шибир ба ҷунбиш меовард (Ниёзӣ Ф., Ҳар беша гумон мабар, ки холист, 104). Аз чор сӯ бонди тунд гӯшу бинии касро чунон мелесид, ки **мисли** ин ки **дами шамшер** расида бошад (Ниёзӣ Ф., Сарбозони бесилоҳ, 174).

Гурӯҳи дигари идиомаҳои ташбеҳӣ дар шакли ҷумлаҳои ғайримустақим вомехӯранд. Ҷузъи асосӣ ба воситаи пайвандаки тобеъкунандаи **ки** ба ҷузъҳои эзоҳдиҳанда алоқа баста, тамоми матн ҷумлаи мураккаби тобеъро ба хотир меорад. Маҳз ҳамин хосият ба ғайримустақим будани чунин фразеологизмҳои ташбеҳӣ далолат мекунад. Аз қабили **ба мисли моҳие, ки дар қаъри дарё шино кунад** «чусту чолокона», **монанди моҳи тобоне, ки дар паси абр медарояд** «ногаҳон, дар як лаҳза», **чун шери модае, ки фарзандашро аз оғӯшаш рабуда бошанд** «бо қаҳру ғазаб, хашмгинона», **чун бузе, ки ба гулӯяш дами корд монда бошанд** «саросемавор»:

Дар мобайни ин зулмот **ба мисли моҳие, ки дар қаъри дарё шино кунад,** як зане хомӯшона давр зада мегашт, ки сар то по ба абои сиёҳ печида буд (Толис П., Куллиёт, Ҷ.2, 320). Агар шумо пеш нигоҳ карда рафтан гиред, баногоҳ ин оби дурахшон **монанди моҳи тобоне, ки дар паси абр медарояд,** ба зери санге даромада аз назаратон пигҳон мешавад (Айнӣ С., Дохунда, 5). **Чун шери модае, ки фарзандашро аз оғӯшаш рабуда бошанд,** ғуррида, нолида, ба мулозимони қозӣ дарафтода… (Икромӣ Ҷ., Духтари оташ, 93). …аммо ҳоло аз ҳарос **чун бузе, ки ба гулӯяш дами корд монда бошанд,** ларзон, нолон, ғиревашон ба осмон, зорию илтиҷо ҳолашон (Мирзоев К., Дар орзуи падар, 212).

Идиомаҳои ташбеҳӣ ба мисли гурӯҳҳои дигари идиомаҳои фразеологӣ сохту таркиби доимӣ доранд. Ҷузъҳои таркибии идиомаҳои ташбеҳӣ ивазнашаванда буда, онҳо дар заминаи образҳои гуногуни ҳаётӣ ба вуҷуд омадаанд. Устуворӣ ва рехтагии ҷузъҳои таркибии идиомаҳои ташбеҳиро метавон дар мисолҳои зайл мушоҳида намуд, ки дар ҳамин шакл тағйирнаёбандаанд: **мисли шогирди навмактаб** «мутеъона, шармгинона», **чун чанори пир** «муттакои нопойдор», **мисли курси моҳ** «хушнамо, зебо» **монанди чӯби хушк** «қоқ, лоғар»:

Бинобар ин, агарчи Очилов аз Олимов даҳ-дувоздаҳ сол калонтар буд, бо вуҷуди ин дар назди ӯ **мисли шогирди навмактаб,** сараш хам, хомӯш қадам мезад (Ниёзӣ Ф., Сарбозони бесилоҳ, 258). Дар рӯйи гирдаи **мисли курси моҳи** ӯ абрӯвонаш аз ҳама зеботар буданд (Икромӣ Ҷ., Духтари оташ, 544). Ман **чун чанори пир** аз дарун месӯзаму то хокистар шуда афтидан ба сарат соя меафканам (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 70). Ӯ ҳам бузриш, чумчарӯй, чашмчуқур, рангзардоб, **монанди чӯби хушке** буд, ки бештар аз одам ба хӯсаи ҷуворипоя мемонд (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 18).

Ҳамин тавр, идиомаҳои ташбеҳӣ яке аз гурӯҳҳои маъноии воҳидҳои фразеологии ташбеҳиро ташкил дода, бо ифодаи баланди маънои маҷозӣ фарқ мекунанд. Онҳо дар асоси қолабҳои гуногуни воҳидҳои синтаксисӣ сохта шуда, ҷузъҳои таркибиашон ивазнашаванда мебошанд.

3.6.2. Фраземаҳои ташбеҳӣ. Муайян гардидааст, ки гурӯҳе аз ташбеҳоти фразеологӣ қисман маҷозиянд. Баъзе аз ҷузъҳои чунин воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар дохили ифода бо маънои луғавии ибтидоии худ кор фармуда мешаванд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар ин навъи ифодаҳои ташбеҳӣ калимаи ба маънои аслӣ омада ташбеҳшаванда буда, дар алоқамандӣ бо калимаҳои дигар маънои умумии фразеологизми ташбеҳиро таъмин месозад. Ташбеҳшаванда бештар дар мавқеи охири чунин воҳидҳои фразеологӣ омада, пеш аз ёридиҳандаи ташбеҳӣ ҷой мегирад. Фраземаҳои ташбеҳӣ маҳз дар заминаи чунин ифодаҳо пайдо мешаванд. Чунончи, **мисли тир ҷаҳидан, мисли ғунча зебо, мисли таги дег сип-сиёҳ, барги бед барин ларзидан:**

Ниҳоят чӣ шуд, чӣ нашуд, ки домод **мисли тир ҷаҳида** аз таги чимилиқ берун баромад (Икромӣ Ҷ., Духтари оташ, 39). Вай духтаре буд гандумгун, бо чашму абрӯйи сиёҳ ва лабу даҳони **мисли ғунча зебо,** бо руҳҳои мисли себи сурх тар ва тоза, бо сари дили баланд … (Икромӣ Ҷ., Духтари оташ, 9). Вале чӣ ҷойи пинҳон доштан, ҳанӯз як гӯшаи дилаш **мисли таги дег сип-сиёҳ** буд (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 270). Ба ҳоли онҳое, ки либоспӯшии маро таъна зада, худашон аз хунукӣ **барги бед барин меларзиданд** … (Ниёзӣ Ф., Сарбозони бесилоҳ, 145).

Фраземаҳои ташбеҳӣ аз рӯйи ифодаи маъно ва сохтори грамматикӣ аз гурӯҳҳои дигари фраземаҳои фразеологӣ фарқ надоранд. Сохту таркиби на он қадар устувор, мавҷудияти на камтар аз ду ҷузъе, ки ба маънои маҷозӣ омадаанд, ифодаи тобишҳои гуногуни маъной, обуранги бадей, образнокӣ аз хусусиятҳои асосии фраземаҳои ташбеҳӣ мебошанд. Дар онҳо ғайр аз ташбеҳшаванда ҳама калимаҳои дигар ба маънои маҷозӣ меоянд. «Маънои маҷозии фақат дар таркиби чунин ифодаҳо дучоршавандаи калимаҳо натиҷаи протсеси дурударози фразеологизатсия мебошад» [Маҷидов Ҳ., 1982, с. 34]. Дар назари аввал чунин менамояд, ки тамоми ҷузъҳои фраземаи ташбеҳӣ маънои луғавии худро дар заминаи ташбеҳ кардан нигоҳ доштаанд, вале ҳангоми аниқтар муайян намудани маънои ташбеҳи фразеологӣ маълум мегардад, ки на ҳама ҷузъҳои таркибии он маънои луғавӣ доранд. Мисолҳои зайл аз қабили фраземаҳои ташбеҳӣ мебошанд:

қаймоқ барин бомазза, мех барин рост, чун офтоби паси абр тира, тоҷи хурӯс барин суп-сурх.

Дар мисолҳои фавқ калимаҳои **бомазза, рост, тира** ва **суп-сурх** ҳамчун ҷузъи асосии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ баромад намуда, ба маъноҳои ибтидоии луғавӣ корбаст шудаанд:

Чойи кабуд баъди ош ба даҳон **қаймоқ барин бомазза** мерасид (Толис П., Куллиёт, Ҷ, 2, 74). Дар боли аспи саманди худ **мех барин рост** менишаст, шамшерзаниашро ҳама рустамона гӯён таъриф мекарданд (Ниёзӣ Ф., Сарбозони бесилоҳ, 354). Чеҳрааш **чун офтоби паси абр** сиёҳ шуда буд (Мирзоев К., Дар орзуи падар, 36). Сабилмонда карасини чароғ тамом шуда, ҳар бори гӯгирд заданам пилтааш **тоҷи хурӯс барин суп-сурх** лахча мешуду вале заррае рӯшноӣ намедод (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 98).

Бештари фраземаҳои ташбеҳӣ ифодагари маъноҳои мафҳумӣ буда, ба мафҳумҳои гуногун ишора мекунанд. Калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои алоҳида дар таркиби фраземаҳои ташбеҳӣ ба худ ҷузъҳои дигар, масалан, ҷузъи эзоҳдиҳанда қабул мекунанд, ки дар натиҷа маънои фразеологии ташбеҳӣ ба вуҷуд меояд. Масалан, **хармагас барин хира, деги шир барин дамидан, кӯҳи Қоф барин бузург, ҳамчу ях сард:**

Аз мӯриатон дуд барояд, мурдахӯр барин ҳозир мешаведу **хармагас барин хира,** кирмаки аз даҳаи калон хестагӣ барин хӯро (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 81). Дилаш **деги шир барин дамида,** сар мефурорад (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 245). Агар гӯем, ки ягон пушту паноҳи **кӯҳи Қоф барин бузург** медоштӣ, вай будагӣ гап, ташвиши хонаро ҳам осон мекард (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 246). Ман бо боду ҳавои софу беғубор ва ҷонбахши он, ба оби **ҳамчу ях сард** ва ҳамчун булур соф, ба ҳавзу шаршараҳои дарёчаи шӯхи он дил баста будам (Толис П., Куллиёт, Ҷ. 2, 124).

Баъзан дар заминаи маънои мафҳумӣ дар фраземаҳои ташбеҳӣ тобишҳои эҳсосотӣ низ мушоҳида мешаванд. Онҳо эҳсосоти мухталифи гӯяндаро зоҳир мекунанд. «Паҳлуҳои гуногуни олами ботинии инсон – эҳсосоти гуногун, майлҳои иродавӣ, тавсифу баҳодиҳиҳои ҳодисаҳои воқеӣ бисёр вақт дар шакли

тобишҳои мухталифи маъноҳои мафҳумӣ зоҳир мегарданд» [Маҷидов Ҳ., 2007, с. 26]. Ифодаи эҳсосоти манфӣ ё мусбат дар фраземаҳои ташбеҳӣ ба доираи инъикоси воқеаву ҳодисаҳо алоқаманд буда, фикрро таъсирбахш мегардонад. Аз қабили **чун офтоби паси абр тира, ҳамчун ҷувозкунанда холӣ, оим барин базеб, пораи оташ барин пурҷило:**

Чеҳрааш **чун офтоби паси абр тира,** сиёҳ шуда буд (Мирзоев К., Дар орзуи падар, 36). Онҳо харомочро ба китфи замин бароварда, ба сояи беди солхӯрдае, ки дарунаш **ҳамчу ҷувозкунанда холӣ** буд, омаданд (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 7). Ана баъди як-яку ним моҳ, балки аз ин ҳам зудтар, дидӣ, ки колхоз камаш ба чил гектар замини **оим барин базеб** соҳиб шуда истодааст (Толис П., Куллиёт, Ҷ. 2, Маҳмуд, 49). Чодари арӯсии ӯ аз бахмали сурхи ҷигарии баланд буд, **пораи оташ барин пурҷило,** ранг мегардонд, зебо, назаррабо (Мирзоев К., Дар орзуи падар, 106).

Фраземаҳои ташбеҳӣ баъзан дар заминаи фраземаҳои фразеологии маъмулӣ ба вуҷуд меоянд. Чунончи, ибораи истилоҳии **каллаи пахта** ба маънои «сари пахта, ҷойи намоёни пахта» фраземаи одии фразеологӣ аст, аммо ифодаи **каллаи пахта барин сафед** фраземаи ташбеҳӣ мебошад:

Муйҳои сараш дар ин чанд муддати маҳрумияти дидораш гӯё ба кулли сафед, **каллаи пахта барин** шуда (Мирзоев К., Дар орзуи падар, 204).

Бо илова шудани ёридиҳандаи ташбеҳӣ маънои фразема тағйир ёфта, аксар воҳидҳои фразеологии номӣ ба воҳидҳои фразеологии зарфӣ табдил меёбанд. Чунончи, фраземаҳои ташбеҳии зерин дар заминаи фраземаҳои маъмулӣ пайдо шудаанд: шаби ялдо – **шаби ялдо барин дароз,** сарви озод – **монанди сарви озод:**

Намедонам, боз ним соат ё чанд соат гузашт (дар ҳар ҳол ба ман **шаби ялдо барин дароз** менамуд), ногаҳон дари умедам кушода шуд (Айнӣ С., Ёддоштҳо, 323). Он кас **монанди сарви озод** яккаву танҳо ҳастанд ва яккаву танҳо мегарданд (Айнӣ С., Марги судхӯр, 1760.

Хусусияти барҷастаи фраземаҳои ташбеҳӣ ҳамин аст, ки дар онҳо иштироки ташбеҳшаванда ҳатмист. Тавре зикр намудем, маҳз ҳамин калимаи ба

вазифаи ташбеҳшаванда омада ба маънои луғавии худ корбаст мешавад. Ба вазифаи ташбеҳшаванда бештар навъҳои гуногуни сифатҳо истифода мешаванд. Дар фраземаҳои ташбеҳӣ ёридиҳандаи ташбеҳӣ мавқеи доимӣ дошта, он ҳама вақт дар миёни ташбеҳкунанда ва ташбеҳшаванда меояд. Аз қабили **патаку пайтоба барин беқадр, чун қулфу калид мувофиқ, ҳамчу ҷувозкунанда холӣ, мисли обу оташ мухолиф:**

Равад, **патаку пайтоба барин беқадр,** ба мурдаҳои гӯр баробар мешавад ӯ (Мирзоев К., Дар орзуи падар, 39). Вай чунон ба таърифу тавсифи оиладориаш, **чун қулфу калид мувофиқ** омадани табиати ӯ ва занаш даромада рафт, ки мондан гиред (Толис П., Куллиёт, Ҷ. 2, 198). Онҳо харомочро ба китфи замин баровада, ба сояи беди солхӯрдае, ки дарунаш **ҳамчу ҷувозкунанда холӣ** буд, омаданд (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 7). Агар номи Мирзои масчоҳӣ ба забон гирифта намешуд, муноқишаи байни ин ду каси ба ҳам **мисли обу оташ мухолиф,** мумкин буд боз давом кунад (Ҷалил Р., Одамони ҷовид, 326).

Хулосаи калом, фраземаҳои ташбеҳӣ гурӯҳи калони фразеологизмҳои ташбеҳиро ташкил дода, бо сохтори ба худ хос ва ифодаи оҳангҳои маъноӣ аз идиомаҳои ташбеҳӣ ба куллӣ фарқ мекунанд. Ҷиҳати барҷастаи фарққунандаи фраземаҳои ташбеҳӣ ин аст, ки дар онҳо калимаи ифодагари мафҳум ба худ ҷузъи эзоҳдиҳанда қабул мекунад. Маҳз ҳамин ҷузъи эзоҳдиҳанда ба маънои луғавӣ корбаст шуда, фраземаи ташбеҳиро ба вуҷуд меорад.

Гистограммаи №3



БОБИ IV

ТАВСИФ ВА КИНОЯ ДАР СОХТОРИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗАБОНИ АДАБИИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ

4.1. Тавсиф ва нақши он дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ

Дар ташаккули воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ баробари дигар воситаҳои тасвири бадеӣ, аз қабили ташбеҳ, истиора ва муболиға тавсиф (эпитет) низ мавқеи устуворро соҳиб аст. Он ҳамчун воситаи махсуси тасвири бадеӣ дар ҳама гуна қолаби воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ зоҳир намешавад. Масалан, тавсифро дар сохтори воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ, истиоравӣ ва муболиғавӣ муқаррар намудан ғайриимкон аст, зеро қолаби ин гуна фразеологизмҳо, ки аксаран ибораҳои фразеологии феълианд, барои ифодаи комили тавсиф мусоид нестанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тавсиф, асосан, дар як навъи фразеологизмҳои забонамон – ибораҳои фразеологиии исмии изофӣ, мушоҳида мешавад ва ин қабил ибораҳои рехтаро метавон дар шакли ибораҳои фразеологии тавсифӣ унвон кард. Маҳз ҳамин қолаб барои зоҳиршавии тавсиф дар заминаи вазифаи забонии он мувофиқ мебошад. Ин ҳолатро ба он нисбат додан мумкин аст, ки тавсиф ҳамчун воситаи муассирии ба тавассути маҷоз зоҳиршаванда танҳо вазифаи муайянкунандагии ин ё он аломати барҷастаи ашёву ҳодисаро дорад ва аз ин ҷиҳат танҳо дар доираи қолаби зикршуда омада метавонад. Тавсифро метавон дар ин маврид ҳамчун нишондиҳандаи муҳимми аломат, вазъият, хусусият ё дигар паҳлуҳои мафҳум ҳисобид, ки бештар дар вазифаи калимаи тобеи дохили ибораи фразеологии исмии изофӣ меояд. Барои муқоиса, масалан, дар ибораҳои фразеологии тавсифии зерин ҷузъи дуюми онҳо дар доираи меъёрҳои муқарраршудаи воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар ибора ҳамчун муайянкунандаи аломат бар эзоҳи ҷузъи аввал омадаанд: **сухани сахт** ба маънои «гапи ранҷонанда, ноҷо»,

андешаи чуқур «андешаи амиқ, дуру дароз», **гапи соядор** «сухани таъсирбахш, бомақсад гуфташуда», **хандаи осмонкаф** «хандаи баланд»:

Сухани сахтро бардошта наметавонад ва бинобар он аз хурдӣ одат кардааст … (Кӯҳзод У., Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз, 206). Шодӣ бо фикру **андешаи чуқур** роҳ гашта, аз пеши масҷид гузаштани худро надониста монд (Икромӣ Ҷ., Шодӣ, 72). … аз як ҳазле, ханда ва ё **гапи соядор** захмашон магар тозаву хуншор мешавад, ки якбора таркида, мисли хас оташ мегиранд (Самад А., Гардиши девбод, 140). Баъд **хандаи осмонкафони** духтарҳо толори корхонаро пахш карду Малика ба худ омад ва пай бурд, ки ду бари рӯяш алов гирифтааст, оташбарг барин месӯзад (Самадов А., Паррончакҳо, 122).

Қабл аз он ки мазмуну моҳият ва вазифаҳои тавсифро дар мундариҷаи ибораҳои фразеологӣ муқаррар намоем, зарур меояд, ки ба дараҷаи омӯзиши он каме таваҷҷуҳ кунем. Вобаста ба тавсиф ва нақши он дар мундариҷаи сохториву маъноии воҳидҳои забон ва хосатан воҳидҳои фразеологӣ назарияҳои ҷолиби забоншиносони хориҷиву ватанӣ мавҷуданд, ки ба гумони мо, таҳлили чанде аз онҳо ҷиҳати равшан намудани мазмуну моҳияти тавсиф дар илми забоншиносӣ кумак хоҳад расонд. Бояд таъкид намоем, ки ҳарчанд мавзуи зикршуда дар илми забоншиносии тоҷик масъалаи нав буда, ба таври бояду шояд ва амиқ мавриди омӯзиш қарор нагирифта бошад ҳам, вале онро донишмандони рус ва берун аз он кайҳо мӯшикофона муқаррар намудаанд. Мутаассифона, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бештари тафсирҳои мафҳуми мазкур дар доираи қонунмандиҳои илми адабиётшиносӣ ва вобаста ба забони назм матраҳ гардидаанд, ки ин ҳолат низ миёни муҳаққиқони тоҷик ба чашм мерасад. Яъне дар ин ҷо низ вазни шарҳу тавзеҳи адабиётшиносии тавсиф ба монанди дигар воситаҳои тасвири бадеӣ нисбат ба маънидоди забоншиносии он бештар аст.

Дар мактабҳои гуногуни забоншиносии русу Аврупо муҳаққиқон тавсифро ба сифати воситаи махсуси муассирии сухан дар воҳидҳои забон ва ҳамчун воситаи махсуси услубӣ дар забон муайян намуда, дар заминаи он ақидаҳои тозаву қобили қабулро пешниҳод намудаанд. Пеш аз ҳама, унсури тавсифро дар чунин ибораҳои фразеологии исмӣ муҳаққиқони рус бо номи **эпитет** ёдовар

шудаанд. «Эпитет – муайянкунандаи муассир ва бадеӣ мебошад. Он бо обуранги услубии худ ба муайянкунандаи аз ҷиҳати услубӣ одиву муқаррарӣ муқобил гузошта мешавад, ки ин хусусияти он бештар тавассути гузариши маънои луғавӣ ба амал меояд. Вобаста ба истифодаи тропҳо (воситаҳои тасвири бадеӣ – Ҳ.Д.) эпитет ба маҷозӣ (метафорӣ) ва истиоравӣ (метонимӣ) ҷудо мешавад» [Матвеева Т.В., 2010, с. 544].

Таҳлили сарчашмаҳо нишон медиҳад, ки эпитет (тавсиф – Ҳ.Д.) ҳамчун калимаи иқтибосии ифодакунандаи як навъи воситаи тасвири бадеӣ баромади юнонӣ дошта, маънои «замима, афзоиш»-ро дорад. Он ҳамчун калимае қабул карда шудааст, ки бо калимаи дигар ҳамнишин мешавад, онро аз ягон ҷиҳат муайян мекунад ва дар ин асос таъсирнокии суханро меафзояд. Ин вазифаи худро тавсиф метавонад ба воситаи маҷоз иҷро намояд, ки дар натиҷа калима аз маънои луғавӣ дур шуда, ба маънои вобастаи фразеологӣ соҳиб мешавад. Маънои вобастаи фразеологии ифодакунандаи аломату хусусияти мафҳуми алоҳида дар системаи маъноии забон навъи маънои нисбатан серистеъмол буда, танҳо ба воситаи тавсиф зоҳир мегардад. Ин навъи маъно дар мундариҷаи маъноии дигар қабатҳои воҳидҳои фразеологӣ аҳёнан вохӯрда (ҳамон ҳам бошад, агар дар сохтори воҳиди фразеологӣ калимаи муайянкунандаи он ба воситаи тавсиф ифода шуда бошад), бештар моли ибораҳои фразеологии тавсифӣ мебошад. Тавре зикр намудем, маҳз ҳамин қолабу сохтор барои ифодаи тавсифи забонӣ қулай мебошад. Чунончи, **зани сабукпо** «зани бероҳагард, бадахлоқ», **дашноми дастабиринҷӣ** «дашноми сахти гӯшношунид», **ҳақорати обдор** «ҳақорати таъсирбахш», **одами кач** «шахси бадниятт»:

Ниҳоят, рӯзе Ҳамроҳ-ака ба модар гуфт, ки писараш бадгашт, бадахлоқ мешавад, бо **занҳои сабукпо** робита пайдо карда, ба таъсири ҷавонони айёш афтодааст (Муҳаммадиев Ф., Палатаи кунҷакӣ, 29). – Ба болои ин зани Писин аз афташ ба гап гирифту наистодию гӯш накардӣ, ки **дашномҳои дастабиринҷиат** медод (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 159). Инро фаҳмида, бародар лаб бурма карду ба унвони ӯ **ҳақорати обдоре** фиристод ва бо нигоҳи

нафратоваре ӯро гуселонд (Ҳамдам А., Оби зери ях, 186). **Одами кӯҷро** низ рост карда нашавад, чунки устухонаш кӯҷ, дилаш ҳам (Сорбон, Зуза, 223).

Агар ба таърихи пайдоиши назарияҳо вобаста ба тавсиф таваҷҷуҳ намоем, маълум мегардад, ки ақидаҳои илмӣ вобаста ба нақш, моҳият ва мавқею вазифаи он миёни дигар навъҳои воситаҳои тасвири бадеӣ, сарчашмаҳои пайдоиш ва махсусиятҳои забонии он ҳанӯз аз ҷониби донишмандони замони атиқа, ба мисли Аристотел, Гермоген, Квинтилиан ва дигарон пешниҳод шуда буданд. Масалан, Аристотел эпитетро ҳамчун мафҳуми навъи услуб муқаррар намуда, алоқаи онро бо дигар воситаҳои тасвири бадеии забони назм нишон дода буд [Султанова Р.М., 2020, с. 64].

Минбаъд назарияҳои муосири тавсиф, асосан, дар заминаи ҳамин гуна ақидаҳо ба миён омада, ҳар яке ин ё он вазифаи тавсифро дар матн ё забон муқаррар намудаанд. Масалан, муҳаққиқи рус Ф.И. Буслаев миёни мафҳуми эпитет ва муайянкунандаи муқаррарии забон фарқ гузошта, онро ҳамчун «тавсифи ороишӣ» номгузорӣ намудааст. «Эпитет аз муайянкунандаи одӣ бо он фарқ мекунад, ки он ба сифати ородиҳандаи нутқ хизмат менамояд ва дар мавридҳои зиёд ба ашёи номбаршуда тобиши нав намебахшад. Аз ин ҷиҳат, онро эпитети ороишӣ меноманд» [Буслаев Ф.И., 1992, с. 47].

Мавсуф дар партави муқаррар намудани тавсиф ҳамчунин мавҷудияти тавсифҳои доимиро низ пешниҳод намудааст: «Эпитете, ки ба таври доимӣ ба ин ё он ашё часпонда мешавад, эпитети доимӣ ном дорад. Масалан, дар забони халқ ибораҳои ҷангали торик, алафи сабз, офтоби сурх ва ғайраҳо вуҷуд доранд [Буслаев Ф.И., 1992, с. 48]. Мафҳуми илмии «тавсифи доимӣ» дар робита ба ин мавзуъ дар илми забоншиносӣ истилоҳи нав буда, ин ҷо ҳамон калимаҳои сифатие дар назар дошта мешаванд, ки дар сохтори ибораҳои фразеологӣ вобаста ба аломату хусусияти назарраси ашёву ҳодиса ба таври доимӣ боқӣ мондаанд ва маънои ин қабил фразеологизмҳо барои соҳибони забон фаҳмоанд. Чунин калима-тавсифҳои доимӣ ба ҳиссаҳои муайяни нутқ тааллуқ доранд, ки аксарияти онҳоро исму ism ва исму сифатҳо ташкил медиҳанд. Масалан, ибораҳои фразеологии исмии изофии **сандуқи сина** «пеши бар», **дили шаб**

«нисф, нимаи шаб», **кӯҳи осмонхарош** «кӯҳи ниҳоят баланд», **пули бедарди миён** «маблағи муфт ба даст омада» аз зумраи ҳамин гуна тавсифҳои доимӣ мебошанд, ки дар чунин қолаб рехтаву устувор ва аз ҷониби умум эътироф гардидаанд. Дар бештари ҳолатҳо онҳоро тағйир додан ё бо ҳамвазни луғавиашон иваз намудан номумкин аст:

… хашму нафрат ба сари ҷангандозу қотилон рехта, мушту панҷа ба кулчаи зону ва **сандуқи сина** зада, бо ниёиш шаш қатор ашк меборанд (Самад А., Гардиши девбод, 140). – Пӯлод Қодиров гӯё шаби торикро гувоҳ нишон додан мехост, ки шишаи тирезаро порён фуроварда ба **дили шаб** назар андохт (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 323). Ҳатто ба он сарфаҳм намерафтанд, ки дар ин **кӯҳҳои осмонхарошу** касногузар чӣ ганҷе нуҳуфтааст (Зоҳир А., Завол, 29). … аз хиёнату ҷинояти ду-се нобакор, ки **пули бедарди миёни** давлатро бо ҳазор роҳ медузданд, навиштаму ба ҷои раҳмат шунидан дар бало мондам (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 52).

Муҳаққиқони хориҷӣ бештар кӯшиш намудаанд, ки моҳияти умумии тавсифро муқаррар намуда, онро ба ҳайси як навъи воситаи тасвири бадеӣ дар воҳидҳои забон маънидод намоянд. Чунончи, А.А. Потебня дар мавриди муқаррар намудани моҳияти эпитет ва иртиботи он бо дигар тропҳо чунин меорад: «Эпитет шакли умумӣ дар муносибат бо тропҳои алоҳида мебошад» [Потебня А.А., 1990, с. 144]. Маълум мегардад, ки дар ин маврид муҳаққиқ тавсифро, пеш аз ҳама, ҳамчун муайянкунандаи образноки аломатро муқарраркунанда баррасӣ намуда, ҳамзамон эпитети насрию назмиро ҷудо кардааст [Потебня А.А., 1990].

Муҳаққиқи дигар А.Н. Веселовский назарияҳои Ф.И. Буслаев ва А.А. Потебняро вобаста ба масъалаи пайдоиши эпитетҳо ва вазифаҳои онҳо рад намуда, ин мафҳумро ба таври зайл шарҳ медиҳад: «Эпитет муайянкунандаи яксамтаи калимаҳо мебошад, ки ҳамчун унсури тақвиятбахшандаи ягон аломати барҷастаи ашё баромад мекунад» [Веселовский А.Н., 1989, с. 59]. Дар ин ҳолат муҳаққиқ тавсифро танҳо дар доираи як калимаи таркиби ибораи фразеологии тавсифӣ дар назар дорад, ки аломати муайяни шайъро барҷаста нишон медиҳад.

Яъне ӯ танҳо калимаи дуюми таркиби ибораи фразеологиро ҳамчун тавсиф маънидод намуда, ҷузъи асосиро аз сохтори умумии он соқит менамояд.

Ба назари мо, тафсири нисбатан комили тавсифро А.В. Павшук додааст, ки дар чунин шакл пешниҳод мегардад: «Эпитет муайянкунандаи бадеии ашё (муайянкунанда бо вазифаи эстетикӣ), шахс, ҳодиса, ҷараён, вазъият, ҳамчунин унсури ҷудошаванда, тасдиққунанда ва афзоишёбанда аз нуқтаи назари аломат мебошад, ки метавонад маънои калимаи муайяншавандаро такрор ё нав кунад. Он метавонад ба гурӯҳи ашёҳо тааллуқ дошта бошад ё аломати инфиродии ашёи алоҳидаро ифода карда, микро ва макрообразро ба вуҷуд орад, таассуротро таҳвият бахшад ва ба дарки эҳсосотӣ ва эстетикӣ ишора кунад» [Павшук А.В., 2007, с. 20]. Ин назарияро С.А. Губанов низ ҷонибдорӣ намуда, қайд менамояд, ки «Эпитет ин муайянкунандаи экспрессивӣ-образнок ва баҳодиҳии объекти воқеият мебошад, ки дар чаҳорчубаи дискурси бадеӣ амалӣ мегардад» [Губанов С.А., 2009, с. 39]. Ин ҷо низ муҳаққиқон тавсифро ба сифати калимае баррасӣ намудаанд, ки бар эзоҳи калимаи асосӣ меояд. Танҳо калимаи муайянкунандаи аломат дар ин ҳолат ба ҳайси тавсиф ном бурда мешавад.

Аз таҳлилҳои болозикр бармеояд, ки дар ҷараёни инкишофи илми забоншиносӣ масъалаи муқаррар намудани аломатҳои фарққунандаи мафҳумҳои тавсиф ва муайянкунанда ҳамчун аъзои ҷумла ҳамоно ҳалношуда боқӣ мемонад. Аксарияти назарияҳо бар онанд, ки тавсиф ҳамон муайянкунандаи бадеист, ки ба аломати муайяни ашё ишорат мекунад. Дар ин маврид суоле пайдо мешавад, ки оё дилхоҳ муайянкунанда метавонад дар матни бадеӣ ҳамчун тавсиф баромад кунад ва оё дилхоҳ тавсифро метавон ҳамчун муайянкунанда ҳисобид? Дар ин хусус С.А. Губанов ҳад гузоштан миёни ин мафҳумҳоро дар заминаи се нишондод пешниҳод мекунад: «1. Аз нуқтаи назари дарккунӣ муайянкунанда ба мундариҷаи мафҳум аломати муайянро илова мекунад, ки ҳаҷман онро маҳдуд месозад. Эпитет ин аломатро ҷудо намуда, онро таҳвият мебахшад. 2. Аз нуқтаи назари коммуникативият муайянкунанда аз ҳама гуна таъсиррасониҳои гӯянда озод аст. Эпитет бошад, одатан муносибати умумии субъектро ошкор сохта, таснифоти арзишнокии объектро амалӣ мегардонад. 3. Аз нуқтаи назари

забоншиносӣ муайянкунанда ва муайяншаванда аломати овозии дукалимагӣ мебошанд, ки ба истилоҳоти илмӣ тааллуқ доранд. Эпитет бошад, ибораи озодро ифода намуда, бо аслияти худ фарқ мекунад» [Губанов С.А., 2009, с. 28].

Маълум мегардад, ки тавсиф гуногунии ҷузъии муайянкунанда мебошад, ки хусусияти субъективӣ дорад. Бо фарқ аз муайянкунанда, ки нисбатан ба нутқи илмӣ ва расмӣ вобаста мебошад, тавсиф унсури матни бадеии аз ҷиҳати эстетикӣ ороддодашуда мебошад. Аз ин ҷиҳат, муайянкунанда нисбат ба тавсиф на ҳамеша хусусияти экспрессивӣ ва образнокиро соҳиб аст. Он ҳамчун калимаи муайянкунандаи аломати ашё метавонад лаҳзавӣ бошад ва вобаста ба талаботи мақсади гӯянда фавран истифода шавад. Тавсиф бошад, ҳамчун муайянкунандаи рехтаву устувор лаҳзавӣ набуда, маҳсули тафаккури баланди соҳибони забон мебошад. Он дар натиҷаи мушоҳида, муҳокима ва хулосабарории дурусти мантиқии бо маҷоз олуда фароҳам меояд ва ҳамин аст, ки мавқеи ноҷунбону устувор дорад. Дарку қабули маънои ягонаи он аз ҷониби шунаванда ба таври содаву осон амалӣ мегардад, ки ин ҳолат аз раванди сабти доимии чунин унсурҳои тавсифӣ дар шуури ӯ дарак медиҳад. Ба таври дигар, тавсифҳои мазкур кайҳо боз дар тафаккури миллӣ шах шудааанду барои ҳамагон фаҳмову қабулшудаанд. Тасдиқи ин назарияро дар ибораҳои фразеологии тавсифии **ҷони гап** «асоси гап, сухан», **лахти ҷигар** «фарзанд», **суҳбати пурмаѓз** «суҳбати манфиатовар, самимӣ», **саволи дандоншикан** «саволи мушкил, нофаҳмо» ва даҳҳои дигар ошкор намудан мумкин аст:

Баъдтар ман ҳам фаҳмидам, ки ҳақиқат **ҷони гапро** ёфта гуфтаанд (Акобир Ҷ., Кӯҳистонӣ, 60). Дар рӯзи мусибат **лахти ҷигари** зани беморро мо медуздем, мефаҳмӣ!? – бо ғазаб гуфт Файз (Самадов А., Майдон, 113). Аввал худатон ба ин ҷавонҳои кӯҳистон як **суҳбати пурмаѓзи** хотирмон бикунед (Самад А., Ёр дар бари ёр, 177). … гӯё ба ӯ аз таърихи фалсафаи Шарқ ё физикаи ядроӣ **саволи дандоншикане** дода бошанд, ангушти шаҳодат ба пешонӣ гузошта, даме фикр кард (Муҳаммадиев Ф., Палатаи кунҷакӣ, 50).

Дар забони тоҷикӣ ҳамчунин ибораҳои рехтаи исмии изофиеро вохӯрдан мумкин аст, ки ҷузъҳои таркибии онҳо ба пуррагӣ маънои маҷозиро соҳибанд ва

худи ибора бар ивази мафҳуми алоҳида истифода мешавад. Ин гуна ибораҳои фразеологии изофӣ дар илми забоншиносии муосир унвони **перифраза**-ро доранд. Зери мафҳуми **перифраза** ибораҳои рехтаву устуворе дар назар дошта мешаванд, онҳо мафҳум ё ҳодисаро тавассути калимаҳои дигар дар шакли ибораи рехтаи изофӣ ифода мекунанд, вале моҳияти мафҳум ҳамоно барои шунаванда фаҳмо боқӣ мемонад. «Перифраза нишондоди тасвирии ашёи алоҳида мебошад, ки ба ҷои он нишондоди калимагии дигар истифода мешавад, ки дар забон вуҷуд дорад ва барои соҳибони забон фаҳмо аст. Дар нутқи бадеӣ, публитсистӣ ва шифоҳӣ перифраза бо мақсади таҳвият бахшидани муассирӣ истифода мегардад» [Матвеева Т.В., 2010, с. 307]. Перифраза ба мисли тавсиф муайянкунандаи аломати барҷастаи ашё набуда, балки онро иваз мекунад. Истифодаи огоҳонаи онҳо бо мақсади образнокии мафҳум ва дар қолаби идиомаҳо, яъне ибораҳои фразеологии пурра маҷозимаъно сурат мегирад. Масалан, дар забони тоҷикӣ перифразаҳои фразеологии **боми ҷаҳон** ба маънои «Помир», **тиллои сафед** «пахта», **тиллои сиёҳ** «ангишт» ва **шоҳи ҳайвонот** «шер» барои тамоми соҳибони забон фаҳмо буда, онҳо бар ивази танҳо як калима истифода мешаванду халос. Маъно ва сохтори онҳоро тағйир додан ё бо ягон унсури дигар иваз намудан ғайриимкон аст. Дараҷаи баланди маҷозияти ҷузъҳои таркибии чунин ибораи фразеологӣ сохтори онҳоро ниҳоят рехтаву ноҷунбон мегардонад ва маҳз ҳамин нишона онҳоро аз тавсифҳои фразеологӣ фарқ мегузорад. Ба ҳамин монанд метавон ибораҳои фразеологии исмии изофии **барги сабз** «туҳфаи ночиз», **оинаи нилгун** «телевизор», **фасли хазон** «тирамоҳ», **нури дида** «фарзанд» ва **лойи ғафс** «пули калон»-ро ҳамчун перифразаҳои серистеъмолу доимӣ дар забони тоҷикӣ унвон кард:

Аз кӯдаки ҳафтсола то пири ҳафтодсола бо **барги сабз** чақ-чақ мекунанд?! (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 258). Ҳар рӯз аз даруни **оинаи нилгун** нигаҳ бикунем ба халоиқ, халқи олам низ моро бубинад… (Сорбон, Барзгар, 31). Ба хотире, ки чакидаҳои парешони ишқи ҷавонӣ дар миёни умри даргузар зайли гулҳои дершукуфтаи **фасли хазон** рӯи чопро бинад… (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 177). Хоҳӣ-нахоҳӣ мисли гӯшту нохун бо ҳам пайвастаед, **нури дида**, ягон рӯз

даркор мешаванд (Самадов А., Майдон, 68). Медонистам, ки сад дониш дошта бошам ҳам, бе мадади тағову **лойи ғафс** ба мактабҳои олии худамон дохил шуда наметавонам (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 257).

Дар ин гуна ибораҳои фразеологӣ ба монанди тавсифҳои фразеологӣ ҷузъи дуюм на бар эзоҳи ҷузъи аввал ҳамчун муайянкунанда, балки ҳамчун унсури муҳимму ҳатмии ибора истифода мешавад. Перифразаҳо, одатан, аз ду калимаи мустақилмаънои бо ҳам алоқаманд ташкил меёбанд ва дар ифодаи мафҳум баробар саҳм мегузоранд. Ин гуна ибораҳои фразеологиро метавон ба як калима баробар донист, зеро ҷузъҳои таркибии онҳоро наметавон тағйир дод. Маҷозияти ҷузъҳои таркибӣ дар онҳо хеле баланд буда, образнокии равшани мафҳум дар заминаи он таъмин мегардад. Тобишҳои образнок ва эҳсосотиву баҳодиҳӣ дар чунин ибораҳои фразеологӣ на ба воситаи ин ё он унсури алоҳида, балки дар асоси сохтори яклухти онҳо зоҳир мешаванд. Масалан, дар ибораҳои фразеологии перифразавии **ҳусни шаб** «моҳтоб», **муши мурда** «инсони худро ҳақир вонамудкарда», **гули сари сабад** «шахси азиз» ва **мусичаи бегуноҳ** «шахси гунаҳгори худро бегуноҳ нишон дода» ифодаи унсурҳои образнок, эҳсосоти мусбату миёна ва баҳодиҳиҳои хубу бад маҳз ба василаи сохтори ягонаи ибораҳои фразеологӣ таъмин гардидааст:

Шумо пагоҳӣ аз тамоми мавҷудоти зинда бармаҳалтар бархоста, даридани пардаи сиёҳи шаб, бегоҳиҳо шуълапошии **ҳусни шаб** – моҳи дилкушоро тамошо кардаед (Начмиддинов М., Дарё мачрои нав меҷӯяд, 201). Айёми мактабхонӣ ана ҳамин Салим ҳангоми дарсҳои риёзиёту физика **муши мурда** мешуд ва худро паси ҳамдарси дар курсии пеш нишаста пинҳон мекард, ки ба чашми Нодири ҳайрон наафтад (Самад А., Гардиши девбод, 6). Дар замони мо Шоҳин, Савдо, Аҳмади Дониш **гули сари сабади** маҳфилҳо буданд (Зоҳир А., Завол, 104). Ҷангро мехезонию боз худатро **мусичаи бегуноҳ** метарошӣ, – аз нигоҳи шубҳаомези декан бештар дар ғазаб мешуд Ойматов (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 274).

Ба хотири рафъи гуногунандешиҳо вобаста ба мазмуну моҳияти ибораҳои фразеологии тавсифӣ ва ибораҳои фразеологии перифразавӣ ва ҳадди чинӣ

гузоштан дар байни онҳо ин ҷо нишон додани як қатор тафовутҳоро миёни ин ду гурӯҳи воҳидҳои фразеологӣ зарур медонем. Ба назари мо, дар байни ибораҳои фразеологии тавсифӣ ва перифразавӣ метавон чунин фарқиятҳоро нишон дод:

1. Агар дар ибораҳои фразеологии тавсифӣ яке аз ҷузъҳо (хоҳ ҷузъи якум ва хоҳ ҷузъи дуюм) бо маънои маҷозӣ ояд, дар перифразаҳо ҳарду ҷузъи таркибии ибора ин навъи маъноро соҳибанд. Аз ин ҷост, ки дар бештари сарчашмаҳои илмӣ перифразаҳоро ба қатори идиомаҳои фразеологӣ дохил менамоянд. Дар ҳоле ки ибораҳои фразеологии тавсифиро метавон мансуби фраземаҳои фразеологӣ донист. Перифразаҳои фразеологӣ дар асоси маҷозияти баланд шакл гирифта, ибораҳои ниҳоят рехтаву устувор ва тағйирнаёбандаанд. Онҳо хеле кам ба тағйирот дучор мешаванд ва дар ифодаи мафҳумҳои ҳаётӣ ягонаанд. Барои тасдиқи ин муҳокима метавон перифразаҳои фразеологиро бо ибораҳои фразеологии тавсифии зерин муқоиса намуд: **гови ало** «шахси гунаҳгор», **бинои умр** «зиндагӣ» (перифразаҳои фразеологӣ), **сухани дурушт** «сухани ранҷонанда, таъсирбахш», **ваъдаи хом** «ваъдаи бепоя, беоқибат» (ибораҳои фразеологии тавсифӣ):

Кӣ медонад, шояд дар чашми ӯ мо ҳам **гови ало** намудаем ё аз суханҳои амакам алам кашидааст, ки чун каждум неш зад (Самадов А., Паррончакҳо, 12). Ва ӯ дар **бинои умраш** ёд надорад, ки аз кардаву ақидаи худ пушаймон, норизо шуда бошад (Самадов А., Майдон, 33). Чашмдори таҳдид ё **сухани дуруште** будаму ҳаяҷон ба тамоми пайкарам кора кард (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 224). … вай дар дилаш, асосан, аз **ваъдаҳои хоми** Ҳайдари Шоҳмансур домангир шуд (Кӯҳзод У., Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим, 63).

2. Фарқияти дигари ибораҳои фразеологии тавсифӣ аз перифразаҳои фразеологӣ дар сохтору қолаби онҳост. Ҳарчанд қолаби ин навъҳои воҳидҳои фразеологӣ танҳо қолаби ибораи исмии изофӣ бошанд ҳам, вале сохтори ибораҳои фразеологии тавсифӣ метавонад дар заминаи маънои луғавии яке аз ҷузъҳои таркибии онҳо баъзан вақт тағйир ёбад. Дар ин маврид гӯянда ба ашёву ҳодиса метавонад калимаи дигареро ҳамнишин гардонад, ки он аломат ё хусусияти нави онро ба тариқи тавсиф ифода мекунад (**сухани талх, сухани**

ширин, сухани тоза, сухани обдор). Дар перифразаҳои фразеологӣ иҷрои чунин амал номумкин аст. Тавре зикр намудем, маҷозияти баланд дар мундариҷаи онҳо сохтору қолаби ибораро ниҳоят устувор мегардонад, ки ҳатто илова намудани ягон унсури грамматикии дигар ғайриимкон аст. Барои муқоиса, масалан, ибораҳои фразеологии тавсифии **тақдири шикаста** ба маънои «ҳаёти носолим», **забони ширин** «нутқи дилкаш, зебо» ва ибораҳои фразеологии перифразавии **шайтони пойлуч** ишора ба «инсони маккору хавфнок», **дасти рост** «шахси боваринок»:

… чаро ки имрӯз бисёр занҳои тоҷик бадбахту сарсахтанд, **тақдири шикаста** доранд ва аз ҷиҳати моддӣ азоби алим мекашанд (Ҳамдам А., Оби зери ях, 50). Танҳо духтарак **забони ширин**, раҳу рафтори шармин дорад ва боз аз ҷониби вай бӯи гулу гиёҳ меояд (Акобир Ҷ., Кӯҳистонӣ, 12). Дар вақташ гуфта будам, ки аз ин **шайтони пойлуч** эҳтиёт шавед, аз вай некӣ намебарояд, бовар накардед (Мирзо К., Марги бегунох, 415). **Дасти рости** раисбобо мешавӣ, таҷрибаи ин касро меомӯзӣ, нозукиҳои корро ёд мегирӣ (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 111).

3. Агар ибораҳои фразеологии тавсифӣ бештар дар қолаби дуҷузъа ва сеҷузъа ташаккул ёбанд, перифразаҳои фразеологӣ танҳо дар қолаби ибораи исмии изофии дуҷузъа меоянд. Дар онҳо ҳарду ҷузъ дар ифодаи маънои ягонаи ибораи фразеологӣ ҳуқуқи баробар доранд ва илова намудан ё тағйир додани яке аз онҳо сохтор ва маънои воҳиди фразеологиро аз байн мебарад. Ҷузъҳои таркибии онҳоро бо калимаҳои дигар шарҳу тафсир додан мумкин нест, онҳо танҳо бо ҳамин сохтор дар ифодаи мафҳум истифода мешаванд. Дар ҳоле ки дар ибораҳои фразеологии тавсифӣ ҷузъи муайянкунандаи он метавонад боз калимаи дигарро ба худ қабул кунад, ё ин ки дар шакли таркиби ҷуфт ояд. Ин гуна ибораҳои фразеологиро профессор Ҳ. Маҷидов ҳамчун ибораҳои фразеологии исмии изофии бисёрҷузъаи кушода номгузорӣ намудааст [Маджидов Х., 2006, с. 259]. Сабаби дар чунин қолабҳои содаву мураккаб шакл гирифтани ибораҳои фразеологии тавсифиро мо боз ҳам дар маҷозияти на он қадар баланди сохтори онҳо медонем. Масалан, ибораҳои фразеологии тавсифии зайл дар қолаби

мураккаби ибораҳои изофӣ созмон ёфтаанд: **хандаи талхи хунук** «хандаи нозебо», **сухани болохонадори тумтароқ** «сухани мутантани васфкунанда», **хаёли бесару нӯг** «хаёли печдарпечу беохир», **андешаи талху шӯр** «андешаи ногувор, ғамгинкунанда»:

... суол дод Герберг ва **хандаи сохтаи хунуке** дар лабонаш падид омад (Зоҳир А., Завол, 86). Амиру мулозимонаш бо **суханони болохонадори тумтароқ** шоҳро васф мекунанд (Зоҳир А., Завол, 87). Аз ғазаб шитоб дорад, ғарқи **хаёлҳои бесару нӯги** худ аст (Мирзоев К., Маоши аввал, 46). Амон бегонавор ба даву ғеҷи занаш нигариста, гӯё **андешаҳои талху шӯрашро** дар ёлу думи аспи саманд баста бошанд, аз берун аз аспи ҷавмаст чашм намеканд (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор, 323).

4. Фарқи дигари ибораҳои фразеологии тавсифӣ ва ибораҳои рехтаи перифразавӣ дар ифодаи мундариҷаи маъноии онҳост. Маълум мегардад, ки дар мундариҷаи маъноии ибораҳои фразеологии перифразавӣ тобишҳои образнок мавқеи асосӣ доранд, зеро онҳо дар асоси образнокии барҷаста ва маҷозияти баланди мафҳуми сухан зоҳир мешаванд ва аз ин ҷиҳат унсурҳои мафҳумию эҳсосотӣ ва баҳодиҳиро нисбатан хира гардонида, зоҳиршавиашонро маҳдуд месозанд. Яъне дар ин навъ фразеологизмҳо лаҳзаҳои мафҳумию эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ дар сояи маъноии образнок як андоза норавшан ифода меёбанд. Дар ибораҳои фразеологии тавсифӣ бошад, бештар тобишҳои мафҳумию эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ мавқеи намоён доранд. Дар ин қабил фразеологизмҳо, ки ифодаи маъноии маҷозиву луғавии ҷузъҳои таркибӣ аксаран баробар аст, тобишҳои образнокӣ дар он сатҳе, ки дар перифразахои фразеологӣ ифода меёбанд, инъикос намешаванд ва маҳз ҳамин омил боиси зоҳиршавии намоёни лаҳзаҳои дигари маъноӣ мегардад. Дар мундариҷаи маъноии онҳо сараввал лаҳзаҳои мафҳумӣ ва баъдан дигар унсурҳои маъноиро ошкор намудан мумкин аст. Аз қабили **ҳарфи нешдор** «сухани муассир», **раҳмати калон** «изҳори ташаккури самимӣ» (ибораҳои фразеологии тавсифӣ), **рӯзи меҳнат** «маош», **манзили абадӣ** «қабр» (ибораҳои фразеологии перифразавӣ):

Ва баъд ба **ҳарфҳои нешдор** давом дод, ки Давлатмурод агар надонад, фаҳмад, ки деҳа таомул, қонунҳои нонавиштаи худро дорад (Мирзо К., Ишқи сархӯр, 67). **Раҳмати калон**, – гуфт ӯ калимаи охиринро бо таъхир илова намуда ва тозон ба канори кӯча баромада, дар роҳрави комиҷроия ғоиб гардид (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 63). Мувофиқи **рӯзи меҳнат** ҳар як колхозчӣ ҳаққи худро мегирад ва рӯзгорашро фаровон мекунад (Икромӣ Ҷ., Ҳикоя ва очеркҳо, 138). **Манзили абадии** инсон бояд ба хотираи покаш муносиб бошад (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 109).

5. Агар маънои ягонаи ибораҳои фразеологии тавсифиро дар шакли нисбатан тафсирӣ ва гуногун муқаррар намудан мумкин бошад, пас, маънои ягонаи перифразаҳои фразеологӣ, одатан, бо як калима ифода карда мешавад. Бар замми ин дарку қабули маънои ин гуна воҳидҳои фразеологӣ нисбат ба маънои ибораҳои рехтаи тавсифӣ аз ҷониби шунаванда осонтар сурат мегирад. Чунин ҳолат ба сабаби он аст, ки ҳар қадар дар воҳиди фразеологӣ маънои маҷозӣ инъикоси комил дошта бошад, муқаррар намудани маънои ягонаи он ҳамон андоза содаву фаҳмо амалӣ мешавад. Муқоиса кунед: **чойи сафед** «арақ», **нури чашм** «фарзанд» (ибораҳои фразеологии перифразавӣ), **фикри тоза** «андешаи нав», **ҳазли хунук** «шӯхии бемаврид» (ибораҳои фразеологии тавсифӣ) ва монанди инҳо:

Ҷӯгии гуфтаатон «**чойи сафед**» мехӯрад (Сорбон, Барзгар, 17). Охир, **нури чашми** гумшудааш Мирзолатиф меояд (Самадов А., Майдон, 62). Баъзеҳо ба тақдири колхоз ҳанӯз бепарво буданд ва фақат аз ҳисси кунҷковӣ омада, фаҳмиданӣ мешуданд, ки аз ин одам боз чӣ **фикрҳои тоза** мебарояд (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 14). Агар **ҳазлҳои хунуки** ҷӯраам Фаттоҳ намешуд, эҳтимол Музаффарро ҳеҷ гоҳ намедидам ва ҳоло дар ин ҷо бо ҳикояи худ вақти шуморо ҳам намегирифтам (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 102).

6. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷанбаи муайянкунандагии ҷузъи дуюм дар тавсифҳои фразеологӣ нисбат ба ибораҳои фразеологии перифразавӣ бештар аст. Ҳамин аст, ки ҳангоми таҳлили ҳиссаинутқии ҷузъҳои таркибии ибораҳои фразеологии тавсифӣ мебинем, ки ба сифати унсури дуюми ин қабил

фразеологизмҳо бештар калимаҳое истифода мешаванд, ки ба сифатҳо мансубанд. Яъне дар ибораҳои рехтаи тавсифӣ ҳамон қонунмандии маъруфи ибораҳои озоди наҳвии изофӣ, ки бар эзоҳи исм аксаран сифатҳои гуногун истифода мешаванд, риоя мегардад. Бар замми ин алоқамандии миёни ҷузъҳоро дар тавсифҳои фразеологӣ вобаста ба баробарии маънои маҷозиву луғавии онҳо то андозае муқаррар намудан имкон дорад. Дар перифразаҳои фразеологӣ бошад, чунин хусусияти муайянкунандагӣ ва алоқаи зиндаи миёни унсурҳои таркибии онҳоро барқарор намудан ғайриимкон аст. Ҷузъи дуюми чунин фразеологизмҳо бештар бо исму сифатҳо ифода меёбад, вале ин калимаҳо на бар эзоҳи ҷузъи асосии ибора, балки ҳамчун унсури ҳатмӣ дар ифодаи маънои ягонаи воҳиди фразеологӣ нақш доранд. Масалан, **кутоҳи гап** «хулоса», **хати сиёҳ** «хабари марг» (ибораҳои фразеологии перифразавӣ), **чеҳраи турш** «андоми норизо», **сухани заҳрогин** «сухани бади таъсирбахш» (ибораҳои фразеологии тавсифӣ):

Кутоҳи гап, дар авҷи сабзахези баҳор ҳамон асп нухтаашро канда байталҳоро пешандоз карду, ба талу теппаҳо бурд (Самадов А., Майдон, 82). … хабаре мисли балои осмонӣ мудҳиш ва сиру асрораш дар як порча коғаз ниҳон, ки баъдҳо «**хати сиёҳ»** ном гирифту миёни ҳазорҳо одамонро шикаст (Самад А., Гардиши девбод, 106). **Чеҳраи турши** норозиёнаи муҳаррири газетаамон ба пеши назарам ҷилвагар шуд (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 106). Аз ин рӯ, ҳар гоҳ ки ҷавонзан аз ҳавлии бино гузар мекард, **суханони заҳрогин** мешуниду нигоҳҳои ғазаболуди занону мардоне бо ҳасад мегуселонданд (Ҳамдам А., Оби зери ях, 262).

Ҳамин тавр, дар байни ибораҳои фразеологии тавсифӣ ва перифразавӣ фарқиятҳоро муайян намуда, мо ба ин натиҷа расидем, ки ибораҳои фразеологии тавсифӣ ба ҷумлаи фраземаҳои фразеологӣ дохил буда, сохтори на он қадар рехтаву уствор доранд. Миқдори онҳо дар захираи фразеологии забони тоҷикӣ нисбат ба перифразаҳои фразеологӣ бештар буда, онҳо ҳангоми ба таври барҷаста нишон додани ягон аломати мафҳум истифода мешаванд.

Дар баробари муҳаққиқон рус, ки тавсифро хеле ҷиддӣ ба риштаи таҳқиқ кашидаанд, дар забоншиносии тоҷик низ баъзе назарияҳои илмӣ вобаста ба ин

навъи воситаи тасвири бадеӣ мушоҳида мешаванд. Мутаассифона, ақидаҳои мавҷуда бештар ба ҷанбаи адабиётшносии тавсиф мансуб буда, бештари донишмандон онро дар пояи забони назму шеър таҳқиқ намудаанд. Чунончи, дар иртибот ба ин масъала муҳаққиқи санъатҳои бадеӣ дар забони тоҷикӣ Т. Зеҳнӣ чунин андеша дорад: «Нависанда барои тасвир кардани ягон воқеа, касе ё чизе гоҳо сифатеро меорад, ки яке аз муҳимтарин хусусиятҳои он воқеа, он касе ё чизеро хеле барҷаста нишон медиҳад. Ҳамин гуна муайянкунандаи бадеӣ, ки муҳимтарин хусусияти ҳодисаро таъкид менамояд, тавсиф номида мешавад» [Зеҳнӣ Т., 1960, с. 32].

Донишманди зиндаёд Х. Шарипов тавсифро ҳамчун калимаи сифатие маънидод намудааст, ки аз ягон ҷиҳат аломати ашёро муқаррар намуда, ҳамзамон ҷанбаи эстетикӣ (зебоиофарӣ – Ҳ.Д.) дорад. «Маънои луғавии тавсиф тасвир кардан, васф кардан аст. Дар истилоҳи илми бадеъ тавсиф сифати чизеро мегӯянд, ки аз ягон ҷиҳат, монанди ранг, бузургӣ ва ғайра маънои онро мекушояд. Мисол, абри сиёҳ ё абри сафед тавсифи абр ва далолатгари воқеияти он мебошад. Тавсиф аввалин дарҷаи маърифат ба воситаи аъзои ҳис (биноӣ, чашоӣ, шунавоӣ, бӯёӣ, ломиса ва бисовоӣ) мебошад, ки онро маърифати эстетикӣ меноманд. Ба воситаи сифати сиёҳ на танҳо ранги абр, балки хосияти онро, ки абри боронӣ аст, низ мефаҳмем» [Шарипов Х., 2002, с. 93].

Адабиётшинос Шокирзода Ш. дар китоби худ бо номи «Тавсиф дар ғазалиёти Ҳаким Саноӣ» зикр менамояд, ки сухани нафари эҷодкор ба истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ сахт алоқаманд мебошад, ки миёни онҳо тавсиф мавқеи устувор дорад. Аз ин рӯ, тавсиф яке аз маъмултарин воситаи тасвири бадеӣ мебошад, ки хусусиятҳои воқеа, касе ё чизеро хеле барҷаста нишон медиҳад. Ба ибораи дигар, тавсиф муайянкунандаи бадеист, ки муҳимтарин хусусияти ҳодисаро таъкид менамояд [Шокирзода Ш., 2000, с. 28].

Дар «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» тавсифро чунин таъриф додаанд: «Тавсиф (васф кардан) санъати бадеист, ки муҳимтарин хусусиятҳои чизе ва ё ҳодисаеро ифода мекунад. Дар адабиёти бадеӣ тавсиф ҳамчун воситаи

тасвир мавқеи муҳим дошта, тавассути он тасвир пурқуввату таъсирнок мегардад» [Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, 2004, с. 183].

Қобили зикр аст, ки дар назарияи тавсиф мавқеи асосиро масъалаи типология (таснифот – Ҳ.Д.)-и он ишғол мекунад. Имрӯз дар илми забоншиносӣ назарияҳои гуногун ва баъзан ба ҳам муқобили таснифоти тавсифҳо мавҷуданд. Чунин ҳолат сабаби он шудааст, ки нисбат ба омӯзиши ин падидаи забонӣ андешаҳои илмӣ гуногунпаҳлу ва гоҳо мухталифанд. Агар бархе ҷанбаи маъноиву забонии омӯзиши тавсифро ҷонибдорӣ намояд, гурӯҳи дигар эпитетро аз нуқтаи назари адабиётшиносиву фарҳангшиносӣ ва ҷонибдорони назарияи сеюм паҳлуи услубии онро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаанд [Султанова Р.М., 2020, с. 69]. Ҳамаи ин назарияҳо тавсифро ҳамчун нишондиҳандаи муҳимми аломати барҷастаи мафҳум пешниҳод намудаанд, ки бештар ба тариқи маҷоз сурат мегирад.

Таҳлили ақидаҳои мавҷуда ва таснифоти маъноии онҳо ба хулосае меорад, ки дар забони тоҷикӣ ду навъи тавсифҳо нисбатан серистеъмоланд: тавсифҳои доимӣ, ки дар қолабҳои маъмули ибораҳои изофӣ рехта шудаанд ва маҷозӣ, ки ба тавассути гузариши маънои луғавӣ ба сатҳи маънои нав зуҳур мекунанд. Тавсифҳои доимӣ аз нуқтаи назари замонӣ ва тағйирёбиву ивазшавандагӣ устувор буда, баррасиҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи онҳо бештар дар заминаи анъанаҳои миллӣ амалӣ мегардад. Вобаста ба табиати миллии забони тоҷикӣ онҳо ифодагари руҳияву тафаккур ва андешаи миллии соҳибони забонанд. Дар онҳо ҷиҳатҳои иловагии мафҳумҳо тасвир шуда, ҳар яке бо мавқеи муайяни ҳамнишинӣ бо калимаҳои забон аз ҳам фарқ мекунанд. Мувофиқати маъноиву мантиқӣ миёни мафҳуми тавсифшаванда ва калимаи тавсифкунанда заминаи асосии мавҷудияти тавсифҳои доимӣ маҳсуб меёбад. Ҳамин аст, ки онҳо муддати дароз ҳамчун воҳидҳои фразеологии идиоматикӣ (идиомаҳои фразеологӣ – Ҳ.Д.) дар захираи фразеологии забони тоҷикӣ маъмул буда, мавриди истифодаи фаъол қарор доранд. Ба ин ҷумла метавон ибораҳои фразеологии тавсифии **ҷони ширин** ишора ба «шахси азиз, наздик», **риштаи**

сухан «мавзуи суҳбат», **рӯзи сахт** «бадбахтӣ» ва **рӯзи мабодо** «лаҳзаи зарурӣ, мусоид»-ро ворид намуд, ки воқеан сохтори устувору доимӣ доранд:

– Ина фаҳмиданаш осон, **ҷони ширин**, – ба гап ҳамроҳ шуд Ҳасан (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 107). Ҳолиё нӯги **риштаи сухан** аз даҳони муаллимаи пурхонда баромад ва онро сардор сахт дошт ва бояд раҳо накунад (Сорбон, Барзгар, 59). Аз куҷо ҳам рашки лаънатӣ чашми туро тира карду бар сари зани бегуноҳат ин гуна **рӯзи сахт** омад ва ӯро дар байни мардум шикастаболу музтар гардонид (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 180). «Мард бошӣ, гурез» – мегӯем бо худ ва тозон ба кулбае, ки деворҳояш аз санг аст ва Ҳоҷӣ онро барои ҳамин хел **рӯзи мабодо** сохтааст, медароем (Самад А., Ёр дар бари ёр, 186).

Тавсифи маҷозӣ бошад, дар заминаи гузариши маънои луғавии калима ба маънои фразеологӣ тариқи маҷоз ва истиора ташаккул меёбад. Дар ин маврид маҳз унсурҳои маҷозу истиора ба сифати аз як маъно ба сатҳи дигари маъно интиқол додани калимаи тавсифӣ баромад мекунанд. Агар дар ин ҳолат маҷоз ҳамчун таъминкунандаи маънои фразеологӣ ҳисобида шавад, пас, истиора дар заминаи вазифаи забонии худ ба ҳайси унсури ивазкунандаи як мафҳум ба ҷои мафҳуми дигар эътироф мегардад. Яъне калимаи тавсифкунанда аломате (мафҳуме – Ҳ.Д.)-ро дар назар дорад, ки на ба маънои воқеиву таҳтуллафзӣ, балки бо маънои ғайрилуғавӣ фаҳмида мешавад. А.Н. Веселовский тавсифи мазкурро ҳамчун гурӯҳи махсус шарҳ дода, мавқеи худро бо он асоснок мекунад, ки ин гуна эпитетҳо қабатҳои муайяни эҳсосоти моро бедор месозанд, ки инсони муқаррарӣ метавонад онро бо як нишондоди лингвистӣ ифода кунад [Веселовский А.Н., 1989, с.62]. Дар ин навъи тавсифҳо зоҳиршавии қабатҳои гуногуни эҳсосоти мусбату манфии инсонӣ бо ёрии маҷозу истиора дар мундариҷаи онҳо маъноҳои мухталифи эҳсосотиро таъмин менамоянд. Ба монанди **дили кашол** дар ифодаи «ҳолати умедворӣ», **табассуми талх** «хандаи беовози боалам», **гапи бӯйгин** «сухани бад, ранҷонанда», **меҳнати сиёҳ** «меҳнати тоқатфарсо»:

Савдогар бо **дили кашол** шаддаро баргардонданӣ шуд (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор, 422). – Оҳо, хайрият, то ҳол нони туро нахӯрдаам, – бо ханда, лекин

тунд ҷавоб дод Насим ва дар лабонаш **табассуми талхе** нақш баст (Самадов А., Паррончакҳо, 105). – Ин хел **гапҳои бӯйгин**, рафиқон, хо-о-об, хуб нест, – андаке сурх шуда, чашмонашро нимпӯш карда гилаомез гуфт Олим Баҳромӣ (Самадов А., Майдон, 151). То ба кай ба рӯи як порча замини сиёҳ арақи ҷабин резонда, бо ҳазор сахтию **меҳнати сиёҳ** як лаб нон ёфта хӯрем?! (Икромӣ Ҷ., Шодӣ, 123).

Бар замми чунин таснифот дар забоншиносии рус ҳамзамон кӯшиши ба дигар гурӯҳҳо ҷудо намудани тавсифҳо низ ба назар мерасад. Онҳо, асосан, дар заминаи маъно, сохтор, сатҳи устуворӣ ва тобишҳои услубии тавсифҳо рӯйи кор омадаанд. Масалан, муҳаққиқи тавсифҳои нутқи бадеӣ В.П. Москвин аз рӯйи хусусияти номгузорӣ се гурӯҳи тавсифҳоро ҷудо мекунад: бо маънои аслӣ (ҷангали сабз), маҷозӣ (нури тиллоӣ) ва истиоравӣ (овози сабз). Ҳамчунин дастабандии тавсифҳо ба баҳодиҳиву ранга, содаву мураккаб, умумизабониву инфиродӣ, гуфтугӯӣ, китобӣ ва назмӣ, озод, доимӣ ва фолклорӣ низ ба қалами ӯ тааллуқ дорад [Москвин В.П., 2001].

Аз ин маълум мегардад, ки тавсиф ҳамчун унсури муҳимми нишондиҳандаи аломати мафҳум натанҳо вазифаи муайянкунандагӣ, балки ба сифати падидаи муқарраркунандаи қабатҳои истеъмолии калимаҳои забон низ эътироф шудааст. Дар заминаи он метавон доираи услубии калимаро муайян намуда, ҳамнишинии онро бо вожаҳои дигари забон нишон дод. Қайд намудан бамаврид аст, ки на ҳама калимаҳои тавсифии аломат бо калимаҳои дигар ҳамнишину алоқаманд мешаванд. Дар ин ҳолат, ба назари мо, меъёри асосии бавуҷудоварандаи чунин мувофиқат миёни муайяншавандаву муайянкунанда бояд танҳо робитаи дурусти мантиқии миёни ашё ва аломату хусусияти барҷастаи он бошад. Яъне дилхоҳ ашёву ҳодисаи олами воқеӣ аломату хусусияти муайян дошта, маҳз бо ҳамин нишондиҳандаҳо дар тафаккури соҳибзабон ба таври доимӣ сабт мешаванд. «Дар забони тоҷикӣ бисёр калимаҳое ҳастанд, ки як ё якчанд сифати муайян доранд ва ин калимаҳо аксаран бо ҳамин сифатҳои худ якҷоя кор фармуда мешаванд. Ин тарз калимаҳое, ки ба сифати доимии ягон исм табдил ёфтаанд, низ ба қатори тавсиф дохил мешаванд» [Зеҳнӣ Т., 1960, с. 33]. Чунин инъикосоти бевосита дар шуури мо, албатта, раванди дурударози

мушоҳидаву хулосабарориҳои мантиқӣ буда, ба ҳар як мафҳуми олами воқеӣ хос аст. Дар заминаи чунин қонунмандӣ наметавон аломати як мафҳумро ба дигаре нисбат дод, ё онро ба дигар ашёву ҳодиса иҷоран бор кард. Аз ин ҷиҳат, хоҳ бо маънои луғавӣ бошад, хоҳ бо маънои маҷозӣ, аломати мафҳум ба ҳайси муайянкунандаи бунёдии он унсури асосии таъминкунандаи тавсиф дар забон маҳсуб меёбад. Барои мисол, дар маводи зайл ҳамнишинии мантиқии миёни ҷузъи асосӣ ва ҷузъи дуюми тавсифӣ риоя гардида, ҷузъи дуюм чун нишондиҳандаи аломати асосии мафҳум вазифаи худро дар заминаи маънои маҷозӣ иҷро намудааст: **суҳбати ҷигарӣ** «суҳбати самимӣ, деринтизор», **нигоҳи бепарда** «нигоҳи бешармона», **ҷавоби тунд** «ҷавоби сахти норозиёна», **кори равғанин** «кори сердаромад, фоидаовар»:

Раҷаб Холов бо эҳтиром розигӣ дод, ки бо ман вохӯрад ва аз таҳти дил **суҳбати ҷигарӣ** орояд (Ҳамдам А., Оби зери ях, 168). – Ба тарафҳои поён майли сафар дорӣ? – пурсид мудири анборро, ки **нигоҳи бепардааш** ғазабашро меовард (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор, 161). Хиромон бо **ҷавобҳои тунди** киноядораш шарораи умедро дар қалби Иброҳимҷон хомӯш мекард (Муҳаммадиев Ф., Палатаи кунҷакӣ, 139). Намедонам касофати кӣ ба ман расиду аз **кори равғанин** дур карданд (Икромӣ Ҷ., Хатлон, 257).

Аз таҳлилҳои назарияҳои мавҷуда маълум мегардад, ки тавсиф, пеш аз ҳама, калимаи мустақилмаъноест, ки бар эзоҳи калимаи дигар меояд. Чунин шарҳёбӣ дар заминаи муайян намудани ягон аломати барҷастаи мафҳум ба тариқи истифодаи маънои маҷозӣ дар мундариҷаи калимаи тавсифӣ сурат мегирад. Ба вазифаи калимаи тавсифӣ метавонад дилхоҳ вожае истифода шавад, ки дар худ ягон унсури муҳимми фарққунандаи ашёро аз шайъҳои дигар инъикос карда метавонад.

4.2. Хусусиятҳои сохтории ибораҳои фразеологии тавсифӣ

Тавсифҳои фразеологӣ дар муқоиса бо воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ, истиоравӣ ва муболиғавӣ, ки аксаран дар ҳама навъҳои сохтории воҳидҳои фразеологӣ вомехӯранд, танҳо дар як навъ – ибораи фразеологии изофӣ, дучор мешаванд. «Ибораҳои фразеологии исмии изофӣ, ки дар худ қолаби изофиро доранд, яъне қолаби бо бандаки изофии -и ташаккулёфта, яке аз навъҳои маъмули воҳидҳои фразеологӣ маҳсуб меёбанд» [Маджидов Х., 2006, с. 247].

Ба назари мо, ҷой доштани чунин ҳолат ба вазифаи забонии тавсиф дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ алоқаманд мебошад. Яъне калимаи тавсифӣ, ки вазифаи муайянкунандагиро дорад, танҳо дар қолаби ибораи номии изофӣ меояд ва бештар бо маънои маҷозӣ дар муқаррар намудани аломати махсуси мафҳум саҳм мегузорад. Дар қолаби таркиб, ҷумла ва дигар навъҳои ибораҳои фразеологӣ истифода шудани таркиб имкон надорад, зеро дар онҳо талаботи сохторӣ ва маъноии воҳиди фразеологӣ дигаргуна сурат мегирад.

Ба ин тариқ, тавсифро танҳо дар доираи ибораҳои фразеологии номии изофӣ муқаррар намудан мумкин аст. Ин навъи ибораҳои фразеологӣ дар қолаби ибораҳои озоди номии изофӣ шакл мегиранд ва тафовути асосӣ дар ҳамин аст, ки ҷузъи тавсифии ин гуна воҳидҳои фразеологӣ бештар маънои маҷозӣ гирифта, дар зоҳиршавии маънои ягонаи фразеологизм маҳз ба воситаи ҳамин маъно таъсир мегузорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳамчун ҷузъи дуюми ибораҳои фразеологии изофӣ истифода шудани калимаҳои тавсифӣ дар забони тоҷикӣ меъёри асосӣ мебошад. Чунончи, дар мисолҳои навъи **номи болохонадор** «номи маъруфу машҳур», **муаммои дандоншикан** «муаммои мушкил», **вақти холӣ** «лаҳзаи озод будан» ва **хоби заргӯшона** «хоби кутоҳи огоҳона» ба вазифаи ҷузъи дуюми ибораҳои фразеологии тавсифӣ калимаҳои сифатии **болохонадор, дандоншикан, холӣ** ва **заргӯшона** ба маънои маҷозӣ омада, бори асосии ифодаи маънои ягонаи онҳоро бар дӯш доранд:

Ҳазрату боз чи **номҳои болохонадоре** ба онҳо нагузоштаанд, Ҳазрат-а? (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 39). Ҷеймс, ки барои донистани ҷузъиётҳои нозуку

муаммоҳои дандоншикан мудом майна об мекард, ин гуфтора айни муддао буд ба хотири кушодани ин муаммо (Зоҳир А., Завол, 100). Вақте одамон диданд, ки Шоимов депутат шуда, тамоми **вақти холии** худро дар байни мардум бо ҳалли арзу шикоятҳои онон мегузаронад… (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 28). Шояд **хоби заргӯшона** дорад ва гӯшаи дилаш аз бедор шудани тифлаш хавотир аст (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 175).

Дар гурӯҳи дигари ибораҳои фразеологии тавсифии изофӣ ҷузъи якум ҳамчун калимаи тавсифии маҷозимаъно бар эзоҳи ҷузъи асосӣ истифода мешавад. Бо вуҷуди он ки миқдори ин гуна фразеологизмҳои тавсифӣ дар забони тоҷикӣ башуморанд, вале онҳо низ ҳамчун муайянкунандаи муҳимми ин ё он ашёву ҳодиса қабул шудаанд. Дар чунин ибораҳои фразеологии тавсифӣ танҳо ҷойи ҷузъҳо тағйир меёбад, ки ин ҳолат ба қонуниятҳои ибораи озоди наҳвии изофӣ мувофиқ аст. Аз қабили **чашми рӯз** ишора ба «субҳи содиқ», **неши сухан** «асл, мақсади сухан», **мағзи гап** «асоси сухан», **дили торикӣ** «даруни торикӣ» ва ғайра:

Кадоми ин мардум, ки ҳанӯз **чашми рӯз** кушода нашуда ба ҷониби саҳро медаваду то шоми торик даст аз меҳнат намекашад, аз диловарони фронт камӣ доранд? (Ниёзӣ Ф., Вафо, 180). – Пас-паси занҳои мардум бӯ гирифта гаштан одати ту аст, – бо ришханд пичинг зад Некном, лекин **неши сухани** ӯ ба Мирак таъсир набахшид (Самад А., Гардиши девбод, 143). Онҳо магар хаста шуда буданд, ки «кӯтоҳ, саҳеҳ ҷавоб диҳед, **мағзи гапро** гӯед, кифоя», – гуфтанд (Самадов А., Паррончакҳо, 13). … хабар дод Хол ба ҷавонон, ки ғайр аз зери по дигар ҷоеро надида, ба **дили торикӣ** фаромада мерафтанд ва фақат ба шарофати чунин марди азимпайкар, ки пешопеш ором нагирифта сухан гуфта, зинаҳоро ғиҷиррос мезанонд, бимро ба дил роҳ намедоданд (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 218).

Дар мавриди вижагиҳои сохтории ибораҳои фразеологии тавсифӣ ба ғайр аз навъи муайяни сохторӣ ҳамчунин ифодаи ҷузъҳои таркибии онҳо бо ҳиссаҳои муайни нутқ дар назар дошта мешавад. Ба таври дигар, муайян намудани мансубияти ҳиссаинутқии ҷузъҳои дохилии ибораҳои рехтаи тавсифӣ метавонад

дар муқаррар намудани мундариҷаи сохторӣ ва маъноии онҳо нақши муҳим дошта бошад. Тавре ки таҳлили маводи назариявӣ оид ба ин мавзуъ нишон медиҳад, вобаста ба табиати грамматикии ин падидаи нодири забонӣ низ нуктаи назари ягона вуҷуд надорад. Вобаста ба ин ошкор намудани хусусиятҳои шаклии тавсифҳо, яъне омӯзиши навъҳои морфологӣ ва сохтории онҳо дар илми забоншиносӣ муҳим арзёбӣ мешавад. Масъалаи мансубияти ҳиссаинутқии ибораҳои фразеологии тавсифӣ кайҳо боз диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намуда буд ва имрӯз низ дар илми забоншиносӣ фаҳмиши васеъ ва маҳдуди сохтори морфологии ин гуна воҳидҳои фразеологӣ мавҷуд аст.

Чунончи, ҷонибдорони фаҳмиши васеи тавсиф А.Л. Потебня, Г.Н. Поспелов, Ю.М. Скребнев ба он назаранд, ки тавсифҳо метавонанд ба воситаи сифат, сифати феълӣ, исм ва баъзан зарфҳо ифода шаванд. Дар асоси чунин муқаррарот нақши синтаксисии онҳо низ бо ин маҳдуд намешавад. Дар ин маврид калимаҳои тавсифӣ метавонанд дар дохили ҷумла ба вазифаи аъзоҳои гуногуни он, аз қабили ҳол, пуркунанда, хабар ва мубтадо оянд [Султанова Р.М., 2020, с. 72].

Фаҳмиши нисбатан васеи эпитетро А.В. Павшук пешниҳод мекунад. Вай дар таҳқиқоти худ навъҳои зерини мансубияти ҳиссаинутқии онро таъкид намудааст: «сифат, сифати феълӣ, исм ва зарф» [Павшук А.В., 2007, с.19].

Э.М. Галкина-Федорук қайд менамояд, ки «то ҳол миёни филологҳо гуногунандешӣ вобаста ба масъалае, ки эпитет ба кадом ҳиссаҳои нутқ ифода мешавад, вуҷуд дорад. Ба назари мо, ба сифати эпитет ҳамон ҳиссаҳои нутқ баромад мекунанд, ки онҳо аломату хусусияти ашёро мефаҳмонанд, мисли сифат, сифати феълӣ ва баъзан исм. Зарф ҳеҷ гоҳ наметавонад эпитет бошад, зеро он ҳолатро мефаҳмонад. Ҳангоми мувофиқат бо сифатҳо он як қисми калимаи мураккаб маҳсуб меёбад (монанди мавҷи баҳр)» [Галкина-Федорук, 1952, с. 39].

Услубшиноси рус Б.В. Томашевский эпитетро ҳамчун «аломати номбаршуда, вобастаи ин ё он калима» шарҳ дода, чунин қайд менамояд: «Дар маҷмуъ, калимаи эпитет муайянкунанда мебошад, муайянкунандаи грамматикӣ,

яъне дар шакли сода он сифати исм маҳсуб меёбад» [Томашевский Б.В., 1983, с. 200].

Аз таҳлилҳо чунин бармеояд, ки унсурҳои асосии созмондиҳандаи тавсиф дар таркиби ибораҳои фразеологии изофии тавсифӣ сифат, исм ва гоҳо сифатҳои феълӣ мебошанд. Албатта, дар ташаккули тавсиф мавқеи калимаҳои сифатӣ хеле муҳим мебошад, зеро маҳз сифат ҳамчун ҳиссаи нутқи ифодакунандаи аломату хусусияти ашёву ҳодиса шинохта шудааст. Ба ин сабаб шумораи сифатҳои гуногуни ифодакунандаи аломату хусусиятҳои мухталифи мафҳум дар таркиби ибораҳои фразеологии тавсифӣ хеле зиёданд. Онҳо ҳамчун сифату аломатҳои муайян, ба монанди ранг, тамъ, мазза, ҳарорат, ҳаҷм ва ғайра дар таркиби фразеологизмҳо бо маънои маҷозӣ омада, мундариҷаи маънои онҳоро пуробуранг мегардонанд. «Ба сифати ҷузъи дуюми ибораҳои фразеологии исмии изофӣ аксаран навъҳои гуногуни сифатҳо баромад мекунанд, ки миёни онҳо истифодаи нисбатан бештарро сифатҳои аслӣ соҳибанд» [Маджидов Х., 2006, с. 251]. Ба монанди **бахти шӯр** «бахти бад», **дили сиёҳ** «дили пуралам, ғамгин», **ҳиссиёти гарм** «ҳиссиёти дилкаш, гуворо», **одами калон** «шахси мансабдор, обрӯманд»:

…хоҳ аз тақдир ризо бошад ва хоҳ аз **бахти шӯраш** дар азоб, пинҳону ошкор гиря мекард (Кӯҳзод У., Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим, 34). Ҷеймс баъд аз он ки бо **дили сиёҳ** аз хонаи муридаш берун шуд, ба хонаи худ омад (Зоҳир А., Завол, 180). Онҳо ин дам ба ҳам чунон часпида буданд, ки танҳо **ҳиссиёти гарми** заношӯй чунин ҳолатро тақозо мекард (Зоҳир А., Завол, 46). Ин ҳам бахти баланди мо, ки сиҳату саломат, **одами калон,** саринжинери автобаза будааст (Самадов А., Майдон, 70).

Вобаста ба навъҳои маънои сифатҳои таркиби ибораҳои фразеологии тавсифӣ онҳоро метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуд.

Сифатҳои ифодакунандаи ранг: забони сурх «забоне, ки суханҳои бад мегӯяд», **рӯзи сиёҳ** «рӯзи бади пур аз ғам», **роҳи сафед** «роҳи бехатар, дуои нек ҳангоми сафар», **меҳнати сиёҳ** «меҳнати мушкил, вазнин»:

Усто Насим бошад аз **забони сурхи** писараш ҳарос дошт (Зоҳир А., Завол, 185). Ҳамин тавр, бо одаме, ки як умр аз дасти вай айшаш талх гашт, шинос шуд, шиносоӣ бо **рӯзи сиёҳ**, бо бахти бадаш (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 116). Сиҳат саломат бош. **Роҳи сафед** металабам (Икромӣ Ҷ., Ҳикоя ва очеркҳо, 41). … лою ифлосиҳоро бо дастонам мебардорам, даруни обу лой мелутам, бо **меҳнати сиёҳ** пул меёбам (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 118).

Сифатҳои ифодакунандаи ҳарорат: суҳбати гарм «суҳбати самимӣ, дӯстона», **хабари хунук** «хабари ноҷо, бемаврид», **меҳри гарм** «муҳаббати воқеӣ, самимӣ», **оҳи сард** «оҳи таассуфу пушаймонӣ»:

Оқибати ин мулоқотҳоро худатон, албатта, медонистед ва ҳис мекардед, ки **суҳбатҳои гарми** дуятон, ҳарчанд дар мавзуъҳои чигити тухмӣ ё хокистар бошанд ҳам, чӣ натиҷае хоҳанд бахшид (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 146). Аз шунидани ин **хабари хунук** дар як лаҳза ҳушу ёди вай беҷо шуд, хурсандиаш барҳам хӯрд (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 386). Ҳарчанд **меҳри гарми** ҳамсар, табассумҳои шукуфони писарчаашро хотирандоз мекунад ва ба худ мегӯяд, ки аз афсона гурез, лекин наметавонад (Акобир Ҷ., Кӯҳистонӣ, 7). Акнун вай нигоҳашро аз муаллимон мегурезонд ва мисли кулфатзада дам ба дам **оҳи сард** мекашид (Самадов А., Паррончакҳо, 14).

Сифатҳои ифодакунандаи таъм: андоми турш «қиёфаи норозӣ», **зиндагии талх** «ҳаёти нобасомон, пурғам», **забони ширин** «забони хушгуфтор», **сухани тунду тез** «сухани қатъӣ», **гапи хом** «сухани беасос, бепоя»:

Моҳрӯ ӯро бо **андоми турш** ва суханони нимғурмаи ношунаво истиқбол кард (Кӯҳзод У., Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим, 181). Фақат гоҳ-гоҳе аз **зиндагии талхам**, аз бахти нагунгаштаам менолам (Ҳамдам А., Оби зери ях, 156). Аммо чашмони хайрхоҳу **забони ширинаш** бо вуҷуди нофаҳмӣ дар дили ӯ оташи меҳрро бедор кард (Зоҳир А., Завол, 110). Вай ҳеҷ гоҳ аз бародараш ин гуна **суханони тунду тез** ва ҳаққониро нашунида буд (Наҷмиддинов М., Дарё маҷрои нав меҷӯяд, 233). Якум бор нест, ки **гапҳои хомро** гуфта, пухтаҳояшро шунида нагирӣ, – тасаллибахшӣ намуд Пашахола… (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 410).

Сифатҳои ифодакунандаи масофа, вазн ва ҳаҷм: дидори кӯтоҳ «вохӯрии андак», **соати дароз** «муддати зиёд», **саволи сабук** «саволи осон», **замони вазнин** «замони ноорому пуртаҳлука», **гапи калон** «ваъдаи бардурӯғ, беасос», **сухани пасту баланд** «сухани ҳархела, ҳақоратомез»:

Ва ба даргоҳи Яздони пок аз ин **дидори кӯтоҳу** дидорҳои кӯтоҳи дигар ҳазорон бор шукр мегузорам (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 263). Хафа нашав, **соатҳои дароз** дар чойхона шишта гап мефурӯшему аз маҳсули корамон дарак нест (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 94).… пас ба андоми ӯ бодиққаттар менигаристед ва ҳамроҳи ӯ ба хаёл мерафтед, ки дар ҳақиқат ин **саволи сабуки** сатҳӣ нест (Муҳаммадиев Ф., Палатаи кунҷакӣ, 55). Мо дар **замони вазнин** умр ба сар мебарем (Ҳамдам А., Оби зери ях, 170). – **Гапи калон** нест, ман асли гапро мегӯям (Зоҳир А., Завол, 28). … забони хуш намедод, **суханҳои пасту баланд** гуфта, гӯшаки телефонро бо итоб мепартофт (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 152).

Сифатҳои ифодакунандаи дигар тобишҳои маъноӣ: ҳақорати коғазпеч «дашноми сахт», **асаби оҳанин** «асаби пуртоқат, мустаҳкам», **нигоҳи кач** «нигоҳи ғаразомез, тамаъкорона», **қавоқи овезон** «табъи нохуш, хира», **садои дилхарош** «овози нофорам»:

Ва агар дилаш тару хунук нашавад, аз номи Ғазо, аз номи падару бобокалонашон ба ҳафт пушти «душман» **ҳақоратҳои коғазпечи** мардона мефиристад (Самад А., Гардиши девбод, 186). Ба ҷони пӯлодину **асаби оҳанини** ту салламно, ки заҳру зуқумро фурӯ бурдию тоб овардӣ (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 390). … ҷавонмарде, ки то ба ҳол ба зану духтари бегона ба чашми харидорӣ, ба **нигоҳи кач** назаре накардааст (Ҳамдам А., Оби зери ях, 154). Ҷавон таклифи котибро дар хусуси боз камтар нишастан қабул накарда, мисли он ки бо ӯ даст ба гиребон **шуда** бошад, бо **қавоқи овезон** баромада рафт (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 71). … Мурод химчаеро ба соқи мӯзаи худ бо қаҳр зада ва як **садои дилхароши** ҳуштакдоре бароварда, оҳиста-оҳиста дур мешуд (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 181).

Ба таври аҳёнан дар вазифаи ҷузъи дуюми ибораҳои фразеологии тавсифӣ сифатҳои нисбӣ низ омада метавонанд. Аз қабили **сухани осмонӣ** «сухани

мутантани бепоя», **қарзи фарзандӣ** «қарзе, ки аз ҷониби падару модар иҷро мешавад», **ҳақорати дастабиринҷӣ** «дашноми вазнин, гӯшношунид», **сабақи зиндагонӣ** «таҷрибаи аз ҳаёт ҳосилшуда»:

… чун ӯро бубинад, аввалин шуда, салом мекунад, як олам **суханҳои осмонӣ** мегӯяд (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор, 233). То ҷое имкон бошад, барои нигоҳубин ва табобати онҳо ҳаракат мекунем, то дар назди виҷдон ва адои **қарзи фарзандӣ** азоб накашем (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 176). Сипас ба сари Абдухолиқу мошинаш як **ҳақорати дастабиринҷӣ** ҳавола кардаму гурехтам (Самадов А., Паррончакҳо, 31). – **Сабақи зиндагонӣ** кадом вақт ширин шуда буд? (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 76).

Қисмати хеле ками калимаҳои тавсифӣ дар дохили ибораҳои фразеологии тавсифӣ метавонанд исмҳо бошанд. Дар доираи мухтассоти ибораи озоди изофӣ баъзан калимаҳои мансуби исм ҳамчун ҷузъи тобеи дуюм метавонанд бар эзоҳи ҷузъи якум оянд, ки аксаран бо исмҳо ифода мешавад. Дар ин ҳолат исм на ҳамчун калимаи хоси ифодакунандаи мафҳуми муайян, балки ба сифати нишондиҳандаи асосии аломати барҷастаи он баромад мекунад. Ҳарчанд миқдори ин қабил тавсифҳои фразеологӣ дар забони тоҷикӣ камтар бошанд ҳам, аммо онҳо низ ба монанди калимаҳои сифатӣ дар ташаккули сохтор ва мундариҷаи маъноии ибораҳои фразеологии тавсифӣ хизмат мекунанд. Таҳлилҳо ба хулосае меоранд, ки дар ин қабил фразеологизмҳои тавсифӣ ҷузъи дуюми исмӣ дар мавқеи аввали ибора меояд. Масалан, дар фразеологизмҳои тавсифии **захми чашм** «таъсири нигоҳ», **бинои умр** «ҳаёт, зиндагӣ», **халтаи хабар** «донандаи хабари зиёд», **гули хӯрок** «хӯроки беҳтарин» исмҳои **захм, бино, халта** ва **гул** ҳамин вазифаро иҷро намудаанд:

Бечора аз **захми чашми** шумо нотоб шуда, миёна ҷудо бастаасту сара ҷудо (Самад А., Гардиши девбод, 22). – Дар **бинои умрат** дида будӣ, ки ин қадар зану духтари мусулмон дар авҷи хубии умр бесоҳиб, байни роҳ сарсон монда бошад (Самад А., Гардиши девбод, 141). … **халтаи хабар** шуда эшони Тошбой ба хабарҳои нохушаш табъи вайро ҳамеша нохуш ва хотирашро ноосуда мекард

(Мирзо К., Марги бегуноҳ, 166). Ҳарчанд ки **гули хӯрокро** ба ӯ медоданд, ҳеҷ гӯшт намегирифт, қад намеёзонд (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 72).

Дар баробари сифату исмҳо ба вазифаи ҷузъи дуюми ибораҳои фразеологии тавсифӣ ҳамчунин сифатҳои феълӣ низ омада метавонанд. Сифати феълӣ дар забони тоҷикӣ ҳамчун шакли ғайритасрифии феъл муайян шуда, шакли феълие мебошад, ки «амал ё ҳолати ба ягон шахсу предмет алоқамандро ҳамчун аломати он дар яке аз замонҳо мефаҳмонад» [Забони ҳозираи тоҷик, 1973, с. 330].

Дар ибораҳои фразеологии тавсифии бо ин шакли феълӣ ташаккулёфта бештар сифатҳои феълии замони гузаштаи шакли якум фаъоланд, ки аз асоси замони гузаштаи феъл бо илова шудани пасванди **-а** сохта мешаванд. Масалан, **ҷавоби пухта** «посухи аниқ, дақиқ», **дили шикаста** «дили пуралам», **димоғи сӯхта** «табъи хира», **сухани сарбаста** «сухани нофаҳмо, номаълум» ва монанди инҳо:

Агар нотарсӣ, далерӣ карда, **ҷавобҳои пухта** диҳед, ҳеҷ кор карда наметавонанд (Икромӣ Ҷ., Сафар-Махсум дар Бухоро, 100). Бисёриҳо бо **дили шикаста** ва яъсу ноумедӣ менолиданд (Самад А., Гардиши девбод, 45). … гуфт пас аз сукунати тулонӣ Мавлонбой бо **димоғи сӯхта** ва андаке худро ба даст гирифта, давом дод (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 393). Вале бегоҳии 19 сентябр Ҳайдарҷон аз саҳро бо хавоси парешон ва **димоғи сӯхта** баргашт (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 144). Шодмон аз **суханҳои сарбастаи** директор дар як дам ба ҳазор кӯчаи хаёл рафт (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 344).

Ба таври умум, вижагиҳои сохтории ибораҳои фразеологии тавсифӣ ба монанди дигар фразеологизмҳои дар заминаи воситаҳои тасвири бадеӣ ташаккулёфта мураккаб нест. Дар ин маврид онҳоро танҳо дар доираи қолаби ибораи озоди изофӣ баррасӣ намуда, мансубияти ҳиссаинутқии ҷузъҳои таркибии ин навъ фразеологизмҳоро нишон додан ба мақсад мувофиқ аст.

4.3. Хусусиятҳои маъноии ибораҳои фразеологии тавсифӣ

Ибораҳои фразеологии тавсифӣ ба як қатор нишонаҳои маъноӣ соҳибанд, ки онҳоро метавон дар мавриди таҳлили мундариҷаи маъноӣ ва таснифоти маъноии онҳо муқаррар намуд. Дар мундариҷаи маъноии ин навъ воҳидҳои фразеологӣ ҷустуҷӯ намудани унсурҳои маъноии мафҳумӣ, мафҳумию образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ ба мақсад мувофиқ буда, дастабандии маъноии онҳоро танҳо дар доираи фраземаҳои фразеологӣ гузаронидан мумкин аст.

4.3.1. Ифодаи маънои мафҳумӣ ва мафҳумию образнок дар ибораҳои фразеологии тавсифӣ. Вобаста ба он ки ибораҳои фразеологии тавсифӣ дар заминаи фраземаҳои фразеологӣ ба вуҷуд меоянд, аз ин рӯ, дар мундариҷаи маъноии онҳо маънои мафҳумӣ мавқеи устувор дорад. Тавре маълум аст, ҳар қадар ки дар таркиби воҳиди фразеологӣ ҷузъҳои дохили он ба маънои луғавии худ истифода шаванд, ҳамон андоза унсурҳои мафҳумӣ дар онҳо бештар зоҳир мешаванд. Ифодаи мафҳум дар ин ҳолат ба ҳамон калимае бастагӣ дорад, ки бо маънои луғавии барои ҳамагон фаҳмо истеъмол мегардад. Ин хосият ба ибораҳои фразеологии тавсифӣ хос буда, дар онҳо ин ё он мафҳуми мавриди назар дар заминаи образнокии на он қадар баланди тавсифӣ ифода меёбад. Агар дар дигар навъҳои воҳидҳои фразеологӣ маънои мафҳумӣ бештар бо тобишҳои образнокии баланд сурат гирад, дар тавсифҳои фразеологӣ чунин ҳолат хира ба чашм мерасад, зеро маҳз ҷузъи асосии ибораи фразеологии тавсифӣ, ки бештар бо маънои луғавӣ меояд, мафҳуми асосиро ифода намуда, калимаи тавсифӣ танҳо онро аз ягон ҷиҳат пурра мегардонад. Метавон гуфт, ки дар ибораҳои фразеологии тавсифӣ дилхоҳ мафҳум бо калимаи дигар шарҳу тафсир меёбад, ки ин ҳолат зоҳиршавии маънои мафҳумиро дар онҳо ба тариқи барҷаста нишон медиҳад. Масалан, дар ибораҳо рехтаи тавсифии навъи **дӯсти хасакӣ** «рафиқи бебақо», **сухани коғазпеч** «сухани нав, тоза», **нози хунук** «нози нозебо», **аҳволи танг** «вазъияти душвор»:

Ба хотири ба роҳи дуруст даровардан, аз ҷамъияти **дӯстони хасакӣ** раҳонидани фарзандонашон (Ҳамдам А., Оби зери ях, 181). Имом хост дар ҷавоби ин сухани захромези ӯ **суханони қоғазпеч** гуфта дил холӣ кунад, вале дар ҳузури меҳмон ин чизро аз рӯи одоб надонист (Зоҳир А., Завол, 281). Ин одамони аз одобу одамгарӣ бехабар намемонанд, ки кас бо шумо рози дил гӯяд, - боз як **нози хунук** кард зан (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 62). Вале **аҳволи тангаш** имкон намедиҳад, ки нисбати ӯ чораи қатъитаре бинад... (Зоҳир А., Завол, 87).

Ифодаи маънои сирф мафҳумӣ дар ибораҳои фразеологии тавсифӣ ҳамон хусусиятҳоеро дорад, ки дар дигар навъҳои сохторӣ-маъноии фразеологизмҳо мушоҳида мешаванд. Умумияти маънои фразеологӣ дар ин гуна ибораҳои фразеологӣ низ аз ҷамъи маъноҳои калимаҳои таркибии онҳо бармеояд. Дар назари аввал чунин менамояд, ки ин гурӯҳи ибораҳои фразеологӣ аз дигар ибораҳои озоди наҳвӣ фарқияте надоранд, вале таҳлили мундариҷаи семантикии онҳо ба хулосае меорад, ки дар онҳо нишондоди муайяни ҷараёни фразеологизатсияи қисме аз воҳиди фразеологӣ ба назар мерасад. Ба назари мо, маҳз ҳамин тафовути асосӣ сабаб мегардад, ки ин гуна ибораҳоро метавон ба ҳайси гурӯҳи махсуси воҳидҳои фразеологӣ дар забони тоҷикӣ ва маънои онҳоро ҳамчун маънои сирф мафҳумӣ маънидод намуд. Чунончи, ибораҳои фразеологии тавсифии **умри дароз** «зиндагии тулонӣ», **нигоҳи нарм** «нигоҳи бо муҳаббат», **вақти холӣ** «вақти озод аз кору амале», **хоби ҷовидона** «марг» ки дар забони тоҷикӣ ба сифати воҳидҳои дорои мафҳумҳои умумӣ ва таҷзиянашаванда истеъмол мегарданд:

Занҳо ҳамоно навҳа мекарданду рӯ ба само оварда талаб доштанд, ки ба пир **умри дароз** бубахшад (Зоҳир А., Завол, 27). – Худо инсоф дар дилам андохт, – гуфт Ҷеймс бо мамнуният ва ба рӯи мусоҳибаш **нигоҳи нарме** дӯхт (Зоҳир А., Завол, 237). Пештар як-ду рӯз **вақти холӣ,** ки пайдо кардам, гӯё қанот бароварда, ба наздаш парида мерафтам (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 102). … офарандагиро дар ҳарбу зарби нобаробари маргу зиндагӣ дар баҳои ҷони худ адо

карда, рӯйи фарзандашро надида, ба **хоби ҷовидона** рафта буд (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор, 17).

Ифодаи равшани маънои мафҳумӣ дар ибораҳои фразеологии тавсифие низ ба назар мерасад, ки ҷузъи дуюм дар сохтори луғавии онҳо калимаҳое мебошанд, ки доираи истифодаи маҳдуд доранд. Дар ин маврид ҳамон калимаҳое дар назар дошта мешаванд, ки танҳо дар таркиби як ё ду воҳиди фразеологӣ истифода мешаванду халос. Ҳамнишинии чунин калимаҳо дар сохтори чунин воҳидҳои фразеологӣ устувору доимӣ буда, онҳо дар ҳамин қолабу маъно мустаъмаланд. Ин гуна калимаҳо дар сохтори чунин воҳидҳои фразеологӣ ба маънои ягонаи онҳо тобиши нозуки маҳдудият доштан ва ғайриодӣ буданро илова мекунанд. Чунончи, **табиби ҳозиқ** ба маънои мафҳумии «духтури таҷрибадор», **меҳмони нохонда** «нафари даъватношуда», **пули пучак** «маблағи ночиз», **овози лагандор** «садои баланди бадвоҳима»:

Ин аст, ки вай ба шавҳараш ҳамчун **табиби ҳозиқ** чи дорую дармонҳо, чӣ хӯрданию нӯшиданиро ки тавсия мекард! (Ниёзӣ Ф., Сарбозони бесилоҳ, 320). – Албатта! – соҳибхона ба таги гап сарфаҳм нарафта, ҳайрон-ҳайрон ба **меҳмони нохонда** нигарист (Ҳамдам А., Оби зери ях, 74). Бе ягон **пули пучак**, – саҳл нарм шуда фаҳмонд кампири Ороста (Акобир Ҷ., Кӯҳистонӣ, 29). … танҳо саҳар сумкаи налогчиниашро аз мехи сутун гирифта, ба китф овехту ҳини аз дарвоза баромадан ба **овози** вазнину **лангардор** гуфт (Самадов А., Майдон, 20).

Таҳлили мавод нишон медиҳад, ки дар ибораҳои фразеологии тавсифие, ки ҷузъи якумашон бо маънои луғавӣ омада, ҷузъи дуюм ба василаи маънои маҷозӣ онро аз ягон ҷиҳат муайян намудааст, маънои мафҳумӣ зоҳиршавии бештар дорад. Ифодаи равшани он дар ин қабил фразеологизмҳо бештар бар дӯши калимаи асосии ибора мебошад. Ҳамин аст, ки ҳангоми маънидоди маънои ягонаи ибораи фразеологии тавсифӣ маҳз ҳамон ҷузъи якум зикр мешавад. Калимаи дуюм дар ин ҳолат ҳамчун унсуре хизмат мекунад, ки ба ибора тобишҳои иловагии маъноӣ мебахшад. «Ифодаи нисбатан равшани унсурҳои мафҳумию образнок дар сатҳҳои мухталифи идиоматикии воҳидҳои фразеологӣ таъмин мегардад. Чунин тобишҳои идиоматикӣ дар ибораҳои фразеологии исмӣ

ба як қатор махсусиятҳо соҳибанд» [Маджидов Х., 2006, с. 266]. Барои муқоиса, масалан, дар ибораҳои фразеологии тавсифии зерин ҷузъҳои асосии онҳо ҳамчун унсурҳои луғавимаъно ва доираи ҳамнишиниашон озод дар ифодаи барҷастаи тобишҳои мафҳумӣ нақши калидӣ доранд: **андешаи чуқур** «андешаи муфассал», **ваъдаи ҳавоӣ** «ваъдаи бепоя, беасос», **суҳбати якранг** «суҳбати дилгир», **шеъри тоза** «шеъри нав эҷодшуда»:

Ҳоло Бобосафар бо маслиҳати Шодӣ ба хонааш меҳмонҳоро қабул карда, худаш дар пешгаҳ менишаст ва бо **андешаҳои чуқур** риши худро даст мезад (Икромӣ Ҷ., Шодӣ, 47). Бе ҳеҷ зарурат ба даҳмардаҳои ғамгин чун ваколатдори раис, чанд **ваъдаи ҳавоӣ** дода, сӯйи макони дилхоҳаш саросема нишеб шуд (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор, 208). Ҷеймс аз **суҳбати якранг**, ки аз шомгоҳ инҷониб сари ин мавзуъ идома дошт, хаста шуд... (Зоҳир А., Завол, 87). Барои китоби нав аз **шеърҳои тозаи** шумо мегирем, акаи Абдулло (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 268).

Дар гурӯҳи дигари ибораҳои фразеологии тавсифӣ, ки ҷузъи аввал ба маънои маҷозӣ ва ҷузъи дуюм ба маънои луғавӣ меоянд, тобишҳои мафҳумию образнокро ошкор намудан мумкин аст. Дар ин қабил фразеологизмҳо унсурҳои образнок ба таври барҷаставу устувор зоҳир намешаванд. Ба гумони ғолиб, маҳз мавҷудияти семантикаи ғайримаҷозӣ дар сохтори ибораи фразеологӣ лаҳзаҳои образнокии онро заиф мегардонад ва тобишҳои мафҳумиро қувват мебахшад. Ифодаи маънои образнок дар ин гуна воҳидҳои фразеологӣ, пеш аз ҳама, ба шакли дохилӣ ва ифодаи маънои маҷозӣ дар ҷузъҳои таркибии онҳо иртибот дорад. Устувории ҷойи калимаҳо ва маҷозияти баланд дар мундариҷаи маънои онҳо метавонад лаҳзаҳои образнокро равшантар таҷассум намояд. Аз ин ҷиҳат, дар ибораҳои фразеологии тавсифии гурӯҳи дуюм баррасӣ намудани маънои мафҳумию образнок ба мақсад мувофиқ аст. Дар онҳо низ маънои мафҳумӣ бартарӣ дошта, вале он дар якҷоягӣ бо маънои образнок ифода мегардад. Агар дар гурӯҳи аввал унсурҳои мафҳумӣ дар шакли холис зоҳиршавии бештар дошта бошанд, дар навъи дуюм дар баробари маънои мафҳумӣ ҳамчунин лаҳзаҳои образнокии муайянро муқаррар намудан мумкин аст. Ба монанди ибораҳои

рехтаи **ҷони гап** «асос, мағзи сухан», **тири маломат** «сухани маломатомез», **ғурубгоҳи ҳаёт** «охири умр» ва **оинаи тасаввур** «хотира, тасаввурот», ки дар матн тобишҳои образнокиву муассириро таъмин намудаанд:

Нав **ҷони гапа** гуфтӣ (Самад А., Гардиши девбод, 109). «Ту аз куҷо ҳам донӣ» ва мақолҳои дар мавридаш хӯронда гузаштаи аспрон **тири маломате** буд, ки ба мағзи устухони Пётр расид (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 207). Бештар вичдонаш азоб медод, ки ба таъминоти моддиаш ӯ вобаста аст он муҳаббате, ки барои ӯ дар **ғурубгоҳи ҳаёташ** даст додааст (Ҳамдам А., Оби зери ях, 240). ... ӯро гоҳе хандон, гоҳе гирён, меҳрубону дилсӯз дар **оинаи тасаввураш** меовард, аммо ғолибан дурии роҳу дидор ва боз ҳаёти нави пур аз ташвишу орзу ӯро ба амвоҷи худ мекашид (Акобир Ҷ., Кӯҳистонӣ, 11).

Таъмини тобишҳои образнок дар ибораҳои фразеологии тавсифии гурӯҳи дуюм бештар бар дӯши ҳамон калимаҳои маҷозимаъное қарор дорад, ки мафҳумро аз ҷиҳати аломат муайян мекунанд. Маънои мафҳумию образнок дар ин гуна фразеологизмҳои исмии тавсифӣ дар заминаи алоқамандиву ҳамнишинии мувофиқи ҷузъҳои якум ва дуюми ибора ифода меёбад. Агар ҷузъҳои аввали ибораҳои фразеологии тавсифӣ дар ин ҳолат ҳамчун нишондиҳандаи асосии мафҳум хизмат кунанд, калима-сифатҳои ифодакунандаи аломати барҷастаи ашёву ҳодиса бо маънои маҷозӣ нақши унсурҳои меҳварии ифодакунандаи лаҳзаҳои гуногуни образнокро мебозанд. Ба мисли **одами пӯстғафс** «шахси якрави гапнодаро», **ҳарфи нарм** «сухани қобили қабул», **мушти обдор** «зарбаи сахт», **ҷони тоза** «неруи нав» ва ғайра:

– Сахттар гап задан лозим, вай **одами пӯстғафс** аст, - гуфт Шодмон… (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 357). Ҳоли ғариби хола дар дили Азамат каме раҳму шафқат андохт ва ӯ дар андешаи пайдо кардани **ҳарфи нарме** афтод (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 249). Вале оташи ғазабу нафрати мудир торафт баланд забона мезад ва ҳақорату дашномҳои қабеҳи ӯ боиси он шуданд, ки косаи сабри Ҳалим низ лабрез шуду ба ҳарифаш бо ду-се дашноми обнорасида ва як **мушти обдор** ҷавоб гардонд (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 62). Ин ҷавоб ва ин ҳаракати ӯ гӯё

ҷаҳоне буд, ки ба ман доданд ва ё **ҷони тозае** буд, ки ба ҷисмам дамиданд (Икромӣ Ҷ., Ҳикоя ва очеркҳо, 77).

Хулоса, дар ибораҳои фразеологии тавсифӣ маънои сирф мафҳумӣ ва мафҳумию образнок вобаста ба сохтори ягона ва ифодаи маънои луғавию маҷозӣ дар ҷузъҳои таркибии онҳо ошкор ва тасниф карда мешавад.

4.3.2. Ифодаи маънои эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ дар ибораҳои фразеологии тавсифӣ. Тавре дар бобҳои гузашта зикр намудем, маънои эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ бештар дар якҷоягӣ зоҳир шуда, ба ин васила муносибати огоҳонаи иҷтимоиву мантиқии гӯянда нисбат ба мафҳум муқаррар мегардад. Ибораҳои фразеологии тавсифӣ низ аз ин қоида истисно набуда, ба тавассути онҳо, пеш аз ҳама, аломатҳои хосу муҳимми мафҳумҳои забон дар шакли тавсифӣ баён мегарданд. Аз ин сабаб, дар мундариҷаи маъноии чунин навъи фразеологизмҳои забон ошкор намудани тобишҳои эҳсосотиву баҳодиҳӣ шарти ҳатмӣ маҳсуб меёбад.

Маълум аст, ки истифодаи дилхоҳ воҳиди фразеологӣ дар матн бо мақсади муайян сурат мегирад, ки аксаран дар заминаи онҳо ҷанбаи муассирӣ хобидааст. Дар ин баробар ибораҳои фразеологии тавсифӣ низ ба матн як навъ таровати бадеӣ ва муассирӣ мебахшанд, ки тобишҳои онҳо аз дигар воҳидҳои фразеологӣ фарқ мекунад. Ба қавли забоншинос Эль сабрути: «Ба воситаи тавсиф ё ибораҳои тавсифӣ, ки дар заминаи онҳо муносибатҳои истиоравӣ ва киноявӣ хобидаанд, метавон ба нутқ тобишҳои муассирӣ бахшид. Дар тавсифҳои дорои тобишҳои образнок маънои луғавии бавуҷудоварандаи калимаҳо қисман боқӣ мемонад ва онҳо дар нутқ ҳамчунин вазифаи ахборотиро иҷро мекунанд [Эль сабрути Р.Р., 2018, с. 127]. Маълум мегардад, ки ба тариқи ибораҳои фразеологии тавсифӣ тобишҳои муассирӣ ба таври хосса, яъне дар асоси тавсифу муайян намудани ин ё он паҳлуи барҷастаи ашёву ҳодиса сурат мегиранд. Маҳз ҳамин вазифаи фразеологизмҳои тавсифӣ дар мундариҷаи семантикии онҳо лаҳзаҳои эҳсосотиву баҳодиҳиро ба вуҷуд меорад. Барои муқоиса, масалан, корбурди ибораҳои фразеологии тавсифии **гапи бебӯву таф** «сухани орӣ аз дашном»,

маҳбубаи ширин «маъшуқаи дӯстдоштанӣ», **дашноми обнорасида** «дашноми гӯшношунид» ва **чеҳраи кушод** «чеҳраи хурсанд, қаноатманд» дар матнҳои поён маҳз бо мақсади таъмин намудани обуранги бадеӣ ва таъсирбахшии бештари фикр амалӣ гардидааст:

Кай аз даҳонат **гапи бебӯву таф** мешунавем? (Самад А., Гардиши девбод, 179). Хаёлаш, ки даруни хона **маҳбубаи ширинашро** бо марди номаҳраме мебинад (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 323). … косаи сабри Ҳалим лабрез шуду ба ҳарифаш бо ду-се **дашноми обнорасида** ва як мушти обдор ҷавоб гардонд (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 62). Нилуфар бо **чеҳраи кушоду** арғувонӣ башаст ба хона даромаду банохост чашмаш ба шахси бегона афтод (Ҳамдам А., Оби зери ях, 192).

Зоҳиршавии маънои эҳсосотӣ дар ибораҳои фразеологии тавсифӣ аз дигар навъҳои воҳидҳои фразеологӣ фарқ мекунад. Нуктаи асосие, ки дар ин маврид миёни тавсифҳои фразеологӣ ва дигар гурӯҳҳои воҳидҳои рехта тафовут мегузорад, ин сохтори махсуси онҳо ва дар заминаи он ифодаи маънои эҳсосотии муайян мебошад. Танҳо дар доираи як қолаб – қолаби ибораи фразеологии изофӣ ташаккул ёфтани чунин навъи фразеологизмҳо имкон намедиҳад, ки унсурҳои муайяни эҳсосотӣ ба монанди воҳидҳои фразеологии ташбеҳиву истиоравӣ ва муболиғавӣ ба таври намоён зоҳир шаванд. Муносибатҳои эҳсосотии гӯянда нисбат ба мафҳум дар ибораҳои рехтаи тавсифӣ метавонанд гуногун бошанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки чунин муносибатҳо дар партави алоқаи дуҷонибаи унсурҳои ашёӣ-мантиқӣ ва унсурҳои эҳсосотӣ вобаста ба тафаккури мантиқии гӯянда сурат мегиранд. Дар ин ҳолат танҳо унсури тавсиф – муайянкунандаи ашёву ҳодиса метавонад ин ё он қабати эҳсосотии гӯяндаро дар сохтори ибораи фразеологӣ таъмин кунад. Яъне тавлиди тобишҳои эҳсосотиро мо, асосан, дар ҷузъи дуюми тавсифии чунин навъи ибораҳои фразеологӣ ошкор карда метавонем. Ин ҷо низ бештар сифатҳои аслии ифодакунандаи аломати шайъ фаъоланд, ки бо ёрии онҳо эҳсосоти мусбат ё манфии гӯянда ифода меёбад. Аз қабили **забони ширин** «сухани дилкашу гӯшнавоз» (ифодаи эҳсосоти мусбат бо унсури қаноатмандӣ), **гапи сахт** «сухани таъсирбахш» (ифодаи эҳсосоти

манфӣ бо унсури сарзаниш), **роҳи сафед** «роҳи бехатар» (ифодаи эҳсосоти мусбат бо унсури хайрхоҳӣ), **рӯзи сиёҳ** «зиндагии бад» (ифодаи эҳсосоти манфӣ бо унсури бадхоҳӣ):

– Садқаи **забони ширинат**, додар (Самадов А., Майдон, 114). Ориф хост ягон **гапи сахт** занад, вале забонаш кутаҳӣ кард (Мӯсо Ш., Чеҳраи модар, 264). - Хайр, **роҳи сафед**. Бигӯед, омада шартнома банданд (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 21). Каф ба дуо мебардорад, ба рақибонаш аз Худо **рӯзи сиёҳ** мехоҳаду гирён-гирён тарки деҳа мекунад (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 340).

Дар гурӯҳи дигари ибораҳои фразеологии тавсифӣ маънои эҳсосотӣ на ба воситаи калимаҳои сифатӣ, балки калимаҳои ифодакунандаи исмҳои гуногун, ки дар дохили ибора аз тобишҳои мафҳумӣ канда шуда, ҳамчун ҷузъи дуюм ба сифати муайянкунанда истифода шудаанд, ифода мегардад. Дар ин ҳолат исмҳо ҳамчун ҷузъҳои ифодакунандаи ҷанбаи эҳсосотии ибораи рехта хизмат мекунанд. Онҳо бештар дар мавқеи аввали ибораҳо ҳамчун калимаҳои маҷозимаъно истифода мешаванд. Чунончи, **дарди сар** «ҳар чизи барзиёд», **хӯшачини хирмани сухан** «шахсе, ки сухани зебо мегӯяд», **заҳри забон** «таъсири бади сухан», **табассуми тақдир** «омад, барори зиндагӣ»:

Одами беҳунар дар дунё **дарди сари** дигарон аст (Фирӯз Б., Тору пуд, 23). Ба қавли Хол-амак, шумо **хӯшачини хирмани сухан** ҳастед (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 247). Вале дуои бад ва **заҳри забони** мӯйсафедро андеша карда, аз ҷазо додан худдорӣ намуд (Начмиддинов М., Дарё маҷрои нав меҷӯяд, 244). Ва ин **табассуми тақдир** на ба ҳама муяссар мешавад (Ҳамдам А., Оби зери ях, 169).

Зоҳиршавии тобишҳои баҳодиҳӣ дар воҳидҳои фразеологӣ бештар дар заминаи ифодаи унсурҳои эҳсосотӣ ба амал меояд. Агар дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ унсурҳои эҳсосотии мусбат ё манфӣ ошкор карда шаванд, пас, дар онҳо лаҳзаҳои баҳодиҳии хуб ва бадро низ муқаррар намудан мумкин аст. Дар заминаи чунин назарияи исботшуда метавон дар мундариҷаи маънои ибораҳои фразеологии тавсифӣ ин ё он тобишҳои маънои баҳодиҳиро муайян намуд. Унсури тавсиф, ки худ як навъ маънои баҳогузориро нисбат ба мафҳум

дорад, дар сохтори ин қабил фразеологизмҳо ба сифати падидаи муҳимми тавлидкунандаи тобишҳои баҳодиҳӣ баромад мекунад. Агар он бомақсад ва огоҳона аз ҷониби гӯяндаи сухан пешниҳод шавад, муносибати дурусти миёни объекту субъектро вобаста ба баҳогузории мафҳум таъмин карда метавонад.

Дар ибораҳои фразеологии тавсифии зерин тасдиқи гуфтаҳои зикршударо дарёфт намудан мумкин аст: **шеъри баланд** «шеъри олӣ» (ифодаи баҳодиҳии хуб), **сари қоқ** «сари танҳо, танҳоӣ» (ифодаи баҳодиҳии бад), **хандаи шакаррез** «хандаи зебову самимӣ» (ифодаи баҳодиҳии хуб), **ваъдаи пуч** (ифодаи баҳодиҳии бад):

Шеъри баланд, заминӣ, ба ҷону ҷигар кора мекунад (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 275). Хайр, ҳар чорае диданд, бало ба пасашон, ҷабраш ба як **сари қоқи** худам расид (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 114). Ин ҳамон **хандаи шаккаррез** ва он ҳамон гесӯи диловез (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 79). – Рост, агар бефаросат намебудам, чор моҳ овора шуда аз паси **ваъдаҳои пучи** шумо намегаштам (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 349).

Дар тавсифҳои рехта низ дар баробари тобишҳои мафҳумию образнок ва эҳсосотӣ ҳамчунин унсурҳои баҳодиҳиҳои равшан ба ашёву ҳодиса тавассути таъкиди ягон нишонаи хоси онҳо таҷассум ёфтааст. Чунин тобишҳои баҳодиҳӣ низ дар заминаи зоҳиршавии унсурҳои эҳсосотии мусбату манфӣ сурат мегиранд. Яъне мавҷудияти лаҳзаҳои эҳсосотӣ дар тавсифҳои фразеологӣ аз зуҳури баҳодиҳии гуногун дар мундариҷаи онҳо дарак медиҳад. Барои муқоиса, **оҳи сабук** «нафаси озоди қаноатмандӣ», **нолиши талх** «оҳи дарднок», **ҳиммати баланд** «ҷавонмардӣ, олиҳимматӣ», **рӯзи сиёҳ** «ҳаёти пур аз ғам»:

… ҷониби соҳил ҳаракат намуд ва чун эҳсос кард, ки ягон ҷояш нашикастааст, **оҳи сабук** кашида, худро болои қуми ғафс ҳаво дод (Ҳамдам А., Оби зери ях, 81). Талаб оҳ кашиду **нолиши талх** аз сина баровард ва рӯ ҷониби дигар гардонд: на бинаду на сӯзад (Самадов А., Майдон, 25). … ҳарчанд ки дилу ҷигараш тагурӯ мешавад, зоҳиран бурдбориву **ҳиммати баланд** нишон медиҳад (Кӯҳзод Ӯ., Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим, 24). Ҳамин тавр, бо одаме, ки як

умр аз дасти вай айшаш талх гашт, шинос шуд, шиносоӣ бо **рӯзи сиёҳ**, бо бахти бадаш (Мирзоев К., Нишони зиндагӣ, 116).

Дар илми забоншиносии муосир тобишҳои баҳодиҳӣ вобаста ба он ки кадом категорияҳои ашёҳоро тавсиф медиҳанд, ба таври гуногун шарҳ дода мешаванд. Аз ин сабаб ҳар ашёе, ки дар ҳаёти мо мушоҳида мешавад, наметавонад ин ё он калимаеро ба худ тобеъ гардонад, ки ҳатман маънои баҳодиҳӣ дошта бошад. Вале баъзан мешавад, ки гӯянда ба ашё муайянкунандаеро ҳамнишин мегардонад, ки он танҳо дар дохили матн ва бо талаботи мақсад сурат мегирад. Чунин ҳамнишинии дохили воҳиди фразеологӣ бештар ба маънои маҷозӣ омадани калимаҳои мазкур алоқаманд аст. «Баҳодиҳӣ аз дигар навъи маъноҳо дида бештар ба субъекти гӯянда вобаста аст. Алоқаи маънои баҳодиҳӣ бо муаллифи нутқ гуногун мебошад. Баҳодиҳӣ ақидаи шахсӣ ва шавқу рағбати гӯяндаро ифода мекунад ва дар инсонҳои алоҳида гуногун сурат мегирад. Дар олами ботинии шахс баҳодиҳӣ ба ақида ва ҳиссиётҳо, орзу ва талаботҳо, вазифа ва иродаи мақсаднок ҷавоб медиҳад. Ин омил ҷанбаи ихтилофии онро ба вуҷуд меорад: масалан, баҳодиҳие, ки аз орзуву ҳавас тавлид шудааст, аз баҳодиҳиҳое, ки аз вазифа ва баҳодиҳиҳое, ки дар натиҷаи талабот ба вуҷуд омадаанд, беҳтар мебошад [Арутюнова Н.Д., 1988, с. 6]. Ба таври дигар, омили асосии таъминкунандаи унсури тавсиф дар ибораҳои рехтаи изофӣ ва ба тавассути он ифодаи саривақтии тобишҳои баҳодиҳӣ маҳз инсон ва тафаккури мантиқии ӯ ба ҳисоб меравад. Маҳз инсон аст, ки ҳамчун мавҷуди бошуур муносибати худро нисбат ба дигар ашёҳо муқаррар намуда, ба онҳо ин ё он аломатро нисбат медиҳад.

Дар ифодаи маънои баҳодиҳии мундариҷаи тавсифҳои фразеологӣ саҳми калимаҳои тавсифие, ки ифодакунандаи аломати шайъанд, намоён мебошад. Дар ин вазифа бештар сифатҳои аслии баёнгари ранг, ҳарорат, тамъ ва ғайра истифода мешаванд. Масалан, муқобилгузории вожаҳои ифодагари тамъ – **ширин** ва **талх** дар ибораҳои фразеологии тавсифии **умри ширин** «зиндагии хуб», **гапи ширин** «сухани форам, гӯшнавоз», **сухани талх** «сухани бад, ранҷонанда», **сарнавишти талх** «ҳаёти пур аз ғам» дар мундариҷаи маънои

онҳо лаҳзаҳои баҳодиҳии хуб ва бадро инъикос намудаанд. Умуман, ин калимаҳо дар созмони ибораҳои фразеологии тавсифӣ фаъол буда, доираи васеи ҳамнишинӣ бо калимаҳои дигарро соҳибанд:

Нисфи **умри ширинам** дар ин шаҳр гузашт, соҳиби хонаву дар, соҳиби бахт шудам (Зоҳир А., Завол, 162). … лекин гоҳо занҳо ҳам айбдоранд, ки дуруст насанҷида, ба **гапи ширин** бовар мекунанд ва фиреб меҳӯранд (Икромӣ Ҷ., Ҳикоя ва очеркҳо, 199). … аз таги бинии дугонааш садо кард Зебо, ки воқеан об мехост, зеро даҳонаш аз **сухани талхи** шавҳараш талх шуда буд (Гулрухсор, Занони Сабзбаҳор, 86). Баъзеҳо аз ин **сарнавишти талх** бесаранҷому дилхун, гоҳу ногоҳ бо ришханд мегуфтанд: аз кӯрии чашми фалак калбуз шох бароварду бедум думдор шуд (Самад А., Гардиши девбод, 20).

Ҳатто дар сохтори як гурӯҳ тавсифҳои фразеологӣ дар якҷоягӣ ҳамчун таркиби ҷуфт истифода шудани ин калимаҳо низ мушоҳида мешавад. Албатта, дар ин маврид муқаррар намудани лаҳзаҳои баҳодиҳии хубу бад бояд ба тариқи баробар сурат гирад. Масалан, дар ҷумлаҳои навъи:

Мардуми ба шӯр омада он рӯзи баҳор умеди офият ва беҳбудӣ, **умеди ширину талх** аз ду даргоҳ доштанд, аз даргоҳи қадим ва ҷадид (Кӯҳзод У., Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз, 194). … мисли сароб фиребо аст, дар дил шӯр меангезад, ақлро медуздад, одамро ба саҳрои **андешаҳои талху ширин** меафканад (Самадов А., Майдон, 41). … Шумо бошед, аз он масруру саодатманд, ки боз як ҷавонро аз хоби ширин, аз оромӣ ва роҳати одии зиндагонӣ маҳрум сохта, ба дарёи фикру мулоҳизаҳои печдарпеч, ба кӯчаи сарбастаи рашк, умед ва ноумедиҳо, орзу ва **хаёлҳои талху ширин** андохтед (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 147).

Ҳамин назарияро ҳамчунин метавон ба сифатҳои ифодакунандаи тобиши маъноии ҳарорати ашё низ мансуб донист. Масалан, сифатҳои **гарм** ва **хунук** дар ибораҳои рехтаи тавсифии зерин маҳз ба хотири зоҳиршавии маъноҳои гуногуни баҳодиҳӣ истифода шудаанд. Ба андешаи мо, дар мундариҷаи маъноии ин калимаҳо ҷой додани унсурҳои баҳодиҳии хуб ва бад нисбат ба дигар сифатҳо ё аломат мувофиқтар аст: **сухани гарм** «сухани хуби умедбахш», **суҳбати гарм**

«суҳбати самимӣ», **гапи хунук** «сухани ранҷонанда», **ҳазли хунук** «шӯхии бемаврид»:

… алҳол ба шоири ошиқ **суханҳои гарм** гуфта, ба ӯ хилъат пӯшонда, аз вай қавл гирад, ки сирри ошиқии худро овоза накунад! (Акобиров Ю., Дунё ба умед, 129). Баъд аз **суҳбати гарм**, ки оҳанги меҳр дошт, сари масъалаи асосӣ омаданд (Зоҳир А., Завол, 115). Он қадар **гапҳои хунук** гуфтааст ва он қадар дашномҳо додааст, ки ба ҳафт пуштам мерасад (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 390). Ба сабаби **ҳазли хунуки** Фаттоҳ ду рӯз боз дар дашту саҳро овора шуда гаштаам (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 109).

Ба ин тариқ, маъноҳои эҳсосотиву баҳодиҳӣ дар мундариҷаи семантикии ибораҳои фразеологии тавсифӣ зоҳиршавии хосро соҳиб буда, вобаста ба тарзи тавлид ва ифода аз дигар воҳидҳои фразеологӣ фарқ мекунанд. Нишондиҳандаи асосии ба вуҷуд омадани тобишҳои мазкур дар чунин ибораҳои рехта унсури тавсиф – муайянкунандаи аломату хусусияти мафҳум, ба ҳисоб меравад, ки бештар бо сифатҳои аслӣ ифода меёбад.

4.4. Гурӯҳҳои маъноии ибораҳои фразеологии тавсифӣ

Тавре дар фаслҳои боло зикр намудем, ибораҳои фразеологии тавсифӣ танҳо дар қолаби фраземаҳо вомехӯранд, ки ин вижагӣ ба таносуби маъноҳои луғавию маҷозӣ дар сохтори чунин ибораҳои фразеологӣ ҳамбастагӣ дорад. Агар идиомаҳои тавсифиро ба ҳодисаи перифраза нисбат додан мумкин бошад, ифодаҳои ғайриидиоматикиро ҳамчун воҳидҳои фразеологии луғавимаъноии устувор дар қолаби ибораҳои изофӣ ҷустуҷӯ намудан ғайримантиқӣ мебошад, зеро дар ин қолаб баррасӣ намудани онҳо ба таҳлили ибораҳои озоди наҳвии изофӣ монанд буда, метавонад гуногунандешиҳоро сари ин масъала ба миён орад. Аз ин рӯ, ҷиҳати муқаррар намудани ҳадду ҳудуди гурӯҳҳои маъноии ибораҳои фразеологии тавсифӣ онҳоро дар доираи фраземаҳо тасниф кардан ба мақсад мувофиқтар аст.

4.4.1. Фраземаҳои тавсифӣ. Фраземаҳо як навъи серистеъмоли воҳидҳои фразеологии забони тоҷикиро ташкил медиҳанд ва бо як қатор хусусиятҳо аз дигар навъҳои маъноии фразеологизмҳо фарқ мекунанд. Меъёри асосии ҳадгузоранда дар ин маврид танҳо ду омил – сохтор ва ифодаи маъноҳои гуногун дар фраземаҳо мебошад, ки дар дигар гурӯҳҳо мушоҳида намешавад. Ин ҷо сохтори махсуси на он қадар рехтаву устувор ва ифодаи маъноҳои луғавию маҷозӣ дар ҷузъҳои таркибии воҳиди фразеологӣ дар назар дошта мешавад. Ин нуктаро мо дар мавриди воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ, истиоравӣ ва муболиғавӣ таъкид намудаем ва такрор намудани онро зарур намешуморем. Танҳо вижагиҳои мазкурро дар қолаби нави воҳиди фразеологӣ – ибораи фразеологии изофии тавсифӣ, муайян менамоем.

Фраземаҳои тавсифиро метавон ба шакли ибораҳои фразеологии изофии тавсифие маънидод намуд, ки бештар аз ду калимаи мустақилмаъно ташкил ёфта, дар ифодаи маънои онҳо ҳатман таносуби маъноҳои луғавию маҷозӣ риоя мегардад. Ин ҷо низ ба монанди фраземаҳои ташбеҳӣ, истиоравӣ ва муболиғавӣ нишондоди асосӣ корбурди яке аз ҷузъҳои таркибии ибора ба маънои луғавӣ

мебошад. Танҳо фарқ дар ин аст, ки агар дар фраземаҳои навъҳои дигар дар заминаи қолаби махсус миқдори унсурҳои маҷозимаъно бештар бошад, дар фраземаҳои тавсифӣ таносуби баробари маънои луғавию маҷозӣ дар ҷузъҳои таркибӣ риоя мегардад. Новобаста аз мавқеи ҷойгиршавӣ дар сохтори ибораи фразеологӣ баробари калимаи бо маънои луғавӣ омада ҳатман калимаи дигар маънои маҷозиро соҳиб мешавад. Чунин таносубро метавон дар сохтори ибораҳои фразеологии тавсифии фраземавии навъи **таги гап** «асоси сухан», **дасти холӣ** «бе дастовез», **хандаи хунук** «хандаи сохтаи нозебо» ва **теғи забон** «таъсири сухан» ошкор намуд:

Кадом раис? – модар **таги гапи** духтарашро намефаҳмид (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 109). То пеши гургбачаҳои заифу ҳанӯз бетаҷриба бо **дасти холӣ** нараванд (Зоҳир А., Завол, 14). – Барои ҳар тонна шир сад сум медиҳед, ака, – боз дандонҳои тиллояшро нишон дода **хандаи хунук** кард ронанда (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 112). Сари қаҳру ғазаб бо наштар ва **теғи забон** деви ҳафтсарро ҳам аз худ мекебонад ва мабодо баҳонаи бо касе «дуди дил» холӣ кардан наёбад, бо сояи хеш гилаву пархош меоғозад (Самад А., Гардиши девбод, 186).

Таҳлили сохториву маъноии фраземаҳои тавсифӣ нишон медиҳад, ки онҳоро дар ду шакл муқаррар намудан мумкин аст. Ба гурӯҳи аввал ҳамон фраземаҳои тавсифӣ дохил мешаванд, ки дар сохтори онҳо калимаи якум ба сифати унсури тавсифшаванда ва асосӣ ба маънои луғавӣ меояд. Ҷузъи дуюм дар ин гуна фраземаҳо маънои маҷозиро соҳиб аст ва дар заминаи он ҳамчун калимаи тавсифӣ ҷузъи асосиро аз ягон ҷиҳат шарҳу эзоҳ медиҳад. Чун анъана дар ин қабил ибораҳои фразеологии тавсифии фраземавӣ ба вазифаи ҷузъи якум бештар навъҳои гуногуни исмҳо ва хосатан исмҳои ғайришахси беҷон истифода мегарданд. Масалан, **фикри лағжонак** «андешаи бепоя, беасос», **муаммои сарбаста** «муаммои мушкил», **дили кашол** «дили нохоҳам», **ҳодисаи хунук** «ҳодисаи ногувор, нохуш» ва ғайра:

Дар ҳамин лаҳза **фикри** духӯраи **лағжонаке** ба сари мард зад… (Кӯҳзод У., Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз, 231). **Муаммоҳои сарбастаро** дар миёни

маърака бо овози баланд қироат мекарду сипас суол медод (Зоҳир А., Завол, 60). Мӯйсафеди Кабир чеҳрааш хандон, хӯрҷинашро сари китф партофта, бо **дили кашол** аз палата баромад (Самадов А., Майдон, 27). Матлабамон ҳосилу боз дамбадам ягон **ҳодисаи хунук** рӯй дода, дилро сиёҳ мекунад, мемонад (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 390).

Азбаски ҷузъи асосии ин гуна фраземаҳои тавсифиро аксаран исмҳо ташкил медиҳанд, табиист, ки ҷузъи дуюми онҳо бештар бо сифатҳо ифода меёбад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ин вазифа боз ҳам сифатҳои ифодакунандаи рангу ҳарорат ва тамъу дигар аломатҳои аслии ашёву ҳодисаҳо фаъоланд. Танҳо бояд таъкид намуд, ки ин калимаҳо бо маънои маҷозии худ дар дохили тавсифҳои фразеологӣ на маънои сифатӣ, балки маънои тамоман навро ифода мекунанд, ки онро танҳо дар сохтори ҳамон фраземаи тавсифӣ соҳиб мешаванду халос. Барои муқоиса, дар ибораҳои фразеологии тавсифии гурӯҳи **рӯзи сиёҳ** «рӯзи вазнин, серташвиш», **суҳбати гарм** «суҳбати самимӣ», **қисмати талх** «зиндагии нобасомон», **гапи калон** «сухани воҳимаангез» калимаҳои сифатии **сиёҳ, гарм, талх** ва **калон** барои ифодаи маъноҳои тамоман дигар кор фармуда шудаанд:

– Чӣ илоҷ? Он **рӯзҳои сиёҳ** ҳатто мардҳо бенишон гаштанд (Самадов А., Майдон, 60). Он шаб **суҳбати гарме** доир гашт, ки ба Ҷеймс таассуроти амиқе боқӣ гузошт (Зоҳир А., Завол, 132). Холаи Зулайхою Бунафша аз **қисмати талхи** фарзандон ҳасрат карда мегиристанд (Муҳаббати Ю., Пайванди шикаста, 49). **Гапи калон** зад: «Ба чени кӯрпаат по дароз кун» гуфт (Зоҳир А., Завол, 117).

Гурӯҳи дуюми фраземаҳои тавсифиро ибораҳои фразеологие ташкил медиҳанд, ки баръакси гурӯҳи якум дар сохтори онҳо мавқеи ҷузъи асосӣ ва дуюми тавсифӣ фарқ мекунад. Тавре зикр намудем, ҳарчанд миқдори ин навъи тавсифҳои фразеологӣ дар забони тоҷикӣ нисбат ба гӯрӯҳи аввал камтар бошад ҳам, вале онҳо дар ифодаи ҷиҳатҳои муҳимтарини мафҳумҳои ҳаётан зарури мардуми тоҷик мавқеи намоён доранд. Муқаррар шудааст, ки дар ин гуна фраземаҳо ҷузъи аввал ба маънои маҷозӣ ва ҷузъи дуюм ба маънои аслии луғавӣ корбаст мегардад. Калимаи аввал дар ин маврид ҳиссаи муайянкунандаи тавсифӣ

мебошад, ки ҷузъи дуюмро шарҳ медиҳад. Ин навъи ибораҳои рехтаи тавсифӣ бадеияти баланд дошта, мундариҷаашон вобаста ба маҷозияти баланди калимаи аввал пуробуранг ва нисбатан образнок мебошад. Чунончи, **теғи сухан** «таъсири сухан», **шафтолуи гап** «хулосаи гап», **панҷаи сахти пирӣ** «айёми пиронсолӣ», **дасти тақдир** «қонунияти ҳаёт»:

… бо нерӯю **теғи сухан** аҷнабиёни абарқудрати ин сарзаминро шармсору саркӯб бикунад (Самад А., Гардиши девбод, 402). Барои ҳамин, биё, шаф-шаф нагуфта, **шафтолуи гапро** гӯям (Ҳамдам А., Оби зери ях, 50). ... дарак меёфт, ки **панҷаи сахти пирӣ** модарашро назар ба чанд соли гузашта бештар афсурда карда, кӯфту калахт медиҳад (Акобир Ҷ., Кӯҳистонӣ, 26). Роҳи пурпечухами зиндагиам саҳнаеро мемонад, ки ишқи ту дар тору пудаш чун фоҷиае печида буду хаёле **дасти тақдир** онро таҳияву коргардонӣ мекард (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 176).

Агар дар гурӯҳи якуми фраземаҳои тавсифӣ таносуби исму сифат ба ҳайси ҷузъи асосӣ ва дуюм аксаран риоя гардад, дар фраземаҳои тавсифии навъи дуюм ин нишондодро бештар калимаҳои исмӣ ташкил медиҳанд. Таҳлили мавод нишон медиҳад, ки дар ин қабил ибораҳои фразеологии тавсифӣ ба вазифаи ҷузъи асосӣ ва дуюм, асосан, исмҳои ифодакунандаи ашёҳои ғайришахс истифодаи фаъол доранд. Онҳо ҳам ба маънои маҷозӣ ва ҳам луғавӣ сохтори ягонаи фраземаро ташкил медиҳанд ва ба маънои ягона ишорат мекунанд. Дар сохтори фраземаҳои тавсифии зикршуда алоқаи нисбатан зиндаи тавсифкунандагиву тавсифшавандагиро нисбат ба гурӯҳи якум ба тариқи равшан муқаррар намудан мумкин нест. Шояд ин ҳолат ба мавқеи ҷойгиршавии ҷузъҳои таркибии ибора ва ифодаи калимаи аввал бо маънои маҷозӣ иртибот дошта бошад. Барои тасдиқи андеша: **оташи нигоҳ** «таъсири нигоҳ», **наштари сухан** «таъсири сухан», **оташдони зиндагӣ** «мушкилиҳои ҳаёт», **саманди хаёл** «равиши андеша»:

Вале аз гапҳои нешу кадучадори **оташи нигоҳи** роздори занҳо раҳидан осон аст? (Самад А., Гардиши девбод, 161). – О, падарлаънати ангиштхӯр-е! – кӯса ҷавоб наёфта, ба ҷуз хандидану тоб овардан ба **наштари сухан** дигар чора

надошт (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 194). Шукри он мекунам, ки ҳангомаи ишқат хомамро пухта кард, гиламро сиришт, чун оташе андаруни **оташдони зиндагӣ** обутоб дод (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 176). Вале дар асл қаламам рӯи дафтар медаваду **саманди хаёл** маро аз синфхонаи бузургу ором рабуда, ба деҳаи овони кӯдакӣ… мебарад (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 179).

Фраземаҳои тавсифии навъи дуюм дар ифодаи мафҳумҳо ягонаанд. Дар онҳо муқаррар намудани аломату хусусияти барҷастаи ашёву ҳодиса як андоза мушкил аст. Онҳо аз ин ҷиҳат ба перифразаҳо наздикӣ доранд, ки бар ивази мафҳум истифода мешаванд. Танҳо тафовути нозук дар ҳамин аст, ки ҷанбаи муайянкунандагӣ дар ин қабил фраземаҳои фразеологӣ чашмрастар аст. Ҳарчанд маҷозияти калимаи дуюм дар мавқеи аввали ибора онро ба перифразаҳо наздиктар мегардонад, вале ҳангоми муайян намудани маънои ягонаи ибора маълум мегардад, ки он ба таври хеле ноаён аломату хусусияти мафҳумро ифода мекунад. Ин ҳолатро метавон дар мисолҳои навъи **сӯҳони умр** ба маънои «таҷрибадори ҳаёт», **хонаи дил** «даруни дил», **лавҳи хотир** «мағзи хотира», **ҷони гап** «асоси сухан» ба мушоҳида гирифт:

Оби калон аз боло меояду шумо бошед ба муқобили он шино карданӣ мешавед, мудом шасти одамро мегардонед, ба худо ки **сӯҳони умр** будаед (Наҷмиддинов М., Дарё маҷрои нав меҷӯяд, 14). Ҳарчанд ҷилваву сӯзу созашро чандон хуб намедонам, пай мебарам, ки мақомгоҳаш **хонаи дил** аст (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 185). Шояд ин подоши қисмат аст, ки дар овони кӯдакӣ насибам гашту як умр дар **лавҳи хотирам** монд (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 186). Не, **ҷони гап** дар дигар ҷост: вақте шикам сер, тан пӯшида мешавад, чашм равгӣ мегираду хоби роҳат меояд (Акобир Ҷ., Кӯҳистонӣ, 14).

Ҳамин тариқ, ибораҳои фразеологии тавсифӣ ягона қабати фразеологизмҳои забони тоҷикианд, ки танҳо дар як навъи маъноӣ – фраземаҳо, вомехӯранд. Зоҳиршавии фраземаҳои тавсифӣ вобаста ба сохтор ва мавқеи ҷузъҳои дохилӣ дар ду шакл сурат мегирад, ки дар ин миён саҳми гурӯҳи аввал назаррас мебошад.

4.5. Киноя ва нақши он дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ

Киноя (ирония) низ ҳамчун воситаи тасвири бадеӣ дар шаклгирии сохтори ягона ва мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ мавқеи асосӣ дорад ва ин навъи ифодаҳои рехтаро метавон воҳидҳои фразеологии киноявӣ унвон кард. Кинояро дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ метавон ба ҳайси воситаи махсуси бадеӣ ва муассирӣ маънидод намуд, ки ба тавассути он маънои акси семантикаи таҳтуллафзии фразеологизм ифода мешавад. «Киноя чун истиора аз рангубори муассирӣ бой аст, вале дар фарқият аз истиора он муқоисаро надорад. Киноя муносибатҳои муайяни маъноиро ифода мекунад, ки дар вақту фазои дақиқ зоҳир мешаванд» [Эль сабрути Р., 2018, с. 126]. Ба таври дигар, кинояро дар мундариҷаи ҳамон фразеологизмҳое ошкор намудан мумкин аст, ки дар онҳо маънои таҳтуллафзии ифодаи рехта барои шунаванда дастрас ва мантиқан фаҳмо буда, вале бо усули маҷозонидани ҷузъҳои таркибии он маънои дигар дар назар дошта мешавад. Ин ҷо нишондоди асосии таъминкунандаи киноя маҳз муқобилгузории маънои таҳтуллафзӣ бо маънои маҷозӣ дар шуури мантиқии шунаванда ба ҳисоб меравад. Ӯ метавонад дар заминаи маънои таҳтуллафзии сохтори ягонаву яклухти воҳиди фразеологӣ воқеияти тасаввуршаванда ва дар асоси маънои маҷозии онҳо акси онро дар шакли маънои тамоман дигар фаҳмад. Маҳз ҳамин нуктаи меҳварӣ мавҷудияти кинояро дар сохтори воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ таъмин мекунад. Ин нуктаро бо мисолҳои навъи **обро пуф карда хӯрдан** «эҳтиёт карда амал намудан», **даҳони касеро бастан** «ба суханронии касе монеъ шудан», **дандон болои дандон мондан** «ночор сабру тоқат кардан» ва **мӯро аз хамир ҷудо кардан** «ҳақиқатро ошкор намудан» тасдиқ намудан мумкин аст:

Эҳтиёт карда **обамонро пуф карда хӯрданамон** даркор аст, агар поямонро беҷо монем, боғдороне, ки меҳнат мекунанд, лингамонро аз осмон мебиёранд, - гуфта Рустам ба рафиқони худ маслиҳат дод (Айнӣ С., Дохунда, 87). … дар суҳбат чунон саволу ҷавобҳо мекард, ки мусоҳибонаш дар ягон масъала **даҳони ӯро баста** ва ё пешпо хӯронда наметавонистанд (Ниёзӣ Ф., Сарбозони бесилоҳ,

192). Ба рӯи Зайнабу Заррагул нигоҳ кардан барояш душвор буд. **Дандон болои дандон гузошт** (Наимӣ Қ., Фоҷиа дар чашмасор, 7). Гӯё вай **мӯро аз хамир ҷудо карда**, кӣ ҳаққу кӣ ноҳақ, дурусттар фаҳмидан мехост (Ниёзӣ Ф., Сарбозони бесилоҳ, 276).

Дар мисолҳои зикршуда маънои таҳтуллафазии ибораҳои фразеологии феълӣ, ки дар заминаи дарки маънои луғавии ҳар як ҷузъи таркибии онҳо ба вуҷуд меояд, барои дилхоҳ соҳибзабон фаҳмо ва қобили тафаккур мебошад. Яъне мафҳумҳои образнокшудаи **обро пуф карда хӯрдан, даҳони касеро бастан, дандон болои дандон гузоштан** ва **мӯро аз хамир ҷудо кардан** барои шунаванда дар дараҷаи аввал бо маънои луғавиашон амалҳои тасаввуршавандаанд. Баъдан дар сатҳи дуюми маъноӣ ӯ метавонад онҳоро бо маънои дигар дар худ ҳазм кунад. Маҳз ҳамин ҷиҳат – мавҷудияти маънои таҳтуллафзӣ ва ифодаи маънои акси он дар воҳидҳои фразеологӣ аз зоҳиршавии киноя дар мундариҷаи онҳо дарак медиҳад.

Ин ҷо мехоҳем барои таҳвияти андешаҳои илмии худ назарияҳои олимони соҳаро дар хусуси киноя, мафҳуми он ва вазифаи забонии он каме ба риштаи таҳлил кашем. Маълум мегардад, ки омӯзиши мафҳуми киноя таърихи тулониро соҳиб буда, онро ҳанӯз аз замонҳои қадим дар шеър шинохтаву таърифи илмӣ додаанд. Дар Мисри қадим ба киноя донишмандони антиқа Аристотел, Демосфен ва Платон, дар Рими қадим бошад, Ситсерон ва Квинтилиан таваҷҷуҳ намуда буданд. Масалан, фаҳмиши киноя ҳамчун воситаи тасвири бадеӣ, ки як мафҳумро гуфта, чизи дигари муқобилро дар назар доштан ба номи суханвари Рими қадим Марк Фабий Квинтилиан мансуб аст [Султанова Р., 2021].

Дар марҳилаи имрӯзаи инкишофи илми забоншиносӣ мафҳуми киноя аз доираи воситаи махсуси муассирӣ дар забони шеъру назм берун баромада, бештар ҳамчун унсури мундариҷаи маъноии калимаҳо ва гоҳо воҳидҳои фразеологӣ баррасӣ гардидааст. Чунончи, дар забоншиносии рус дар хусуси киноя ва мазмуну моҳияти истилоҳиву забонии он муҳаққиқони зиёде ақидаҳои ҷолиб баён намудаанд, ки ҳамагӣ дар атрофи як нуктаи меҳварӣ – истифодаи як мафҳум барои ифодаи мафҳуми дигари муқобил бо мавҷудияти оҳангҳои

махсуси эҳсосотӣ хулоса карда шудаанд. «Киноя тропест, ки аз калимаи истифодашуда бо маънои таҳтуллафзии муқобил бо мақсади тамасхури нозук ё пӯшида иборат аст. Тамасхур ин ҷо дар шакли тавсифи мусбат ё таъриф баён мешавад» [Ахманова О.С., 2004].

Кинояро забоншиносони рус аз паҳлуҳои гуногун таъриф намуда, назарияҳои хешро бештар дар мундариҷаи калимаҳои забон исбот намудаанд. Дар ин ҷо ба таври умум метавон номҳои муҳаққиқон Ушаков, Д.Н. (2005), Потебня А.А. (1990), Слептсова М.А. (2008), Орлова Г.В. (2005), Булатая Е.В. (2017), Матвеева Т.В. (2010) ва дигаронро нишон дод, ки дар атрофи киноя ва ҷанбаҳои мухталифи он ибрози ақида намудаанд. Таҳлили назарияҳои мавҷуда оид ба киноя дар забоншиносии рус ба хулосае меорад, ки онҳо кинояро на ҳамчун воситаи бавуҷудорандаи сохтор ва мундариҷаи маънои воҳидҳои фразеологӣ, балки ба сифати унсури таъминкунандаи муассирӣ, услубӣ ва оҳангҳои пичингу тамасхур дар калимаҳои забон шинохтаанд. Аз ин лиҳоз, ошкор намудани киноя дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ кӯшиши тозае дар илми забоншиносӣ маҳсуб меёбад.

Дар илми филологияи тоҷик аксарияти донишмандон кинояро ба сифати воситаи тасвири бадеӣ бештар дар сохтори калимаҳои таркиби шеъру назм маънидод намудаанд [Зеҳнӣ Т., 1960, 1967; Шарипов Х., 1991, 2002; Бобоев Ю., 1992; Тоиров У., 2005]. Он дар калимаҳо ҳамчун унсуре маънидод мегардад, ки бо ёрии он хубро гуфта бадро дар назар доштан ва баръакси он ифода меёбад. «Киноя маънои зид ва мухолифро қасд карда гап задан ва ба иборати дигар бо чунин таъбир ва ифодаҳо сухан кардан аст, ки хилофи мақсудро ифода намояд. Масалан, аз хубӣ баҳс карда бадиро ифода кардан ва аз бадӣ баҳс карда нағзиро фаҳмондан киноя аст» [Зеҳнӣ Т., 1960, с. 71]. Дар ин ҳолат калимаҳое дар назар дошта мешаванд, ки бо маънои аслии худ на ба мафҳуми даркорӣ, балки ба дигар ашёву ҳодиса ишора мекунанд, ки он акси асли мақсади гӯянда аст. «Воситаи дигари баён киноя мебошад. Киноя то дараҷае хилофи маҷоз аст, чунки дар он калима дар асоси асли маънои худ меояд ва аз он ба воситаи сифате ё ҳолате ба чизи дигар ишорат мекунанд ва ё онро ҳамчу далел истифода менамоянд

[Шарипов Х., 1991, с. 104]. Бештари ҳолатҳо чунин калимаву ифодаҳои дорои тобиши киноявӣ дар дохили матн бо аломати нохунак ҷудо карда мешаванд, ки ин нишондиҳандаи таъкиди махсуси киноявӣ дар онҳо мебошад. Аз қабили:

«Тамом» гуфтам худ ба худ латтаам ба об афтода (Ӯ. Ҳошимов, Нур ва соя, 112). Ҳа, таги гапро кофтанӣ бошед, хеле гап мебарояд, **домулло** (Б. Фирӯз, Тору пуд, 57). … мехост бо ин восита якбора «**музди хизмат»**-и Амирқулро адо ва гарданашро нарм карда, ӯро минбаъд ба таъқиб накардани худаш розӣ намояд (С. Улуғзода, Восеъ, 120). – Ба ман гӯш надодӣ, «**тую ман**» кардӣ, ба рӯям давидӣ (К. Мирзо, Марги бегуноҳ, 361).

Ба қавли муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» Муҳаммад Ғиёсиддин бошад, «Киноёт пӯшида сухан гуфтан ва сухани пӯшида: ва ба истилоҳ чизеро ба чизе дар зеҳн ташбеҳ карда, исми мушаббаҳро махфӣ дошта, номи мушаббаҳун биҳӣ мазкур сохтан, мисоли ин байт:

Луълӯ аз наргис фурӯ борида гулро об дод,

В-аз тагарги руҳпарвар молиши унноб дод.

Яъне маъшуқ ранҷида шуд ва ашк аз чашм фурӯ борида, рухсораро об дод ва аз дандони руҳпарвар лаби худро молиш дод [Муҳаммад Ғиёсуддин,1987, с. 179].

Ин нуктаро, ки киноя ҳамчун сухани сарбаста дар калима ҷанбаи ташбеҳӣ дорад, дигар донишмандон зикр накардаанд. Бештари онҳо кинояро дар калимаи дохили шеър ба ҳайси воситае маънидод намудаанд, ки дар сояи он маънои дигар фаҳмида мешавад. «Маънои киноя сухани пӯшида, сарбаста гуфтан аст. Агар калима ва калом (сухан) илова ба маънии аслии худ маънои дигаре низ дошта бошад, онро киноя меноманд. Мисол: Даҳани саг ба луқма дӯхта беҳ.

Киноя маънои қариб ва баъид дорад. Дар мисоли боло ба луқма даҳони сагро бастан маънои наздик аст. Маънои дур бо чизе одами бадро хомӯш кардан мебошад. Зеҳни шунаванда аввал ба маънии наздик ва аз он ба маънии дур меравад [Шарипов Х., 2002, с. 90].

Назарияҳои мавҷудаи кинояро дар илми адабиётшиносии тоҷик метавон бо таърифи илмии аз ҷониби муҳаққиқон Тоиров У., Ибодов Б. ва Тоиров Ш.

пешниҳодшуда ҷамъбаст намуд, ки мазмуну моҳияти онро комилан фаро мегирад. Ба қавли онҳо: «Киноя калимаи арабӣ буда, маънои луғавиаш сухани пӯшида, пӯшида сухан гуфтан, рамз ва ишора аст. Дар илми бадеъ номи яке аз санъатҳои маънавист. Киноя чунон аст, ки шоир ё нависанда калима ё ибораеро истифода менамояд, ки ба маънои аслии худ не, балки ба маънои акс омадааст. Дар ин маврид шарти асосӣ он аст, ки маънои аслӣ ва маънои иловагӣ аз ҷиҳати мантиқӣ ва шабоҳат бояд ба ҳам наздик бошанд. Масалан, «Думи сагат кач», «Оби дари хона қадр надорад» киноя аз айбҷӯӣ ва беқадрии наздикон мебошад. Киноя аз воситаҳои баён буда, дар он ифодаи маънои ҳақиқӣ низ имкон дорад [Тоиров У., Ибодов Б., Тоиров Ш., 2005, с.174].

Бояд қайд намуд, ки дар илми ватанӣ масъалаҳои назарияи воситаҳои тасвири бадеӣ, аз ҷумла масъалаи омӯзиши киноя ва муайян намудани вазифаҳои он то ҳол ба таври комил ҳалли худро наёфтааст. Ба назари мо, мушкилӣ сари ин масъала дар он аст, ки дар ҳама фарҳангу луғатномаҳо ва сарчашмаҳои илмӣ кинояро ҳамчун мафҳуми адабиётшиносӣ шарҳ додаанд. Аз ин ҷиҳат, зурурати муқаррар намудани вазифаҳои забонии киноя дар воҳидҳои забон ва хосатан воҳидҳои фразеологӣ ба миён омадааст.

Дар илми забоншиносии тоҷик оид ба шарҳи мафҳуми киноя рӯҷуъҳои илмӣ камтар ба назар мерасанд. Дар ин самт метавон якчанд нигоштаҳои назариву номукаммали забоншиносон Маҷидов Ҳ. (1968), Султанова Р. (2021), Саидон Н. (2016), Аҳадов Ҳ. (1980) ва дигаронро таҳлил намуд, ки ҳар яке кинояро аз паҳлуи алоҳида дар шакли хеле мухтасар баррасӣ намудаанд. Масалан, профессор Ҳ. Маҷидов кинояро дар сохтори воҳидҳои фразеологии феълӣ ошкор намуда, фразеологизмҳои киноявиро таъбирҳои рехтаву устуворе меномад, ки ифодакунандаи мафҳуми мухолифи мақсаданд. «Навъи дигари ибораҳои фразеологии феълии маҷозимаъно дар заминаи ифодаҳои гуногуни киноявӣ ташакул меёбанд. Ибораҳои фразеологии киноявӣ дар шакли таъбирҳои рехтаву устувор мафҳумҳоеро ифода мекунанд, ки мухолифи мақсуд аст. Ин хусусияти ибораҳои киноявӣ, махсусан, дар воҳидҳои фразеологии феълӣ ба таври барҷаста инъикос меёбад. Чунончи, ибораҳои киноявии «**ситора шумурда нишастан**» (киноя аз бекор нишастан), «**аз дунё тоқ нагузаштан**» (хонадор

шудан, зан гирифтан), «**ба даҳан қуфл задан**» (гап назадан), «**аз хок берун гаштан**» (зинда будан) маҳз дар заминаи ба маънои мухолифи маҷозӣ соҳиб шудани ҳамаи ҷузъҳои дохилии худ ба воҳиди фразеологии феълӣ тадбил ёфтаанд» [Маҷидов Ҳ., 1968].

Ин ҷо муҳаққиқ кинояро дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии феълӣ ба василаи ифодаи мафҳуми муқобил дар заминаи устувории маънои маҷозии калимаҳои таркибии воҳиди фразеологӣ таъкид мекунад, ки ба ҳақиқати масъала созгор аст. Маънои муқобил дар ин ҳолат на он маъноест, ки ба маънои ҷузъҳои таркибӣ дар муносибати зидмаъноӣ қарор мегирад, балки семантикаест, ки берун аз доираи маънои таҳтуллафзии воҳиди фразеологӣ фаҳмида мешавад. Барои тасдиқ, метавон воҳидҳои фразеологии **сиёҳро аз сафед фарқ кардан** киноя аз «сарфаҳм рафтан», **касеро аз байн бардоштан** «касеро нобуд кардан», **ба пӯсти касе кайк даромад** «касе беқарор, безобита шуд», **нархи сабзию пиёзро напурсидан** «саросема шудан»-ро мисол овард, ки маънои ягонаи онҳо ба маънои таҳтуллафзиашон дар муносибати муқобилгузорӣ қарор дорад:

Ҳалимҷон бо вуҷуди ҷавон буданаш ақлаш ба ҳалли муаммоҳои зиндагӣ мерасид, **сиёҳро аз сафед фарқ карда** метавонист (Икромӣ Ҷ., Тахти вожгун, 191). – Имрӯз-пагоҳ мо ин **одамро аз байн мебардорем**, ман вайро мекушам (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 357). Вале андактар худи ҳамин мардум мушоҳида карданд, ки гӯё **ба пӯсти хӯҷаинҳо кайк даромада** бошад (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 100). «Моро то Душанбе баред» гӯён **нархи сабзию пиёза напурсида**, ба мошинам шишт, ман ҳам гап назада ҳай кардам (Фирӯз Б., Тору пуд, 54).

Донишманди риштаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар забонҳои русиву тоҷикӣ Султанова Р. дар баробари таҳлили назарияҳои мавҷуда вобаста ба моҳияти киноя ҳамчунин нақши онро дар зарбулмасалу мақолҳо ва фразеологизмҳои тоҷикӣ нишон дода, таъкид медорад, ки «ҳамчун воҳидҳои ифодакунандаи киноя дар забон бештар унсурҳои эҳсосотиву образнок, ба монанди зарбулмасалу мақолҳо ва воҳидҳои фразеологӣ баромад мекунанд, ки бо ташаккули образҳои махсус аз дигар воҳидҳои забон тафовут дошта, дар навбати худ вазифаи номинативӣ ва тавсифиро доранд. Бар замми ин, онҳо дар мундариҷаи худ

бештар тобишҳои киноявиро доранд, ки истифодаи онҳо фаъолнокии баҳодиҳии киноявиро таъмин месозад» [Султанова Р., 2021, с. 312].

Муҳаққиқи забоншинос Аҳадов Ҳ. мавқеи кинояро дар лексикографияи тоҷик таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки вобаста ба таърифи илмии он ҳоло ҳам миёни донишмандон ягонагии ақида ба назар намерасад. Кинояро дар фарҳангу луғатномаҳои гуногун ба ҳар навъ таъриф додаанд, ки дар натиҷа моҳияти ягонаи илмии он зери шубҳа қарор мегирад. Чунин таърифот аз як ҷиҳат дуруст бошад ҳам, вале тамоми тобишҳои нозуки кинояро ба таври бояду шояд кушода дода наметавонанд. Аз ин ҷиҳат, бояд тафсирҳои фарҳангҳои гуногун муқоиса гардида, таърифи ягонаи мукаммали киноя пешниҳод карда шавад [Аҳадов Ҳ., 1980, с. 35].

Воқеан, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шарҳи мафҳуми киноя бештар аз ҷониби муҳаққиқони риштаи адабиёт дар мундариҷаи калимаҳои забон пешниҳод гардида, моҳияти забонии он дар сохтори воҳидҳои рехтаву уствор хеле кам баррасӣ гардидааст. Мусаллам аст, ки зоҳиршавии ин воситаи тасвири бадеӣ дар мундариҷаи калимаҳо ва воҳидҳои фразеологӣ фарқ дорад ва онро муайян намудан амри зарурӣ мебошад. Хулосаи мо дар ин маврид он аст, ки мавҷудияти кинояро дар фразеологизмҳои забони тоҷикӣ танҳо дар асоси формулаи зерин муқаррар намудан имкон дорад:

Тасвири №11



Яъне ҳадаф аз овардани киноя дар калима ва воҳидҳои фразеологӣ ифодаи мафҳуми дигар ё муқобилмаъно мебошад. Мо низ равиши таҳқиқи худро вобаста ба табиати забонии киноя дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ ба ҳамин нуктаи меҳварӣ такя медиҳем ва онро аз паҳлуҳои сохториву маъной таҳлил менамоем.

4.6. Хусусиятҳои сохтории воҳидҳои фразеологии киноявӣ

Воҳидҳои фразеологии киноявӣ ба як қатор нишонаҳои сохторӣ соҳибанд, ки онҳоро дар ифодаи қолабҳои махсуси гурӯҳҳои сохторӣ ва ҷузъҳои таркибии онҳо ҷустуҷӯ намудан мувофиқ аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки фразеологизмҳои киноявӣ, асосан, дар қолаби ибораҳои фразеологии феълӣ ва ҷумлаҳои фразеологии содаи дутаркиба созмон меёбанд ва чунин зоҳиршавӣ ба мазмуни моҳият ва вазифаҳои киноя дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ иртибот дорад. Ба гумони ғолиб, дар таркибҳои рехта ва дигар навъҳои ибораву ҷумлаҳои фразеологӣ зоҳиршавии киноя ғайриимкон аст, зеро дар қолаби онҳо ғунҷонидани ҷараёни муқобилгузории маънои таҳтуллафзӣ ва маънои ягонаи фразеологии воҳиди фразеологӣ даст намедиҳад. Аз ин рӯ, гурӯҳҳои сохтории киноя̆ҳои фразеологиро ибораҳои рехтаи феълӣ ва ҷумлаҳои содаи дутаркибаи фразеологӣ ташкил медиҳанд.

Ибораҳои фразеологии киноявӣ танҳо дар як қолаб – қолаби ибораҳои фразеологии феълӣ ташаккул меёбанд. Ин навъи ибораҳои фразеологӣ, ки қабати аз ҳама серистеъмоли таркиби фразеологии забони тоҷикиро ташкил медиҳанд, дар мундариҷаи худ метавонанд тобишҳои мухталифи киноявиро инъикос намоянд. Чунончи, дар ибораҳои фразеологии феълии зайл: **пӯстинро чаппа пӯшидан** ба маънои киноявии «ба куллӣ тағйир ёфтан, дигар шудан», **лаб таги дандон мондан** «сабру таҳаммул кардан», **бо бинӣ хат кашидан** «беҳолу бемадор будан» ва **ба чашми касе хок пошидан** «касеро фиреб кардан, дар ғафлат монондан»:

Агар мабодо бигӯед, ки «Не, бемор, вақти чақ-чаку мусоҳиба гузаштааст, ба палата рафта, ором бихобед…» тамом, **пӯстинро чаппа мепӯшад** (Муҳаммадиев Ф., Сози мунаввар, 20). Дар ин ҳолат вай мурғи посӯхта барин безобита гашта, ҳарчанд **лаб таги дандон ниҳода**, худро ором нишон доданӣ мешуд, ҳис мекард, ки ба рӯй ва баёзи гардани баландаш мисли гелоси дунбул сурхӣ медавад (Самадов А., Паррончакҳо, 123). Асп гӯё **бо бинии худ хат кашида**, вуҷуди вазнини саворашро гирифта меомад (Ҷалил Р., Асарҳои

мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 193). Ӯ дар боби **хок пошидан ба чашми занаш** Хосиятхон ва ҳамсояҳо ва соири атрофиён ба худ ҳамтое надошт (Муҳаммадиев Ф., Сози мунаввар, 28).

Дар ин гурӯҳи фразеологизмҳои киноявӣ маънои таҳтуллафазии ибора, ки дар шакли дурусти мантиқӣ дар шуури шунаванда акс меёбад, бо маънои ягонаи он дар муносибатҳои гуногун қарор мегирад. Алоқамандӣ ва ифодаи комили миёни ин унсурҳои маъноиро танҳо сохтори ягонаву яклухти ибораи фразеологӣ таъмин мекунад. Он дар ин ҳолат ба сифати восита, унсури муҳимме хизмат мекунад, ки ифодаи маъноҳои зикршударо дар як вақт ва вобаста ба талаботи матн амалӣ мегардонад. Ҳар қадар ки сохтори ибора рехтаву устувор ва маънои таҳтуллафзии он мантиқан даркшаванда бошад, ҳамон андоза маънои ягонаи он равшану барҷаста ва бе тағйироти иловагӣ ифода меёбад. Ҳамин аст, ки чунин ибораҳои фразеологии киноявӣ маънои ягонаи мустаъмал дошта, ҳамагон онҳоро танҳо барои ифодаи ҳамин маъно истифода мебаранд. Ба монанди **дасти касе зери санг мондан** «дастнигар шудан, нодорӣ», **по ба лаби гӯр расидан** «пиру нотавон шудан», **оби шикам ҷунбондан** «меҳнат кардан, заҳмат кашидан», **ба ҷароҳати касе намак пошидан** «мушкилии касеро зиёд намудан» ва ғайра:

Дар зимистон вақте **дасти одамон** аз нодорӣ, ба қавле, **зери санг мемонад**, ба Раҳмати Борон муроҷиат мекунанд (Самад А., Гардиши девбод, 114). **Пот ба лаби гӯр расидааасту** аз даҳонат ғайр аз сӯхтаму пӯхтам, ишқу ошиқӣ гапи дигар намебарояд (Самадов А., Паррончакҳо, 151). – Магар Фурқат ҳамин хел рафтор карда метавонад, барои Нигора **оби шикамашро меҷунбонад**? (Мирзо К., Ишқи сархӯр, 36). Холида бо изтироб мегирист, ҳар як ҳарфаш ба дилам неш мезад, ҳар як қатраи ашкаш **ба ҷароҳатам намакоб мепошид** (Ҳошимов Ӯ., Нур ва соя, 100).

Дар ташкили ибораҳои фразеологии феълии киноявӣ ба мисли дигар навъҳои он нақши калимаҳои феълии таркиби онҳо баръало эҳсос мегардад. Онҳо бештар дар шакли феълҳои сода дар ташаккули маънои таҳтуллафзии воҳиди фразеологӣ нақш доранд. Дигар ҷузъҳои таркибии ибораи рехта ба онҳо

алоқаманд гардида, дар мағзи шунаванда мафҳуми муайянеро бедор месозанд. Феъл дар ин маврид на ҳамчун унсури бавуҷудоварандаи тобиши киноявии мундариҷаи ибораи фразеологӣ, балки ба сифати ҷузъи ҳатмии таъминкунандаи семантикаи таҳтуллафзии фразеологизм хизмат мекунад. Ҳамин аст, ки маънои таҳтуллафзии ин қабил ибораҳои фразеологӣ низ мафҳумҳои амалу ҳаракатро ифода мекунанд. Масалан, дар ибораҳои фразеологии феълии киноявии **ба лаб кулӯх молидан** «хомӯш истодан», **пойи касеро хоидан** «ба касе кордор шудан», **харакиро аз хар афтондан** «кордону чаққон будан», **сари обро гирифтан** «садди роҳи чизе шудан» феълҳои содаи **молидан, хоидан, афтондан** ва **гирифтан** маҳз дар вазифаи ҷузъҳои асосии ташаккулдиҳандаи маънои таҳтуллафзии мундариҷаи маънои онҳо истифода шудаанд:

… корро хобонанд, мисли ҳама гуна фоҷиаҳои маломатбор, ранги ҳама гуна дуздию тозию ғоратгарӣ ва **ба лаб кулӯх молида** гарданд (Сорбон, Зуза, 199). Куҷое равад, ҳамин гапҳоро мегӯяд, **пои онҳоро мехояд** (Мирзо К., Ишқи сархӯр, 77). Шумо духтараки шӯхи бебоке будед ва чи хеле ки дар урфият мегӯянд, **харакиро аз хар меафтондеду** аспакиро аз асп (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 145). Баъд маълум шуд, ки ин касалӣ гузарандаи хавфнок буда, дар қишлоқ паҳн шуда истода будааст, ки духтурҳои омадагӣ **сари обашро гирифтанд** (Икромӣ Ҷ., Ҳикоя ва очеркҳо, 64).

Дар созмони ибораҳои фразеологии феълии киноявӣ саҳми феълҳои таркибӣ низ назаррас мебошад. Онҳо низ бо калимаҳои дигари мустақил ва ёридиҳанда барои ифодаи маънои таҳтуллафзӣ ва ягонаи воҳиди фразеологӣ хизмат мекунанд. Ҷузъи феълии ин гуна феълҳоро, асосан, феълҳои ёридиҳандаи **кардан** ва **шудан** ташкил додаанд. Аз қабили **гулӯи касеро равған кардан** «ба касе пора додан», **баҒали касеро бо чормаҒзи пуч пур кардан** «ба касе ваъдаи дурӯғин додан», **бо шохи гов бозӣ кардан** «бо амале дар хатар қарор гирифтан», **бо касе даст ба гиребон шудан** «бо каксе ҷанҷол кардан», **даҳони касе кушода шуд** «касе ҳайрон монд» ва монанди инҳо:

Дузд то **гулӯи миршабро рӯған карда** наистад, дуздӣ карда наметавонад (Улуғзода С., Восеъ, 84). Ҳунар ки надоштӣ, чаро **баҒали Раиса бо чормаҒзи**

пуч пур кардӣ? (Самад А., Гардиши девбод, 326). – Ту ба назар бачаи беақл не, лекин нафаҳмидаӣ, ки **бо шохи гову** думи шер **бозӣ кардан** мумкин не (Ҳамдам А., Оби зери ях, 79). Рафту бо касе гапаш гурезад, то **ба вай даст ба гиребон нашавад**, ба гуфти худаш, аз чаккаҳои сари ӯ хун нагирад, думашро сар намедод (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 212). Аз гапҳои Толиб **даҳонам кушода шуд** (Насим Р., Хонае, ки сӯяш мешитобам, 14).

Гурӯҳи дигари сохтории воҳидҳои фразеологии киноявиро ҷумлаҳои фразеологӣ ташкил медиҳанд. Мо дар хусуси ин навъи сохтории фразеологизмҳои забони тоҷикӣ дар бобҳои воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, истиоравӣ ва ташбеҳӣ маълумоти заруриро пешниҳод намудаем. Ин ҷо танҳо бояд ёдовар шавем, ки ҷумлаҳои фразеологии киноявӣ низ аз рӯйи сохтор, ифодаи ҷузъҳои таркибӣ ва маънои ягона ба дигар ҷумлаҳои фразеологӣ қаробат доранд. Фарқияти асосӣ дар он аст, ки ҷумлаҳои киноявиро сараввал бо маънои таҳтуллафзӣ ва баъдан бо маънои дигар фаҳмидан имкон дорад. Онҳо бо семантикаи таҳтуллафзӣ ҷумлаҳои озоди наҳвиро ба хотир меоранд, ки барои ифодаи фикри муайян хизмат мекунанд. Вале бояд дар назар дошт, ки дар паси ин навъи маъно тамоман маънои дигар истодааст, ки вобаста ба равиши мақсад зоҳир мегардад. Онро дар заминаи умумияти маъноҳои маҷозии ҷузъҳои таркибии воҳиди фразеологӣ муқаррар намудан мумкин аст. Ҳамин тарзи зоҳиршавии маъноҳо дар мундариҷаи ин қабил ҷумлаҳои фразеологӣ тобишҳои мухталифи киноявиро бедор месозад. Чунончи, дар мисолҳои навъи зерин: **лаганди касе аз бом афтод** «касе ноумед шуд», **мӯйи сари касе рост шуд** «касе сахт тарсид, ҳаросид», **равғани гардани касе об шуд** «касе заҳмат кашид, меҳнат кард» ва **латтаи касе дар об зад** «кори касе барор нагирифт, ноумед шуд»:

Мӯниса мақолае чоп карду бо ҳамин **лагандаш аз бом афтод** (Фирӯз Б., Тору пуд, 96). Шубон галаи бешумор дида, **мӯйи сараш рост шуд** ва ӯ гӯшакҳои телпакро бардошт, то дурусттар бинаду хубтар шунавад (Сорбон, Зуза, 153). Илоҷе бошад, ки кас ӯро ба коре бифиристад, ки **равғани гарданаш** каме **об шавад** (Муҳаммадиев Ф., Палатаи кунҷакӣ, 219). Бо шунидани ин хабар, **латтаи**

онҳое, ки дар ҷустуҷӯи Фахрӣ буданд, **дар об зад**, ҳама аз ҳавлӣ баромаданд (Мирзо К., Ишқи сархӯр, 122).

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷумлаҳои фразеологии киноявӣ низ дар қолаби ҷумлаҳои содаи дутаркиба ифода меёбанд ва дар вазифаи мубтадоҳои таркиби онҳо бештар исмҳои ғайришахс фаъоланд. Ҷузъҳои феълии онҳоро ба монанди ибораҳои рехтаи феълии киноявӣ, асосан, феълҳои тафсирии содаву таркибӣ ташкил медиҳанд, ки дар дохили матн аксаран дар шахси сеюми шумораи танҳо меоянд: **об ба лаби ҷӯй баробар гашт** киноя аз «ҳама корҳо хуб шуд», **чашми касе кушода шуд** «касе ҳушёр гардид, ба худ омад», **тарбуз аз баҒали касе афтод** «касе ноумед гашт» ва **аз осмон ситора афтод** «амали ғайриодие ба вуқуъ пайваст»:

… ана, ҳар ду додару бародар будаанд, **об ба лаби ҷӯй баробар гашт** (Фирӯз Б., Тору пуд, 123). «Ман маст будам, ҳушёр гаштам, – мегуфт ҳоло Азиза бо дард, - хоб будам, **чашмам кушода шуд**» (Фирӯз Б., Тору пуд, 89). Аммо дар нигоҳи ӯ аз кинаю хашм осоре надида, гӯё **тарбуз аз баҒалам афтода** бошад, дар наздаш шах шуда мондам (Муҳаммадиев Ф., Сози мунаввар, 71). … барои соҳибони тӯй **аз осмон ситора афтода**, ки шодона ҷониби Лоиқ меомаданд, дасташро мефушурданд (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 452).

Ба таври умум, гурӯҳҳои сохтории киноякҳои фразеологиро танҳо ибора ва ҷумлаҳои фразеологӣ ташкил медиҳанд, ки дар ин вазифа ибораҳои фразеологии феълӣ ва ҷумлаҳои фразеологии содаи дутаркиба истифода мешаванд.

4.7. Хусусиятҳои маъноии воҳидҳои фразеологии киноявӣ

Воҳидҳои фразеологии киноявӣ ба монанди дигар гурӯҳҳои ифодаҳои рехта ба як қатор нишонаҳои маъноӣ соҳибанд, ки онҳоро дар мундариҷаи маъноӣ ва таснифоти гурӯҳҳои маъноии онҳо ҷустан ба мақсад мувофиқ аст. Мундариҷаи маъноии киноя̄ҳои фразеологӣ низ аз қабатҳои муайяни маъноӣ таркиб ёфтааст, ки миёни онҳо тобишҳои мафҳумию образнок ва эҳсосотиву баҳодиҳӣ мавқеи устувор доранд. Аз ин ҷиҳат, таснифоти ҳамин унсурҳо дар мундариҷаи маънои фразеологии воҳидҳои фразеологии киноявӣ яке аз нишонаҳои семантикии онҳоро муқаррар мекунад.

Тавре зикр намудем, фразеологизмҳои киноявӣ дар заминаи ифодаи маънои таҳтуллафзӣ ва баъдан маънои ягонаи фразеологӣ шинохта мешаванд ва ба василаи онҳо, пеша аз ҳама, мафҳуми алоҳида дар назар дошта мешавад. Дар ин ҷо низ мафҳум дар шакли образнокшуда зоҳир мегардад ва аз ин рӯ дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии киноявӣ унсурҳои мафҳумию образнок дар якҷоягӣ зоҳир мешаванд. Образнокии заминаи воҳидҳои фразеологии киноявиро низ метавон ба монанди воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ ва истиоравӣ дар дараҷаи баланд донист. Маҳз маҷозияти баланди сохтори ин қабил фразеологизмҳо дар онҳо тобишҳои образнокиро таъмин месозанд. Вобаста ба ин дар семантикаи киноя̄ҳои фразеологӣ дар навбати аввал унсурҳои мафҳумию образнок мақоми намоён доранд. Мо дар ин маврид бартариро аввалан ба унсурҳои мафҳумӣ ва баъдан ба образнок медиҳем. Барои муқоиса, масалан, дар ибораҳои фразеологии киноявии **дар домани касе намоз хондан** (бо унсури мафҳумии «эътирофи касе» ва тобиши образноки «одамияти баланд»), **чашм пӯшида кушодан** (бо унсури мафҳумии «фаврӣ» ва тобиши образноки «лаҳзаи ниҳоят кӯтоҳ»), **нони касеро нимта кардан** (бо унсури мафҳумии «соҳиб шудан» ва тобиши образноки «маҷбуран ҳаққи касеро гирифтан»), **ба як по рост истодан** (бо унсури мафҳумии «хизмат кардан» ва тобиши образноки «самимонаву сидқан») тобишҳои мафҳумию образнок дар якҷоягӣ маънои ягонаи онҳоро ба вуҷуд овардаанд:

Дар домани директор намоз хонӣ ҳам мешавад (Начмиддинов М., Дарё мачрои нав мечӯяд, 225). **Чашм пӯшида кӯшоӣ**, бинӣ, ки дастонат гул барин шудаанд (Сорбон, Зуза, 173). Барои чӣ **нони маро нимта мекунад**? (Икромӣ Ҷ., Ҳикоя ва очеркҳо, 8). Сипас то нисфи шаб, чи хеле ки мегӯянд, **ба як по рост истода** хизмат мекард, ба даст об мерехт, чой мечӯшонд, дастархон мекушод, хӯрок меовард (Самадов А., Майдон, 48).

Афзалияти тобишҳои мафҳумиро нисбат ба образнок дар воҳидҳои фразеологии киноявӣ боз бо он шарҳ додан мумкин аст, ки маънои ягонаи онҳо маҳз бо шарофати маънои таҳтуллафзии онҳо зоҳир мешавад. Маънои таҳтуллафзӣ бошад, маънои аз унсурҳои образнок орӣ буда, дар он лаҳзаҳои мафҳумӣ инъикоси барчаста доранд. Он ҳамчун нишондиҳандаи маҷмуи маъноҳои луғавию гараматикии ҷузъҳои таркибии воҳиди фразеологӣ мафҳумро бе олоишҳои образнокӣ баён мекунад. Дар заминаи ифодаи равшан ва мантиқан дурусти он маънои ягонаи воҳиди фразеологӣ зоҳир мегардад. Ифодаи унсурҳои образнокро маҳз дар сатҳи дуюми ифодаи маънои фразеологизм, яъне маънои ягонаи он метавон ошкор намуд, ки дар заминаи образнокии мафҳум сурат мегирад. Чунончи, дар воҳидҳои фразеологии киноявии навъи **тири касе ба нишон расид** «мақсади касе амалӣ шуд», **кӯки чашми касе канда шуд** «касе интизории зиёд кашид», **алафро паст чаридан** «эҳтиёт шудан», **сари касеро ба замин задан** «касеро шармсор кардан» бавуҷудоварандаи унсурҳои мафҳумӣ маънои таҳтуллафзӣ ва тобишҳои образнок акси маънои он мебошанд:

Сурхон бошад, аз **ба нишон расидани тираш** хурсанд, худ ба худ мегӯяд, ки, дар ҳақиқат, ҳикмати халқ рост будааст (Самадов А., Майдон, 142). – Биё, акаи ҷон, садқаи хоки пот, аз раҳпоӣ **кӯки чашмам канда шуд**, - гӯён Ҳасан ба истиқбол хесту мардро бо иззату икром ба пешгоҳи хона гузаронд (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 101). Ҳушёр бошед, **алафатона пастакак чарида** гардед, ки ба дастам афтед, хир-хири арраи чӯббурӣ, хату хабари мурдаву зиндаатон аз Сибир меояд (Самад А., Гардиши девбод, 39). Намедонам, ту уболу савобро медонӣ ё не, ҳаволаат ба Худо, аммо **сари маро ба замин задӣ**, дар байни хосу ом шарманда шудам (Мирзо К., Ишқи сарҳӯр, 107).

Маънои эҳсосотӣ дар воҳидҳои фразеологии киноявӣ низ ба тавассути унсурҳои гуногуни олами эҳсосотӣ ифода меёбад. Дар ин замина метавон зоҳиршавии қабатҳои мухталифи эҳсосоти инсониро дар онҳо ба мисли дигар фразеологизмҳо ба мусбат ва манфӣ дастабандӣ намуд. Тафовути асосӣ дар ин миён зоҳиршавии чунин тобишҳои эҳсосотӣ дар заминаи унсурҳои муайяни киноявӣ ба ҳисоб меравад. Масалан, агар дар воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ маънoҳои эҳсосотӣ дар асоси аз ҳолати муқаррарии қабули тафаккури инсон зиёд ё кам нишон додани моҳияти мафҳум тавлид ёбанд, ин ҷараён дар воҳидҳои фразеологии киноявӣ бо формулаи дигар сурат мегирад. Дар онҳо, ки асоси зоҳиршавии кинояро муқобилгузории маънои таҳтуллафзӣ ва маҷозии воҳиди фразеологӣ ташкил медиҳад, лаҳзаҳои эҳсосотӣ маҳз дар атрофи ҳамин нишондод вобаста ба ифодаи мақсади акс ба вуҷуд меоянд. «Маънои маҷозии ин қабил воҳидҳои фразеологӣ дар он зоҳир мешавад, ки гӯянда мақсадашро қасдан ё баръакс ифода мекунад» [Саидов Н., 2016, с. 225]. Ба қавле, формулаи «хубро гуфта бадро дар назар доштан ва баръакс» барои ифодаи тобишҳои гуногуни эҳсосотӣ ҳамчун замина хизмат мекунад. Масалан, дар фразеологизмҳои киноявии зайл ифодаи маънoҳои эҳсосотии мусбат ва манфӣ маҳз ба ҳамин ҷиҳат вобастагӣ дорад: **дили касеро ёфтан** «ба боварии касе сазовор шудан», **чашмро об додан** «аз тамошои чизи зебое лаззат бурдан», **пой дароз кардан** «бехуд шудан, мурдан», **дар пӯстини касе кайк андохтан** «касеро бесаранҷом, безобита кардан»:

Дили заминсозро меёбӣ, меъморро ба кор менадозӣ, маъшуқаи раисро зиёфат мекунӣ, кордат болои равған мешавад (Сорбон, Барзгар, 86). Аз ҳусну тароват ва зебоии кӯҳу теппаҳо **чашмамро об дода**, ба ҳавлӣ баргаштам (Абдураҳмон Б., Биҳишти фиребо, 166). Ба афтатон нигаред, ягон кас ҳазл мекунам гуфта, бодбезакро ба рӯятон дорад, аз ростӣ **пой дароз мекунед** (Ҳошимов Ӯ., Нур ва соя, 35). Болои ин сурфаҳои сохтаву масхараомези Мухтор **дар пӯстинаш кайк меандохт** ва пушаймонӣ дошт, ки чаро худаш танҳо наомад (Самадов А., Паррончакҳо, 136).

Бояд зикр намуд, ки шумораи фразеологизмҳои киноявие, ки дар мундариҷаи худ тобишҳои эҳсосотии манфӣ доранд, нисбат ба киноякҳои фразеологии бо маънои эҳсосотии мусбат мустаъмал дар забони тоҷикӣ хеле зиёд аст. Ин ҳолат тасдиқи он аст, ки воҳидҳои фразеологии киноявӣ нисбат ба дигар навъҳои фразеологизмҳо барои ифодаи паҳлуҳои эҳсосоти манфии инсон мувофиқтаранд. Ба монанди **чароғи касе ба об афтод** «касе ноумед шуд», **ба касе санг задан** «касеро таънаву маломат кардан», **ба решаи касе табар задан** «қасди касеро нобуд кардан доштан», **сари калобаро гум кардан** «илоҷи ҳалли масъаларо наёфтан» ва ғайра:

Вале баъд таги гапашро фаҳмӣ, **чароғат ба об мефатад**, сарат чарх мезанаду дилат ангишт барин сиёҳ мешавад (Самадов А., Паррончакҳо, 158).... ҳар ки **ба подшоҳ санг андозад**, монанди он аст, ки ба Худо санг андохта бошад, охир подшоҳ сояи Худост дар рӯи замин (Зоҳир А., Завол, 230). Бе ин ҳам дар қишлоқ **ба решаи ӯ табар мезадагиҳо** пайдо шудаанд (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 330). Шумо худро ба воқеияти замони ҳозира мутобиқ карда натавонистаед, **сари калобаатонро гум кардаед**, нуқтаи такягоҳ надоред (Ҳамдам А., Оби зери ях, 105).

Дар як қатор воҳидҳои фразеологӣ унсурҳои эҳсосотии манфӣ ба воситаи оҳангҳои махсус ифода мегарданд, ки аксари онҳоро тобишҳои пичинг ва тамасхури сабук ташкил медиҳанд. Дар ин ҳолат киноя таърифу тавсифи огоҳонаест, ки дар худ лаҳзаҳои кушандаи тамасхурро дорад. Баҳодиҳиҳои баланд дар воҳидҳои фразеологии киноявӣ бо мақсади паст нишон додани мақсад истифода мегардад. Онҳо фразеологизмҳои дар заминаи мақсади акс бавуҷудомада мебошанд, ки оҳанги пичингу тамасхурро доранд. Дарки чунин оҳангҳо аз мазмуни умумии матн ва бевосита аз маънои ягонаи воҳидҳои фразеологӣ сар мезанад. Аз қабили **кафши касеро пеш гузоштан** «касеро пеш кардан», **пишаки касеро пишт гуфтан** «ба касе кордор шудан», **ба оби хунук даст нарасондан** «олуфта, эрка будан», **аз сар шонаву аз таг фона задан** «бо ширинзабонӣ амалӣ намудани мақсади бад»:

Ният дошт, ки бо хубӣ **кафшҳояшро пеш гузорад**, аз рӯи ҳикмати «ҳам лаъл ба даст ояд, ҳам ёр наранҷад» амал мекунад (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 346). … омада-омада аз ҳамин Мавлонбои мо метарса, **пишаки ӯро пишт гуфта** наметавона? (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 376). Охир, худаш дар хона **ба оби хунук даст намерасонд**, олуфта мегашт (Самадов А., Паррончакҳо, 31). Ҳоҷӣ-раис на ба гӯши хеш бовар дошт ва на ба забони ӯ, зеро чунин касон **аз сар шонаву аз таг фона зананд** (Сорбон, Барзгар, 85).

Лаҳзаҳои баҳодиҳиро дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии киноявӣ метавон дар ҳамбастагӣ бо унсурҳои эҳсосотӣ муқаррар намуд. Тавре дар бобҳои гузашта таъкид дошта будем, дар аксарияти фразеологизмҳои забони тоҷикӣ тобишҳои эҳсосотӣ бо баҳодиҳӣ дар якҷоягӣ зоҳир мешаванд, ки ин ҳолат аз муносибати эҳсосотӣ дар олудагӣ бо баҳогузории гӯянда вобаста аст. Дар воҳидҳои фразеологии киноявӣ бошад, дар муқоиса бо воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, истиоравӣ, ташбеҳӣ ва тавсифӣ маънои баҳодиҳӣ зоҳиршавии нисбатан мустақилона дорад. Дар онҳо маҳаки асосии зоҳиршавии маънои баҳодиҳиро муносибатҳои огоҳонаи баҳогузории соҳибзабон нисбат ба ашёву ҳодисаҳои муайян ташкил медиҳад. Онро ҳамчунин дар заминаи муқобилгузории ифодаи маъноҳои таҳтуллафзӣ ва фразеологии киноя̆ҳои фразеологӣ барқарор намудан имкон дорад. Барои исбот, масалан, дар фразеологизмҳои киноявии **саг соҳибашро намеёбад** киноя аз «макони серодаму пурғавғо», **аз бинии касе зардоб гирифтан** «касеро сахт ҷазо додан», **дар сари касе хар лагад зад** «касе дар ғафлат монд, амали нодуруст анҷом дод», **ба гӯри касе хишт кашондан** «касеро ғайбат, бадгӯӣ кардан», ки тобишҳои баҳодиҳии бад дар мундариҷаи маъноии онҳо равшан эҳсос мегарданд:

Ҳозир бе шумо дар поён **саг соҳибашро намеёбад** (Икромӣ Ҷ., Духтари оташ, 142). – Ман хоҳам ҳар кор мекунам, **аз бинии мардак зардоб мегирам** (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 212). **Дар сарат хар лагад зада буд**, ки худатро ба ин аҳволи бад гирифтор кардӣ! (Самадов А., Майдон, 25). – Ин ғӯладинг ба куҷо ғайб зад гуфта, **ба гӯрам** тоза ҳам **хишт кашондагед**? – узрхоҳона ҳазл намуд Хол (Ҷалил Р., Асарҳои мунтахаб, Ҷ.2, Шӯроб, 180).

Воҳидҳои фразеологии киноявӣ бо баҳодиҳии хуб ба мисли фразеологизмҳои киноявӣ бо маънои эҳсосотии мусбат дар захираи фразеологии забони тоҷикӣ ангуштшуморанд. Ин ҳолат табиӣ буда, ба сатҳу сифати ифодаи баҳогузориҳои хуби мафҳум дар воҳидҳои фразеологӣ бастагӣ дорад. Маълум мегардад, ки дар ин самт воҳидҳои фразеологии киноявӣ имконияти бештари тавлид намудани баҳогузориҳои бадро дошта, муносибатҳои баҳодиҳии хуб нисбатан маҳдуд мебошанд. Онҳо бештар ба тавассути унсурҳои эҳсосотии таъриф, қаноатмандӣ, мамнунийт, ризоийт, шавқ ва ғайра ифода меёбанд. Ба монанди **ба курта нағунҷидан** «хурсанд шудан, шодӣ кардан», **аз хатти кашида берун набаромадан** «итоаткор будан», **чашми касе равшан шуд** «касе фарзанд таваллуд кард», **аз даҳони касе шаҳду шакар мерезад** «касе ниҳоят ширинзабон, хушгуфтор аст»:

… боз як эшелони иловагӣ тӯҳфа ҷамъ оварда буданд, ки аз ин ҳимматбаландии халқ Ориф **ба куртааш намеғунҷид** (Ниёзӣ Ф., Сарбозони бесилоҳ, 322). – Шодиҷон ҳам шумо барин, - гуфта монд Муҳаммадҷон, - ҳеҷ вақт **аз хатти кашидагӣ берун набаромадааст** (Икромӣ Ҷ., Шодӣ, 49). Сабоҳатхон гаштаю баргашта мегуфт, ки ҳамсарашро ба таваллудхона бурданд ва аллакай **чашмаш равшан гаштааст**… (Фирӯз Б., Тору пуд, 103). Агар табъаш чоқ бошад, **аз даҳонаш шаҳду шакар мерезад**, хушгуфтору сахӣ мегардад (Мамадов К., Кофтукови ҷиноятkор, 40).

Тавре зикр намудем, воҳидҳои фразеологии киноявӣ дар заминаи муносибати маъноҳои таҳтуллафзӣ ва фразеологӣ тавлид меёбанд, ки дар ин ҷо ҷузъҳои таркибии онҳоро дар як вақт бо ду навъи маъно – маънои луғавӣ ва маҷозӣ фаҳмидан мумкин аст. Бо маънои луғавии мустаъмал калимаҳои таркиби воҳиди фразеологӣ маънои таҳтуллафзии онро ба вуҷуд меоранд. Маънои таҳтуллафзиро дар ин маврид метавон ҷамъи маъноҳои луғавии ҷузъҳои таркибии воҳиди фразеологӣ ҳисобид. Ба андешаи инҷониб, он дар фаҳмиши шунаванда баъд аз маънои ягонаи фразеологии воҳиди рехта ба таври огоҳона зоҳир мегардад. Дарки пурраи он дар мундариҷаи фразеологизм тобиши киноявӣ доштани онро барои ҳамсуҳбат ошкор менамояд. Маҳз ба шарофати зоҳиршавии

маънои луғавии унсурҳои дохилии воҳиди фразеологӣ маънои таҳтуллафзии фразеологизмҳои киноявӣ таъмин мегардад.

Ҳамзамон, дар киноянҳои фразеологӣ дар баробари дарки маънои таҳтуллафзии онҳо боз маънои тамоман дигаре дар назар дошта мешавад, ки он аз ҷамъи маъноҳои маҷозии ҷузъҳои таркибии воҳиди фразеологӣ сар мезанад. Ин маъно дар фаҳмиши шунаванда маънои асосии воҳиди фразеологии киноявӣ мебошад ва ҳамчун унсури муҳим барои ифодаи мафҳуми образнокшуда хизмат мекунад. Яъне калимаҳои дохили воҳидҳои фразеологии киноявӣ танҳо бо маънои маҷозӣ истифода мешаванд, вале онҳоро ҳамчунин бо маъноҳои луғавиашон дарк намудан имкон дорад. Аз ин ҷиҳат, гурӯҳҳои маъноиии воҳидҳои фразеологии киноявиро танҳо идиомаҳо ташкил дода метавонанд. Адами дигар гурӯҳҳои маъноиро дар фразеологизмҳои киноявӣ бо он шарҳ додан мумкин аст, ки дар онҳо камтар ё бештар тобишҳои маънои луғавӣ ҷой доранд. Масалан, агар дар фраземаҳо калимаҳои таркиби воҳиди фразеологӣ қисман маънои луғавиро ифода кунанд, дар ифодаҳои ғайриидиоматикӣ маънои луғавӣ бартарӣ ва ифодаи комил дорад. Бо ин сабаб, ҳангоми таснифоти гурӯҳҳои маъноии киноянҳои фразеологӣ баррасӣ намудани идиомаҳо ба мақсад мувофиқ аст.

Дар хусуси идиомаҳои фразеологӣ мо дар бобҳои гузашта маълумоти бештар додаем ва ин ҷо зарурати такрори онҳоро намедонем. Танҳо зикри он нуктаро муҳим мешуморем, ки дар идиомаҳои киноявӣ низ ду нишонаи асосии идиома – маҷозияти баланд ва устувории сохтори воҳиди фразеологӣ ба таври ҳатмӣ риоя мегардад. Фарқиятро дар муқоиса бо идиомаҳои муболиғавӣ, истиоравӣ ва ташбеҳӣ мо дар он мебинем, ки дар идиомаҳои киноявӣ, ки заминаи муқобилгузории маънои таҳтуллафзӣ ва фразеологиро доранд, маънои ягонаи онҳо ба тариқи оҳангҳои махсус, ки дар боло зикрашонро овардаем, ифода меёбад. Масалан, дар ҷумлаҳои поён, ки идиомаҳои киноявии **пойро ба баландӣ мондан** «аз худ рафтан, мағрур шудан», **касеро ба хоки сиёҳ нишондан** «касеро шарманда кардан», **касеро аз лой берун кашидан** «касеро аз мушкилӣ наҷот додан», **ба курта нағунҷидан** «зиёд хурсанду қаноатманд шудан» истифода

шудаанд, маҳз мавҷудияти оҳангҳои пичингу тамасхур мундариҷаи онҳоро пуробуранг гардонидааст:

Дар Бухоро хондем, гуфта **пота ба баландӣ намон**, – ба насиҳат гузашт мӯйсафеди Хайриддин (Зоҳир А., Завол, 214). – Ман аз мирон-ку он қадар наметарсам, лекин ана ҳамин ғоратгарӣ оқибат **моро ба хоки сиёҳ менишонад** (Улуғзода С., Восеъ, 329). Вай **шавҳари худашро аз лой берун мекашад**, ман ба ин боварӣ дорам (Икромӣ Ҷ., Шодӣ, 279). Ҷамшед тағйири ҳолати ӯро дида, хурсанд шуда, гӯё **ба куртааш намеғунҷид**, «кабки хушрафтор ба дом афтид», ӯ ба таксӣ даст боло кард (Мамадов К., Кофтукови ҷиноятkор, 32).

Дар як қатор идиомаҳои киноявии дигар оҳангҳои пичингу тамасхур ба дараҷае боло мегиранд, ки тобишҳои таҳқиру пастзаниро ифода мекунанд. Дар ин қабил идиомаҳо лаҳзаҳои образнокиву эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ хеле барҷаста сурат гирифта, мундариҷаи маънои онҳоро дар якҷоягӣ таъмин намудаанд. Ба монанди **ба сари касе об рехтан** «касеро нобуд кардан», **касеро аз об гирифта ба лой задан** «касеро таҳқиру шармсор намудан», **касеро дар лаҳад хобондан** «касеро ҷазо додан, нест кардан», **даҳони касеро бастан** «садди суханронии касе шудан» ва ғайра:

… дастонашро ба пушт баста ӯро аз хонааш, аз назди зану фарзандонаш бароварда, баъд **ба сараш об рехтанӣ** буд (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 160). Ба ин ҷавони бедаҳан, ки **занашро** бемалол **аз об гирифта ба лой мезад** ва ба зани вай, ки хушдоманашро ин қадар нағз медид, ҳавас кард (Ҳошимов Ӯ., Нур ва соя, 90). Агар ҳамин писаракаш намебуд, ғами вай кайҳо **мана да лаҳад мехобонд** (Фирӯз Б., Тору пуд, 128). … мо ҳам дасту по дорем, – гӯён Азиза **даҳони шавҳарашро баст** (Фирӯз Б., Тору пуд, 73).

Як гурӯҳ идиомаҳои киноявӣ дар заминаи маънои маҷозиро соҳиб шудани ибораву ҷумлаҳои озоди наҳвӣ ташаккул ёфтаанд, ки алоқамандии миёни онҳо равшан эҳсос карда мешавад. Ин ҳолат тасдиқи ҳамон нуктаи меҳвариест, ки дар мавриди маҷудияти киноя дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ таъкид намуда будем, яъне тавлиди тобишҳои киноявӣ дар пояи алоқамандии маънои таҳтуллафзӣ бо маънои ягонаи фразеологӣ сурат мегирад. Чунончи, ибораву

ҷумлаҳои идиомавии **ба кӯрпа нигоҳ карда пой дароз кардан** ба маънои киноявии «ҳадду меъёрро донистан», **коҳи пӯсидаро бод додан** «гузаштаро ба хотир овардан», **бӯйи чизе баромад** «сирри чизе фош шуд» ва **дар пӯстини касе кайк ҷо шуд** «касе беқарор, бесаранҷом шуд» аз ҳамин қабиланд:

Одам **ба кӯрпааш нигоҳ карда пой дароз мекунад** (Муҳаммадиев Ф., Муҳоҷирон, 85). Лекин ин гапат дуруст, ки **коҳи пӯсидаро бод додан** чӣ суд – фақат бӯю тафи кирму чирм мебарояд (Акобир Ҷ., Пазмонӣ, 15). Мақолаи хонданӣ чоп шавад, **бӯяш мебарояд**, гап мезананд, мехонем, ҷӯра (Фирӯз Б., Тору пуд, 189). Ва ҳамин ки онҳоро мушоҳида бикунанд ё дар атроф буданашонро пай баранд, **дар пӯстинашон кайк ҷо мешаваду** девонавор тирпаронӣ меоғозанд (Самад А., Гардиши девбод, 310).

Дар идиомаҳои киноявӣ ба монанди дигар гурӯҳҳои идиомаҳо мавқеи ҷузъҳои таркибӣ устувору ноҷунбон буда, ин ҳолат ба маҷозияти баланди мундариҷаи маънои онҳо иртибот дорад. Ҳарчанд идиомаҳои киноявиро низ метавон бо маънои таҳтуллафзиашон то ҳадди лозимӣ тасаввур ва қабул намуд, вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маҳз семантикаи маҷозии онҳо дар ифодаи маънои ягонаи мустаъмал нақши марказӣ дорад. Барои шунаванда, пеш аз ҳама, ҳамон маъное лозим ва қабулшуданист, ки идиомаи киноявӣ ифода мекунад, на он маъное, ки дар сохтори он хобидааст. Маънои таҳтуллафзӣ дар ин ҳолат ба ҳайси маънои дуюмдараҷа баромад мекунад, вале ҳиссаи он дар зоҳиршавии унсурҳои киноявӣ хеле бузург аст. Бе дарку қабули он тобишҳои киноявиро дар сохтори воҳиди фразеологӣ муқаррар намудан ғайриимкон аст. Барои мисол: **аз даҳон шарбат чакондан** «ширинсуханӣ кардан, зебо сухан гуфтан», **чароғи касеро куштан** «касеро бесоҳиб мондан, фаромӯш кардан», **нони даҳони касеро ситондан** «ҳаққи касеро соҳиб шудан», **болои сӯхта намакоб рехтан** «ба мушкилие мушкилӣ илова намудан»:

Зани хушсимоеро дар сари роҳ дида монад, албатта, мошинаро боздошта, савор мекард, дафъатан **аз даҳонаш шарбат чаконда**, «ҷони ширин» меномид (Начмиддинов М., Дарё мачрои нав мечӯяд, 74). Ба замми ин **чароғи мӯйсафедро кушта**, майдон барин ҳавлиро партофта куҷо ҳам мерафт

(Ҳошимов Ӯ., Нур ва соя, 40). Дар замони мо ҳақиқат нест, ҳар чӣ хоҳанд, раво мебинанд, **нони даҳонамонро меситонанд**, ба ҳазор бало гирифтор мекунанд… (Мирзо К., Марги бегуноҳ, 403). – Ако, таъна задан чӣ даркор, ҳоҷати маро бароред, гуфта наздатон оям, шумо **болои сӯхта намакоб мерезед** (Наҷмиддинов М., Дарё маҷрои нав меҷӯяд, 232).

Ҳамин тариқ, киноя дар воҳидҳои фразеологӣ ба тавассути муносибати муқобилгузории маънои таҳтуллафзӣ бо маънои фразеологӣ зоҳир гардида, воҳидҳои фразеологии киноявӣ ба гурӯҳҳои сохториву маъноӣ гурӯҳбандӣ карда мешаванд. Агар гурӯҳҳои сохтории киноякҳои фразеологиро ибораҳои фразеологии феълӣ ва ҷумлаҳои содаи дутаркиба ташкил диҳанд, ҳиссаи маъноии онҳоро танҳо дар доираи идиомаҳо таҳлил намудан мумкин аст.

Диаграммаи №2



Гистограммаи №4

ХУЛОСА

Аз таҳлилу баррасии воситаҳои тасвири бадеӣ дар воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ ба хулосаҳои зерин омадем:

1. Аломати забонӣ ҳамчун ҳодисаи якрӯя барои ифодаи ашёҳо, ҳодисаҳои воқеӣ ва муносибати онҳо ё барои ифодаи муносибати унсурҳои забон хизмат мекунад. Аз ин рӯ, он сурати моддӣ дошта, дар шакли овозӣ вуҷуд дорад. Робитаи аломат бо маъно дар он ифода меёбад, ки маъно дар заминаи алоқаи аломати овозӣ ва мафҳуми ифодашаванда тавлид меёбад [8-М].

2. Мафҳуми маънои забонӣ ба ҳама сатҳҳои забон рабт дошта, ҳамчун қабати муҳимтарини системаи он – анвои маъноҳо, вазифаҳо ва алоқамандии миёни онҳоро муқаррар менамояд. Аз таҳлилу баррасии маводи илмӣ бармеояд, ки ин мавзуъ масъалаи доманадор буда, то ҳол дар атрофи он баҳсҳои илмӣ зиёданд. Навъҳои мустаъмали маънои забониро маъноҳои луғавӣ, грамматикӣ, фразеологӣ, мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ ташкил медиҳанд [7-М].

3. Маънои фразеологӣ, ки воҳиди фразеологӣ ифода мекунад, табиати мураккаб дошта, аксар дар заминаи инъикоси образноки мафҳум ба таври гуногун ифода меёбад. Он дар алоқамандӣ бо маънои таҳтуллафзии фразеологизм метавонад равшану муъҷаз ва ё баръакс, хира ифода шавад. Мундариҷаи маънои фразеологиро маъноҳои мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ ташкил медиҳанд, ки метавонанд дар алоҳидагӣ ё дар якҷоягӣ зоҳир шаванд [2-М; 9-М].

4. Маънои мафҳумӣ яке аз навъҳои серистеъмоли маънои забониро ташкил медиҳад. Он дар силсилаи маъноии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ ҳамчун сарсилсилаи он ба ҳисоб рафта, метавонад дар заминаи тасвири мафҳумҳои алоҳида дар қолаби воҳидҳои фразеологӣ дар шакли холис ё бо олудагиҳои дигар тобишҳои маъноӣ зоҳир шавад [10-М].

5. Маънои образнок маъноест, ки дар заминаи образ ба вуҷуд меояд. Он дар заминаи ифодаи образноки шайъу ҳодисаҳои дигари ҳаёти воқеӣ бо рангубори хоса ва ҷилоҳои зиндаву муассир зоҳир шуда, мунтазам инкишоф

меёбад ва гоҳо дигар мешавад. Зоҳиршавии равшан ва як андоза баландтару хубтари ин ё он образи воқеӣ дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ маънои образнокро тавлид мекунад [12-М].

6. Маънои эҳсосотӣ ҳамчун як навъи маънои забонӣ ифодакунандаи тобишҳои эҳсосоти гуногуни инсонӣ дар воҳидҳои фразеологӣ мебошад. Вобаста ба он ки дар воҳидҳои фразеологии эҳсосотӣ кадом навъи эҳсосоти шахс ифода меёбад, метавон онҳоро ба маънои эмотивии мусбат ва манфӣ ҷудо намуд, ки дар миёни онҳо зоҳиршавии эҳсосоти манфӣ бештар мушоҳида мешавад [15-М].

7. Маънои баҳодиҳӣ дар заминаи баҳогузориҳои муайяни гӯянда нисбат ба мафҳум ба вуҷуд меояд. Яке аз воҳидҳои забоние, ки дар зоҳиршавии маънои баҳодиҳӣ мақоми хоса дорад, воҳидҳои фразеологӣ мебошанд. Меъёри баҳодиҳиро метавон дар воҳидҳои фразеологӣ ба тариқи хуб, бад ва муътадил муқаррар намуд, ки чунин муносибат бештар тавассути инъикоси унсурҳои алоҳидаи эҳсосоти мусбат ва манфӣ ифода мешавад. Ифодаи равшани маънои баҳодиҳӣ бештар дар фразеологизмҳои феълӣ мушоҳида мегардад [14-М].

8. Маҷози забонӣ аз маҷози бадеӣ бо як қатор нишонаҳо фарқ мекунад. Ҳаҷму ҳудуди зоҳиршавии он муайян буда, ифодаи барҷастаи онро дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ эҳсос намудан имкон дорад. Маҷози забонӣ барои ифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ заминаи асосӣ буда, маҳз тавассути он унсурҳои мазкур дар ташаккули мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ иштироки фаъол доранд [11-М; 30-М].

9. Воситаҳои тасвири бадеӣ дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ, асосан, ба воситаи маҷоз ифода меёбанд. Маҷози забонӣ дар ин ҳолат унсури муҳимми тавлиддиҳандаи воситаҳои муассири бадеӣ мебошад. Муқаррар гардид, ки дар сохтор ва мундариҷаи воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ санъатҳои муболиға, истиора, ташбеҳ, тавсиф ва киноя мавқеи асосӣ доранд [11-М; 13-М].

10. Муболиға ҳамчун воситаи тасвири бадеӣ дар созмони воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ саҳми назаррас дорад. Хусусияти

асосии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ ифодаи ғайривоқеии мафҳум ва ҳодисаву воқеа аст. Дар шакли хаёливу ғайривоқеӣ тасвир намудани мафҳум аз мавҷудияти муболиға дар воҳиди фразеологӣ дарак медиҳад. Муболиғаи забонӣ дар воҳидҳои фразеологӣ воситаи асосии бавуҷудоварандаи тобишҳои образнокӣ, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ мебошад [6-М; 23-М; 25-М; 27-М; 29-М; 28-М; 31-М].

11. Литота ҳамчун як навъи муболиға воситаи махсуси тасвири бадеист, ки дар сохтори воҳиди фразеологӣ бо мақсади аз ҳолати табиӣ кам нишон додани мафҳум амалӣ мегардад. Дар мундариҷаи маънои ин қабил фразеологизмҳо тобиши каму ночиз ва ба таври манфӣ нишон додани мафҳум ё аломати он меҳвари асосии зоҳиршавии ин навъи воситаи тасвири бадеӣ мебошад [28-М].

12. Гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологии муболиғавиро ибораҳои фразеологии феълӣ ва ҷумлаҳои содаву мураккаби фразеологӣ ташкил медиҳанд. Таркибҳои фразеологӣ аз доираи таснифоти воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ берун мемонанд, зеро қолаб ва сохтори онҳо барои зоҳиршавии тобишҳои муболиғавӣ мусоид нест [31-М].

13. Дар мундариҷаи маънои воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ тобишҳои мафҳумию образнок, баҳодиҳӣ ва эҳсосотӣ мушоҳида шуда, гурӯҳҳои маънои онҳоро танҳо идиома ва фраземаҳои муболиғавӣ ташкил медиҳанд. Фразеологизмҳои муболиғавӣ, ки ифодаи ғайривоқеии мафҳум ва образнокии баландро соҳибанд, дар қолаби ифодаҳои ғайриидиоматикӣ, ки танҳо сохтори устувор дошта, аз маҷозияти ҷузъҳои таркибӣ маҳруманд, ифода ёфта наметавонанд [6-М].

14. Истиора низ ба воситаи маҷоз дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ нақши муҳим дорад ва ин навъи фразеологизмҳоро воҳидҳои фразеологии истиоравӣ меноманд. Корбурди истиора дар воҳиди фразеологӣ бо он мақсад аст, ки бар ивази мафҳум, ашё, ҳодиса ё амали муайян, ки метавонад дар забон дар қолаби калима, ибора, таркиб ва ҳатто ҷумлаи одӣ вуҷуд дошта бошад, ибора, таркиб ва ҷумлаи рехтаву устуворе истифода мешавад, ки ҳамон мафҳумро

пуробуранг ва барҷаста тасвир намуда, ҳамзамон аз рӯйи ягон хусусият бо он наздикӣ дорад [13-М; 16-М].

15. Воҳидҳои фразеологии истиоравӣ ба монанди дигар навъҳои ифодаҳои рехтаи забони тоҷикӣ ба гурӯҳҳои сохторӣ тасниф мешаванд ва чунин таснифот дар заминаи таркиб, ибора ва ҷумлаҳои фразеологӣ сурат мегирад. Дар ин миён мавқеи ибораҳои фразеологии истиоравӣ бештар намоён буда, таркиб ва ҷумлаҳои фразеологӣ камтар ба назар мерасанд [16-М].

16. Дар мундариҷаи маънои воҳидҳои фразеологии истиоравӣ маъноҳои мафҳумӣ, образнок ва эҳсосотию баҳодиҳиро муқаррар кардан бамаврид аст, ки ҳар яке бо нишонаҳои хоси зоҳиршавии худ тафовут доранд. Дар воҳидҳои фразеологии истиоравӣ низ ба монанди фразеологизмҳои ташбеҳӣ ва муболиғавӣ ҷудо намудани ду гурӯҳи асосӣ – идиома ва фраземаҳо ба мақсад мувофиқ аст. Агар дар идиомаҳои истиоравӣ омили асосии муттаҳидкунандаи сохтор ва маънои ягонаи фразеологӣ маънои маҷозии тамоми ҷузъҳо бошад, дар фраземаҳои истиоравӣ чунин вазифаро калимае иҷро мекунад, ки ҳамчун соҳибистиора ба маънои луғавӣ меояд [16-М].

17. Ташбеҳ дар баробари дигар воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ иштирок намуда, ин навъи фразеологизмҳоро воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ номидаанд. Асоси созмони сохториву маънои ташбеҳоти фразеологиро муқоисаву монандкунӣ ташкил медиҳад ва дар ҷараёни он унсурҳои ташбеҳшаванда, ташбеҳкунанда, ёридиҳандаҳои ташбеҳӣ ва ваҷҳи ташбеҳ иштирок мекунанд [1-М; 2-М; 5-М; 19-М; 22-М; 31-М].

18. Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ ба нишонаҳои асосӣ ва иловагӣ соҳибанд. Агар нишонаҳои асосии ташбеҳоти фразеологӣ ба монанди дигар навъҳои воҳидҳои фразеологӣ дар заминаи ду қутби асосӣ – сохтор ва маънои онҳо баррасӣ шаванд, нишонаҳои иловагӣ ҳамчун аломатҳои тақвиятбахшандаи нишонаҳои асосӣ таҳлил мешаванд [2-М; 13-М].

19. Дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ образҳои миллӣ ба таври барҷаста ифода меёбанд. Онҳо тавассути калимаҳое ифода мешаванд, ки дар худ

нишонаҳои хос, ҷиҳатҳои фарққунанда ва ҳаёти воқеии миллати тоҷикро инъикос менамоянд. Чунин образҳои анъанавӣ дар ташбеҳоти фразеологӣ бештар бо номҳои ҳайвонот ифода мешаванд [22-М].

20. Гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологии ташбеҳиро таркиб, ибора ва ҷумлаҳои фразеологӣ ташкил медиҳанд. Умумияти гурӯҳҳои сохтории ташбеҳоти фразеологӣ дар ҳамин ифода меёбад, ки онҳо ба мисли дигар навъҳои ифодаҳои рехта ба як маънои умумӣ далолат карда, он дар навбати худ аз ҷамъи маъноҳои ҷузъҳои дохилӣ сар мезанад. Бар замми ин ҳар яке аз ин гурӯҳҳо махсусиятҳои хоси худро дошта, бо ифодаи ҷузъҳои таркибиашон аз ҳам фарқ мекунанд [1-М; 4-М; 19-М; 31-М].

21. Қабатҳои маънои мундариҷаи семантикии воҳидҳои фразеологии ташбеҳиро маъноҳои мафҳумӣ, образнок ва баҳодиҳиву эҳсосотӣ ташкил медиҳанд. Маъноҳои баҳодиҳӣ ва эҳсосотиро дар семантикаи воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар якҷоягӣ ва ҳамбастагӣ баррасӣ намудан мувофиқ аст, зеро аз таҳлилҳо бармеояд, ки ин ду тобиши маъноӣ дар мундариҷаи ташбеҳоти фразеологӣ аксаран дар як вақт зоҳир мешаванд [2-М; 31-М].

22. Воҳидҳои фразеологии ташбеҳиро аз рӯйи ифодаи маъно ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: идиомаҳо ва фраземаҳои ташбеҳӣ. Фраземаҳои ташбеҳӣ гурӯҳи калони фразеологизмҳои ташбеҳиро ташкил дода, бо сохтори ба худ хос ва ифодаи оҳангҳои маъноӣ аз идиомаҳои ташбеҳӣ ба куллӣ фарқ мекунанд. Ҷиҳати барҷастаи фарққунандаи фраземаҳои ташбеҳӣ ин аст, ки дар онҳо калимаи ифодагари мафҳум ба худ ҷузъи эзоҳдиҳанда қабул мекунад [5-М; 31-М].

23. Дар ташаккули воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ баробари дигар воситаҳои тасвири бадеӣ тавсиф низ мавқеи устувор дорад. Тавсиф, асосан, дар як навъи фразеологизмҳои забонамон – ибораҳои фразеологиии исмии изофӣ мушоҳида мешавад ва ин қабил ибораҳои рехтаро метавон дар шакли ибораҳои фразеологии тавсифӣ унвон кард [3-М; 18-М; 32-М].

24. Баробари ибораҳои фразеологии тавсифӣ дар забонамон ибораҳои рехтаи исмии изофие вомехӯранд, ки ҷузъҳои таркибии онҳо пурра ба маънои

маҷозӣ омада, худи ибора бар ивази мафҳуми алоҳида истифода мешаванд. Ин гуна ибораҳои фразеологии изофӣ дар илми забоншиносии умумӣ унвони **перифраза**-ро доранд. Зимни мафҳуми перифраза ибораҳои рехтаву устуворе дар назар дошта мешаванд, ки онҳо мафҳум ё ҳодисаро тавассути калимаҳои дигар дар шакли ибораи рехтаи изофӣ ифода мекунанд [32-М].

25. Ибораҳои фразеологии тавсифӣ ба як қатор нишонаҳои маъноӣ соҳибанд, ки онҳоро метавон дар мавриди таҳлили мундариҷаи маъноӣ ва таснифоти маъноии онҳо муқаррар намуд. Дар мундариҷаи маъноии ин гуна воҳидҳои фразеологӣ ҷустуҷӯ намудани унсурҳои маъноии мафҳумӣ, мафҳумию образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ ба мақсад мувофиқ буда, таснифоти маъноии онҳоро танҳо дар доираи фраземаҳои фразеологӣ гузаронидан дуруст мебошад [18-М].

26. Киноя низ ҳамчун воситаи тасвири бадеӣ дар шаклгирии сохтори ягона ва мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ мавқеи асосӣ дорад ва ин навъи ифодаҳои рехта воҳидҳои фразеологии киноявӣ номида шудаанд. Киноярo дар мундариҷаи фразеологизмҳое ошкор намудан мумкин аст, ки дар онҳо маъноии таҳтуллафзии ифодаи рехта барои шунаванда дастрас ва мантиқан фаҳмо буда, вале бо усули маҷозонидани ҷузъҳои таркибии он маъноии дигар дар назар дошта мешавад. Ин ҷо нишондоди асосии таъминкунандаи киноя маҳз муқобилгузории маъноии таҳтуллафзӣ бо маъноии маҷозӣ дар шуури мантиқии шунаванда ба ҳисоб меравад [17-М; 20-М].

27. Фразеологизмҳои киноявӣ дар қолаби ибораҳои фразеологии феълӣ ва ҷумлаҳои фразеологии содаи дутаркиба созмон меёбанд ва чунин зоҳиршавӣ ба мазмуну моҳият ва вазифаҳои киноя дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ иртибот дорад. Ба гумони ғолиб, дар таркибҳои рехта ва дигар навъҳои ибораву ҷумлаҳои фразеологӣ зоҳиршавии киноя ғайриимкон аст, зеро дар қолаби онҳо ғунҷонидани ҷараёни муқобилгузории маъноии таҳтуллафзӣ ва маъноии ягонаи фразеологии воҳиди фразеологӣ даст намедиҳад [17-М].

28. Мундариҷаи маъноии киноярҳои фразеологӣ аз қабатҳои муайяни маъноӣ таркиб ёфтааст, ки миёни онҳо тобишҳои мафҳумию образнок ва

эҳсосотиву баҳодиҳӣ мавқеи асосӣ доранд. Ҳиссаи маъноии воҳидҳои фразеологии киноявиро танҳо идиомаҳо ташкил медиҳанд, ки маҷозияти баландро соҳибанд. Адами дигар гурӯҳҳои маъноиро дар фразеологизмҳои киноявӣ бо он шарҳ додан мумкин аст, ки дар онҳо камтар ё бештар тобишҳои маънои луғавӣ ҷой доранд [17-М; 20-М].

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Аз таҳлилу натиҷагириҳои мавзуи таҳқиқотӣ метавон нуктаҳои зеринро ба сифати тавсияҳои амалӣ пешниҳод намуд:

– таҳқиқи ҳамаҷонибаи воситаҳои тасвири бадеӣ ҳамчун унсурҳои муҳимми маъносоз дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ метавонад дар рушди минбаъдаи бахши фразеология саҳми муносиб гузорад;

– натиҷаҳои пажуҳиш метавонанд дар ҳадду ҳудуд гузоштани воситаҳои тасвири бадеии забонӣ аз воситаҳои каломи бадеӣ кумаки бевосита расонида, дар ин замина мавқеи маҷози забонӣ боз ҳам комилтару амиқтар муаррифӣ гардад;

– тавсия дода мешавад, ки омӯзиши низоми маъноии забони тоҷикӣ ба таври мукаммал ба роҳ монда шуда, дар он ҳиссаи маъноҳои фразеологӣ, мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ махсус арзёбӣ гарданд;

– дар асоси таҳқиқи ҳамаҷонибаи воситаҳои тасвири бадеӣ пешниҳод карда мешавад, ки ҳамгунсозӣ ва стандартикунонии ин навъи воситаҳои маъносоз бо истилоҳоти байналмилалиашон ба роҳ монда шавад;

– бо назардошти мавҷудияти ин ё он воситаи тасвири бадеӣ дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ ба мақсад мувофиқ мебуд, агар дар фарҳангҳои фразеологӣ ҳангоми шарҳу тафсири маънои фразеологизм бо ишорае ин хусусияти онҳо нишон дода шавад;

– пешниҳод мешавад, ки дар оянда таълифи фарҳангҳои алоҳидаи воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, истиоравӣ, ташбеҳӣ, тавсифӣ ва киноявӣ пешбинӣ гардад;

– ҳамчунин дар китобҳои таълимӣ аз фанни лексикология ва фразеология ворид намудани истилоҳ ва шарҳу тафсири воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, истиоравӣ, ташбеҳӣ, тавсифӣ ва киноявӣ амри зарурӣ дониста мешавад.

РУЙХАТИ АДАБИЁТ

I. Сарчашмаҳо

1. Абдураҳмон, Б. Биҳишти фиребо [Матн] / Б. Абдураҳмон – Душанбе: Адиб, 2007. – 388 с.
2. Айнӣ, С. Дохунда [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе, 2017. – 381 с.
3. Айнӣ, С. Ёддоштҳо [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – 352 с.
4. Айнӣ, С. Марги судхӯр [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 2010. – 220 с.
5. Акобир, Ҷ. Кӯҳистонӣ [Матн] / Ҷ. Акобир. – Душанбе: Адиб, 1987. – 256 с.
6. Акобиров, Ҷ. Пазмонӣ [Матн] / Ҷ. Акобир. – Душанбе: Адиб, 1991. – 320 с.
7. Акобиров, Ю. Дунё ба умед [Матн] / Ю. Акобиров. – Душанбе: Ирфон. – 1984. – 336 с.
8. Гулрухсор. Занони Сабзбаҳор (марзи номус) [Матн] / Гулрухсор. – Душанбе: Адиб, 2019. – 432 с.
9. Зоҳир, А. Завол [Матн] / А. Зоҳир. – Душанбе: Адиб, 2015. – 296 с.
10. Икромӣ, Ҷ. Духтари оташ [Матн] / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – 557 с.
11. Икромӣ, Ҷ. Сафар-Махсум дар Бухоро [Матн] / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Ифон, 1982. – 224 с.
12. Икромӣ, Ҷ. Тахти вожгун [Матн] / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – 336 с.
13. Икромӣ, Ҷ. Хатлон [Матн] / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 272 с.
14. Икромӣ, Ҷ. Ҳикоя ва очеркҳо [Матн] / Ҷ. Икромӣ. – Сталинобод, 1960. – 270 с.
15. Икромӣ, Ҷ. Шодӣ [Матн] / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 420 с.
16. Кӯҳзод, У. Писанддара [Матн] / У. Кӯҳзод. – Душанбе: Маориф, 1984. – 208 с.
17. Кӯҳзод, У. Роҳи паси аґба [Матн] / У. Кӯҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 384 с.
18. Кӯҳзод, У. Ҳайҷо [Матн] / У. Кӯҳзод. – Душанбе: Адиб, 2015. – 594 с.

19. Кӯҳзод, У. Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим [Матн] / У. Кӯҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 314 с.
20. Кӯҳзод, У. Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз [Матн] / У. Кӯҳзод. – Душанбе: Ифон, 1986. – 191 с.
21. Мамадов, К. Кофтукови ҷиноятkор [Матн] / К. Мамадов. – Душанбе: Ирфон, 1994. – 192 с.
22. Мирзо, К. Ишқи сархӯр [Матн] / К. Мирзо. – Душанбе: Адиб, 2020. – 240 с.
23. Мирзо, К. Марги бегуноҳ [Матн] / К. Мирзо. – Душанбе: Адиб, 2012. – 528 с.
24. Мирзоев, К. Нишони зиндагӣ [Матн] / К. Мирзоев. – Душанбе: Адиб, 1993. – 496 с.
25. Муҳаббати, Ю. Пайванди шикаста [Матн] / Ю. Муҳаббат. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 192 с.
26. Муҳаммадиев, Ф. Муҳоҷирон [Матн] / Ф. Муҳаммадиев. – Сталинобод, 1959. – 192 с.
27. Муҳаммадиев, Ф. Одамони куҳна [Матн] / Ф. Муҳаммадиев. – Душанбе, 1963.
28. Муҳаммадиев, Ф. Палатаи кунҷакӣ [Матн] / Ф. Муҳаммадиев. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 324 с.
29. Муҳаммадиев, Ф. Сози мунаввар [Матн] / Ф. Муҳаммадиев. – Душанбе: Маориф, 2016. – 192 с.
30. Мӯсо, Ш. Чеҳраи модар [Матн] / Ш. Мӯсо. – Душанбе: Адиб, 2012. – 408 с.
31. Наимӣ Қ. Фоҷиа дар чашмасор [Матн] / Қ. Наимӣ. – Душанбе: Адиб, 1994. – 256 с.
32. Насим, Р. Хонае, ки сӯяш мешитобам [Матн] / Р. Насим – Душанбе: Адиб, 1993. – 224 с.
33. Наҷмиддинов, М. Дарё маҷрои нав меҷӯяд [Матн] / М. Наҷиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 264 с.
34. Ниёзӣ, Ф. Вафо [Матн] / Ф. Ниёзӣ. – Душанбе: Адиб, 2015. – 320 с.
35. Ниёзӣ, Ф. Сарбозони бесилоҳ [Матн] / Ф. Ниёзӣ. – Душанбе, 1989. – 415 с.

36. Самад, А. Гардиши девбод [Матн] / А. Самад. – Душанбе: Адиб, 2007. – 568 с.
37. Самад, А. Ёр дар бари ёр [Матн] / А. Самад. – Душанбе: Адиб, 2019. – 192 с.
38. Самадов, А. Майдон [Матн] / А. Самадов. – Душанбе: Адиб, 1989. – 192 с.
39. Самадов, А. Паррончакҳо [Матн] / А. Самадов. – Душанбе, 1963. – 192 с.
40. Сорбон. Барзгар. Зуза [Матн] / Сорбон. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 288 с.
41. Улуғзода, С. Субҳи ҷавонии мо [Матн] / С. Улуғзода. – Сталинобод, 1956. – 354 с.
42. Улуғзода, С. Навобод [Матн] / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 368 с.
43. Улуғзода, С. Восеъ [Матн] / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 368 с.
44. Фирӯз, Б. Тору пуд [Матн] / Б. Фирӯз. – Душанбе: Маориф, 1985. – 208 с.
45. Ҳамдам, А. Оби зери ях [Матн] / А. Ҳамдам. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 272 с.
46. Ҳошимов, Ӯ. Нур ва соя [Матн] / Ӯ. Ҳошимов. – Душанбе: Маориф, 1982. – 160 с.
47. Ҷалил, Р. Асарҳои мунтахаб. Ҷ.2. Шӯроб [Матн] / Р. Ҷалил. – Душанбе: Адиб, 1988. – 464 с.

II. Адабиёти илмӣ

А) ба забони тоҷикӣ

48. Абдураҳимов, С. Ибораҳои исмии забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / С. Абдураҳимов. – Душанбе: Дониш, 1973. – 165 с.
49. Абуалӣ, ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ. 1. [Матн] / Абуалӣ ибни Сино. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 477 с.
50. Абуалӣ, ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.2. [Матн] / Абуалӣ ибни Сино. – Душанбе: Ирфон, 1983. –560 с.
51. Акрамов М. Ибораҳои сифатӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / М. Акрамов. – Душанбе: Дониш, 1977. – 156 с.
52. Аҳадов, Ҳ. Мафҳуми маҷоз ва киноя дар лексикографияи тоҷик [Матн] / Ҳ. Аҳадов //Забоншиносии тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1980. – С.31-39.

53. Бобоев, Ю. Назарияи адабиёт [Матн] / Ю. Бобоев. – Душанбе: Маориф,1992. – 372 с.
54. Гадоев, Н. Баъзе хусусиятҳои воҳидҳои фразеологӣ дар лаҳҷаи ҷанубии Кӯлоб [Матн] / Н. Гадоев. – Душанбе, 2017. – 232 с.
55. Гадоев, Н. Вижагиҳои луғавию семантикӣ ва сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар гӯйишҳои ҷанубии минтақаи Кӯлоб [Матн] / Н. Гадоев. – Душанбе, 2023. – 360 с.
56. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷумлаҳои сода. Ҷ.2. [Матн]. – Душанбе: Дониш, 1987. – 368 с.
57. Гулназарзода, Ж. Низоми маъноии феъл дар забони адабии тоҷикӣ [Матн] / Ж. Гулназарзода. – Душанбе: ҶДММ «Абдураҳмон», 2022. – 332 с.
58. Гулназарова, Ж. Таснифоти маъноии феъл дар «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ [Матн] / Ж. Гулназарова. – Душанбе: Шуҷоиён, 2011. – 168 с.
59. Ғаффорзода, Ш. Вазъи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва муҳити адабӣ-фарҳангӣ дар замони зиндагии Убайди Зоконӣ [Матн] / Ш. Ғаффорзода. – Душанбе, 2021. – 264 с.
60. Ғаффоров, Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил [Матн] / Р. Ғаффоров. – Душанбе, 1966. – 224 с.
61. Давлатбеки Хоҷа. Ташаккул ва таҳаввули илми забоншиносии форсу тоҷик дар асрҳои миёна [Матн] / Х. Давлатбек. – Душанбе: Диловар-ДДМТ, 1998. – 152 с.
62. Давлатов, М. Психология [Матн] / М. Давлатов. – Душанбе: Собириён, 2010. – 336 с.
63. Донишномаи мухтасари таърихи афкори забоншиносии тоҷик [Матн]. – Душанбе, 2017. – 304 с.
64. Дӯстзода, Ҳ. Маънои забонӣ ва навъҳои он [Матн] / Ҳ. Дӯстзода //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №7. – С. 32-39.
65. Дӯстов, Ҳ. Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар забони адабии муосири тоҷик [Матн] / Ҳ. Дӯстов. – Душанбе, 2014. – 186 с.

66. Дӯстов, Ҳ. Оид ба як навъи ҷумлаҳои фразеологӣ [Матн] / Ҳ. Дӯстов //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/2.– С. 10-13.
67. Забирзода, Ш. Идиомаҳои муболиғавӣ дар забони адабии муосири тоҷикӣ [Матн] / Ш. Забирзода //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №6. – С. 88-93.
68. Забон – ҳастии миллат. Қисми 2. Маҷмуи мақолаҳои конференсияи байналмилалии «Рушди забони адабии тоҷик дар замони Истиқлол: мушкилот ва дурнамо» [Матн]. – Душанбе: МТБТ-и ДМТ, 2022. – 336 с.
69. Забони ҳозираи тоҷик. Қисми 1. Лексикология, фонетика ва морфология [Матн]. – Душанбе, 1973. – 452 с.
70. Зеҳнӣ, Т. Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Сталинобод, 1960. – 260 с.
71. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 302 с.
72. Зоғакова, Г. Идиомаҳо дар забони адабии муосири тоҷикӣ. Авт. дисс... канд. филол. наук [Матн] / Г. Зоғакова. – Душанбе, 2011. – 24 с.
73. Зоғакова, Г. Нишонаҳои муҳимтарини воҳидҳои фразеологӣ [Матн] / Г. Зоғакова //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2011. – С. 100-104.
74. Кабиров, Ш. Ибораҳои рехта дар осори таърихии асри XIX // Масъалаҳои забоншиносӣ [Матн] /Ш. Кабиров. – Душанбе, 1990. – С. 20-25.
75. Кабиров, Ш. Равобит ва ҳамнишинии воҳидҳои забон дар занҷираи гуфтор [Матн] / Ш. Кабиров. – Душанбе, 2021. – 320 с.
76. Кабиров, М., Чориев, Т. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Сарф [Матн] / М. Кабиров М., Т. Чориев. – Тошканд, 2017. – 524 с.
77. Камолиддинов, Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 186 с.
78. Камолиддинов, Б. Ҳусни баён [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 120 с.

79. Камолов, Х. Ибораҳои изофӣ (дар асоси маводи «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ) [Матн] / Х. Камолов. – Душанбе: Баҳманрӯд, 2011. – 155 с.
80. Каримов, Ш. Семантикаи воҳидҳои луғавии ғазалиёти Ҳофиз [Матн] / Ш. Каримов. – Душанбе, 1993. – 140 с.
81. Мақсудов, Т. Лексика ва фразеологияи шеваҳои тоҷикони Исфара [Матн] / Т. Мақсудов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. – 206 с.
82. Мақсудов, Т., Зикриёев, Ф., Ҷалилов, Ҳ. Дар бораи воҳидҳои фразеологӣ ва вазифаҳои синтаксисии онҳо [Матн] / Т. Мақсудов, Ф. Зикриёев, Ҳ. Ҷалилов. – Душанбе: Изд. Душанбинского гос. пед. ин-та, 1976. – 87 с.
83. Масъалаҳои мубрами забони адабии тоҷик. Маҷмуи мақолаҳо бахшида ба 80-солагии профессор Ҳ. Маҷидов [Матн]. – Душанбе, 2017. – 368 с.
84. Маҷидов, Ҳ. Аломатҳои фарққунандаи воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ [Матн] / Ҳ. Маҷидов // Масъалаҳои забони тоҷикӣ. Ун-ти давлатии Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 1967. – С. 61-78.
85. Маҷидов, Ҳ. Хусусиятҳои лексикӣ-семантикии воҳидҳои фразеологии феълии забони ҳозираи адабии тоҷик (рисолаи номзадӣ) / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 1968. – 249 с.
86. Маҷидов, Ҳ. Ҷумлаҳои фразеологӣ [Матн] / Ҳ. Маҷидов // Мактаби советӣ. – 1978. – №5. – С.15-19.
87. Маҷидов, Ҳ. Таркибҳои фразеологӣ [Матн] / Ҳ. Маҷидов // Мактаби советӣ. – Душанбе, 1980. – №1. – С.21-24.
88. Маҷидов, Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик [Матн] / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 1982. – 104 с.
89. Маҷидов, Ҳ. Ибораҳои фразеологии сифатӣ [Матн] / Ҳ. Маҷидов //Маърифат. – 1992. – №6. – С.13-15.
90. Маҷидов, Ҳ. Воқеият дар таъбирот [Матн] / Ҳ. Маҷидов // Илм ва ҳаёт. – Душанбе, 1995. – №3-4. – С. 12-13.
91. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди I. Луғатшиносӣ [Матн] / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 2007. – 243 с.

92. Маҷидов, Ҳ. Сеҳри сухани форсии тоҷикӣ [Матн] / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 2014. – 352 с.
93. Маҷидов, Ҳ. Мушкилоти фразеологияи тоҷик: омилҳо ва самтҳои тадқиқ [Матн] / Ҳ. Маҷидов //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – №4/4 (206). – С. 3-7.
94. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик [Матн] / Н. Маъсумӣ. – Душанбе, 2011. – 385 с.
95. Мирзозода, Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ [Матн] / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1992. – 240 с.
96. Мирзоев, А. Масъалаҳои ибора дар забони тоҷикӣ [Матн] / А. Мирзоев. – Душанбе: Деваштич, 2002. – 296 с.
97. Мирзоева, М. Воҳидҳои фразеологии асарҳои С. Айнӣ ва усулҳои тарҷумаи онҳо ба забони русӣ [Матн] / М. Мирзоева. – Душанбе: Матбуот, 2008. – 160 с.
98. Муминов, А. Полисемия ва антонимия [Матн] / А. Муминов. //Маҷмуаи филологӣ. – Душанбе: Нашри УДТ, 1971. – С. 72-76.
99. Муҷмалӣ, В. Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун [Матн] / В. Муҷмалӣ. – Нувалкишур, 1304 ҳиҷрӣ.
100. Назарзода, С. Забон ва истилоҳот [Матн] / С. Назарзода. – Душанбе: Дониш, 2003. – 148 с.
101. Нурматова, М.Р. Сохтори семантикӣ ва грамматикии воҳидҳои фразеологии феълӣ дар забони тоҷикӣ [Матн] / М.Р. Нурматова // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Хуҷанд, 2019. – №2 (79). – С.119-128.
102. Одинаев, С.П. Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷикӣ [Матн] / С.П. Одинаев. – Душанбе, 2022. – 160 с.
103. Очилова, М.И. Корбурди киноя дар тафсири «Кашшоф»-и Ҷоруллоҳ Замахшарӣ [Матн] / М.И. Очилова / /Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №6. – С. 257-260.
104. Расулов, С. Психологияи эмотсия ва ҳиссиёт [Матн] / С. Расулов. – Душанбе: Эр-граф, 2022. – 336 с.

105. Рауфов, Ҳ. «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ҳамчун сарчашмаи лексикографии тоҷику форс [Матн] / Ҳ. Рауфов. – Душанбе: Дониш,1973. – 191 с.
106. Раҳмон, Эмомалӣ. Забони миллат – ҳастии миллат. Китоби 1. Ба сӯйи пояндагӣ [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 491 с.
107. Раҳмон, Эмомалӣ. Забони миллат – ҳастии миллат. Китоби 2. Забон ва замон [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Эр-граф, 2020. – 431 с.
108. Рашиди, Ватвот. Ҳадоиқ ус-сеҳр [Матн] / Ватвот Рашид. – Душанбе: Дониш,1987. – 121 с.
109. Сабзаев, С. Дар бораи як вазифаи синтаксисии ибораҳои фразеологӣ [Матн] / С. Сабзаев //Мактаби Советӣ, 1975. – № 4. – С. 24-27.
110. Саломов, М. Ифодаи маҷоз дар забони тоҷикӣ [Матн] / М. Саломов //Сохтор ва истифодаи воҳидҳои забонӣ дар забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1999. – С. 58-75.
111. Саломов, М. Маҷоз ва ҳақиқат [Матн] / М. Саломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2007. – №1. – С. 43 -46.
112. Саломов, М. Вижагиҳои савтӣ, маъноӣ ва маҷозию фразеологии забони шеъри тоҷикӣ [Матн] / М. Саломов. – Душанбе: Пойтахт, 2017. – 266 с.
113. Сино, А. Махориҷ-ул-ҳуруф. Осори мунтахаб. Ҷ.2. [Матн] / А. Сино. – Душанбе: Ирфон, 1983.
114. Собиров, Ҳ.Ю. Мақоми Абдулвосеи Ҷабалӣ дар адабиёти асри XII форсу тоҷик [Матн] / Ҳ.Ю. Собиров. – Душанбе: МТБТ-и ДМТ, 2022. – 168 с.
115. Талбакова, Ҳ. Мавқеи вулгаризмҳо дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ [Матн] / Ҳ. Талбакова // Паёми Донишгоҳ (забоншиносӣ). – Душанбе, 1990. – № 1. – С. 44-48.
116. Талбакова, Ҳ. Мавқеи рангҳо дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ [Матн] / Ҳ. Талбакова // Паёми Донишгоҳ (забоншиносӣ). – Душанбе, 2001. – № 2. – С. 120-123.
117. Тоиров, У., Ибодов, Б., Тоиров, Ш. Каломи манзум [Матн] / У. Тоиров, Б. Ибодов, Ш. Тоиров. – Душанбе: Шарқи озод, 2005. – 453 с.

118. Тоҳирова, Қ. Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / Қ. Тоҳирова. – Душанбе, 1967. – 80 с.
119. Тоҷибоев, Ш. Тавсиф ва масъалаҳои танзими фарҳанги тавсифоти назми классикии форсу тоҷик [Матн] / Ш. Тоҷибоев. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2020. – 164 с.
120. Тоҷиев, Д.Т. Осори мунтахаб [Матн] / Д.Т. Тоҷиев. – Душанбе: Деваштич, 2005.
121. Тоҷиев, Д.Т. Воситаҳои алоқаи муайянкунанда бо муайяншаванда дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ [Матн] / Д.Т. Тоҷиев. – Душанбе, 2015. – 114 с.
122. Тӯсӣ, Н. Асос-ул-иқтибос [Матн] / Н. Тӯсӣ. – Теҳрон, 1324 ҳиҷрӣ.
123. Фанни шеър (доир ба санъати шеърӣ) [Матн] //Танзим, тасҳеҳ ва тавзеҳоти Ш. Ҳусейнзода, Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 192 с.
124. Фароҳӣ, А. Нисоб-ус-сибён [Матн] / А. Фароҳӣ. //Таҳияи С. Аминзода ва М. Алимурод. – Душанбе, 1993. – 22 с.
125. Холов, П. Ибораҳои фразеологии изофӣ [Матн] / П. Холов // Труды Самаркандского гос. ун-та им. А Навои. – Новая серия. – Вып. №279. – Вопросы востоковедения. – Самарканд, 1976. – С. 207-217.
126. Хоҷаев, Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои XII-XVI [Матн] / Д. Хоҷаев. – Душанбе, 2013. – 344 с.
127. Хоҷаев, Д. Воҷидалии Муҷмалӣ ва асари ӯ «Матлаъулулум ва маҷмаъулфунун» [Матн] / Д. Хоҷаев //Маърифат. – Душанбе, 1992. – №1. – С. 8-11.
128. Хоҷаев, Д. Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / Д. Хоҷаев. – Душанбе, 2021. – 140 с.
129. Хоҷа, Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор [Матн] / Хоҷа Ҳасани Нисорӣ //Таҳиягарони матн, муаллифони пешгуфтор ва мураттибони луғату тавзеҳот У. Назир ва Д. Хоҷа. – Душанбе, 1998. – 116 с.

130. Худоёрова, Н.З. Фразеологияи забони насри Урун Кӯҳзод. Автореферат барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология [Матн] / Н.З. Худоёрова. – Душанбе, 2023. – 30 с.
131. Хусрав, Н. Куллиёт. Ҷ.1. [Матн] / Н. Хусрав. – Душанбе: Ирфон, 1991.
132. Ҳайдаров, М.М Калимаҳои услуби баланд дар забони адабии муосири тоҷикӣ [Матн] / М. М. Ҳайдаров. – Душанбе, 2018. – 160 с.
133. Ҳасанов, М.М. Тадқиқи сохториву талаффузии воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ. Автореферат барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология [Матн] / М. М. Ҳасанов. – Душанбе, 2022. – 29 с.
134. Ҳусайнӣ, Атоулло Маҳмуд. Бадоеъ-ус-саноеъ [Матн] / Маҳмуд Атоулло Ҳусайнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1974.
135. Чориев, Т. Маҷоз ва воҳидҳои фразеологӣ [Матн] / Т. Чориев // Устод Айнӣ ва асолати забон. – Душанбе, 2004. – С.63-64.
136. Ҷалилов, Ҳ. Муродифоти ибораҳои рехта [Матн] / Ҳ. Ҷалилов // Мактаби советӣ, 1969. – №6.
137. Ҷӯраева, М. Воситаҳои ифодаи эҳтиром ва фурӯтанӣ дар забони тоҷикии асри XVI [Матн] / М. Ҷӯраева. – Душанбе, 2004. – 120 с.
138. Ҷӯраева, С.Б. Вижагиҳои маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII [Матн] / С.Б. Ҷӯраева. – Хуҷанд, 2022. – 328 с.
139. Шарипов, Б.А. Хусусиятҳои фразеологизмҳои модалӣ ҳамчун воситаи ифодаи муносибат [Матн] / Б.А. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №5. – С. 114-117.
140. Шарипов, Х. Балоғат ва суханварӣ [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 276 с.
141. Шарифов, Х. Каломи бадеъ [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Маориф, 1991. – 160 с.
142. Шарифов, Х., Тоиров, У. Назмшиносӣ [Матн] / Х. Шарифов, У. Тоиров. – Душанбе, 2005. – 384 с.

143. Шарофиддинова, А. Воҳидҳои фразеологии осори Айнӣ [Матн] / А. Шарофиддинова. – Тошканд, 2017. – 160 с.
144. Шодиев, Б. Хусусиятҳои луғавию фразеологии очерку қиссаҳои Мутеулло Нақмиддинов [Матн] / Б. Шодиев. – Душанбе, 2013. – 168 с.
145. Шоимардонов, И. Мафҳуми истиора дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ [Матн] / И. Шоимардонов //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №6. – С. 97-102.
146. Шокирзода, Ш. Тавсиф дар ғазалиёти Ҳаким Саноӣ [Матн] / Ш. Шокирзода. – Душанбе, 2000. – 266 с.
147. Эгамбердиев, Р. Ташбеҳ ва истиора дар воҳидҳои фразеологӣ [Матн] / Р. Эгамбердиев // Баъзе масъалаҳои филологияи тоҷик. Мақмуаи асарҳои илмии аъзоёни кафедраи забон ва адабиёти тоҷик. – Ун-ти давл. Самарқанд ба номи А. Навоӣ. Серияи нав. – Самарқанд, 1971. – № 213. – С. 118-122.
148. Эгамбердиев, Р. Маънои фразеологӣ [Матн] / Р. Эгамбердиев // Вопросы фразеологии, стилистики и грамматического строя восточных языков. – Новая серия. – Самарканд, 1972. – Вып. № 225.
149. Эгамбердиев, Р. Вусъати маънои фразеологӣ [Матн] / Р. Эгамбердиев // Масъалаҳои филологияи тоҷик. Серияи нав. – Самарқанд, 1973. – № 240.

б) ба забони русӣ

150. Авалиани, Ю.Ю. К семантической структуре слова и фразеологической единицы (ФЕ) (по материалам иранских языков) [Текст] / Ю.Ю. Авалиани //Труды Самаркандского гос. ун-та. им. А. Навои. – Новая серия. – Том №225. – Вопросы фразеологии, стилистики и грамматического строя восточных языков. – Самарканд, 1972. – С. 62-67.
151. Алдаибани, Ареф Али Салах. Сопоставительный анализ фразеологических единиц, выражающих интеллектуальные способности человека, в английском и русском языках: Авт. дисс… канд. фил. наук [Текст] / Алдаибани Ареф Али Салах – Казань, 2003. – 25 с.
152. Алефиренко, Н.Ф. Спорные проблемы семантики: Монография [Текст] / Н.Ф. Алефиренко. – М.: Гнозис, 2005. – 326 с.

153. Алефиренко, Н.Ф. Фразеология в свете современных лингвистических парадигм [Текст] / Н.Ф. Алефиренко. – М., 2008. – 271 с.
154. Аловиддинов, Б.Д. Выражение категории вида в глагольных фразеологических единицах современного таджикского литературного языка: Авт. дисс… канд. фил. наук [Текст] / Б.Д. Аловиддинов. – Душанбе, 2019. – 22 с.
155. Апресян, Ю.Д. Лексическая семантика. Синонимические средства языка [Текст] / Ю.Д. Апресян. – М.: Наука, 1974. – 368 с.
156. Арнольд, И.В. Семантика. Стилистика. Интертекстуальность [Текст] / И.В. Арнольд. – М., 2010. – 443 с.
157. Арутюнова, Н.Д. Типы языковых значений: Оценка. Событие. Факт [Текст] / Н.Д. Арутюнова. – М.: Наука, 1988. – 341 с.
158. Бабаев, Э. Оценочные значения образных сравнительных оборотов в современном английском и таджикском языках [Текст] / Э. Бабаев //Исследование по лексикологии и фразеологии. – М., 1976. – С. 113-130.
159. Банина, Н.В., Мельничук, М.В., Осипова, В.М. Основы теории и практики стилистики английского языка [Текст] / Н.В. Банина, М.В. Мельничук, В.М. Осипова. – М., 2017. – 136 с.
160. Бессарабова, Н.Д. Метафора как языковое явление [Текст] / Н.Д. Бессарабова // Значение и смысл слова. Под ред. Д.Э.Розенталя. – М.: МГУ, 1987. – С.156-173.
161. Болгарова, Р.М. Семантика сравнения и осложненное предложение (на материале русского и татарского языков) [Текст] / Р.М. Болгарова // Вестник ТГГПУ. – 2010 - № 3(21). – С. 34-38.
162. Борисенко, И.Ю. Механизм образования гиперболы в русской речи [Текст] / И.Ю. Борисенко // Мир науки, культуры, образования. – №1 (26). – Красноярск, 2011. – С. 67-69.
163. Булатая, Е.В. Ирония как имплицитная форма выражения авторской модальности в художественном тексте (на материале произведений

Н.В.Гоголя и их немецкоязычного перевода). Авт. дисс… канд. филол. наук [Текст] / Е.В. Булатая. – Калининград, 2017. – 25 с.

164. Буслаев, Ф.И. Преподавания отечественного языка [Текст] / Ф.И. Буслаев. – М.: Просвещение, 1992. – 512 с.

165. Бушуй, А.М. Библиографический указатель литературы по вопросам фразеологии [Текст] / А.М. Бушуй. – Самарқанд, 1976. – Вып. 4. – 300 с.

166. Бытева, Т.И. Перифраза как экспрессивная единица языка //Языковое бытие человека и этноса: психолингвистический и когнитивный аспекты [Текст] / Т.И. Бытева. – Барнаул, 2000. – Вып.II. – С.27-32.

167. Васильев, М.Л. Семантика русского глагола [Текст] / М.Л. Васильев. – М.: Высшая школа, 1981. – 184 с.

168. Веселовский, А.Н. Историческая поэтика [Текст] / А.Н. Веселовский. – М., 1989. – 404 с.

169. Виноградов, В.В. Об основных типах фразеологических единиц в русском языке [Текст] / В.В. Виноградов // Лексикология и лексикография. – М., 1977.

170. Виноградова, В.Н. Словообразовательные средства иронии [Текст] / В.Н. Виноградов // Русский язык в школе, 1987. – № 3. – С.75-80.

171. Вовк, В.Н. Языковая метафора в художественной речи. Природа вторичной номинации [Текст] / В.Н. Вовк. – Киев: Наукова думка, 1988. – 140 с.

172. Вольф, Е.М. Функциональная семантика оценки [Текст] / Е.М. Вольф. – М.: Наука, 1985. – 228 с.

173. Гак, В.Г. Метафора: универсальное и специфическое // Метафора в языке и тексте [Текст] / В.Г. Гак. – М., 1988. – 174 с.

174. Галкина-Федорук. Об экспрессивности и эмоциальности в языке / /Сборник статей по языкознанию [Текст] / Галкина-Федорук. – М.: Наука, 1952. – С. 33-42.

175. Голева, Г. С. Фразеология современного персидского языка [Текст] / Г.С. Голева. – М.: Муравей, 2006. –223 с.

176. Губанов, С.А. Эпитет в творчестве М.И. Цветаевой: семантический и структурный аспекты. Авт. дисс... канд филол. наук [Текст] / С.А. Губанов. – Самара, 2009.
177. Гужова, Т.А. Гиперболический способ выражения в современном немецком языке. Авт. дисс… канд. филол. наук [Текст] / Т.А. Гужова. – Москва, 2013. – 23 с.
178. Гулназарова, Ж. Семантика глагола в таджикском литературном языке (на примере художественного наследия Абдуррахмона Джами). Авт. дисс... док. филол. наук [Текст] / Ж. Гулназарова. – Душанбе, 2020. – 48 с.
179. Додонов, Б.И. В мире эмоций [Текст] / Б.И. Додонов. – Киев: Изд-во политической литературы Украины, 1987. – 140 с.
180. Дорогова, Т.А. Взаимодействие гиперболы, мейозиса и литоты [Текст] / Т.А. Дорогова // Вестник Московского государственного областного университета. – 2011. – № 6. – С.106-110.
181. Еремин, А.Н. Метонимия в современном русском языке. Теоретические основания и модели реализации: монография [Текст] / А.Н. Еремин. – М.: ФЛИНТА, 2019. – 239 с.
182. Ермакова, О.П. Ирония и ее роль в жизни языка [Текст] / О.П. Ермакова. – Калуга: Изд-во Калуж. пед. год. ун-та, 2005. – 202 с.
183. Жуков, В.П. Роль образности (метафоричности) в формировании целостного значения фразеологизма [Текст] / В.П. Жуков // Проблемы фразеологии и задачи её изучения в высшей и средней школе. – Вологда, 1967. – С. 103-113.
184. Жуков, В.П. Семантика фразеологических оборотов [Текст] / В.П. Жуков. – М., 1978. – 160 с.
185. Зайнульдинов, А. Эмоциональная оценочность русской лексики и фразеологии [Текст] / А. Зайнульдинов // Проблемы семантики языковых единиц в контексте культуры. – Москва-Кострома, 2006. – С. 537-542.
186. Звегинцев, В.А. Очерки по общему языкознанию [Текст] / В.А. Звегинцев. – М.: Изд-во МГУ, 1962. – 384 с.

187. Изарт, К. Эмоции человека [Текст] / К. Изарт. – Москва, 1980. – 381 с.
188. Илюхина, И.А. Метафора и фразеологические единицы [Текст] / И.А. Илюхина // Филологические науки. Вопросы теории и практики. – Тамбов, 2010. – № 1(5). – С.139-142.
189. Исаева, Н.Ш. Фразеологическая семантика, национальный менталитет и национальная культура [Текст] / Н.Ш. Исаева // Актуалные вопросы филологических наук: проблемы и перспективы. – Чита, 2011. – С. 82-85.
190. Катаев, А.О. Языковой знак как категория философии, лингвистики и переводоведения [Текст] / А.О. Катаев // Вестник РУДН. – Серия теория языка. Семиотика. Семантика. – М., 2016. – №4. – С. 17-25.
191. Кацнельсон, С.Д. Содержание слова, значение и обозначение [Текст] / С.Д. Кацнельсон. – М.: Наука, 1965. – 110 с.
192. Кирющенко, В.В. Язык и знак в прагматизме [Текст] / В.В. Кирющенко. – СПб.: Издательство ЕУСПб, 2008. – 200 с.
193. Коломейцев, Е.А. Вопросы теории знака [Текст] / Е.А. Коломейцев // Филологические науки. Вопросы теории и практики. – Тамбов: Грамота, 2016. – С. 94-99.
194. Королева, О.Э. Метонимия как тип значения: семантическая характеристика и сферы употребления [Текст] / О.Э. Королева. – Обнинск, 2002. – 159 с.
195. Кронгауз, М.А. Семантика [Текст] / М.А. Кронгауз. – М., 2005. – 352 с.
196. Крылова, М.Н. Средства художественной выразительности. Тропы: учебное пособие [Текст] / М.Н. Крылова. – М.: Директ-Медиа, 2014. – 100 с.
197. Крысин, Л.П. Гипербола в русской разговорной речи: учеб. Пособие [Текст] / Л.П. Крысин. – М.: Языки славянской культуры, 2004. – 262 с.
198. Кубаева, Ф.Р. Когнитивно-семантические характеристики перенесенного эпитета в английском языке. Авт. дисс… канд. филол. наук: 10.02.04. [Текст] / Ф.Р. Кубаева. – Пятигорск, 2009. – 29 с.
199. Кузнецова, В.А. Языковая и речевая гипербола //Слово в словаре, семантическом континуме и тексте [Текст] / В.А. Кузнецова. – Челябинск, 1990. – С.18-25.

200. Кунин, А.В. Фразеология современного английского языка [Текст] / А.В. Кунин. – М.: МО, 1972. – 288 с.
201. Лайонз, Дж. Лингвистическая семантика: Введение [Текст] / Дж. Лайонз. – М., 2003. – 620 с.
202. Ларин, В.И. Очерки по фразеологии [Текст] / В.И. Ларин // История русского языка и общее языкознание. – М.: Просвещение, 1977. – С. 125-149.
203. Лебедева, Е.К. Метафора как средство описания внутреннего эмоционального состояния человека [Текст] / Е.К. Лебедева // Общая стилистика и филологическая герменевтика. – Тверь: Изд-во Тверского ун-та, 1991. – С. 54-68.
204. Лободанов, А.П. К исторической теории эпитета (античность и средневековье) [Текст] / А.П. Лободанов // Известия АН СССР. Серия литературы и языка. – 1984. – Т.43. – № 3. – С.215-227.
205. Лопутько, О.П. Постоянные эпитеты и история прилагательных // Русский язык в школе [Текст] / О.П. Лопутько. – М., 2004. – №5. – С.81-85.
206. Ляндо, Л.Р. К вопросу об образности фразеологических единиц французского языка [Текст] / Л.Р. Ляндо // Актуальные проблемы лексикологии. – Вып. II. – Часть II. – Новосибирск, 1969. – С. 100-102.
207. Маджидов, Х. К определению фразеологического знака [Текст] / Х. Маджидов // Русский язык – язык дружбы и братство. – Душанбе, 1985. – С. 144-145.
208. Маджидов, Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка [Текст] / Х. Маджидов. – Душанбе, 2006. – 409 с.
209. Маджидов, Х. Система таджикского современного литературного языка: закономерност существования и функционирование [Текст] / Х. Маджидов. – Душанбе, 2014. – С. 98-115.
210. Малцева, Л.И., Еремеева, Е.В. Средства художественной выразительности (подготовка к ОГЭ и ЕГЭ) [Текст] / Л.И. Малцева, Е.В. Еремеева. – М., 2018. – 160 с.

211. Мезенин, С.М. Образность как лингвистическая категория //Вопр. Языкознания [Текст] / С.М. Мезенин. – М., 1983. – №6. – С. 48-57.
212. Мирзоева, М. Лексическая и фразеологическая синонимия в художественных произведениях С.Айнӣ [Текст] / М. Мирзоева. – Душанбе, 2017. – 400 с.
213. Молотков, А.И. Основы фразеологии русского языка [Текст] / А.И. Молотков. – Л.: Наука, 1977. – 283 с.
214. Мордвилко, А.П. Очерки по русской фразеологии [Текст] / А.П. Мордвилко. – М., 1984. – 132 с.
215. Москвин, В.П. Эпитет в художественной речи [Текст] / В.П. Москвин // Русская речь, 2001. – №4. – С. 28-34.
216. Москвин, В. П. Выразительные средства современной русской речи: тропы и фигуры [Текст] / В.П. Москвин. – М., 2006. – 373 с.
217. Мухторов, З.М. Структура и семантика текста (на материалах таджикского и русского языков) [Текст] / З.М. Мухторов. – Душанбе, 2013. – 242 с.
218. Муминов, А. Полисемия в таджикском языке. Авт. дисс... канд. филол. наук [Текст] / А. Муминов. – Душанбе, 1972. – 18 с.
219. Никитин, М.В. Основы лингвистической теории значения [Текст] / М.В. Никитин. – М., 1988. – 168 с.
220. Николаев, А.И. Основы литературоведения (учебное пособие для студентов филологических специальностей) [Текст] / А.И. Николаев. – Иваново: ЛИСТОС, 2011.
221. Новиков, Л.А. Семантика русского языка [Текст] / Л.А. Новиков. – М.: Высшая школа, 1982. – 272 с.
222. Носенко, Э.Л. Эмоциональное состоние и речь [Текст] / Э. Носенко. – Киев, 1981.
223. Орлова, Г.В. Средства формирования иронической модальности в современном публицистическом дискурсе (жанр обозрения). Авт. дисс… канд. филол. наук [Текст] / Г.В. Орлова. – СПб, 2005. – 23 с.

224. Павшук, А.В. Языковая природа и функции эпитета в художественном тексте (на материале романа Асорина «Воля»). Авт. дисс... канд. филол. наук [Текст] / А.В. Павшук. – М., 2007. – 22 с.
225. Пазова, Л.П., Щербашина И.В. К вопросу о соотношении в слове лексического и грамматичекого значений [Текст] / Л.П. Пазова, И.В. Щербашина // Вестник Майкопского государственного университета, 2012. – С.46-52.
226. Пайзулаева,З.Х.Компаративные фразеологические единицы аварского и ан глийского языков. Авт. дисс... канд. фил. наук [Текст] / З.Х. Пайзулаева. – Махачкала, 2010. – 25 с.
227. Палкевич, О.Я. Языковой портрет феномена иронии: на материале современного немецкого языка. Авт. дисс… канд. филол. наук [Текст] / О.Я. Палкевич. – Москва, 2001. – 22 с.
228. Панфилов, В.З. Взаимоотношение языка и мышления [Текст] / В.З. Панфилов. – М.: Наука, 1971. – 411 с.
229. Погорелова, С.Д. Лингвистические средства выражения оценки глобального экономического кризиса [Текст] / С.Д. Погорелова // Актуальные вопросы филологических наук: проблемы и перспективы. – Чита, 2011. – С. 107-110.
230. Поликарпова, Е.В. Гипербола в современном немецком языке (лексикологический аспект). Авт. дисс… канд. филол. наук [Текст] / Е.В. Поликарпова. – М., 1990. – 19 с.
231. Потебня, А.А. Из записок по теории словесности [Текст] / А.А. Потебня // Теоретическая поэтика. – М., 1990. – С.132-314.
232. Потебня, А.А. Теоретическая поэтика: учеб.пособие [Текст] / А.А. Потебня. – М.: Высшая школа, 1990. – 344 с.
233. Походня, С.И. Языковые виды и средства репрезентации иронии [Текст] / С.И. Походня. – Киев: Наукова думка, 1989. – 128 с.
234. Ройзензон, Л. И. Заметки по русской компаративной фразеологии [Текст] / Л.И. Ройзензон // Труды Самаркандского гос. ун-та им. А Навои. – Новая

серия. – Вып. №217. – Вопросы фразеологии. – Том 4. – Самарканд, 1971. – С. 12-21.

235. Рубинчик, Ю. А. Об особенностях структуры фразеологизмов-предложений сравнительно со структурой свободных предложений в персидском языке [Текст] / Ю. А. Рубинчик // Труды Самаркандского гос. ун-та им. А. Навои. Новая серия. – Вып. №279. – Вопросы востоковедения. – Самарканд, 1976. – С. 22-34.
236. Рубинчик, Ю.А. Основы фразеологии персидского языка [Текст] / Ю. А. Рубинчик. – Москва, 1981. – 276 с.
237. Рубинштейн, С.Л. Эмоции // Психология эмоций. Тексты [Текст] / С.Л. Рубинштейн. – М.: Изд-во МГУ, 1993. – С. 160-170.
238. Рыжкова-Гришина, Л.В. Художественные средства изобразительно-выразительные средства языка и стилистические фигуры речи [Текст] / Л.В. Рыжкова-Гришина. – М.: Флинта, 2015. – 337 с.
239. Саидов, Н.С. Лексические и фразеологические особенности рассказов А. Самада [Текст] / Н.С. Саидов. – Душанбе, 2016. – 254 с.
240. Саидов, Р. Фразеология таджикской народной поэзии. Авт. дисс... канд. филол. наук [Текст] / Р. Саидов. – Душанбе, 1995. – 35 с.
241. Самаркина, Н.О. Метафора в формировании фразеологических единиц с компонентом, относящимся к фразеосемантическому полю «музыка» в английском и турецком языках. Авт. дисс... канд. филол. наук [Текст] / Н.О. Самаркина. – Казань, 2006. – 29 с.
242. Сидякова, Н.М. Анализ первых и вторых компонентов устойчивых сравнений типа AS + прилагательное + AS + существительное в современном английском языке [Текст] / Н.М. Сидякова // Уч. записки Вологодского гос. пед. инс-та. – Том 28. – Вологда, 1964. – С. 194-221.
243. Синельникова, И.И. Эмотивные фразеологизмы французского языка в полевом аспекте [Текст] / И.И. Синельникова. – Белгород, 2013. – 188 с.
244. Скляревская, Г.Н. Метафора в системе языка [Текст] / Г.Н. Скляревская. – СПб: ВО «Наука», 1993. – 152 с.

245. Слепцова, М.А. Ирония как косвенный речевой акт отрицательной оценки. Авт. дисс... канд. филол.наук [Текст] / М.А. Слепцова. – СПб, 2008. – 18 с.
246. Солнцев, В.М. О понятии уровня языковой системы [Текст] / В.М. Солнцев //Вопр. языкознания. – 1972. – №3. – С.3-19.
247. Солнцев, В.М. Языковой знак ин его свойства [Текст] / В.М. Солнцев //Вопросы языкознания. – 1977. – №2. – С. 15-18.
248. Соссюр, Ф.де. Курс общей лингвистики [Текст] / Ф. де. Соссюр //Труды по языкознанию. – М.: Прогресс, 1977. – С. 31-274.
249. Степанова, Г.В., Шрамм А.Н. Введению в семасиологию русского языка [Текст] / Г.В. Степанова, А.Н. Шрамм. – Калининград: КГУ, 1980. – 120 с.
250. Стернин, И.А. Лексическое значение слова в речи [Текст] / И.А. Стернин. – Воронеж: Изд-во Воронежского ун-та, 1985. – 171 с.
251. Султанова, Р.М. Лексические средства выразительности в русском и таджикском языках: метафора и метонимия [Текст] / Р.М. Султанова. – Душанбе, 2020. – 108 с.
252. Султанова, Р.М. Сопоставительный анализ стилистических средств выразительности в русском и таджикском языках: сравнение и эпитет [Текст] / Р.М. Султанова. – Душанбе, 2020. – 122 с.
253. Султанова, Р.М. Структура компаративных конструкций в русском и таджикском языках [Текст] / Р.М. Султанова // Вестник ТНУ. Серия филологических наук. – Душанбе, 2020. – № 5. – С.162-166.
254. Султанова, Р.М. Лингвистический статус стилистических средств таджикского и русского языков: сопоставительный аспект (докторская диссертация) / Р.М. Султанова. – Душанбе, 2021. – 375 с.
255. Таджиев, Д.Т. Способы связи определения с определяемым в современном таджикском литературном языке [Текст] / Д.Т. Таджиев. – Сталинобод, 1955. – 70 с.
256. Телия, В.Н. Коннотативный аспект семантики номинативных единиц [Текст] / В.Н. Телия. – М.: Наука, 1986.

257. Телия, В.Н. Метафора как модель смыслопроизводства и ее экспрессивно-оценочная функция. Метафора в языке и тексте [Текст] / В.Н. Телия. – М.: Наука, 1988. – 174 с.
258. Тилавов, Б. Поэтика таджикских народных пословиц и поговорок [Текст] / Б. Тилавов. – Душанбе: Дониш, 1967. – 123 с.
259. Тихомиров, С.А. Гипербола в градуальном аспекте. Авт. дисс… канд. филол. наук [Текст] / С.А. Тихомиров. – Москва, 2006. – 21 с.
260. Томашевский, Б.В. Стилистика [Текст] / Б.В. Томашевский. – Л.: Изд-во ЛГУ, 1983. – 288 с.
261. Трегубчак, А.В. Семантика сравнения и способы её выражения. Авт. канд. филол. наук [Текст] / А.В. Трегубчак. – М., 2008. – 23 с.
262. Тырыгина, В.А. Эпитет и жанр [Текст] / В.А. Тырыгина. – М.: Прометей, 2000. – 228 с.
263. Фадеева, Т.М. Сложный эпитет – ядерная единица художественного пространства в русском языке. Авт. дис… док. филол. наук [Текст] / Т.М. Фадеева. – М., 2014. – 42 с.
264. Финоленко, Т.М. Фразеологический образ в языковых моделях пространства, времени и количества. Авт. дисс... док. филол. наук [Текст] / Т.М. Финоленко. – М., 2004. – 42 с.
265. Хамоян, М.У. Основы фразеологии курдского языка [Текст] / М.У. Хамоян. – Ереван: Изд. АН Арм. ССР, 1988. – 280 с.
266. Харченко, В.К. Функция метафоры [Текст] / В.К. Харченко. – Воронеж: Изд. Воронеж. гос. ун-та, 1992. – 87 с.
267. Холов, П. Структурно-семантические особенности фразеологических синонимов говора таджиков Самарканда [Текст] / П. Холов // Известия АН Тадж. ССР. Отд. обществ. наук., 1976. – № 1.
268. Хушенова, С.В. Изафетные фразеологические единицы таджикского языка [Текст] / С.В. Хушенова. – Душанбе, 1971. – 190 с.

269. Хушенова, С.В. Современное состояние и задачи изучения таджикской фразеологии [Текст] / С.В. Хушенова // Вопр. языкознания. – Душанбе, 1980. – №1. – С. 125-134.
270. Чернова, М.С. Фразеологические единицы, построенные на гиперболе, в английском и русском языках. Авт. дис. канд. филол. наук [Текст] / М.С. Чернова. – Казань, 2008. – 22 с.
271. Чернышева, И.И. Фразеология современного немецкого языка [Текст] / И.И. Чернышева. – М.: Высш школа, 1970. – 200 с.
272. Шанский, Н.М. Фразеология современного русского языка [Текст] / Н.М. Шанский. – М.: Просвещение, 1985. – 160 с.
273. Шатуновский, И.Б. Ирония и ее виды [Текст] / И.Б. Шатуновский //Логический анализ языка. Языковые механизмы комизма. – М.: Индрик, 2007. – С.340-372.
274. Шаховский, В.И. Эмотивный компонент значения и методы его описания [Текст] / В.И. Шаховский. – Волгоград, 1983. – 96 с.
275. Шаховский, В.И. Соотносится ли эмотивное значение слова с поятием [Текст] / В.И. Шаховский //Вопр. Языкознания. – М.:1987. – №5. – С. 47-58.
276. Шаховский, В.И. Эмоции: Долингвистика, лингвистика, лингвокультурология [Текст] / В.И. Шаховский. – М.: Книжный дом «ЛИБРОКОМ», 2013. – 128 с.
277. Шаховский, В.И. Обоснование лингвистической теории эмоций [Текст] / В.И. Шаховский // Вопросы психолингвистики 1 (39), 2019. – С. 22-37.
278. Шмелев, Д.Н. Очерки по семасиологии русского языка [Текст] / Д.Н. Шмелев. – М.: Просвещение, 1964. – 244 с.
279. Шхапацева, М.Х., Пазова, Л.М. Грамматическая форма и грамматическое значение слова [Текст] / М.Х. Шхапацева, Л.М. Пазова // Концепт. – 2014. – С. 1-6.
280. Шумилов, Н.Ф. Именные фразеологические единицы с сочиненными компонентами [Текст] / Н.Ф. Шумилов //Рус. язык в школе, 1981. – №3. – С.98-100.

281. Эль сабрути, Р.Р. Экспрессивный потенциал арабской речи [Текст] / Р.Р. Эль сабрути // Язык и культура. – Россия, Томск: Издательство «Национальный исследовательский Томский государственный университет», 2018. – С. 120-133.
282. Юсупова, М. Фразеология романа «Дохунда» С. Айни. Авт. дисс… канд. филол. наук [Матн] / М. Юсупова. – Душанбе, 1971. – 27 с.

III. Фарҳангу луғатномаҳо

283. Атаханов, Т. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ [Матн] / Т. Атаханов. – Душанбе: Шарқи озод, 2002. – 453 с.
284. Ахманова, О.С. Словарь лингвистических терминов [Текст] / О.С. Ахманова. – М., 1966. – 571 с.
285. Горбачевич, К.С. Словарь эпитетов русского литературного языка [Текст] / К.С. Горбачевич. – СПб.: Норинт, 2002. – 224 с.
286. Жеребило, Т.В. Словарь лингвистических терминов [Текст] / Т.В. Жеребило. – Назрань: ООО «Пилигрим», 2010. – 486 с.
287. Луғати русӣ-тоҷикӣ [Матн] / / Зери таҳрири Асимова М.С. – М., 1985. – 1280 с.
288. Луғати терминҳои забоншиносӣ [Матн]. – Душанбе, 1983. – 256 с.
289. Матвеева, Т.В. Полный словарь лингвистических терминов [Текст] / Т.В. Матвеева. – Ростовн/Д: Феникс, 2010. – 562 с.
290. Муҳаммад, Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ. 2. [Матн] / Ғиёсуддин Муҳаммад. – Душанбе: Адиб,1987. – 416 с.
291. Муҳаммадҳусайни, Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ.1. [Матн] / Бурҳон Муҳаммадҳусайн.– Душанбе: Адиб, 1993. – 416 с.
292. Русско-таджикский словарь [Текст] /Под ред. М.С. Асимова. – М.: Русский язык, 1985. – 1279 с.
293. Сироҷиддин, Алихони Орзу. Чароғи Ҳидоят [Матн] / Орзу Алихони Сироҷиддин. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 288 с.
294. Таджикско-русский словарь [Текст] /Под ред. М.В. Рахими, Л.В.Успенский. – М.: ГИС, 1954. – 789 с.

295. Ушаков, Д.Н. Толковый словарь русского языка [Текст] / Д.Н. Ушаков. – М.: Альта-Принт, 2005. – 1216 с.
296. Фарҳанги забони тоҷикӣ: Иборат аз ду ҷилд [Матн] / Дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. – М.: Сов. энциклопедия, 1969. – Ҷилди 1. – 952 с.; Ҷилди 2. – 949 с.
297. Фарҳанги киноёти сухан. Бо сарпарастиии дуктур Ҳасани Анварӣ. Ҷилди 1. [Матн]. – Теҳрон: Сухан, 1383 ҳиҷрӣ.
298. Федоров, А.И. Фразеологический словарь русского литературного языка. 3-е изд., испр. [Текст] / А.И. Федоров. – М.: Астрель: АСТ, 2008. – 878 с.
299. Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик (Фарҳанги фразеологӣ) [Матн] / М. Фозилов. – Ҷ. 1. – (А-Р) – Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1963. – 952 с.; – Ҷ. 2. – (С-Ҷ) – Душанбе: Ирфон, 1964. – 802 с.
300. Фозилов, М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ. Ҷилди 3. [Матн] / М. Фозилов. – Душанбе: Нашри Камол, 2014. – 638 с.
301. Ҳодизода, Р. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ [Матн] / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 188 с.
302. Шамси, Қайси Розӣ. Ал муъҷам [Матн] / Шамси Қайси Розӣ. – Душанбе: Адиб, 1991. – 464 с.
303. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик [Матн]. – Душанбе, 2004.

IV. Сомонаҳои интернетӣ

304. http://kitobam.com/cr/far-oim-evak/
305. https://cyberleninka.ru
306. https://skyeng.ru/articles/chto-vy-ne-znali-ob-anglijskih-idiomah/

НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

I. Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М] Дӯстов, Ҳ. Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ бо пасоянди «барин» [Матн] / Ҳ. Дӯстов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2014. – №4/1 (129). – С. 23-25.

[2-М] Дӯстов, Ҳ. Ифодаи маъно дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ [Матн] / Ҳ. Дӯстов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2014. – №4/3 (137). – С. 16-19.

[3-М] Дӯстов, Ҳ. Ибораҳои фразеологии изофӣ ва гурӯҳҳои маъноии онҳо [Матн] / Ҳ. Дӯстов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – №4/7(217). – С. 18-21.

[4-М] Дӯстов, Ҳ. Хусусиятҳои сохториву маъноии ташбеҳоти фразеологӣ дар осори адибони давраи истиқлол [Матн] / Ҳ. Дӯстов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/1. – С. 125-128.

[5-М] Дӯстов, Ҳ. Оид ба як навъи ҷумлаҳои фразеологӣ [Матн] / Ҳ. Дӯстов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/2. – С. 10-13.

[6-М] Дӯстов, Ҳ. Воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ ва гурӯҳҳои маъноии онҳо [Матн] / Ҳ. Дӯстов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 4. – С. 17-20.

[7-М] Дӯстзода, Ҳ. Маънои забонӣ ва навъҳои он [Матн] / Ҳ. Дӯстзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №7. – С. 32-39.

[8-М] Дӯстзода, Ҳ. Аломати забонӣ ва робитаи он бо маъно [Матн] / Ҳ. Дӯстзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №5. – С. 26-32.

[9-М] Дӯстзода, Ҳ. Маънои фразеологӣ ҳамчун як навъи маънои забонӣ [Матн] / Ҳ. Дӯстзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №1. – С. 18-27.

[10-М] Дӯстзода, Ҳ. Нақши маҷоз дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ [Матн] / Ҳ. Дӯстзода // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2022. – №1. – С. 23-30.

[11-М] Дӯстзода, Ҳ.Ҷ. Маънои баҳодиҳӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ [Матн] / Ҳ. Дӯстзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №2. – С. 34-44.

[12-М] Дӯстзода, Ҳ. Маънои мафҳумӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ [Матн] / Ҳ. Дӯстзода // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Хуҷанд, 2022. – №2 (91). – С. 80-88.

[13-М] Дӯстзода, Ҳ.Ҷ. Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ифодаи мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ [Матн] / Ҳ. Дӯстзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №4. – С. 12-21.

[14-М] Дӯстзода, Ҳ.Ҷ. Мақоми маънои эмотивӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии забони адабии тоҷик [Матн] / Ҳ. Дӯстзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – №4 (99). – С. 13-21.

[15-М] Дустзода, Х.Дж. Образное значение во фразеологических единицах современного таджикского литературного языка [Текст] / Х. Дустзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2022. – №5. – С. 123-135.

[16-М] Дӯстзода, Ҳ.Ҷ. Истиора ва нақши он дар созмони воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ [Матн] / Ҳ. Дӯстзода // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Хуҷанд, 2023. – №4 (93). – С. 97-105.

[17-М] Дӯстзода, Ҳ. Вижагиҳои маъноии воҳидҳои фразеологии киноявӣ [Матн] / Ҳ. Дӯстзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №3. – С. 32-38.

[18-М] Хоҷаев, Д., Дӯстзода, Ҳ. Тавсиф ва нақши он дар созмондиҳии воҳидҳои фразеологӣ [Матн] / Д. Хоҷаев, Ҳ. Дӯстзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №3. – 5-12.

II. Дар маҷмуа ва нашрияҳои дигар:

[19-М] Дӯстов, Ҳ. Мансубияти ҳиссаинутқии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ [Матн] / Ҳ. Дӯстов // Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – маркази тайёр кардани мутахассисони соҳибунвон. – Душанбе, 2013. – С. 121-128.

[20-М] Дӯстов, Ҳ. Киноя дар воҳидҳои фразеологӣ [Матн] / Ҳ. Дӯстов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «20-солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ» ва «Соли ҷавонон». – Душанбе, 2017. – С. 435.

[21-М] Дӯстов, Ҳ. Воҳидҳои фразеологии соматикӣ бо ҷузъҳои «дил» ва «сар» дар осори С. Айнӣ [Матн] / Ҳ. Дӯстов // Маводи конференсияи байналмилалии «Устод Айнӣ ва масъалаҳои равобити адабӣ» бахшида ба 140-солагии Садриддин Айнӣ (Душанбе, 12-13-уми апрели 2018). – Душанбе, 2018. – С. 215-222.

[22-М] Дӯстов, Ҳ. Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ [Матн] / Ҳ. Дӯстов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 10-солагии таъсисёбии Институти Конфутсии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (01-02 октябри соли 2018). – Душанбе, 2018. – С. 146-150.

[23-М] Дӯстов, Ҳ. Ғулув дар воҳидҳои фразеологӣ [Матн] / Ҳ. Дӯстов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ» ва «70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе, 2018. – С. 509.

[24-М] Дӯстов, Ҳ. Ифодаи рангҳо дар воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ [Матн] / Ҳ. Дӯстов // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии

«Таҳсилот ва илм дар асри XXI: тамоюлоти муосир ва дурнамои рушд» бахшида ба «70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе, 2018. – С. 281-284.

[25-М] Дӯстов, Ҳ. Нақши феъл дар созмони воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ [Матн] / Ҳ. Дӯстов // Забон – ҳастии миллат. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии «Масъалаҳои сарфи забони тоҷикӣ ва усули таълими онҳо». – Душанбе, 2019. – С. 27-33.

[26-М] Дӯстов, Ҳ. Тобишҳои иловагии маъноӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии феъли ашъори Сайидои Насафӣ [Матн] / Ҳ. Дӯстов // Маводи конференсияи байналмилалии «Сайидо ва саҳми ӯ дар инкишофи забон ва адабиёти тоҷик» (Душанбе, 15-16 октябри соли 2019). – Душанбе, 2019. – С. 60-65.

[27-М] Дӯстзода, Ҳ. Воҳидҳои фразеологии муболиғавии умумиистеъмол (аз рӯйи осори Ҷ. Икромӣ) [Матн] / Ҳ. Дӯстзода // Забон – ҳастии миллат. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии «Масъалаҳои мубрами услубшиносии забони тоҷикӣ (Душанбе, 18 феврали соли 2020). – Душанбе, 2020. – С. 102-108.

[28-М] Дустзода, Х.Дж. Гипербола и её роль в образовании фразеологических единицах современного таджикского литературного языка [Текст] / Х.Дж. Дустзода // Рефлексия (научно-практический журнал). – Грозный, 2021. – №3. – С. 16-19.

[29-М] Дӯстзода, Ҳ. Воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ бо вожаи «дил» (аз рӯйи маводи «Восеъ»-и С. Улуғзода) [Матн] / Ҳ. Дӯстзода // Маводи конференсияи байналмилалии «Сотим Улуғзода ва адабу фарҳанги миллӣ» бахшида ба 110-солагии С. Улуғзода (Душанбе, 28-29 сентябри соли 2021). – Душанбе, 2021. – С. 187-191.

[30-М] Дӯстзода, Ҳ. Нақши маҷоз дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ [Матн] / Ҳ. Дӯстзода // Забон – ҳастии миллат. Қисми 2. Маводи конференсияи байналмилалии «Рушди забони адабии тоҷик дар замони Истиқлол: мушкилот ва дурнамо»

бахшида ба 85-солагии профессор Ҳ. Маҷидов (Душанбе, 15 июни соли 2022). – Душанбе, 2022. – С. 231-237.

[31-М] Дӯстзода, Ҳ. Вижагиҳои сохториву маъноии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ ва муболиғавӣ дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ (дар асоси маводи ҷилди ҳафтум) [Матн] / Ҳ. Дӯстзода // Ҷуғрофиёи Шоҳнома. Гузоришҳои илмии конфронси байналмилалии «Ҷуғрофиёи таърихӣ ва фарҳангии «Шоҳнома». – Душанбе, 2023. – С. 196-202.

[32-М] Дӯстзода, Ҳ. Эпитет ва перифраза дар воҳидҳои фразологӣ: умумият ва фарқияти онҳо [Матн] / Ҳ. Дӯстзода // Забон дорӣ – ҷаҳон дорӣ. Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Саҳми Пешвои миллат дар таҳкими мақоми забони тоҷикӣ дар арсаи байналмилалӣ». – Хуҷанд: Ношир, 2023. – С.142-149.

[33-М] Дӯстзода, Ҳ. Ифодаи маъноии эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ дар ибораҳои фразеологии тавсифӣ [Матн] / Ҳ. Дӯстзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии «Илм ва таҳсилот: тамоюлҳои рушд дар ҷомеаи иттилоотӣ» бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе, 2023. – С. 466-471.

III. Монография:

[34-М] Дӯстзода, Ҳ.Ҷ. Мундариҷаи маъноии воҳиди фразологӣ ва нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули он. Монография [Матн] / Ҳ.Ҷ. Дӯстзода. – Душанбе, 2023. – 144 с.